ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШКАДАИ САЙЁҲӢ, СОҲИБКОРӢ ВА ХИЗМАТ

# МАВОДИ

## КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ВАЗЪИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**(27 марти соли 2021)**

# МАТЕРИАЛЫ

## РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА, АНАЛИЗА И АУДИТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН»

**(27 марта 2021 года)**

**Душанбе-2021**

**Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (27 марти соли 2021, ш. Душанбе). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 324 с.

**Современное состояние и перспективы развития бухгалтерского учета, анализа и аудита в Республике Таджикистан** / Материалы республиканской научно-практической конференции (27 марта 2021 года, г. Душанбе). – Душанбе: ИТПС, 2021. – 324 с.

**Ҳайати таҳририя:**
**Асрорзода У.С., Хоркашов И.С., Каримов Б.Ҳ.**

Мавқеи муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад бо ҳам мувофиқат накунанд. Маводи нашршаванда аз ҷониби муаллифони мақолаҳо дар шакли таҳриршуда пешниҳод карда шудаанд. Аз ин хотир, барои дурустии ақидаҳои пешниҳодшуда ва воқеияти далелҳои овардашуда худи муаллифони мақолаҳо масъулият мебаранд.

**Редакционная коллегия:**
**Асрорзода У.С., Хоркашов И.С., Каримов Б.Х.**

Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. Публикуемые материалы представлены авторами статьей в отредактированном виде. Поэтому за правильность представленных взглядов и объективность приведенных фактов ответственность несут сами авторы.

©Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат
© Институт туризма, предпринимательства и сервиса

# БАХШИ 1. ПРОБЛЕМАҲОИ МУОСИРИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*“... масъалаҳои гузариши пурра ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва низоми маблағгузории электронӣ, аз ҷумла низоми хариди электронии давлатӣ то ҳанӯз ҳал нагардидаанд ва мо дар ин самт аз талаботи замона қафо монда истодаем. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва дигар мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ чораҳои бетаъхир андешанд”*

*Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 январи соли 2021*

***Асрорзода У.С. – н.и.и., дотсент***
***Каримиён М.Б. – ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ

Дороиҳои дарозмуҳлат – дороиҳое мебошанд, ки муҳлати истифодаи нафъовари аз як сол зиёд доранд, барои истифода дар фаъолияти корхона ба даст оварда мешаванд ва барои бозфурӯхтан таъин нашудаанд. Гарчанде муҳлати истифодаи нафъовари қатъии камтарин барои чун дороии дарозмуҳлат тасниф кардани дороӣ мавҷуд нест, маҳаки бештар истифодашаванда дар ин маврид – имкони истифодаи дороӣ камаш дар давоми як сол мебошад.

Дар китобҳои дарсӣ ва интишороти илмӣ ҷиҳати дороиҳои дарозмуҳлат ба кор бурдани мафҳуми “дороиҳои ғайригардон” маъмул гардидааст. Вале мафҳуми мазкур ба дороиҳои дарозмуҳлат мувофиқати дуруст надорад, чунки мутобиқи он дороиҳои мазкур дар гардиши хоҷагии воситаҳои корхона иштирок намекунанд. Воқеан, дороиҳои мазкур дар гардиши хоҷагӣ иштирок мекунанд, вале муҳлати чунин иштирок тӯлонӣ аст. Мафҳуми дороиҳои доимӣ низ дуруст нест, чунки вай абадӣ мондани ин дороиҳоро дар назар дорад [3, с. 274].

Агар ягон дастгоҳ ё чизи дигаре барои бозфурӯхтан ба харидорон таъин шуда бошад, пас новобаста аз муҳлати истифодаи нафъовари худ, вай бояд ба ашё (захираҳои молию моддӣ) мансуб дониста шавад, на ба дороиҳои дарозмуҳлат. Масалан, автомобили барои фурӯхтан таъингардидаро корхонаи истеҳсолкунанда чун сарватҳои молию моддӣ тасниф мекунад, ширкати нақлиётии ҳамин автомобилро барои дар рафти фаъолияти муқаррарии худ истифода бурдан харида, онро чун дороии дарозмуҳлат тасниф мекунад.

Асосан дороиҳои дарозмуҳлат ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

- воситаҳои асосӣ (дороиҳои моддӣ): дороиҳои дарозмуҳлати шакли ҷисмонӣ дошта – биноҳо, иншоот, дастгоҳҳо, мошинаҳо ва таҷҳизот;
- дороиҳои ғайримоддӣ: дороиҳои дарозмуҳлате, ки шакли ҷисмонӣ надоранд, вале ҳуқуқ ва бартариҳоеро дар бар мегиранд, ки корхона дар оянда аз онҳо нафъи иқтисодӣ мегирад – патентҳо, ҳуқуқҳои муаллифӣ, тамғаҳои молӣ, франшизаҳо, масрафҳои ташкилӣ;

- моликияти сармоягузорӣ: бино ё ҳиссаи бино, ки бо мақсади гирифтани иҷорапулӣ ё афзӯншавии арзиши сармоя дар ихтиёри корхона қарор дорад, на барои истифода дар раванди истеҳсол ва таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, бо мақсадҳои маъмурӣ, инчунин на барои фурӯш дар рафти фаъолияти хоҷагидории муқаррарӣ (асосӣ).

Замин шакли ҷисмонӣ дорад, муҳлати истифодаи он маҳдуд нест, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вай чун дороии субъектҳои хоҷагидорӣ эътироф шуда наметавонад. Ин дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Мутобиқи муқаррароти моддаи мазкур замин, сарватҳои табиӣ, конҳои канданиҳои фоиданок, дарёҳо, ҷангалҳо моликияти истисноии давлат мебошанд. Масрафҳои беҳдошти қитъаҳои замин дороии дарозмуҳлат мебошанд ва ба ҳайати воситаҳои асосии субъектҳои хоҷагидорӣ дохил карда мешаванд.

Дар қиёс бо дороиҳои гардон дороиҳои дарозмуҳлат бо он фарқ мекунанд, ки онҳо даври амалиётии корхонаро нигоҳ медоранд, на балки ҳиссаи он мебошанд. Ҳамчунин гирифтани нафъҳои иқтисодӣ аз дороиҳои дарозмуҳлат дар муддати вақти тӯлонӣ дар назар аст, аз дороиҳои гардон бошад – дар муддати кӯтоҳи вақт.

Ҳама дороиҳои дарозмуҳлати моддӣ бояд истеҳлок шаванд. Истеҳлок – мунтазам тақсим кардани (гузаронидани) арзиши дороӣ ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳои иҷрошуда, хизматрасониҳо) мебошад.

Дороиҳои ғайримоддӣ ба намудҳои дорои муҳлати истифодаи нафъовари ниҳоӣ (муайян) ва муҳлати истифодаи нафъовари номуайян дошта ҷудо мешаванд. Дороиҳои ғайримоддии дорои муҳлати истифодаи нафъовари ниҳоӣ истеҳлок мешаванд, дороиҳои ғайримодии муҳлати истифодаи нафъоварашон номуайян истеҳлок намешаванд.

Дар мафҳуми истеҳлок якчанд нуктаҳои муҳим ҳастанд. Якум, ҳама воситаҳои асосӣ дорои муҳлати истифодаи нафъовари маҳдуд мебошанд. Бо сабаби маҳдуд будани муҳлати истифодаи нафъовар арзиши ин дороиҳо бояд чун хароҷот ба давраҳое, ки онҳо нафъ меоранд, тақсим карда шавад. Фарсудашавии ҷисмонӣ ва куҳнашавии маънавӣ сабабҳои асосии маҳдуд будани муҳлати истифодаи нафъовари воситаҳои асосӣ мебошанд. Фарсудашавии ҷисмонии воситаҳои асосӣ бо сабаби истифодаи онҳо ва ба онҳо таъсир расонидани омилҳои табиӣ ба амал меояд. Зарурати ҳисобузамкунии истеҳлок бо гузаронидани корҳои таъмирӣ бартараф карда намешавад. Раванди куҳнашавӣ – ин фарсудашавии ҷисмонӣ мебошад. Муҳосибон дар байни фарсудашавии ҷисмонӣ ва фарсудашавии маънавӣ тафовут намегузоранд, чунки барои онҳо давомнокии муҳлати истифодаи нафъовари дороӣ муҳим аст, на сабабҳои маҳдудкунандаи ин муҳлат.

Дуюм, мафҳуми истеҳлок, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба кор бурда мешавад, на чун фарсудашавии ҷисмонӣ ё маънавӣ фаҳмида мешавад, балки чун тақсим кардани арзиши воситаҳои асосӣ ба давраҳое, ки истифодаи ин дороӣ ба корхона нафъ меоварад, фаҳмида мешавад. Мафҳуми “истеҳлок” барои ифода намудани мунтазам табдил ёфтани арзиши дороӣ ба хароҷот ба кор бурда мешавад.

Сеюм, ҳисобузамкунии истеҳлок – ин раванди тақсимкунии арзиш аст, на раванди баҳодиҳӣ. Навиштҳои муҳосибӣ одатан мутобиқи принсипи арзиши таърихӣ бурда мешаванд, бино бар ин, онҳо нишондиҳандаҳои тағйирёбии сатҳи нархҳо нестанд. Соқиткуниҳои истеҳлок камшавии нархи бозории дороиҳоро ифода намекунанд. Аз ҷумла, дар давоми давраҳои таваррум арзиши бозории дороии истеҳлокшаванда метавонад ҳатто дар охири давра нисбат ба аввали давра баланд бошад. Имкон дорад, ки дар мавриди хариди бобарор ва шароити бозории муайян арзиши бозории бино баланд шавад. Бо вуҷуди ин, бояд ҳисобузамкунии истеҳлок давом дода шавад, чунки тавре зикр карда будем, вай раванди тақсимкунии арзиш мебошад, на раванди баҳодиҳӣ. Дар ниҳоят, бино новобаста аз пастубаландшавии дохилидавравии нархи бозории худ ё аз ҷиҳати ҷисмонӣ ё аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда мешавад. Вале, дар ҳолатҳое, ки дороиҳо азнавбаҳодиҳӣ карда мешаванд, арзиши азнавбаҳодиҳишуда асос барои муайян кардани хароҷоти истеҳлок мешавад.

Арзиши тавозунии соф низ арзиши бозории дороиҳои истеҳлокшавандаро нишон намедиҳад. Соқит кардани истеҳлок ба хароҷот – ин мунтазам тақсим кардани арзиши аввалии

дорой ба давраҳое мебошад, ки дорой ба корхона фоида меорад. Аз ин бармеояд, ки арзиши тавозунии софи дороиҳои дарозмуҳлат, ки дар тавозуни муҳосибӣ инъикос карда шудааст, танҳо он ҳиссаи арзиши аввалии дороиҳоро нишон медиҳад, ки то ҳол дар раванди чунин тақсимкунии мунтазам ба хароҷот соқит карда нашудааст.

Маблағе, ки дар тавозуни муҳосибӣ чун истеҳлоки ҳисобузамшуда (ғуншуда) оварда шудааст, "ғун шудани" ягон хел ашёи моддиро ифода намекунад. Ин танҳо ҳиссаи арзиши аввалии дороиҳои истеҳлокшаванда мебошад, ки аллакай хароҷотро бо даромад ҳамбаста кардааст. Баъзан корхонаҳо маблағҳои пулиро барои мақсади муайян – харид кардани воситаҳои асосии нав як тараф мегузоранд, ки ин фонди истеҳлок ном дорад. Ин амалиёти маблағгузорӣ аст ва вай тамоман ба амали муҳосибии ҳисобузамкунии истеҳлок – хароҷоти амалиётӣ ҳангоми истифодаи дороиҳои дарозмуҳлат алоқамандӣ надорад.

Истеҳлоки дороиҳои дарозмуҳлат, ки дар ҳар як давра ҳисобузам карда шудааст, бояд дар ҳайати фоида ё зарар эътироф карда шавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки вай ба арзиши тавозунии дороии дигар зам карда мешавад.

Чор омили ба ҳисобкунии истеҳлок таъсиррасонанда мавҷуд аст: арзиши аввалӣ (арзиши аслӣ), арзиши барҳамдиҳӣ, бузургии истеҳлокшаванда ва муҳлати истифодаи нафъовар.

Арзиши аввалӣ (арзиши аслӣ) – маблағи воситаҳои пулӣ ё муодилҳои пулии бар ивази дорой пардохтшуда, ё арзиши одилонаи подоши дигар мебошад, ки бо мақсади ба даст овардани дорой дар лаҳзаи харидан ё бунёд кардани дорой дода шудааст.

Арзиши барҳамдиҳӣ – маблағи ҳисобшавандае мебошад, ки корхона дар ҳамин лаҳза аз хориҷшавии дорой пас аз тарҳ кардани масрафҳои ҳисобшаванда барои хориҷшавӣ мегирифт, агар ҳолати дороии мазкур ва муҳлати хизматрасонии вай чуноне бошанд, ки дар анҷоми муҳлати истифодаи нафъовари он дар назар дошта шаванд. Ба ибораи дигар, арзиши барҳамдиҳӣ – арзиши софи пешбинишавандаи оҳанпора ё ашёи хоми дуюмбораи аз дорой гирифташаванда дар санаи пешбинишудаи хориҷшавӣ мебошад.

Бузургии истеҳлокшаванда – арзиши аввалии дорой ё дигар маблағи чун арзиши аввалӣ қабулшуда бо тарҳи арзиши барҳамдиҳии дороии мазкур мебошад. Дар амалия арзиши барҳамдиҳӣ бузургии начандон назаррасро ташкил медиҳад, аз ин хотир, ҳангоми ҳисобкунии бузургии истеҳлокшавандаи дорой ба эътибор гирифта намешавад.

Муҳлати истифодаи нафъовар (муҳлати хизмат) – давраи вақте мебошад, ки дар давоми он, тавре пешбинӣ мешавад, дорой барои истифода дар корхона дастрас аст ё миқдори воҳидҳои маҳсулот (ҳаҷми корҳо, хизматрасониҳо)-е мебошад, ки корхона нияти аз истифодаи дорой гирифтани онро дорад. Ҳангоми ҳисобкунии муҳлати истифодаи нафъовари дорой муҳосиб бояд ҳама ахбори доштаи худ, аз ҷумла таҷрибаи пешини ихтиёрдории ҳамин гуна дороиҳо, ҳолати ҷории дорой, сиёсати корхона ҷиҳати таъмир ва хизматрасонӣ, тамоюлҳои муосири рушди технология ва соҳа, инчунин шароити маҳаллӣ, ба мисли иқлимро баҳисоб гирад.

Дороии дарозмуҳлат дар тавозуни муҳосибӣ пас аз тарҳ кардани маблағҳои ғуншудаи истеҳлок ва зарарҳо аз коҳишёбии арзиш (нарх) нишон дода мешавад. Вале ба хотири нигоҳ доштани ахбор оид ба арзиши аввалӣ (арзиши аслӣ)-е, ки бо он дороиҳои дарозмуҳлат ба баҳисобгирӣ қабул шудаанд, дар тавозуни муҳосибӣ сатри алоҳида барои инъикос кардани арзиши аввалии дороиҳои ғайримоддӣ пешбинӣ шудааст.

Зарар аз коҳишёбии арзиш – маблағе мебошад, ки бо он арзиши тавозунии дорой аз бузургии подошшавандаи вай зиёд аст.

Арзиши барҳамдиҳии дорой метавонад то маблағи баробар ба арзиши тавозунии он ё аз вай зиёд баланд шавад. Агар ин гуна баландшавии арзиши барҳамдиҳӣ ба амал ояд, пас маблағи истеҳлок барои ин дорой ба сифр баробар аст, танҳо агар ва то он вақте, ки арзиши барҳамдиҳии дороии мазкур минбаъд аз арзиши тавозунии вай паст нашавад.

Дороии дарозмуҳлат дар тавозун бо арзиши аз арзиши подошшавандаи худ баландтар инъикос карда мешавад, агар арзиши тавозунии он аз маблағе, ки метавонад тавассути истифода ё фурӯхтани дороии мазкур ба даст ояд, зиёд бошад.

Арзиши (маблағи) подошшаванда – қимати калонтарин аз ин ду бузургӣ мебошад: арзиши одилонаи дороӣ бо тарҳи масрафҳои фурӯш ё арзиши истифодаи вай.

Арзиши одилона – нархе мебошад, ки дар рафти аҳди додугирифти байни иштирокчиёни бозор дар санаи баҳодиҳӣ ҳангоми фурӯхтани дороӣ гирифта мешавад ё ҳангоми супоридани уҳдадорӣ пардохт карда мешавад.

Арзиши истифода – арзиши овардашудаи ҷараёнҳои пулии оянда, ки аз дороӣ гирифтани он дар назар аст.

Агар арзиши подошшавандаи дороӣ кам шудан гирад ва аз арзиши тавозунии вай паст шавад, ҳисобида мешавад, ки нархи дороӣ коҳиш ёфтааст ва корхона бояд зарар аз коҳишёбии нархи дороиро инъикос кунад. Фарқи пайдошуда дар ҳайати хароҷоти давраи ҷорӣ эътироф карда мешавад.

Ҳангоми баҳисобгирии дороиҳои дарозмуҳлат ба мисли баҳисобгирии масрафҳо ва хароҷоти моддии пешпардохтшуда (хароҷоти давраҳои оянда) корбурди дурусти қоидаи муносиб донистан (мувофиқат) бо роҳи ҳал кардани ду масъалаи муҳим зарур аст. Якум, бояд муайян кард, ки кадоме аз ҳиссаҳои арзиши аслии умумии дороии дарозмуҳлат бояд дар давраи ҳисоботии ҷорӣ ба хароҷот гузаронида (тақсим карда) шавад. Масъалаи дуюм ин аст, ки чӣ қадар маблағи арзиши дороӣ бояд дар тавозун чун дороии дар давраҳои ҳисоботии оянда нафъоваранда монад. Барои ҳал кардани ин масъалаҳо ба чор савол бояд ҷавоб дод [2, с. 254-255]:

1. Арзиши аслии дороии дарозмуҳлат чӣ тавр муайян карда мешавад?
2. Арзиши аслии дороӣ дар давоми вақт мувофиқ ба даромадҳо чӣ тавр бояд тақсим карда шавад?
3. Тартиби баҳисобгирии масрафҳои минбаъда, чун масрафҳои таъмир, хизматрасонӣ ва навкунии дороӣ чӣ гуна бояд бошад?
4. Хориҷшавии дороии дарозмуҳлат чӣ гуна бояд инъикос карда шавад?

Бо сабаби тӯлонӣ будани муҳлати хизмати дороиҳои дарозмуҳлат ва мураккаб будани амалиёт бо онҳо роҳбарияти корхона бештар бо миқдори зиёди тариқаҳо барои интихоб ва ҳисобкуниҳо дучор мешавад. Масалан, муайян кардани арзиши харидкунӣ метавонад аз сабаби бо нархи умумӣ харид кардани маҷмӯи объектҳои воситаҳои асосии бо ҳам алоқаманд, ҳангоми ивазкунӣ ё дар мавриди масрафҳои сохтмон душвор гардад. Илова бар ин, барои дуруст тақсим кардани арзиши аслии дороӣ ба давраҳои оянда роҳбарияти корхонаро зарур аст муайян кунад, ки дороӣ чӣ қадар тӯлонитар истифода мешавад ва дар анҷоми муҳлати истифодабрӣ вай чӣ қадар арзиш дорад. Ҳангоми ба ҷо овардани чунин баҳодиҳиҳо хуб аст, ки дороӣ чун маҷмӯи хизматҳои дар раванди фаъолияти амалиётӣ дар давоми якчанд солҳо истеъмолшаванда баррасӣ карда шавад. Масалан, мошинаи боркаш дар давоми муҳлати хизмати худ метавонад хизматрасониҳои оид ба кашонидани бор ба масофаи баробар ба 100000 километрро анҷом диҳад. Бо истифода аз дастгоҳ метавон 100000 дона маснуот истеҳсол кард. Бино бе таъмири асосӣ метавонад 50 сол хизмат кунад. Вақте ки корхона ҳама ин объектҳоро ба даст меорад, вай пешакӣ ҳаққи ҳамин 100000 километр, 100000 дона маснуот ё 50 соли хизматро пардохт мекунад. Яъне ҳар кадоме аз ин дороиҳо худ хароҷоти дарозмуҳлате мебошанд, ки пешакӣ пардохт карда шудаанд. Вазифаи баҳисобгирӣ тақсим кардани арзиши ин дороиҳо (хароҷот) ба муҳлати истифодаи нафъовари дороии мазкур мебошад. Бо мурури он ки, ин хизматҳо ба корхона дар давоми якчанд солҳо нафъ меоранд, арзиши онҳо албатта хароҷот мешавад, на дороӣ.

Масрафҳои дороиҳои дарозмуҳлат ба намудҳои асосӣ ва амалиётӣ (ҷорӣ) ҷудо мешаванд. Масрафҳои асосӣ – хароҷоти харидкунӣ ё беҳгардонии вазъи дороиҳои дарозмуҳлат мебошанд. Онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии дороиҳо баҳисоб гирифта мешаванд, чунки онҳо дар якчанд давраҳои ҳисоботии оянда ба корхона нафъ меоранд. Масрафҳои амалиётӣ - хароҷоте мебошанд, ки ба хизматрасонӣ ва амалкунии дороии дарозмуҳлат мансуб мебошанд. Онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот баҳисоб гирифта мешаванд, чунки нафъҳои бо онҳо алоқаманд дар давраи ҳисоботии ҷорӣ гирифта мешаванд.

Ба хотири дуруст ба кор бурдани қоидаи муносиб донистан (мувофиқат) зарур аст, ки масрафҳои асосӣ ва амалиётӣ қатъиян фарқ карда шаванд. Масалан, агар амалиёт оид ба хариди автомобил бо иштибоҳ чун масрафҳои амалиётӣ баҳисоб гирифта шуда бошад, пас дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар хароҷоти давраи ҳисоботии ҷорӣ зиёд нишон дода мешаванд. Дар натиҷа фоидаи софи давраи ҳисоботии ҷорӣ паст шуда, фоидаи софи давраҳои оянда баланд мешавад. Аз ҷониби дигар, агар масрафҳои амалиётӣ, масалан, хароҷоти рангуборкунии бино дар ҳисоби доройӣ инъикос карда шаванд, пас хароҷоти давраи ҳисоботии ҷорӣ паст мешаванд. Фоидаи давраи ҷорӣ баланд шуда, ба ҳамин маблағ фоидаи давраҳои оянда паст мешавад.

Муайян кардани он ки, пардохтҳо хароҷот мебошанд ё доройӣ, бештар аз муҳокимарониҳои роҳбарияти корхона вобаста аст. Вале чунин озодии интихоб набояд ба таҳрифкунии натиҷаҳои молиявии корхона оварад.

Арзиши харидкунии воситаҳои асосӣ ҳама масрафҳои асоснокшудаи барои расонидани объекти воситаҳои асосӣ ба макони истифода заруриро дар бар мегирад. Масалан, масрафҳои насб кардани таҷҳизот ва санҷиши кори муносиби он ҳиссаи арзиши аслии таҷҳизот мебошанд. Аммо агар таҷҳизот дар раванди насб кардан вайрон шуда бошад, пас масрафҳои таъмири он хароҷоти амалиётӣ мебошанд ва ба арзиши харидкунии таҷҳизот дохил карда намешаванд. Муайян кардани арзиши аслӣ осон аст, агар ҳисобикунӣ барои объекти харидашуда бо пул ба ҷо оварда шуда бошад. Дар ин маврид арзиши аслии доройӣ ба маблағи пули бар ивази он пардохтшуда бо замми хароҷоти кашонидан, ҳаққи суғурта дар роҳ ва насб кардан, инчунин ҳама дигар хароҷоти дахлдор баробар аст. Агар воситаҳои асосӣ бо қарз харида шаванд, фоизҳои пардохтшуда ба арзиши онҳо зам карда нашуда, хароҷоти амалиётии ҷорӣ ҳисобида мешаванд. Масрафҳои қарз истисно мебошанд. Масрафҳои қарз – фоизҳо ва дигар хароҷоте мебошанд, ки корхонаҳо вобаста ба гирифтани воситаҳои қарзӣ пардохт менамоянд.

Масрафҳо, чун масрафҳои кашонидан, ҳаққи суғурта дар роҳ ва насб кардан ба арзиши аслии доройӣ зам карда мешаванд, чунки онҳо барои омодакунии доройӣ барои истифода зарур мебошанд. Мутобиқи қоидаи муносиб донистан, онҳо ба муҳлати истифодаи нафъовари доройӣ тақсим карда мешаванд, на чун хароҷот дар давраи ҷорӣ баҳисоб гирифта мешаванд.

Бисёр корхонаҳо дар сиёсати баҳисобгирии худ зикр менамоянд, ки кадоме аз масрафҳо ба хароҷот мансуб дониста мешаванд ва кадоме ба арзиши аслии доройӣ зам карда мешаванд. Масалан, масрафҳои начандон калони моддаҳое, ки одатан чун доройӣ эътироф мешуданд, метавонанд чун хароҷот баҳисоб гирифта шаванд, чунки маблағҳои дахлдор дар қиёс бо фоидаи соф начандон калон мебошанд. Бино бар ин, масалан, сабади ахлот, ки гарчанде муҳлати хизматаш якчанд сол аст, чун хароҷоти идоравӣ баҳисоб гирифта шудааст, на чун доропии истеҳлокшаванда.

Вақте ки бинои аллакай дар истифода буда харида мешавад, арзиши вай нархи харидкунӣ бо замми ҳама хароҷоти таъмир ва дигар корҳои ба вазъи барои истифода муносиб оварандаи онро дар бар мегирад. Биноҳо муҳлати хизмати маҳдуд доранд, бино бар ин, бояд истеҳлок шаванд.

Арзиши аслии таҷҳизот ҳама масрафҳои бо харид ва ба истифода омода кардани он алоқамандро дар бар мегирад, чун: нархи ҳисобнома-фактуравӣ бо тарҳи тахфифҳо барои пардохти пешазмуҳлат; масрафҳои кашонидан, бо дарбаргирии ҳаққи суғурта; андозҳои ҷуброннашаванда ва боҷҳо; хароҷоти бо харидкунӣ алоқаманд; хароҷоти насб кардан; масрафҳои бо бакордарории санҷишии таҷҳизот ҳангоми ба кор омодасозии он алоқаманд. Таҷҳизот бояд истеҳлок карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – http://mmk.tj
2. Грэй С. Дж., Нидлз Б.Е. Финансовый учет: глобальный подход. – М: Волтерс Клувер, 2006. – 614 с.
3. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.

*Хушвахтзода Қ.Х. – д.и.и., профессор*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Ҳафизов А.З. – ассистент*
*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт*

## ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Рақобати шадид дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ноустувории молиявии умумии соҳаи кишоварзӣ роҳбарият ва менеҷменти субъектҳои хоҷагидории кишоварзиро водор менамояд, ки барои амалкунии босамараи низоми идоракунӣ дар корхонаҳои худ ҷаҳд кунанд. Фаъолияти бобарори субъектҳои хоҷагидорӣ аз таъминоти иттилоотии низоми идоракунӣ, ки асоси онро баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ташкил медиҳад, вобастагии мустақим дорад.

Мусаллам аст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ бе ташкил ва амалкунии низоми босамараи баҳисобгирии идоракунӣ ягон корхона фаъолияти худро ба роҳ монда наметавонад. Баҳисобгирии идоракунӣ воситаи муҳими баҳодиҳии вазъи иқтисодии воқеии корхона буда, дар тафовут аз баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ имкон медиҳад, ки вазъи ояндаи корхона муайян карда шавад, на ин ки танҳо вазъи иқтисодии гузашта ва ҳозира арзёбӣ карда шавад. Дар ин маврид вай ба бунёди мавқеъҳои мустаҳками рақибона ва таъмини вазъи молиявии устувори корхона дар бозор мусоидат менамояд.

Дар шароити муосири бозори маҳсулоти кишоварзӣ стратегияи хоҷагидории дуруст таҳиягардида, нақшаи оқилона тартибдодашудаи рушди иқтисодӣ, ташкили муносиби низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар маҷмуъ устувории молиявӣ ва ояндаи бобарори корхонаҳои кишоварзиро таъмин менамоянд. Истифодаи пурмаҳсули ҳама намудҳои сарватҳои истеҳсолӣ, кам кардани масрафҳо ва вусъати даромаднокии фаъолият, имрӯз вазифаҳои асосии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин маврид барои ба даст овардани ҳадафҳои стратегии корхона диққати муҳим бояд ба ташкили яке аз самтҳои муҳимтарини баҳисобгирии идоракунии муосир – баҳисобгирии идоракунии стратегӣ равона карда шавад.

Ташкили низоми босамараи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзии муосир аз менеҷменти корхона, бахусус аз мутахассисони соҳаи баҳисобгирӣ таҳия намудан ва дарк кардани муқаррароти методологӣ, ҷиҳатҳои ташкилӣ, методӣ ва техникии баҳисобгирии идоракуниро талаб менамояд. Бино бар ин, мутахассиси соҳаи баҳисобгирӣ бояд асосҳои баҳисобгирии идоракунӣ, принсипҳои появӣ, талабот, вазифаҳои иҷрошаванда, объект ва предмети баҳисобгирии идоракуниро хуб дарк кунад. Барои дарк кардани ҷиҳатҳои мазкур таҳқиқи заминаҳои ташаккул ва шароити рушди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ зарур аст.

Омӯзиши адабиёти соҳа нишон дод, ки аксари муаллифон баҳисобгирии идоракунии стратегиро чун пешниҳод намудан ва таҳлил кардани иттилоот дар бораи бозорҳои маҳсулот, оид ба масрафҳо ва назораи стратегияи корхона ва стратегияҳои рақибон дар ин бозорҳо дар давоми якчанд давраҳо, инчунин пешниҳод кардани иттилооти таъминкунандаи дастгирии қабули қарорҳои идоракунии дорои хосияти стратегӣ, муайян менамоянд. Баъзе муаллифон мафҳуми баҳисобгирии идоракунии стратегиро бо майлон танҳо ба муҳити берунии фаъолият алоқаманд менамоянд.

В.Б. Ивашкевич баҳисобгирии идоракунии стратегиро чун ҳамгироии вазифаҳои ояндабинӣ, банақшагирӣ ва баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, арзёбии натиҷаҳои фаъолияти ҷорӣ ва оянда, вазъи молиявӣ ва иқтидори истеҳсолии корхона, таҳияи якчанд тарзҳои стратегияи рушди корхона ва интихоби беҳтарини онҳо, баҳисобгирии омилҳои вақт, сармоя, даромаднокӣ ва хавф маънидод менамояд [5].

Дар доираи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ таҳлили амиқи муҳити тиҷоратии берунӣ (рақибон, таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, шароити иқтисодии берунӣ, амалҳои давлат), ки дар он корхонаҳои кишоварзӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд, ба ҷо оварда мешавад [8]. Тамаркузи диққат ба омилҳои берунии ба фаъолияти хоҷагидории

корхона таъсиррасон – унсури асосие мебошад, ки баҳисобгирии идоракунии стратегиро аз баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ фарқ мекунонад.

Муаллиф К. Друри чунин меҳисобад, ки баҳисобгирии идоракунӣ иттилоотро дар бораи пешомадҳои бозори маҳсулоти мавҷудбуда, оид ба даври зисти маҳсулот ва сандуқи маҳсулот таъмин менамояд [2]. Зимнан, вай таъкид менамояд, ки дар ин маврид набояд дар доираи худи корхона маҳдуд шуд, балки бартариҳои корхонаро нисбат ба рақибон бояд ошкор намуд. Муқоиса кардан бо корхонаҳои дигар дар шарҳдиҳии тағйирёбиҳои нисбии ҷории ҳаҷми фурӯши маҳсулот, фоида ва ҷараёнҳои пулӣ ёрӣ медиҳад, инчунин метавонад барои қабули қарорҳои стратегии молиявии самараноктар дар доираи низоми баҳисобгирии масрафҳо мусоидат кунад.

Дар баҳисобгирии идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ ва умуман дар низоми идоракунии стратегии онҳо мавзеи марказии кори муҳосибот ин низоми баҳисобгирии масрафҳо мебошад, чунки дар ин ҷо иттилоот дар бораи хароҷоти воқеӣ ҷамъоварӣ мешавад, яъне асосҳо барои ҳисобкунии фоидаи воқеӣ – нишондиҳандае, ки ба хотири ба даст овардани он корхона таъсис дода мешавад, бунёд мегарданд [11].

Ба ақидаи муҳаққиқ В.Э. Керимов, «пойгоҳи иттилоотии идоракунии стратегӣ баҳисобгирии стратегӣ мебошад, ки маълумоти барои қабули қарорҳои идоракунии стратегии ба менеҷменти субъекти хоҷагидорӣ заруриро ба қайд мегирад, ҷамъбаст ва пешниҳод мекунад» [6].

Маънидодкуниҳои дар боло овардашудаи мафҳуми баҳисобгирии идоракунии стратегиро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса баровард, ки баҳисобгирии идоракунии стратегӣ низоми иттилоотӣ мебошад; ба раванди қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ нигаронида шудааст; иттилоотро на танҳо оид ба муҳити дохилии корхона пешниҳод менамояд, ҳамчунин ба иттилоот дар бораи муҳити берунӣ диққати муҳим медиҳад.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии идоракунии стратегиро метавон чун низоми маҷмӯии баҳисобгирӣ-таҳлилии таъминоти иттилоотии раванди идоракунии стратегии корхона муайян намуд, ки барои мусоидат кардан ба таҳия ва татбиқи стратегияи рушди ояндаи корхона нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, мақсади асосии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил, маънидодкунӣ ва истифодабарии иттилооти иқтисодӣ барои ошкор намудани тамоюлҳои рушди фаъолият, интихоби тарзҳои гуногуни алтернативӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ бояд дар доираи низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси қоидаҳои бо сиёсати баҳисобгирии корхона муайяншаванда роҳандозӣ карда шавад. Вазифаи асосии сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бунёд намудани дастаи амиқи дастурамалҳо, муқаррарот ва усулҳое мебошад, ки имкон медиҳанд мавзеъҳои асосии баҳисобгирӣ дар корхона ба тартиб даровarda шаванд, амалҳои баҳисобгирӣ ҳамсон, ҳамоҳангсозӣ ва танзим карда шаванд ва дар ин асос дар корхона низоми ягонаи иттилоотӣ барои дастгирии таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ бунёд карда шавад.

Ташкил ва роҳандозӣ намудани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ вазифаи идоракунӣ, самти воқеан зарурии фаъолияти идоракунӣ буда, дар шароити истифодабарии ҳамгироёнаи унсурҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ – баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, арзёбӣ, буҷетикунонӣ ифода меёбад.

Таҳлили амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар аксар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки он ҷо на танҳо баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, балки худи низоми баҳисобгирии идоракунӣ умуман роҳандозӣ нашудаст.

Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси асарҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ – Ж.М. Байсалова [1], А.Ф. Дятлова [3], И.Н. Ефремова [4], Г.Р. Концевой [7], Л.В. Шалаева [10], Б.А. Шогенов [11], К.В. Филиппов [9] ва дигарон як қатор камбудиҳои методологӣ, ташкилӣ ва техникии бо ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ алоқамандро ошкор намуд. Ҳамин тавр, метавон сатҳи нобасандаи коркарди илмии асосҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкилӣ-амалии баҳисобгирии идоракуниро ҷиҳати соҳаи кишоварзӣ қайд намуд. Бе ҳали бонизоми масъалаҳои мазкур бунёд

намудани низоми боэътимоди баҳисобгирии идоракунии фаврӣ ва стратегӣ дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ғайриимкон аст. Бояд қайд кард, ки дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аксаран ҷиҳатҳои методӣ ва техникии пешбурди баҳисобгирӣ ва истифодабарии иттилооти вай дар идоракунии истеҳсолот вуҷуд надоранд. Ғайр аз ин, дар аксари корхонаҳои кишоварзии мамлакат низомҳои ба таври муносиб ташкилкардашудаи ҳуҷҷатнигорӣ ва феҳристҳои баҳисобгирӣ, нақшаи ҳуҷҷатгардиш, тарҳи тақсимкунии вазифаҳо дар байни кормандони баҳисобгирӣ ва пайдарпайии корҳои баҳисобгирии аз ҷониби онҳо иҷрошаванда, лоиҳаҳои ташкили худи низоми баҳисобгирии идоракунӣ, дараҷаи марказонии он дида намешавад.

Таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки баҳисобгирии идоракунӣ меҳвари низоми иттилоотии корхонаҳо буда, барои асоснокунии қарорҳои идоракунии ҳам кӯтоҳмуҳлат (ҷорӣ) ва ҳам дарозмуҳлат (стратегӣ) хизмат мекунад. Ба андешаи мо, дар корхонаҳои кишоварзӣ баҳисобгирии идоракунӣ бояд чуноне ташкил карда шавад, ки дар зинаҳои гуногуни масъулият ҳамон ҳиссаи масрафҳо инъикос карда шавад, ки аз рӯи он шахси масъули мушаххас воқеан ҷавобгар аст, ҳама дигар хароҷот ва даромадҳо дар марказҳои масъулияти дахлдор ба ҳисоб гирифта ва назорат карда мешаванд. Дар ин маврид бахши таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ барои ҳар як зинаи идоракунӣ алоҳида иҷро карда мешавад.

Ба раванди ташкил ва амалкунии низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ як қатор хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ чун соҳаи истеҳсолоти моддӣ таъсир мерасонанд, ки бо таъсири омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ муайян мешаванд. Таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият фаъолият мекунанд. Бино бар ин, такшкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар субъектҳои хоҷагидории давлатӣ, кооперативҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ), хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ аз сабаби хусусиятҳои шаклҳои моликияти дахлдор яксон нест.

Умуман чунин хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ ҷудо карда мешаванд, ки масъалаҳои ҳалталабро дар ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба миён меоваранд (расми 1).

Дар соҳаи кишоварзӣ бо таъсири омилҳои табиӣ (иқлим ва мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавии истеҳсолот) хосияти мавсимии истеҳсолот ба миён меояд. Хосияти мавсимӣ бештар дар растанипарварӣ зоҳир мегардад. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд хусусияти мазкурро дар корҳои кишоварзӣ ва масрафҳои истеҳсолӣ инъикос намояд. Дар навбати худ, ин ба худи раванди баҳисобгирӣ таъсир мерасонад, масалан, ҳаҷми корҳои баҳисобгирии масрафҳо дар давраи иҷрои корҳои асосии кишоварзӣ (тухмишинонӣ ва коркарди зироат) ва ҳосилғундорӣ зиёд мешавад, дар давраҳои камшавии корҳои мавсимӣ – кам мешавад.

Воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ замин мебошад, ки ҷойи вайро дигар намудҳои воситаҳои истеҳсолӣ гирифта наметавонанд. Бино бар ин, масъалаи таъмини баҳисобгирии аниқи заминҳои корам ва маблағгузориҳо барои беҳгардонии қитъаҳои замин ба миён меояд. Дар ин маврид, ҳаҷми қитъаҳои замин бо нишондиҳандаҳои табиӣ (гектар) ва маблағгузориҳои иловагӣ барои беҳгардонӣ ва иҷораи қитъаҳои замин - бо ифодаи пулӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Раванди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ бо организмҳои зинда – дороиҳои биологӣ (растанӣ ва ҳайвонот) алоқаманд аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ бояд баҳисобгирии саршумори ҳайвонот ва дигаргуниҳои дар онҳо рухдода (афзоиши вазни зинда, афзоиши насл), инчунин баҳисобгирии равандҳои истеҳсолии дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорвопарварӣ ҷоришавандаро таъмин намояд.

Истеҳсолоти кишоварзӣ дар фазои густурда амал мекунад, ки ин ба хароҷоти зиёди нақлиётӣ боис шуда, арзиши аслии маҳсулотро зиёд мекунад, дар раванди фурӯши маҳсулот душвориҳо ба миён меорад, ба талаф шудани маҳсулоти чорвопарварӣ ва растанипарварӣ дар роҳ боис мешавад. Кам кардани оқибатҳои номатлуби омилҳои мазкур маблағгузориҳои муҳимро ба соҳаи кишоварзӣ, ташкили оқилона ва мукаммалгардонии идоракунии раванди истеҳсолотро талаб менамояд. Дар фазо ба таври васеъ паҳн шудани раванди фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ имкониятҳои тамаркузи истеҳсолотро маҳдуд менамояд.




Расми 1. Хусусиятҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонанд

Ҳиссаи маҳсулоти итсеҳсолшуда метавонад дар дохили корхона истеъмол шавад (гардиши дохилии маҳсулот): дар соҳаи растанипарварӣ – барои тухмӣ, хуроки чорво, коркард; дар соҳаи чорвопарварӣ – барои порӯ, хуроки чорво. Дар баҳисобгирӣ аниқ инъикос кардани ҳаракати маҳсулот дар ҳама марҳилаҳои гардиши дохилӣ зарур аст.

Аз боиси таъсири омилҳои табиӣ барои истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ давомнокии тӯлонии раванди истеҳсолот хос мебошад. Равандҳои истеҳсолӣ аз доираи як соли ҳисоботӣ берун мебароянд. Масалан, равандҳои истеҳсоли гӯшти чорво ва парвариши дарахтони мева дар давоми якчанд солҳо тӯл мекашанд. Бино бар ин, дар баҳисобгирӣ ҷудокунии хароҷот бо давраҳои истеҳсолии бо соли тақвимӣ ростнаоянда ба ҷо оварда мешавад: хароҷоти солҳои пешин барои ҳосили соли ҷорӣ, хароҷоти соли ҷорӣ – барои ҳосили солҳои оянда ва хароҷоти соли ҷорӣ – барои ҳосили ҳамин сол ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аксаран дар соҳаи кишоварзӣ аз як намуди дороии биологӣ (намудҳои зироват ё чорво) на як намуди маҳсулот, балки якчанд намудҳои маҳсулот гирифта мешавад. Дар ин маврид яке аз намудҳо маҳсулоти асосӣ ва намудҳои дигар – маҳсулоти иловагӣ (ҳамроҳ) ном дорад. Ин ба зарурати ҷудокунии масрафҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ меоварад. Гирифтани маҳсулоти тайёр дар соҳаи кишоварзӣ аз муҳлатҳои пухта расидани растаниҳо ва парвариши ҳайвонот вобаста аст. Бино бар ин, дар соҳаи растанипарварӣ тайёр шудани маҳсулот ҳамзамон ба давраи ҳосилғундорӣ рост меояд. Ин дар навбати худ ба ташкили баҳисобгирии гирифтани маҳсулот талаботи қатъӣ пешниҳод менамояд.

Истеҳсолоти кишоварзӣ аз нархҳо дар бозори воситаҳои истеҳсолот, сӯзишворӣ, нӯриҳои минералӣ ва дигар маҳсулоти саноатӣ вобастагии қавӣ дорад. Ҳангоми якхела набудани суръатҳои баландшавии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, барқ ва хизматрасониҳо номутаносибии якчандкаратаи онҳо ба миён меояд. Корхонаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот ва сӯзишворӣ нисбат ба корхонаҳои кишоварзӣ шароити инҳисории худро водор менамоянд, ки ин ба пастшавии сатҳи таъминоти моддӣ-техникӣ ва муҷҷаҳазии техникии

корхонаҳои кишоварзӣ оварда, устувории онҳоро ба муқобили таъсири номатлуби муҳити берунӣ коҳиш медиҳад.

Илова бар хусусиятҳои зикргардидаи табиӣ, биологӣ-кишоварзӣ ва технологӣ ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ инчунин шаклҳои гуногуни моликият таъсир мерасонанд. Корхонаҳои кишоварзӣ метавонанд дар шаклҳои саҳомӣ, ҶДММ, кооперативҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ассотсиатсияҳои онҳо таъсис дода шаванд, ки ҳар кадоме дорои хосагиҳои ташкили баҳисобгирии идоракунии худ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Байсалова, Ж.М., Ибрагимов, Н.К. Особенности сельскохозяйственного производства и их влияние на формированию стратегического управленческого учета [Текст] / Ж.М. Байсалова, Н.К. Ибрагимов // Известия Иссык-кульского Форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. -2014. - № 2-1 (5). – С. 55-59
2. Друри, К. Управленческий и производственный учет [Текст] / Учебный комплекс для студентов вузов: Пер. с англ. 6-е изд. / К. Друри. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. – 1423 с.
3. Дятлова, А.Ф. Методические особенности организации стратегического управленческого учета в аграрных формированиях [Текст] / А.Ф. Дятлова // Известия Санкт-Петербургского государственного аграрного университета. – 2014. – № 37. – С. 107-113
4. Ефремова, И.Н. Формирование стратегического управленческого учета и анализа затрат в сельскохозяйственных организациях [Текст] / И.Н. Ефремова // Дисс. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. – Орел, 2010. - 194 с.
5. Ивашкевич, В.Б. Бухгалтерский управленческий учет [Текст] / Учеб. для вузов / В.Б. Ивашкевич. – М.: Юристъ, 2003. – 618 с.
6. Керимов, В.Э. Стратегический учет [Текст]: учебн. пособие / В.Э. Керимов. – М.: Омега-Л, 2010. – 168 с.
7. Концевой, Г.Р., Злобина, О.О., Мухина И.А. Особенности организации управленческого учета сельскохозяйственного производства [Текст] / Г.Р. Концевой, О.О. Злобин, И.А. Мухина // Международный бухгалтерский учет. – 2015. - № 37. – С. 16-32
8. Николаева, О.Е. Стратегический управленческий учет [Текст] / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева. – ЛКИ, 2008. – 304 с.
9. Филиппов, К.В. Стратегический учет на предприятиях агропромышленного комплекса [Текст] / К.В. Филиппов // Дисс. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. – Орел, 2009. - 172 с.
10. Шалаева, Л.В. Стратегический управленческий учет затрат в сельскохозяйственных организациях [Текст] / Монография / Л.В. Шалаева. – Пермь: ИПЦ «Прокрость», 2014. – 171 с.
11. Шогенов, Б.А., Жемухов, А.Х. Стратегический управленческий учет и анализ затрат на производство сельскохозяйственной продукции [Текст] / Б.А. Шогенов, А.Х. Жемухов // Экономический анализ: теория и практика. -–2008. – № 10 (115). – С. 2-6



***Хоркашов И.С. - н.и.и., дотсент***
***Музофирова Т.Б. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## ТАНЗИМКУНИИ ДАВЛАТИИ НОТАВОНИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲО

Нотавонии молиявӣ (муфлисшавӣ) оқибати номутаносибиҳои механизми иқтисодии такрористеҳсолкунии сармояи корхона, натиҷаи сиёсати нодуруст ва бесамарари амалиётӣ, инвеститсионӣ ва молиявии он мебошад. Муфлисшавии оммавии корхонаҳои тиҷоратӣ оқибатҳои ногувори иҷтимоӣ дошта метавонад, аз ин хотир, дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ механизмаи муайяни пешгирӣ намудан ва ҳимояи корхонаҳои тиҷоратӣ аз маҳвшавии пурра таҳия карда мешавад. Ба унсурҳои асосии ин механизм, ғайр аз тадбирҳои дастгирии молиявии давлати корхонаҳои пардохтнотавон, маблағгузории чорабиниҳои азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳӣ, ҳимояи иқтисодии манфиатҳои ҳама иштирокдорони

раванди муфлисшавӣ, инчунин танзимкунии қонунии муфлисшавӣ ва таъминоти меъёрӣ-методии қабули қарорҳо доир ба нотавонии молиявӣ (муфлисшавӣ)-и корхонаҳо мансуб мебошанд.

Иқтисоди бозорӣ дар худ механизмҳои гуногуни худназораткунӣ ва баландбардории самаранокии худи корхонаҳоро дорад. Яке аз чунин механизмҳо расмиёти муфлисшавӣ мебошад, ки вазифаи муҳими ҷамъиятиро иҷро менамояд, чунки вай, пеш аз ҳама, иқтисодиёти мамлакатро аз субъектҳои хоҷагидории бедаромад халос менамояд, идоракунандагони номуносибро хориҷ менамояд, иштирокчиёни фаъоли бозорро ҳавасманд намуда, бо ҳамин ба самаранокии иқтисодиёт ба таври ғайримустақимона таъсир мерасонад.

Дар давоми муддати тӯлонии ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат, инчунин дар рафти амалияи ҷаҳонӣ маълум шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории мукаммали танзимкунандаи раванди муфлисшавӣ муҳтоҷ аст, чунки муфлисшавӣ олоти муҳими рушди иқтисодиёт ва ташаббусҳои нав мебошад.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва қонунҳое амал мекунанд, ки раванди ташхиси муфлисшавӣ, муфлисшавӣ ва оқибатҳои молиявиву ҳуқуқии онро танзим мекунанд.

Мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқие, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул мебошад, ба истисноии корхонаҳои махсуси (казонии) давлатӣ, агар қобилияти қонеъ гардонидани талаботи кредиторонро бо сабаби нокифоягии дороиҳои бозоргир надошта набошад, он гоҳ мумкин аст муфлис эътироф карда шавад. Шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби суд муфлис эътироф карда мешавад [1].

Шахси ҳуқуқӣ инчунин метавонад якҷоя бо кредиторон дар хусуси эълони муфлисшавӣ ва ихтиёран барҳам дода шуданаш қарор қабул намояд. Асосҳои аз ҷониби суд муфлис эътироф гардидани шахси ҳуқуқӣ ё дар хусуси муфлисшавии худ эълон кардани он, инчунин тартиби барҳамдиҳии чунин шахси ҳуқуқӣ тибқи қонун дар бораи муфлисшавӣ муқаррар карда мешавад. Талаби кредиторон аз рӯи навбати муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қонеъ гардонида мешавад. Ҳангоми барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаботи кредиторони он бо чунин навбат қонеъ гардонида мешаванд:

1) талаби шаҳрвандоне бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохтҳои дахлдори вақтбайъ қонеъ гардонида мешавад, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зиён ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад;

2) дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;

3) талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;

4) қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;

5) талаби кредиторони дигар тибқи қонун ҳисобу китоб карда мешавад.

Ҳангоми барҳам додани бонкҳо ё дигар ташкилотҳои кредитӣ, ки маблағҳои шаҳрвандонро ҷалб намудаанд, дар навбати аввал талаботи шаҳрвандоне, ки амонатгузори онҳо мебошанд, қонеъ гардонида мешаванд.

Талаби ҳар навбат пас аз пурра қонеъ гардонидани талаби навбати пешина қонеъ гардонида мешавад.

Дар мавриди нокифоя будани молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда ин молу мулк дар байни кредиторон мувофиқи қонунҳои амалкунанда, тақсим карда мешавад.

Агар комиссияи барҳамдиҳӣ қонеъ гардонидани талаботи кредиторро рад кунад ё аз баррасии он саркашӣ намояд, кредитор ҳуқуқ дорад, ки то тасдиқ гардидани баланси барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ нисбати амали комиссияи барҳамдиҳӣ ба суд даъво намояд. Бо қарори суд талаби кредитор мумкин аст аз ҳисоби молу мулки боқимондаи шахси ҳуқуқии барҳамдодашуда қонеъ гардонида шавад. Талаби кредитор, ки пас аз гузаштани мӯҳлати барои пешниҳоди он муқаррарнамудаи комиссияи барҳамдиҳӣ пешниҳод гардидааст, аз ҳисоби молу мулки шахси қарздор, ки пас аз қонеъ гардонидани талаби сари вақт пешкашнамудаи

кредиторон боқӣ мондааст, қонеъ гардонида мешавад.

Талаби кредиторон, ки бо сабаби нокифоя будани молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда қонеъ гардонида нашудааст, пардохташуда дониста мешавад. Талаби кредитороне, ки комиссияи барҳамдиҳӣ онҳоро эътироф накардааст, агар кредитор ба суд бо даъво муроҷиат накарда бошад, инчунин талабе, ки қонеъ гардониданӣ он бо қарори суд ба кредитор рад шудааст, ҳамчунин пардохташуда дониста мешаванд [1].

Аз ҷониби суд муфлис эътироф шудани шахси ҳуқуқӣ инчунин тибқи қарори муштарак бо кредиторон дар хусуси муфлисшавии худ эълон кардани шахси ҳуқуқӣ боиси барҳам додани ин шахси ҳуқуқӣ мегардад. Аз лаҳзаи муфлис дониста шудани шахси ҳуқуқӣ [1]:

- муҳлати пардохти тамоми ӯҳдадориҳои қарзии ин шахси ҳуқуқӣ, агар он пештар фаро нарасида бошад, фаворасида ҳисоб меёбад;

- зам кардани ҷаримаи аҳдшиканӣ ва фоизи тамоми қарзҳои ин шахси ҳуқуқӣ қатъ мегардад;

- тамоми маҳдудиятҳои дар қонун пешбинигардида дар мавриди рӯёнидани маблағ аз молу мулки шахси ҳуқуқӣ аз миён бардошта мешаванд;

- баҳсҳои молу мулкӣ бо иштироки ин шахси ҳуқуқӣ ба сифати ҷавобгар, ба истисноӣ баҳсҳое, ки аз рӯи онҳо қарорҳо эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, қатъ мегарданд;

- ҳама талабҳои молу мулкӣ ба нисбати ин шахси ҳуқуқӣ танҳо дар ҷараёни барҳамдиҳӣ пешниҳод шуда метавонанд.

Ҳангоми тибқи қарори муштарак бо кредиторон дар хусуси муфлисшавии худ эълон кардани шахси ҳуқуқӣ, агар дар созишнома бо кредиторон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, қоидаҳои қисми 2 ҳамин модда истифода мешаванд [1].

Агар пас аз барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ исбот шавад, ки он бо мақсади халос хӯрдан аз масъулияти назди кредиторони худ ақаллан як қисми молу мулкашро ба шахси дигар додааст ё ба тариқи дигар қасдан пинҳон кардааст, кредитороне, ки талаботҳояшон дар ҷараёни барҳамдиҳӣ пурра қонеъ нагардидааст, ҳуқуқ доранд қисми пардохта нашудаи қарзашонро аз ҳисоби ин молу мулк рӯёнанд. Шахсе, ки ин молу мулкро гирифтааст, агар нияти шахси ҳуқуқиро дар мавриди аз кредиторон пинҳон кардани ин молу мулк медонист ё мебоист донад, шахси бевиҷдон дониста мешавад.

Мақсади асосии корбурди расмиёти муфлисшавӣ, тавре маълум аст, баландбардории самаранокии иқтисодиёт тавассути азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии корхонаи нотавон ҳангоми ҳарчӣ бештар қонеъгардонии ҳам талаботи тамоми кредиторон ва ҳам манфиатҳои давлат мебошад. Аз ин хотир, вақте ки қонуни амалкунанда дар бораи муфлисшавӣ дар мамлакат қабул гардид (қонуни аввали соли 1992 қабул шуда буд) ва мақсади таҳиягарони ин қонун дар он буд, ки дар мамлакат низоми масъулияте барои соҳибмулкон ва менеҷменти корхонаҳои тиҷоратӣ бунёд карда шавад, ки дар натиҷа корхонаҳо тавонанд, ки қарзҳои худро баргардонанд ва андозҳоро ба буҷет супоранд. Умуман, қабули қонуни нав ба он равона гардида буд, ки муносибатҳои молиявӣ дар иқтисодиёт ба шароитҳои бозор ва талаботи ҷамъиятӣ мутобиқ гарданд.

Муфлисшавӣ (нотавонии молиявӣ) яке аз мафҳумҳои қадимтарини иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, алакай дар низоми ҳуқуқии Рими Қадим маълум буд. Ин мақом ҳамеша ба сифати яке аз танзимкунандагони калидии равандҳои иқтисодии хоҷагидорӣ ва устувории гардиши хоҷагидорӣ баромад менамуд. Муҳимии иҷтимоӣ-иқтисодии мақоми муфлисшавӣ зарурати таҳия намудани қонунгузории махсусро боис гардид, ки тавонад танзимкунии ҳуқуқии муносиби маҷмӯи масъалаҳои бо муфлисшавӣ алоқамандро ба танзим дарорад. Дар айни замон соҳаҳои дахлдори қонунгузорӣ дар ҳама мамлакатҳои дорои иқтисоди бозорӣ мавҷуд мебошанд.

Танзимкунии ҳуқуқиву меъёрии муфлисшавӣ – мафҳуми нисбатан нав дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисоб меравад. Танҳо соли 1992 бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавии корхонаҳо” мафҳуми “нотавонии молиявӣ (муфлисшавӣ) дар қонунгузорӣ мақоми худро пайдо намуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” (аз 8 декабри моли 2003, № 46) тартиб ва шароити баҷоории чорабиниҳоро оид ба пешгирикунии муфлисшавӣ, тартиби гузаронидани расмиёти муфлисшавиро танзим мекунад [2]:

- санатсияи тосудӣ - чораҳои барқарорсозии қобилияти пардохттавонии қарздор, ки аз ҷониби соҳибмулки корхона бо мақсади пешгирӣ кардани муфлисшавӣ дида мешаванд;
- мушоҳида – амалиёте, ки нисбат ба корхона аз лаҳзаи аз тарафи суд қабул кардани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани вай бо мақсади таъмини ҳифзи амволи корхона ва гузаронидани таҳлили вазъи молиявии он ба ҷо оварда мешавад;
- идоракунии берунӣ (санатсияи судӣ) – амалиёти муфлисшавӣ, ки нисбат ба корхона бо мақсади барқарорсозии қобилияти пардохттавонии он бо вогузоштани ваколатҳои идоракунии амволи корхона ба мудири беруна ба ҷо оварда мешавад;
- истеҳсолоти озмунӣ - амалиёти муфлисшавӣ, ки нисбат ба корхонаи муфлис эътирофгардида бо мақсади мутаносибан қонеъ намудани талабҳои қарздеҳон ба ҷо оварда мешавад;
- мудир (мудири муваққатӣ, мудири беруна, мудири озмунӣ) – шахсе, ки барои гузаронидани амалиётҳои муфлисшавӣ аз ҷониби суд таъин карда мешавад;
- моратория – боздоштани амалҳои қарздор оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ;
- беҳдошти молиявӣ – амалиёти муфлисшавӣ, ки нисбат ба корхона бо мақсади барқарорсозии пардохттавонии он ва тибқи навбат баргардонидани қарзҳо ба ҷо оварда мешавад;
- созишномаи мусолиҳа – амалиёти муфлисшавӣ, ки дар ҳама давраҳои баррасии парвандаи муфлисшавӣ бо мақсади қатъкунии истеҳсолот оид ба муфлисшавӣ бо роҳи ноилгардии созишнома дар байни корхона ва кредиторони вай ба ҷо оварда мешавад.

Корхонаҳо барои қонеъ кардани талаботҳои кредиторон (қарздеҳон) оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва иҷрокунии пардохтҳои ҳатмии ба буҷет аз ҳисоби амволи онҳо воридшаванда қодирнабуда ҳисобида мешаванд, агар чунин уҳдадориҳо аз ҷониби корхона дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон иҷро нашуда бошанд ва агар маблағи умумии уҳдадориҳояшон аз арзиши амволи онҳо зиёд бошад [2].

Барои муайян намудани мавҷудияти аломатҳои муфлисшавии корхона ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла ҳаҷми қарз барои молҳои таҳвилгардида, корҳо ва хизматрасониҳои иҷрошуда, маблағи қарзҳо бо назардошти фоизҳо, ки онҳоро корхона бояд пардохт намояд, ба истиснои уҳдадориҳо дар назди шаҳрвандоне, ки қарздор барои расонидани зиён ба ҳаёт ва саломатиашон масъул аст, уҳдадориҳо оид ба пардохти подоши муаллифӣ ва ҳамчунин уҳдадориҳо дар назди муассисон (иштирокчиён) ки аз чунин иштирок бармеоянд, мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад.

Ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ аз рӯи талабҳои кредиторон дар он ҳолат муқарраршуда ҳисобида мешавад, ки агар он бо ҳалномаи суд ё ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандае, ки дар онҳо корхона ин талабҳоро эътироф намудааст, тасдиқ шуда бошад.

Корхона, кредитор, прокурор ва дар ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда шахсони дигар ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат намудан оид ба муфлис эътироф намудани корхона бо сабаби иҷро накардани уҳдадориҳои пулиро доранд.

Корхона, прокурор, мақомоти андоз, мақомот оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва дигар мақомоти ваколатдор дар хусуси муфлисшавии корхона бо сабаби иҷро накардани пардохтҳои ҳатмӣ ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат намуданро доранд.

Парванда оид ба муфлисшавӣ дар асоси аризаи пешниҳодшуда дар бораи муфлис эътироф намудани корхона оғоз карда мешавад.

Ҳалномаи суд дар бораи муфлис эътироф намудани корхона ва кушодани истеҳсолоти (парвандаи) озмунӣ дар ҳолатҳои муқаррар гардидани аломатҳои муфлисшавии корхона ва инчунин набудани асос барои ҷорӣ намудани идоракунии берунӣ қабул карда мешавад. Истеҳсолоти озмунӣ – амалиёти муфлисшавист, ки нисбат ба корхонаи муфлис

эътирофгардида бо мақсади мутаносибан қонеъ намудани талабҳои кредиторон татбиқ карда мешавад.

Дар ҳалномаи суд оид ба муфлис эътироф намудани корхона бояд чунин нишондодҳо бошанд:

- дар бораи муфлис эътироф намудани корхона;
- дар бораи кушодани истеҳсолоти озмунӣ;
- дар бораи таъин намудани мудири озмунӣ.

Ҳалномаи суд дар бораи муфлис эътироф намудани корхона ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ бояд фавран иҷро гардад, агар суд тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

Хабари муфлис эътироф гардидани корхона аз тарафи суде, ки дар бораи муфлис эътироф намудани он ва оид ба кушодани истеҳсолоти озмунӣ ҳалнома қабул кардааст, дар воситаҳои ахбори умум аз ҳисоби корхона ва дар сурати набудани маблағҳои он аз ҳисоби даъвогаре, ки бо ариза оид ба муфлис эътироф намудани корхона муроҷиат кардааст, нашр карда мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон - http://mmk.tj
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” аз 8 декабри соли 2003. - http://mmk.tj
3. Теория и практика антикризисного управления. / Под ред. Беляева С.Г. и Кошкина В.И. — М.: Закон и право, ЮНИТИ, 2004. – 310 с.

***Ойев Н.А. – н.и.и., дотсент***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Ҷаҳонишавии иқтисодиёт, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони умумиҷаҳонии савдо, шиддатёбии зуҳуроти буҳронӣ дар солҳои охир, пурзӯршавии рақобат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ зарурати бозбинии муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои соҳибкорӣ, низоми идоракунии хоҷагии кишоварзӣ ва беҳкунии сифати иҷрои вазифаҳои он, инчунин усулҳои менеҷменти дохилии корхонаҳои кишоварзиро тақозо менамояд. Рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ бояд ба ташаккули сохторҳои дохилии муҳаррик дар корхонаҳои кишоварзӣ, муқаррар кардан ва такмили муносибатҳои иқтисодии байниҳамдигарии онҳо, байни корхонаҳои кишоварзӣ ва давлат нигаронида шуда бошад. Аз ин бармеояд, ки бе бунёди низоми идоракунии муносиб ва корбурди фаъоли усулҳо ва фишангҳои иқтисодии он пешбурди босамараи фаъолияти истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, саривақт ошкоркунӣ ва сафарбаркунии захираҳои дохилии истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ғайриимкон аст.

Сафарбаркунии захираҳои дохилӣ масъалаи мубрамтарин барои ҳама гуна корхонаи кишоварзии муосир мебошад, чунки ҳаҷмҳои воридшавии сармояи берунӣ ва кӯмакҳои мусоидаткунандаи давлатӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят кам мебошанд. Бино бар ин, ҳамагуна қарорҳои идоракунӣ ва беҳкунии омилҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолии корхона бояд ба ахбори муътамад, саривақтӣ ва пурраи баҳисобгирии идоракунӣ такя намоянд.

Дар шароити муосири рақобат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ раванди идоракунии корхонаҳои соҳа, ки ҳам аз ҷиҳати хоҷагӣ ва ҳам аз ҷиҳати молиявӣ мустақил мебошанд, мураккаб гардидааст. Идоракунии босамараи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ рӯз аз рӯз бештар аз иттилоотнокии роҳбарони корхона ва воҳидҳои сохтории он вобастагӣ пайдо мекунад. Ахбори фаврии заруриро роҳбарияти корхона дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ ба даст оварда метавонад.

Самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бештар аз сатҳи масрафҳо ва арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста мебошад. Ахбор оид ба масрафҳо ва арзиши аслии

маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ бунёд гардида, мавриди таҳлил қарор мегирад, ки натиҷаҳои он асоси қабули қарорҳои идоракунӣ мебошанд.

Сифат, фавригӣ ва мубрамии ахбор оид ба масрафҳо ва арзиши аслии маҳсулот кафолати асоснокии қарорҳои идоракунӣ ва пастшавии хавфи хатоҳо дар идоракунии фаъолияти иқтисодии корхона мегардад. Зарурати ҷамъоварии ахбор оид ба масрафҳо тақозо менамояд, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми баҳисобгирии масрафҳо бо истифода аз ғояҳо, усулҳо ва методикаҳои гуногун бунёд карда шавад, то ки ахбори барои таҳлили вазъи масрафҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ ба талаботи ба он пешниҳодшаванда мувофиқ бошад.

Дар солҳои охир ахбори иқтисодӣ оид ба масрафҳои истеҳсоли маҳсулот чун асоси равандҳои омодакунӣ, қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ баррасӣ мешавад. Ин бо таъсири дар баҳисобгирии байналмилалӣ рушд намудан ва расидани баҳисобгирии масрафҳо (баҳисобгирии истеҳсолӣ) то ба доираҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба вуҷуд омадааст. Дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ вазифаҳои таҳлилӣ-беҳгардонӣ афзалиятнокиро хосаеро касб намуданд.

Мураккабшавии вазифаҳои дар назди низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ истода, ки бо баҳодиҳии фаъолияти соҳибкорӣ, интихоби навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, зарурати таҳлили фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи корхона, муқаррар намудани нархҳо, қабули қарорҳо оид ба сармоягузориҳои дарозмуҳлат, сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионӣ алоқаманд мебошад ва дигар вазифаҳои идоракунии корхона – пояи муайянкунандаи вазифаҳои мушаххаси баҳисобгирии идоракунӣ гардиданд. Дар ин маврид унсури стратегии баҳисобгирии муҳосибӣ ҷудо гардида, имкон медиҳад, то хусусиятҳои асосии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва баҳисобгирии идоракунии ҷорӣ дар қиёс баррасӣ карда шаванд.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ буда, барои таъмини эҳтиёҷоти иттилоотии менеҷмент, ки дар он иттилоот оид ба муҳити дохилӣ ва берунии корхона аҳамияти зиёд пайдо кардааст, нигаронида шудааст. Тамаркуз ба омилҳои берунии ба фаъолияти корхона таъсиррасон – унсури асосие мебошад, ки бо он баҳисобгирии идоракунии стратегӣ аз баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ фарқ мекунад [8, с. 20].

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба масъалаҳои таҳлил, банақшагирӣ ва буҷанигорӣ дахл намуда, онҳоро танҳо аз диди банақшагирии дарозмуҳлат ва баҳодиҳии вазъи ҳозира баррасӣ менамояд. Ба қавли дигар, агар баҳисобгирии идоракунии ҷорӣ (фаврӣ, тактикӣ) ба масъалаҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва буҷанигорӣ машғул бошад, пас баҳисобгирии идоракунии стратегӣ масъалаҳои кам кардани масрафҳо, аниқтараш – беҳгардонии онҳоро дар давраи дарозмуҳлати стратегӣ ҳал менамояд.

Дар таҳлили стратегӣ, чун дар баҳисобгирии стратегӣ, метавон усулҳои нисбатан босамараи таҳлили масрафҳоро ҷудо намуд. Барои корхонаи кишоварзӣ марҳилаҳои таҳлили стратегии баҳисобгирии масрафҳоро метавон бо чунин пайдарпайӣ ифода намуд: бунёд намудани занҷираи арзишҳои истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста аз хусусиятҳои технологияи истеҳсолот; баҳисобгирӣ ва таҳлили масрафҳо аз рӯи марҳилаҳои даври технологии истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (дороиҳои биологӣ); ошкоркунӣ ва баҳодиҳии омилҳои масрафбунёдкунанда; таҳлили усулҳо ва тарзҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ (дороиҳои биологӣ); таҳлили масрафҳо барои таъмини сифати маҳсулоти кишоварзӣ (дороиҳои биологӣ); таҳлили масрафҳо барои таъмини сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; таҳлили ҳаҷмҳои фурӯш, фоида ва даромаднокии намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти коркардшаванда; таҳияи стратегияи идоракунии масрафҳо; баҳодиҳии устувории бартариҳои стратегияи таҳияшудаи идоракунии масрафҳо. Пайдарпайии мазкур раванди мураккаберо ифода менамояд, ки бо усули занҷираи бунёдкунии арзиши маҳсулоти ниҳойии кишоварзӣ таҳия карда шудааст. Дар ин маврид ҷобаҷокунии ҷузъҳои ин занҷира дар байни истеҳсолкунандагон (иштирокчиёни раванд) зарур мебошад. Таҳлили масрафҳо пай дар пай омӯхтани онҳоро аз рӯи ҳар як зинаи занҷира дар назар дорад. Рақобатпазирии корхонаи кишоварзӣ аз босамарии идоракунии занҷираи арзишҳои ба вай

тааллуқдошта муайян мегардад. Таҳлили қиёсии занҷираи арзишҳо бо ахбори рақибон имкон медиҳад, ки бартариҳо, камбудиҳо ва хавфҳои идоракунии масрафҳо ошкор ва омилҳои ба онҳо таъсиррасонанда муқаррар карда шаванд.

Ҳангоми бунёд намудани низоми баҳисобгирии масрафҳо дар шароити муосир якчанд масъалаҳои назариявӣ ва амалие ба миён меоянд, ки дарк кардан ва ҳал намудани онҳо равишщои илмии навро талаб менамояд. Низоми муосири баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ мавҷудияти ҳатмии ҷиҳатҳои ғоявӣ ва амалии худро талаб менамояд.

Ҷиҳати ғоявӣ, ё ба қавли дигар, унсури появии назариявии низоми баҳисобгирии масрафҳо ин аниқ муайян намудани масрафҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки аз дигар мафҳумҳо (масалан, хароҷот, маблағгузориҳо, пардохтҳо) ҷудо карда шудааст ва имкон медиҳад, ки объекти баҳисобгирӣ ифодаи худро ёбад.

Ҷиҳати амалии низоми баҳисобгирӣ ин гурӯҳбандии масрафҳо буда, унсурҳои асосии он пояи гурӯҳбандӣ, инчунин ҳаҷмҳои имконии масрафҳои барои ҳамин поя ҷудогардида мебошанд, ки минбаъд бояд ба тақсимкунӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлил гирифтор шаванд. Маҳз дар асоси ҳамин гурӯҳбандӣ методикаи баҳисобгирии масрафҳо бунёд карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои появӣ ҳангоми таҳия, татбиқ ва корбурди низоми баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ ин зарурати дар доираи як низоми ахборӣ бурдани якчанд намудҳои баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад. Мушкилӣ дар он ифода меёбад, ки намудҳои мухталифи баҳисобгирӣ ба ҳадафҳои гуногун нигаронида шудаанд, бо санадҳои меъёрии гуногун танзим карда мешаванд, пешбурди баҳисобгирӣ давраи вақтӣ ва самтнокии гуногун дорад. Мувофиқан, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ҳар яке аз намудҳои баҳисобгирӣ хусусиятҳои онҳоро ба инобат гирифта, бояд гурӯҳбандии мувофиқи масрафҳо ба кор бурда шавад ва бо интихоби олоту усулҳои дахлдор методикаи баҳисобгирии масрафҳо таҳия карда шавад.

Тавре муаллифони ватанӣ қайд мекунанд, баҳисобгирии молиявӣ омодакунӣ ва пешкашкунии ахборро дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ барои истифодабарандагони берунӣ ба ҷо меорад. Баҳисобгирии идоракунӣ ба эҳтиёҷоти менеҷерҳои худи корхона алоқаманд аст. Мақсади он – ёрдам додан ба менеҷерҳо ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият ва қабули қарорҳо дар асоси ахбори воқеӣ мебошад. Баҳисобгирии андоз – раванди аз ҷониби соҳибкор тибқи талаботи қонунгузории андоз бурдани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ бо мақсадҳои ҷамъбаст ва мураттаб кардани маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, инчунин ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андоз мебошад [5, с. 13].

Дар баҳисобгирии идоракунӣ ахбори пешомадбинӣ ва банақшагирӣ бунёд мегардад, ки ба таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона такя мекунад. Дар ин маврид асоси низоми баҳисобгирии идоракунӣ баҳисобгирии хароҷот - ғункунӣ ва гурӯҳбандии хароҷот, тақсимоти хароҷот ба объектҳои баҳисобгирӣ (воҳидҳои маҳсулот, маконҳои хароҷот) баҳисоб меравад [6, с. 8].

Ҳадафи баҳисобгирии муҳосибии масрафҳо бунёд намудани пойгоҳи ахборӣ-таҳлилии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Ин пойгоҳ ахбори барои ошкоркунии натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ дар давраи ҳисоботӣ, қабулкунии қарорҳо оид ба танзимкунии масрафҳо, муайянкунии арзиши аслии маҳсулоти тайёр (корҳо, хизматрасониҳо) зарурӣ, маълумот барои баҳодиҳӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва ноилгардии ҳадафҳои дигари идоракунии субъекти хоҷагидориро дар бар мегирад. Баҳисобгирии муҳосибии масрафҳо бояд ҳама масрафҳои бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) алоқамандро дар асоси далелҳо ба ҳисоб гирад [4, с. 397].

Методикаи барои ҳар як намуди баҳисобгирӣ қабулгардида қоидаҳо ва алгоритми баҳисобгирии ахбор оид ба масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро муайян менамояд. Дар ин маврид дар пойгоҳи ахбории ҳар як намуди баҳисобгирӣ метавонад нишондиҳандаи худии масрафҳои ҷамъона мавҷуд бошад, бино бар ин, арзиши аслии бо методикаи интихобгардида ҳисобкардашуда низ дорои хусусиятҳои худ мебошад.

Давраҳои вақтӣ (давраи ҳисоботии мушаххас) аз баҳисобгирии молиявии масрафҳо ҳисобкунии арзиши аслии пурраи маҳсулот ва истифодаи усули баҳисобгирии воқеӣ барои

ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти дар давраи ҳисоботӣ истеҳсолшуда, ҳисобкунии арзиши захираҳои истеҳсолӣ ва фоидаи дар давра гирифташударо талаб менамояд. Баҳисобгирии таҳлилӣ тибқи методикаи ҳисобкунии арзиши аслӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тавр, тибқи банди 8 НБМ 7/2001 "Харочоти корхонаҳо", ҳангоми бунёдшавии харочот аз рӯи намудҳои муқаррарии фаъолият бояд гурӯҳбандии масрафҳо аз рӯи чунин чузъҳо таъмин карда шавад [3]:

- масрафҳои моддӣ;
- масрафҳои пардохти меҳнат;
- ҳиссачудокуниҳои ичтимоӣ;
- истеҳлок;
- дигар масрафҳо.

Бо мақсадҳои идоракунӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии харочот аз рӯи моддаҳои масрафҳо ба роҳ монда мешавад. Номгӯйи моддаҳои масрафҳоро корхонаи кишоварзӣ худ мустақилона муқаррар менамояд.

Дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ахбор оид ба масрафҳои ифодакунандаи арзиши аслии муҳосибӣ дар асоси қоидаҳо ва талаботи қонунгузории муҳосибӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бунёд мегардад.

Баҳисобгирии андоз ҳадафҳои ҳисобкунии андозҳои дар давраи муайян пардохтшавандаро пайгирӣ менамояд. Дар ин маврид пешбурди баҳисобгирии андоз қатъиян танзим карда мешавад. Чиҳати баҳисобгирии масрафҳо танзимкунӣ тибқи муқаррароти боби 17 Кодекси андози Чумҳурии Точикистон ба чо оварда шуда, барои баҳисобгирии масрафҳои воқеӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии пурраи маҳсулот номгӯйи қатъиян муайянгардидаи моддаҳои масрафҳо муқаррар карда шудааст [1].

Номгӯйи моддаҳои масрафҳоро, ки ҳангоми ҳисобкунии андоз аз фоида баҳисоб гирифта мешаванд, моддаҳои 111-124 Кодекси андози Чумҳурии Точикистон муқаррар менамояд. Яъне дар масъалаи ташкили баҳисобгирии таҳлилӣ дар корхона бояд муқаррароти меъёрҳои Кодекси андози Чумҳурии Точикистон қатъиян риоя шаванд. Ҳамин тавр, дар низоми баҳисобгирии андоз арзиши аслии андозӣ бунёд мешавад, ки ба методикаи баҳисобгирии масрафҳои тибқи талаботи қонунгузории андоз таҳиягардида асос меёбад.

Дар тафовут аз баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз, баҳисобгирии идоракунӣ метавонад ҳадафҳои зиёдеро пайгирӣ намояд, ки дастаи онҳо аз талаботи ахбории менечменти корхона муайян мешавад. Ин гуна ҳадафҳо, масалан, инҳо мебошанд: идоракунии масрафҳо, таҳлили масрафҳо, назорати сатҳи масрафҳо, қабули қарорҳои идоракунӣ, ҳисобкунии арзиши аслии намудҳои алоҳидаи фаъолият. Бино бар ин, дар баҳисобгирии идоракунӣ олоти гуногун ба кор бурда мешаванд, чун усулҳои меъёрӣ ва воқеии баҳисобгирии масрафҳо, ҳисобкунии арзиши аслии нисбатан аниқтар дар асоси баҳисобгирии таҳлилии васеъ ва тақсимкунии сабабӣ-оқибатии масрафҳо, ҳисобкунии арзиши аслии пурра ва нопурра, муфассалкунии маконҳои истеъмоли сарватҳо, инчунин корбурди якчанд методикаҳои якчоя амалкунандаи баҳисобгирии масрафҳо, ки ба масъалаҳои гуногун нигаронида шудаанд. Вобаста ба ин метавон тасдиқ намуд, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ намуди сеюми арзиши аслӣ – арзиши аслии идоракунӣ бунёд мегардад.

Ҳоло санади меъёрии амалкунанда, ки тартиби бунёдшавии арзиши аслии маҳсулотро муайян мекунад, "Низомнома оид ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Чумҳурии Точикистон" [2] мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон аз 12 майи соли 1999, № 210 тасдиқ шудааст. Аммо, санади меъёрии мазкур ба талаботи муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ чавобгӯ нест. Бино бар ин, аз чониби Вазорати молияви Чумҳурии Точикистон корҳо доир ба таҳиясозии лоиҳаи санади меъёрии нав – "Низомнома оид ба таркиби масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), ки ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) зам карда мешаванд, ва тартиби бунёдшавии натичаҳои молиявии ҳангоми андозбандии фоида баҳисобгирифташаванда" бурда мешаванд.

Муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) асос барои баҳодиҳии натичаҳои молиявии фаъолияти корхона мебошад. Ҳуччати таҳияшаванда бояд

пояҳои методологии ягонаи муайянкунии масрафҳои ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) замшаванда ва тартиби бунёдшавии натиҷаҳои молиявии субъектҳои хоҷагидоиро муқаррар намояд. Вай таснифи масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), номгӯйи масрафҳои бо фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо алоқаманд, номгӯй ва тартиби бунёдшавии натиҷаҳои молиявиро дар бар мегирад.

Корхонаҳои кишоварзӣ ҳамзамон баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии андоз ва баҳисобгирии идоракунии масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-ро мебаранд. Баҳисобгирии молиявӣ дар асоси низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ё СБҲМ, баҳисобгирии андоз – дар асоси муқаррароти бобҳои 8 ва 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бурда мешавад. Баҳисобгирии идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда намешавад, вай дар асоси қоида ва стандартҳои муқаррарнамудаи худи корхонаҳо бурда мешавад.

Ҳангоми пешбурди баҳисобгирии молиявӣ корхонаҳои кишоварзӣ мувофиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо амал менамоянд. Онҳо барои ҳадафҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ метавонанд ҳисобҳои баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот – ҳисобҳои арзишҳисобкунӣ кушоянд. Ҳамчунин онҳо метавонанд баҳисобгирии андозро мувофиқи санадҳои меъёрии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои махсуси феҳристҳои таҳлилии баҳисобгирии андозро муқаррар накардааст. Аз ин хотир корхонаҳо метавонанд ин феҳристҳоро худ мустақилона таҳия намуда, шаклҳо ва тартиби бо маълумот пуркунии онҳоро дар замимаҳо бар сиёсати баҳисобгирии худ муқаррар намоянд [7, с. 15].

Бо баинобатгирии хусусиятҳои ҳайат ва баҳисобгирии масрафҳо дар соҳаи кишоварзӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корхонаҳои кишоварзӣ дастурамали соҳавӣ оид ба баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро таҳия менамояд. Дар асоси дастурамали мазкур корхонаҳои кишоварзӣ дар баҳисобгирии муҳосибии худ баҳисобгирии хароҷотро бо ҷузъҳои иқтисодӣ ва моддаҳои масрафҳо ба роҳ мемонанд, низомномаҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-амрдиҳандаи дохилии барои ташкили муносиби баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот заруриро таҳия менамоянд. Қоидаҳои мушаххаси ҳисобкунии арзиши аслии воқеиро ҳар як корхонаи кишоварзӣ дар сиёсати баҳисобгирии худ нишон медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - http://andoz.tj

2. Низомнома оид ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - http://minfin.tj

3. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии "Хароҷоти корхонаҳо" НБМ 7/2001. - http://minfin.tj

4. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 442 с.

5. Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбее: Ирфон, 2016. – 550 с.

6. Қодирова Г.Т., Қаюмова Ф.А., Акрамова Ҳ.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2017. - 252 с.

7. Ойев Н.А., Шоймардонов С.Қ., Каримов Б.Ҳ., Бухориев С.М. Баҳисобгирии андоз. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2016. – 316 с.

8. Сацук, Т.П., Журавлева, О.А. Логическая модель стратегического управленческого учета [Текст] / Т.П. Сацук, О.А. Журавлева // Международный бухгалтерский учет. - 2012. - № 27 (225). - С. 19-22

***Низомов С.Ф. – д.и.и., профессор***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***
***Каримиён М.Б. – ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

# ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ВОРИДШАВИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Воситаҳои асосӣ ҷузъи муҳими ҳамагуна фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ буда, арзиши онҳо дар тавозуни муҳосибии корхонаҳои муосир вазни қиёсии назаррас дорад. Бино бар ин, истифодаи оқилонаи онҳо дар раванди фаъолият ба натиҷаҳои молиявии корхона таъсир мерасонад. Ҳамчунин баҳисобгирии воситаҳои асосӣ яке аз бахшҳои мураккаби баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои муосир буда, мушкилоти зиёди амалиро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ба миён меорад. Вобаста ба ин, масъалаи баҳисобгирии ба корхона воридшавии объектҳои воситаҳои асосӣ ҳамеша мубрам аст.

Вазифаи асосии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ – инъикоси дурусти объектҳои воситаҳои асосӣ ҳангоми ба корхона воридшавӣ (эътирофкунии аввалӣ), назорати ҳифз ва мавҷудият дар макони истифодабарии онҳо, ҳуҷҷатнигории дуруст ва саривақтии ҳаракати минбаъдаи объектҳои воситаҳои асосӣ пас аз эътирофкунии аввалӣ мебошад. Хатои асосии ҳангоми баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бештар содиршаванда ин таснифи нодурусти онҳо мебошад.

Корхона таснифи воситаҳои асосиро худ мустақилона бо баҳисобгирии умумияти намудҳо ва хосагии истифодаи онҳо ба ҷо меорад. Синфи воситаҳои асосӣ – гурӯҳи воситаҳои асосие мебошанд, ки аз диди моҳият ва хосияти истифода дар фаъолияти корхона ҳамсонанд. Мисолҳои синфҳои воситаҳои асосӣ инҳоанд: биноҳо, мошинаҳо ва таҷҳизот, киштиҳо, воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ (тайёраҳо), воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, мебел ва лавозимоти он, таҷҳизоти идоравӣ, дороиҳои биологӣ.

Мутобиқи муқаррароти банди 5 НБМ 4/2002 “Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ” ба ҳайати воситаҳои асосӣ инчунин гузоришҳои асосӣ барои беҳгардонии комили замин (хушкгардонӣ, обёрикунӣ ва дигар ҳамин гуна корҳо), гузоришҳои асосӣ ба объектҳои воситаҳои асосии иҷорагирифташуда низ дохил мешаванд.

Арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ чун дороӣ танҳо дар ҳолате эътироф карда мешавад, ки агар:

- эҳтимолияте вуҷуд дорад, ки корхона нафъҳои иқтисодии ояндаи бо объекти мазкур алоқамандро мегирад;
- арзиши аввалии объекти мазкур метавонад боэътимодона баҳо дода шавад.

Дороиҳо, чун қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизоти захиравӣ ва ёрирасон ба сифати объекти воситаҳои асосӣ эътироф карда мешаванд, агар онҳо ба мафҳуми воситаҳои асосӣ ҷавобгӯ бошанд. Дар акси ҳол ин гуна моддаҳо чун ашё (сарватҳои моддӣ) тасниф карда мешаванд.

Воҳиди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ объекти инвентарӣ (афзорӣ) мебошад. Чун объекти инвентарии воситаҳои асосӣ объекти дорои ҳама асбоб ва лавозимот ё ашёи хосаи алоҳида бунёдгардида, ки барои иҷрокунии вазифаҳои мустақили муайян таъин гардидааст, ё маҷмӯи алоҳидаи якчанд ашёи якҷояшуда, ки чизи томеро ташкил медиҳанд ва барои иҷрокунии кори муайян таъин шудаанд, эътироф карда мешавад [3].

Барои ташкили баҳисобгирӣ ва назорати воситаҳои асосӣ ба ҳар як объекти инвентарии онҳо рақами инвентарӣ дода мешавад, ки он дар тамоми давраи дар корхона будани объекти воситаҳои асосӣ мемонад. Дар ҳама ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва феҳристҳои баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ ин рақам гузошта мешавад.

Воситаҳои асосии ба корхона воридшавандаро комиссияи таъиннамудаи роҳбари корхона қабул мекунад. Барои нигориши қабул комиссия алоҳида барои ҳар як объект дар як нусха санади қабулу супоридани воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-1) тартиб медиҳад. Санади умумӣ барои гурӯҳи объектҳо дар мавриде тартиб дода мешавад, ки агар объектҳо ҳамсон бошанд, арзиши якхела дошта бошанд ва ҳамзамон дар таҳти масъулияти ҳамон як шахс қабул

шуда бошанд.

Дар санад номи объект, соли сохтан ё барориш, тавсифи мухтасари объект, арзиши аввалӣ, рақами инвентарии ба объект додашуда, макони истифодаи объект ва дигар маълумоти барои баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ зарурӣ нишон дода мешавад.

Санади қабулу супоридан якҷоя бо ҳуҷҷатҳои техникии ба объекти мазкур тааллуқдошта (шиноснома, тарҳҳо ва дигарҳо) ба муҳосибот супорида мешавад, сармуҳосиб ба вай имзо мегузорад ва роҳбари корхона вайро тасдиқ менамояд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо муҳосибот навиштҳои дахлдорро дар карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба ҷо меорад ва пас ҳуҷҷатҳои техникӣ ба шуъбаи техникӣ ё дигар хадамоти дахлдори корхона дода мешаванд.

Таҷҳизоти барои насб кардан ба анбор воридшуда бо санади қабулу супоридани таҷҳизот ба насбкунӣ нигориш карда мешавад. Дар санад номи таҷҳизот, намуд, навъ, миқдори воҳидҳо, арзиш, ноқисиҳои ошкоршуда нишон дода мешаванд. Ба ҳайати комиссияи қабули таҷҳизот инчунин намояндаи ширкати паймонкори ваколатдор (васлкунанда) низ дохил карда мешавад. Санад дар ду нусха тартиб дода мешавад: нусхаи якум барои нигориши воридшавии таҷҳизот ба анбор барои насб кардан хизмат мекунад, нусхаи дуюм ба ширкати паймонкори васлкунанда дода мешавад. Ҳангоми ғайриимкон будани қабули муносиби таҷҳизот санади қабулкунии таҷҳизот чун санади пешакӣ дар асоси назораи рӯякӣ тартиб дода мешавад.

Агар таҷҳизоти воридшударо корхона худ мустақилона насб кунад, қабулкунии вай бо санади қабулу супоридани таҷҳизот ба насбкунӣ нигориш карда мешавад. Ин санад дар як нусха тартиб дода мешавад. Агар корҳои насбкуниро корхонаи паймонкор иҷро кунад, дар ин маврид санади алоҳида барои ба насбкунӣ супоридани объект тартиб дода намешавад. Паймонкор бевосита дар худи ҳамон санад имзо гузошта, нусхаи онро гирифта, бо ҳамин вай ба нигоҳдории масъулонаи худ гирифтани таҷҳизотро тасдиқ мекунад.

Минбаъд, дар раванди муоина, васлкунӣ ё санҷиши кори таҷҳизот, ошкор шудани нуқсонҳо дар таҷҳизот зарурати нигориши ҳуҷҷатии иловагиро бо роҳи тартиб додани санади нуқсонҳои ошкоршудаи таҷҳизот ба миён меорад. Дар санади мазкур барои ҳар як номгӯйи таҷҳизот нуқсонҳои ошкоршуда ва чорабиниҳо ё корҳо барои бартараф кардани нуқсонҳои ошкоршуда нишон дода мешаванд. Ба санади мазкур намояндагони корхона ва паймонкори васлгар имзо мегузоранд.

Барои объектҳои молу мулки ғайриманқул санади қабулу супоридани бино (иншоот) тартиб дода мешавад. Ин гуна объектҳо танҳо он гаҳе ба баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд, ки агар онҳо ба феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ворид карда шуда бошанд [2]. Санад барои ҳар як объекти алоҳида, новобаста аз тарзи воридшавии он тартиб дода мешавад.

Ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ аз як қисмати сохторӣ ба қисмати сохтории дигар, инчунин аз захира (анбор) ба истифода супоридани онҳо бо борхат барои ҷойивазкунии дохилии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-2) нигориш карда мешавад. Борхати мазкурро корманди қисмати сохтории супоранда дар ду нусха тартиб медиҳад. Нусхаи якум бо дастхати қабулкунанда ва супоранда ба муҳосибот дода мешавад, нусхаи дуюм – дар ҷониби супоранда мемонад.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои номбаршуда ва дар мавриди хариди воситаи нақлиёт – шиносномаи техникӣ ва рақами давлатии аз Бозрасии давлатии автомобилӣ гирифташуда, дар муҳосибот карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-6) кушода мешавад. Барои объектҳои гурӯҳии воситаҳои асосӣ карточкаи инвентарии баҳисобгирии гурӯҳии объектҳои воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-9) кушода мешавад.

Дар тарафи рӯйи карточкаҳои инвентарӣ ном ва рақами инвентарии объект, соли барориш (сохтан), сана ва рақами санади қабулкунӣ, макони ҷойгиршавӣ, арзиши аввалӣ, меъёри истеҳлокҷудокуниҳо, рамзи масрафҳо (барои гузаронидани маблағҳои истеҳлок), маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда, ҷойивазкунии дохилӣ ва сабабҳои хориҷшавӣ нишон дода мешавад.

Дар тарафи паси карточкаҳои инвентарӣ маълумот дар бораи сана ва масрафҳои

сохтмони иловагӣ, муҷаҳҳазгардонии иловагӣ, азнавсозӣ ва навкунии объект, корҳои таъмирии иҷрошуда, инчунин тавсифи мухтасари объект оварда мешавад.

Карточкаҳои инвентарии пуркардашуда дар рӯйхати карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-10) ба қайд гирифта мешаванд. Рӯйхати мазкур дар муҳосибот барои ҳар як гурӯҳи таснифии объектҳои воситаҳои асосӣ алоҳида бурда мешавад. Корхонаҳои хурд метавонанд воситаҳои асосиро дар китоби инвентарӣ баҳисоб гиранд ва рӯйхатҳоро набаранд.

Карточкаҳои инвентарӣ дар як нусха тартиб дода шуда, дар муҳосибот нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҳолате, ки агар дар воситаҳои асосӣ тағйирот ворид карда шавад ва инъикос кардани онҳо дар карточкаи инвентарӣ ғайриимкон бошад, карточкаи инвентарии нав пур карда мешавад ва карточкаи пешин чун ҳуҷҷати маълумотдиҳанда нигоҳ дошта мешавад.

Дар маконҳои ҷойгиршавӣ (истифода)-и воситаҳои асосӣ барои назорати ҳифзи онҳо рӯйхати инвентарии воситаҳои асосӣ (шакли № ВА-13) бурда мешавад. Дар ин рӯйхатҳо рақам ва санаи карточкаи инвентарӣ, рақами инвентарии объект, номи пурраи он, арзиши аввалӣ ва маълумот оид ба хориҷшавӣ (ҷойивазкунӣ) – сана ва рақами ҳуҷҷат ва сабаби хориҷшавӣ навишта мешавад. Бурдани баҳисобгирии объектҳо дар маконҳои ҷойгиршавӣ дар карточкаҳои инвентарӣ иҷозат дода мешавад.  Дар ин маврид карточкаҳои инвентарӣ дар ду нусха тартиб дода мешаванд ва нусхаи дуюм ба макони ҷойгиршавии объект дода мешавад. Баҳисобгирии объектҳои воситаҳои асосӣ дар маконҳои ҷойгиршавӣ аз ҷониби шахсони барои ҳифзи онҳо масъулбуда ба ҷо оварда мешавад.

Дар охири моҳ маълумоти карточкаҳои инвентарӣ ва варақаи ҳисобузамкунии истеҳлок барои тартиб додани карточкаи баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ асос мешаванд. Маълумоти карточкаи баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ дар охири сол барои тартиб додани варақаи гардишии ҳаракати воситаҳои асосӣ истифода мешаванд.

Баҳисобгирии таҳлилии воситаҳои асосӣ бо истифодаи шаклҳои ҳамсонкардашудаи ҳуҷҷатҳои аввалӣ, ки барои истифодаи воситаҳои техникаи компютерӣ мутобиқ карда шудаанд, асос меёбад.

Воситаҳои асосӣ ба корхона дар натиҷаи сохтмони объектҳо,  тавассути саҳмгузорӣ ба сармояи оинномавии корхона, бо пул харид кардан, иваз кардан бо дигар дороиҳо, чун ҳадя (ройгон, бебозгашт), ёрдами давлатӣ (субсидия) ва бо дигар роҳҳо ворид мешаванд.

Корхонаҳо метавонанд сохтмони объектҳои воситаҳои асосиро бо тарзи паймонкорона ва бо қувваи худӣ (мустақилона) ба ҷо оранд. Ҳангоми бо тарзи паймонкорона иҷро намудани корҳо оид ба сохтани объектҳои воситаҳои асосӣ баҳисобгирии масрафҳо дар асоси арзиши шартномавии ҳисобномаҳои корхонаи паймонкор ба ҷо оварда мешавад. Дар асоси санадҳои қабули корҳо дар баҳисобгирӣ гузарониш бо дебети ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 "Воситаҳои асосӣ" (11010 "Бино ва иншоот", 11020 "Мошин ва таҷҳизот", 11030 "Таҷҳизоти идоравӣ", 11040 "Мебел ва лавозимот", 11050 "Воситаҳои нақлиёт", 11060 "Ободонии моликияти иҷоравӣ", 11070 "Ободонии қитъаҳои замин", 11080 "Дигар воситаҳои асосӣ") ва кредити ҳисоби 22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт" карда мешавад. Маблағи гузарониши мазкур андоз аз арзиши иловашударо низ дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар гузарониши муҳосибии мазкур ҳисоби 10540 "Андозҳои подошшаванда" иштирок намекунад, чунки сархати 5 банди 5 моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон намегузорад, ки андоз аз арзиши иловашудаи дар мавриди хароҷоти харид, истеҳсол, сохтмон, васлкунӣ ва насбкунӣ, инчунин барқароркунӣ (таъмир)-и дороиҳои истеҳлокшаванда пардохтшуда ҷуброн карда (баҳисоб гирифта) шавад. Мутобиқи муқаррароти банди 5 моддаи 111 кодекси мазкур, андоз аз арзиши иловашудае, ки баҳисоб гирифтанаш (ҷуброн карданаш) мумкин нест, дар арзиши дороиҳо (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо)-и харидашуда баҳисоб гирифта мешавад. Аз ин бармеояд, ки андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми бадастории объектҳои воситаҳои асосӣ пардохткардашуда ба арзиши аввалии онҳо зам карда шуда, тавассути истеҳлок ҷуброн карда мешавад.

Ҳангоми мустақилона иҷро намудани корҳои сохтани объектҳои воситаҳои асосӣ масрафҳои воқеӣ дар дебети ҳисоби 11090 "Сохтмони нотамом"  дар гузарониш бо ҳисобҳои

воситаҳои пулӣ, сарватҳои молию моддӣ, ҳисобҳо барои пардохт, ухдадориҳои ҳисобузамшудаи кӯтоҳмуҳлат ва дигар ҳисобҳо ғун карда мешаванд. Ҳангоми ба истифода супоридани объект ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” дар робита бо ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ” кредит карда мешавад.

Дар ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” инчунин объектҳои воситаҳои асосии васлшаванда низ баҳисоб гирифта мешаванд. Дар анҷоми корҳои васлкунӣ ҳисоби 11090 “Сохтмонӣ нотамом” дар робита бо ҳисоби дахлдори гурӯҳи 11000 “Воситаҳои асосӣ” кредит карда мешавад.

Бо дебети ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” инчунин масрафҳои сохтмон (азнавсозӣ)-и объекти сохтмони нотамом, ки дар оянда истифодаи вай чун сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул дар назар аст, инъикос карда мешаванд. Дар анҷоми сохтмон (азнавсозӣ) ҳисоби 11090 “Сохтмони нотамом” дар робита бо ҳисобҳои гурӯҳи 11500 “Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул” кредит карда мешавад.

Воридшавии объектҳои воситаҳои асосӣ чун саҳм ба сармояи оинномавии корхона бо баҳои пулии бо муассисон мувофиқашудаи дар шартномаи муассисӣ муқарраршуда инъикос карда мешавад. Ба шартнома метавонад хулосаи баҳодиҳанда ё аудитори холис замима карда шавад. Дар ин маврид воридшавии объектҳо бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

- муайян кардани андозаи саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ пас аз бақайдгирии давлатӣ:

10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд”

33000 “Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)”

- қабул кардан (ба истифода супоридан)-и воситаҳои асосии ба ҳисоби саҳмҳои худ ба сармояи ойиномавӣ гузоштаи муассисон:

11010 “Бино ва иншоот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

10601 “Қарздории муассисон, ки ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд”

Маблағи барзиёдии арзиши воситаҳои асосии гузошташуда аз маблағи исмии қарздории муассисон бо чунин гузарониш соқит карда мешавад:

11010 “Бино ва иншоот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

33030 “Сармояи барилова пардохтшуда”

Хароҷоти бо кашонидан ва насб кардани объектҳои воситаҳои асосии гирифташуда алоқаманд бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва кредити ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти дахлдор (асосан музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ) ва 22040 “Дигар ҳисобҳо барои пардохт” инъикос карда мешаванд.

Бо пул харид кардани воситаҳои асосӣ аз таҳвилкунандагон бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

- ҳангоми пардохти ҳамзамон аз суратҳисоб:

11010 “Бино ва иншоот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

10210 “Ҳисобҳо бо асъори миллӣ”

- ҳангоми харид бо мавқуфгузории пардохт:

11010 “Бино ва иншоот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

22040 “Дигар ҳисобҳо барои пардохт”

Объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд бо роҳи ивазкунӣ (бартер) ба даст оварда шаванд. Ҳангоми дар баҳисобгирӣ инъикос кардани амалиёти ивазкунӣ ва дар дигар ҳолатҳо баъзе талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифтан муҳим аст. Ҳамин тавр, банди 53 моддаи 17 кодекси мазкур муқаррар мекунад, ки таҳвили молҳо – супоридани ҳуқуқи моликият ба молҳо, аз ҷумла фурӯхтан, иваз ё ҳадя кардан, бебозгашт (ройгон) додан ё додан бо пардохти қисман, дар шакли аслӣ (бо молҳо) пардохт кардани музди меҳнат ва дигар пардохткуниҳо дар шакли аслӣ (молӣ), инчунин ба гаравгиранда додани ҳуқуқи моликият ба молҳои ба гарав мондашуда мебошад. Мутобиқи муқаррароти банди 8 моддаи 23 ҳамин кодекс дар мавриди ҳама андозҳо амалиёти моливазкунӣ ва (ё) дигар амалиёт, аз ҷумла гирфтани даромадҳо ва баҷоории хароҷот дар шакли аслӣ (молӣ)-ро мақомоти андоз чун фурӯши молҳо (натиҷаи корҳо, хизматрасониҳо) бо нархҳои бозорӣ баррасӣ менамоянд.

**Мисол.** Корхона дастгоҳи истеҳсолиро бар ивази маҳсулоти тайёр, ки арзиши аслиаш 22000 сомонӣ ва нархи фурӯши шартномавиаш 28000 сомонӣ мебошад, харид [4, с. 288].

1. Инъикос кардани хариди дастгоҳ:

11020 "Мошин ва таҷҳизот" 28000

22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт" 28000

2. Инъикос кардани фурӯши маҳсулот:

10410 "Ҳисобҳо барои қабул" 28000

44010 "Даромад аз фурӯш" 23729

22320 "ААИ барои пардохт" 4271

3. Соқит кардани арзиши аслии маҳсулоти тайёри фурӯхташуда:

55010 "Арзиши аслии фурӯш" 22000

10740 "Маҳсулоти тайёр" 22000

4. Баҳисоб гирифтани талаботи байниҳамдигарӣ:

22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт" 28000

10410 "Ҳисобҳо барои қабул" 28000

Воситаҳои асосии ройгон (чун ҳадя, бебозгашт) гирифтаи корхона бо арзиши одилонаашон дар санаи қабулкунӣ баҳо дода мешаванд. Қабул кардани ин гуна воситаҳои асосӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешавад:

11010 "Бино ва иншоот" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

33150 "Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда"

Тавре дар нишондодҳои методӣ оид ба истифодаи нақшаи ҳисобҳо пешбинӣ шудааст, минбаъд бо мурури ҳисобузамкунии истеҳлоки объекти воситаҳои асосии ройгон гирифташуда, бақияи ҳисоби 33150 "Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда" бояд бо роҳи соқит кардан ба кредити ҳисоби 66070 "Дигар даромадҳои ғайриамалиёӣ" ба маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда таҳрир карда шавад. Вале Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобузам кардани истеҳлокро барои воситаҳои асосии ройгон гирифташуда иҷозат намедиҳад [1].

Хароҷоти расонидан ва васлкунии объекти воситаҳои асосии бо шартномаи ҳадя ба корхона пешкашгардида аксаран аз ҳисоби ҷониби қабулкунанда ба ҷо оварда мешаванд. Онҳо дар баҳисобгирӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешаванд:

11020 "Мошин ва таҷҳизот" ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

22040 "Дигар ҳисобҳо барои пардохт"

22210 "Музди меҳнати пардохтшаванда"

22240 "Андози иҷтимоии пардохтшаванда"

Воситаҳои аосии чун ёрдам (субсидия) гирифташуда бо арзиши одилона баҳо дода мешаванд ва дар баҳисобгирӣ ё бо роҳи инъикос кардани ёрдам чун даромади мавқуфгузоштешуда (даромади давраҳои оянда), ё бо роҳи тарҳ кардани он ҳангоми муайянкунии арзиши тавозунии объекти дороиҳои ғайримоддӣ инъикос карда мешаванд. Ҳар ду усул чун алтернативаҳои мақбул баррасӣ мешаванд, вале аз диди ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ усули баҳисобгирии ёрдам чун даромадҳои давраҳои оянда муносибтар аст. Дар ин маврид арзиши одилонаи воситаҳои асосӣ дар гузарониш бо дебети ҳисобҳои гурӯҳи 11000 "Воситаҳои асосӣ" ва кредити ҳисоби 22710 "Даромадҳои мавқуфгузошта – грантҳо" инъикос карда мешавад. Минбаъд, ҳамзамон бо ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ба маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда гузарониш оид ба эътирофкунии даромад аз ёрдам тартиб дода мешавад:

22710 "Даромадҳои мавқуфгузошта – грантҳо"

66070 "Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ"

## АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012. Бо илова ва тағйирот то 1 январи соли 2020. - http://andoz.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" аз 20 марти соли 2008, № 375. - http://mmk.tj

3. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии “Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ” НБМ 4/2002. – http://minfin.tj
4. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.

***Каримов Б.Ҳ. – н.и.и., дотсент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***
***Миршарипов Э.Қ. – мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент***
***Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт***

## БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

Тамоюлоти имрӯзаи рушди иқтисодӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт алоқаманд мебошанд. Ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт масъалаҳое мебошанд, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон таъсир мерасонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин шумор берун нест.

Аз нигоҳи иқтисодӣ моҳияти ҷаҳонишавии иқтисодиёт дар ташаккули намуди нави низоми молиявӣ, ба миён омадани ширкатҳои фаромиллӣ, сермаҳсулгардонии савдои ҷаҳонӣ ва дигар рӯйдодҳо ифода меёбад [5, с. 110].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ вусъат меёбад. Ҳамзамон фаъолияти муваффақи субъектҳои иқтисодӣ дар шароити муосир беш аз ҳама аз иттилоотнокӣ ва қобилияти истифодабарии самараноки иттилоот оид ба захираҳои дохилӣ ва берунии муҳити бозор вобаста аст [10]. Акнун иттилоот ба яке аз захираҳои муҳими рушди иқтисодӣ мубаддал гаштааст.

Мусаллам аст, ки имрӯз дар ҷаҳон низоми иқтисодии комилан нав бунёд гардидааст ва дар он мартабаи маҳз иттилоот муҳим аст. Дар ин маврид барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ коркарди миқдори зиёди маълумоти ададӣ бо иҷрои амалҳои мураккаби арифметикӣ ва мантиқии муқоисакунӣ, таҳлил ва тафсир зарур аст. Иҷрои амалҳои мазкур танҳо бо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ ба даст меояд. Корбурди технологияҳои рақамӣ баландшавии рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳи баланди зиндагии аҳолиро таъмин намуда, дар ниҳоят соҳибихтиёрии мамлакат ва истиқлоли миллиро ҳифз менамояд.

Ҳамасола, тӯли чанд соли охир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳимии масъалаҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт таъкид менамоянд. Ҳамин тавр, дар Паёми Президент зикр гардидааст: “Бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем” [1].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ҳадафҳои асосии консепсияи мазкур аз фароҳам овардани шароити мусоидаткунанда барои дигаргуншавии соҳаҳои фаъолияти инсон таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузариш ба расонидани хизматрасониҳои давлатии рақамӣ ва ҳукумати рақамӣ, ҳамаҷониба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ва дар натиҷа тезонидани суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ иборат мебошанд [3].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 бори дигар таъкид намудаанд, ки “Дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Татбиқи барномаҳои қабулнамудаи мо барои гузаштан ба ин раванд қонеъкунанда нестанд ва зарур аст, ки чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи

рақамикунонӣ мусоидаткунанда андешида шаванд” [2]. Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувазҷаф гардид, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намояд.

Ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дахл намудаанд ва равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низ аз ин роҳ дар канор намондаанд. Ҳоло баъзе субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи молиявии худро дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) тартиб дода, инчунин барои осон кардани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ аз дастаҳои программаҳои компютерии муҳосибӣ истифода мебаранд. Дар бозори программаҳои компютерии муҳосибӣ дар мамлакат танҳо маҳсулоти ширкати “1С” (Федератсияи Россия) – “1С: Бухгалтерия” ва “1С: Предприятие” маъмул аст. Маҳсулоти программавии дигар танҳо дар баъзе ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ ва корхонаҳои бузурги тиҷоратӣ-саноатӣ истифода мешаванд.

Омӯзиши ҳолати корбурди СБҲМ ва дастаҳои программаҳои компютерӣ дар корхонаҳо нишон дод, ки имкониятҳои ҳам СБҲМ ва ҳам программаҳои компютерӣ ба таври пурра истифода намешаванд. СБҲМ-ро танҳо корхонаҳои бузург (чун ҶСК “Ширкати алюминийи тоҷик”) барои тартиб додани ҳисоботи молиявии худ истифода мебаранд. Дастаҳои программаҳои муҳосибӣ (асосан 1С: Бухгалтерия)-ро муҳосибони корхонаҳо чун як воситаи сода барои сабук кардани фаъолияти худ ба кор мебаранду халос. Сабаби асосии чунин ҳолат пеш аз ҳама сатҳи пасти дониши муҳосибони аҳли амал дар соҳаи СБҲМ ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Мутобиқ набудани программаҳо ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба пурра истифода набурдани имкониятҳои программаҳои компютерии муҳосибии муосир боис мешавад.

Ҳолати мазкур сабаб шуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 махсусан таъкид намуданд: “... масъалаҳои гузариши пурра ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва низоми маблағгузории электронӣ, аз ҷумла низоми хариди электронии давлатӣ то ҳанӯз ҳал нагардидаанд ва мо дар ин самт аз талаботи замона қафо монда истодаем. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва дигар мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ чораҳои бетаъхир андешанд” [1].

Ҳоло масъалаҳои дарк намудани нақш ва мақоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқи дигаргуниҳо дар муҳтаво, асосҳои методологӣ ва консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ниҳоят мубрам гардидаанд. Масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таъмини мувофиқати он ба талаботи иқтисодиёти нав дар солҳои охир мавзӯи муҳокимаи фаъоли олимон ва мутахассисон мебошад. Зимнан аксари олимон зарурати табдили муҳтаво, хосиятҳо ва шакли пешкашкунии ахбори ҳисоботӣ, рушди принсипҳо, усулҳо ва консепсияҳо, ҳатто дигаршавии нигоҳи илмиро ба мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф менамоянд [9, с. 123].

Мубрамии таҳқиқот дар соҳаи мазкур ҳамчунин аз сабабе тасдиқ мегардад, ки дар солҳои охир пастшавии нафънокии ҳисоботи молиявӣ барои баъзе ҷонибҳои алоқаманд ба назар мерасад. Баъзе изҳорот дар адабиёти илмии соҳа ҷиҳати дар ояндаи наздик маҳв шудани касби муҳосиб, бо вуҷуди баҳспазирии аксари далелҳо ва хулосаҳои овардашуда, вокунишҳои махсус ба миён овардаанд. Тасаввур намудани иқтисодиёти рақамии бе манбаи асосии иттилоотӣ амалкунанда мушкил аст. Маълумоти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдшаванда аз ҷониби доираи доимо васеъшавандаи истифодабарандагони хусусӣ ва ҷамъиятӣ, дохилӣ ва берунӣ (саҳмиядорон, сармоягузорон, танзимкунандагон, мақомоти андоз, гумрук, омор, зиддинҳисорӣ ва дигарҳо) истифода мешаванд.

Арзёбии носутувори ҳастии ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ аллакай ба пастшавии эътибори касби муҳосибӣ мусоидат намуда, ворид шудани насли ҷавонро ба доираи касбӣ маҳдуд менамояд, ҳамчунин ба талабот дар бозори таҳсилоти муҳосибӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои бартараф кардани паёмадҳои номатлуби ҳолати зикршуда муайян намудани салоҳиятҳои калидии муҳосиби оянда, таҳқиқи таъсири равандҳои рақамикунонии муносибатҳои иқтисодӣ ба намои ояндаи касби муҳосибӣ муҳим аст.

Нигоҳи некбинона ҷиҳати ояндаи касби муҳосибӣ асосан аз ҷониби худи муҳосибони аҳли амал изҳор карда мешавад. Онҳо рақамикунонии иқтисодиётро чун омили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дарк мекунанд, на чун сабаби маҳв шудани он. Ба ақидаи онҳо, татбиқи технологияҳои иқтисодиёти рақамӣ ба тавсеаи имконоти муҳосибон мусоидат менамояд, вале дар ин маврид доираи салоҳиятҳои ба ин мутахасисон зарурӣ низ афзӯн мешавад.

Дар адабиёти илмии соҳа муҳокимаҳо оид ба ояндаи касби муҳосиб ва дигаргуниҳо дар раванди омодакунии муҳосибони касбӣ ба назар мерасанд, ки иштирокчиёни фаъоли онҳо муҳаққиқон О.Н. Волкова [4], Н.А. Каморджанова [6], В.В. Ковалев [7], Н.А. Миславская [8] ва дигарон мебошанд. Онҳо аз таърихи тӯлонии баҳисобгирии муҳосибӣ ёдовар шуда, тасдиқ менамоянд, ки ҳоло ба касби муҳосиб талабот пойдор буда, дар оянда низ талабот ба муҳосибони касбӣ меафзояд. Аз ҷумла, талаботи афзӯншаванда ба салоҳияти муҳосибон дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, роҳандозӣ намудани муошират, банақшагирӣ ва таҳлили фаъолият қайд карда мешавад, ки ин дигаршавии муҳити таҳсилотии дахлдорро талаб менамояд.

Ягон хел компютер ҳоло наметавонад мутахассиони бо тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи андоз, ҳуҷҷатҳо барои сармоягузорон, муассисаҳои қарзӣ ва роҳбарияти корхона машғулбударо иваз намояд. Чунки ин ҷо қабул намудани қарорҳои муҳим ва стратегӣ, ки умуман ба соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, талаб карда мешавад. Ин гуна вазифаҳоро ҳатто программаҳои мукаммали зеҳнӣ иҷро карда наметавонанд. Бино бар ин, ҳамеша талабот ба муҳосибони ба иҷрои корҳои таҳлилӣ (таҳлили молиявӣ ва идоракунӣ) ва коркарди муҳокимаронихои касбии муътабар қодирбуда мавҷуд аст.

Муҳосиби оянда бояд донишҳои соҳаи қонунгузорӣ, андозбандӣ, ояндабинӣ, банақшагирӣ, маркетинг, методологияи баҳисобгирӣ ва таҳлил дошта бошад. Вай бояд ба дигаршавиҳои шароити иқтисодӣ мутобиқ шуда тавонад, сиёсати молиявӣ ва баҳисобгирии корхонаро таҳия ва роҳандозӣ намояд, дурнамои рушди фаъолияти тиҷоратии корхонаро муайян кунад, муҳим аз ҳама, - принсипҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро донад ва онҳоро дар фаъолияти касбии худ амалӣ карда тавонад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018 // Ҷумҳурият. – 2018. – 26 декабр. - № 256
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: шаҳри Душанбе, 26 январи соли 2021 // Ҷумҳурият. – 2021. – 27 январ. - № 18
3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 / URL: https://www.medt.tj/tj/strategiya-va-barnomaho/tsifrovaya-ekonomika (санаи истифодабарӣ: 28.02.2021)
4. Волкова, О. Н. О будущем (бухгалтерского) учета - профессии и академической дисциплины [Текст] / О.Н. Волкова // Аудиторские ведомости. - 2017. - № 5-6. - С. 31–42
5. Высотская, А.Б. Влияние глобализации на национальные учетные системы развивающихся стран в условиях информационной экономики [Текст] / А.Б. Высотская // Terra Economicus. – 2014. – Т. 12. - № 2. – С. 109-116
6. Каморджанова, Н.А., Солоненко, А.А. Тенденции развития бухгалтерской профессии в мире нестабильной экономики [Текст] / Н.А. Каморджанова, А.А. Солоненко // Аудиторские ведомости. - 2017. - № 1–2. - С. 120–133

7. Ковалев, В.В. Является ли бухгалтерский учет наукой: ретроспектива взглядов и тенденции [Текст] / В.В. Ковалев// Вестник Санкт-Петербургского университета. Экономика. - 2013. - № 2. - С. 90-112
8. Миславская, Н.А. Реализм, номинализм и возможность исчезновения бухгалтерской профессии [Текст] / Н.А. Миславская // Учет. Анализ. Аудит. - 2018. - № 5 (5). - С. 85-90
9. Одинцова, Т.М., Рура, О.В. Развитие видов, объектов и методов бухгалтерского учета в условиях цифровой экономики и информационного общества [Текст] / Т.М. Одинцова, О.В. Рура // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. - 2018. - Т. 11. - № 4. - С. 120-131
10. Сидорова, М.И. Совершенствование информационной базы для составления интегрированной отчетности коммерческих организаций [Электроный ресурс] / М.И. Сидорова // Управление экономическими системами: электронный научный журнал / URL: http://uecs.ru/uecs56-562013/item/2291-2013-08-21-11-10-03 (дата обращения: 28.02.2021)

***Рахимов С. Х. – к.э.н., доцент***
***Институт туризма, предпринимательства и сервиса***

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Деятельность предприятий туристической отрасли в нашей республике характеризуется высокой степенью нестабильности, отсутствием общей тенденции к прибыльности или убыточности, высокой степенью зависимости от внешней среды. Достаточно часто причиной возникновения кризисных явлений на предприятии является низкий уровень управления и внутреннего контроля за результативностью предпринимательской деятельности. Концепция управления предприятием или система внутреннего контроля за результативностью предпринимательской деятельности, прошла долгую и продолжительную историю развития, и на современном этапе выделяется один из важнейших элементов финансового менеджмента - контроллинга.

Изучением данной проблематики занимались многие зарубежные и отечественные ученые экономисты. Однако требуется дальнейшее исследование вопроса роли контроллера как универсального специалиста в управлении финансовыми ресурсами конкретной предпринимательской деятельности.

Целью статьи является исследование деятельность предприятий туристической отрасли и определение направлений и возможностей внедрения системы контроллинга.

Для того чтобы понять место контроллинга в системе управления предприятием, напомним, что последняя представляет собой формирование и организацию всего производственно-хозяйственного и финансово-экономического процесса, а также координацию и регулирование равных элементов системы. Суть системы управления любого предприятия заключается в определении политики предприятия на длительную перспективу, координации сфер деятельности предприятия, стратегической политики персонала, решении основных задач ведения бизнеса.

Отдельными функциями управления предприятием является планирование и контроль, структурирование организации и управления персоналом. Как задачи, пересекается, присоединяется еще и информационное обеспечение. Итак, система управления состоит из системы планирования и контроля, организационной системы, системы управления персоналом и информационной системы.

Как показывает практика, на крупных предприятиях, а также при возрастающей динамике развития окружающей среды менеджмент объединяет отдельные задачи управления предприятием в отдельные штабные органы управления. Таким образом, отделяется составная часть управления предприятием - специфическая, сервис - функция контроллинга.

С функциональной точки зрения контроллинг осуществляется каждым руководящим работником, а с институциональной - имеют в виду организационно ограниченную сферу задач. Контроллинг является компонентом управления, обеспечивает его информацией для координации, организации и регулирования объектов. Функции организации, координации и регулирования близкие по семантическим значением и означают направленность действий субъекта управления на определенную цель использования объектов. Эта функция усиливается в зависимости от масштаба предприятия, рынка сбыта, ассортимента скорости изменений внешней и внутренней среды.

Информация бухгалтерского учета используется в системе управления для принятия решений. Эффективность управленческих решений зависит от качества учетной и других видов информации. Недостоверная, недостаточная информация приводит к некачественных, ошибочных решений. Управленческий аппарат участвует в разработке планов, организации и регулировании деятельности, измерении результатов и оценке отклонений от запланированных данных в специфической форме - принятии решений по сбыту, производству, поставке и оценки показателей, характеризующих улучшение хозяйственной деятельности.

Контроллинг позволяет предприятию адаптироваться к постоянному изменению среды и успешно выживать в условиях конкуренции. Адаптация требует способности к развитию, трансформации элементов хозяйственной деятельности и системы управления в таком направлении, которое обеспечивает выживание предприятия.

Осложнения окружающей среды, в которой функционирует предприятие, требует усложнения системы контроля за его деятельностью, то есть адаптации к новым условиям. Критерием способности адаптироваться для предприятия является получение положительного результата финансовой деятельности, а потому ориентация на прибыль показывает, что предприятие демонстрирует свою волю выстоять, преодолевая изменения, часто нежелательные в окружающей среде.

Те предприятия, которые ориентируются на длительное и упорное выживание, должны перейти от пассивной регистрации хозяйственной деятельности (финансовый учет) к системам учета, которые позволяют обеспечить данные для сознательного анализа и оценки своей позиции в меняющемся окружении (контроллинг).

Контроллинг служит подсистемой одного из блоков информационной системы управления, обслуживающего процесс принятия управленческих решений. При этом контроллинг рассматривается как концепция управления предприятием, которая ориентирована на его длительное и эффективное функционирование в хозяйственных условиях, постоянно меняются.

Контроллинг можно охарактеризовать как систему определения целей, прогнозирования и планирования механизмов и инструментов достижения этих целей, а также проверки того, насколько успешно выполнены поставленные цели. В случае отклонений факта от плана, контроллинг должен разработать рекомендации по применению корректирующих мероприятий. С этой точки зрения, контроллинг представляет собой систему наблюдения и изучения экономического механизма конкретного предприятия и разработки путей достижения цели, которую оно ставит перед собой: эта система является ориентированной на будущее развитие предприятия.

В процессе функционирования предприятия контроллинг формирует информационные каналы и осуществляет информационное обеспечение предприятия. Именно поэтому на предприятии должно уделяться значительное внимание повышению эффективности информационного менеджмента. Для этого нужно создавать банк технико-экономических данных, содержащий базу показателей производственного и финансового учета и информацию, которая будет поступать из внешней среды.

Одной из составляющих контроллинга мониторинг выполнения плановых параметров финансово-хозяйственной деятельности предприятия и соблюдения целевых значений. Мониторинг является новым инструментом развития хозяйственной деятельности. Спрос на

него растет из-за увеличения неопределенности хозяйствования, но сегодня нет обоснованной научно отечественной методики мониторинга хозяйственной деятельности в виде финансово-экономического контроля, а практика показывает только его элементы.

Система мониторинга представляет собой разработанный на предприятии механизм постоянного наблюдения за показателями финансовой деятельности, определения размеров отклонений фактических результатов от предусмотренных и выявления их причин.

Мониторинг финансовых потоков направлено на проверку соответствия реальных финансовых потоков предприятия запланированным в его бюджете денежным средствам, а также разработку адекватных результатов проверки управленческих решений по прямым и обратной связью. В качестве обеспечительных функций управления финансовыми потоками предприятия принимают бухгалтерский учет и финансовый анализ, который является диагнозом его финансового состояния, что делает определение недостатков и просчетов, выявления и мобилизации внутрихозяйственных резервов, увеличение доходов и прибыли. Результаты анализа используются в процессе финансового планирования и прогнозирования.

Функционирование предприятия сопровождается непрерывным круговоротом средств, который осуществляется в виде затрат ресурсов и получения доходов. При этом система мониторинга определяет источники средств, направления и формы финансирования, оптимизирует структуру капитала, проводит расчеты с поставщиками материально-технических ресурсов, покупателями продукции, государственными органами, персоналом.

Обеспеченность финансовыми ресурсами оценивают за финансовым состоянием предприятия, что свидетельствует о способности последнего наличными и быстро ликвидными средствами осуществить успешное выполнение планов по всем видам деятельности и своевременно выполнять при этом обязательства по платежам.

Мониторинг позволяет предприятию адаптироваться к постоянному изменению среды и успешно выживать в условиях конкуренции. Адаптация требует способности к развитию, трансформации элементов хозяйственной деятельности и системы управления в таком направлении, которое обеспечивает выживание предприятия. Критерием способности адаптироваться для предприятия является получение результата финансовой деятельности, а потому ориентация на прибыль показывает, что предприятие демонстрирует свою волю выстоять, преодолевая изменения, часто нежелательные в окружающей среде. Для мониторинга важно учитывать изменениям внутренней и внешней среды. В отличие от финансового учета, который отслеживает, в основном, внутренние изменения в хозяйственной деятельности и управлении, учитывает изменения внутри системы наблюдения лишь в определенной степени по ее границам.

Сфера функциональной компетенции контроллинга охватывает также разработку стратегии деятельности предприятия - определение основных его долгосрочных целей и задач, выбор курса, необходимого для достижения поставленных целей. Реализация разработки стратегии деятельности предприятия осуществляется с помощью стратегического планирования, главные задачи которого сводятся к:

- определение стратегических направлений предприятия;
- формулирование стратегии развития;
- определение стратегических факторов успеха;
- определение стратегических горизонтов планирования.

Эффективность стратегии определяется тем, насколько большим может быть разрыв между стратегическим планом и реальными возможностями предприятия.

На основании стратегических целей и долгосрочных планов развития предприятия разрабатываются оперативные планы. Основной их формой является бюджетирование, поскольку оно характеризуется краткосрочностью, высоким уровнем конкретизации, внутренней направленности, тесной интеграцией с контролем и анализом отклонений. Плановые показатели по этому методу целесообразно вычислять на основании нового расчета всех норм и нормативов затрат, их состав и структуры.

Одной из важнейших функций управления является контроль эффективности выполнения плановых заданий. Контроль - это неотъемлемая составляющая и предпосылка планирования. Без синтеза планирования и контроля существует большая угроза неправильно оценить возможные финансовые риски, а следовательно, прибегнуть к ошибочным, запоздалых или нескоординированных управленческих решений и действий. Взаимосвязь планирования и контроля составляет основное содержание контроллинга - систематическое сравнение фактических показателей деятельности предприятия с запланированными и последующий анализ отклонений. Стоит отметить, что контроллинг - это система, ориентированная на текущий и перспективный развитие предприятия, тогда как собственно контроль как функциональная составляющая контроллинга направлен на проверку операций, которые уже состоялись.

В сферу функциональных обязанностей контроллинга относятся также консалтинг и внутренний аудит. Функции консультирования контроллинга необходимые при разработке методического обеспечения отдельных подразделений предприятия, подготовки и заказ руководства выводов и рекомендаций по решению тех или иных проблем, с которыми сталкивается предприятие в целом или его структурные подразделения. Кроме того, консультационные услуги можно и уместно предоставлять при проведении внутреннего аудита, а также в случае выявления определенных недостатков или резервов.

Реализация функций осуществляется на основе определенных методов. Служба контроллинга в процессе выполнения своих функций может прибегать как к загальнометодологичних и общеэкономических методов (наблюдение, сравнение, группировка, анализ, трендовый анализ, синтез, систематизация, прогнозирование), так и к специфическим. К специфическим методам контроллинга относятся:

- бенчмаркинг - непрерывный процесс сравнения товаров, производственных процессов, методов и других параметров исследуемого предприятия с аналогичными объектами других предприятий или структурных подразделений;

- стоимостный анализ - исследование функциональных характеристик выпускаемой продукции, с точки зрения эквивалентности их стоимости и полезности;

- анализ точки безубыточности - определение минимального объема реализации продукции, при котором предприятие может обеспечить безубыточную операционную деятельность в краткосрочном периоде;

- портфельный анализ - метод стратегического контроля, заключается в оптимизации и обосновании портфеля отдельных групп продукции, каждая из которых оценивается по доходности и рискованности производства.

- опрос (анкетирование) работников всех структурных подразделений и руководства предприятием с целью выявления сильных и слабых сторон, а также потенциальных резервов.

Опыт стран, где система контроллинга имеет историю развития (США, Германия) также свидетельствует о целесообразности ее выделение в отдельную структурную единицу.

В процессе изменения среды бизнеса контроллеру необходимо адаптироваться к существенно отличных требований, которые включают стратегическое планирование и партнерство. Сегодня американский контроллер должен иметь навыки, включающие помощь руководителю в формировании стратегии предприятия, предоставление консультационных услуг руководству в разработке целей.

Как показал проведенный нами анализ, эффективность внедрения методов контроллинга подтверждается не только высокоразвитыми странами, такими как США, Великобритания или Германия, но и странами постсоветского пространства.

Современное состояние контроллинга в нашей стране характеризуется явным уклоном в оперативный контроллинг, который в методическом и функциональном плане хорошо разработан. Наиболее распространенными составляющими оперативного контроллинга контроллинг затрат и результатов. Практически все современные программные средства информационной поддержки систем управления включают блоки «Контроллинг затрат», «Контроллинг финансов», «Контроллинг показателей эффективности». Но в условиях

жесткой рыночной конкуренции информационного века существенно большее значение имеет долгосрочное развитие, основными факторами которого являются:

• грамотное стратегическое управление;

• эффективность бизнес-процессов;

• капитал компании, воплощенный в знаниях и квалификации сотрудников;

• способность организации удерживать и привлекать новых клиентов;

• корпоративная культура, поощряющая инновации и организационные улучшения, инвестиции в информационные технологии.

Анализ практики использования методов контроллинга в системе управления финансами предприятий в нашей республике позволяет отметить, что нынешняя ситуация напоминает предпосылки формирования и широкого применения данной концепции, но существуют сдерживающие факторы. Во-первых, нестабильность политической среды имеет значительный стратегическое влияние на бизнес, во-вторых, продолжаются процессы перераспределения собственности. В то же время, все больше отечественных предприятий, перенимая опыт зарубежных специалистов и несмотря на сдерживающие факторы, начинают работу по изучению и внедрению в свою деятельность как отдельных элементов, так и всей системы контроллинга. Некоторые отечественные компании успешно внедрили систему контроллинга и реализуют гораздо более интересную и динамичную стратегию развития, чем большинство их зарубежных коллег.

К сожалению, в нашей стране отсутствуют какие-либо аналитические материалы о влиянии системы контроллинга на общие результаты деятельности всего предприятия в связи с ограниченностью горизонтов функционирования.

Итак, контроллинг представляет собой комплексную специальную саморегулирующуюся систему методов и инструментов, которая направлена на функциональную поддержку менеджмента предприятия и включает информационное обеспечение, планирование, координацию, контроль и внутренний консалтинг. Введение методов и способов контроллинга на предприятиях туристической отрасли позволяет более эффективно использовать имеющиеся ресурсы и оптимизировать формирование финансовых результатов от каждого вида деятельности, о чем свидетельствует и зарубежный опыт применения контроллинга. При этом будут использоваться как традиционные методы так специфические методы контроллинга, будет осуществляться различного рода планирование и контроль за его выполнением согласно разработанного дерева целей.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Вебер Ю. Введение в контроллинг / Ю. Вебер, Шеффер Утц. - Москва: ИЛ, 2016. - 416 с.
2. Джордан Джон Контроллинг затрат на продукт с помощью решений SAP / Джон Джордан. - Москва: СПб. [и др.] : Питер, 2015. - 608 с.
3. Ивашкевич, В.Б. Практикум по управленческому учету и контроллингу / В.Б. Ивашкевич. - Москва: РГГУ, 2015. - 192 с.
4. Шелудько, В.Н. Финансовый менеджмент: учебник / В.Н. Шелудько. - М.: Знание, 2006. - 439 с.

***Давлатзода М.Х. – к.э.н., доцент***
***Таджикский национальный университет***
***Каримиён М.Б. – бухгалтер-практик, аутсорсер***

## УЧЕТ УДЕРЖАНИЯ ПОДОХОДНОГО НАЛОГА

Плательщиками подоходного налога являются физические лица - резиденты и нерезиденты, имеющие объекты налогообложения. Объектом налогообложения является налогооблагаемый доход, включая любой доход, полученный следующими налогоплательщиками, независимо от места и способа выплаты, определяемый за налоговый период как разница между валовым доходом и вычитаемыми расходами:

- физическими лицами, являющимися резидентами, из источников в Республике Таджикистан и за пределами Республики Таджикистан;
- физическими лицами, не являющимися резидентами, из источников в Республике Таджикистан.

Все виды доходов, вознаграждения и выгоды, выплачиваемые в пользу физического лица в денежной, натуральной и нематериальной форме, кроме доходов, освобожденных от подоходного налога, относятся к валовому доходу этого физического лица, в том числе:

- доходы, полученные в виде заработной платы;
- доходы от деятельности, не являющейся работой по найму;
- любые другие доходы.

Любые выплаты, выгоды или вознаграждения, в том числе в натуральной и нематериальной форме, полученные физическим лицом, независимо от формы и места выплаты, считаются доходом, полученным в виде заработной платы, в том числе:

- доходы от работы по найму;
- доходы от оказания услуг (выполнения работ) в соответствии с договорами гражданско-правового характера или без них, включая вознаграждения по авторским договорам, за исключением договоров, предметом которых является переход права собственности или передача имущественных прав;
- доходы от прежней работы по найму, получаемые в виде пенсии или в ином виде, или доходы от предстоящей работы по найму.

Доход, полученный налогоплательщиком в виде заработной платы, включает следующие формы натуральной оплаты:

- оплата труда в натуральной форме;
- стоимость имущества, полученного на безвозмездной основе. Стоимость безвозмездно выполненных работ, оказанных услуг определяется в размере расходов, понесенных в связи с таким выполнением работ, оказанием услуг;
- оплата работодателем стоимости товаров, выполненных работ, оказанных услуг, полученных работником от третьих лиц.

**Пример 1.** ООО «Бинокор» в октябре 2018 года начислило заработную плату своему главному бухгалтеру Самадзода Л.З. в размере 3600 сомони. В этом же месяце ООО «Бинокор» за свой счет безвозмездно осуществило ремонт квартиры, принадлежащей Самадзоде Л.З. Ремонт квартиры для ООО «Бинокор» обошелся в 12000 сомони.

Стоимость безвозмездно полученного ремонта для Самадзода Л.З. в целях налогообложения считается его доходом в виде заработной платы. В связи с этим, доход (заработная плата) Самадзода Л.З. в целях исчисления подоходного налога за октябрь месяц 2018 года составит 15600 сомони ($3600 + 12000$), где 3600 сомони – начисленная заработная плата, 12000 сомони – доход в натуральной форме в виде безвозмездно полученного ремонта квартиры со стороны работодателя.

**Пример 2.** ООО «Закариё» за свой счет оплачивает обед своих сотрудников в столовой, расположенной неподалеку от своего офиса. Стоимость одного обеда составляет 12 сомони. В календарном месяце 22 рабочих дня. ООО «Закариё» начислило 2200 сомони заработную плату своему бухгалтеру Рахматзоде Т.Б. за этот месяц.

В данном случае, доход (заработная плата) Рахматзода Т.Б. в целях исчисления подоходного налога составит 2464 сомони ($2200$ сомони $+ 22 \times 12$ сомони), где 2200 сомони – начисленная заработная плата, 264 сомони – доход в натуральной форме, в виде оплаченного обеда сотрудника работодателем (ООО «Закариё»).

Стоимость выгод налогоплательщика равняется следующей сумме за минусом любого платежа самого налогоплательщика за полученную выгоду:

- в случае получения ссуды по процентной ставке ниже рыночной ставки по ссудам такого типа - сумма, равная процентам, подлежащим уплате по рыночной ставке;

- в случае продажи или безвозмездной передачи товаров, работ или услуг - рыночная стоимость таких товаров, работ или услуг;
- в случае помощи в получении работником или его иждивенцами образования (исключая программы подготовки, непосредственно связанные с выполнением работником его обязанностей) - стоимость помощи, оказанной получателю;
- в случае возмещения работнику расходов, не связанных непосредственно с его работой по найму - сумма возмещения;
- в случае прощения долга или обязательства работника по отношению к работодателю - сумма прощенного долга или обязательства;
- в случае выплаты страховых премий по договорам страхования жизни и здоровья и других подобных сумм работодателем - стоимость для работодателя этих страховых премий или сумм;
- в других случаях - рыночная стоимость выгоды.

**Пример.** Рахматзода Т.Б. работает бухгалтером в ООО «Закариё». За ноябрь 2018 года Рахматзоде Т.Б. начислена заработная плата в размере 2200 сомони. Кроме того, 1 ноября 2018 года ООО «Закариё» выдало ему беспроцентный кредит на сумму 8000 сомони сроком на один месяц. За прошедший промежуток времени, то есть с 1 ноября по 30 ноября 2018 года, рыночная процентная ставка по таким займам составляла 30% годовых ($30 \div 12 = 2{,}5\%$ в месяц). То есть, если Рахматзода Т.Б. получил данный займ в банке, заплатил бы за него проценты по ставке 2,5%. 30 ноября 2018 года Рахматзода Т.Б. полностью погасил сумму займа.

В данном случае валовой доход Рахматзода Т.Б. в целях исчисления подоходного налога за ноябрь месяц 2018 года составляет 2400 сомони ($2200$ сомони $+ 8000$ сомони $\times 0{,}025$), где 2200 сомони – начисленная заработная плата, 200 сомони – выгода от полученного беспроцентного займа.

Валовой доход работника не включает сумму возмещения работодателем командировочных расходов в соответствии с нормами, установленными в соответствующих нормативных правовых актах, а также сумму возмещения командировочных расходов международными организациями и их учреждениями, фондами, неправительственными организациями-нерезидентами за счет средств вышеуказанных лиц.

Валовой доход не включает выплаты на представительские и другие подобные расходы (на проведение торжеств, размещение гостей и другое), полученные физическим лицом.

Оплата в натуральной (или нематериальной) форме, стоимость выгод, выплаты и затрат работодателя в пользу физических лиц включают сумму акцизного налога, налога на добавленную стоимость и любого другого налога, подлежащего уплате работодателем в связи с оцениваемой сделкой.

Следующие доходы от непредпринимательской деятельности физического лица представляют собой доход физического лица от деятельности, не относящейся к работе по найму:

- процентный доход;
- дивиденды;
- доход от сдачи в аренду (наем) имущества, прирост стоимости от продажи имущества;
- роялти;
- сумма прощения долга налогоплательщика его кредитором.

К доходам физического лица от деятельности, не относящейся к работе по найму, также относится любая полученная им выгода и (или) другой доход, кроме дохода в виде заработной платы и (или) дохода от индивидуальной предпринимательской деятельности.

Налоговой базой подоходного налога является налогооблагаемый доход, полученный физическими лицами - резидентами и нерезидентами, определяемый за налоговый период как разница между валовым доходом и вычитаемыми расходами.

Физическое лицо-нерезидент, осуществляющее деятельность в Республике Таджикистан через постоянное учреждение, является плательщиком подоходного налога в отношении налогооблагаемого дохода, связанного с постоянным учреждением и определяемого как разница между валовым доходом из источников в Республике Таджикистан, связанным с постоянным учреждением, и суммой вычитаемых расходов (вычетов), связанных с полученным доходом. Валовой доход физического лица-нерезидента у источника в Республике Таджикистан, не связанного с дельностью его постоянного учреждения, подлежит налогообложению у источника выплаты без осуществления вычетов.

*Постоянное учреждение нерезидента (иностранного предприятия или нерезидентного физического лица)* - постоянное место, через которое нерезидент полностью или частично осуществляет предпринимательскую деятельность, в том числе деятельность, выполняемую через уполномоченное лицо.

Физическое лицо-нерезидент, получающее из источника в Республике Таджикистан доход от продажи или передачи имущества (имущественных прав), не связанный с его постоянным учреждением в Республике Таджикистан, является плательщиком подоходного налога с валового дохода такого вида, уменьшаемого на сумму вычетов, относимых к такому доходу. Если соответствующий налог с дохода от продажи или передачи имущества (имущественных прав) указанным физическим лицом–нерезидентом не был уплачен, юридическое лицо, в котором данный нерезидент имел (имеет) имущественные права, либо его налоговый агент, выплачивающий доход нерезиденту, обязан без вычета расходов удержать и уплатить налог.

При обложении подоходным налогом, не допускается вычет работодателем из валового дохода физического лица – наемного работника расходов, связанных с работой по найму этого наёмного работника.

По каждому виду доходов физического лица, в отношении которых установлены различные налоговые ставки, налоговая база определяется отдельно.

Из дохода физического лица – наемного работника в виде заработной платы осуществляется личный вычет в размере одного показателя для расчетов за каждый календарный месяц.

Из дохода в виде заработной платы следующих категорий физических лиц – наемных работников осуществляется личный вычет в размере 10 показателей для расчетов за каждый календарный месяц:

- героев Советского Союза, героев социалистического труда, героев Таджикистана, участников Великой Отечественной войны и лиц, приравненных к ним, участников других военных операций по защите Союза Советских Социалистических Республик из числа военнослужащих, проходивших службу в воинских частях, штабах и учреждениях, входивших в состав действующей армии, бывших партизан, воинов-интернационалистов, а также инвалидов с детства и инвалидов I и II групп;
- граждан, заболевших и перенесших лучевую болезнь, вызванную последствиями аварий на атомных объектах; принимавших участие в работах по ликвидации последствий таких аварий в пределах зоны отчуждения; занятых в период ликвидации последствий аварий на эксплуатации или других работах на атомных объектах.

Из дохода физического лица – наемного работника допускается один, наибольший по размеру, личный вычет, установленный на основе подтверждающих документов. В случае, если физическое лицо являлось наемным работником менее шестнадцати календарных дней в течение месяца, то при определении налогооблагаемого дохода работника личный вычет не производится. Личный вычет допускается по доходам, полученным только по одному (основному) месту работы работника. В случае физического лица, не являющегося наемным работником и индивидуальным предпринимателем, личный вычет допускается только по одному месту выплаты дохода, определяемому на основании поданного им заявления.

При исчислении налогооблагаемого дохода физического лица осуществляется вычет из его дохода суммы удержанного социального налога для застрахованных лиц (по ставке 1%).

Налогооблагаемый доход физического лица – наемного работника по основному месту работы подлежит обложению подоходным налогом по следующим ставкам:

- если размер налогооблагаемого дохода за налоговый период (месяц) не превышает размер личного вычета, то такой доход подоходным налогом не облагается;
- налогооблагаемый доход свыше размера личного вычета до 140 сомони – по ставке 8%;
- налогооблагаемый доход свыше 140 сомони – по ставке 13%.

Все остальные налогооблагаемые виды доходов физического лица облагаются подоходным налогом по ставке 13% без применения вычетов, за исключением вычета по уплаченному социальному налогу для застрахованного лица (1%).

**Пример 1.** Рахматов С.М., являющийся резидентом Республики Таджикистан, в рамках трудового договора работает в ООО «Закариё» кассиром. Работа в ООО «Закариё» для Рахматов С.М. является основным местом работы. За ноябрь 2019 года ему была начислена заработная плата в размере 1800 сомони. Налогообложение дохода Рахматов С.М. осуществляется работодателем (ООО «Закариё»), который считается налоговым агентом по отношение к его доходу.

Так как начисленная заработная плата Рахматов С.М. превышает 140 сомони, в целях исчисления подоходного налога применяется две ставки - 8% и 13%. Расчет социального и подоходного налогов производится в таком порядке:

$1800\ \text{сомони} \times 0{,}01 = 18\ \text{сомони}$ – социальный налог, удерживаемый с начисленной заработной платы;

$1800\ \text{сомони} - 18\ \text{сомони} = 1782\ \text{сомони}$ – вычет по удержанному социальному налогу;

$(140 - 55) \times 0{,}08 = 6{,}8\ \text{сомони}$ – подоходный налог со 140 сомони с вычетом одного показателя для расчетов (необлагаемого дохода) по ставке 8%;

$(1782\ \text{сомони} - 140\ \text{сомони}) \times 0{,}13 = 213{,}46\ \text{сомони}$ – подоходный налог с суммы превышающий 140 сомони по ставке 13%;

$6{,}8\ \text{сомони} + 213{,}46\ \text{сомони} = 220{,}26\ \text{сомони}$ – сумма подоходного налога, удерживаемого с начисленной заработной платы Рахматов С.М.;

$1800\ \text{сомони} - 18\ \text{сомони (социальный налог)} - 220{,}26\ \text{сомони (подохоный налог)} = 1561{,}74\ \text{сомони}$ – заработная плата Рахматов С.М. за вычетом социального и подоходного налогов.

**Пример 2.** Рахматов С.М. в рамках трудового договора работает по совместительству старшим преподавателем в Институте туризма, предпринимательства и сервиса. За ноябрь 2018 года ему была начислена заработная плата в размере 880 сомони. Налогообложение дохода Рахматов С.М. осуществляется работодателем – Институтом туризма. предпринимательства и сервиса как налогового агента.

Работодатель, не являющийся основным работодателем налогоплательщика, обязан удержать подоходный налог с заработной платы по ставке 13% без применения личного вычета, кроме вычета по социальному налогу. Расчет социального и подоходного налогов производится в таком порядке:

$880\ \text{сомони} \times 0{,}01 = 8{,}8\ \text{сомони}$ – социальный налог, удерживаемый с начисленной заработной платы;

$(880\ \text{сомони} - 8{,}8\ \text{сомони}) \times 0{,}13 = 113{,}26\ \text{сомони}$ – подоходный налог, удерживаемый с начисленной заработной платы;

$880\ \text{сомони} - 8{,}8\ \text{сомони (социальный налог)} - 113{,}26\ \text{сомони(подоходный налог)} = 757{,}94\ \text{сомони}$ – заработная плата Рахматов С.М. за вычетом налогов.

**Пример 3.** Физическое лицо, резидент Республики Таджикистан Акбар Т.Б. не являющимся индивидуальным предпринимателем, сдает в аренду жилое помещение,

принадлежащее ему на право собственности ООО «Шахрисабз». В соответствии с договором аренды ежемесячная арендная плата составляет 1800 сомони в месяц.

В данном случае, доход Акбара Т.Б. не считается доходом виде заработной платы, и подлежит обложению подоходным налогом по ставке 13%:

$1800 \text{ сомони} \times 0{,}13 = 234 \text{ сомони};$

$1800 \text{ сомони} - 234 \text{ сомони} = 1566 \text{ сомони}$ – чистый доход Акбара Т.Б. обложенный подоходныи налогом.

Так как арендные платежи в силу части 4 статьи 213 Налогового кодекса Республики Таджикистан не являются объектом обложения по социальному налогу, вычет социального налога (1%) не производится.

Налогооблагаемый доход в виде заработной платы физического лица-нерезидента облагается подоходным налогом по ставке 25% (без вычетов).

**Пример.** Гражданин Исламской Республики Афганистан Шараф В.Д. (нерезидент Республики Таджикистан) работает в ООО «Закариё» менеджером по продажам. За ноябрь 2018 года ему была начислена заработная плата в размере 2400 сомони.

Расчет удерживаемого подоходного налога производится следующим образом:

$2400 \text{ сомони} \times 0{,}25 = 600 \text{ сомони}$ – сумма подоходного налога, удерживаемого с заработной платы нерезидента;

$2400 \text{ сомони} - 600 \text{ сомони} = 1800 \text{ сомони}$ – заработная плата Шарафа В.Д. за вычетом подоходного налога.

Доход физического лица нерезидента из источника в Республике Таджикистан, не относящийся к постоянному учреждению этого нерезидента в Республике Таджикистан, подлежит обложению налогом у источника выплаты как валовой доход, без осуществления вычетов (за исключением вычета налога на добавленную стоимость в соответствии со статьей 177 Налогового Кодекса Республики Таджикистан), по нижеследующим ставкам:

- дивиденды и проценты – 12%;
- страховые взносы, выплачиваемые резидентом в соответствии с договорами страхования и перестрахования рисков – 6%;
- платежи, производимые резидентом за телекоммуникационные или транспортные услуги при осуществлении международной связи или международных перевозок между Республикой Таджикистан и другими государствами - 5%;
- платежи по морскому фрахту – 6%;
- доходы в виде заработной платы - 25%;
- иные доходы – 15%.

В соответствии со статьей 125 Налогового кодекса Республики Таджикистан, юридические лица, в том числе их обособленные подразделения, индивидуальные предприниматели и постоянные учреждения нерезидентов при выплате доходов физическим лицам в виде заработной платы, а также при выплате доходов физическим лицам, не зарегистрированным в качестве индивидуальных предпринимателей за оказанные услуги и выполненные работы, выступают как налоговый агент и обязаны удерживать социальный и подоходные налоги у источника выплаты. Лицо, выплачивающее доходы физическим лицам, несет ответственность за удержание и уплату социального и подоходного налогов в бюджет. Если суммы налогов своевременно не уплачены в бюджет, лицо, выплачивающее доход, обязано внести за свой счет в бюджет сумму неудержанного и неперечисленного в бюджет налога, а также соответствующие штрафы и проценты.

Удерживающие (исчисляющие) налог у источника выплаты, в том числе лица, получающие средства на выплату заработной платы в кредитных организациях, обязаны перечислять удержанные (начисленные) налоги (социальный налог и подоходный налог) в бюджет одновременно с получением средств на выплату дохода в виде заработной платы, в других случаях - в течение 5 рабочих дней после окончания месяца, в котором были произведены выплаты (платежи). Кредитным организациям запрещается выдавать наличные

денежные средства на выплату доходов в виде заработной платы без предварительного перечисления в бюджет налогоплательщиками (налоговыми агентами) суммы социального и подоходного налогов, соответствующей вышеуказанной сумме наличных денежных средств.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 17 сентября 2012 года. С дополнениями и изменениями до 1 января 2020 года. - http://andoz.tj

2. Инструкция по исчислению и уплате подоходного налога. Утверждено Распоряжением Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан от 1 февраля 2013 года, № 5-Ф. - http://andoz.tj

3. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.

***Тоҳирова Р.С. – н.и.и., дотсент***
***Асоев К.Р. – магистрант***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## ТАШКИЛИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ ДАР НИЗОМИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТӢ

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки онро моҳи сентябри соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудааст, масъалаи тақвият бахшидан ба рушди ниҳодӣ дар самти таъмини назорати молиявии самаранок, шаффоф ва зиддикоррупсионӣ ба маркази диққат гузошта шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 26 декабри соли 2018 муҳимии такмили низоми идораи молияи давлатиро дар раванди амалисозии ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд қайд намуда, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, ки стратегияи идоракунии молияи давлатиро бо назардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои босифати қисми даромад ва хароҷоти буҷет, шаффофияти хароҷоти буҷет, инчунин, пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳот дар ин самтҳо татбиқ намояд.

Вобаста ба афзалиятҳои зикршуда дар Стратегияи миллии рушд мушкилоти дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ мавҷудбуда муайян карда шудаанд, ки яке аз онҳо пешравии нокифоя дар самти гузариш аз принсипи маблағгузории харҷномавӣ (сметавӣ)-и вазоратҳо ва идораҳо ба маблағгузории барномавӣ-ҳадафии ба натиҷа нигаронидашуда мебошад. Аз ин хотир, яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти раванди буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ноил гардидан ба буҷети ба натиҷа нигаронидашуда мебошад.

Ислоҳоти раванди буҷетии ба натиҷа нигаронидашуда равиши наверо дар баҷоории назорати молиявӣ тақозо менамояд, ки ба муайянкунии самаранокии харҷкунии воситаҳои давлатӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳо ва ҳалли масъалаҳои бо санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ муқарраргардида имкон диҳад. Ба қавли дигар, ҳангоми гузариш ба стандартҳои байналмилалии буҷетнигорӣ масъалаҳои равона намудани диққат аз кори ревизионии анъанавӣ ба назорати самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ ниҳоят мубрам мегардад [5, с. 124].

Барои расидан ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми буҷетӣ ташкил намудани чунон низоми баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи буҷетӣ лозим аст, ки имкон диҳад, на танҳо дурустӣ ва мақсаднокии харҷкунии воситаҳои буҷетӣ, инчунин натиҷанокии истифодаи онҳо назора карда шуда, он барои баҳодиҳии воқеъбинонаи дороиҳо ва уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ маълумот пешниҳод намояд.

Дар солҳои охир дар истифодаи воситаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд, ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадона, далелҳои камомад ва тороҷи маблағҳои буҷетӣ зиёд шудаанд. Камомадҳои буҷети давлатиро метавон дар дохили худи буҷет ошкор намуд, инчунин метавон ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадонаи маблағҳои

буҷетиро пешгирӣ ва бартараф намуд, агар воситаҳои махсуси назорат ва таҳлили истифодаи воситаҳои давлатӣ ба кор бурда шаванд. Яке аз усулҳои нав ва воситаи муҳими баҳодиҳӣ ва назорати истифодаи воситаҳои давлатӣ (буҷетӣ) ин аудити самаранокӣ мебошад.

Дар тафовут аз аудити молиявӣ, ки истифодаи қонунан ва мақсадноки воситаҳои буҷетиро месанҷад, аудити самаранокӣ ба масъалаҳое дахл мекунад, ки бо истифодаи самараноки воситаҳои давлатӣ, ки метавонанд шаклҳои гуногун ва робитаҳои мураккаби сабабию натиҷавӣ дошта бошанд, алоқаманд мебошанд [9, с. 33].

Аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ зуҳуроти нав дар назария ва амалияи назорати молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бино бар ин, ҳоло дар илми иқтисодии ватанӣ таҳқиқотҳои мукаммале вуҷуд надоранд, ки асосҳои назариявӣ ва методии ин самти назорати молиявии давлатиро кушода дода тавонанд. Баъзе интишороти илмӣ ҳастанд, ки дар онҳо масъалаҳои умумии рушди аудити давлатӣ ва аудити самаранокӣ чун яке аз самтҳои он ба таври умумӣ баррасӣ шудаанд [9; 10]. Вале дар адабиёти хориҷӣ ба омӯзиши ин масъала диққати муҳим дода шудааст. Таҳқиқоти зиёди бевосита ба масъалаҳои ташкил ва рушди аудити самаранокӣ бахшидашуда зиёданд [5; 6; 9; 10; 11].

Бояд қайд кард, ки нуктаҳои назари муаллифон дар мавриди маънидодкунии мафҳуми аудити самаранокӣ мухталиф буда, онҳо барои аниқ дарк кардани асосҳои назариявӣ ва муайян намудани мақоми аудити самаранокӣ дар назорати молиявии давлатӣ имкон намедиҳанд. Дар адабиёт мухтавои аудити самаранокӣ ба таври умумӣ шарҳ дода шудааст ва ҷиҳатҳои хосаи он аз madди назар берун мондаанд. Масалан, С.Н. Рябухин чунин меҳисобад, ки аудити самаранокӣ дар фаҳмиши васеъ аз ҷониби мақомоти назорати молиявии давлатии мамлакатҳои мутараққӣ чун маҷмӯи чорабиниҳо оид ба санҷиши мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади баҳодиҳии самаранокӣ, сарфакорӣ ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, таъсири ин фаъолият ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин тавсиядиҳӣ доир ба баландбардории минбаъдаи натиҷанокии кори ин мақомот гузаронида мешавад [10].

Ба ақидаи Е.Н. Синева аудити самаранокӣ воситаи муҳими назорати молиявии давлатӣ буда, ба баҳодиҳии самаранокӣ, сарфакорӣ ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, инчунин таҳия намудани тавсияҳо барои бартарафсозии қоидавайронкуниҳо ва минбаъд баланд бардоштани натиҷанокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ нигаронида шудааст [11, с. 19].

М.П. Афанасев аудити самаранокиро чун зинаи нави рушди низоми назорати молиявии давлатӣ – санҷиши мустақил, ки аз ҷониби мақомоти давлатии назорати берунӣ бо мақсади баҳодиҳии натиҷанокӣ ва сарфанокии раванди харҷкунии воситаҳои буҷетӣ ва идоракунии моликияти давлатӣ гузаронида мешавад, шарҳ додааст [6].

Дар луғатномаи мухтасари истилоҳоти соҳаи аудит, ҳисобдорӣ ва молия, ки аз ҷониби мақомоти олии назорати молиявии давлатӣ дар мамлакат - Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, аудити самаранокӣ чун “омӯзиш ва таҳлили самаранокии барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ, самтҳои фаъолият ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ доир ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ” маънидод карда шудааст [2].

Ҳамин тавр, маънидодкуниҳои зиёди мафҳум ва муҳтавои аудити самаранокиро ҷамъбаст намуда, мо чунин мепиндорем, ки аудити самаранокӣ – аудити мустақили беруна буда, на ба ошкоркунии қоидавайронкуниҳои молиявӣ, балки ба таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба истифодаи воситаҳои давлатӣ нигаронида шудааст.

Бо вуҷуди кам будани таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаҳои аудити самаранокӣ, дар амалияи назоратии мақомоти давлатии пешбарандаи назорати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ дар раванди ташаккул қарор дорад. Амалисозии аудити самаранокӣ дар фаъолияти назорати молиявӣ дар мамлакат аз муайян шудани принсипи самаранокӣ дар қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад. Дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” принсипи самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ чун таҳия ва иҷрои буҷет бо баҳисобгирии зарурати ноилгардӣ ба натиҷаҳои беҳтарин дар мавриди

истифодаи ҳаҷми тасдиқшудаи маблағҳои буҷетӣ (натиҷанокӣ) ё расидан ба натиҷаи муқарраршуда бо истифодаи ҳаҷми камтарини маблағҳои буҷетӣ (сарфанокӣ) шарҳ дода шудааст [1].

Таҷрибаи ҷаҳонии назорати молиявии давлатӣ гувоҳӣ медиҳад, ки аудити самаранокӣ ба сифати иҷроиши қарорҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ қабулгардида таъсири ҷиддӣ расонида, инчунин ба баландшавии масъулият, шаффофӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Ҳоло дар мамлакатҳои хориҷӣ аудити самаранокӣ яке аз намудҳои асосии назорати иҷроиши буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби мақомоти олии назорати молиявӣ ба ҷо оварда мешавад. Тавре дар моддаи 4 Эъломияи лимагии принсипҳои роҳбарикунандаи назорат (соли 1977 дар шаҳри Лимаи Ҷумҳурии Перу дар Анҷумани IX Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назоратӣ - International Organizations of Supreme Audit Institutions - INTOSAI қабул шудааст) қайд карда шудааст, "вай ба санҷиши он равона гардидааст, ки воситаҳои давлатӣ ба чи андоза самаранок ва сарфанок харҷ мешаванд. Ин гуна назорат на танҳо ҷиҳатҳои махсуси идоракунӣ, инчунин тамоми фаъолияти идоракунӣ, аз ҷумла низоми ташкилӣ ва маъмуриро дар бар мегирад" [4].

Тибқи стандартҳои INTOSAI мақоми назорати молиявии давлатӣ метавонад санҷиши самаранокиро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлатӣ, ки бо харҷкунии маблағҳои буҷетӣ рабт доранд, гузаронад ва оид ба харҷкунии ғайрисамараноконаи воситаҳои буҷетӣ хулоса барорад, агар ҳуқуқро барои гузаронидани ин гуна санҷиш қонунгузорӣ барои вай муқаррар карда бошад. Ҳамин гуна ҳуқуқро қонунгузорӣ барои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" зимни шарҳи мақсад ва вазифаҳои ин мақоми назорати молиявӣ муқаррар намудааст: баҳодиҳии самаранокӣ, сарфанокӣ ва мақсаднокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ.

Солҳои охир нақши Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мақоми олии назорати молиявӣ дар таъмини низоми ягонаи назорат ва гузаронидани аудити самаранокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ ва моликияти давлатӣ назаррас аст. Дар соли 2017 аз ҷониби ин ниҳод ҷиҳати таъмини методологӣ, муайян кардани равиши методологӣ, роҳандозӣ намудани аудити самаранокӣ ва таҳкими пояҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти худ 5 адад стандарт дар соҳаи аудити давлатӣ мавриди амал қарор дода шудааст, ки ҳама онҳо дар асоси стандартҳои байналмилалии аудит таҳия шудаанд. Аз ҷумла, бо қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2017, № 51.1 Дастурамал-стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон – СПҲ 105 "Оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ" тасдиқ шудааст, ки асоси методологии гузаронидани аудити самаранокии хароҷоти воситаҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи СПҲ 105 аудити самаранокӣ намуди мустақили назорати молиявӣ мебошад, ки тавассути чорабиниҳои назоратӣ бо мақсади муайян намудани самаранокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодаи воситаҳои давлатӣ аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо барои расидан ба ҳадафҳо, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда ба ҷо оварда мешавад. Зимнан, воситаҳои давлатӣ - маблағҳои буҷети давлатӣ ва амволи давлатӣ мебошанд [3].

Дар рафти ба ҷо овардани аудити самаранокӣ аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҷиҳатҳо ба санҷиш фаро гирифта мешаванд:

- ташкили дуруст ва равандҳои истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва дороиҳои давлатӣ;
- натиҷаҳои истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва дороиҳои давлатӣ;
- фаъолияти корхона ва муассисаҳои санҷидашаванда ҷиҳати истифодаи маблағҳои буҷетӣ, дороиҳои давлатӣ ва натиҷанокии он.

Дар рафти гузаронидани аудити самаранокӣ ҳамчунин таҳлили фаъолияти идоракунӣ дар объекти санҷиш, санҷиши сарфанокӣ, натиҷанокӣ ва таъсирнокии истифодаи воситаҳои давлатӣ, санҷиши натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, таҳлили вазъи назорати дохилӣ, усулҳо ва мӯҳлатҳои бартарафкунии камбудиҳо дар корхонаҳо ва муассисаҳои истифодабарандаи маблағҳои буҷетӣ ва моликияти давлатӣ ба ҷо оварда мешавад.

Ҳамин тавр, аудити самаранокӣ яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати назорати буҷетӣ мебошад. Ҳамасола Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷишҳои зиёди самаранокии истифодаи воситаҳои буҷетиро ба ҷо меорад, ки чун “аудити самаранокӣ” баррасӣ мешаванд. Ин гуна санҷишҳо дар вазорату идораҳо, муассисаҳои буҷетӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ ва дигар корхонаҳои истифодабарандаи маблағҳои буҷетӣ ва амволи давлатӣ гузаронида мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Сарчашмаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content

2. Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (СПҲ-101) – Луғатномаи мухтасари истилоҳоти соҳаи аудит, ҳисобдорӣ ва молия, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд. [Сарчашмаи электронӣ]. URL: https://www.sai.tj/index.php/tj/metododol

3. Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон – СПҲ-105 “Оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ” [Сарчашмаи электронӣ]. URL: https://www.sai.tj/index.php/tj/metododol

4. Лимская декларация руководящих принципов контроля. [Сарчашмаи электронӣ]. URL: https://www.intosai.org/fileadmin/downloads/documents

5. Аюбов Н.А. Аудит эффективности планировнияи и использования государственных средств // Учет и статистика. 2008. № 9. С. 124-131

6. Афанасьев М.П. Взаимосвязь аудита эффективности и финансового анализа // Финансовый контроль. 2003. № 10. [Электронный ресурс]. URL:https://cyberleninka.ru/article/

7. Давлатов Д.А. Основы развития аудита эффективности использования государственных средств в Республике Таджикистан // Российский экономический интернет-журнал. 2013. № 4. https://elibrary.ru/contents

8. Зокирова Ф.Дж. Организационно-методическое обеспечение развития государственного аудита в Республикке Таджикистан: дисс. на соиск. уч. ст. канд. эк. наук. Душанбе, 2020. 170 с.

9. Карепина О.И. Аудит эффективности в системе государственного финансового контроля // Финансовые исследования. 2014. № 2 (43). С. 32-39

10. Рябухин С. Аудит эффективности использования бюджетных средств и государственной собственности // Вестник Института экономики РАН. 2007. № 1. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/

11. Синева Е.Н. Аудит эффективности как фактор повышения результативности деятельности Контрольно-счетных органов РФ // Финансы и кредит. 2004. № 17. С. 19-23



***Абдураҳимов А.А. - н.и.и., дотсент***

***Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров***

***Алиев А.А. - муаллими калон***

***Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон***


## БАҲОДИҲИИ МАВҚЕИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА СИФАТНОКИИ ИТТИЛООТИ БАҲИСОБГИРӢ

Дар шароити муосир ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, ки аз сохтори мураккаб, ҷараён ва зуҳуротҳои зудтағйир ташаккул ёфтааст, зарурияти таҳия ва пешниҳоди иттилооти саривақтӣ, пурра ва дақиқро чи аз лиҳози муҳосибӣ, чи оморӣ ва дигаронро боз ҳам муҳимтар мегардонад.

Дар навбати худ иттилооти дақиқ ва пурра ин иттилооте мебошад, ки дар асоси манбаҳои дақиқи иттилоотии бухгалтерӣ таҳия ва ба даст оварда шудааст. Маҳз, иттилооти бухгалтерӣ иттилоотест, ки ба тамоми хусусият ва ё принсипҳои таҳия ва пешниҳоди итилооти босамар ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ муфид, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар он, омӯзиш ва баҳодиҳии таъсири омилҳои ба сифатнокии иттилооти бухгалтерӣ таъсиррасон дар шароити муосир, ҳамчун роҳи таъмин ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ ва дар ин замина интихоб ва муайянкунии самти такомули он, муҳимиятнокии мавзӯъро ташкил дода, раванди таҳлил ва баҳодиҳии мавқеи ҳар як омили таъсиррасон ба иттилооти бухгалтерӣ ва интихоби самти баланд бардоштани дараҷаи сифатнокии он мақсади корро ташкил медиҳад.

Бо мақсади шарҳ ва тавсифи иттилооти баҳисобгирӣ, пеш аз ҳама мафҳум ва моҳияти худи вожаи иттилоотро чӣ аз нигоҳи матиматикӣ, чӣ аз нигоҳи иқтисодӣ ва ё баҳисобгирӣ дида баромада, хосиятҳои хоси онро ҳамчун вожаи мутлақ тавсиф дода муайян месозем. Ин амалро қабл аз ҳама, барои тавсифи мафҳум ва моҳияти иттилооти баҳисобгирӣ ва муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба сифати он иҷро менамоем.

Иттилоот, худ вожа ё калимаест, ки (лот. information) мафҳумҳои «тавзеҳ, шарҳу эзоҳ, пешниҳод, фаҳмиш оид ба чизе»-ро ифода менамояд. Аз мавқеи илми риёзӣ вожаи иттилоот ҳамчун «маълумоти даркшаванда оиди оламӣ атроф, ки ҳамчун объекти нигоҳдорӣ, азнавташкилӣ, интиқол ва истифодабарӣ мебошад» тавсиф меёбад.

Аз ин ҷо, бар меояд, ки иттилоот дорои хосиятҳои ба худ хос буда, дар ташаккулёбии сохтори он ҳамчун низоми муайян аз хосиятҳои гуногун, ба монанди: даркшавандагӣ, ченшавандагӣ, баҳодиҳӣ ва ғайра мебошад, ки дар намуди ҷадвал тавсифи хислатҳои онро (ҷадвали 1) метавон мушоҳида намуд.

**Ҷадвали 1. Хосиятҳои асосии тавсифи иттилоот**

| № | Хосиятҳои асосии итилоот | Тавсифи хусусиятҳои иттилоот |
|---|---|---|
| 1 | Объективӣ | Иттилоот, дар ҳамон ҳолат ***объективӣ*** мебошад, ки агар он аз ягон ақидае вобаста набошад. |
| 2 | Эътимоднокӣ | Иттилоот, дар ҳамон ҳолат ***эътимоднок*** мебошад, ки агар он ҳолати воқеии корро ифода намояд. |
| 3 | Пуррагӣ | Иттилоот, дар ҳамон ҳолат ***пурра*** ҳисобида мешавад, ки агар барои қабули қарор басанда бошад. |
| 4 | Муҳимнокӣ (саривақтӣ) | Иттилоот, дар ҳамон ҳолат ***муҳим*** ҳисобида мешавад, ки агар он дар айни замон назаррас бошад. |
| 5 | Манфиатнокӣ | Иттилоот, дар ҳамон ҳолат ***манфиатнок*** ҳисобида мешавад, ки агар тавассути он вазифаҳои расидан ба мақсад иҷро карда шаванд. |
| 6 | Возеҳӣ (фаҳмо будан) | Иттилоот, дар ҳамон ҳолат ***возеҳ*** мебошад, ки агар он дар забони барои истифодабарандаи он мувофиқ ифода ёфташуа бошад. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёт

Аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки иттилоот худ катигорияи ҳам математикӣ, ҳам иқтисодӣ ва ҳам муҳосибӣ буда, ҳодисот ва рӯйдодҳои атрофро вобаста аз мавқеъ, ҳолат ва раванди иҷроиши амалиётҳои махсус бо назардошти манфиатҳои муайян дар шаклҳои барои истифодабарандаи он мувофиқ ифода менамояд. Иттилооти бухгалтерӣ бошад, ин маълумоти дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии муҳосибӣ ба даст овардашуда мебошад, ки бо назардошти коркард ва таҳлили муҳосибӣ ба истифодабарандаи он дар шакли пулӣ дар давраи муайян ва дар шакли хос пешниҳод карда мешавад [2, с. 43].

Ба ақидаи мо, бо назардошти хусусиятҳо ва фикру андешаи олимони соҳа дар ин самт зери мафҳуми иттилооти баҳисобгирӣ – ин маълумотҳои дақиқ, возеҳу равшан ва дар асоси ҳуҷҷат ва воситаҳои муҳосибави (счетҳо, баланс, ҳисобот)-и бо таври ба худ хос (принсип ва талаботҳот хос) коркард ва таҳияшуда барои истифодабарандагон дар давраҳои муайяни вақт (ҷорӣ, моҳона, солона) фаҳмида мешавад.

Доир ба омилҳои таъсиррасон ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ ақидаи С.Л. Безручук-ро ҷонибдорӣ менамоем, ки қайд менамояд «марҳилаи аввали ҳалли муаммои бо тавсифи сифати иттилоот алоқаманд, ин муайянкунии омилҳои таъсиррасони он, мебошад. Ҳамзамон, таҳти сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ ба иқидаи Безручук С.Л. маҷмӯи хосиятҳои

объективии иттилоот, ки онро барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти истифодабарандагони ниҳоӣ (дохилӣ ва берунӣ) коршоям (бамаврид) мегардонад, фаҳмида мешавад [1, с. 3].

Ба ақидаи Н.В. Голячук ва В.С. Рихлюк аз мавқеи баҳисобгирии бухгалтерӣ хислатҳои боз ҳам муҳими ташаккул ва баҳодиҳии дараҷаи сифатнокии иттилооти баҳисобгириро, хосиятҳои: мушаххаснокӣ, пуррагӣ, эътимоднокӣ, дастрасӣ, мувофиқатӣ ва муҳимияти (бамавриди)-и иттилоот ташкил медиҳанд [2].

Барои баҳодиҳии сифатии иттилооти баҳисобгирӣ ва дараҷаи таъсиррасони омилҳо ба он, гурӯҳҳандии омилҳо зарур мебошад, ки ин амалро бо таври зер дида мебароем.

Ба тавсифоти сифатии иттилооти баҳисобгирӣ дохил мешаванд:

1) Тибқи Низомнома «Дар бораи пешбарии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», иттилооот бояд дорои хосиятҳои: муҳимиятнокӣ (бомавридӣ), манфиатнокӣ, возеҳӣ (ошкоро), эътимоднокӣ ва муқоисашавандагӣ бошад [3];

2) Тибқи Асосҳои консептуалии таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ (Framework for the Preparation and Presentation of Financial Statements), иттилоот бояд бамаврид, муҳим, воқеи, муқоисашаванда, саривақт ва фаҳмо бошад.

Дар мувофиқат бо қоида ва тартиботҳои зикршуда иттилоот танҳо дар ҳамон ҳолат сифатнок ҳисобида мешавад, ки агар он ба қабули қарорҳои дурусти идоракунӣ мусоидат намояд. Маълум аст, ки тавсифдиҳандаи асосии иттилооти баҳисобгирӣ арзишнокии он ҳисобида мешавад, вале ин арзишро танҳо пас аз қабул ва истифодаи иттилоот дар раванди қабули қарорҳои истифодабарандагон метавон муайян намуд. Ба ақидаи мо, вазифаи аз ҳама муҳим ин роҳ надодан ба воридшавии иттилооти бесифат дар низоми баҳисобгирӣ мебошад.

Таҳлили манбаҳои илмӣ-методии барои муаммои сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ бахшидашуда, ба мо имконият дод, ки то омилҳои таъсиррасонро ба сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ дар шакли зер (ҷадвали 2) гурӯҳбандӣ намоем.

**Ҷадвали 2. Гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ***

| Гурӯҳи омилҳо | Ишора | Тавсифи омил |
|---|---|---|
| Танзимоти меъёрӣ-ҳуқуқии иттилоот | ($x_1$) ($x_2$) ($x_3$) ($x_4$) ($x_5$) ($x_6$) | ➢ сатҳи танзимоти қонунгузорӣ;<br>➢ тарзу усули ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ;<br>➢ принсип ва қоидаҳои таҳияи иттилоот;<br>➢ талаботҳои меъёрӣ барои иттилоот;<br>➢ тарз ва усулҳои татбиқи меъёрҳои ҷорӣ барои иттилоот;<br>➢ имконоти истифодаи мулоҳизоти касбӣ барои иттилоот. |
| Раванди таҳия ва пешниҳоди иттилоот | ($x_7$) ($x_8$) ($x_9$) | ➢ низоми ҷамъоварӣ, коркард ва таҳияи иттилоот;<br>➢ ташаккул ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои авввала;<br>➢ тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои муҳосибӣ. |
| Субъекти пешниҳоди иттилоот | ($x_{10}$) ($x_{11}$) ($x_{12}$) ($x_{13}$) ($x_{14}$) | ➢ хислатҳои шахсӣ ва касбии субъектҳо;<br>➢ дараҷаи соҳибии иттилоот оид ба корхонаҳо;<br>➢ аҳамиятнокии татбиқи қонунгузориҳо;<br>➢ қобилияти истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии гуногун;<br>➢ идораи низоми иттилоотӣ ва донишҳо оиди ҳисобгирӣ. |
| Истифодабарандаи иттилоот | ($x_{15}$) ($x_{16}$) | ➢ таъсири истифодабарандагон ба иттилоти бухгалтерӣ;<br>➢ таъсири шахсони санҷишоти ба иттилооти таҳияшуда. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф, дар асоси дар асоси адабиётҳои илмӣ [2, 4]

Барои он, ки боз ҳам бо таври воқеӣ таъсиррасонии омилҳоро ба сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ баҳо диҳем, моро зарураст, ки ақидаи экспертонро барои ҳисоби дараҷа ва эҳтимолияти таъсиррасонии омилҳо истифода намуда, ҳолати онро тавассути усули мувофиқ ҳисоб намоем.

Ба сифати экспертҳо бухгалтерони касбии (таҷрибаи зиёда аз 5 соли корӣ дошта) корхонаҳо пурсиш гузаронида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти ақидаи пурсидашудагон, мо номгӯй ва усули баҳодиҳии таъсиррасонии омилҳоро ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ муайян намудем, ки он дар асоси низоми холгузорӣ (ҷадвали 3) муайян карда шудааст.

**Ҷадвали 3. Баҳогузории рақамӣ ва ишоратии омилҳо***

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Баҳои тавсифӣ** | *бетаъсир* | *Сусттаъсир* | *нисбатан суст* | *миёнатаъсир* | *зиёда аз миёна* | *нисбатан зиёд* | *нисбатан қавӣ* | *қавитар* | *хеле қавӣ* | *қавитарин* |
| **Баҳои фосилавӣ** | *0-1* | *1-2* | *2-3* | *3-4* | *4-5* | *5-6* | *6-7* | *7-8* | *8-9* | *9-10* |
| **Ифодаи ҳуруфӣ** | БТ | СТ | НС | МТ | ЗМ | НЗ | НҚ | Қ | ХҚ | ҚТ |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон, дар асоси адабиётҳои илмӣ

Дар асоси низоми баҳогузории ҷадвали 3 раванди таъсири омилҳоро ба сифати иттилоот дар асоси натиҷаи холгузории экспертони пурсидашуда, дида мебароем. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки номгӯй ва усули интихобшудаи баҳогузорӣ тавассути холҳо барои баҳодиҳии таъсири омилҳо ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ дар асоси низоми холгузории экспертӣ таҳия шудааст.

Бинобар он, барои инъикоси натиҷаҳои баҳодиҳӣ дар асоси холгузории экспертон, ки тавассути гузаронидани пурсишҳои анкетавӣ дарҷ шудааст, ҷадвали навбатиро (ҷадвали 4) таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 4.Натиҷаи холгузории экспертӣ аз рӯи гурӯҳи омилҳо***

| Омилҳо (X) | Натиҷаи холгузории экспертҳо (Э) | | | | | Ҷамъи холҳо | Холи миёна | Баҳои тавсифӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Э₁* | *Э₂* | *Э₃* | *Э₄* | *Э₅* | | | |
| $X_1$ | 8 | 7 | 8 | 7 | 8 | 38 | 7,6 | Қ |
| $X_2$ | 10 | 9 | 10 | 9 | 10 | 48 | 9,6 | Қт |
| $X_3$ | 7 | 6 | 7 | 8 | 7 | 35 | 7 | Нқ |
| $X_4$ | 9 | 10 | 9 | 9 | 10 | 47 | 9,4 | Қт |
| $X_5$ | 7 | 8 | 7 | 8 | 5 | 35 | 7 | Нқ |
| $X_6$ | 5 | 6 | 8 | 7 | 6 | 32 | 6,4 | Нз |
| $X_7$ | 10 | 9 | 10 | 10 | 9 | 48 | 9,6 | Қт |
| $X_8$ | 9 | 8 | 9 | 8 | 10 | 44 | 8,8 | Ҳқ |
| $X_9$ | 8 | 7 | 7 | 6 | 9 | 37 | 7,4 | Қ |
| $X_{10}$ | 5 | 6 | 4 | 5 | 6 | 26 | 5,2 | Нз |
| $X_{11}$ | 7 | 8 | 8 | 7 | 5 | 35 | 7 | Нқ |
| $X_{12}$ | 9 | 10 | 10 | 9 | 8 | 46 | 9,2 | Қт |
| $X_{13}$ | 10 | 9 | 7 | 8 | 9 | 43 | 8,6 | Хқ |
| $X_{14}$ | 8 | 10 | 9 | 9 | 8 | 44 | 8,8 | Хқ |
| $X_{15}$ | 4 | 5 | 3 | 7 | 5 | 24 | 4,8 | Зм |
| $X_{16}$ | 6 | 7 | 5 | 8 | 9 | 35 | 7 | Нқ |
| Ҳамагӣ | 122 | 125 | 121 | 125 | 124 | 617 | 38,6 | - |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллифон дар асоси барномаи MS Exsel

Аз натиҷаи ҷамъбасти холгузории экспертии дар ҷадвали болоӣ додашуда, мушоҳида мегардад, ки аз ҳама дараҷаи баланди холҳоро омилҳои зерин соҳиб гардидаанд:

$X_2$ – тарзу усули ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ (Қт);

$X_7$ – низоми ҷамъоварӣ, коркард ва таҳияи иттилоот(Қт);

$X_4$ – талаботҳои меъёрӣ барои иттилоот(Қт);

$X_{12}$ - аҳамиятнокии татбиқи қонунгузориҳо(Қт);

$X_8$ - ташаккул ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои авввала (Хқ) ва ғ.

Албатта, ин нишондиҳандаҳо таъсири омилҳо пурра ифода карда наметавонанд. Бинобар он, барои баҳодиҳии таъсири омилҳо аз усулҳои мавҷудаи илмӣ истифода намуда, натиҷаи онро дар ҷадвали навбатӣ (ҷадвали 5) бо тартиби муҳимнокӣ тасвир менамоем.

Вазни коэффитсиент ё худ бузургии омилҳои таъсиррасон ба сифати иттилооти баҳисобгириро метавон, дар асоси формулаи Фишборн ($f_i$) бо таври дар зер додашуда, ҳисоб намуд: $f_i = \left(2\frac{(n-(i+1))}{n\,(n+1)}\right) \leq 1,$ (1)

дар ин ҷо,

*fi* – бузургии *i*- омил, $\sum_{i=1}^{n} f_i = 1$, $0 < f_i < 1$,

*i* – сатҳ (ранг)-и муҳимияти омил (ҳамгоми $f_1 \geq f_2 \ldots \geq f_n$);

*n* – шумораи омилҳои гуруҳҳои омӯхташаванда.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада аз ҳисобкунии коэффитсиенти вазнии таъсири омилҳо ба сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ тавассути барномаи компютерии MS Exsel бо назардошти бузугиҳои коэффитсиенти вазнии онҳо, дараҷаи таъсири омилҳоро бо тартиби ҷойгиршавии инкишофёбанда дар ҷадвали 5 тасвир менамоем.

**Ҷадвали 5.Ҷойгиршавии омилҳо вобаста аз бузургии вазни қиёсӣ***

| Омилҳои таъсиррасон (X) | Холи миёна | Коэффитсиенти $f_i$ | Мавқеи омил | Омилҳои таъсиррасон (X) | Холи миёна | Коэффитсиенти $f_i$ | Мавқеи омил |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $X_{10}$ | 5,2 | *0,08* | I | $X_1$ | 7,6 | *0,06* | IX |
| $X_3$ | 7,0 | *0,08* | II | $X_5$ | 7,0 | *0,06* | X |
| $X_{16}$ | 7,0 | *0,08* | III | $X_6$ | 6,4 | *0,06* | XI |
| $X_9$ | 7,4 | *0,07* | IV | $X_7$ | 9,6 | *0,06* | XII |
| $X_{14}$ | 8,8 | *0,07* | V | $X_8$ | 8,8 | *0,06* | XIII |
| $X_{12}$ | 9,2 | *0,07* | VI | $X_{11}$ | 7,0 | *0,04* | XIV |
| $X_4$ | 9,4 | *0,07* | VII | $X_2$ | 9,6 | *0,04* | XV |
| $X_{15}$ | 4,8 | *0,06* | VIII | $X_{13}$ | 8,6 | *0,04* | XVI |
| ***Ҷамъ:*** | - | - | - | - | ***7,71*** | ***1,0*** | |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллифон

Натиҷаи ҳисоби коэффитсиентҳои вазни қиёсии бузургии омилҳо тавассути усули Фишборна нишон медиҳад, ки таъсирии зиёдро ба сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ омилҳои зерин мерасонанд: $X_{10}$ – хислатҳои шахсӣ ва касбии субъектҳо; $X_3$ – принсип ва қоидаҳои таҳияи иттилоот; $X_{16}$ – таъсири шахсони санҷишоти ба иттилооти таҳияшуда бо бузургии якхела (0,06) ё худ 6% таъсиррасонида мавқеъҳои аввалро (1-3) ишғол намудаанд. Таъсири аз ҳама сустро омилҳои: $X_{11}$ – дараҷаи соҳибии иттилоот оид ба корхонаҳо; $X_2$ – тарзу усули ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ; $X_{13}$ – қобилияти истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии гуногун дошта, мавқеъҳои поёни (14-16) -ро ишғол намудаанд.

Дар маҷмӯъ барои дарки он ки то, чӣ андоза гурӯҳи омилҳо ба сифатнокии иттилоот дар маҷмӯъ таъсир мерасонад ва кадом мавқеъро дар маҷмӯъ дар ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ ва сифатнокии он ишғол менамояд, омилҳоро бо назардошти гурӯҳҳо дар ҷадвали навбатӣ (ҷадвали 6) тасвир менамоем.

Аз маълумоти дар ҷадвали 6 ҷамъбастшуда дида мешавад, ки аз ҳама таъсири бештарро ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ омилҳои гурӯҳи 1-ум «*Танзимоти меъёрӣ-ҳуқуқии иттилоот*» бо нишондоди 37% ташкил дода, мавқеи минбаъдиро омилҳои гурӯҳҳои 3-юм «*Субъекти пешниҳоди иттилоот*» бо нишондоди 30%, гурӯҳи 2-юм «*Раванди таҳия ва пешниҳоди иттилоот*» бо нишондоди 19% ва гурӯҳи 4-ум «*Истифодабарандаи иттилоот*» бо нишондоди 14% ишғол намудаанд. Албатта, ин мавқеъгирӣ аз ҳисоби шумора ё худ ҳаҷми умумии омилҳо муайян карда шудааст. Агар, аз лиҳози вазни миёнаи таъсиррасони баҳодиҳем, он гоҳ таъсири бештарро омилҳои гурӯҳи 4 (0,07) ва 2 (0,063) доранд. Ин ҳолат, аз он гувоҳӣ

медиҳад, ки дар фаъолияти баҳисобгирӣ ва таҳияи иттилооти он, бояд бештар эътибор ба омилҳои аз ҳама зиёд таъсиррасон ё худ муҳим, ҷалб карда шавад.

**Ҷадвали 6. Таъсири гурӯҳи омилҳо ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ**

| Нишонди ҳандаҳо | Гурӯҳи омилҳои таъсиррасон (X) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Танзимоти меъёрӣ-ҳуқуқии иттилоот | Раванди таҳия ва пешниҳоди иттилоот | Субъекти пешниҳоди иттилоот | Истифодабара ндаи иттилоот |
| А | 1 | 2 | 3 | 4 |
| Коэффитсиенти $f_i$ | $X_1$ – 0,06<br>$X_2$ – 0,04<br>$X_3$ – 0,08<br>$X_4$ – 0,07<br>$X_5$ – 0,06<br>$X_6$ – 0,06 | $X_7$ – 0,06<br>$X_8$ - 0,06<br>$X_9$ - 0,07 | $X_{10}$ – 0,08<br>$X_{11}$ – 0,04<br>$X_{12}$ – 0,07<br>$X_{13}$ – 0,04<br>$X_{14}$ – 0,07 | $X_{15}$ – 0,06<br>$X_{16}$ – 0,08 |
| Ҷамъи $f_i$ | 0,37 | 0,19 | 0,30 | 0,14 |
| Вазни миёна | 0,062 | 0,063 | 0,062 | 0,07 |
| Дар % | 37 | 19 | 30 | 14 |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллифон

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои омӯзиш ва тадқиқоти мавзӯъ аз он гувоҳи медиҳанд, ки ҳар як субъекти иттилоотиро зарурат, то бо назардошти мавқеъ ва бузургии таъсири омилҳо ҳар яки онро зери назорати фаврӣ қарордода, бо ин васила сифатнокии иттилооти баҳисобгириро дар давраҳои мутобиқ бо қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин намояд.

**АДАБИЁТ**

1. Безручук С.Л. Факторы, влияющие на качество учетной информации // Житомирский государственный технологический университет, Украина–2014г. № 6 (300).

2. Голячук Н. В., Рихлюк В. С. Качественные характеристики учетно-аналитической информации [Электронный ресурс] // Экономические науки. Сер.: Учет и финансы. 2011. Вып. 8 (29). Ч.2. URL: http://archive. nbuv. gov. ua/portal/soc_gum/en_oif/2011_8_2/29.pdf.

3. Низомнома «Дар бораи пешбарии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8.02.2003. №9

***Шоймардонов С.Қ. – н.и.и., дотсент***
***Хонбоев А.З. – магистрант***
***Фатоҳов Д.Ҳ. – магистрант***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ ИДОРАКУНИИ ҲИСОБИКУНИҲОИ АНДОЗИИ КОРХОНАИ ТИҶОРАТӢ

Шароити муосири ноустувории иқтисодиёт ва равндҳои татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар доираи муҳосибони аҳли амал ва муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирӣ ва назорат нигоҳи навро ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ талаб менамоянд. Акнун дар корхонаҳои тиҷоратӣ баҳисобгирии муҳосибӣ бо се самти алоҳида ва ҳамзамон дар алоқамандӣ ва ҳамгирой амалкунанда роҳандозӣ карда мешавад: баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз. Роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои тиҷоратӣ барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб ва таъсирбахш танҳо бо маълумоти дар доираи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ бунёдшаванда қаноат намекунанд. Ба онҳо маълумоти фаврӣ ва муфассал лозим аст, то ки саривақт камбудиҳои дар фаъолияти

хоҷагидорӣ мавҷудбударо ошкор ва бартараф кунанд, қарорҳои идоракунии қабулнамудаи худро таҳрир намоянд. Бино бар ин, масъалаи зарурати татбиқи низоми баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ бо талаботи замон ва нарасидани иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ ва стратегӣ ба миён омадааст ва ҳоло ниҳоят мубрам мебошад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар назди роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои тиҷоратии муосир ин истифодаи захираҳои дар корхона мавҷудбуда ва дар раванди истеҳсолӣ аз онҳо гирифтани самараи иқтисодии ҳарчӣ бештар мебошад. Яъне зарурат барои ахбор оид ба мавҷудияти ин гуна захираҳо вазифаи афзалиятнок мебошад. Раванди фаврии татбиқ ва рушди низоми ягонаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобикуниҳо оид ба андозҳо дар корхонаи тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунӣ саривақт дар доираи андозбандӣ дар ин асосҳо қабул карда шаванд [3, с. 104-106]:

- инъикоси беисти иттилоот оид ба ҳисобкунӣ, ҳисобузамкунӣ ва пардохткунии маблағҳои андозҳо;
- назораи тағйирёбии қонунгузории андоз;
- банақшагирии хароҷоти андоз;
- таҳлили тамоилот ва ошкоркунии омилҳо.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои боло, роҳбарият ва менеҷменти корхонаи тиҷоратӣ қарорҳои идоракунии босамареро қабул менамояд, ки ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона таъсири мусбат мерасонанд.

Баррасии масъалаҳои методологии бо муайянкунии моҳияти иқтисодии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҷиҳати ҳисобикуниҳои андозӣ ҳоло ниҳоят мубрам ва рӯзмарра буда, тавассути вазифаҳо ва усулҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳалли худро пайдо менамояд.

Мубрамии масъалаи баррасишаванда ҳамчунин бо пурра равшан набудани он дар адабиёти иқтисодӣ, мавҷудияти як қатор душвориҳо ҳангоми татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии ҳисобикуниҳои андозӣ, набудани консепсияи ягонаи баҳисобгирии идоракунии ҳисобкунӣ ва ҳисобикунии андозҳо тасдиқ мешавад.

Азбаски андозҳо ҳоло яке аз ҷузъҳои муҳими хароҷоти корхона мебошанд, масъалаи дар баҳисобгирии идоракунӣ инъикос кардани онҳо барои дуруст нишон додани натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона аҳамияти муҳим дорад. Бино бар ин, мо ин ҷо дар бораи алоқамандии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз каме ёдовар мешавем.

Ҳангоми пешбурди баҳисобгирии молиявӣ корхонаҳои тиҷоратӣ мувофиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 41 тасдиқ шудааст) амал менамоянд.

Барои ҳадафҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ корхонаҳо метавонанд ҳисобҳои муҳосибӣ барои баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) – ҳисобҳои калкулятсионӣ кушоянд.

Тибқи моддаи 47 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии андоз – раванди аз ҷониби андозсупоранда (соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ) пеш бурдани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ тибқи талаботи қонунгузории андоз бо мақсадҳои ҷамъбаст ва мураттаб кардани маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, инчунин ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андоз мебошад.

Мақсади баҳисобгирии андоз аз манфиатҳои истифодабарандагони ахбори он муайян мегардад. Истифодабарандагони ахбори дар низоми баҳисобгирии андоз бунёдшаванда ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: дохилӣ ва берунӣ. Истифодабарандагони дохилӣ кормандони маъмурияти корхона буда, истифодабарандагони берунӣ - хадамоти андоз ва мушовирон оид ба масъалаҳои андоз мебошанд. Кормандони мақомоти андоз дурустии бунёдшавии манбаи андоз ва ҳисобкунии андозро баҳо медиҳанд, мушовирон бошанд, - барои камкунии андозҳо тавсияҳо дода, самтҳои сиёсати андозиро муайян менамоянд.

Ҳамин тариқа, баҳисобгирии андоз бо мақсади бунёд намудани ахбори пурра ва боэътимод доир ба амалиёти хоҷагидории андозбандишаванда ва ба истифодабарандагони беруниву дохилӣ пешкаш намудани ахбор ба хотири пешбурди назорати дурустии ҳисобкунӣ, пуррагӣ ва саривақтии пардохткунии андозҳо ба буҷет ба ҷо оварда мешавад.

Аз ин ҷост, ки мақсади баҳисобгирии андоз аз мақсадҳои дигар намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ) тафовут дорад [1, с. 7].

Баҳисобгирии андозро корхонаҳои тиҷоратӣ мувофиқи санадҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебаранд. Баҳисобгирии андоз ба ахбори баҳисобгирии молиявӣ такя менамояд. Дар ин маврид корхонаҳо ба хотири ҳисобкунии манбаи андоз ва пуркунии эъломияҳои андоз феҳристҳои баҳисобгирии андоз ва ҳисоботи андозро истифода мебаранд, ки шакл ва тартиби пуркунии онҳоро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Бо баинобатгирии хусусиятҳои таркиб ва баҳисобгирии хароҷот дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз ҷониби вазоратҳо (идораҳо) ва иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ (корпоратсияҳо, консернҳо, ассотсиатсияҳо)-и дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкилотҳои соҳаҳои дахлдор дастурамалҳо (нишондодҳои методӣ)-и соҳавӣ оид ба баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ва ҳисобкунии (калкулятсияи) арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) таҳия ва тасдиқ карда мешаванд. Дастурамалҳои мазкур барои ҳама ташкилотҳои соҳаҳои дахлдор новобаста аз таъиноти идоравии онҳо ҳатмӣ мебошанд. Дар асоси онҳо корхонаҳои тиҷоратӣ дар баҳисобгирии муҳосибии худ баҳисобгирии хароҷотро бо ҷузъҳои иқтисодӣ ва бо моддаҳои масрафҳо роҳандозӣ мекунанд, низомномаҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-амрдиҳандаи дохилии барои ташкили муносиби баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) заруриро таҳия менамоянд. Қоидаҳои мушаххаси ҳисобкунии арзиши аслии воқеиро ҳар як ташкилот дар сиёсати баҳисобгирии худ зикр менамояд.

Ҳоло мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ чун низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ, ҷамъоварӣ, батартибдарорӣ, назорат ва таҳлили иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ ва стратегӣ зарурӣ маънидод карда мешавад. Бояд қайд кард, ки мафҳуми мазкур барои ягона ва дуруст будан тасдиқ карда намешавад, инчунин ба таври расмӣ дар ягон санади қонунгузорӣ қабул нашудааст.

Ҷорӣ намудани низоми баҳисобгирии идоракунӣ кори дохилии ҳар як корхонаи тиҷоратӣ мебошад. Дар ин маврид ҳадафҳо ва вазифаҳои идоракунӣ дар мадди аввал меистанд. Дар тафовут аз ҳатмӣ набудани баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии корхонаҳои тиҷоратӣ пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳатмӣ буда, бо қонунгузории молиявӣ ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Баҳисобгирии андоз бо баҳисобгирии молиявӣ алоқаи зич дорад, вале онҳо яксон нестанд. Баҳисобгирӣ бо мақсадҳои андозбандӣ ба қоидаҳои ҳисобкунӣ, ҳисобузамкунӣ ва пардохткунии андозҳо асос меёбад, ки бо қонунгузории соҳаи андоз (Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) муайян карда мешаванд.

Низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд дар муносибат бо ҳисобикуниҳои андозӣ баррасӣ ва самаранокии иқтисодии он муайян карда шавад. Дар аксар субъектҳои хоҷагидорӣ пардохтҳои андозӣ дар хароҷоти корхона вазни қиёсии намоёнро ташкил медиҳанд. Бино бар ин, ба масъалаҳои беҳгардонии андозбандӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад, яъне кӯшиш бояд кард, ки маблағи ин гуна пардохтҳо бо истифода аз роҳҳо ва воситаҳои қонунӣ кам карда шавад. Танҳо зарур аст, ки воситаҳои мазкур дуруст ба кор бурда шаванд ва доир ба нишондиҳандаҳои барои ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо маълумоти ҳарчӣ пурра ва саривақтӣ дастрас бошад. Ҳамин тавр, баҳисобгирии идоракунӣ барои ҳадафҳои андозбандӣ чун низоми ахборие ифода меёбад, ки ба раванди қабули қарорҳои идоракунӣ ҷиҳати андозбандӣ ва беҳгардонии хароҷоти андозҳо хизматрасонӣ мекунад.

Муҳаққиқ Д.В. Симонов чун ҳисобикуниҳои андоз (хароҷоти андоз) маҷмӯи ҳисобикунҳо аз рӯи пардохтҳои андозӣ ба буҷет, инчунин хароҷоти ташкилоти тиҷоратиро, ки бо пайдошавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо оид ба пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ба миён меоянд, маънидод мекунад [2]. Бинго бар ин, ҳама хароҷоти андозро корхонаи тиҷоратӣ бояд ба намудҳои мустақим ва ғайримустақим ҷудо кунад.

Хароҷоти мустақим гуфта, масрафҳое фаҳмида мешаванд, ки метавонанд бевосита ба арзиши аслии намуди мушаххаси маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳо дохил карда шаванд. Инҳо масрафҳои ашёи хом, маводҳо, пардохти меҳнати коргарони истеҳсолии асосӣ ва ҳаминсонҳо мебошанд. Хароҷоти ғайримустақим масрафҳоеанд, ки бевосита ба арзиши аслии намудҳои алоҳидаи маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳо дохил кардани онҳо ғайриимкон аст. Ба масрафҳои ғайримустақим хароҷоти умумиистеҳсолӣ ва умумихоҷагӣ мансуб мебошанд. Онҳо бо усулҳои махсус дар байни намудҳои маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) тақсим карда мешаванд. Ҳиссаи хароҷот оид ба хизматрасонӣ ва идоракунии истеҳсоли маҳсулот, анҷомдиҳии корҳо ва хизматрасониҳо метавонад бевосита бо намуди муайяни (мушаххаси) маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳо мустақиман ва бевосита алоқаманд бошад.

Бо қарори корхонаи тиҷоратӣ хароҷоти ғайримустақими бо фурӯши маҳсулот, молҳо ва идоракунӣ алоқаманд метавонанд тақсим карда нашаванд ва дар анҷоми давраи ҳисоботӣ (моҳ) чун хароҷоти намудҳои муқаррарии фаъолият ба арзиши аслии маҳсулот ва молҳои фурӯхташуда, корҳо ва хизматрасониҳои анҷомдодашуда пурра соқит карда шаванд.

Ба хароҷоти мустақим чунин уҳдадориҳои андозӣ мансуб мебошанд:

- пардохтҳои ҷории андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), андозҳо аз молумулки ғайриманқул, андоз аз воситаҳои нақлиёт, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои нақлиёт, андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои табиӣ;
- қарздориҳои андозӣ ва даъвоҳои андозӣ (ҷаримаҳо, пеняҳо).

Хароҷоти ғайримустақими андозиро метавон ба намудҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо намуд. Ба хароҷоти андозии дохилӣ инҳо мансуб мебошанд:

- хизматрасонии "даври зисти андозии" корхонаи тиҷоратӣ (баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирии андоз, омодакунии эъломияҳои андоз, таҳлили андоз, баҳсҳои андозӣ ва дигарҳо);
- хароҷот барои идоракунии андоз;
- хароҷот барои автоматикунонии баҳисобгирӣ.
- хароҷот баро истифодаи кори мушовири андоз, ки вазифаи он на танҳо таҳиясозӣ ва асосноккунии истифодаи низоми андозбандии босамара, сиёсати андоз ва буҷети андоз, ҳамчунин баҷоории банақшагирии андоз, оияндабинӣ ва буҷетикунонии андоз мебошад.

Ба хароҷоти андозии берунӣ масрафҳои қарз ва маблағгузории қарздорӣ, даъвоҳои андозии мақомоти андоз, инчунин хароҷот барои хизматрасониҳои аудитор оид ба масъалаҳои андозбандӣ мансуб дониста мешаванд.

Хароҷоти мустақими бунёдкунандаи гаронии андози корхонаи тиҷоратӣ дар маҷмӯи хароҷоти андозӣ вазни қиёсии бештаррро доранд, бино бар ин, баҳисобгирӣ ва таҳлили онҳо барои арзёбии босамара ва қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бо вуҷуди он ки алоқаи иттилоотии байни баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ бо қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ ва стандартҳо танзим карда нашудааст, иттилооти баҳисобгирии идоракунии ҳисобикуниҳои андозӣ бояд бо ахбори баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз мувофиқ ва қиёспазир бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Ойев Н.А., Шоймардонов С.Қ., Каримов Б.Ҳ., Бухориев С.М. Баҳисобгирии андоз. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2016. – 316 с.

2. Симонов Д.В. Развитие системы управленческого учета и анализа налоговых затрат // Аавтореф. дисс. … к-та экон. наук: 08.00.12. - Орел, 2013. – 24 с.

3. Шнайдер В.В. Управленческий учет: проблемы и решения налоговых расчетов // Вектор науки ТГУ. Серия: Экономика и управление. - 2014. - № 1 (16) – С. 104-106

*Нуров Б.А. – докторант (PhD)*
*Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки*
*Каримиён М.Б. - аутсорсер*

## ОРГАНИЗАЦИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УСЛОВИЯХ АУТСОРСИНГА

В современных условиях успешная хозяйственная деятельность экономических субъектов зависит от правильно налаженной системы управления активами, в том числе путем максимальной концентрации ресурсов на основной деятельности предприятия. Однако в структуре управления современных коммерческих предприятий выделяются также и службы, выполняющие не менее важные функции, отличные от функций по реализации главной деятельности. Существование таких служб на предприятии обеспечивает более полное достижение поставленных перед ним хозяйственных задач. К таким службам относится и бухгалтерия.

Как известно, бухгалтерский учет осуществляет задачи по регистрации и обобщении информации о хозяйственной деятельности, контролирует хозяйственные процессы, подготавливает и представляет информацию в составе финансовой отчетности для принятия управленческих решений руководству и собственникам предприятия. Однако можно передать функции бухгалтерского учета на договорной основе другим организациям и лицам, специализирующимся в области ведения бухгалтерского учета и обладающими соответствующими знаниями, опытом, навыками и техническими средствами. Такая передача функций бухгалтерского учета другим специалистам называется аутсорсингом бухгалтерских услуг или бухгалтерским аутсорсингом.

Аутсорсинг – это форма хозяйственных взаимоотношений между заказчиком и исполнителем, согласно которым заказчик сосредотачивается на основных видах деятельности, перекладывает менее значимые, но функционально-необходимые бизнес-процессы и ответственность за их осуществление специализированному аутсорсеру (исполнителю) на контрактной долгосрочной основе с целью снижения издержек, уменьшения времени выполнения процессов, повышения качества и достижения конкурентных преимуществ [5, с. 16].

Смысл аутсорсинга сводится к тому, чтобы сосредоточить все ресурсы на том виде деятельности, который является основным для предприятия, а остальные поддерживающие или сопутствующие функции передать специалисту. Стратегия бизнеса, ориентированная на усиление основной деятельности, делает предприятие менее уязвимым от внешних и внутренних рисков, поскольку позволяет грамотно управлять затратами ресурсов и, соответственно, укреплять стратегическую конкурентоспособность предприятия.

По своей экономической сути аутсорсинг представляет собой инструмент, который позволяет эффективно распределят внутренние и внешние ресурсы, а также средств компании для успешного разрешения целей и задач, стоящих перед современным бизнесом в условиях неопределенности.

Бухгалтерский аутсорсинг - это передача ведения бухгалтерского учета предприятия сторонним специалистам с целью оптимизации бизнес-процессов. Бухгалтерский аутсорсинг позволяет сконцентрироваться на собственном бизнесе, снизить финансовые риски, минимизировать управленческие и финансовые затраты.

Организацию бухгалтерского учета в условиях аутсорсинга можно представить так: в зависимости от условий деятельности предприятия функции бухгалтерского учета по составлению первичной учетной документации могут осуществляться непосредственно на предприятии, под руководством аутсорсера. Затем первичные документы передаются аутсорсеру для обработки и формирования финансовой отчетности предприятия. Финансовая отчетность вместе с комплектом оформленных документов и первичной документацией, аутсорсер возвращает на предприятие для проведения необходимых аналитических работ и принятии управленческих решений [7, с. 37].

Таким образом, переход на аутсорсинг бухгалтерского учета, касаясь всех аспектов управления организацией, выступает стратегическим решением. В этом заключается главное отличие аутсорсинга бухгалтерского учета от бухгалтерских услуг, носящих моментальный характер.

Принятие стратегического решения по введению аутсорсинга бухгалтерского учета должно исходить из множества управленческих принципов, главным из которых является принцип системности, предполагающий взаимодействие элементов внутри системы (предприятии), а также их взаимосвязи с другими системами из внешнего окружения. Иными словами, принцип системности обеспечивает возможность рассматривать предприятие и внешнюю среду как единое целое. Отсюда, аутсорсинг бухгалтерского учета направлен на стратегическое управление финансами, что позволяет точнее спрогнозировать возможности предприятия в будущем.

Понятие «аутсорсинг» в национальном законодательстве отсутствует. Анализ финансового законодательства Республики Таджикистан показал, что близкое к аутсорсингу понятие в нем освещено достаточно широко. Так, пункт 2 статьи 9 Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» устанавливает, что руководители организаций обязаны в зависимости от объема учетной работы передать на договорной основе ведение бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности централизованной бухгалтерии, бухгалтерской организации или профессиональному бухгалтеру [3]. Из данного положения вытекает, что законодательно разрешено предприятиям вести бухгалтерский учет с привлечением аутсорсинга.

Таким образом, аутсорсинг бухгалтерского учета позволяет предприятиям различных форм собственности поручить ведение бухгалтерского учета бухгалтеру, занимающемуся частной практикой, либо сторонней организации и направить основные ресурсы на достижение главной цели компании.

К функциям бухгалтерского учета на предприятии, передаваемым на аутсорсинг, относятся: управленческая (обеспечение сохранности имущества, информационной безопасности); операционная (управление финансовым процессом); контрольная (контроль расхода и дохода средств); информационная (обеспечение необходимой информацией); регистрирующая (регулирование финансовой деятельности). Помимо этого, направление ресурсов на основные виды деятельности позволяет постоянные затраты в персонал, аренду и организацию рабочих мест перевести в переменные затраты на потребляемые услуги, что создает условия для усиления контроля за рациональным использованием потребляемых ресурсов [5, с. 17].

В соответствии со статьей 453 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, которая предоставляет свободу заключения договора, стороны могут заключать договор, как предусмотренный, так и не предусмотренный законом или иными правовыми актами. Стороны могут заключить договор, в котором содержатся элементы различных договоров (смешанный договор). В большинстве случаев оформление отношений между организациями, относительно передачи функций на аутсорсинг осуществляется на основе договора возмездного оказания услуг и регламентируется статьей 455 Гражданского кодекса Республики Таджикистан [1].

Стоимость услуг по ведению бухгалтерского учета фирмой-аутсорсером зависит от видов деятельности, объема первичных документов, хозяйственных операций предприятия-заказчика. В соответствии со статьей 456 Гражданского кодекса Республики Таджикистан исполнение договора оплачивается по цене, установленной соглашением сторон. В предусмотренных законом случаях могут применяться цены (тарифы), устанавливаемые или регулируемые уполномоченными на то государственными органами.

Аутсорсинговые компании предлагают своим клиентам различные тарифы, ориентированные на индивидуальные потребности заказчика. Средняя стоимость таких услуг равна заработной плате главного бухгалтера средней квалификации. Однако ведение бухгалтерского учета у предприятия-заказчика будет осуществляться

высококвалифицированным специалистом, что снизит для заказчика риск искажения отчетности, а как следствие - и риск неверного исчисления налоговых платежей.

В соответствии со статьей 458 Гражданского кодекса Республики Таджикистан договор аутсорсинга может иметь публичный характер. Публичным договором признается договор, заключенный коммерческой организацией и устанавливающий ее обязанности по продаже товаров, выполнении работ или оказанию услуг, которые такая организация по характеру своей деятельности должна осуществлять в отношении каждого, кто к ней обратится. Отказ коммерческой организации от заключения публичного договора при наличии возможности предоставить потребителю соответствующие товары, услуги, выполнить для него соответствующие работы не допускается.

Следует отметить, что отсутствие специального правового регулирования института аутсорсинга подразумевает необходимость детальной проработки договора со всех точек зрения, включая гражданско-правовую, административную и налоговую. В противном случае предприятие рискует столкнуться с рядом негативных последствий, которые могут оказать влияние на его жизненно важные функции.

Типовой договор аутсорсинга, как правило, содержит следующие разделы: предмет договора, права и обязанности аутсорсера, права и обязанности заказчика, порядок исполнения и срок действия договора, порядок оплаты, ответственность сторон, порядок рассмотрения споров и иные условия, а также юридические адреса и реквизиты сторон.

Грамотно составленный договор поможет оградить от штрафных санкций в случае ошибки аутсорсером. В рамках договора об аутсорсинге компания-аутсорсер принимает на себя финансовые риски за предъявленные налоговыми органами штрафы по результатам проверок, а также за качество и своевременность выполненных работ по ведению бухгалтерского и налогового учета [6].

Кроме того, предприятию-заказчику не потребуется оснащать рабочее место и предоставлять программное обеспечение для бухгалтерской службы.

Расходы по оплате услуг компании-аутсорсеру предприятие-заказчик учитывает в составе расходов организации (пункт 1 статья 111 Налогового кодекса Республики Таджикистан), услуги должны быть обоснованы и подтверждены документами, оформленными в соответствии с требованиями статьи 12 Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» [2].

В соответствии с пунктом 43 статьи 17 Налогового кодекса Республики Таджикистан услуги понимаются как любая деятельность за вознаграждение, включая финансовые услуги. Сейчас на рынке финансовых услуг особое место занимают бухгалтерские услуги и бухгалтерское сопровождение бизнес-процессов. Под бухгалтерским сопровождением понимают оказание услуг по ведению налогового и бухгалтерского учета компаниям, находящимся как на обычной системе налогообложения, так и на упрощенной.

Бухгалтерское сопровождение включает в себя широкий спектр услуг, прямо или косвенно связанных с ведением учета и составлением отчетности у заказчика. Так, в соответствии с законом Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности», аудиторские организации наряду со своей основной деятельностью (аудитом) имеют право оказывать услуги, сопутствующие аудиту, в состав которых входят и бухгалтерские услуги. Перечень сопутствующих услуг установлен статьей 6 данного закона. Это организация, восстановление и ведение бухгалтерского учета, составление финансовой отчетности, бухгалтерское консультирование; предоставление услуги внутреннего аудитора; налоговое консультирование, организация, восстановление и ведение налогового учета, составление налоговых взаиморасчетов и деклараций; анализ финансовой отчетности; обучение ведению бухгалтерского учета и составлению финансовой отчетности, налогообложению, аудиту и анализу финансово-хозяйственной деятельности и финансового планирования; автоматизация бухгалтерского учета и внедрение информационных технологий и др. [4].

Кроме того, существуют бухгалтерские услуги, оказывая которые клиенту, фирма может выполнять и аудит у данного клиента (например, постановка бухгалтерского учета,

анализ финансовой деятельности, компьютеризация бухгалтерского учета и др.). Но существуют также и бухгалтерские услуги, оказывая которые заказчику, аудиторская фирма не имеет право проводить аудит у данного заказчика (например, ведение бухгалтерского учета, составление налоговых деклараций с бухгалтерской отчетностью).

В случае применения упрощенной системы налогообложения в состав бухгалтерских услуг входит формирование книги доходов и расходов. Также подразумевается оказание попутных бухгалтерских услуг, таких как подготовка кассы для проверки по требованию банка, бухгалтерские услуги в области трудового законодательства и т.д.

Предприниматель или организация заключают с бухгалтерской компанией договор об оказании бухгалтерских услуг, в котором оговаривается конкретный перечень услуг и порядок их оказания.

Реализацией услуги признается документально подтвержденный факт признания заказчиком ее оказания. Отражение в бухгалтерском учете выручки от реализации осуществляется на основании акта сдачи-приемки услуг, в котором указывается перечень услуг, оказанных заказчику. Вместе с актом заказчику выдается счет-фактура. В общем виде передача результата работ от исполнителя заказчику в бухгалтерском учете отражается соответствующими учетными записями.

Доходы и расходы, возникающие в связи с оказанием аутсорсинговой организацией услуг, подлежат отражению в составе финансовой отчетности в отчете о прибылях и убытках с разбивкой по видам доходов и расходов.

Не следует ожидать, что аутсорсинг бухгалтерского учета избавит от всех проблем. Необходимо иметь стратегию развития предприятия, которая поможет, оптимизируя затраты, выстроить четкий план следования к намеченной цели, учитывая сложившуюся экономическую обстановку.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Част 1 от 30 июня 1999 года, № 803. - – http://mmk.tj
2. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 17 сентября 2012 года, № 901. - – http://mmk.tj
3. Закон Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» от 25 марта 2011 года, № 702. - – http://mmk.tj
4. Закон Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности» от 22 июля 2013 года, № 993. – http://mmk.tj
5. Быстрова. Е.С. Аутсорсинг бухгалтерских услуг и его роль в стратегическом управлении / Е.С. Быстрова // Молодой ученый. – 2014. - № 4.2 (63.2). – С. 16-19
6. Клименко, Т. Договоры бухгалтерского и налогового аутсорсинга / Т. Клименко // Финансовая газета. – 2008. - № 13
7. Панков, В.В., Наумова, С.А. Аутсорсинг в бухгалтерском учете / В.В. Панков, С.А. Наумова // Аудит и финансовый анализ. - 2009. - № 1. – С. 37-58



***Ғуломова З.З. - ассистент***

***Қараев А.Б. – магистрант***

***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## УНСУРҲОИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ВА ТАРЗҲОИ БАҲОДИҲИИ ОНҲО ТИБҚИ СБҲМ

Ахбори дар ҳисоботи молиявӣ пешкашшаванда мувофиқи аломатҳои асосии иқтисодӣ ба гурӯҳҳои умумие муттаҳид мешавад, ки унсурҳои ҳисоботи молиявӣ ном доранд.

Унсури ҳисоботи молиявӣ (component of financial statements) – моддаҳои ҳисоботанд, ки вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаро васф мекунанд. Бунёдгардии ҳисоботи молиявӣ дар ниҳояти кор ба ошкоркунӣ ва дар он инъикоскунии унсурҳои мувофиқ

меоварад. Барои пешкашкунӣ дар ҳисоботи молиявӣ унсурҳо вобаста ба хислат ва вазифаҳояшон дар фаъолияти корхона ба зергурӯҳҳо тасниф мешаванд.

Унсурҳои ҳисоботи молиявӣ дар бахши "Ғояҳо"-и маҷмӯаи СБҲМ муайян гардидаанд.

Тибқи "Ғояҳо" унсурҳои васфкунандаи вазъи молиявии корхона дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя (сармояи худӣ) мебошанд, ки дар ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) инъикос карда мешаванд.

Унсурҳои васфкунандаи натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона даромад ва хароҷот мебошанд, ки дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади ҷомеъ (ҳисобот оид ба фоида ё зарар) инъикос карда мешаванд.

Мувофиқи таснифоти дар СБҲМ қабулгардида амсилаи асосии тавозунӣ чунин аст:

**ДОРОИҲО – УҲДАДОРИҲО = САРМОЯИ ХУДӢ**

Амсилаи тавозунӣ се бахши таркибии тавозуни муҳосибиро муттаҳид намуда, асоси муайянкунии сармоя чун фарқи байни дороиҳо ва уҳдадориҳо баҳисоб меравад. Ба соддагӣ ва яқинии худ нигоҳ накарда, амсилаи асосии муҳосибӣ имконият медиҳад, ки воситаҳо, амалиёт ва натиҷаҳои фаъолияти корхона дар шакли нисбатан умумӣ ифода ва дар тавозуни муҳосибӣ инъикос карда шаванд.

Дороиҳо (assets) – сарватҳоеанд, ки ширкат онҳоро назорат мекунад, дар натиҷаи рӯйдодҳои давраҳои пешин пайдо шудаанд ва дар оянда ширкат аз онҳо нафъҳои иқтисодиро интизор аст.

Нафъҳои иқтисодииояндаи дар дороиҳо таҷассумёфта ба корхона бо роҳҳои гуногун ворид шуда метавонанд. Масалан, дороӣ метавонад:

- ✓ алоҳида ё дар ҳамҷоягӣ бо дигар дороиҳо дар истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматҳо истифода шавад;
- ✓ бо дигар дороиҳо иваз карда шавад;
- ✓ барои адокунии уҳдадориҳо истифода шавад;
- ✓ дар байни соҳибмулкони ширкат тақсим карда шавад.

Дар байни хароҷоти рӯйдода ва дороиҳои барпогашта алоқаи зич мавҷуд аст, вале онҳо на ҳама вақт ба ҳам рост меоянд. Масалан, вақте ширкат хароҷот мекунад, ин метавонад гувоҳӣ аз он диҳад, ки ширкат ҳадафи дар оянда ба даст овардани фоидаро пайгирӣ кардааст, вале ин исботи басанда нест оид ба он ки объекти ҷавобгӯ ба мафҳуми дороӣ ба миён омадааст. Яқинан ҳаминсон, набудани хароҷоти мувофиқ монеъа намешавад, то модда ба мафҳуми дороӣ мувофиқат кунад ва барои дар тавозун эътироф шудан иддао кунад.

Уҳдадориҳо (liabilities) – қарздории ҷории ширкат мебошанд, ки дар натиҷаи рӯйдодҳои давраҳои пешин пайдо шудаанд. Танзимкунии қарздорӣ ба хориҷ шудани сарватҳои дарбаргирандаи нафъҳои иқтисодӣ аз ширкат меорад.

Мебояд байни уҳдадориҳои ҷорӣ ва уҳдадориҳои оянда фарқиятро муқаррар намуд.

Қарори роҳбарияти ширкат оид ба дар оянда ба даст овардани дороиҳо худ аз худ ба пайдо шудани уҳдадорӣ намеорад. Одатан уҳдадорӣ ҳангоме ба миён меояд, ки дороӣ расонида шудааст ё ширкат барои хариди он шартномаи бекорнашаванда бастааст. Танзимкунии уҳдадории ҷорӣ ба даст кашидани ширкат аз сарватҳои дарбаргирандаи нафъи иқтисодӣ барои адокунии қарз меоварад.

Танзимкунии уҳдадории ҷорӣ бо чунин тарзҳо сурат гирифта метавонад:

- ✓ пардохти воситаҳои пулӣ;
- ✓ додани дигар дороиҳо;
- ✓ пешкашкунии хизматҳо;
- ✓ ивазкунии як уҳдадорӣ бо уҳдадории дигар;
- ✓ гузаронидани уҳдадорӣ ба сармоя.

Уҳдадорӣ инчунин метавонад бо дигар воситаҳо адо карда шавад:

- ✓ дасткашӣ;
- ✓ ҳуқуқҳои худро гум кардани қарздеҳ.

Сармояи худӣ (equity) чун фарқи байни дороиҳо ва уҳдадориҳо муайян карда мешавад. Сармояи худӣ ҳиссаи боқимондаи дороиҳои ширкат пас аз тарҳ кардани ҳама уҳдадориҳои он мебошад.

Сармояи худӣ дар тавозун метавонад ба зергурӯҳҳо ҷудо гардад. Масалан, дар шароитҳои ҷамъияти саҳҳомӣ чунин моддаҳои сармоя метавонанд алоҳида нишон дода шаванд: воситаҳои гузоштаи саҳҳомон, фоидаи тақсимнашуда, захираҳои ифодакунандаи таҳриркуниҳо барои таъмини нигоҳдории сармоя. Чунин таснифкунии сармоя метавонад барои қонеъгардонии талаботҳои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҳангоми қабули қарорҳо оид ба муайянкунии маҳдудиятҳои ҳуқуқии тақсимкунӣ ва истифодабарии сармоя бамаврид бошад. Ин таснифот метавонад далелеро низ инъикос кунад, ки ҷонибҳои дар сармояи ширкат ҳисса дошта нисбат ба гирифтани дивидендҳо ва ё баргардонидани сармоя ҳуқуқҳои гуногун доранд. Бузургии сармояи дар тавозун нишондодашаванда аз баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо вобаста мебошад.

Одатан андозаи умумии сармояи худӣ ба арзиши умумии бозории саҳмияҳои ширкат ё маблағе, ки метавонад аз қисм ба қисм фурӯхтани дороиҳои соф ё фурӯши тамоми ширкат ба даст ояд, мувофиқат намекунад. Тамоюли гузариш ба баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳои ширкатҳо бо арзиши одилона ба наздикшавии арзиши тавозунӣ ва бозории ширкатҳо мусоидат мекунад.

Даромад (income) – афзоиши нафъҳои иқтисодӣ дар муддати давраи ҳисоботӣ мебошад, ки дар шакли воридшавии дороиҳо ё камшавии уҳдадориҳо ба миён омада, ба афзуншавии сармояи бо гузоришҳои соҳибмулкон алоқаманд набуда меоварад.

Тибқи СБҲМ мафҳуми даромад даромад аз фурӯш ва дигар даромадҳои амалиётиро дар бар мегирад.

Даромад аз фурӯш (revenue, proceeds from sales), ё даромади фурӯш, ё маблағи фурӯш – ин воридшавии умумии нафъҳои иқтисодӣ дар рафти фаъолияти муқаррарии ширкат дар давра мебошад, ки ба афзоиши сармояи бо гузоришҳои соҳибмулкон алоқаманд набуда меоварад.

Дигар даромадҳои амалиётӣ (other operating income) – моддаҳои ба мафҳуми даромад ҷавобгӯеанд, ки аз даромади фурӯш фарқ мекунанд. Онҳо метавонанд дар фаъолияти муқаррарии ширкат ё пайдо шаванд, ё пайдо нашаванд. Масалан, воридшавии маблағ аз фурӯши воситаҳои асосӣ, даромади ғайрифурӯшии дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии дороиҳо пайдошуда. Дигар даромадҳо (даромадҳои ғайрифурӯшӣ) дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади ҷомеъ алоҳида инъикос карда мешаванд, чунки ахбор оид ба онҳо барои қабули қарорҳои иқтисодӣ муфид аст.

Хароҷот (expenses) – камшавии нафъҳои иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ мебошад, ки дар шакли хориҷшавии дороиҳо ё зиёдшавии уҳдадориҳо ба миён омада, ба камшавии сармояи ба тақсимот дар байни соҳибмулкон алоқаманд набуда меоварад.

Мувофиқи СБҲМ мафҳуми хароҷот масрафҳои (costs) дар раванди фаъолияти муқаррарии ширкат пайдошуда (чун арзиши аслии фурӯш, подоши меҳнат, истеҳлок), инчунин зарарҳоро дар бар мегирад.

Зарарҳо (losses) – дигар моддаҳое мебошанд, ки ба мафҳуми хароҷот рост омада, дар раванди фаъолияти муқаррарии ширкат метавонанд пайдо шаванд, ё пайдо нашаванд. Ба зарар мансубанд, масалан, зарарҳои дар натиҷаи офатҳои табиӣ, фурӯши воситаҳои асосӣ, тағйирёбии қурбҳои асъор пайдошуда. Зарарҳо дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади ҷомеъ алоҳида нишон дода мешаванд, чунки ахбор оид ба онҳо барои қабули қарорҳои иқтисодӣ муфид аст. Зарарҳо дар ҳисобот аксаран бо тарҳи даромади ростоянда нишон дода мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар системаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ стандарте оид ба хароҷот то имрӯз нест. Яке аз сабабҳои ин норасогӣ мумкин ба он хотир бошад, ки дар "Ғояҳо" масъалаҳои тасниф ва эътирофкунии хароҷот ба таври басанда баррасӣ шудаанд.

Ҳар як унсури ҳисоботи молиявӣ бояд *эътироф карда шавад* (recognised), яъне ба ҳисоботи молиявӣ дохил карда шавад, агар:

- ➢ эҳтимолияте вуҷуд дошта бошад, ки ҳамагуна нафъи иқтисодии ояндаи ба ҳамин объекти баҳисобгирӣ муносибат дошта ба ширкат медарояд ва ё аз он мебарояд;
- ➢ ҳамин объекти баҳисобгирӣ арзиш ё қимате дорад, ки боэътимодона чен карда (баҳо дода) мешавад.

Унсурҳои ҳисоботи молиявӣ бояд мутақобилан эътироф карда шаванд. Эътирофкунии даромад ҳамзамон бо эътирофкунии афзоиши дороиҳо ё камшавии уҳдадориҳо (ё дар ҳамҷоягии ҳар ду рӯйдод) ба ҷо оварда мешавад. Эътирофкунии хароҷот бошад ҳамзамон бо эътирофкунии зиёдшавии уҳдадориҳо ё камшавии дороиҳо (ё дар ҳамҷоягии ҳар ду рӯйдод) сурат мегирад.

Эътирофкунии унсури ҳисоботи молиявӣ баҳодиҳии онро талаб менамояд. Баҳодиҳии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷот дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо ифодаи пулӣ ба ҷо оварда мешавад. Унсури арзиш надошта ва ба ченкунӣ итоат накунанда наметавонад миқдоран баҳо дода шавад, аз ин рӯ дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос карда ва дар ҳисоботи молиявӣ нишон дода намешавад.

Баҳодиҳӣ тарзи муайянкунии маблағи пулест, ки бо он амалиёти хоҷагидорӣ, далелҳо ва рӯйдодҳо ба феҳристҳои (регистрҳои) баҳисобгирии муҳосибӣ дароварда ва дар ҳисоботи молиявӣ ҷамъбаст карда мешаванд. Барои ин мебояд воҳиди пулӣ ва усули баҳодиҳии миқдории объектҳои баҳисобгирӣ интихоб карда шавад. Ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ ҳамагуна асъоре истифода шуда метавонад, ки дар маҳалҳои пешкашкунии ин гуна ҳисобот қабул гардида бошад.

Дар "Ғояҳо" оварда шудааст, ки дар ҳисоботи молиявӣ бо дараҷаҳо ва ҳамомадҳои гуногун метавонанд чунин усулҳои баҳодиҳии арзиш истифода шаванд: арзиши таърихӣ, арзиши ҷории барқароркунӣ, арзиши одилона, нархи имконии фурӯш, арзиши дисконтшуда.

Арзиши таърихӣ (historical cost) – маблағи пардохтшудаи воситаҳои пулӣ ё муродифҳои онҳо ва ё арзиши одилонаи барои бадастории дороӣ додашудаи дигар подош дар лаҳзаи бадасторӣ ё бунёдкунии ҳамин дороӣ мебошад. Уҳдадориҳо бо маблағе баҳисоб гирифта мешаванд, ки бар ивази уҳдадории қарзӣ гирифта шудааст, ё дар баъзе мавридҳо (масалан, андоз аз фоида) бо маблағи воситаҳои пулӣ ё муродифҳое, ки пардохти онҳо дар мавриди рафти муътадили корҳо даринтизор аст. Дар адабиётҳои иқтисодӣ арзиши таърихӣ чун арзиши аввалӣ, нархи харид ё арзиши аслӣ (original cost) низ номбар мешавад.

Арзиши ҷории барқароркунӣ (current replacement cost) – ин баҳодиҳӣ пас аз эътирофкунии аввалии дороӣ бо арзиши одилона дар санаи азнавбаҳодиҳӣ бо тарҳи истеҳлок ва зарарҳои аз коҳишёбии арзиш ғуншуда мебошад. Дороиҳо бо маблағи он воситаҳои пулӣ ё муродифҳое инъикос карда мешаванд, ки мебоист барои бадастории ҳаминсон дороӣ ё муродифи он дар айни замон пардохт мешуд. Уҳдадориҳо бо арзиши дисконтнашудаи маблағи воситаҳои пулӣ ё муродифҳое инъикос карда мешаванд, ки мебоист барои адокунии уҳдадорӣ дар айни замон талаб карда мешуд.

Дар мафҳуми мазкур омили вақтии "айни замон" ҷудо мегардад. Моҳиятан ин нархи бозорӣ (market value)-и дар айни замон муқарраргардида мебошад.

Арзиши одилона (fair value) – маблағест, ки ҳангоми додугирифти байни ҷонибҳои бодараки хоҳиши гузаронидани чунин амалиётро дошта дороиро бо он метавон иваз намуд.

Арзиши одилона тарзи появии баҳодиҳии унсурҳои ҳисоботи молиявӣ нест, чунки ин тарзи баҳодиҳӣ аз мафҳуми арзиши воқеъӣ чун арзиши одилонаи подоши дигари барои бадастории дороӣ додашуда бармеояд. Мафҳуми подош додан ҳаминро мефаҳмонад, ки дар мавриди набудани баҳои объект онро метавон бо арзиши бозории ҳаминсон объектҳо баҳо дод, яъне ба ҷои арзиши объект арзиши объекти дигари ҳамсон қабул карда мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки истифодаи арзиши одилона яке аз ғояҳои асосии СБҲМ аст, аз ин рӯ ана ба ҳамин тарзи баҳодиҳӣ диққати муҳим дода мешавад.

Нархи имконии фурӯш (пӯшонидан) (realisable (settlement) value) – баҳодиҳии дороиҳо бо маблағи воситаҳои пулӣ ё муродифҳои пул, ки дар айни замон метавонад аз фурӯши онҳо

дар шароитҳои мӯътадил гирифта шавад. Ухдадориҳо бо арзиши адокуниашон, яъне бо маблағи дисконтнашудаи воситаҳои пулӣ ва муродифҳои пул, ки мебоист барои адокунии ухдадорӣ дар шароитҳои мӯътадили кор масраф мешуданд, инъикос карда мешаванд.

Ҳангоми муайянкунии нархи имконии фурӯш на фақат ба омили вақтии "айни замон", балки ба мавҷудияти бозор дар шароитҳои муътадил низ диққат дода мешавад. Моҳиятан нархи имконии фурӯш ин арзише мебошад, ки айни замон дар бозор муқаррар гардидааст.

Арзиши овардашуда (present value) – баҳодиҳии дороиҳо бо арзиши ҳозираи маблағи софи дар оянда воридшавандаи воситаҳои пулие мебошад, ки ҳамин дорой дар шароитҳои мӯътадил онҳоро ба миён меорад. Ухдадориҳо бо арзиши овардашудаи хориҷшавии софиояндаи воситаҳои пулие инъикос карда мешаванд, ки барои адокунии ухдадорӣ дар шароитҳои мӯътадил талаб карда мешавад.

Дигар тарзҳои баҳодиҳии дар СБҲМ барои баҳодиҳии унсурҳои ҳисобот истифодашаванда, ба монанди арзиши тавозунӣ, арзиши истеҳлокшаванда, арзиши барҳамдиҳӣ ва маблағи подошшаванда тарзҳои ҳосилавӣ мебошанд, ки панҷ намуди муоинашудаи арзишҳо такя менамоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Каримов Б.Ҳ., Бобиев И.А., Қаюмова Ф.А., Набиев Б.А. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, Ирфон, 2014. – 449 с.
2. Бархатов А.П. Международные стандарты учета и финансовой отчетности. Учебник. – М.: Дашков и К°, 2012. – 484 с.
3. Вахрушина М.А. Международные стандарты финансовой отчетности. Учебник. – М.: Рид Групп, 2011. – 656 с.

***Расулов Т.М. – н.и.и., дотсент***
***Расулӣ Ф.Т. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***
***Маҳмаризоева М. – муаллими калон***
***Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент***

## ЗАРУРИЯТИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ ТАЪМИНИ МАНФИАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТ

Мақоми махсуси назорати молиявӣ дар системаи умумии назорат ҳамчун ҷузъе дар системаи идоракуни аз махсусияти он, ки дар функсияи назоратии худи молия ифода меёбад, бармеояд. Қобилияти ба таври объективии ба молия хоси ифоданамоии тарафи махсуси фаъолияти истеҳсоли-хоҷати дар ҳама соҳаҳо, назорати молиявиро хеле фарогиранда месозад. Агар функсияи назоратаи молия хосияти худи молия бошад, онгох назорати молияви фаъолияти мақомоти мувофиқи онро баамалбароранда аст. Зоҳиран объекти назорати молияви нишондеҳандаҳои молияви фаъолият аст, аммо, азбаски онҳо ё ҷараёни бунёдшави, тақсимот, азнавтақсимнамои ва истифодабарии захираҳои молиявиро танзим менамояд ё натиҷанокии гирдгардиши онҳоро инъикос менамояд, объекти хақиқии назорати молияви ҳамаи ҷараёни фаъолияти истеҳсоли - хоҷаи мегардад. Бо ин нақши муҳиму бузурги назорати молияви дар системаи идоракуни муайян карда мешавад [8, с.75].

Шарти зарурии самаранокии назорати молияви системаи баҳисобгирии бухталтери, ки боэътимоди ва иньикоси пурраи харакати нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти ашхоси хукуқи ё ҷисмонии ҳисоботдеҳро таъмин менамояд, мебошад. Танҳо дар ин шароит натиҷаҳои назорати молияви имкониятро барон таҳлил ва баҳодеҳии объективии динамикаи нишондеҳандаҳои молияви ва та- сҳеҳи рафти баамалбарории сиёсати молияви дар давраи муайяни инкишоф медиҳад.

Дар мамолики иқтисоди бозоргони соҳаи назорати молиявии давлати баамалбарории сиёсати молиявии давлатро таъмин менамояд. Назорати молиявии давлати танҳо ба звеноҳои системаи молиявии давлати дахл дошта, қисми ҷамъиятикардашудаи маҳсулоти умумии миллиро фаро мегирад. Ин пеш аз ҳама тартибдеҳи ва иҷронамоии буҷети давлати, фондҳои

ғайрибуҷетии ҳукумати, молияи маҳалли ва молияи корхонаҳои давлатиро ифода менамояд [6, с.94].

Фаъолияти соҳибкории хусусӣ ва монополияҳо танҳо дар қисмати риояи интизоми молияви хангоми иҷроиши супоришоти давлати, ҳангоми ба онхо пешниҳод гаштани қарз ва субсвдияҳои давлати, ҳангоми тартибдеҳи и декларатсияҳои андоз аз тарафи онҳо объекти назорати молиявии давлати метардад [8, с.79].

Дар назорати молиявии давлати диққати асоси ба саривақти ва пуррагии мобилизатсияи захираҳои давлати, қонуии будани хароҷотхо ва даррмадҳои ҳамаи звеноҳои системаи молияи давлати, риояи қоидаҳои баҳисобгири ва ҳисобот дода мешавад. Назорати молиявии давлати на танҳо чараёни бунёдшави ва иҷроиши буҷети ҷумҳурияви, балки буҷетҳои маҳаллиро низ дарбар мегирад, зеро аз тарафи ҳуқумати маркази назорат -хангоми ба буҷети маҳалли додани субсидияҳо ва қарзхо аз буҷети ҷумҳурияви барои молиягузори ва назорати ҷорию капиталии онҳо, бақайдгирии барориши заёмҳои маҳаллии аз тарафи давлат кафолатдодашаванда, амалигардонии барномаҳои. ҳукумати низ ба амал бароварда мешавад.

Ба соҳаи назорати давлатии молияви назорати дар соҳаи фаъолияти монополияҳо ва соҳибкории хусуси аз тарафи худи соҳибони капитали молияви ё амалишаванда низ дохил мешавад. Дар ин ҷода, назорати молияви хеле қатъи амали мегардад, зеро аз доимият ва катьияти он бевосита натиҷанокии молиявии фаьолияти худи соҳибони сармоя вобастаги дорад. Мақсади ниҳоии фаъодияти соҳибкори чун қоида бойшави, яъне афзудани сармояи ибтидоист. Дар ин сатҳ дар сохтори ташкили назорати молияви ҳангоми иқтисоди бозоргони шабоҳат бо назорати дохилиидоравии молиявие, ки ҳангоми мавҷудияти системаи маъмури - фармондеҳи ба шакли умумихалқии давлатии моликият амал мекард, баръало зоҳир мегардад. Аммо, агар ба самаранокии назорати дохилиидоравии бештар давлат манфиатдор бошад, дар шароити иқтисоди бозори ба самаранокии назорати молиявии дохили - хусуси бевосита худи соҳибони сармоя шавқманданд [2, с.194].

Назорати молияви - хоҷаги ҷузъи таркибии назорати давлати аст. Ин системаи назоратие, ки макомоти давлати, чамъияти ва идорави аз болои фаъолияти хоҷаги - молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо бо мақсади баҳодеҳии объективии самаранокии иқтисодии ин фаъолият, муқаррарнамоии қонуни будан, боэътимоди ва мақсаднокии амалиётҳои молиявию хоҷаги, ҳифзи моликият ва дарёфти захираҳои дохилихоҷагии афзоиши самаранокии истеҳсолот ба амал мебароранд.

Яъне, назорати молияви хамчун шакли назорати давлати дар чараёни бунёдшави ва истифодабарии фондҳои васоитаи пули дар ҳамаи звеноҳои системаи молияви амали мегар-дад. Таъиноти асосии онҳо - таъмини ҳифзи ҳамаи намудҳои моликият, истифодаи ратсионалии воситаҳои пули, барои бадастории самаранокии баландтарини истеҳсолот мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини назорати молияви - санҷиши риояи дурусти қонунгузори аз рӯи масъалаҳои молияви, саривақтии иҷроиши уҳдадориҳои молияви дар назди буҷетти давлати, бонкҳо инчунин уҳдадориҳои тарафайни корхонаву ташкилотҳо аз рӯи ҳисоббаро- баркуниҳо ва пардохтҳо мебошад. Назорати молиявиро мақомоти олии ҳокимияти давлати ва идоракуни, вазорати молия ва макомоти маҳаллии молияви ба амал мебароранд.

Дар шароити муносибатҳои бозори масьулияти хадамоти молияви барои мобилизатсияи пурраи воситаҳои азонихуди, ҳолати молиявии корхона, самаранокии амалиётҳои гузаронидашуда, натиҷаҳои ниҳоии кор хеле меафзояд. Зеро аз он аз бисёр чиҳат қобилияти ба рақобаттобоварии корхона вобастаги дорад. Хангоми тартибдеҳи вазифаҳои нақшави, пешгӯиҳо, дар ҳамаи самтҳои оптимали ва андозаи харочотҳо, асоснокии дохилшавиҳои пулии нақшави назорат карда мешавад. Назорат бояд ҳамаи карорҳои қабулмешударо аз нуқтаи назари қонуни будан, мувофиқи мақсад будан ва фоиданоки фаро мегирад. Шакли муҳими назорат - таҳлили нишондеҳандаҳои асосии кор, муайянамоии омилҳои мусбат ва манфии ба даромади корхона, фоида таъсиррасонанда мебошад [5, с.85].

Назорати молияви - назорати мақомоти ҳукуматии қонунтузори ва иҷроияи ҳама сатҳҳо, инчунин муассисаҳои махсус бунёдшуда аз болои фаъолияти молиявии ҳамаи субъектҳои иқтисоди (давлат, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо) бо истифодабарии усулҳои

махсус мебошад. Вай назоратро аз болои риояи қонунтузориҳои молияви - хоҷаги дар ҷараёни бунёдшави ва истифодаи фондҳои васоити пули, баҳодеҳщи самаранокии иқтисодии амалиётҳои молияви - хоҷаги ва мувофиқи мақсад будани хароҷотҳои ба амал овардаро дарбар мегирад.

Назорати молияви аз болои фаъолияти корхона инчунин назоратро аз ҷониби муассисаҳои қарзи, саҳҳомон ва назорати дохили; санҷиши самаранокива мақсаднокии истифодаи захираҳои пулии азонихуди, қарзи ва ҷалбшуда; таҳлил ва муқоисаи натиҷаҳои ҳақиқии молияви бо пешбинишуда; баҳои молиявии натиҷаҳои лоиҳаҳои инвеститсиони; дурусти'ва боэътимоди ҳисоботи молияви; вазъи молияви ва бозоргириро дарбар метирад.

Назорати молияви - хоҷаги ҳамчун функсияи мустақили идоракунии иқтисодиёт ва соҳаи донишҳои иқтисоди ятона ва тақсим- нашаванда аст. Мавҷудияти иамудҳои гуногуни он ба мураккаби ва бисёрҷониба будани функсияи он дар сатҳҳои гуногуни идоракуни вобаста аст. Хамаи намудҳои назорати молияви - хочагиро ягонагии мазмуни иқтисоди, предмет ва метод муттаҳид менамояд [8, с.65]. Аммо, ҳар як қисмати он соҳаи истифода ва махсусияти хешро дорост. Аз ин рӯ, вобаста аз субъектҳои назорати намудҳои назорати давлати, идорави ва дохилиидоравиро фарқ мекунанд, ки мавкеъи онҳоро мо дар боло дида гузаштем.

## АДАБИЁТ


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 185 с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323 с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232 с.
4. Басовский Л.Е.Теория экономического анализа: Учеб. Пособие. – М,:ИНФРА-М, 2001.
5. Ковалев В.В., Волкова О.Н. Анализ хозяйствен-ной деятельности предприятия М.: Проспект, 2000.
6. Ковалев В.В. Как читать баланс– М.: Финансы и статистика, 1998.
7. Расулов Т.М. Махмаризоева М. Расулов Ф. Баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар хазинадорӣ Душанбе “Аржанг” – 2019
8. Расулов Т.М. Махмаризоева М. Расулов Ф. Назорат ва тафтиш.Душанбе “Аржанг” – 2019



***Рустамов Р.У. - муаллими калон***
***Абдукаримзода А.Х. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲОИ САВДО ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Бояд қайд намуд, ки савдо (тиҷорат) – ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ буда бо хариду фурӯши молҳо расонидани хизматрасониҳо ба харидорон мебошад. Мақсади фаъолияти савдо дар он аст, ки барои харидани мол ва аз нав фурӯхтани он ва ба даст овардани нафъи иқтисодӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз соҳибкорӣ дар соҳаи савдо хароҷоти камтарро аз соҳибкор талаб намуда, дар шароитҳои муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваккалҳои бештар гирифтор аст. Бо вуҷуди ин бештари соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ рӯ меоранд.

Фаъолияти савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран ба хариду фурӯши молҳои воридотшаванда сарукор дорад. Соҳибкорони инфиродии фаъолияти соҳибкории худро дар асоси патент ва шаҳодатнома баргузоркунанда, инчунин шахсони ҳуқуқӣ бо ташкил намудани бозорҳо, фурӯшгоҳҳо ва дуконҳо (мағозаҳо) ба амалиётҳои тиҷоратӣ шуғл меварзанд.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳои савдо аз баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои истеҳсолӣ ба қадри назаррас фарқ мекунад. Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба ин ин ҷо мо раванди баҳисобгирии муҳосибиро шарҳ медиҳем.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити бозор ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт доираи корбурди баҳисобгирии муҳосибиро васеъ намуд. Объектҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ пайдо шудаву истифодабарандагони нави ахбори муҳосибӣ ба миён омадаанд. Баҳисобгирии муҳосибии муосир таъминкунандаи асосии ахбор барои идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ нигоҳи навро ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳибкорӣ тақозо менамоянд. Донистани асосҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ барои кормандони идоракунанда ва роҳбарони корхонаҳои муосир, донишҷӯёни касбҳои иқтисодӣ ва ҳама касони нияти соҳибкор шуданро дошта зарур аст [1, с. 3].

Мақсади ниҳойии ташкилотҳои савдо ба даст овардани фоида мебошад. Фоида унсури таркибии муносибатҳои бозорӣ буда, мавқеи намоёнеро дар таъсиси бозори воситаҳои истеҳсолот, молҳои ниёзи мардум, қоғазҳои қиматнок ишғол менамояд. Вай нақши муҳимеро дар барҳамдиҳии касри буҷет, муътадилгардонии хоҷагидорӣ ва бартарафсозии зуҳуроти бӯҳронӣ мебозад.

Яке аз принсипҳои муҳимтарини иқтисоди бозорӣ ин фоиданокии фаъолияти корхона мебошад. Фоида самаранокии фаъолияти хоҷагидории корхонаро васф намуда, манбаи асосии маблағгузории рушди минбаъдаи он мебошад. Ҳиссаи муқарраргардидаи фоидаро корхона чун андоз аз фоида ба буҷети давлат гузарнида, ҳиссаи дигарашро барои рушди фаъолияти худ сафарбар менамояд.

Натиҷаи молиявии ниҳойии фаъолияти ташкилоти тиҷоратӣ – ин фоидаи соф ё зарар мебошад. Натиҷаи молиявии ниҳойии ташкилоти савдо чун дигар корхонаҳои соҳибкорӣ аз ин унсурҳо бунёд мегардад:

- фоида ё зарар аз фурӯш;
- бақияи даромад ва хароҷот аз фаъолияти амалиётӣ;
- бақияи даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ;
- даромад ва хароҷоти фавқуллода.

Натиҷаи молиявии ниҳойӣ – фоида ё зарар аз фаъолияти хоҷагидорӣ чун фарқи байни даромадҳои гирифташуда ва хароҷоти ба онҳо ростояндаи ташкилоти савдо ҳисоб карда мешавад. Барзиёдии даромадҳо аз хароҷот – фоида ва барзиёдии хароҷот аз даромад – зарарро ифода менамояд. Натиҷаи молиявии дар давари ҳисоботӣ (сол) бадастовардаи ташкилоти савдо мувофиқан ба зиёдшавӣ ё камшавии сармояи ташкилот меоварад [2, с. 88].

Бо мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мафҳумҳои даромад ва хароҷот ва таснифи онҳо бо санадҳои меъёрии махсус – низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 6/2001 “Даромадҳои корхона” [3] ва 7/2001 “Хароҷоти корхона” [4] муайян карда шудаанд.

Тибқи нишондоди ин санадҳои меъёрӣ даромадҳои дар натиҷаи пешбурди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории худ мегирифтаи ташкилот дар ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо бо чунин бахшҳои асосӣ инъикос карда мешаванд:

1. Даромади соф аз фурӯш.

Даромади соф аз фурӯш чун маблағ аз фурӯши маҳсулот (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо), бе баҳисобгирии маблағи андоз аз арзиши иловашуда, андози аксизӣ ва дигар андозҳои чуброншаванда, ки дар таркиби нархи маҳсулот (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо) баҳисоб гирифта мешаванд, муайян карда мешавад. Молҳои бозпасгардонидашуда ва тахфифҳои ба харидорон пешкашкардашуда ба даромади соф дохил намешаванд.

Даромад аз фурӯши маҳсулот (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо) мувофиқи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда мешавад.

2. Дигар даромадҳои амалиётӣ (дигар даромадҳо аз фаъолияти асосӣ):

- даромад аз иҷораи амалиётӣ (муқаррарӣ);

- даромад аз пардохтҳои литсензиявӣ;
- ҷаримаҳо, ҷаримаҳои фоизӣ, ноустувораҳои вобаста ба фаъолияти амалиётии худ гирифтаи ташкилот;
- баргардонидани қарзҳои пештар бе истифодабарии ҳисоби захираи баҳододашаванда чун қарзҳои беэътимод соқиткардашуда;
- дигар даромадҳо аз амалиёти бевосита ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) алоқаманд набуда.

Моддаҳои номуҳими дигар даромадҳо дар ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо метавонанд бо тарҳи хароҷоти дахлдор аз ҳаминсон амалиёт ва рӯйдодҳо нишон дода шаванд.

3. Даромадҳои ғайриамалиётӣ (даромадҳо аз фаъолияти молиявӣ ва сармоягузорӣ);

- даромадҳои фоизӣ;
- даромадҳо аз сармоягузориҳо;
- даромадҳо аз дивидендҳо;
- даромадҳо аз фарқҳои қурбӣ;
- даромадҳо аз ивазкунии асъор;
- даромадҳо аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуҳлат;
- даромадҳо аз соқиткунии қарздорӣ аз амалиёти лағвкардашуда;
- дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ.

Даромадҳои фавқулодда – даромадҳое мебошанд, ки хосияти ғайриоддигӣ дошта, дар натиҷаи рӯйдодҳо ва амалиёти берун аз фаъолияти муқаррарии ташкилот пайдо мешаванд ва гирифтанашон пешбинӣ намешавад.

Таснифи масрафҳо, ки дар санадҳои дар боло қайдкардашуда оварда шудааст пеш аз ҳама ба инъикоскунии дуруст ва пурраи масрафҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ, муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ (фоида ё зарар) аз фаъолияти ташкилот барои тартибдиҳии ҳисоботи молиявии вай ва андозбандии фоида нигаронида шудааст.

Натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилоти савдо бо чунин нишондиҳандаҳои фоида тавсиф дода мешаванд [5, с. 214]:

- фоидаи умумӣ аз фурӯш (ФУ), ки чун фарқи байни даромади соф аз фурӯш (ДСФ) ва арзиши аслии истеҳсолии маҳсулоти фурӯхташуда (АИ) муайян карда мешавад:

$$ФУ = ДСФ - АИ;$$

- фоида аз фаъолияти амалиётӣ (ФА), ки чун фарқи байни фоидаи умумӣ аз фурӯш (ФУ) ва хароҷоти фурӯш (ХФ), хароҷоти маъмурӣ (ХМ), дигар хароҷот ва зарарҳои амалиётӣ (ДХА) бо замми дигар даромадҳои амалиётӣ (ДДА) муайян карда мешавад:

$$ФА = ФУ - ХФ - ХМ - ДХА + ДДА;$$

- фоида (ё зарар) аз фаъолияти умумихоҷагидорӣ (ФФУ), ки чун ҳосили ҷамъи фоида аз фаъолияти амалиётӣ (ФА) ва даромадҳои ғайриамалиётӣ (ДҒА) бо тарҳи хароҷоти ғайриамалиётӣ (ХҒА) ҳисоб карда мешавад:

$$ФФУ = ФА + ДҒА - ХҒА;$$

- фоида то пардохткунии андоз (ФТА), ки чун ҳосили ҷамъи фоида аз фаъолияти умумихоҷагидорӣ (ФФУ) ва даромадҳои фавқулодда (ДФ) бо тарҳи зарарҳои фавқулодда (ЗФ) муайян карда мешавад:

$$ФТА = ФФУ + ДФ - ЗФ;$$

- фоидаи софи сол (ФС), ки пас аз пардохт кардани андоз аз фоида дар ихтиёри ташкилот монда, чун фарқи байни фоида то пардохткунии андоз (ФТА) ва маблағи андоз аз фоида (АФ) ҳисоб карда мешавад:

$$ФС = ФТА - АФ.$$

Гардиши молҳо дар ширкатҳои савдо ҳамарӯза ба миён меояд: харидкунӣ, кашонидан то ҷойи фурӯш, қабулкунӣ, ҷудокунӣ, боркунӣ ва фуровардан, нигоҳдорӣ, фурӯш ва расонидан ба харидор ва дигар амалиётҳо – амалиётҳои асосии ширкатҳои савдо мебошанд.

Ҳамин тавр бояд қайд наммуд, ки раванди харидкунӣ ва фурӯхтани молҳо бевосита ба гардиши воситаҳои пулӣ ҳамрадиф буда ва ҳама инҳо амалиётҳои хоҷагидории ширкатҳои савдо баҳисоб мераванд.

**АДАБИЁТ**
1. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ. – Душанбе, ДСХ, 2016. – 220 с.
2. Лукин Е.Е., Сперанский А.А. Оптовая и розничная торговля: бухгалтерский учет и налогообложения. – М.: Приор, 2009. – 224 с.
3. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.08.2001, № 118.
4. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.08.2001, № 116.
5. Экономика предприятия (фирмы): Учебник /Под ред. проф. О.И. Волкова и доц. О.В. Девяткина. — 4-е изд., перераб. и доп. — М.: ИНФРА-М, 2009. — 601 с.

***Саидов Р.Н.***
***Буриев С.А.***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАКМИЛИ АУДИТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Воқеан баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои миллӣ яке аз вазифаҳои мураккаб ва муосири ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Қисми асосии захираҳои молиявӣ дар дохили давлат ташаккул меёбанд, аз ин рӯ ташаккули захираҳои молиявии он бештар аз миқёс ва самаранокии рушди иқтисодии кишвар вобаста аст. Аз нигоҳи мо аудити давлатӣ на танҳо санҷиши ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-и мақомоти давлатӣ мебошад, балки барои баҳодиҳии ҳолатҳои зерин бояд ҷавоб дода тавонад: арзёбии истифодаи захираҳои молиявӣ тибқи ҳадафҳои гузошташуда; баҳодиҳии сатҳи самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ ва ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодии давлат мувофиқ будани онҳо.

Яке аз заминаҳои устувори ташаккули методологии аудити давлатӣ ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" буд, ки соли 2011 эътибори қонунӣ пайдо кард. Қонуни мазкур афзалиятҳои назаррас дорад ва дурнамои рушди аудити давлатиро дар мамлакат комилан нишон медиҳад. Тибқи қонуни мазкур, ба Палатаи ҳисоб мақоми олии аудити берунаи давлатӣ дода шудааст. Қабули қонун дар бораи фаъолияти мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ мафҳуми «аудити мустақили берунии давлатӣ»-ро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун такмилдиҳии заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул намуд.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоб дурнамои рушди аудити давлатиро таъмин карда метавонад, зеро он бо стандартҳои байналмилалии мақомоти олии назорати давлатӣ асос ёфтааст. Асосан стандартҳои истифоданамудаи Палатаи ҳисоб ҳуҷҷатҳои меъёрие мебошанд, ки хусусиятҳо, қоидаҳо, тартиби банақшагирӣ ва ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти Палатаи ҳисобро дар сатҳи қаноатбахш муайян мекунанд. Дар марҳилаи ҳозира Палатаи ҳисоб дар таҳияи стандартҳо дар сатҳи байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзад.

Омӯзиши масъала нишон дод, ки мувофиқи стандартҳои INTOSAI се намуди аудит вуҷуд дорад: а) аудити молиявӣ; в) аудити амалиётӣ; в) аудити мутобиқат [7, с.103]. Мақомоти аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ин се намуди аудити тавсиянамударо дар рафти фаъолияти аудитории худ истифода мекунад.

Аз нигоҳи мо, намудҳои аудити зикршуда дар ҳамон ҳолат метавонанд таъсирнокии аудити давлатиро таъмин кунанд, ки агар онҳо ба самтҳои зерин нигаронида шуда бошанд:

а) чорабиниҳои санҷишии аудити молиявӣ бо мақсади ошкор кардани таҳрифоти назарраси маълумоти молиявӣ бо сабаби бартараф намудани қаллобӣ ё хатогиҳо татбиқ карда шавад;

б) мақсади асосии аудити самаранокӣ аз арзёбии фаъолияти муассиса, самаранокӣ ва самарабахшии кори он иборат бошад;

в) аудити мувофиқат ба арзёбии воқеонаи мутобиқати ҳама самтҳои фаъолияти муассиса ба талаботи муқаррароти амалкунанда равона карда шуда бошад.

Намудҳои аудит, ки дар боло гуфта шуд, вобаста ба як қатор меъёрҳо аз якдигар фарқ менамоянд, хусусан вобаста ба мақсад, сарчашмаҳои иттилоотии дар рафти санҷиш истифодашавнда, самтҳои санҷидашаванда ва натиҷаҳои санҷиш. Вобаста ба ин, дар ҷадвали якум тавсифи муқоисавии намудҳои аудитро пешниҳод менамоем.

Аз нигоҳи мо, аудити самаранокӣ дар ҳамон ҳолат метавонад барои ҳалли мушкилоти дар объекти санҷидашаванда ҷойдоша мусоидат намояд, ки агар он ба принсипҳои даромаднокӣ; самаранокӣ ва иҷрокунӣ такя намояд.

Мо чунин мешуморем, ки дар шароити кунунӣ ҳангоми санҷиш ба қонуният ва пуррагии хароҷоти буҷет бояд таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Хусусан мақомоти назорати давлатии молиявӣ ба аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии воситаҳои давлатӣ бояд эътибори ҷиддӣ диҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ танҳо баҳодиҳии маблағи хароҷоти давлатиро дар бар мегирад, бинобар ин, аудити самаранокӣ таъсири иҷтимоию иқтисодии тадбирҳои андешидашударо то андозае madди назар мекунад. Бо назардошти такмили методологияи аудити бахши давлатӣ, ки имконияти санҷиши истифодабарии маблағҳои давлатиро аз ҷиҳати моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо дорад, рушди фаъолияти аудиторӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки мақомоти назоратӣ мебошад.

Дар муассисаҳои буҷетӣ интихоби мавзӯи аудити иҷроишӣ ҳамчун як ҷузъи раванди банақшагирии стратегӣ бояд ба стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар асос ёбад. Ҳангоми санҷиши муассисаҳои бахши давлатию буҷетӣ мувофиқати нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо бояд бо нишондиҳандаҳое, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мамлакат инъикос шудаанд, санҷида шаван

**Ҷадвали 1. Тавсифи муқоисавии намудҳои аудити давлатӣ, ки мутобиқ бо стандартҳои байналмилалии INTOSAI муайян шудаанд**

| Меъёр | Аудити молиявӣ | Аудити самаранокӣ | Аудити мувофиқат |
|---|---|---|---|
| **Мақсад** | Муайян кардани дурустии пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, қонунӣ ва истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ. | Муайян кардани самаранокии иқтисодӣ, маҳсулнокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ. | Арзёбии мувофиқати фаъолияти муассисаҳои бахши давлатӣ бо талаботи мақомоти танзимкунандаи фаъолияти ин муассисаҳо. |
| **Заминаи таҳлилии таҳқиқот** | Ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ҳисоботҳое, ки сатҳи қонунии истифодаи маблағҳои давлатиро инъикос мекунанд. | Ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи натиҷаҳои фаъолият оид ба ташаккул ва истифодаи фондҳои давлатӣ. | Маълумот оиди сатҳи мувофиқати фаъолияти муассиса ба меъёрҳои муқарраршуда. |
| **Муҳтавои кор** | Санҷиши ҳуҷҷатӣ ва воқеии амалиётҳое, ки бо маблағҳои давлатӣ анҷом дода мешаванд, инчунин инъикоси онҳо дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот. | Таҳлили ташкили кор, таҳлили муқоисавӣ, таҳияи меъёрҳои дахлдори баҳодиҳӣ, гузаронидани пурсишҳо, мусоҳибаҳо, ва омода кардани саволномаҳо. | Тафтиши қонуният ё дурустӣ (риояи принсипҳои умумии идоракунии молияи давлатӣ ва қоидаҳои рафтори хизматчиёни давлатӣ). |
| **Натиҷаи Санҷиш** | Дар шакли ҳисоботи стандартӣ, хулосаҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва тавсифи қонунвайронкуниҳои ошкоршуда ва чораҳои рафъи онҳо. | Дар шакли ҳисобот дар бораи натиҷаҳо, хулосаҳо дар асоси далелҳои гуногун ва пешниҳодҳо барои объектҳо. | Дар шакли ҳисоботи аудитор ва тавсифи қонунвайронкуниҳои ошкоршуда ва чораҳои рафъи онҳо. |

***Сарчашма:*** *Аз ҷониби муаллифон дар асоси адабиёти 2,3,6 тартиб дода шудааст.*

Азбаски Стратегияҳои зикршуда маълумотро аз давраҳои гузашта ва нишондиҳандаҳои дарозмуддат ба инобат мегиранд, аз ин рӯ, қарор оид ба интихоби мавзӯъ ва ё масъалагузориҳои барномаи аудити давлатӣ бояд бо эҳтиёт қабул карда шаванд.

Раванди банақшагирии стратегӣ одатан тартиб додани нақшаи кории аудиторро дар тӯли як сол ё барои давраи дарозтар дар бар мегирад [1, с.152]. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, аз нигоҳи мо нақшаи кории аудит вобаста ба тағйирёбӣ дар бахши давлатӣ ва афзалиятҳои тағйирёбандаи сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ таҷдиди назар карда шавад.

**Ҷадвали 2. Нуқтаи назари олимон-иқтисодчиён оиди мафҳуми «аудити самаранокӣ»**

| Муаллифон | Нуқтаи назар |
|---|---|
| Э. Смирнов | Аудити самаранокӣ - ин як намуди нави назорат аст, ки барои муайян намудани самаранокии хароҷоти гуногуни буҷет ва таъсири он ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои алоҳида таъйин шудааст. |
| А.Н. Саунин | Аудити самарабахши хароҷоти давлатӣ як намуди назорати молиявии маблағҳои давлатӣ мебошад, ки бо роҳи санҷиши фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар роҳбарон ва гирандагони маблағҳои давлатӣ бо мақсади муайян кардани самаранокии истифодаи онҳо аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳо ва вазифаҳои гузошташуда гирифта мешаванд, гузаронида мешавад. |
| С.Н. Рябухин | Дар доираи аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ ба аудити мунтазам, мутамарказ, муташаккилона ва объективии фаъолияти мақомоти давлатӣ аз ҷиҳати харҷи маблағҳо ва ҳифзи амволи давлатӣ, инчунин яке аз самтҳои фаъолияти ташкилоти давлатӣ ё самтҳои ба истифодабарӣ сафарбаркунии маблағҳои буҷетӣ мансуб аст, фаъолияти як қатор идораҳо ва ташкилотҳоро фаро гирифта мешаванд. |
| А. Зуева | Аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ як шакли муосири назорати молиявӣ мебошад, ки дар сохтори ҳисобдорӣ ва низоми назорати давлатӣ нақши муҳим дорад ва ба арзёбии самтҳо, кафолати кори самарабахш ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои давлатӣ нигаронида шудааст. |
| Э.Н. Кабудин | Аудити самаранокӣ воситаи муҳими назорати давлатии молиявӣ мебошад, ки ба самти баҳодиҳии самарабахш ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо оиди бартараф кардани қонунвайронкунӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ нигаронида шудааст. |
| М.П. Афанасев | Аудити самаранокӣ марҳилаи нав дар рушди низоми назорати давлатии молиявӣ мебошад, ки аудити мустақили мақомоти давлатии назорати берунаро бо мақсади баҳодиҳии самаранокии ҷараёни хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва идоракунии амволи давлатӣ мегузаронад. |
| Ф.В. Голубев | Аудити самаранокӣ - санҷиши фоиданокӣ, маҳсулнокӣ ва самарабахш мебошад, ки барои ошкор ва ба истифодабарӣ сафарбар намудани захираҳои мавҷуда мусоидат менамояд. |
| Н.Н. Парасотская | Аудити самаранокӣ воситаи арзёбӣ ва мониторинги истифодаи воситаҳои давлатӣ дар робита бо ҳадафҳои гузоштшуда ва тарзи ба даст овардану барқарор намудани онҳо дар гузашта, ҳозира ва оянда мебошад. |
| **Мавқеи Муаллифон** | Аудити самаранокӣ – ин санҷиши самаранок истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар муассисаҳои низоми буҷетӣ мебошад, ки бо роҳи баҳодиҳӣ ба сатҳи маҳсулнокию натиҷанокии истифодабарии онҳо бо татбиқи чорабиниҳои санҷишӣ-баҳодиҳӣ ва таҳлилию ташхисӣ амалӣ карда мешавад. |

***Сарчашма:*** *Муаллифон дар асоси адабиёти 1,4,5,7 тартиб додаанд.*

Сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ гувоҳи он аст, ки дар кишварҳои иттиҳоди давлатҳои мустақил аудити самаранокӣ босуръат рушд мекунад, аммо то ба ҳол дар рушди он баъзе аз камбудиҳо вуҷуд дорад. Хусусан характери машваратӣ доштани стандартҳои INTOSAI боиси он гаштааст, ки то ҳанӯз пойгоҳи методологии аудити самаранокӣ вуҷуд надорад, ки то андозае барои рушди амалияи аудити давлатӣ монеа эҷод менамояд.

Бо назардошти мавҷудияти мушкилоти ҷойдошта аз нигоҳи мо, барои фаҳмидани моҳияти аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ муҳим аст, ки онро аз нуқтаи назари назариявӣ баррасӣ кунем. Чунки эътимоднокии методологияи амалияи аудити самаранокӣ аз устувории заминаҳои назариявии он вобаста мебошад.

Аз таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар муайянкунӣ ва дарки аудити самаранокӣ муносибати тафриқавӣ мавҷуд аст. Масъалаҳои аудити самаранокӣ дар корҳои олимони хориҷӣ ба монанди Е.Э. Смирнов, Э.Н. Синева, А.Н. Саунин, С.Н. Рябухин, И.А. Зуева, М.Р. Афанасев, Н.Н. [1, с.154] дида мешавад. Баррасии адабиёти илмӣ фарқиятҳоро дар муайянкунӣ ва дарки моҳияти аудити самаранокӣ нишон медиҳад, ки дар ҷадвали 2. ба тартиб даровадра шудааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои бадастовардашуда оид ба аудити давлатӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аудити бахши давлатӣ дар марҳилаи нави рушд қарор дорад. Тамоюли пешрафт ва рушди минбаъдаи методологияи он то андозае аз таҷрибаи байналмилалӣ вобаста мебошад. Баҳри вусъат бахшидан ба ҷараёни рушди ояндаи аудити бахши давлатӣ, хусусан дар самти такмили методологияи он ба инобат гирифтани нуқтаҳои зеринро муҳим мешуморем:

– дар баробари рушди мунтазами соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва дар ин замина афзоиши буҷети давлатӣ зарурати такмили пайвастаи методологияи аудити бахши давлатӣ;

– ҳамоҳанг намудани чорабиниҳои аудити давлатӣ ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодии давлат;

– ташкил ва гузаронидани аудити бахши давлатӣ бо назардошти аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии воситаҳои давлатӣ;

– қабул ва истифодаи васеи иттилооти муқоисашаванда бо истифода аз усулҳое, ки барои гузаронидани аудити воқӣ имконият медиҳанд;

– пайваста аз такмили ихтисос гузаронидани аудиторон бо мақсади дар сатҳи баланди касбӣ истифода намудани методикаи навини аудити бахши давлатӣ;

– бунёди методологияи навини аудити бахши давлатӣ дар заминаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ;

– истифодаи васеи чорабиниҳои санҷишӣ-назоратие, ки барои муайян ва ошкоркунии маҳсулнокию натиҷанокии востаҳои давлатӣ мусоидаткунанда мебошанд.

## АДАБИЁТ

1. Зырянова Т.В. Финансовый контроль: аспекты теории и практики: научная монография / Т.В. Зырянова, Н.И. Даниленко, О.Е. Терехова; под общ. и науч. ред. д.э.н., проф. Т.В. Зыряновой. – Екатеринбург, 2007. – 172 с.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонун. Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, № 749. [Захираҳои электронӣ].– Меъёри дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 5.11.2020)

3. Международная организация высшых органов аудита. [Электронный ресурс]: офиц. сайт. – М., 2006, - Режим доступа: http://www.intosai.org/ (дата обращения: 4.11.2020)

4. Мельник М.В. Организация системы внутренного аудита и контроля в крупных организациях / М.В. Мельник // Аудиторские ведомости. – 2012. - №1-2. – С.118-134.

5. Слабинскова И.А. Учет, анализ и аудит: перспективы развития: монография / И.А. Слабинскова. – Белгород: Изд-во БГТУ, 2014.– 245 с.

6. Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (СПҲ – 105) оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ (Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «04» декабри соли 2017, № 51.1 тасдиқ карда шудааст).

[Захираҳои электронӣ]. – Меъёри дастрасӣ: http://sai.tj/index.php/tj/onunguzori-dar-borai-palatai-isob (санаи муроҷиат: 5.11.2020)
7. Суйц, В.П. Аудит эффективности бизнес-процессов как инструмент контроля / В.П. Суйц, Д.А. Волошин // Проблемы теории и практики управления.– 2014.– №6. – С.100-107.

***Бахронов Ш.Ю. – ассистент***
***Муҳаммадиев Х.Х. – магистрант***
***Абдукаримзода А.Х. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТӢ

Дар замони муосир, вобаста ба масъалаҳои баҳисобгирӣ, омезиши оқилонаи танзими давлатӣ ва мустақилияти корхонаҳо амалӣ мешавад. Моҳияти равишҳои нав дар он аст, ки дар асоси қоидаҳои умумии муайян намудаи давлат, корхонаҳо мустақилона сиёсати баҳисобгириро барои ҳалли вазифаҳои дар назди баҳисобгирии муҳосибӣ истодаро таҳия мекунанд. Бояд қайд кард, ки таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ, ки ба хусусиятҳои фаъолияти ҳар як корхонаи мушаххас пурра мувофиқат мекунад, як раванди нисбатан мураккаб ва ҷиддиест, ки аз сармуҳосиб на танҳо дар ташкили баҳисобгирӣ, донишҳои васеъ, инчунин баъзе масъалаҳои марбут ба раванди истеҳсолотро низ талаб мекунад.

Зарурати муносибати ҳамаҷониба ба таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ аз он вобаста аст, ки сиёсати ҳисобдории интихобкардаи корхона ба нишондиҳандаҳои хароҷот, фоида, андоз ва инчунин нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона таъсир мерасонад. Консепсияи сиёсати баҳисобгирии корхонаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", инчунин Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ "Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳӣ ва хатогиҳо” муайян мекунанд.

Мутобиқи ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сиёсати баҳисобгирӣ маҷмӯи усулҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирӣ мебошад, ки аз ҷониби корхона қабул карда шудааст. Ҳамзамон, дар Қонун инчунин муқаррар карда шудааст, ки корхона сиёсати баҳисобгирии худро мустақилона таҳия мекунад ва онро дар низомнома оиди сиёсати баҳисобгирӣ муқаррар менамояд, ки онро сармуҳосиб имзо ва роҳбари корхона тасдиқ мекунад. Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирии корхона дар самти мушаххаси пешбурд ва ташкили баҳисобгирӣ, аз якчанд усуле, ки қонунгузории баҳисобгирӣ ва СБҲМ пешбинӣ намудаанд, интихоб карда мешавад. Агар оид ба масъалаи мушаххас усулҳои баҳисобгирӣ дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар карда нашуда бошанд, пас ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ, корхона усули мувофиқеро таҳия мекунад. Усулҳои баҳисобгирии аз ҷониби корхона интихобшуда ҳангоми таҳияи сиёсати ҳисобдорӣ аз 1 январи соли баъд аз соли тасдиқи санади дахлдори ташкилию маъмурӣ татбиқ карда мешаванд.

Сиёсати баҳисобгирӣ намудҳои баҳисобгирии муҳосибиро, ки корхона истифода мебарад, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии фаъолияти корхона, шакли ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ, шакли баҳисобгирӣ, тартиби баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои корхона, инчунин дигар усулҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгириро дарбар мегирад. Бидуни истисно, ҳамаи нишондодҳои таркибии сиёсати баҳисобгирии дар боло овардашудаи ҳисобдорӣ қатъиян зарур аст, зеро ҳар кадоми онҳо татбиқи баҳисобгирии оқилонаро таъмин менамояд. Ҳамзамон, ба андешаи мо, ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ бояд ба нақшаи кории ҳисобҳо, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ ва регистрҳои баҳисобгирии аз ҷониби корхона таҳияшуда тасдиқ карда шавад. Ин мавқеъ чунин асос дорад:

1. Дар айни замон, барои баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидории корхонаҳо Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ истифода мешавад, ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли

2011, № 42 тасдиқ шудааст. Ҳамзамон, дар асоси нақшаи ҳисобҳои корхонаҳои кишоварзӣ нақшаҳои кории ҳисобҳоро таҳия нашудаанд, ки рӯйхати пурраи ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ, ҳисобҳои ғайритавозуниро, ки барои баҳисобгирӣ заруранд, дарбар мегирад. Зарурати муносибати бодиққат ба таҳияи нақшаи кории ҳисобҳо, ба андешаи мо, пеш аз ҳама бо хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, ки иборат аз истифодаи миқдори зиёди воситаҳои гуногуни истеҳсолот, мавҷудияти якчанд намудҳои истеҳсолот ва мувофиқан намудҳои гуногуни маҳсулоти тайёр мебошад, алоқаманд аст. Ҳамаи ин омӯхтан, таҳия, коркард ва кушодани ҳисобҳои асосӣ ва иловагиро талаб мекунад, ки хусусиятҳои фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзиро ба инобат гиранд.

2. Ҳангоми иҷрои фаъолияти иқтисодӣ корхонаҳои кишоварзӣ Шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ва субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки Бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 102 аз 25.12.2010 сол тасдиқ карда шудааст истифода мебаранд. Бояд қайд кард, ки дар ҳолати зарурӣ, корхона инчунин ҳуқуқ дорад мустақилона таҳия ва татбиқи шакли ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгириро тасдиқ кунад. Аммо, агар корхона аз ин ҳуқуқ истифода карда бошад, бояд шаклҳои варақаҳои таҳияшуда дар албоми варақаҳои ҳуҷҷатӣ дар якҷоягӣ бо дастур оид ба пур кардани онҳо ҷойгир карда шаванд ва худи албом бояд ҳамчун замима ба сиёсати баҳисобгирии корхона дохил карда шавад. Бо вуҷуди ин талабот, бисёр корхонаҳои кишоварзӣ онро нодида мегиранд, ки ин дар навбати худ ба хатогиҳои зиёд дар таҳияи ҳуҷҷатҳо оварда мерасонад.

3. Мутобиқи Қонун "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ маълумоти баҳисобгирии дар ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ мавҷудбуда бояд сари вақт дар регистрҳои баҳисобгирӣ ба қайд гирифта шавад. Қонун инчунин қайд мекунад, ки регистрҳои баҳисобгирӣ тибқи шакли баҳисобгирии истифодашавандаи корхона тартиб дода мешаванд. Аммо, то имрӯз шаклҳои сабти номҳои илмӣ, ки бояд дар корхонаҳо истифода шаванд, ба таври қонунӣ сабт нашудаанд, танҳо рӯйхати иттилооте, ки бояд дар феҳристҳо мавҷуд бошанд, муайян карда шудааст.

Дар ин робита, ба андешаи мо, сарфи назар аз шакли баҳисобгирии истифодашаванда, корхонаҳои кишоварзӣ бояд ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ шакли регистрҳои истифодашавандаро бо ҷойгиркунии ҳатмии онҳо дар албоми корӣ нишон диҳанд. Чунин тадбир имкон медиҳад, ки пешбурди баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ дар корхона ба таври возеҳ ташкил карда шавад. Сиёсати баҳисобгирии корхонаро дар ҳолатҳои зерин тағйир додан мумкин аст: тағйирот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии баҳисобгирӣ; тағйироти назаррас дар доираи фаъолият, азнавташкилдиҳӣ, якҷояшавӣ, тақсимшавӣ, ҳамроҳшавии корхона (иваз шудани соҳибмулкон); таҳияи усулҳои нави баҳисобгирӣ.

Корхона мустақилона шаклҳои ташкилии хадамоти муҳосибиро интихоб мекунад. Ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ на танҳо интихоби шаклҳо, усулҳо, намудҳои баҳисобгирӣ, балки муайян кардани тарзи ба роҳ мондани онро дар корхона низ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ҳамаи гуфтаҳои боло, мо метавонем ба хулоса оем, ки ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаи кишоварзӣ як раванди хеле заҳматталабест, ки ба назар гирифтани омилҳои зиёдро талаб мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702

2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи 2011с. № 41

3. Волчек А.В. Формирование учетной политики организации / А.В. Волчек. – Минск: Регистр, 2018. – 176 с.

4. Дмитриева И.М. Учетная политика предприятий в соответствии с МСФО для малого и среднего бизнеса / И.М. Дмитриева // Аудитор. – 2017. – № 12 (12).

***Каримиён М.Б. – ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ХУСУСИЯТҲОИ ЭЪТИРОФКУНӢ ВА БАҲОДИҲИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Тартиби дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани воситаҳои асосӣ бо СБҲМ (IAS) 16 "Воситаҳои асосӣ", СБҲМ (IFRS) 16 "Иҷора", НБМ 4/2002 "Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ", Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Дар СБҲМ (IAS) 16 "Воситаҳои асосӣ" воситаҳои асосӣ чун дороиҳои моддие фаҳмида мешаванд, ки барои истифода дар раванди истеҳсоли маҳсулот ё таҳвили молҳо ва хизматрасониҳо, ҳангоми ба иҷора додан ё бо мақсадҳои маъмурӣ таъин шудаанд ва истифодаи онҳо дар давоми зиёда аз як давраи ҳисоботӣ (сол) дар назар аст.

СБҲМ (IAS) 16 "Воситаҳои асосӣ" воҳиди ченакеро барои мақсадҳои эътирофкунӣ, яъне маҳз чӣ объекти воситаҳои асосӣ мебошад, муайян намекунад. Ҳамин тавр, ҳангоми корбурди маҳакҳои эътирофкунӣ ҷиҳати ҳолати мушаххасе, ки корхона дар он қарор дорад, муҳокимаронии касбии муҳосибӣ лозим аст. Дар баъзе ҳолатҳо мақбул аст, ки объектҳои начандон муҳим, масалан қолабҳо, олот ва сиккаҳо муттаҳид карда шаванд ва маҳакҳои эътирофкунӣ нисбат ба арзиши муттаҳидаи онҳо ба кор бурда шаванд.

Корхона ҳама масрафҳои ба воситаҳои асосӣ тааллуқдоштаи худро бояд дар такя ба қоидаи эътирофкунӣ бо мурури пайдо шуданашон баҳо диҳад. Ин гуна масрафҳо масрафҳои дар аввал вобаста ба харидкунӣ ё сохтмони объекти воситаҳои асосӣ баҷоовардашуда, инчунин масрафҳои минбаъд вобаста ба иловасозӣ, қисман ивазкунӣ ё хизматрасонии ин объект баҷоовардашударо дар бар мегиранд.

Объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд бо мақсадҳои таъмин намудани бехатарӣ ё ҳифзи муҳити атроф ба даст оварда шаванд. Гарчанде харид кардани ин гуна объектҳо бевосита ба зиёдшавии нафъҳои иқтисодии оянда аз истифодаи объекти мушаххаси воситаҳои асосӣ наоварад ҳам, вай метавонад барои гирифтани нафъҳои иқтисодии оянда аз истифодаи дигар дороиҳои ба корхона тааллуқдошта лозим бошад. Ин гуна объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд чун дороӣ эътироф карда шаванд, чунки онҳо ба корхона воридшавии нафъҳои иқтисодии ояндаро аз истифодаи дороиҳои вобаста таъмин мекунанд ва ин нафъҳои иқтисодӣ аз нафъҳои иқтисодие, ки ҳангоми харида нашудани чунин объектҳои воситаҳои асосӣ гирифта мешуданд, зиёдтар мебошанд. Масалан, корхонаи соҳаи саноати кимиё метавонад технологияҳои нави кор бо моддаҳои кимиёвиро татбиқ кунад, ки риоя намудани талабот оид ба ҳифзи муҳити атрофро ҳангоми истеҳсол ва нигоҳдории моддаҳои кимиёвии хатарнок таъмин менамоянд. Навкунии биноҳои истеҳсолӣ вобаста ба татбиқи технологияи нав чун дороӣ эътироф карда мешавад, чунки бе он корхона маҳсулоти кимиёвиро истеҳсол карда ва фурӯхта наметавонад.

Мутобиқи қоидаи эътирофкунӣ корхона масрафҳои хизматрасониҳои техникии ҳамарӯзаи объектро ба арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ дохил намекунад. Ин масрафҳо бо мурури пайдо шуданашон дар ҳайати фоида ё зарар эътироф карда мешаванд. Масрафҳои хизматрасониҳои техникии ҳамарӯза асосан аз масрафҳои пардохти меҳнат ва арзиши маводи харҷшаванда иборат буда, инчунин метавонанд арзиши қисмҳои бутункунандаи майдаро низ дар бар гиранд. Таъиноти ин гуна масрафҳо аксаран чун "таъмир ва хизматрасонии ҷорӣ"-и объекти воситаҳои асосӣ шарҳ дода мешавад.

Ҷузъҳои баъзе объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд ивазкунии мунтазамро талаб намоянд. Масалан, бухорӣ пас аз гузашти миқдори муқарраршудаи соатҳои истифода иваз кардани бӯтабандиро талаб менамояд. Объектҳои воситаҳои асосӣ инчунин метавонанд барои мақсадҳои ивазкунии давравии бо мунтазамии камтар баҷоовардашаванда харид карда шаванд, масалан, барои иваз кардани девораҳои дохилии бино, ё барои иваз кардани яккарата. Мутобиқи қоидаи эътирофкунӣ, корхона масрафҳои оид ба қисман ивазкунии чунин объектро дар лаҳзаи пайдо шуданашон ба арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ зам мекунад, агар маҳакҳои эътирофкунӣ қонеъ шаванд.

Объекти воситаҳои асосӣ, ки ба маҳакҳои эътирофкунӣ чун дороӣ ҷавобгӯ аст, бо арзиши аввалӣ баҳо дода мешавад.

Арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ инҳоро дар бар мегирад:

- нархи хариди вай, аз ҷумла бочҳои воридотӣ ва андозҳои ҷуброннашаванда барои харид, бо тарҳи тахфифҳо ва гузаштҳои тиҷоратӣ;
- ҳама масрафҳои бевосита ба расонидани дороӣ ба макони пешбинишуда ва овардани вай ба ҳолати барои истифода муносиб тааллуқдошта;
- баҳои ҳисобшавандаи аввалии масрафҳои кандан ва бартараф кардани объекти воситаҳои асосӣ ва барқарор кардани қитъаи замини ишғолкардаи вай, ки нисбат ба онҳо корхона ё ҳангоми харид кардани ин объект, ё дар паёмади истифодаи он дар давоми давраи муайян барои мақсадҳои аз истеҳсоли маҳсулот фарққунанда дар ин давра уҳдадорӣ қабул мекунад.

Мисоли масрафҳои бевосита ба расонидани дороӣ ба ҳолати муносиб тааллуқдошта инҳоанд:

- масрафҳои подоши меҳнати кормандон, ки бевосита дар паёмади сохтмон ё харидкунии объекти воситаҳои асосӣ пайдо мешаванд;
- масрафҳои омодасозии макони насбкунии объекти воситаҳои асосӣ;
- масрафҳои аввалии расонидан ба макони насбкунӣ ва гузаронидани корҳои боркунӣ-фаровардан;
- масрафҳои насбкунӣ ва васлкунӣ;
- масрафҳои санҷиши амалкунии муносиби дороӣ, ки пас аз тарҳ кардани воридшавиҳои соф аз фурӯши маҳсулоти дар раванди расонидани дороӣ ба макони таъиншуда ва овардани вай ба ҳолати зарурӣ истеҳсолшуда (масалан, маҳсулоти ҳангоми аз санҷиш гузаронидани таҷҳизот гирифташуда) боқӣ мондаанд;
- маблағҳои подоши хизматрасониҳои касбӣ.

Корхонаҳо СБҲМ (IAS) 2 "Ашё"-ро нисбат ба масрафҳои бо иҷрои уҳдадориҳо оид ба кандан, бартарафкунии объект ва барқароркунии қитъаи замини ишғолкардаи вай, ки дар давоми давраи муайян дар паёмади барои истеҳсоли маҳсулот истифодаи объекти мазкур дар давоми ҳамин давра пайдо мешаванд, ба кор мебаранд. Уҳдадориҳо нисбат ба масрафҳои мутобиқи СБҲМ (IAS) 2 "Ашё" ё СБҲМ (IAS) 16 "Воситаҳои асосӣ" баҳисобгирифташуда мутобиқи СБҲМ (IAS) 37 "Уҳдадориҳои баҳододашаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ" эътироф карда ва баҳо дода мешаванд.

Мисолҳои масрафҳои ба ҳайати арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ замнашаванда инҳо мебошанд:

- масрафҳои кушодани маҷмӯи истеҳсолии нав;
- масрафҳои бо ба бозор ҳаволадиҳии намудҳои нави маҳсулот ва хизматрасониҳо алоқаманд (аз ҷумла масрафҳои таблиғ ва гузаронидани чорабиниҳои ба бозор ҳаволадиҳии онҳо);
- масрафҳои бо пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ дар макони нав ё бо гурӯҳи нави мизоҷон алоқаманд (аз ҷумла масрафҳои омӯзонидани кормандон);
- хароҷоти маъмурӣ ва дигар хароҷоти бологузошташудаи умумӣ.

Эътирофкунии масрафҳо дар ҳайати арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ он гаҳе қатъ мегардад, ки дороӣ ба макон ва ҳолати барои истифодаи вай мутобиқи ниятҳои роҳбарияти корхона муносиб оварда шавад. Ҳамин тавр, масрафҳои дар раванди истифода ё ҷойивазкунонии объект баҷоовардашуда ба арзиши тавозунии ин объект зам карда намешаванд. Масалан, чунин масрафҳо ба арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ зам карда намешаванд:

- масрафҳои дар он вақте баҷоовардашуда, ки объекти барои истифода мутобиқи ниятҳои роҳбарият муносиббуда ҳоло ба истифода дода нашудааст ё бо боркунии нопурра кор мекунад;
- зарарҳои амалиётии аввалӣ, чун зарарҳои амалиётии дар раванди ташаккул ёфтани

талабот ба маҳсулоти бо ёрии ҳамин объект истеҳсолшаванда пайдошуда;

- масрафҳои ҷойивазкунии қисман ё пурраи корхона, ё азнавташкилдиҳии фаъолияти корхона.

Баъзе амалиёт вобаста ба сохтмон ё рушди объекти воситаҳои асосӣ ба ҷо оварда мешаванд, вале барои расонидани ин объект ба макони гузоштан ва овардани он ба ҳолати муносиби истифода мутобиқи ниятҳои роҳбарият зарур нестанд. Ин амалиёти ҳамроҳ метавонанд то оғоз ё дар вақти иҷрои корҳо оид ба сохтмон ва рушддиҳӣ ба ҷо оварда шаванд. Масалан, то оғози корҳои сохтмонӣ майдони сохтмон метавонад чун таваққуфгоҳи автомобилҳо истифода шавад ва аз ин ҳисоб корхона даромад гирад. Азбаски амалиёти ҳамроҳ барои расонидани объект ба макони ҷойгиршавӣ ва овардани он ба ҳолати муносиби истифода мутобиқи ниятҳои роҳбарият зарур нестанд, даромадҳо ва хароҷоти ба онҳо дахлдошта аз чунин амалиёт дар ҳайати фоида ё зарар эътироф карда мешаванд ва бо моддаҳои дахлдори даромадҳо ва хароҷот тавсиф карда мешаванд.

Арзиши аввалии дороии мустақилона истеҳсолнамудаи корхона дар асоси ҳамон қоидаҳое муайян карда мешавад, ки арзиши аввалии дороии харидкардашуда муайян карда мешавад. Агар корхона ҳамин гуна дороиҳоро барои фурӯш дар рафти фаъолияти муқаррарии худ истеҳсол кунад, пас арзиши аввалии чунин дороӣ одатан ба арзиши истеҳсоли дороӣ барои фурӯш мувофиқ меояд. Ҳамин тавр, ҳангоми муайян кардани масрафҳои дахлдор фоидаи дохилӣ ихтисор карда мешавад. Ҳамчунин ба арзиши аввалии дороӣ талафоти зиёдаазмеъёрии мавод, масрафҳои пардохти меҳнат ва дигар сарватҳои ҳангоми бо қувваи худӣ сохтани дороӣ баҷоовардашуда зам карда намешаванд. СБҲМ (IAS) 23 "Масрафҳои қарз" маҳакҳои эътирофкунии фоизҳоро чун унсури арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосии мустақилона истеҳсолшуда муқаррар менамояд.

Маҳсулоти кишоварзӣ бо ҳамон тартибе баҳисоб гирифта мешаванд, ки объектҳои воситаҳои асосии бо қувваи худӣ сохташуда то фарорасии лаҳзаи ба макони ҷойгиршавӣ ва вазъи барои истифода муносиб оварданашон баҳисоб гирифта мешаванд. Ҳамин тавр, мафҳуми "сохтмон" чун фаъолияти фарогирандаи фаъолияти барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ то лаҳзаи овардани онҳо ба макони ҷойгиршавӣ ва ҳолати барои истифодаи онҳо мутобиқи ниятҳои роҳбарияти корхона муносиб зарурӣ баррасӣ карда мешавад.

Арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ муродифи нарх бо шарти пардохти ҳамзамон бо воситаҳои пулӣ дар санаи фурӯш мебошад. Ҳангоми мавқуф гузоштани пардохт ба муҳлати аз доираи муҳлатҳои муқаррарии қарздиҳӣ бароянда, фарқи байни муродифи нарх бо шарти пардохти ҳамзамон бо пул ва маблағи умумии пардохт чун фоизҳо дар давоми давраи мавқуфгузории пардохт эътироф карда мешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки ин гуна фоизҳо мутобиқи СБҲМ (IAS) 23 "Масрафҳои қарз" сармоякунонӣ мешаванд.

Як ё зиёда объектҳои воситаҳои асосӣ метавонанд дар натиҷаи ивазкунӣ бо як ё якчанд дороиҳои ғайрипулӣ, ё дар ивазкунӣ бо якҷоягии дороиҳои пулӣ ва ғайрипулӣ ба даст оварда шаванд.

Дороиҳои пулӣ – воситаҳои пулӣ ё дороиҳои мавҷудбудае мебошанд, ки дар намуди маблағҳои пулии муқарраршуда ё муайяншаванда гирифта мешаванд. Ҳама дигар дороиҳо – дороиҳои ғайрипулӣ мебошанд.

Арзиши аввалии объекти воситаҳои асосии бо ивазкунӣ бадастовардашуда бо арзиши одилона баҳо дода мешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки амалиёти ивазкунӣ муҳтавои тиҷоратӣ надорад ё боэътимодона баҳо додани на арзиши одилонаи дороии гирифташуда ва на арзиши одилонаи дороии додашуда ғайриимкон бошад. Ин гуна тартиби баҳодиҳии объекти бадастовардашуда ҳатто дар он ҳолате низ ба кор бурда мешавад, ки агар корхона натавонад дарҳол эътирофкунии дороии додашударо қатъ намояд. Агар объекти бадастовардашуда бо арзиши одилона баҳо дода нашавад, пас арзиши аввалии вай бо арзиши тавозунии дороии додашуда баҳо дода мешавад.

Арзиши воситаҳои асосӣ, ки бо он воситаҳои асосӣ дар аввал баҳо дода шуда буданд, набояд тағйир дода шавад, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Тағйир додани арзиши аввалии воситаҳои асосӣ, ки онҳо бо он ба баҳисобгирӣ қабул

шудаанд, дар ҳолатҳои илова сохтан, муҷаҳҳазкунӣ, азнавсозӣ, қисман барҳамдиҳӣ ё азнавбаҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ иҷозат дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки моддаи 153 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат намедиҳад, ки маблағи зиёдшавии арзиши дороиҳо, ки дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии ин дороиҳо ба миён омадааст, ба арзиши дороиҳо зам карда шавад. Мутобиқи муқаррароти банди 6 моддаи 118 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муайян кардани арзиши дороиҳои истеҳлокшаванда бо мақсади аз манбаи андозбандии андоз аз фоида тарҳ кардани маблағи истеҳлок, зиёдшавии арзиши дороиҳои истеҳлокшаванда дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ аз бузургии истеҳлокшавандаи доройи ихтисор карда мешавад.

Бо мақсадҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ пас аз эътирофкунӣ ба сифати сиёсати баҳисобгирӣ корхона бояд амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши аввалӣ ё амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши азнавбаҳододашударо интихоб кунад ва сиёсати қабулшударо нисбат ба ҳама объектҳои синфи воситаҳои асосӣ истифода барад.

Ҳангоми истифодаи амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши аввалӣ пас аз чун доройи эътироф кардани объекти воситаҳои асосӣ, вай бояд бо арзиши аввалии худ бо тарҳи маблағҳои ғуншудаи истеҳлок ва зарарҳо аз коҳишёбии нарх баҳисоб гирифта шавад.

Ҳангоми истифодаи амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши азнавбаҳододашуда пас аз чун доройи эътироф кардани объекти воситаҳои асосӣ, ки арзиши одилонаи он метавонад боэътимодона баҳо дода шавад, бо арзиши азнавбаҳододашуда баҳисоб гирифта мешавад, ки арзиши одилонаи онро дар санаи азнавбаҳодиҳӣ бо тарҳи маблағҳои минбаъд ғуншудаи истеҳлок ва зарарҳо аз коҳишёбии нарх ифода мекунад. Азнавбаҳодиҳӣ бояд бо мунтазамии басанда гузаронида шавад, то ки ба пайдо шудани фарқи муҳими арзиши тавозунӣ аз он арзише, ки бо истифодаи арзиши одилона дар вазъи санаи анҷоми давраи ҳисоботӣ муайян карда шуда буд, роҳ дода нашавад.

Зудии гузаронидани азнавбаҳодиҳӣ аз тағйирёбии арзиши одилонаи объектҳои воситаҳои асосии азнавбаҳодиҳишаванда вобаста аст. Агар арзиши одилонаи дороии азнавбаҳодиҳишуда аз арзиши тавозунии он ба қадри муҳим фарқ кунад, азнавбаҳодиҳии иловагӣ талаб карда мешавад. Арзиши одилонаи баъзе объектҳои воситаҳои асосӣ тез-тез ва ба қадри муҳим тағйир меёбад, ки ин зарурати ҳамасола гузаронидани азнавбаҳодиҳиро ба миён меорад. Гузаронидани ин гуна азнавбаҳодиҳиҳои зуд-зуд барои объектҳои воситаҳои асосие, ки арзиши одилонаи онҳо танҳо ба қадри номуҳим тағйир меёбад, талаб карда намешавад. Дар ин гуна мавридҳо зарурати азнавбаҳодиҳӣ танҳо дар ҳар як 3-5 сол ба миён омада метавонад.

Баъди азнавбаҳодиҳии объекти воситаҳои асосӣ арзиши тавозунии ин гуна доройи то арзиши азнавбаҳододашудаи вай таҳрир карда мешавад. Дар санаи азнавбаҳодиҳӣ доройи бо яке аз ду тарзҳо баҳисоб гирифта мешавад.

Дар мавриди тарзи якум арзиши тавозунии умумӣ мутобиқи натиҷаи азнавбаҳодиҳии арзиши тавозунии доройи таҳрир карда мешавад. Масалан, арзиши тавозунии умумӣ метавонад дар асоси маълумоти бозории муоинашаванда бозҳисоб карда шавад, ё ин ки мутаносибан бо тағйирёбии арзиши тавозунӣ бозҳисоб карда шавад. Маблағи ғуншудаи истеҳлок дар санаи азнавбаҳодиҳӣ чуноне таҳрир карда мешавад, ки вай ба фарқи байни арзиши тавозунии умумӣ ва арзиши тавозунии доройи пас аз баҳисобгирии зарарҳо аз коҳишёбии нарх баробар бошад.

**Мисол.** Дастгоҳи ба корхона тааллуқдошта доройи арзиши тавозунии аввалии 70000 сомонӣ мебошад, маблағи ғуншудаи истеҳлоки он – 40000 сомонӣ. Азнавбаҳодиҳӣ нишон дод, ки арзиши бозории дастгоҳ 75000 сомониро ташкил медиҳад.

Индекси тағйирёбии арзиши тавозунии дастгоҳ то тарҳкунии истеҳлок:

$75000\ \text{сомонӣ} \div 70000\ \text{сомонӣ} = 1{,}0714.$

Маблағи азнавбаҳодиҳишудаи истеҳлок ин тавр ҳисоб карда мешавад:

$40000 \times 1{,}0714 = 42856\ \text{сомонӣ}.$

Ба маблағи зиёдшавии арзиши тавозунии дастгоҳ – 5000 сомонӣ ($75000 - 70000$) чунин гузарониш карда мешавад:

11020 “Мошин ва таҷҳизот” 5000

33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ” 5000

Ба маблағи зиёдшавии истеҳлоки ғуншудаи дастгоҳ – 2856 сомонӣ $(42856 - 40000)$ чунин гузарониш карда мешавад:

33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ” 2856

11120 “Фарсудашавии ҷамъшуда – мошин ва таҷҳизот” 2856

Дар мавриди тарзи дуюм истеҳлоки ғуншуда аз арзиши тавозунии умумии дороӣ тарҳ карда мешавад.

**Мисол.** Бинои ба корхона тааллуқдошта дорои арзиши тавозунии аввалии 180000 сомонӣ мебошад, маблағи истеҳлоки ғуншудаи он – 28000 сомонӣ. Азнавбаҳодиҳӣ нишон дод, ки арзиши бозории бино 190000 сомониро ташкил медиҳад.

Ба маблағи зиёдшавии арзиши тавозунии бино – 10000 сомонӣ $(190000 - 180000)$ чунин гузарониш карда мешавад:

11010 “Бино ва иншоот” 10000

33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ” 10000

Маблағи истеҳоки ғуншуда бо чунин гузарониш инъикос карда мешавад:

11110 “Фарсудашавии ғуншуда – бино ва иншоот” 28000

33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ” 28000

Агар ягон объекти воситаҳои асосӣ азнавбаҳодиҳӣ карда шавад, пас ҳама дороиҳои ба ҳамон синфи воситаҳои асосӣ тааллуқдошта, ки объекти мазкур тааллуқ дошт, азнавбаҳодиҳӣ карда мешаванд.

Азнавбаҳодиҳии объектҳои ба ҳамон як синфи воситаҳои асосӣ тааллуқдошта ҳамзамон гузаронида мешавад, то ки ба азнавбаҳодиҳии интихобии дороиҳо ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани маблағҳои якҷоягии омехтаи масрафҳо ва арзишҳои дар вазъи санаҳои гуногун муайяншуда роҳ дода нашавад. Ба ҳар ҳол дороиҳои ягон синф метавонанд бо навбатнокии муайян азнавбаҳодиҳӣ карда шаванд, ба шарте ки азнавбаҳодиҳии ин синфи дороиҳо дар доираи фосилаи кӯтоҳи вақт ба ҷо оварда шавад ва натиҷаҳои азнавбаҳодиҳӣ нав карда шаванд.

Бузургии таҳриркунии истеҳлоки ғуншудаи воситаҳои асосӣ ҳиссаи маблағи умумии зиёдшавӣ ё камшавии арзиши тавозунии онҳоро ташкил медиҳад.

Агар дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ зиёд шавад, пас маблағи зиёдшавии мазкур дар ҳайати дигар даромади ҷомеъ эътироф карда шуда, бо ҷамъбасти ғуншаванда дар ҳайати сармояи худӣ бо сарлавҳаи “афзоиши арзиш дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ” инъикос карда мешавад. Вале маблағи чунин зиёдшавӣ бояд дар ҳайати фоида ё зарар ба он ҳадде эътироф карда шавад, ки вай маблағи камшавии арзиши ҳамон дороиро, ки пештар дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дар ҳайати фоида ё зарар эътироф шуда буд, барқарор мекунад.

Зиёдшавии арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад:

1) 11020 “Мошин ва таҷҳизот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ”

2) 33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ”

66070 “Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ”

Агар дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ кам шавад, пас маблағи камшавии мазкур дар ҳайати фоида ё зарар эътироф карда мешавад. Вале маблағи чунин камшавӣ бояд дар ҳайати дигар даромади ҷомеъ ба андозаи бақияи кредитии моддаи “афзоиши арзиш аз натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ”, ки нисбат ба дороии мазкур мавҷуд аст, эътироф карда шавад. Маблағи камшавии дар ҳайати дигар даромади ҷомеъ эътирофшуда маблағи дар ҳайати сармояи худӣ дар моддаи “афзоиши арзиш аз натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ” ғуншударо кам мекунад.

Камшавии арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дар ҳисобҳо ин тавр инъикос карда мешавад:

1) 33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ”

11020 “Мошин ва таҷҳизот” ё дигар ҳисоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

2) 66170 “Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ”

33120 “Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ”

Маблағи афзоиши арзиши объекти воситаҳои асосӣ аз натиҷаи азнавбаҳодиҳии вай, ки дар ҳайати сармояи худӣ зам карда шудааст, метавонад дар лаҳзаи қатъгардии эътирофкунии дороии дахлдор бевосита ба ҳайати фоидаи тақсимнашуда гузаронида шавад. Ин метавонад боиси ба ҳайати фоидаи тақсимнашуда гузаронидани ҳама маблағи афзоиши арзиш аз натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дар лаҳзаи қатъгардии истифодаи дороии мазкур ё хориҷшавии вай шавад. Инчунин ҳиссаи маблағи афзоиши арзиш аз натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ метавонад бо мурурӣ дар корхона истифодашавии дороӣ ба ҳайати фоидаи тақсимнашуда гузаронида шавад. Дар ин гуна ҳолат маблағи гузаронидашавандаи афзоиши арзиш аз натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ фарқи байни бузургии истеҳлоки дар асоси арзиши тавозунии азнавбаҳодиҳишудаи дороӣ ҳисобкардашуда ва бузургии истеҳлоки дар асоси арзиши аввалии дороӣ ҳисобкардашударо ифода мекунад. Гузаронидани маблағ аз ҳисоби афзоиши арзиш аз натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ ба ҳисоби фоидаи тақсимнашуда наметавонад тавассути фоида ё зарар ба ҷо оварда шавад.

Эътирофи арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ ҳангоми хориҷшавии ин объект, ё вақте ки аз истифода ё хориҷшавии ин объект ягон хел нафъҳои иқтисодии оянда дар интизор нест, қатъ карда мешавад.

Фоида ё зарари дар натиҷаи қатъгардии эътирофи объекти воситаҳои асосӣ бамиёномада дар лаҳзаи қатъгардии эътирофи объекти мазкур ба ҳайати фоида ё зарар зам карда мешаванд (агар танҳо СБҲМ (IFRS) 16 “Иҷора” талаботи дигареро ҷиҳати фурӯш бо иҷораи баръакс дар бар нагирад). Ин гуна фоида набояд чун маблағи фурӯш тасниф карда шавад. Вале, агар корхона дар рафти фаъолияти муқаррарии худ объектҳои воситаҳои асосии ба дигар тарафҳо ба иҷора додаашро мунтазам фурӯшад, вақте ки ба иҷора додани онҳо қатъ мегардад ва дороии барои фурӯш таъингардида мешаванд, корхона бояд чунин дороиҳоро бо арзиши тавозуниашон ба ҳайати ашё (дороиҳои гардон) гузаронад. Воридшавиҳо аз фурӯши чунин дороиҳо чун маблағи фурӯш эътироф карда мешавад.

Хориҷшавии объекти воситаҳои асосӣ бо тарзҳои гуногун ба амал омада метавонад (масалан, бо роҳи фурӯхтан, бастани шартномаи иҷораи молиявӣ ё тухфа кардан). Санаи хориҷшавии объекти воситаҳои асосӣ он санае мебошад, ки дар он қабулкунанда мутобиқи талаботи СБҲМ (IFRS) 15 “Маблағи фурӯш аз шартномаҳо бо харидорон” оид ба муайянкунии лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ барои иҷро, назорати чунин объектро ба даст меорад. СБҲМ (IFRS) 16 “Иҷора” дар ҳолатҳое ба кор бурда мешавад, ки хориҷшавии объекти воситаҳои асосӣ дар натиҷаи амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс ба амал ояд (амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс фурӯхтани дороӣ ва боз ба иҷора гирифитани онро дар назар дорад).

Агар, мутобиқи қоидаи эътирофкунӣ, корхона дар арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ масрафҳои ивазкунии қисми ин объектро эътироф кунад, пас вай эътирофкунии арзиши тавозунии қисми ивазшударо новобаста аз он ки ин қисм алоҳида истеҳлок шудааст ё не, қатъ менамояд. Агар барои корхона муайян кардани арзиши тавозунии қисми бо чунин тарз ивазшуда воқеан ғайриимкон бошад, пас корхона метавонад бузургии масрафҳои ивазкуниро дар лаҳзае, ки қисми ивазкунанда харида шудааст ё сохта шудааст, чун нишондиҳандаи арзиши қисми ивазшуда қабул кунад.

Фоида ё зарари дар натиҷаи қатъгардии эътирофи объекти воситаҳои асосӣ бамиёномада чун фарқи байни воридшавиҳои соф аз хориҷшавӣ (агар бошанд) ва арзиши тавозунии объекти мазкур муайян карда мешавад.

Маблағи подоши ба ҳайати фоида ё зарар замшаванда, ки ҳангоми қатъгардии эътирофи объекти воситаҳои асосӣ ба миён меояд, мутобиқи талабот оид ба муайянкунии нархи аҳд, ки дар СБҲМ (IFRS) 15 “Маблағи фурӯш аз шартномаҳо бо харидорон” оварда шудаанд, муайян карда мешавад. Тағйирёбиҳои минбаъдаи маблағи ҳисобшавандаи подоши ба ҳайати фоида ё зарар замшуда мутобиқи талабот барои баҳисобгирии тағйирёбиҳои нархи аҳд, ки дар СБҲМ (IFRS) 15 “Маблағи фурӯш аз шартномаҳо бо харидорон” оварда шудаанд, баҳисоб гирифта мешаванд.

**АДАБИЁТ**

1. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии “Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ” НБМ 4/2002. – http://minfin.tj
2. Каримов Б.Ҳ., Бобиев И.А., Қаюмова Ф.А., Набиев Б.А. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 440 с.
3. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.



***Шоймардонов Ҳ.Қ. – муаллими калон***
***Фирузи Ш. – магистрант***
***Хонбоев А.З. – магистрант***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***


## НАҚШИ ТАҲЛИЛИ МОЛИЯВӢ ДАР АУДИТ

Таҳлил – яке аз усулҳои дарккунии воқеияти муҳити хоҷагидорӣ мебошад. Таҳлили моилявӣ бошад, усули дарккунии механизми молиявии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ, равандҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои молиявӣ барои фаъолияти ҷорӣ ва сармоягузории корхона мебошад. Натиҷаи таҳлили молиявӣ баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва некӯаҳволии иқтисодии корхона, вазъи дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи худӣ дар тавозун, суръатҳои гардиши сармоя ва унсурҳои таркибии он, даромаднокии воситаҳои истифодашавандаи корхона мебошад.

Аз мафҳуми таҳлили молиявӣ бармеояд, ки вай бо фаъолияти аудиторӣ – гузаронидани санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидорӣ алоқамандии зич дорад. Яъне таҳлили молиявӣ мададгори хуби аудитор дар мавриди гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Масъалаи алоқамандии таҳлили молиявӣ бо фаъолияти аудиторӣ дар асарҳои олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ матраҳ шудааст. Масалан, муаллиф Р.С. Тоҳирова вобаста ба ин масъала чунин қайд кардааст: “Қоидаҳои умумиилмие, ки ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ истифода мешаванд ин усулҳои тадқиқотро дар бар мегиранд: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, шабоҳат ва амсиласозӣ, истисно ва мушаххаскунӣ, таҳлили системавӣ, мушоҳида, озмоиш, ченкунӣ” [4, с. 149].

Тавре дарк мекунем, таҳлил чун яке аз қоидаҳои умумиилмӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ ба кор бурда мешавад. Вай ҳаммаънои калимаи юнонии analisis – ҷудокунӣ буда, маънои ба ҷузъҳои таркибӣ ҷудо карда омӯхтани чизҳо, зуҳуроту равандҳоро дорад. Таҳлил имконият медиҳад, ки моҳияти ботинии чиз (зуҳурот, раванд)-и омӯхташаванда дарк карда шавад, мавқеъ ва саҳми ҳар як ҷузъи таркибии он муайян карда шавад. Аз натиҷаҳои таҳлил оид ба моҳият ва сохтори чиз (зуҳурот, раванд)-и омӯхташаванда ва тарзҳои беҳтарини муомила бо он ё истифодабарии он хулоса бароварда мешавад.

Муаллиф Қ.Х. Барфиев (Қ.Х. Хушвахтзода) дар таркиби намудҳои таҳлил аз ҷумла таҳлили молиявӣ-иқтисодӣ ва таҳлили аудиториро ҷудо менамояд [2, с. 14]. Вай қайд менамояд, ки таҳлили молиявӣ-иқтисодӣ аз ҷониби хадамоти молиявии корхона гузаронида шуда, диққати асосиро ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона, иҷрои нақшаи молиявӣ, истифодабарии самараноки сармояи худӣ ва ҷалбгардида, беҳтаркунии вазъи молиявӣ ва пардохттавонии корхона равона мекунад. Таҳлили аудиторӣ (муҳосибӣ) - ин санҷиши ташхисии вазъи молиявии корхона мебошад. Ин гуна таҳлил аз ҷониби аудиторҳо ё ширкатҳои аудиторӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва пешбинӣ кардани вазъи молиявӣ ва устувории молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҷо оварда мешавад.

Фаъолияти аудиторӣ ғайр аз гузаронидани аудит инчунин баҷоории хизматрасониҳои гуногуни аудиторӣ, яъне хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудитро низ дар бар мегирад. Ин хизматрасониҳо дар доираи фаъолияти соҳибкории аудиторҳои инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ анҷом дода шуда, ба соҳаи фаъолияти касбии аудиторҳо мансубанд.

Дар замони муосир дар фаъолияти аудиторӣ намудҳои хизматрасониҳои машваратӣ ва таҳлилӣ нуфузи бештаре аз худи аудит пайдо намудаанд. Тибқи нишондоди моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" аудиторҳои инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ дар фаъолияти худ аз ҷумла метавонанд таҳлили ҳисоботи молиявии корхонаро ба ҷо оранд [1].

Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ мақсади таҳлили молиявӣ чунин ифода меёбад:

- аз ҷониби аудитор муайян гардидани моҳият ва муҳтавои фаъолнокии тиҷоратии мизоҷ;
- баҳодиҳии пешомадҳои молиявӣ-хоҷагидории амалкунии корхонаи мизоҷ дар оянда;
- ошкоркунии мавзеъҳои хатоҳои имконии барқасдона ва ғайрибарқасдона дар ҳисоботи моилявии корхонаи мизоҷ.

Манбаи ахбории асосии таҳлили молиявӣ – ҳисоботи молиявӣ мебошад, чунки таҳлили молиявӣ ин худ таҳлили маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ аст. Аз ин хотир таҳлили молиявӣ чун таҳлили ҳисоботи молиявӣ номбар мешавад.

Таҳлили ҳисоботи молиявӣ метавонад барои ошкоркунии камбудиҳои идоракунии фаъолияти тиҷоратии корхона, баҳодиҳии фаъолияти роҳбарияти корхона, барои интихоби самтҳои гузоштани сармоя истифода шавад, ё дар ниҳоят чун олоти пешомадбинии фаъолияти молиявии корхона баромад намояд. Аҳамияти таҳлили молиявӣ барои корхона ниҳоят бузург аст, чунки дар асоси он стратегияи рушди корхона таҳия карда мешавад [3, с. 14].

Шинос шудани аудитор бо тавозуни муҳосибии корхонаи мизоҷ марҳилаи ҳатмӣ дар кори аудитор ҳам дар мавриди бастани шартнома барои гузаронидани аудит ва ҳам дар рафти худи санҷиши аудиторӣ мебошад. Арзёбиҳои молиявии ҳисоботи муҳосибӣ дар шакли мухтасар ва тамаркузона ба аудитор чун маҳакҳо, чун нишондиҳандаҳои самтмуайянкунанда зарур мебошанд.

Зарурати таҳлили ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) дар шароитҳоиислоҳоти муносибатҳои бозорӣ аз талаботи соҳибкорӣ бар баҳодиҳии фаъолият ва ёрдам дар ҷустуҷӯи посух бар саволе бармеояд, ки фаъолияти хоҷагидорӣ чӣ гуна мебояд бурда шавад, то самараи беш ба даст ояд. Нишондиҳандаҳое чун масъулият ва салоҳияти роҳбарият, ҳисоботҳои босифатона тартибдодашуда, тавонойии саривақт ҳисобӣ намудан бо қарзҳои гирифта вазъи молиявии корхонаро тавсиф медиҳанд.

Ҳисоботи молиявӣ ба аудитор имконият медиҳад, ки ақидаи худро оид ба самаранокии истифодабарии сарватҳои молиявӣ, таносуби онҳо (худӣ, қарзӣ), вазъи ҳисобикуниҳо бо шарикони кории корхонаи аудитшаванда бунёд намоянд.

Ахбор оид ба фаъолияти корхона, обурӯ ва мартабаи он дар бозор дар беҳгардонии вазъи молиявии вай нақши муҳим мебозад. Ҳар як субъекти хоҷагидории ба пешрафти бомуваффақияти корҳои худ ҳавасмандбуда водор аст, ки натиҷаҳои таҳлили молиявии гузаронидаи худро ҳангоми тарҳкашии фаъолияти хоҷагидории худ ба кор барад. Дар ин маврид боэътимодии хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳлил аз сифати ҳисоботи чун манбаи ахбории таҳлил истифодашаванда вобаста аст. Бо вуҷуди ин таҳлили молиявии баҷоовардашуда наметавонад, ки дар ҳама ҳолатҳои хоҷагидорӣ барои беҳгардонии вазъият дастури ягонае диҳад, вале ба ҳар ҳол имконият медиҳад, то ба саволи гузошташуда посух дарёфт карда шавад.

Ҳисоботи корхона ин системаи муайяни нишондиҳандаҳои боҳамалоқаманде мебошад, ки натиҷаҳои фаъолияти корхона ё унсурҳои тартибдиҳандаи онро дар лаҳза ё давраи муайян тавсиф медиҳад. Ҳисоботи дар доираи корхона бунёдгардида ҷиҳатҳои мухталифи амалкунии корхонаро шарҳ дода, бо намудҳои боҳамалоқаманди баҳисобгирии хоҷагидорӣ асос меёбад [3, с. 4-5].

Ахбори дар ҳисоботи муҳосибии дохилӣ пешкашшаванда унсури муҳими системаи баҳисобгирии муҳосибии корхона ба шумор меравад. Вазъи ин унсури баҳисобгирӣ аз дараҷаи ташкилии вай вобаста буда, менеҷменти корхона вайро муайян менамояд. Ҳама гуна ҳисоботҳои дохилӣ, гузоришҳо, маълумотномаҳои таҳлилӣ ва маълумотҳои ҷамъбастӣ пеш аз

ҳама хоса барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ лозиманд. Чунин ҳуҷҷатҳо бахши ҷудонашавандаи фаъолияти муҳосиботи корхона мебошанд.

Дар ҳисоботи дохилӣ нишондиҳандаҳои алоҳидаи дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда кушода (шарҳ) дода мешаванд. Муқоисакунии маълумотҳои ҳисоботи дохилӣ ва берунӣ (молиявӣ) баъзан метавонад маводи ниҳоят ҷолиброро оид ба рушди воқеъии фурӯш ва хароҷот пешкаш намояд, ки на ҳама вақт дар шаклҳои оммавии ҳисоботи молиявӣ оварда мешавад.

Пӯшида нест, ки баъзан корхонаҳо бо мақсади гирифтани қарзи бонкӣ, бурд намудани тендер ва дар дигар ҳолатҳо қасдан маълумотҳои ҳисоботи молиявиро иваз менамоянд (маблағи гардиш, арзиши дороиҳо ва ҳатто фоидаро нодуруст нишон медиҳанд). Дар ин мавридҳо барои маълумоти саҳеҳтар пайдо намудан истифодабаранда (таҳлилчӣ, аудитор) ба ахбори ҳисоботи муҳосибии дохилӣ муроҷиат намуда, аз он ҷо акси бутуни ҳаёти молиявиву иқтисодӣ ва сӯрати асли вазъи иқтисодии корхонаи таҳлилшавандаро ба даст меорад.

Аудитор пас аз ба ҷо овардани таҳлили унсурҳои асосии ҳисоботи молиявии корхонаи мизоҷ самтҳои минбаъдаи гузаронидани санҷиши аудиториро муайян менамояд.

Таҳлили иқтисодии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории шахси санҷидашаванда то оғози аудит шурӯъ карда мешавад. Таҳлили иқтисодии пешакӣ имконият медиҳад, ки нақшаи санҷиши аудиторӣ мувофиқи мақсад тартиб дода шуда, пеш аз гузаронидани аудит усулҳо ва қоидаҳои гузаронидани санҷиш муайян карда шаванд. Дар рафти санҷиши аудиторӣ таҳлили иқтисодии нисбатан чуқуртар гузаронида мешавад. Дар ин маврид маълумоти таҳлили иқтисодӣ бо муқоисакунии маълумоти муҳосибӣ ва оморӣ, омӯзиши далелҳо ва дигар ахбори барои баҳодиҳии фаъолияти шахси санҷидашаванда зарурӣ, натиҷаҳои санҷишҳои ҳуҷҷатҳои аввалӣ, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар ахбори иқтисодӣ тақвият дода мешаванд [4, с. 152].

Баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва тағйирёбиҳои он дар давраи ҳисоботӣ дар асоси тавозуни таҳлилии қиёсӣ, инчунин таҳлили нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ лаҳзаи аввалие мебошад, ки бахши хотимавии таҳлили вазъи молиявии корхона бояд аз он рушди мантиқии худро дарёбад. Таҳлили бозоргирии тавозун бояд пардохттавонии ҷориро баҳо диҳад ва оид ба имконоти нигоҳдории баробарвазнии дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона ва пардохттавонии вай дар оянда хулоса диҳад. Тавозуни таҳлилии қиёсӣ ва нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ моҳияти вазъи молиявиро инъикос мекунанд. Бозоргирии тавозун зоҳирёбиҳои берунии вазъи молиявиро, ки аз моҳияти он бармеоянд, васф мекунад. Амиқгардии таҳлил дар асоси маълумоти баҳисобгирӣ ба ҳалли массъалаҳое меорад, ки ба таҳлили дохилӣ мансубанд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили молиявӣ барои аудитор донистани нозукиҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва қарз, назарияи иқтисодӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ зарур аст. Аудиторе, ки таҳлили молиявиро мегузаронад, дар асоси донишҳо аз фанҳои зикргардида тарҳи фаъолияти объекти таҳлилро дар асоси маълумоти аввалӣ таҳия менамояд, яъне кори муҳосибро такрор мекунад, вале бо тартиби баръакс – аз ҷамъбасткунӣ ва таснифи маълумоти аввалӣ дар шакли ҳисоботи моилявӣ то дарк кардани моҳияти ин ё он амалиёти хоҷагидорӣ, то ки таҳрифи баҳисобгирии муҳосибиро истисно кунад. Дар ин маврид аз ҷиҳати таҳлилӣ хондан ва дарк намудани маълумоти аввалӣ вобаста ба ҳадафҳои менеҷмент ва вазифаҳои таҳлил зарур мебошад.

Таҳлили молиявӣ дар фаъолияти аудиторӣ ба амалҳои аудитории гуногун асос меёбад. Амалҳои санҷишии аудиторӣ – корҳои таъсиррасонӣ ба субъектҳо ва объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд, ки аудиторҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ба ҷо меоранд. Ба сифати субъекти (ба лотинӣ - subjectum) фаъолияти хоҷагидорӣ соҳибкорон (шахсони ҳуқуқӣ – корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шахсони воқеӣ – соҳибкорони инфиродӣ) ва кормандони онҳо баромад менамоянд, объекти хоҷагидорӣ - чизҳо (зуҳурот, равандҳо)-е мебошанд, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ба онҳо равона шудааст. Фаъолияти хоҷагидориро субъектҳои хоҷагидорӣ мутобиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби давлат муқарраргардида мебаранд ва роҳбарӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, амалҳои санҷишии аудиторӣ – корҳое мебошанд, ки истифодабарии қоидаҳои методии аудитро мушаххас гардонида, гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ ва ошкоркунии ҳолатҳои

ихтилофиро бо мақсади саривақт бартараф кардани онҳо таъмин менамоянд.

Чуноне болотар қайд намудем, чке аз амалҳои санҷишии муҳим дар фаъолияти аудиторӣ ин таҳлили молиявӣ мебошад. Хусусиятҳои методи таҳлил ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ инҳоанд:

- истифодабарии низоми нишондиҳандаҳо ҳангоми омӯзиши падидаҳо ва равандҳои хоҷагидорӣ. Низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар рафти банақшагирӣ бунёд мешавад, вале дар рафти таҳлил низ нишондиҳандаҳои нав пайдо мешаванд. Масалан, истифодабарии меҳнат бо ёрии нишондиҳандаҳои таҳлилии шумораи кормандон, ҳосилнокии меҳнат, музди кор ва дигар нишондиҳандаҳои васфкунандаи харҷи меҳнат омӯхта мешавад;

- омӯзиши сабабҳои ба тағйирёбии ин ё он нишондиҳандаҳои иқтисодӣ боисшуда. Ошкор кардан ва омӯхтани амали мутлақо ҳамаи сабабҳо душвор ва на ҳамеша мақбул аст. Аз ин хотир, сабабҳои асосӣ ва нисбатан муҳимтар ошкор карда шуда, ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд. Таъсири миқдории нишондиҳандаҳои омилӣ (сабабӣ) ба баландшавии самаранокии фаъолият муайян карда мешавад;

- ошкоркунӣ ва ченкунии алоқамандии байниҳамдигарии нишондиҳандаҳо;

- омӯзиши объект бо баинобатгирии тамоми алоқаҳои дохилӣ ва берунии вай чун бахши зинаи нисбатан болотар, масалан, баррасии қитъаи корӣ чун бахши коргоҳи истеҳсолӣ, коргоҳ – чун бахши корхона. Дар мавриди ин тарзи муомила мебояд фаъолияти объекти таҳлилшаванда на танҳо аз диди ноилгардии ҳадафҳои ҷузъӣ баҳодиҳӣ карда шавад, балки инчунин муайян карда шавад, ки ин ҳадафҳо ба чӣ андоза бо ҳадафҳои низоми нисбатан болотар мувофиқат менамоянд;

- ҷамъбасткунии натиҷаҳои таҳлил – хулосаҳо доир ба баҳодиҳии фаъолият, маълумот дар бораи захираҳои истифоданашуда ва тавсияҳо доир ба истифодабарии онҳо.

Ҳамин тавр, таҳлили моилявӣ дар фаъолияти аудиторӣ нақши бузургро мебозад. Вай қодир аст, ки ба рушди минбаъдаи субъекти хоҷагидорӣ, мавқеи он дар бозор таъсири муҳим расонад.

Таҳлили моилявии босифат – асоси тамоми раванди санҷиши аудиторӣ мебошад, ба ин хотир, ба вай ҳам аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ, аудитори инфиродӣ ва ҳам аз ҷониби шахси санҷидашаванда, ки бевосита ба натиҷаҳои таҳлили моилявӣ ва санҷиши аудиторӣ манфиатдор мебошанд, диққати ниҳоят муҳим ҷудо карда мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи  фаъолияти аудиторӣ” – http://mmk.tj
2. Барфиев Қ.Х. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 400 с.
3. Ойев Н.А., Бобиев И.А., Алиев О.М., Каримов Б.Ҳ. Таҳлили ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, Ирфон, 2015. –  218 с.
4. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. –  582 с.

***Курбанова С.М. – муаллими калон***
***Ҳикматов Ш.М. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ҶАНБАҲОИ МУҲИМИ ТАҲЛИЛИ КОМПЛЕКСИИ КОРХОНА

Дар шароити муосири иқтисодӣ баҳодиҳии комплексии фаъолияти корхона хеле муҳим буда, имконият медиҳад, ки самаранокии идоракунии кулли дороиҳои корхона муайян карда шавад. Баҳодиҳии комплексӣ - воситаи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ ва таҳлил буда, индикатори ченкунандаи ҳолати субъекти иқтисодӣ дар маҷмуаи нишндиҳандаҳо мебошад. Хусусияти системавии баҳодиҳии комплексӣ ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории корхонаро ҳамчун як системаи мураккаби муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар муносибатҳо, ки аз ҳамкории корхона бо муҳити берунӣ ва дохилӣ бармеоянд, баррасӣ кунем. Аз ин сабаб, ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти ҳар як субъекти

иқтисодӣ таъсири омилҳои мухталифе, ки ба бозор ва муҳити иҷтимоии корхона таъсир мерасонанд, ба назар гирифта мешаванд.

Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодӣ бояд хусусиятҳои соҳаҳоро, ки объектҳои таҳқиқот ба онҳо таъллуқ доранд, инъикос кунанд. Омилҳои асосии муайянкунандаи самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагии корхона инҳоянд: самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории корхона, пеш аз ҳама, ба чунин омилҳо вобаста аст, ба монанди мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, вазъи истеҳсолот ва пойгоҳи техникӣ, сатҳи техникӣ ва ташкилии он, ба талаботи муосири бозор ҷавобгӯ будани дараҷаи ташкили истеҳсолот ва меҳнат. Фаъолияти самарабахши корхонаҳо идоракунии аз ҷиҳати иқтисодӣ босалоҳият ба фаъолияти онҳоро тақозо мекунад, ки бештар бо қобилияти таҳлил ваояндабинии онҳо муайян карда мешавад.

Бо ёрии таҳлили комплексӣ, тамоюлҳои рушд таҳқиқ карда мешаванд, омилҳое, ки ба натиҷаҳои фаъолият таъсир мерасонанд, қарорҳои идоракунӣ, нақшаҳои бизнес асоснок карда мешаванд, захираҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот муайян карда мешаванд, натиҷаҳои фаъолияти корхона баҳо дода ва стратегияи иқтисодии рушди он таҳия карда мешаванд. Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагии корхона омӯзиши сатҳи техникии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, таъмини захираҳои меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ ва самаранокии истифодаи онҳоро дар бар мегирад. Онҳо ба муносибати муназзам, баррасии комплексии омилҳои гуногун, интихоби босифати иттилооти боэътимод асос ёфтаанд ва вазифаи муҳими идоракунӣ мебошанд.

Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории корхона ин ҷамъоварӣ, тағйир додан ва истифодаи иттилооте мебошад, ки мавҷудият, ҷойгиршавӣ ва истифодаи захираҳои молиявии корхонаро инъикос мекунад. Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи фаъолияти корхона таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории онро дарбар гирифта, таҳлили иқтисодӣ қисми асосии баҳодиҳии комплексӣ мебошад. Таҳлили иқтисодӣ ин омӯзиши амиқи аз ҷиҳати илмӣ асосноки фаъолияти корхонаи тиҷоратӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он мебошад.

Натиҷаҳои таҳлили иқтисодӣ дар давраи гузашта барои таҳияи бизнес-нақшаҳо барои давраи оянда заминаро ташкил медиҳанд. Сипас маълумоти онҳо ҳамчун манбаи иттилоот барои таҳлили иқтисодӣ истифода мешаванд.

Кори бомуваффақияти таҳлилӣ аз сатҳи ташкили он вобаста аст. Кори дохилии таҳлилӣ дар ширкат бояд ҳамчун як системаи муттаҳид ва хуб таҳияшуда ташкил карда шавад.

Таҳлили иқтисодиро бо роҳҳои гуногун ташкил кардан мумкин аст:

- дар ширкатҳои бузург - бахшҳои махсусгардонидашуда;
- дар назди директори молиявӣ - гурӯҳҳо (шӯъбаҳо ё озмоишгоҳҳо);
- дар ширкатҳои миёна - гурӯҳ ё ҳадди аққал як мутахассиси молия (менеҷери молиявӣ ё муовини директор оид ба корҳои молиявӣ);
- дар ширкатҳои хурд - сармуҳосиб.

Таҳлили иқтисодӣ - миқдоран ва сифатан баҳо додани тағйироти ҷорӣ дар объекти идорашавандаро таъмин мекунад. Он имкон медиҳад, ки тамоюлҳои рушди ҳам падидаҳои номатлуб ва ҳам прогрессивиро дар вақташ муайян намоем. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил, қарорҳое таҳия карда мешаванд, ки ба кам шудани равандҳои манфӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди тамоюлҳои пешрафта мусоидат мекунанд.

Таҳлил захираҳои дохилии истифоданашудаи корхонаҳои тиҷоратӣ ва инчунин захираҳоеро ошкор мекунад, ки метавонанд ҳангоми қабули қарорҳои нави идоракунӣ ба вуҷуд оянд. Татбиқи захираҳои дохилӣ имкон медиҳад, ки рушди объекти идорашаванда суръат ёбад ва ё ба реҷаи самарабахши кор гузаронида шавад. Таҳлили иқтисодӣ асоси таҳияи қарорҳои оптималии идоракунӣ мебошад, ки имконоти он тавассути омӯзиши амиқи тағйиротҳо дар объекти идорашаванда таҳия карда мешаванд.

Таҳлили комплексии молиявию иқтисодии фаъолияти корхона аз омӯзиши ҳамзамон ва ҳамоҳангшудаи маҷмӯи нишондиҳандаҳо иборат аст, ки ҳамаи (ё бисёр) ҷанбаҳои фаъолияти

молиявию иқтисодиро инъикос мекунанд. Ҳангоми таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти иқтисодӣ қадамҳои зерин иҷро карда мешаванд.

Дар марҳилаи аввал объектҳо, мақсад ва вазифаи таҳлил муайян карда шуда, нақшаи корҳои таҳлилӣ тартиб дода мешавад. Дар марҳилаи дуюм низоми нишондиҳандаҳои таркибӣ ва таҳлилӣ таҳия карда мешавад, ки бо ёрии он объекти таҳлил тавсиф карда мешавад. Дар марҳилаи сеюм маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ ва барои таҳлил омода карда мешавад. Дар марҳилаи чорум, натиҷаҳои воқеии идоракунӣ бо нишондиҳандаҳои нақшаи соли ҳисоботӣ, маълумоти воқеии солҳои гузашта, бо дастовардҳои корхонаҳои пешрафта, дар маҷмӯъ саноат ва ғайра муқоиса карда мешаванд. Дар марҳилаи панҷум таҳлили омилҳо гузаронида мешавад: омилҳо муайян карда мешаванд ва таъсири онҳо ба натиҷа муайян карда мешавад. Дар марҳилаи шашум, захираҳои истифоданашуда ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот муайян карда мешаванд. Дар марҳилаи ҳафтум, натиҷаҳои менеҷмент бо назардошти амали далелҳои гуногун ва захираҳои ошкоршудаи истифоданашуда баҳогузорӣ карда мешаванд, ки барои истифодаи онҳо чораҳо таҳия карда мешаванд. Ин пайдарпаии таҳқиқоти таҳлилӣ аз нуқтаи назария ва амалия мувофиқтарин аст.

Мувофиқи ҳадафи баҳодиҳии комплексии фаъолияти корхона, таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ зарур аст, аз ҷумла:

1. Таҳлили истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
2. Таҳлили истифодаи захираҳои меҳнатии корхона ва музди меҳнат;
3. Таҳлили истифодаи воситаҳои асосӣ;
4. Таҳлили истифодаи воситаҳои гардишӣ;
5. Таҳлили хароҷот;
6. Таҳлили натиҷаҳои молиявии корхона.

Ҳамин тариқ, дида мешавад, ки баҳодиҳии самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории корхона то чӣ андоза муҳим аст ва ин мушкилот дар давраи иқтисоди бозаргонӣ боз ҳам муҳимтар мегардад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдукаримов, И.Т. Финансово-экономический анализ хозяйственной деятельности коммерческих организаций (анализ деловой активности): Учебное пособие / И.Т. Абдукаримов. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2013. -196 с.
2. Артеменко, В.Г. Анализ финансовой отчетности: учебное пособие / В.Г. Артеменко, В.В. Остапова– М.: Омега-Л, 2012. – 436 с.
3. Бариленко, В.И. Комплексный анализ хозяйственной деятельности предприятия: учеб. пособие / В.И.Бариленко. - М.: ФОРУМ, 2012. – 74 с.
4. Бреусова, Е. А., Яценко, Д.Е. Актуальные аспекты комплексной оценки деятельности организации // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2016. – Т. 17. – С. 178–186.
5. Вартанов, А.С. Экономическая диагностика деятельности предприятия: организация и методология: Учеб. пособие / А. С. Вартанов. – М.: Финансы и статистика, 2014. – 423 с.

***Маҳмадова М.Ш. – ассистент,***
***Мирзозода М.И. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ДАР МАВРИДИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ТАХАССУСИИ МУҲОСИБӢ

Истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва барномаҳои муосири коркарди итттилоот, барои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ҷузъи зарурии фаъолияти кории муҳосиби касбӣ маҳсуб мешавад. Корфармоёни имрӯза ҳангоми ба кор қабул кардани мутахассисон ба қобилияти фаъолона истифода бурда тавонистани технологияҳои иттилоотӣ

таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, бинобар ин зарур аст, ки истифодаи маҳсулоти барномавии муосир дар раванди таълим ва усулҳои таълим самаранок истифода бурда шаванд.

Дар айни замон, технологияҳои маъмултарин ва умедбахши ташаккул додани малакаҳои касбии муҳосибон технологияҳои зерини идоравӣ мебошанд: низомҳои иттиллотӣ-ҷустуҷӯии "Консултант +", "Гарант", технологияҳои иттилоотӣ барои ташаккули салоҳияти касбии "1С: Корхона", "Парус" ва ғ.

Донишҷӯён дар раванди таълим бо низомҳои дафтари корӣ ва ҷустуҷӯӣ бо омӯзиши фанҳои информатика, технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ, барномаҳои 1С: Бухгалтерия бояд шинос шаванд.

Дар оянда низоми иттиллотӣ-ҷустуҷӯии аз ҷониби донишҷӯён барои ҷустуҷӯи иттилоот барои дарсҳои амалӣ, иҷрои супоришҳо барои фанҳои гуногун, навиштани маърӯзаҳо, паёмҳо, иншоҳо, тестҳо, маърӯзаҳои амалӣ, инчунин корҳои курсӣ, ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва корҳои дипломӣ истифода бурда мешаванд.

Барномаи пешрафтаи касбӣ барои муҳосибон “1С: Корхона” ва конфигуратсияҳои он: “Муҳосиботи корхона 8”, “Музди меҳнат ва идоракунии кормандон 8”, “Идоракунии савдо 8”, “Идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ 8” мебошанд.

Ин барнома имкониятҳои васеъ барои ташкили омӯзиш бо модулҳои касбӣ, гузаронидани дарсҳои амалӣ, ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён ва таҷрибаомӯзии таълимӣ фароҳам меорад.

Ҳамзамон, супоришҳои амалӣ барои таҷрибаомӯзии таълимӣ модули касбии 01 "Ҳуҷҷатгузории амалиёти хоҷагидорӣ ва пешбурди баҳисобгирии амволи ташкилот" тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки бояд аввал донишҷӯ амалиётро дастӣ сабт кунад, сипас бо истифода аз конфигуратсияи "1С: Бухгалтерия 8".

Дар раванди иҷроиши супоришҳо, донишҷӯён:

- мустақилона пойгоҳи нави иттилоотӣ таъсис диҳанд;
- маълумотномаҳои заруриро пур кунанд;
- маълумоти ибтидоии баҳисобгириро ворид кунанд;
- малакаҳои касбии худро дар ҷараёни ҳалли вазифаи ниҳоӣ ва ташкили кор бо ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла баҳисобгирии пули нақд дар хазина, дар ҳисобҳои бонкӣ, баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, сармоягузориҳои дарозмуддат, сармоягузориҳои молиявӣ, захираҳо, баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслӣ, маҳсулоти тайёр, баҳисобгирии қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, баҳисобгирии музди меҳнат истифода баранд.

Барои ташкили самарабахши корҳои беруназзсинфии донишҷӯён, маводҳои методӣ барои иҷроиши вазифаҳои фарогир оиди баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ дар барномаи 1С: Баҳисобгирии корхона 8 таҳия шудааст.

Чунин муносибати ҳамаҷониба ба ташкили раванди таълим имкон медиҳад, ки сифати таълим ва шавқи донишҷӯ дар пайваста такмил додани дониши онҳо беҳтар карда шавад.

Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим барои таълими касби муҳосибон:

- омӯзишро фаъол, мустақил месозад;
- ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки миқдори зиёди маводро барои дарси таълимӣ омӯзад;
- барои мутахассисони оянда барои иҷрои ҳисоботи таҳлилӣ, ҳуҷҷатгузорӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад;
- сифати тайёр кардани мутахассисонро аз рӯи ихтисоси «Иқтисодиёт ва баҳисобгирӣ (аз рӯи соҳаҳо)” баланд мебардорад;
- имкон медиҳад, ки сифати таълим ва самти амалии он баланд бардошта шавад;
- корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва таҷрибаомӯзии таълимӣ бо модулҳои касбӣ дуруст ташкил карда шавад;
- ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки худро дар фаъолияти таълимию касбии оянда, дар асоси хусусиятҳо ва қобилиятҳои инфиродӣ амалӣ кунанд;

- ба шумо имкон медиҳад, ки усулҳои гуногуни таълимро ба кор баред;

- ҳавасмандии баландро барои донишҷӯён дар раванди таълим, алахусус дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин менамояд;

- ба шумо имкон медиҳад, ки усулҳои таълими фанҳои тахассусии баҳисобгириро такмил диҳед.

**АДАБИЁТ**

1. Гартвич А.В. 1С: Бухгалтерия 8 как на ладони. М.: ООО «1С-Паблишинг, 2008.

2. Пьянкова Л.М. Использование компьютерных технологий в изучении дисциплины «Бухгалтерский учет», 2007.

3. www.yandex.ru (статьи по вопросам автоматизации бухгалтерского, управленческого, финансового и налогового учета на предприятии).

***Одинаев Б.Ҳ. – ассистент***
***Ҷумъаев Ҷ.О. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## АУДИТ ҲАМЧУН ОМИЛИ САМАРАНОКИИ ТИҶОРАТ

Дар замони муосир, рушди соҳибкорӣ бо афзоиши нақши иттилооти баҳисобгирӣ дар соҳаҳои идоракунӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ ҳамбастагӣ дорад. Аз ин рӯ, зарурияти гузаронидани ногузир аст. Зери мафҳуми аудит санҷиши мустақил ва изҳори ақида оиди ҳисоботи молиявии фаҳмида мешавад.

Гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳатто дар мавридҳои ҳатмӣ набудани он, бешубҳа муҳим аст. Дар шароити бозор, корхонаҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва дигар субъектҳои соҳибкорӣ ба муносибатҳои шартномавӣ оиди истифодабарии молу мулк, воситаҳои пулӣ, гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дохил мешаванд. Эътимоднокии ин муносибатҳо бояд ба қобилияти қабул ва истифодабарии иттилооти молиявӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни амалиёт мстаҳкам карда шавад. Дурустии маълумотро аудитори мустақил тасдиқ мекунад.

Соҳибмулкон, ва пеш аз ҳама, моликони коллективӣ – саҳмдорон, инчунин кредиторон наметавонанд мустақилона тасдиқ кунанд, ки тамоми амалиёти сершумор ва аксар вақт хеле мураккаби корхона қонунӣ ва дуруст гузаронида мешаванд, зеро онҳо одатан ба навиштаҷотҳои муҳосибӣ дастрасӣ ва таҷрибаи дахлдор надоранд ва аз ин рӯ ба хадамоти аудиторон ниёз доранд.

Санҷишҳои аудиторӣ инчунин барои мақомоти давлатӣ, судяҳо, прокурорҳо ва муфаттишон барои тасдиқи эътимоднокии ҳисоботи молиявии ба онҳо ҷолиб низ заруранд.

Мафҳуми аудит нисбат ба тафтишот ё шаклҳои дигари назорат хеле васеътар аст, зеро он на танҳо санҷиши эътимоднокии нишондиҳандаҳои молиявиро дарбар мегирад, балки таҳияи пешниҳодҳоро оид ба беҳтар намудани фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳоро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, аудит шакли назорат махсус аст, ки яке аз вазифаҳои идоракуниро ташкил медиҳад. Моҳияти иқтисодии фаъолияти аудиторӣ тавассути функсияҳои баҳисобгирӣ ва назоратии он ифода карда мешавад ва ҳамчун тасдиқи далели эътимоднокии ҳисоботҳо дар бораи натиҷаҳои аудити фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии шахси санҷидашаванда, машварартдиҳӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии системаи идоракунии субъекти хоҷагидорӣ ифода меёбад.

Фаъолияти аудиторӣ ду гурӯҳи амалҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро дар бар мегирад: хадамоти марбут ба аудит ва аудит. Агар мо санҷиши аудиториро ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дида бароем, пас аудит маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ ба танзим медарорад.

Агар мафҳуми «аудит» сарфи назар аз мафҳуми фаъолияти аудиторӣ дида баромада шавад, он дар илми ҳуқуқшиносии муосир номуайян баҳо дода шудааст. Истилоҳи "аудит" аксар вақт ҳамчун «санҷиши мустақили ҳисоботи молиявии корхонае, ки аз ҷониби

мутахассисони соҳибихтисос (аудиторон) гузаронида мешавад” фаҳмида мешавад. Мувофиқи луғати истилоҳоти байналмилалии назорат "аудит" - ин шарҳи фаъолият ва амалиёти ташкилот барои боварӣ ҳосил кардан, ки онҳоро пайравӣ мекунанд; аз ҳадафҳо, буҷа, қоидаҳо ва стандартҳои тасдиқшуда мебошад. Зарурати чунин бознигарӣ давра ба давра муайян кардани он ихтилофоте аст, ки дар раванди рушди аудит амали ислоҳиро талаб мекунанд.

Масалан, олимони англис, аз ҷумла Р.Адамс, аудитро чунин муайян мекунанд: "Баррасии мустақилонаи аз ҷониби аудитори махсус таъиншуда оиди ҳисоботи молиявии корхона ва изҳори ақида дар бораи онҳо ҳангоми риояи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун».

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо метавонем таваҷҷӯҳро ба он ҷалб кунем, ки ки истилоҳи аудит нисбат ба мафҳумҳое, ба аудит монанд назорат ва тафтиш хеле васеътар аст. Хусусияти аудит ҳамчун шакли назорат он аст, ки аудит на танҳо санҷишро таъмин мекунад, балки эътимоднокии нишондиҳандаҳои молиявӣ ва бо назардошти талаботи муштарии имрӯза, барои ӯ пешниҳодҳо, ба монанди оптимизатсияи фаъолияти иқтисодӣ таҳия мекунад, ки имкон медиҳад маблағҳо сарфа шаванд ва дар ниҳоят бояд ба афзоиши фоида оварда расонад.

Инчунин бояд қайд кард, ки аудит метавонад ҳамчун як намуди экспертизаи тиҷорӣ барои муайян кардани камбудиҳо ва таъин кардани тавсияҳо барои бартараф кардани онҳо истифода шавад.

Мақсади асосии аудит муайян кардани эътимоднокии ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мутобиқати амалиётҳои молиявию иқтисодии онҳо ба қонунҳои амалкунанда мебошад.

Фарқи байни аудит ва фаъолияти аудиторӣ дар он аст, ки охирин инчунин хадамоти гуногуни аудиторӣ пешниҳод менамояд. Вақтҳои охир, диққати асосӣ ба беҳтар шудани самаранокии системаи идоракунии корхона ва пеш аз ҳама системаҳои назорати дохилӣ равона карда шудааст. Равиши муназзам ба рушди хадамоти аудити босифат замина гузошт, яъне сохторҳои аудиторӣ нисбат ба аудити мустақим бештар ба фаъолияти машваратӣ сар карданд.

Корҳо ва хидматҳои марбут ба аудит аз инҳо иборатанд:

1) таъсис, барқарорсозӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳияи ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ), машваратдиҳии баҳисобгирӣ;

2) машварат оид ба андозбандӣ, таҳия, барқарорсозӣ ва баҳисобгирии андоз, омода кардани ҳисоботи андоз ва эъломияҳо;

3) таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, машваратдиҳии иқтисодӣ ва молиявӣ;

4) машварати идоракунӣ, аз ҷумла марбут азнавташкилдиҳии ташкилотҳо ё хусусигардонии онҳо;

5) ёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои марбут ба фаъолияти аудиторӣ, аз ҷумла маслиҳатҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи манфиатҳои мизоҷон дар мурофиаи шаҳрвандӣ ва маъмурӣ, муносибатҳои ҳуқуқии андоз ва гумрук, дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳукумати маҳаллӣ;

6) автоматикунонии баҳисобгирӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ;

7) фаъолияти баҳодиҳӣ;

8) таҳия ва таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таҳияи бизнес-нақшаҳо;

9) гузаронидани корҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ-таҷрибавӣ дар соҳаҳои марбут ба аудит ва паҳн намудани натиҷаҳои онҳо, аз ҷумла ба воситаи коғаз ва васоити электронӣ;

10) омӯзиш дар соҳаҳои марбут ба фаъолияти аудиторӣ.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти аудиторӣ хеле гуногунанд. Ҳамин тавр, ҳадафҳои асосии фаъолияти аудиторӣ инҳоянд:

- санҷиши қонунии муомилоти молиявию хоҷагидорӣ;
- санҷиши ҳолати баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ;
- санҷиши эътимоднокии нишондиҳандаҳои муҳимтарини ҳисоботӣ, аз ҷумла тавозун, ҳисоботи натиҷаҳои молиявӣ ва ғайра;

- таҳқиқи фаъолияти иқтисодӣ бо мақсади муайян кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ;

- санҷиши ҳолат ва самаранокии истифодаи захираҳо (меҳнатӣ, молиявӣ, моддӣ).

Асоси аудитро қонунҳои шаҳрвандӣ, ҳуқуқи маъмурӣ-тиҷоратӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ташкил медиҳад. Мақсади ниҳоии аудит ин таҳлили вазъи молиявии ташкилот, суботи молиявӣ ва қобилияти қарзадокунии он иборат аст.

Ҳамин тариқ, бо рушди иқтисодиёти бозорӣ, зиёд шудани рақобат ва васеъ шудани робитаҳои иқтисодии ташкилот, дар маҷмӯъ онҳо барои гузаронидани санҷишҳои ҳатмӣ ва ташаббусӣ бештар манфиатдор хоҳанд буд.

Баланд бардоштани самаранокии хадамоти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили минбаъдаи заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии фаъолияти аудиторӣ, инчунин тайёр кардани кормандони баландихтисоси аудитории касбӣ мусоидат мекунад.

Айни замон шумораи аудиторон ва ташкилотҳои аудиторӣ ба миқдоре расидаанд, ки метавонад байни аудиторон рақобатро ба вуҷуд оваранд ва субъектҳои хоҷагидорӣ имкон доранд шарикони тахассуснокро интихоб намоянд. Ҳамаи ин барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳибкорӣ, инчунин дар маҷмӯъ истеҳсолоти ҷамъиятии кишвар мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Адамс, Р. Основы аудита / Р. Адамс; пер. с англ. под ред. Я. В. Со-колова. – М. : Аудит, ЮНИТИД, 2010. – 204 с.
2. Аренс, Э. А. Аудит / Э. А. Аренс, Д. К. Лоббек; пер. с англ. – М.: Финансы и статистика, 2011. – 96 с.
3. Додж, Р. Краткое руководство по стандартам и нормам аудита / Р. Додж. – М. : Финансы и статистика, ЮНИТИД, 2012. – 194 с.
4. Кармайкл, Д. Р. Стандарты и нормы аудита / Д. Р. Кармайкл, М. Бе-нис; пер. с англ. – М. : Аудит, ЮНИТИД, 2012. – 162 с.
5. Маренков, Н. Л. Международные стандарты бухгалтерского учета, аудита и учетная политика российских фирм / Н. Л. Маренков, Т. И. Кравцова и др. – М. : Эудиториал УРССД, 2011. – 208 с.
6. Рапопорт, М. М. Международные нормативы аудита / М. М. Рапо-порт. – М. : Аудиттренинг, 2012. – 182 с.
7. Голощапов, Н. А. Справочник-словарь аудитора / Н. А. Голощапов; под ред. В. И. Осипова. – М.: Экзамен, 2010. – 384 с.



***Оқилов Ф.М. – ассистент***
***Муҳаммадиев Х.Х. – магистрант***
***Абдукаримзода А.Х. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## НАҚШИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

Соҳаи кишоварзӣ самти муҳими фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Барои баланд бардоштани самаранокии захираҳои истеҳсолӣ, ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибиро дуруст гузоштан лозим аст. Хусусияти баҳисобгирӣ дар соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои кишоварзӣ ва дар маҷмӯъ комплекси агросаноатиро муайян мекунад.

Рушди иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ, ки ҷузъи муҳими комплекси агросаноатӣ мебошад, ғайриимкон аст. Кишоварзӣ як соҳаи муҳими фаъолияти иқтисодист, ки дар иқтисодиёти миллӣ нақши стратегиро бо мақсади таъмини ашёи хом барои саноат ба миқдори зарурӣ барои таъмини амнияти озуқавории кишвар мебозад.

Баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, истеҳсоли мол, мавод, захираҳои молиявӣ ва меҳнатӣ; татбиқи чораҳои пурзӯр кардани баҳисобгирии хароҷот, кам кардани

хароҷот, баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявию иқтисодии аҳолӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳадафи баҳисобгирӣ фавран қабул ва коркарди иттилооти воридшаванда бошад.

Манбаи асосии иттилоот дар бораи фаъолияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ мавҷудбуда мебошад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишоварзӣ барои пешниҳоди иттилооти зарурӣ дар бораи раванди истеҳсолот, ки ба ҳифзи моликият, баланд бардоштани даромаднокӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати кор мусоидат мекунад, пешбинӣ шудааст. Ҳамаи дар боло овардашударо ба ду вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ҷудо кардан мумкин аст: иттилоот дар бораи ҳолати корҳо ва назорат.

Ҳадафи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ин тафриқаи хароҷот барои давраҳои истеҳсолӣ мебошад, ки ба соли тақвимӣ рост намеояд ва ҳамчун объектҳои махсуси баҳисобгирии хароҷоти солҳои гузашта барои ҳосили соли ҷорӣ ё хароҷоти соли ҷорӣ барои ҳосили солҳои оянда тақсим мешавад. Ҳаҷми нобаробарии корҳои кишоварзӣ ба ҳисобдорӣ таъсир мерасонад. Дар давраи корҳои асосии кишоварзӣ, шиддатнокии меҳнати баҳисобгирӣ меафзояд ва дар давраи камшавии мавсимии ҳаҷми кор, он кам мешавад. Бо назардошти хусусиятҳои биологии растаниҳо ва ҳайвонот, аз як намуди зироат ё ҳайвонот якчанд намуди маҳсулот ба даст оварда мешавад (ғалладона, партовҳои ғалладона ва коҳ ҳангоми парвариши зироатҳои ғалладона, шир ва насли ҳайвонот ҳангоми парвариши чорво ва ғ.). Ҳамин тариқ, барои ҳисоб кардани арзиши аслӣ фарқияти хароҷоти истеҳсолӣ байни намудҳои маҳсулот, истифодаи усулҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки тақсимоти онҳо ба миён меояд.

Кишоварзӣ ҳамчун як соҳаи иқтисод бо якчанд ҷиҳатҳо тавсиф карда мешавад, ки онҳо асосан бо таъсири омилҳои табиӣ муайян карда мешаванд.

Хусусияти баҳисобгирии кишоварзӣ дар он аст, ки раванди истеҳсолот бо табиат, замин ва организмҳои зинда - ҳайвонот ва наботот, ки ҳамчун ашёи меҳнат истифода мешаванд, алоқаманд аст. Қисми муҳими сикли истеҳсолӣ таъсири мақсаднок ба организмҳои зинда - ба даст овардани хосиятҳо ва сифатҳои барои инсон зарурӣ мебошад. Бо сабаби тағйир ёфтани шароити иқлим, давраи истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳо хеле дарозтар аст. Ҳамин тариқ, истеҳсоли гӯшти гов якчанд сол, парвариши дарахтони мевадиҳанда - солҳои зиёд, истеҳсоли маҳсулоти зироатӣ як солро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои соҳа асосҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян мекунанд, ки чунинанд:

1. Таъмини баҳисобгирии дақиқи замин ва сармоягузорӣ, зеро замин воситаи асосӣ ва ивазнашавандаи истеҳсолот мебошад.

2. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд кафолат диҳад, ки шумораи ҳайвонот ва тағйирёбии он (афзоиши вазни зинда, насл ва ғ.), инчунин равандҳои истеҳсолӣ, ки дар истеҳсоли зироат ва чорводорӣ рух медиҳанд, бо тамоми хосият ва такрорнашавандагии худ бояд сабт карда шавад.

Истифодаи низомҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки на танҳо пастшавии ҳосилхезии замин пешгирӣ карда шавад, балки баръакс, хеле баланд бардошта шавад. Хусусияти замин дар он аст, ки ҳарду субъект (дар марҳилаҳои аввали раванди истеҳсолот) ва воситаҳои меҳнат мебошанд. Бо назардошти нақши бузурги замин ҳамчун воситаи истеҳсолот, баҳисобгирии хароҷоти коркард, нуриҳои минералӣ, обёрӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба зиёд кардани ҳосил, таъсир, пешгирии эрозия ва дигар намудҳои номатлуб ба даст оварда шавад, падидаҳо, идома додани ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва меҳнат ба роҳ монда шавад.

3. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба таври фазоӣ пароканда аст. Дар ин ҷо техникаи кишоварзӣ истифода мешавад. Ин хусусият ба ташкили воҳидҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонад ва баҳисобгирии хароҷот ва даромадро на танҳо барои зироатҳо ва намудҳои ҳайвонот, балки барои воҳидҳои мустақили баҳисобгирӣ (шӯъбаҳо, фермаҳо, сехҳо, бригадаҳо ва ғ.) талаб мекунад.

Ташкили баҳисобгирӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳамон тавре, ки дар саноат, сохтмон, савдо ба роҳ монда шудааст ва бояд ба низоми баҳисобгирии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда мувофиқат кунад.

Дар шароити бӯҳрон нақши иттилооти боэътимоди иқтисодӣ чанд маротиба меафзояд. Қисми зиёди он бо роҳи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

Ин фарқиятҳо то андозае хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар кишоварзӣ, фарқияти онро аз баҳисобгирии соҳаҳои дигари хоҷагии халқ муайян мекунанд. Аммо, бо тамоми асолати худ баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи кишоварзӣ, он дорои хусусиятҳои умумие мебошад, ки барои ҳар як соҳаи хоҷагии халқ хос мебошанд: он тибқи Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ба роҳ монда мешавад, аз шаклу усулҳои ташкили кори баҳисобгирии муҳосибии муқарраршуда истифода мекунад. Ҳамаи ин асос мебошад, ки баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи баҳисобгирии ягона дар соҳаҳои хоҷагии халқ баррасӣ карда шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", аз 25 марти соли 2011, № 702.

2. Хоружий Л.И. Управленческий учет в сельском хозяйстве: Учебник / Л.И.Хоружий, О.И.Костина. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2013

3. Минаков И.А. Экономика сельского хозяйства: Учебник / И.А. Минаков. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2014.

4. Проняева Л.И., Федотенкова О.А.: Статья // Особенности организации бухгалтерского учета в крестьянских (фермерских) хозяйствах - "Международный бухгалтерский учет", 2015, № 3

5. Кондраков Н. П. Бухгалтерский учет (финансовый и управленческий): Учебник/Кондраков Н. П., 5-е изд., перераб. и доп. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2016. - 584 с.

*Шоймардонов С.Қ. – н.и.и., дотсент*
*Фатоҳов Д.Ҳ. – магистрант*
*Фирузи Ш. - магистрант*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

## БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

Таъмини рушди устувор ва самаранокии фаъолияти корхонаҳо бештар аз сатҳи фаъолнокии сармоягузории онҳо вобаста мебошанд. Фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди иқтисодии устувори корхона мусоидат намуда, шарти зарурии навкунии иқтидори техникӣ ва татбиқи технологияҳои нави истеҳсолӣ дар корхона мебошад. Барои қабули қарорҳои идоракунии асоснок дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ роҳбарият ва менеҷменти корхонаи муосир бояд иттилооти саривақтӣ, саҳеҳ ва босифат дошта бошад, ки мавҷудияти онро низоми муносиби баҳисобгирии идоракунӣ таъмин менамояд.

Дар замони муосир корхонаҳои тиҷоратӣ ба ғайр аз фаъолияти асосии худ инчунин метавонанд ба фаъолияти ғайриамалиётӣ, яъне фаъолияти молиявӣ (молиявӣ ва сармоягузорӣ) машғул шаванд. Масрафҳои фаъолияти ғайриамалиётӣ ба хароҷоти ғайриамалиётӣ мансуб дониста мешаванд.

Дар рушди баҳисобгирии хароҷоти сармоягузорӣ як қатор проблемаҳои хосияти методологӣ дошта мавҷуд мебошанд. Ғайр аз ин, тартиби баҳисобгирии хароҷоти навкунӣ, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазкунии техникии объектҳои воситаҳои асосии амалкунанда дар санадҳои меъёрӣ пурра баррасӣ нашудааст. Бино бар ин, зарурати гузориш ва рушди методологияи баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ мубрамии махсусро касб менамояд.

Фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо чун воситаи асосии иешгирӣ намудани зуҳуроти бухронӣ дар истеҳсолот аз ҳисоби таъмини натиҷаҳои босамараи худ баромад мекунад, ҳамчунин вай шакли татбиқи стратегияи иқтисодии корхона мебошад, ки ба ҳалли бобарори масъалаҳои дар назди корхона гузошташуда мусоидат менамояд [8, с. 53-58].

Амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ дар раванди сармоягузорӣ ифода меёбад. Раванди самроягузорӣ асосан ба гузориши босамараи воситаҳои пулӣ, дигар дороиҳо, амвол ва ҳуқуқҳои амволӣ, объектҳои моликияти ғайриманкул, дастгоҳҳо, таҷҳизот, олоти молиявӣ ва воситаҳои ғайримолиявӣ нигаронида шуда, имкон медиҳад, ки фоидаи муносиб гирифта шавад ва самари нафъноки иҷтимоӣ ва ё экологӣ ба даст ояд [1].

Акнун шароити иқтисодии муосир, ки корхонаҳои тиҷоратӣ дар он фаъолият мекунанд, талаб менамоянд, ки тамоми соҳаҳои фаъолияти корхона, аз ҷумла фаъолияти сармоягузорӣ бо баҳисобгирии идоракунӣ фаро гирифта шаванд.

Низоми баҳисобгирии идоракунӣ чун маҷмӯи ҳамгирои ҳама ҷузъҳо (зернизомҳо)-и ба намуди мазкури баҳисобгирӣ хосбуда фаҳмида мешавад, ки раванди ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии бо мақсади омодасозии қарорҳои идоракунии фаврӣ (тактикӣ) ва ояндабинӣ (стратегӣ)-и ба менеҷменти корхона барои иҷрои вазифаҳои худ лозимбударо таъмин менамояд. Гуногуншаклии маънидодкуниҳои дар адабиёти иқтисодӣ овардашудаи мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ аз набудани ақидаи ягона ҷиҳати моҳият, предмет ва нақши он дар низоми баҳисобгирии корхона, тартиби ҳамгирокунии ҷузъҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Баҳисобгирии идоракунӣ самти мустақили баҳисобгирии муҳосибии корхона буда, дастгирии ахбории низоми идоракунии фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд. Ин раванд ошкоркунӣ, ченкунӣ, бақайдгирӣ, ғункунӣ, нигоҳдорӣ, ҳифз, таҳлил, омодакунӣ, тафсир ва додугирифти ахбори ба дастгоҳи идоракунӣ барои иҷрои вазифаҳои он лозимиро дар бар мегирад. Баҳисобгирии идоракунӣ унсури муҳими низоми идоракунии корхона буда, ҳамзамон якҷоя бо низоми баҳисобгирии молиявӣ фаъолият менамояд [3, с. 16].

Баҳисобгирии идоракунӣ барои идоракунии дохилӣ нигаронида шудааст, чунки ҳам аз ҷиҳати ҳудудӣ ва ҳам аз ҷиҳати вақтӣ ба объекти идоракунӣ наздик аст. Рисолати ин намуди баҳисобгирӣ маҳз идоракунӣ буда, баҳисобгирӣ чун олоти идоракунӣ баромад менамояд. Ана аз ҳамин ҷиҳат тафовути назарраси баҳисобгирии идоракунӣ аз баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ба миён меояд. Низоми баҳисобгирии идоракунӣ – ҳалли ҷамъонаи масъалаҳои идоракунии ҷараёнҳои пулӣ, даромадҳо, хароҷот, натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи молиявӣ, воситаҳои гардон, сармоягузориҳо ва дигар унсурҳои хоҷагидорӣ мебошад [5, с. 12]. Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ - таъмин намудани идоракунии фаврӣ, ҷорӣ, идоракунии иқтисодии стратегӣ ва сармоягузорӣ, инчунин шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ бо ахбор мебошад. Ахбор барои мақсадҳои идоракунӣ бояд ҳамеша саривақтӣ, пурра, саҳеҳ (боэътимод) ва оҷилӣ бошад, танҳо дар ҳамин маврид вай имконият медиҳад, ки қарорҳои идоракунии самаранок қабул карда шаванд.

Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ бо масъалаҳои асосии дар доираи он ҳалшаванда нисбатан равшантар мегардад, ки яке аз онҳо - баҳодиҳӣ ва таҳлили кори самараноки корхона дар мавриди тариқаҳои гуногуни фаъолияти сармоягузорӣ аз диди сарфакунии сарватҳои моддӣ, камкунии меҳнатфарогирии корҳо, баландбардории даромаднокии истеҳсолот мебошад.

Ҳангоми таҳия намудани низоми баҳисобгирии идоракунӣ чун ҷузъи бунёдӣ алоқаи ногусастании он бо ҳар як намудҳои дигари фаъолияти корхона эътироф карда мешавад. Равиши мазкур ҷудо намудани баҳисобгирии идоракунии ҳар як намуди фаъолияти субъекти иқтисодиро пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид дар адабиёти махсус ҷиҳати мазкур нисбат ба фаъолияти таъминотӣ, истеҳсолӣ ва фаъолияти фурӯш баррасӣ мешавад. Баҳисобгирии идоракунии фаъолияти корхона, чун фаъолияти сармоягузорӣ дар адабиёт мавриди баррасии ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

Дар шароити муосир зарурати рушди фаъолияти сармоягузории корхонаҳои тиҷоратии ватанӣ аз боиси навкунии ниҳодӣ ва технологии пояҳои истеҳсолии онҳо ба миён омадааст. Умуман, фаъолияти сармоягузории субъектҳои иқтисодӣ гуфта, фаъолияте фаҳмида мешавад, ки дар замони муосир бо мақсади дар оянда гирифтани даромад новобаста аз шакли моликият ба захираҳои гузошташаванда роҳандозӣ карда мешавад. Дар адабиёти махсуси соҳаи

баҳисобгирӣ, назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёт, ташкил ва маблағгузории сармоягузориҳо дар қатори мафҳуми “фаъолияти сармоягузорӣ” мафҳуми “сармоягузорӣ” ба кор бурда мешавад.

Муаллифон Б.Ҳ. Каримов, Н.А. Ойев, И.А. Бобиев, С.Қ. Шоймардонов мафҳуми сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузориро чунин шарҳ медиҳанд: “Сармоягузорӣ – ба объектҳои соҳибкорӣ сафарбар намудани (гузоштани) воситаҳои пулӣ ва дигар амволи корхона барои гирифтани фоида ё дигар баҳра мебошад. Фаъолияти бо гузориши сармоя алоқаманд фаъолияти сармоягузорӣ ном дорад” [4, с. 216].

Мафҳуми сармоягузорӣ асосан чун фаъолияти бо гузориши воситаҳо ба дороиҳои корхона баррасӣ мешавад, ки асос медиҳад, то мафҳумҳои ҳаммаънои “сармоягузорӣ” ва “фаъолияти сармоягузорӣ” эътироф карда шаванд. Дар ин маврид чунин аломатҳои асосии раванди сармоягузорӣ ҷудо карда мешаванд: дарозмуҳлат будан, дорои хавф будан ва иқтидори дар оянда даромад овардан.

Барои зинаҳои макроиқтисод ва микроиқтисод фаъолияти сармоягузории асосӣ ин фаъолияти сармоягузории бо сохтмон ва азнавсозӣ (навкунӣ, муҷҷаҳазкунии техникӣ)-и объектҳои воситаҳои асосии амалкунанда алоқаманд ҳисобида мешавад. Раванди фаъолияти сармоягузорӣ дар ин маврид бо мафҳуми “сохтмони асосӣ” ифода карда мешавад. Дар доираи мақолаи мазкур раванди сохтмони асосие баррасӣ карда мешавад, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайрисохтмонӣ бо тарзи хоҷагӣ, бо истифодаи қувваи худӣ барои истеъмолӣ худии субъекти хоҷагидорӣ ба ҷо оварда мешавад, чунки дар шароити муосир субъектҳои хоҷагидории мазкур на ҳамеша мустақилона ба азнавсозии коргоҳҳо, анборҳо ва биноҳои маъмурии худ машғул мешаванд ва корҳои оид ба навкунӣ ва муҷҷаҳазкунии техникӣ ва сохтмони объектҳои нави воситаҳои асосиро мустақилона иҷро мекунанд.

Раванди сармоягузорӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ – ин пайдарпайии марҳилаҳо, корҳо ва амалиёти технологӣ оид ба иҷрои он мебошад. Дар раванди сармоягузорӣ чунин марҳилаҳо ҷудо карда мешаванд: пешазсармоягузорӣ, иҷрои сармоягузориҳо, истифодабарӣ ва барҳамдиҳӣ. Марҳилаҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки аксаран бо сармоягузориҳои мураккаби технологӣ, гаронарзиш ва калонҳаҷм ба ҷо оварда мешаванд, низ ҳамин хел мебошанд.

Ҳоло на танҳо дар амалияи баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ, инчунин дар таҷрибаи хориҷии баҳисобгирӣ низоми бутуни баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ (хоса дар шакли навкунӣ, азнавсозӣ ва муҷҷаҳазкунии техникии объектҳои воситаҳои асосӣ татбиқшаванад) ташаккул наёфтааст. Асарҳои илмии ба ин масъалаҳо бахшидашуда низ кам мебошанд. Олимон ва муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ баъзе ҷиҳатҳои қабули қарорҳо оид ба сохтмони асосӣ, таҳлили хавфҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузориро таҳқиқ ва баррасӣ кардаанд. Ҷиҳати ташкилотҳои сохтмонӣ дар асарҳои илмии олимони ватанӣ моҳияти баҳисобгирии фаврӣ ва истеҳсолӣ чун асосҳои баҳисобгирии идоракунии намуди асосии фаъолияти ташкилотҳои сохтмонӣ равишҳо ба буҷетикунонӣ, ҷудокунии марказҳои масъулияти молиявӣ, ташаккули ҳисоботи дохилӣ пешниҳод шудаанд [6; 7].

Аксар муҳаққиқон ифода намудани тарзҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузориро дар стандарти дохилии корхонаи сармоягузор – сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод менамоянд. Ҷузъҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ҷиҳати баҳисобгириии идоракунии раванди сармоягузорӣ чунин мебошанд [2, с. 41-51]:

Дар бахши ташкилӣ-техникии сиёсати баҳисобгирӣ:

- таркиб ва алоқамандии субъектҳои баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;
- таъминоти меъёрии баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;
- ҷудо намудани марказҳои масъулияти молиявӣ;
- буҷетикунонӣ;
- алоқамандии баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;
- таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;

- муҳтаво, тарзҳои сохтан ва пешбурди таснифоти баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;

- технологияи коркарди иттилооти баҳисобгирӣ;

- шаклҳо ва тартиби пешниҳодкунии ҳисоботи дохилӣ;

- стандартҳои ҳуҷҷатгардиш;

- дигар ҷузъҳо.

Дар бахши методии сиёсати баҳисобгирӣ:

- объектҳои баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;

- таснифи хароҷоти фаъолияти сармоягузорӣ;

- тарзи тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим дар байни объектҳои сармоягузорӣ;

- интихоби усулҳои баҳисобгирии масрафҳо барои иҷрои корҳои раванди сармоягузорӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии ин корҳо;

- номгӯй ва методикаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳо (маҳакҳо)-и арзёбии самаранокии фаъолияти марказҳои масъулияти молиявӣ;

- дигар ҷузъҳо.

Ба объектҳои баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар намуди раванди сохтмони асосӣ инҳо мансуб мебошанд: марҳилаҳои фаъолияти сармоягузорӣ; корҳо ва амалиёти технологии раванди фаъолияти сармоягузорӣ; хароҷоти сарватҳои ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ харҷшуда; натиҷаҳои корҳои иҷрошуда дар марҳилаҳои фаъолияти сармоягузорӣ.

Объектҳои баҳисобгирии равандҳои фаъолияти сармоягузорӣ новобаста аз намуди сармоягузориҳои амалишуда бояд аз объектҳои баҳисобгирии раванди истеҳсолоти асосии субъекти иқтисодӣ ҷудо бошанд. Мо, муаллифони мақола чун объекти баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ хароҷоти раванди сохтмони асосиро баррасӣ мекунем. Ҷудокунии хароҷот чун объекти калидии баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бо он асоснок карда мешавад, ки раванди фаъолияти сармоягузории субъектҳои иқтисодӣ чун пайдарпайии корҳо ва амалиёти технологӣ истеъмоли сарватҳои пулӣ, амволӣ, зеҳнӣ, меҳнатӣ ва дигар намуди захираҳоро дар назар дорад. Дар ин маврид, хароҷоти сарватҳо бояд ба арзиши аслии объекти сохтмони асосӣ, ки то лаҳзаи ба истифода супоридан чун объекти гузоришҳои асосии сохтмони нотамом ҳисобида мешаванд ва ба сифати хароҷоти давраи ҷорӣ дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявии дар ин давра ташакулёфта эътироф карда нашудааст, гузаронида шаванд.

Бо мақсади таҳия намудани низоми баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бояд таркиби субъектҳои он, алоқамандии ба онҳо хосбуда, инчунин тартиби ташаккул ва аз ҷониби кормандони марказҳои масъулияти молиявӣ истифодабарии иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботӣ муайян карда шавад. Субъектҳои баҳисобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ инҳо буда метавонанд:

- шуъбаи сохтмони асосӣ ва воҳидҳои сохтории алоҳида дар дохили вай – коргоҳҳо, шуъбаҳо, қитъаҳо, бригадаҳо, хоҷагиҳо;

- раёсати сохтмони асосӣ;

- менеҷерҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, раёсати сармоягузориҳо;

- хадамоти муҳосибии корхона ва воҳидҳои сохтории он.

Ҷавмъоварии иттилооти аввалии баҳисобгириро шуъбаи сохтмони асосӣ ва воҳидҳои сохтории он, ки корҳо ва амалиёти технологии раванди сармоягузориро иҷро мекунанд, ба ҷо меоранд. Ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва ҷамъбастии дар раванди фаъолияти сармоягузорӣ бунёднамудаи онҳо барои ворид намудан ба пойгаҳи ягонаи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ ба муҳосиботи корхона ё хадамоти коркарди маълумот супорида мешаванд.

## АДАБИЁТ

1. Аскинадзи В.М., Максимова В.Ф. Инвестиции. - М.: Издательство Юрайт, 2014. − 422 с.

2. Варпаева И.А., Треушников Р.В. Разработка системы управленческого учета инвестиционной деятельности // Международный бухгалтерский учет. – 2014. – № 24 (318). – С. 41-51

3. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет. Учебник для студентов вузов. М.: Издательство «Омега-Л», 2010. – 570 с.
4. Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 550 с.
5. Қодирова Г.Т., Қаюмова Ф.А., Акрамова Ҳ.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2017. – 252 с.
6. Низомов С.Ф. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. - Москва, 2011. - 360 с.
7. Низомов С.Ф. Производственный учет в строительстве: вопросы теории и практики. Монография [Текст] / С.Ф. Низомов. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 184 с.
8. Сидорова Е.Е., Живолуп Д.И. Теория и практика анализа эффективности инвестиционной деятельности промышленного предприятия // Известия Волгоградского государственного технического университета: меж- вуз. сб. науч. ст. № 5 (108) / ВолгГТУ. – Волгоград, 2013

***Акрамова Ҳ.А.– н.и.и., дотсент***
***Қодиров О.А. – магистрант***
***Амонқулов Ф.А. - магистрант***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУЗДИ МЕҲНАТ ВА ИНЪИКОСИ НАТИҶАҲОИ ОН ДАР ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Дар моддаи 2-юми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста муайян карда шудааст. Тибқи ин модда манбаҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд [1]:

1) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Кодекси меҳнати ҶТ, №778 аз 26.12.2011с.,

3) қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

5) Санадҳо – созишномаҳо: созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ шаҳрӣ);

6) шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) оид ба меҳнат (қоидаҳои дохилии меҳнат, ҷадвали рухсатиҳо, инчунин фармонҳо, амрияҳо, нишондодҳо ва дигар санадҳое, ки роҳбари ташкилот дар доираи салоҳияти худ мебарорад);

7) Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст.

Барои дуруст баҳисобгирии меҳнат ва музди меҳнат дуруст тартиб додан ва ба танзим даровардани вақти корӣ нақши асосиро ишғол мекунад. Ҳангоми омӯзиши дақиқи вақти корӣ бошад, мо бо баъзе мафҳумҳое шинос мешавем, ки онҳо барои дуруст дарк кардани моҳияти вақти корӣ ба мо кӯмак мерасонад.

Вақти корӣ – ин вақтест, ки дар давоми он корманд тибқи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва шартҳои шартномаи меҳнатӣ, бояд ӯҳдадориҳои меҳнатӣ, инчунин дигар давраҳои вақт, дигар қонунҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, ки ба вақти корӣ дохил мешаванд, иҷро кунанд. Дар моддаи 60 Кодекси меҳнати ҶТ Мафҳуми вақти кор ва давомнокии он чунин муайян карда шудааст: вақти кор вақте ба ҳисоб меравад, ки дар давоми он корманд тибқи тартибот ё нақшаи кор ё шартҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бояд вазифаҳои меҳнатии худро иҷро намояд. Давомнокии мӯътадили вақти кор дар ташкилотҳо дар як ҳафта набояд аз 40 соат зиёд бошад [1].

Чунин давомнокӣ тақрибан ҳама вақт истифода бурда мешавад ва на ба он вобаста аст, ки чӣ гуна ҳафтаи корӣ ба корманд муқаррар шудааст – панҷрӯза бо ду рӯзҳои истироҳатӣ, шашрӯза бо як рӯзи истироҳатӣ, ё ин ки ҳафтаи корӣ бо пешниҳоди рӯзҳои истироҳат бо ҷадвали ивазшаванда.

Аз рӯи давомнокӣ, вақти корӣ ба муқаррарӣ, кӯтоҳкардашуда ва нопурра ҷудо мешавад. Ҳафтаи корӣ ҳамчунин метавонад панҷрӯза ё шашрӯза бошад. Давомнокии муқаррарии вақти корӣ дар як ҳафта набояд аз 40 соат зиёд бошад.

Дар моддаи 67 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба давомнокии вақти кор чунин муқаррарот пешбинӣ гардидааст [1]:

Давомнокии кори ҳаррӯза (баст) набояд аз ин зиёд бошад:

- дар сурати ҳафтаи панҷрӯзаи кор давомнокии кори ҳаррӯза (баст)-ро қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ё ҷадвали баст, ки онро корфармо баъди маслиҳати пешакӣ бо мақоми дахлдори намояндагии кормандон бо назардошти хусусияти кор ва риояи давомнокии ҳафтаи корӣ муқаррааргардида тасдиқ намудааст, муайян менамоянд.

- барои кормандони синни аз 15 то 16-сола – 5 соат, аз 16 то 18-сола – 7 соат;

- барои хонандагони муассисаҳои маълумоти умумӣ (мактабҳо), муассисаҳои таълими ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки дар давоми соли хониш таҳсилу кор мекунанд – синни аз 14 то 16-сола – 2,5 соат, синни аз 16 то 18-сола – 3,5 соат;

- барои маъюбон – 6 соат;

-ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд – нисфи давомнокии мӯътадили вақти корие, ки дар моддаҳои 60 – 67 ҳамин Кодекс муайян шудаанд.

Ҳангоми ҳафтаи шашрӯзаи кор агар меъёри якҳафтаина 40 соат бошад, давомнокии кори ҳаррӯза аз 7 соат, агар меъёри якҳафтаина 35 соат бошад, аз 6 соат, агар меъёри ҳафтаина 24 соат бошад, аз 4 соат зиёд буда наметавонад.

Дар моддаи 61 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии вақти кӯтоҳи кор чунин муқаррар карда шудааст [1]:

Барои гурӯҳи алоҳидаи кормандон бо назардошти синну сол, вазъи саломатӣ, шароити меҳнат, хусусияти вазифаи меҳнатии онҳо ва дигар ҳолатҳо санади қонунгузорӣ ва дигар санади меъёрии ҳуқуқии оид ба меҳнат, инчунин шартҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ давомнокии кӯтоҳи вақти кор бидуни кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.

Давомнокии кӯтоҳи вақти кор ба инҳо муқаррар карда мешавад:

1) ба кормандоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд (моддаи 17 КМ ҶТ) [1];

2) ба кормандони маъюб (моддаи 152 Кодекси меҳанти ҶТ) [1];

3) ба кормандоне, ки бо корҳои шароити меҳнаташ номусоид (моддаи 62 КМ ҶТ) машғуланд ё хусусияти махсуси кор доранд (моддаи 63 КМ ҶТ).

Давомнокии кӯтоҳи вақти кор на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта барои кормандоне муқаррар карда мешавад, ки дар ҷараёни меҳнат ба таъсири барои саломатӣ зарарноки омилҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва дигар омилҳои истеҳсолӣ дучор мешаванд (моддаи 62) [1]. Рӯйихати истеҳсолот, цехҳо ва вазифаҳоеро, ки кор дар онҳо барои давомнокии кӯтоҳи вақти кор ҳуқуқ медиҳад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

Меъёрҳои тарифӣ истифода карда мешавад, ҳангоми муайян намудани андозаи вақти коркардашудаи кормандон, ки пардохтро аз рӯи вақти корӣ мегиранд ва ҳамчунин аз рӯи нархгузории ҳаҷми кор, ки дар асоси меҳнати коргарони аз рӯи ҳаҷми кор иҷрокунанда пардохт мешаван, ба амал бароварда мешавад.

Намудҳои тарифии системаи пардохти музди меҳнат вақтбайъ ва корбайъи низоми пардохти меҳнат, ки бо тарзи баҳисобгирии хароҷоти меҳнат фарқ мекунанд, мебошанд:

• ҳангоми вақтбайъ системаи пардохти меҳнат — баҳисобгирии коркардаи вақт;

• ҳангоми корбайъ системаи пардохти меҳнат — баҳисобгирии миқдори истеҳсоли корманд, маҳсулоти зарурии сифат ё иҷрои амалиёти онҳо;

Яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона ин дуруст хисобкунии вақти корӣ, ҳаҷми кори иҷрокардаи коргар, музди меҳнат ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани уҳдадориҳои корхона дар назди коргарон мебошад.

Баҳисобгирии таркибии ҳисоббаробаркуниҳо бо коркунон аз рӯи музди меҳнат, ҷубронпулиҳо, мукофотпулиҳо, нафақа, пардохти даромад барои коғазҳои қимматнок ва ғайра дар ҳисоби пассивии 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» амалӣ карда мешавад.

Чун қоида бо кредити ҳисоби 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» ҳисобкунии музди меҳнати кормандон ва дигар даромадҳои онҳо ва дар дебети он пардохти музди меҳнати ҳисобкардашуда ва ҳаргуна маблағдориҳо аз музди мехнат ба ҳисоб гирифта мешавад [2].

Баҳисобгирии музди меҳнати коркунон вобаста аз он, ки коргар чӣ вазифаро иҷро мекунад, бо чунин навиштҳои муҳосибӣ нишон дода мешавад [4]:

Дт 10730 «Истеҳсолоти нотамом» – коргари истеҳсолоти асосӣ

Дт 55200 «Хароҷоти музди меҳнат» – коргари шӯъбаи фурӯш

Дт 55310 «Хароҷоти музди меҳнат» – коргари маъмурӣ ё идоракунӣ

Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Музди меҳнати коргароне, ки барои тайёркунӣ ва харидани масолеҳ, воситаҳои асосӣ, сармоягузории дарозмуддат машғуланд, чунин баҳисоб гирифта мешавад:

Дт 10700 «ЗММ»

Дт 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул»

Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Ба ҳисоб гирифтани музди меҳнати коргар ҳангоми рухсатии меҳнатӣ чунин навишта мешавад.

Дт 22410 «Захираҳо барои пардохти рухсатии меҳнатӣ»

Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Ба ҳисоб гирифтани даромади коркунон аз рӯи коғазҳои қимматнок ва дигар гузоришоти молиявӣ чунин инъикос карда мешавад.

Дт 33200 «Фоидаи тақсимношуда»

Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Ҳангоми додани маблаҷи рухсатӣ чунин мукотибот тартиб дода мешавад (агар фонд вуҷуд надошта бошад):

Дт 55310 «Хароҷоти музди меҳнат»

Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Дар корхона ҳангоми ба коргар додани ёрии пулӣ чунин мукотибот тартиб дода мешавад:

Дт 55330 «Хароҷот бо мақсади хайрия»

Кт 10110«Воситаҳои пулӣ бо асьори миллӣ».

Аз музди меҳнат боздошткунии андозҳо бо чунин гузарониш инъикос карда мешавад:

Дт 22210 “Музди меҳнати пардохтшаванда”

Кт 22230 “Андоз аз даромади шахсони воқеии пардохтшаванда”

Кт22240 “Андози иҷтимоии пардохтшаванда”.

Аз музди меҳнат боздошт кардани қарздории кормандон аз рӯи маблағҳои таҳтиҳисобтӣ бо чунин гузарониш инъикос карда мешавад:

Дт 22210 “Музди меҳнати пардохтшаванда”

Кт 10521 “Қарздорӣ аз рӯи маблағҳои таҳтиҳисоботӣ”.

Дигар масъалае, ки дар доираи баҳисобгириимкҳосибӣ муҳим арзёбӣ мегардад, инъикос кардани уҳдадориҳо дар назди коргарон дар хисоботи тавозунӣ ва инъикос кардани хароҷот оид ба музди меҳнат дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар мебошад.

Дар ҷадвали 1 он моддаҳои тавозунӣ, ки метавонанд барои инъикоси уҳдадорихо дар назди коргарон, ё ин ки дигар масрафот марбут ба музди меҳнатро дар худ таҷассум намоянд, пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 1).

Дар ҷадвали 1 моддаҳои дороиҳо ва уҳдадориҳо, ки барои инъикоси амалиётҳо марбут ба ҳисобкунии музди меҳнати коргарон метавонанд, истифода шаванд, пешниҳод карда шудааст. Дар арзиши захираҳои молию моддӣ (сатри 070 ва зербахшҳои он) ва дигар хароҷоти пешпардохтшуда (сатри 080) метавонад арзиши масрафот барои меҳнат дар корхона инъикос карда шавад. Дар бахши уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда (сатри 220 ва зерсатрҳои

он) ухдадориҳое сабт карда мешавад, ки дар натиҷаи амалиётҳо вобаста ба ҳисобкунии музди меҳнати коргарон ва дигар даромадҳои онҳо ба амал омадааст.

Дар ҷадвали 2 иқтибос аз шакли дуюми ҳисоботи молиявӣ – ҳисобот оид ба фоида ва зарар оварда шудааст. Дар он номгӯи моддаҳое пешниҳод гардидааст, ки дар ҳайати онҳо мо метавонем хароҷот оид ба музди меҳнати коргаронро дарҷ намоем.

Ҷадвали 1. Иқтибос аз тавозуни муҳосибӣ марбут ба ҳисоби музди меҳнат ва ухдадориҳо аз рӯи он [3]

| Номгӯи моддаҳо | рамз | Соли 2 | Соли 1 |
|---|---|---|---|
| Дороиҳо | | | |
| Захираҳои моддию молӣ (10700) | 070 | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Молҳо (10710-10719) | 071 | | |
| Ашёи хом ва масолеҳ (10720) | 072 | | |
| Истеҳсолоти нотамом (10730) | 073 | | |
| Маҳсулоти тайёр (10740) | 074 | | |
| Масолеҳи кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ (10750) | 075 | | |
| Хараҷотҳои пешпардохтшуда (10800) | 080 | | |
| Хизматҳои пешпардохтшуда (10810) | 081 | | |
| Дигар пешпардохтҳо (10830) | 083 | | |
| Қарздории дебитории кормандон (10520) | 052 | | |
| Ухдадориҳо | | | |
| Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда (22200) | 220 | | |
| аз он ҷумла: | | | |
| Музди меҳнат барои пардохт (22100) | 221 | | |
| Андози нафақавӣ барои пардохт Андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои пардохт (22220,22230) | 222 | | |
| Андози иҷтимоӣ барои пардохт (22240) | 223 | | |
| Ҳаққусаҳм ва фоизҳо барои пардохт (22250,22260) | 224 | | |
| Дигар харачоти ҳисобкардашуда (22270) | 225 | | |
| Захираҳо барои хароҷот ва пардохтҳои рухсатӣ (22400) | 240 | | |

Ҷадвали 2.

Иқтибос аз ҳисобот оид ба фоида ва зарар [3]

| Нишондиҳандаҳо | рамз | Соли 2 | Соли 1 |
|---|---|---|---|
| Арзиши аслии фурӯш | 020 | | |
| Хароҷоти фурӯш | 040 | | |
| Хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ | 050 | | |
| Дигар хароҷот (даромадҳои) амалиётӣ | 160 | | |

Бояд қайд намуд, ки унсурҳои дар ҷадвалҳои 1 ва 2 пешниҳод кардашуда танҳо ба мо маълумоти умумиро пешниҳод менамоянд. Барои таҳлил намудани бузургии хароҷоти музди меҳнат ва ухдадориҳо аз рӯи он дар таркиби унсурҳои зикршуда ба мо маълумоти ҷузъӣ лозим аст, ки онро аз рӯи баҳисобгирии таҳлилӣ дар корхона пайдо намудан мумкин аст. Чун ҳисоботи молиявӣ аз рӯи маълумоти баҳисобгирии таркибӣ тартиб дода мешавад, кофист ки танҳо маълумоти умумикардашуда оид ба музди меҳнат дар ҳисобот пешкаши истифодабарандагон карда шувад. Яъне ин ҷо ҳатман принсипи махфияти иттилооти баҳисобгирӣ бояд риоя карда шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси меҳнати ҶТ, №778 аз 26.12.2011

2. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерии фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Дастури методии истифодабарии он. Фармоиши Вазорати молияи ҶТ аз 27 майи с. 2011, №41

3. Дастурамал оиди низоми пур кардани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки тибқи талаботи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудааст. Фармоиши Вазорати молияи ҶТ, №42 аз 27.05.2011
4. Баҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ // Каримов Б.Ҳ. ва диг./ Душанбе: Ирфон, – 2015. – 550 с.

***Сафаров Х.А. – ассистент***
***Ғафуров С.Х. – ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ТАҲЛИЛИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ (ДАР МИСОЛИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД)

Айни замон мушкилотҳои бо ташкил ва иҷроиши буҷети маҳаллӣ алоқаманд хеле муҳимияти баланд пайдо кардаанд, аз баски таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ дар мадди аввал аз таъминоти молиявии буҷети ноҳия вобастагии калон дорад.

Мушкилие асосие, ки айни ҳол мушоҳида мегардад аз он иборат аст, ки шумораи бештари ноҳияҳо аз ҳисоби худ самтҳои асосии хароҷотҳои буҷети ноҳияро маблағгузорӣ карда наметавонанд ва барои иҷрои уҳдадориҳои молиявии ҳадди ақал аз буҷети ҷумҳуриявӣ кӯмакпулӣ мегиранд. Садафсус ингуна ноҳияҳои дотатсионӣ дар ҷумҳурӣ хеле зиёданд. Ва ингуна ҳолат тақозо менамояд, ки мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд мунтазам сифати идораи раванди буҷети маҳаллиро гузаронанд.

Тадқиқоти мазкур ҳамчунин ба ҳалли мушкилоти таъмини устувории молиявии буҷетҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияи Тоҷикобод) равона гардидасст.

Мақсади тадқиқот: дар асоси баҳодиҳии коэффисиентҳо таҳлили сатҳи устувории буҷети маҳаллӣ, муайянкунии мушкилотҳои асосӣ ва таҳияи тавсияҳо баҳри баланд бардоштани таъминоти молиявии он мебошад.

**Ҷадвали 1**

**Сатҳи устувории молиявии буҷети маҳаллии ноҳяии Тоҷикобод дар соли 2018**

| Р/Т | Нишондиҳандаҳо / Сол | 2018 |
|---|---|---|
| 1. | Ҳаҷми хароҷоти буҷети маҳаллӣ (Хҳ), сомонӣ | 25693754 |
| 2. | Ҳаҷми даромадҳои худии буҷет (Дх), сомонӣ | 1713597,8 |
| 3. | Ҳаҷми даромадҳои танзимшавандаи буҷет (Дт), сомонӣ | 4086401,2 |
| 4. | Сарчашмаҳои илловагие, ки барои маблағгузорӣ ҷалб мешаванд (Си), сомонӣ | 19255877 |
| 5. | Ҳаҷми даромадҳои умумии буҷет бо назардошти сарчашмаҳои илловагӣ (Дх+Дт+Си), сомонӣ | 25055876 |
|  | **Таносубияти ташкилшуда** | **Хҳ>Дх+Дт+Си** |
|  | **Ҳолати устувории буҷети маҳаллӣ** | **“Бӯҳронӣ”** |

*Сарчашма: [Маълумоти раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод]*

Барои ноил гардидан ба ин мақсад таҷрибаи пешқадами баҳодиҳии молиявии сатҳи устувории буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, ки аз ҷониби олимони машхури давлатҳои ҳамсоя таҳия гардидааст, истифода бурда шуд.

Бо мақсади таҳлили сатҳи устувории молиявии буҷети маҳаллии ноҳияи Тоҷикобод аз усули коэффисиентҳои буҷетӣ истифода мебарем. Барои ин нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллиро таҳлил менамоем (нигаред ба ҷадвали 1).

Аз ҷадвал бар меояд, ки сатҳи устувории буҷети маҳаллии ноҳияи Тоҷикобод дар сатҳи “бӯҳронӣ” қарор дорад, ки ниҳоят ташвишовар аст. Тибқи таҳлил, маҷмӯи даромади худӣ, даромади танзимшаванда ва сарчашмаҳои ҷалбшуда маҷмӯи хароҷотҳои буҷети ноҳияро таъмин карда наметавонад, ва дар навбати худ душвории шадидро дар низоми идораи молияи

маҳаллӣ ба вуҷуд меорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми буҷети маҳаллӣ дар ҳолати таваккалӣ қарор дорад ва метавонад ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ расонад.

Илова бар ин бояд ба инобат гирифт, ки ноҳияи Тоҷикобод дотатсионӣ мебошад, субвенсияҳо ва дигар трансфертҳои байнибуҷетӣ ба устувории молиявии буҷети ноҳия таъсири калон мерасонанд. Бо мақсади муайян кардани иқтидори аслии ноҳия бидуни таъсири кӯмакпулии ҷумҳуриявӣ мо кӯшиш мекунем, ки сатҳи устувории молиявиро дар асоси коэффисиентҳои буҷетии зерин таҳлил карда бароем (нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Нишондиҳандаҳои нисбии устувории молиявии буҷети ноҳияи Тоҷикобод дар соли 2018**

| Коэффисиентҳои устувории молиявии буҷет | Дх / Д | Дт / Д | Қ / Х |
|---|---|---|---|
| ***Шарт:*** | | | |
| *Устувории мутлақ* | *60-70%* | *30-40%* | *10-15%* |
| *Мӯътадил* | *40-50%* | *50-60%* | *20-25%* |
| *Ноустувор* | *20-30%* | *70-80%* | *30-35%* |
| *Бӯҳрон* | *5-10%* | *90-95%* | *40-45%* |
| ***Ҳисоб:*** | | | |
| 2018 | 6,8% | 93,1% | [1] |
| Ҳолати устуворӣ: | Бӯҳрон | Бӯҳрон | - |

*Сарчашма: [Дар асоси маълумоти раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод ҳисоб крада шудааст]*

[1] Маълумот дастрас нест

Таҳлили коэффисиентҳои устувории молиявии буҷети маҳаллӣ нишон медиҳад, ки буҷети ноҳияи Тоҷикобод дар соли 2018 аз рӯи ду нишондиҳандаи асосӣ – ҳаҷми даромади худӣ ва ҳаҷми даромади танзимшаванда дар ҳолати ноустувории шадид “бӯҳрон”, қарор дорад. Ҳиссаи даромади худӣ дар буҷети маҳаллӣ ниҳоят кам аст ва дар соли таҳлилӣ ҳамагӣ 6,8%-ро ташкил кард. Буҷети маҳаллӣ бештар аз даромадҳои танзимшаванда вобастагии калон дорад, ки ҳиссаи он ба 93,1% расид. Ба ҳамагон маълум аст, ки даромадҳои танзимшаванда аз ҳиссаҷудокунии маблағ аз андоз ва даромади умумидавлатӣ, ки ҳамасола дар Қонуни ҶТ дар бораи Буҷети давлатӣ дарҷ мегардад вобастаанд, ки бодарназардошти конюктураи бозори дохилӣ ва беруна, ташкили даромади умумии буҷети давлатӣ метавонад тағйир ёбад. Аз ин сабаб мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ набояд аз даромадҳои танзимшаванда ва кӯмаки молиявии ҷумҳуриявӣ умедвор бошад балки бештар бояд ба ҷалби сарчашмаҳои илловагии даромади маҳаллӣ аҳамияти бештар зоҳир намояд. Ва читавре, ки таҳлил нишон медиҳад ингуна имкониятҳо дар ноҳия мавҷуданд.

Масъалан, тибқи маълумоти раёсати молиявии ноҳия дар соли 2018 ҳаҷми воридоти андозҳо нисбати накшаи тасдиқгардида аз ҳисоби андозҳои маҳаллӣ (даромадҳои худӣ), аз ҷумла андоз аз молу мулки ғайриманқул-шахсони ҳуқуқӣ 3,2 маротиба ё 15 974 сомонӣ, андози замин аз шахсони ҳуқуқи 62,8 фоиз ё 17 414 сомонӣ, андози замин аз шахсони воқеӣ 11,8 фоиз ё 29 678 сомонӣ зиёд иҷро гардид. Дар воқеъ ҳангоме, ки ҷамъоварии андозҳо аз 3 маротиб зиёд, ё дар баъзе ҳолатҳо аз 60% зиёд мушоҳида мегардад, онгоҳ гуфтан мумкин аст, ки дар ноҳия низоми банақшагирии буҷет, аз ҷумла пешгӯикунии ҳаҷми даромади буҷети маҳаллӣ ё нодуруст ба роҳ монда шудааст, ё ноҳия дорои имкониятҳои васеъи ташкили сарчашмаҳҳои даромади маҳаллӣ мебошад, ки то ҳол ба пуррагӣ ошкор нашудааст. Ва дар ин ҷода мақомоти иҷроияи маҳаллӣ фаъолияти худро бояд ҷоннок намояд.

Инак дар асоси гурӯҳи сеюми нишондиҳандаҳо сатҳи устувории буҷетӣ маҳаллӣ ва дараҷаи мухтории онро дар асосии коэффисиентҳо арзёбӣ менамоем. Нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии коэффисиентӣ дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

Инак ба баҳодиҳии коэффисиентҳо мегузарем:

1) Коэффисиенти таносубияти даромадҳои танзимшаванда ба даромадҳои худии буҷети маҳалии ноҳияи Тоҷикобод баробар аст:

*Кт/х (2018) = (4086401,2 / 1713597,8) * 100 = 238,4%.*

**Ҷадвали 3**

**Нишондиҳандаҳои иҷроиши буҷети маҳаллии ноҳияи Тоҷикобод дар соли 2018[1]**

| Р/т | Нишондиҳандаҳо / Сол | 2018 |
|---|---|---|
| 1. | Хароҷоти буҷет (Х), сомонӣ | 25693754 |
| 2. | Маҷмӯи даромади буҷет (Д), сомонӣ | 25055876 |
| 3. | Даромадҳои танзимшавандаи буҷет (Дт), сомонӣ | 4086401,2 |
| 4. | Даромадҳои худии буҷет (Дх), сомонӣ | 1713597,8 |
| 5. | Даромадҳои андозии буҷет (Да), сомонӣ | 4546086,6 |
| 6. | Даромадҳои ғайриандозии буҷет (Дғ), сомонӣ | 1253912,7 |
| 7. | Даромади буҷет, ки дар шакли трансфертҳо (маблағгузории бебозгашт, кӯмакпулиҳо) ташкил шудааст (Дтр.), сомонӣ | 19255877 |
| 8. | Касри буҷет (Кб), сомонӣ | 637878 |
| 9. | Ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии буҷет (Да.ғ.), сомонӣ | 5799999 |
| 10. | Шумораи миёнаи солонаи аҳолии ноҳия (Ша), ҳазор нафар | 44,4 |

*Сарчашма: [Дар асоси маълумоти раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод ҳисоб крада шудааст]*

[1] Дар асоси маълумоти раёсати молияи ноҳияи Тоҷикобод ҳиссоб карда шуд

2) Коэффисиенти мухтории буҷет:

*Км (2018) = (1713597,8 / 25055876) * 100 = 6,8 (%).*

3) Коэффисиенти вобастагӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ:

*Кв.б (2018) = (4086401,2 + 19255877) / 25055876 * 100 = 93,1 (%).*

4) Коэффисиенти пӯшонидани хароҷоти буҷет аз ҳисоби даромадҳои худӣ:

*Кт.х (2018)*= 4086401,2 / 25693754 * *100 = 15,9 (%).*

5) Коэффисиенти пӯшонидани хароҷоти буҷет аз ҳисоби маҷмӯи даромад:

*Кп.х (2018)* = 25055876 / 25693754 * *100 = 97,5 (%).*

6) Коэффисиенти пӯшонидани хароҷоти буҷет аз ҳисоби даромадҳои андозӣ:

*Кп.а (2018)* = 4546086,6 / 25693754 * *100 = 17,7 (%).*

7) Коэффисиенти пӯшонидани хароҷоти буҷет аз ҳисоби даромадҳои ғайриандозӣ:

*Кп.г.а (2018)* = 1253912,7 / 25693754 * *100 = 4,8 (%).*

8) Коэффисиенти пӯшонидани хароҷоти буҷет аз ҳисоби трансфертҳо:

*Кп.т (2018)* = 19255877 / 25693754 * *100 = 75,0 (%).*

9) Коэффисиенти касри буҷетӣ:

*Кк (2018)* = 637878 / 25693754 * *100 =2,5 (%).*

10) Коэффисиенти қарздории буҷетӣ:

*Кқ.б (2018)* = 25693754 / 25055876 * *100 = 102,5 (%).*

11) Пардохтҳои андозию ғайриандозӣ ба сари аҳолӣ:

*Па.г./с.а (2018)* = 5799999 / *44400 = 130,6 (сомонӣ).*

12) Хароҷоти буҷетӣ ба сари аҳолӣ:

*Хс.а (2018)* = 25693754 / *44400 = 578,6 (сомонӣ).*

Дар коэффисиенти аввалин фарқият байни ҳиссаи даромадҳои худии буҷет ва даромадҳои танзимшаванда нишон дода шудааст. Тибқи ҳисобҳо дар қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳиссаи даромадҳои танзимшаванда хеле калон буда (зиёда аз 238%) ба сатҳи пасти устувории буҷети маҳаллӣ оварда расонид. Буҷети маҳаллӣ бевосита аз танзими даромади миллӣ ва ҳиссаҷудокуниҳои ҳарсола вобастагии калон дошта айни ҳол дар ҳолати хатарнок қарор дорад.

Ҳиссаи пасти даромадҳои худӣ ҳамчунон ба заифии мухтории буҷет таъсир расонид, ки коэффисиенти он ҳамагӣ 6,8% ташкил дод. Сатҳи пасти мухтории буҷет маҷбур месозад, ки буҷет танҳо ба иҷрои хароҷотҳои ҳадди ақали ноҳия равона гардад ва танқисии маблағгузории соҳаҳои рушдро ба миён меорад. Таъсири манфии омили зерин аз он иборат аст, ки хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби даромадҳои худӣ танҳо ба ҳиссаи 15,9% пӯшонида мешаванд, ва қисми бештараш - 93,1% аз ҳисоби андозҳои танзимшаванда, аз ҷумла 70% аз ҳисоби траснфертҳо ва кӯмакпулиҳои ҷумҳуриявӣ мебошанд, ки хеле нишондиҳандаи ташвишовар аст.

Дар асоси коэффисиенти пӯшонидани хароҷоти буҷет аз ҳисоби даромадҳои андозӣ оид ба сатҳи фаъолияти иқтисодии ноҳия хулоса баровардан мумкин аст. Тибқи коэффисиенти мазкур аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ҳамагӣ 17,7% хароҷоти буҷет пӯшонида шудааст, ки нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ хеле нишондиҳандаи паст аст. Аз маълумотҳое, ки раёсати молияи ноҳия пешниҳод кардааст, хулоса баровардан мумкин аст, ки сиёсати фискалии мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳия бо душвориҳои гуногун дучор шудааст. Масъалан дар соли 2018 иҷроиши нақшаи даромади буҷети ноҳия маблағи 25 055876 сомонро ташкил кард, ки нисбат ба нақшаи тасдиқгардида -2,5 фоиз кам мебошад. Камшавии даромадҳои мазкур асосан аз ҳисоби камшавии андоз аз молу мулки ғайриманқул-шахсони воқеӣ дар ҳаҷми -19,0 фоиз (ё -45 858 сомонӣ), низоми андозбандии шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд дар ҳаҷми - 47,7 фоиз (ё -114 719 сомонӣ), хизматрасониҳо -7,0 фоиз (ё -54 464 сомонӣ), андоз аз воситаҳои нақлиёт -11,7 фоиз (ё-66 800 сомонӣ) ва воридотҳои дигари ғайриандозӣ -3,9 фоиз (ё -12 536 сомонӣ) мебошад. Аз маълумоти мазкур бар меояд, ки дар соли 2018 тақрибан аз 1/5 ҳиссаи аҳолии ноҳия андоз аз молу мулки ғайриманқулро насупоридаанд ва тақрибан нисфи соҳибкорони воқеъии ноҳия бо сабабҳои гуногун андозҳоро пардохт накардаанд. Аз ҳамин ҳисоб дар соли 2018 касри буҷет ва коэффисиенти қарздории буҷет дар ҳами 2,5% ташкил шуд. Аз гуфтаҳо бар меояд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия баҳри ташкили шароити мусоид ва дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорӣ дар ноҳия бояд чораҳои зарурӣ андешад.

Коэффисиенти пардохтҳои андозию ғайриандозӣ ба сари аҳолӣ ва коэффисиенти хароҷоти буҷетӣ ба сари аҳолӣ бо ҳамдигар алоқаманданд, аз баски аз шумораи аҳолии ноҳия вобаста мебошанд. Коэффисиенти якум нишон медиҳад, ки дар соли 2018 тақрибан ҳар як шаҳрванди ноҳия дар ҳаҷми 130,6 сомонӣ ба буҷет андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ супоридааст, ҳолон ки хароҷоти буҷет ба сари аҳолӣ 578,6 сомониро ташкил намуд. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандон камтар ба буҷет андоз месупоранд ва тақрибан 4,5 маротиб зиёдтар аз ҳисоби буҷет молу хизмат истеъмол мекунанд. Чунин дисбаланс байни даромад ва хароҷоти буҷет ба сари аҳолӣ аз фаъолнокии пасти иқтисодии шаҳрвандони ноҳия гувоҳӣ медиҳад.

Дар охир бояд қайд кард, ки дар асоси таҳлили гузаронидашуда вазъи воқеъии устувории молиявии буҷети ноҳияи Тоҷикободро ҳамчун “ҳолати ноустувор ва ҳолати бӯҳронӣ” шарҳ додан мумкин аст. Маҷмӯи нишондиҳандаҳои молиявии буҷет дар ҳолати дисбаланси хатарнок қарор доранд, ки метавонад дар оянда ба хатари шадиди молиявии ташкил ва иҷроиши буҷети маҳаллӣ оварда расонад. Аз ҳамин сабаб зарурат ба миён меояд, ки дар сатҳи маҳал механизмҳои идораи устувории молиявӣ татбиқ карда шавад, то ки имкониятҳои инкишофи сарчашмаҳои даромади буҷетҳои маҳал рушди карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009-2014».
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистн», Душанбе-2011.
3. Комилов С.Ҷ. , Давлатзод У. «Иқтисоди корхона» Душанбе -2012
4. Улуғхоҷаева Х.Р., Обидов Ф.С., Раҳимов З.А «Молия» Душанбе 2012
5. Акобиров Ҳ.Н. Одинаев Д.Н. «Молия» Душанбе 2012
6. «Кодекси андози ҶТ» Душанбе 2019

7. Ҷабборов А., . Шарипов Н. «Суғурта» Душанбе 2011
8. Раҳимов З.А., Раҳимов Ф.С., Хоркашов И.С. «Молияи корхона ва техналогияи нави иттилоотӣ» Душанбе

***Каримов Н.С. - ассистент***
***Оқилов Ф.М. – ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***
***Мирзораҳимзода Ҷ.А. – магистрант***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## ТАШКИЛИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ИДОРАКУНИИ МАРКАЗОНӢ ВА ҒАЙРИМАРКАЗОНӢ

Дар ибтидои асри XX дар кишварҳои Ғарб як шакли муайяни ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ ба миён омад. Моҳияти асосии ин шакл дар он буд, ки ҳамаи функсияҳои идоракунӣ мутамарказонидашуда буданд ва тарзи корбари маъмурӣ- фармонӣ буд. Истеҳсолот ва идоракунӣ дар як ҳудуди муайян ба таври фабрикавӣ ба роҳ монда шуда роҳбари он доро буд, ки ҳамаи ҷараёнҳои истеҳсолиро назорат кунад ва фаъолияти зердастонашро роҳбарӣ карда тавонад. Пас аз ҷанги дуюми чаҳон дар кишварҳои Ғарб аз марказонидании истеҳсолот ва идоракунии он даст кашиданд. Дар шароити рақобати фаъоли бозор, инқилоб дар идоракунии дохилифирмавӣ ба вуқуъ пайваст, ки натиҷааш ғайримарказонии истеҳсолот ва идоракунии он мебошад. Натиҷаи чунин шакли идоракунӣ ин пеш аз ҳама тақсимкунии масъулият оид ба қабули карорҳо байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ мебошад. Чун қоида менеҷер дар корхонаҳои ғайримарказонидашуда ҳуқуқ дорад, ки бемувофиқакунӣ бо роҳбарияти болои қарорҳои фавриро дар доираи ваколатҳое, ки ба ӯ пешбинӣ шудааст, қабул намояд.

Бартарии асосии ғайримарказонии идоракунӣ аз инҳо иборат аст:

1. ба менеҷери зерсохтор иттилоотӣ зиёд оид ба шароити кори фароҳам овардан, дастрас гардонад;

2. фаъолияти менеҷерони зерсохторҳо маҳсулнок мегардад вобаста аз он ки худи менеҷерон ҷавобгаранд ва иқдомкоранд;

3. гузоштани масъулият бар дӯши менеҷерон имконият медиҳад, ки санъати идоракунии онҳо инкишоф ёбад;

4. зерсохторҳои на он қадар калон ҳангоми баррасии масъалаҳои алоҳида ҳамчун коллективи ҳамфикр баромад мекунанд;

5. идоракунандагони сатҳи болой ки аз ҳалли масъалаҳои ҷузъии ҳамарӯза озод шудаанд қувва, малака ва иқтидорӣ худро барои ҳалли масъалаҳои стратегии корхона равона месозанд;

6. қабули қарори фаврӣ дар сатҳи дахлдори (мувофиқи) идоракунӣ;

7. қарор аз тарафи менеҷероне қабул карда мешавад, ки хубтар моҳияти проблемаро медонанд;

8. менеҷерон таҷрибаи кофӣ ба даст меоранд, ки ба онҳо имконият медиҳад дар оянда мансабҳои мувофиқро ишғол намоянд ва ғ.

Ба ғайр аз бартариҳои дар боло овардашуда ғайримутамарказонии идоракунӣ камбудиҳои зеринро дорост:

1. додани бартарӣ дар қабули қарори идоракунӣ аз тарафи менеҷерони зерсохтор бар зарари корхона;

2. такроршавии баъзе функсияҳо, аз он ҷумла хадамотҳои идоракунӣ ;

3. бепарвои нисбат ба корхона аз тарафи менеҷероне, ки масъулияти зерсохтор бар душаш вогузор карда шудааст;

4. мураккаб гардидани мутобиққунии (мувофиққуни) фаъолият;

5. имконияти ба миён омадани рақобати носолимӣ дохиликорхонавӣ;

6. набудани самти стратегӣ дар қабули қарори идоракунӣ;

7. афзоиш ёфтани ҳароҷот барои нигоҳдории коргарони ёрирасон (хизматрасон) ва ғ.

Барои пешгирӣ намудани хавфи аз даст додани назорат, роҳбарияти сатҳи болои бояд қарори менеҷерони сатҳи поёниро ҷиддӣ назорат намояд, вале бе иваз намудани функсияи онҳо оид ба қабули қарор. Ба даст овардани мустақилона қабул намудани қарор аз тарафи менеҷерон дар баробари ин масъулият (ҷавобгарӣ) онҳоро аз натиҷааш дар назар дорад.

Сохтори ташкилии идоракунӣ – яке аз мафҳумҳои калидии менеҷмент маҳсуб ёфта, бо мақсадҳо, вазифаҳо, раванди идоракунӣ, кори менеҷерҳо ва тақсими ваколатҳо дар байни онҳо алоқамандии зич дорад.

Дар чаҳорчӯбаи ин сохтор тамоми раванди идоракунӣ (ҳаракати анбуҳи иттилоотӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ) мегузарад, ки дар он менеҷерҳои ҳамаи сатҳҳо, гуруҳҳо ва касбҳои махсус ширкат мекунанд.

Таҳти *сохтори идоракунӣ* маҷмӯи муназзами ҷузъҳои боҳамдигар алоқаи устувордошта, ки фаъолият ва рушди корхонаро ҳамчун як воҳиди бутун таъмин менамояд, фаҳмида мешавад. Сохтори идоракунӣ инчунин ба ҳайси шакли тақсимот ва кооператсияи фаъолияти идоракунӣ баромад мекунад, ки дар доираи он раванди идоракунӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои марбута ва расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ сурат мегирад.

Самтҳои асосии такмили сохтори ташкилии идоракунӣ инҳоянд:

- ғайримарказонии амалиётҳои истеҳсолӣ ва фурӯшӣ;

-навовариҳои сарфаҷӯёна, ҷустуҷӯи бозорҳои нав, диверсификатсияи амалиётҳо;

- мунтазам баланд бардоштани сатҳи боздеҳи эҷодӣ ва истеҳсолии ҳайати кормандон;

- гузариш аз тахассуси маҳдуд ба ҳамгироии мазмун ва хусусиятҳои худи фаъолияти идоракунӣ ва тарзи идоракунӣ;

- табдил додани сохтори ташкилии идоракуниҳои аҳромӣ ба сохтори ташкилии идоракуниҳои мусаттаҳ бо теъдоди камтарини сатҳҳои байни роҳбарияти олӣ ва иҷрокунандагони бевосита;

- даст кашидан аз истифодаи воситаҳои маъмурии ҳамоҳангсозӣ ва назорат.

Мафҳумҳои калидии сохтори идоракунӣ ҷузъҳо, робитаҳо (муносибатҳо), сатҳҳо ва ваколатҳо маҳсуб меёбанд. Ҷузъҳои сохтори идоракунӣ метавонанд ҳам кормандони алоҳида (роҳбарон, мутахассисон, хизматчиён) ва ҳам хадамотҳо ё мақомоти дастгоҳи идоракунӣ бошанд, ки дар онҳо теъдоди муайяни мутахассисон машғули кор буда, вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд. Мақсади асосии ғайримарказонии идоракунӣ ин пеш аз ҳама тақсимкунии масъулият (ҷавобгарӣ) байни шахсони алоҳида мебошад.

Омили асосӣ, ки тарҳрезӣ ва муайянкунандаи андозаҳои сохтори идоракунӣ маҳсуб дониста мешавад, худи корхона мебошад. Маълум аст, ки корхонаҳо аз ҳамдигар аз рӯи нишондиҳандаҳои зиёд фарқ мекунанд. Гуногунии корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни муқаррар намудани сохтори идоракунӣ муносибатҳои гуногунро талаб менамояд. Ин муносибатҳо дар корхонаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, калон, миёна ва хурд, ки дар сатҳҳои гуногуни рушд қарор дошта, дорои сатҳҳои гуногуни тақсимот ва махсусгардонии меҳнат, кооператсиякунонӣ ва автоматиконии он, тарзи гуногуни идоракунӣ мебошанд, гуногун мебошанд. Яқинан, сохтори идоракунии корхонаҳои азим дар муқоиса бо фирмаи начандон калон, ки дар он тамоми вазифаҳои менеҷмент дар аксари маврид дар дасти як-ду аъзои корхона (одатан роҳбар ва муҳосиб) буда, зарурати тарҳрезии ҳудудҳои расмии идоракунӣ вуҷуд надорад, хеле мураккаб аст.

Дар назарияи муосири менеҷмент ду намуди идоракунии корхона маъмул аст: табақотӣ ва органический. Онҳо дар заминаҳои комилан аз ҳам фарккунанда таъсис меёбанд ва дорои хусусиятҳои махсусе мебошанд, ки имконяти муайян намудани доираи истифодабарии оқилона ва дурнамои рушди минбаъдаи корхонаро медиҳанд.

Сохтори ташкилии корхона одатан дар шакли сохторҳои марказонидашуда (фунсионалӣ-хаттӣ, хаттӣ-фунсионалӣ) ва ғайримарказонидашуда (дивизионалӣ, маҳсулотӣ, ҷараёнӣ, матритсагӣ, шабакавӣ, чандирӣ (адаптивӣ) татбиқ карда мешавад. Асоси сохтори ғайримарказонидашударо тақсимкунии салоҳият ва ваколатҳо ба кормандони идоракунандаи

сатҳи поёнии идоракунӣ як қисми масъулият (ҷавобгарӣ) ташкил медиҳад. Зарурати объективии ғайримарказонидани низоми идоракунии корхона таҳти таъсири ду омил ташаккул меёбад:

- мутамарказонидани миқёси (масштабӣ) фаъолияти корхона ва чун натиҷа, мурракабшавии технологии истеҳсолот, босуръат тағйирёбии бозори фурӯш, ассортименти маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ғ.;

- афзоишёбии ҳаҷм ва мураккабшавии характери иттилооти муҳосибӣ, ки имкон намедиҳад идораи марказии идоракунӣ самаранок онро барои қабули қарор истифода барад.

Шакли маъмули сохтори идоракунӣ функсионалӣ мебошад. Шакли дигараш бошад хаттӣ-истеҳсолӣ (хаттӣ- маҳсулотӣ) мебошад, ки дар атрофи худ хадамотҳои функсионалиро гирд меоварад. Шакли хаттӣ – маҳсулотии идоракунӣ дар идоракунии дохили корхонавӣ, аз он ҷумла дар баҳисобгирии идоракунӣ мафҳуми “сегменти бизнес”-ро ба миён овард.

*Сегменти бизнес* – ин сохтори корхона ё як қисм, ки ба харидорони беруна равона гаштааст ё сохторест, ки зерсохтори мустақили корхона ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба чунин шакли зерсохтор аз тарафи корхона дороиҳо ҷудо карда мешавад.

Мафҳуме, ки ҳамаи инро ифода мекунад ин *марказҳои масъулият мебошад*. Низоми баҳисобгирие, ки дар доираи чунин сохтор бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди иттилоотро оид ба хароҷот ва натиҷаҳоро таъмин менамояд, ҳамчунин имконият медиҳад, ки натиҷаи фаъолияти ин зерсохторҳои воҳидӣ ва менеҷерони алоҳида баҳогузорӣ ва назорат карда шаванд, *баҳисобгирӣ аз рӯи масъулият номида* мешавад.

Марказонидани идоракуниро сохтори ташкилии намуди функсионалӣ таъмин менамояд. Ғайримарказонидани идоракунӣ дар асоси сохтори ташкилии мураккаб – он дивизионалӣ, маҳсулотӣ ва ғ. ба даст меояд. Ваколатдиҳии масъулият ҳам дар сохторҳои идоракунии марказонидашуда (функсионалӣ) ва ғайримарказонидашуда метавонад амалӣ шавад. Гуруҳбандии масъулият (ҷавобгарӣ) дар сохторҳои идоракунии мутамарказонидашуда (функсионалӣ) ва ғайримутамарказонидашуда дар расмҳои 1 ва 2 оварда шудааст.




Расми 1. Сохтори идоракунии функсионалӣ (мутамарказонидашуда)

Муносибат дар байни ҷузъҳои сохтори идоракунӣ тавассути алоқаҳои уфуқӣ ва амудӣ нигоҳ дошта мешавад. Аввалӣ хусусияти машваратӣ дошта, яксатҳӣ мебошанд. Барои дуввумӣ муносибатҳои тобеиятӣ хос аст. Зарурат ба муносибатҳои тобеиятӣ дар мавриди бунёди табақотии низоми идоракунӣ, яъне мавҷуд будани сатҳҳои гуногуни идоракунӣ , ки ҳар кадоме аз онҳо мақсадҳои худро дорад, ба миён меояд.

Дар сохтори дусатҳӣ ҳалқаҳои (қисми) болоии идоракунӣ (роҳбарияти корхона дар маҷмӯъ) ва зинааҳои поёнии идоракунӣ (менеҷерҳо, иҷрокунандаи роҳбарии корҳо) таъсис дода мешаванд. Дар мавриди мавҷудияти сохтори сесатҳӣ ё аз он бештар табақаи миёна ташаккул меёбад, ки он дар навбати худ аз якчанд сатҳ иборат мегардад.

Дар сохтори идоракунӣ алоқаҳои ҳудудӣ ва вазифавӣ аз ҳам фарқ карда меистанд. Моҳияти алоқамандии ҳудудӣ дар он мебошад, ки раванди қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ ва ҳаракати иттилоот дар байни роҳбарони ҳудудӣ, яъне байни ашхосе, ки пурра барои фаъолияти корхона ва ҷузъҳои он ҷавобгар мебошанд, сурат мегирад.




Расми 2. Сохтори идоракунии ғайримутамарказонида

Дар байни тамоми ҳалқаҳои идоравии сохтори ташкилии идоракунӣ муносибатҳои мураккаби вобастагии мутақобила вуҷуд дорад: тағйирот дар ҳар кадоме аз онҳо (теъдоди ҷузҳо ва сатҳҳо, миқдор ва хусусияти алоқаҳо ва ваколатҳои кормандон) зарурати бозбинӣ намудани ҳамаи боқимондаҳо ба миён мегузорад. Масалан, агар роҳбарияти корхона роҷеъ ба таъсис додани мақоми нав - шуъбаи маркетинг, ки вазифаҳои онро аз ин пеш ягон кас иҷро намекард, дар сохтори сохтори ташкилии идоракунӣ қарор қабул намояд, ногузир яку якбора посух додан ба саволҳои зайл ба миён меояд: шӯъбаи нав кадом масъалаҳоро ҳал мекунад, ба тобеияти кӣ он дохил мешавад, кадом мақомот ва ҷузъҳои корхона ба он иттилооти заруриро пешниҳод менамоянд, дар кадом сатҳи табақабандии идоракунӣ он ҷойгир мешавад, кормандони он дорои кадом ваколатҳо мегарданд, кадом шаклҳои алоқа дар байни шуъбаи нав ва дигар шуъбаҳо ба роҳ монда мешаванд.

Афзоиши теъдоди ҷузъҳо ва сатҳҳо дар сохтори ташкилии идоракунӣ ногузир ба зиёдшавии чандинкаратаи миқдор ва мураккабии алоқаи дар ҷараёни қабули қарори идоракунӣ бавуҷудомада мегардад. Дар натиҷа раванди идоракунӣ суст мегардад, ки дар шароити ҳозира он ба ҳолати бадшавии сифати фаъолияти менеҷменти корхона ҳаммаъно мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", аз 25 марти соли 2011, № 702. – http://mmk.tj.

2. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет. Учебник. – М.: Изд-во «Омега-Л», 2010. – 570 с.

3. Керимов В.А. Управленческий учет. Учебник. – М.: ИКЦ «Маркетинг», 2001. – 267 с.

4. Управленческий учет. Учебник. / А.Д. Шеремет, О.Е. Николаева, С.И. Полякова и др. Под ред. А.Д. Шеремета. 4-е изд. – М.: ИНФРА-М, 2009. – 429 с.

5. Шоймардонов С.Қ., Орзуев П.Ҷ., Барфиев Қ.Х., Бобиев И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, Ирфон, 2017. – 468 с.

6. Ҳабибов С. Ҳ., Фақеров Ҳ. Н., Мирзоалиев А. А., Шарропов Ф. Р. Менеҷмент. Васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ.- Душанбе, Ҳумо. 2003- 217 с.

***Ғуломова З.З. - ассистент***
***Ғуломалиева С.Г. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ТАНЗИМКУНИИ МЕЪЁРИИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ

Пойдоршавии аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор заминаҳои иқтисодӣ ифода мегардад. Якум, дигаргуниҳои муҳими сохтории дар солҳои охир дар иқтисодиёти мамлакат рӯхдода, самтивазкунии рушди иқтисодӣ, ташаккули низоми нави муносибатҳо ва идоракунӣ, ихтисори шакли пештар амалкунандаи назорати дохилиидоравӣ, ки зарурати бунёди зинаҳои нарасандаи амалкунии муътадили онро тақозо менамояд. Яке аз чунин зинаҳо аудити дохилӣ мебошад, ки дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон алакай мавқеи худро устувор намудааст.

Дуюм, пайдошавии субъектҳои нави моликият (саҳомон, сармоягузорон, соҳибкорон ва ғ.), ки манфиати мустақими онҳоро барои баҷоории назорати дохилии таъсирбахши самаранокии истифодабарии сарватҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатии корхонаро боис гардидааст. Дар ин маврид чунин вазифаҳои аудити дохилӣ дар корхонаҳо ба миён меоянд:

- назорати сифати кори бахшҳои алоҳидаи корхона (филиалҳо), ки бояд на танҳо минбаъда (чун ҳангоми ревизия), балки инчунин пешина ва ҷорӣ бошад;
- баҷоории назорати доимии ҳифзи дороиҳо, самаранокии истифодабарии онҳо, ошкоркунӣ ва роҳ надодан ба сӯиистеъмолкуниҳо;
- омодакунии ахбори асоснок барои гузаронидаи санҷишҳои аудитории берунӣ дар асоси аудити дохилии пешакӣ гузаронидашуда;
- баландбардории самаранокии назорати дохилӣ дар низоми идоракунӣ бо мақсади кам кардани эҳтимолияти хатогиҳо ва қоидавайронкуниҳо.

Аудити дохилӣ яке аз бахшҳои таркибии назорати дохилӣ, яке аз воситаҳои нисбатан самаранок, вале пурқимати назорати дохилӣ мебошад [2, с. 108].

Аудити дохилӣ метавонад шаклҳои ташкилии гуногунро гирад: вай метавонад дар корхонаҳои бузург ва миёна чун воҳиди сохтории мустақили бевосита ба роҳбари корхона тобеъбуда ташкил карда шавад ва ҳам метавонад чун воҳиди сохтории мустақили корхонаи асосии баҷоорандаи назорат аз болои корхонаҳои фаръӣ ва вобастаи корхонаи асосӣ ташкил карда шавад.

Мустақилияти ақидаи аудитори дохилӣ дар озодии он аз воҳидҳои сохтории санҷидашаванда, вале на аз роҳбарияти корхона ифода меёбад. Аудити берунӣ давра ба давра (як маротиба, ду маротиба дар як сол) гузаронида мешавад, аудити дохилӣ бошад, - ниҳоят зуд-зуд гузаронида мешавад, ки бо ин самаранокии фаъолияти воҳидҳои сохтории корхонаро баланд мебардорад. Ҷиҳати мусбати бешубҳаи аудити дохилӣ инчунин масрафҳои ниҳоят камтар нисбат ба аудити берунӣ ва амиқии донишҳои аудитори дохилӣ, идоракунӣ, маданият ва сиёсати корхона мебошанд [2, с. 108].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои қонунии ташкил ва пешбурди аудити дохилӣ алакай пойдор гардидаанд. Вале мебояд ба татбиқи амалии ин заминаҳо диққати муҳим дод.

Низоми танзимкунии меъёрии аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се зинаро дар бар мегирад:

1. Зинаи олӣ - Қонунҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Зинаи меъёрӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нишондодҳо ва тавсияҳои методии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аудит.

3. Зинаи идоракунӣ (ҳуҷҷатҳои ғайримеъёрӣ) – нишондодҳои соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои фармоишии субъекти хоҷагидорӣ (корхона).

Яке аз қонунҳои бо аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ алоқаманд - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ" мебошад, ки санаи 21 июли соли 2010 таҳти № 631 қабул гардидааст. Тибқи қонуни мазкур аудити дохилӣ чун фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад, фаҳмида мешавад.

Қонуни мазкур амали аудити дохилиро дар бахши давлатӣ ва ташкилотҳоеро, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд (ташкилотҳои бахши давлатӣ), муқаррар менамояд. Мақсадҳои Қонуни мазкур инҳо мебошанд:

- муайян намудани принсипҳои аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ;

- муқаррар намудани механизми татбиқи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ.

Аудити дохилӣ ба тақсимкунандахои асосӣ, тақсимкунандаҳо ва маблағгирандагони давлатӣ дар иҷрои самаранок ва натиҷабахши вазифаҳои худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин роҳҳо мусоидат мекунад:

1) Ошкор намудан ва баҳодиҳии таваккал дар ташкилотҳои бахши давлатӣ;

2) Баҳодиҳии мувофиқат ва самаранокии низоми идоракунии молия ва назорат аз нуқтаи назари:

- ҳаммонандкунӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунии таваккал аз ҷониби роҳбарияти ташкилотҳои бахши давлатӣ;

- риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ;

- боэътимод ва ҳаматарафа будани иттилооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ;

- судмандӣ, самаранокӣ ва сарфакорӣ;

- таъмини амнияти дороиҳо ва ҳуҷҷатҳо;

- иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳо.

3) Таҳияи намудани тавсияҳо оид ба такмили фаъолияти ташкилотҳои бахши давлатӣ, инчунин анҷом додани мушоҳидаи иҷрои мувофиқ.

Тибқи қонун ба вазифаи аудитори дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқшиносӣ, на камтар аз се сол аз рӯи ихтисосаш собиқаи корӣ дошта, инчунин ҷавобгӯи дигар талаботи тахассусии муқарраргнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, таъин карда мешавад.

Аудитори дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ чунин ҳуқуқҳо дорад:

- гирифтан ва санҷидани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва иттилоот, инчунин аз шахсони мансабдори тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандаҳо ва маблағгирандагони давлатӣ талаб кардани тавзеҳоти барои гузаронидани аудити дохилӣ зарур;

- гузаронидани санҷиши сохтор ва тарафҳои бо ташкилоти бахши давлатӣ алоқаҳои берунадошта, ки маблағҳои давлатиро истифода ё ихтиёрдорӣ мекунад;

- изҳори мулоҳизаи мустақил оид ба фаъолият ва самаранокии идоракунии молиявӣ ва низоми назорати дохилӣ;

- дар ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва дигар иттилооти муҳиме, ки ба ташаккули мавқеи воқеии аудитор таъсир мерасонад, аз гузаронидани санҷиш ва ё изҳори мулоҳизаи худ дар гузориш худдорӣ намояд.

Ҳангоми гузаронидани аудит, аудитори дохилии ташкилоти бахши давлатӣ уҳдадор аст, ки муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои эътирофшудаи аудити дохилӣ ва талаботи Кодекси одоби касбии аудиторҳоро риоя намояд.

Аз ҷониби аудитори дохилӣ истифода гардидани ҳуқуқи худ бо мақсади расонидани зарар ба шахси дигар, инчунин суиистифода аз ин ҳуқуқҳо дар фаъолияти аудиторӣ манъ аст.

Дар амалҳои худ аудитори дохилӣ бояд мустақил, беғараз, босалоҳият ва бовиҷдон бошад. Аудиторҳои дохилӣ вазифадоранд аз паҳннамоии иттилооти дар раванди фаъолияти касбӣ ба онҳо дастрасшуда, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун иҷозат медиҳад, худдорӣ намоянд.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бахши аудити дохилӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо мақсади дар сатҳи зарурии касбӣ амалӣ намудани аудити дохилӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳиятҳои зеринро дорад:

- сиёсати назорати молиявии дохилӣ ва аудити дохилиро дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар асоси меъёрҳои эътирофшудаи байнамилалии аудити дохилӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбик менамояд;

- барои гузаронидани аудит, мушоҳидаи идоракунии молиявӣ ва назорат фармон интишор мекунад, ки иҷрои он аз ҷониби ҳамаи ташкилотҳои бахши давлатӣ ҳатмӣ мебошад;

- ҳар сол таҳқиқоти таҳлилии фаъолияти хамаи воҳидҳои сохтори аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатиро анҷом медиҳад;

- ёрии машваратиро барои ҳамаи воҳидҳои сохтории аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ, вобаста ба дархосташон таъмин менамояд;

- ҳамоҳангсозии фаъолиятро оид ба омӯзонидан, додани сертификат, такмили ихтисос ва бозомӯзии аудиторҳои дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом медиҳад;

- тартиб ва усулҳои ташкили санҷиши тахассусӣ оид ба гирифтани сертификати «Аудитори дохилӣ дар бахши давлатӣ»-ро муқаррар менамояд;

- махзани маълумоти воҳидҳои сохтории аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ ва феҳристи аудиторонеро, ки бомуваффақият аз санҷиши тахассусии аудиторҳои дохилӣ дар бахши давлатӣ гузаштаанд, пеш мебарад.

Роҳбарони ташкилотҳои бахши давлатӣ уҳдадоранд, ки дастрасии аудиторони дохилии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва иттилооте, ки барои гузаронидани аудит, мушоҳидаи идоракунии молиявӣ ва назорат заруранд, таъмин намоянд.

Риоякунии Стандартҳои байналмилалии амалияи касбии аудити дохилӣ заминаи муҳимтарини иҷроиши уҳдадориҳо аз ҷониби хадамоти аудити дохилӣ ва аудиторҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Агар қонунгузорӣ нагузорад, ки аудиторҳои дохилӣ муқаррароти алоҳидаи стандартҳоро риоя намоянд, аудиторҳои дохилӣ бояд ҳама муқаррароти боқимондаи стандартҳоро риоя намуда, ахбори мувофиқро кӯшода диҳанд.

Агар аудиторҳои дохилӣ стандартҳои аз ҷониби дигар ташкилотҳои обрӯманд баровардашударо истифода баранд, ва агар ин қобили қабул бошад, дар ин бора бояд дар ҳисоботҳои худ ахборро дарҷ намоянд.

Стандартҳои аудити дохилӣ бояд чунин сохтор дошта бошанд:

- муқаррароти муайяншуда ва ишораҳо ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ;

- муқаррароти умумӣ – зарурати стандарт, мафҳумҳо ва таърифҳо, соҳаи корбурд ва объект оварда мешаванд;

- мақсад ва вазифаҳои стандарт;

- алоқамандӣ бо дигар стандартҳои аудити дохилӣ;

- принсипҳо ва технологияҳои асосӣ – проблемаҳо ва методҳои ҳалкунии онҳо шарҳ дода мешаванд;

- нигориш – ҳуҷҷатҳое номбар карда мешаванд, ки тибқи стандарти мазкур тартиб дода мешаванд;

- замимаҳои амалӣ.

Талаботҳои ба стандартҳои аудити дохилӣ пешкашшаванда инҳоанд: мақсаднокӣ, тазод надоштан, сохтори мантиқӣ, пуррагии муфассалгардонӣ, ягонагии пояи мафҳумҳо.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ"

2. Богатая И.Н., Лабынцев Н.Т., Хахонова Н.Н. Внутренний контроль и аудит: Учебное пособие - М.: ОАО «Московские учебники» - Ростов н/Д: Феникс, 2008. - 475 с.

*Рустамов Р.У. – муаллими калон*
*Расулов Х.Н. – магистрант*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

## МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии муҳосибиро тамоми корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шаклҳои ташкиливу ҳуқуқиашон ҳатман мебаранд. Инчунин ташкилотҳои хориҷие, ки дар қаламрави мамлакат фаъолият мекунанд баҳисобгирии муҳосибиро мебаранд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар талабот нагузошта бошанд. Соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро бе ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд баҳисобгирии даромаду хароҷоти худро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекзи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебаранд.

Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (аз 25 марти соли 2011, № 702) ба шахсони манфиатдор пешкаш намудани ахбори пурра ва боэътимод оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона, тағирёбиҳо дар вазъи молиявии вай мебошад [1].

Дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона ба ҷо оварда шуда, қарорҳои идоракунии зарурӣ қабул карда мешаванд.

Дар ширкатҳои сайёҳӣ баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷаъияти дорои масъулияти маҳдуд", "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", "Дар бораи сайёҳӣ", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият", Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва пеш бурда мешавад.

Ширкатҳои сайёҳӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ сиёсати баҳисобгирии худро таҳия менамоянд. Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ – маҷмӯи тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки ширкати сайёҳӣ онҳоро барои баҷоории назораи аввалӣ, ченкунии арзишӣ, гуруҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасткунии натиҷавии далелҳои фаъолияти хоҷагидории худ интихоб кардааст.

Ба тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мансубанд: тарзҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, подош кардани арзиши дороиҳо, ташкили ҳуҷҷатгардиш, барӯйхатгирӣ, тарзҳои корбурди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди ахбор ва дигар тарзу қоидаҳои дахлдор [2].

Сиёсати баҳисобгириро сармуҳосиби ширкати сайёҳӣ таҳия намуда, роҳбари ширкат онро бо фармони худ тасдиқ менамояд. Дар ин маврид чунин унсурҳои сиёсати баҳисобгирии корхона тасдиқ карда мешаванд:

- нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкати сайёҳӣ зарурира дар бар мегирад;
- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалии нигориши амалиёти хоҷагидорие, ки барои онҳо шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалӣ дар назар дошта нашудаанд, инчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботи дохилии муҳосибии ширкати сайёҳӣ;
- тартиби гузаронидани барӯйхатгирии дороиҳо ва уҳдадориҳои ширкати сайёҳӣ;
- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ширкати сайёҳӣ;
- тартиби ҳуҷҷатгардиш ва технологияи коркарди ахбори баҳисобгирӣ дар ширкати сайёҳӣ;
- тартиби назорат аз болои амалиёти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ;
- дигар қарорҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибии ширкати сайёҳӣ зарурбуда.

Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ то оғози соли ҳисоботӣ тасдиқ шуда, аз 1 январи соли ҳисоботӣ амалӣ карда мешавад. Ширкатҳои сайёҳии навташкил сиёсати баҳисобгирии

интихобкардаи худро то аввалин маротиба пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ, вале на дер аз 90 рӯзи пас аз санаи чун шахси ҳуқуқӣ бақайдгирии худ ба расмият медароранд.

Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ бояд ин ҷиҳатҳоро таъмин намояд:

- пуррагии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикоскунии ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ (пуррагӣ);

- саривақт инъикос намудани далелҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ (саривақтӣ);

- омодагии муҳим барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф кардани хароҷот ва уҳдадориҳои ширкати сайёҳӣ нисбат ба эҳтимолияти даромадҳо ва дороиҳо, роҳ надодан ба пайдо шудани захираҳои ниҳонӣ (эҳтиёткорӣ);

- инъикос намудани далелҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз муҳтавои иқтисодӣ ва шароитҳои хоҷагидорӣ, на бо дарназардошти шакли ҳуқуқии онҳо (бартарияти муҳтаво аз шакл);

- мувофиқати маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои таркибӣ ба санаи охири ҳар моҳ (набудани таззодҳо);

- ба таври оқилона бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, вобаста аз шароитҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ ва бузургии он (оқилонагӣ).

Ҳангоми таҳиясозии сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ барои самти мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз тарзҳо (усулҳо) аз маҷмӯи раводонистаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ интихоб карда мешавад. Агар барои масъалаи мушаххасе дар санадҳои меъёрӣ тарз ё усули пешбурди баҳисобгирӣ муқаррар нашуда бошад, пас ҳангоми бунёдкунии сиёсати баҳисобгирӣ ширкати сайёҳӣ тарз (усул)-и худро бо баназардошти принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаҳмишҳои касбии (донишу таҷриба, тахассуси) муҳосибон таҳия мекунад.

Сиёсати баҳисобгирӣ дар ширкати сайёҳӣ ба таври муттасил ҳамасола қабул ва истифода мешавад. Тағирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ фақат дар ҳолатҳои тағирёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз тарафи ширкати сайёҳӣ таҳия шудани тарзҳои нави пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тағирёбии арзандаи шароитҳои фаъолияти ширкат раво дониста мешавад.

Оқибатҳои тағирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ, ки ба вазъи молиявии ширкати сайёҳӣ таъсири арзанда расонидаанд бо шакли арзишӣ баҳо дода мешаванд ва маълумоти ҳисоботи молиявии давраи дахлдор ба андозаи онҳо таҳрир карда мешаванд. Тамоми тағиротҳои сиёсати баҳисобгирӣ ҳатман дар замима ба ҳисоботи молиявии ширкати сайёҳӣ шарҳ дода мешаванд.

Ширкатҳои сайёҳӣ дорои хусусиятҳои хоси пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Бинобар ин дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ низ хусусиятҳо зоҳир мегарданд. Ин хусусиятҳо асосан аз шакли гирифтани даромад ва хароҷотҳои ширкатҳои сайёҳӣ вобаста мебошанд.

Хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд: истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ. Хароҷоти истеҳсолӣ бо истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ вобаста буда, хароҷоти тиҷоратӣ – масрафҳои пешниҳодкунӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мебошанд, масалан, хароҷоти таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои ширкати сайёҳӣ [4].

Ғайр аз ин, ширкати сайёҳӣ – туроператор бо мақсадҳои андозбандӣ ба хароҷоти мустақими худ он масрафҳоеро мансуб медонанд, ки бевосита дар ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” инъикос карда мешаванд.

Азбаски ширкатҳои сайёҳӣ ба ширкатҳои соҳаи хизматрасонӣ мансуб мебошанд, онҳо ҳама хароҷоти бевосита ба баҷоорӣ ва пешкашкунии хизматрасониҳо вобастаро дар ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” инъикос менамоянд. Бақияи ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” арзиши хароҷот оид ба кор ва хизматрасониҳоеро ифода мекунад, ки ширкати сайёҳӣ то санаи ҳисоботӣ даромади ба онҳо ростояндаро нагирифтааст. Ҳангоми пардохт кардани хизматрасониҳои ба сайёҳон пешкашгардида ҳисоби 44010 “Даромад аз фурӯши маҳсулот” дебетонӣ карда мешавад ва ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” – кредитонӣ карда мешавад.

Ширкати сайёҳӣ номгӯйи хароҷоти мустақими худро бояд дар сиёсати баҳисобгирии худ дарҷ намояд, чунки андозбандии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ аз намуди хароҷотҳои

ширкат вобастагӣ дорад. Хароҷоти бологузоштташуда (накладные расходы) ба сифати хароҷоти ғайримустақим пурра ба хароҷоти давраи ҳисоботии ширкати сайёҳӣ мансуб дониста мешаванд.

Тамоми хароҷоти ширкати сайёҳӣ дар маблағи роҳхати сайёҳӣ дарҷ меёбанд. Роҳхати сайёҳӣ ҳамзамон бо бастани шартнома бо сайёҳ ва дар асоси он пардохт карда мешавад. Барои баҳисобгирии аввалии хароҷоти ширкати сайёҳӣ рҳхат чун ҳуҷҷати аввалӣ хизмат менамояд. Бе бастани шартнома ва мавҷудияти роҳхат арзиши хизматрасониҳои ширкати сайёҳӣ асоснок нестанд. Ин талабот ҳангоми андозбандии фаъолиятиширкати сайёҳӣ ҳатмӣ мебошад [4].

Дар роҳхате, ки ба сайёҳ дода мешавад, шароитҳои мушаххсаи сайёҳат ва нархи чаканаи роҳхат нишон дода мешаванд. Тартиб додани роҳхатро бевосита ширкати сайёҳӣ – туроператор ба ҷо меорад. Барои барасмиятдарорӣ ва нигориши роҳхати сайёҳӣ оператор бо ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродии баҷоорандаи ин ё он намуди хизматрасониҳои сайёҳӣ шартнома мебандад. Туроператоре, ки роҳхати сайёҳиро мефурӯшад, бо истифодаи дастгоҳи хазинавии дорои хотираи фискалӣ ба роҳхат чеки пардохтро замима менамояд. Шакли роҳхати сайёҳиро ширкати сайёҳӣ – туроператор метавонад худ мустақилона таҳия намояд, вале дар ин маврид вай бояд ҳама нишондиҳандаҳои зарурироро, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” бармеоянд, дар бар гирад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, аз 25 марти соли 2011, № 702. – http://mmk.tj

2. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии НБМ 1/99 “Сиёсати баҳисобгирии корхона”

3. Каримов Б.Ҳ. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 213 с.

4. Курбангалеева О. Туризм по правилам бухучета // Расчет, 2006, №7



***Набиев Б.А., – муаллими калон***
***Набиев С.А. – магистрант***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***


## ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ САРМОЯИ ХУДӢ ДАР БОНКИ ТИҶОРАТӢ

Дар амалиёти ҳаррӯза ва таъмини фаъолияти дарозмуддати бонк, сармояи он мавқеи намоён дорад. Он барои ташкил ва фаъолияти бонк дар марҳилаи аввали рушд зарур буда, ҳамчун омили асосии муҳофизат аз муфлисшавӣ ва ҷуброни зарари ҷорӣ дар оянда хизмат мерасонад. Сармоя ҳамчунин ба қарзгирандагон эътимод мебахшад, ки бонк қодир аст талаботи қарзии онҳоро дар ҳама гуна вазъият қонеъ гардонад, ҳатто агар, вазъи иқтисодӣ низ дар ҳолати рукуд қарор дошта бошад. Сармояи бонк барои дастгирӣ ва муҳофизат аз хавфҳои марбут ба пешниҳоди хидматҳои нав ва сохтмони иншооти нав лозим аст.

Дар марҳилаи аввали ташкилёбии бонки тиҷоратӣ, ҳиссаи саҳҳомон ба ҳисоби ғункунии филиали БМТ дохил мешавад. Маблағҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ дохил мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки барои баҳисобгирии сармояи бонк, баҳисобгирии ҳамагуна амалиёт марбут ба афзоиш ва камшавии сармоя дар ҳисобҳои зерини муҳосибӣ, ки бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2017, №149 □□□ тасдиқ шудааст, пеш бурда мешавад:

30000 Сармоя
30300 Сармояи саҳомӣ
30301 Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ - саҳмияҳои имтиёздор
30305 Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳоигузашта
30307 Фоида/зарари соли гузашта
30309 Захира барои амалиёти ояндаи ташкилот
30311 Захира барои суғурта

30313 Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт
30315 Захираи умумӣ аз фоида
30317 Захираи умумӣ аз хароҷот
30319 Захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол
30321 Захираи махсус барои дороиҳои ғайрифаъол
**30600 Сармояи изофа**
30601 Сармояи изофа
31500 Захираи азнавбаҳодиҳӣ
31503 Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ
31505 Захираи азнавбаҳодии коғазҳои қиматнок
31507 Дигар захираҳои сармоя
**31700 Фоида/зарари соли ҷорӣ**
31701 Фоида/зарари соли ҷорӣ
**31900 Қарзҳои субординарии муайяншуда (тахассусӣ)**
31901 Қарзҳои субординарии муайяншуда (тахассусӣ)

Бонки навташкил дар ҳолати дохилшавии маблағҳо аз ҳисоби муассисон ҳамчун дороиҳои бозоргир дар муҳосибот ҳисоби 10301 «Суратҳисоби муросилотӣ дар БМТ – пули миллӣ» кушода чунин навишти муҳосибӣ сабт менамояд:

Дт сч 10301 «Суратҳисоби муросилотӣ дар БМТ – пули миллӣ»
Кт 30303 «Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ - саҳмияҳои оддӣ»

Ба маблағи андозаи ибтидоии сармояи саҳҳомии бонки тиҷоратӣ, ки БМТ тасдиқ кардааст саҳмия бароварда мешавад. Оиди арзиши исмӣ ва ҳаҷми саҳмияҳои баровардашаванда дар шартномаи таъсисёбӣ маълумот дода мешавад. Барои ҳар як муассис сертификат бо нишон додани ҳиссаи вай дар сармояи саҳҳомии бонки тиҷоратӣ ва миқдори саҳмияҳои ба ӯ тааллуқдошта дода мешавад.

Зиёдшавии сармояи саҳҳомии бонки тиҷоратӣ дар оянда бо роҳи барориши саҳмияҳои иловагӣ амалӣ мешавад, ки онро эмиссияи саҳмияҳо меноманд. Дар ҳолати барориши саҳмияҳои иловагӣ, арзиши исмии он аз арзиши фурӯш пасттар муқаррар карда мешавад.

Дар натиҷаи амалиёти барориши саҳмияҳо барзиёд аз арзиши исмӣ, бонк даромади иловагӣ мегирад, ки дар ҳисобгирӣ онро ҳамчун даромади эмиссионӣ нишон дода сармояи иловагии бонк ба шумор меравад.

Ҳисобгирии ташкили сармояи саҳҳомии бонки тиҷоратӣ дар ҳисобгирии муҳосибӣ дар ду давра амалӣ мешавад:

давраи байни бақайдгирии барориши саҳмияҳо то дохилшавии маблағ аз фурӯши саҳмияҳо;

давраи байни дохилшавии маблағ аз фурӯши саҳмияҳо ва ба саҳҳомон додани саҳмияҳо.

Нигоҳдории саҳмияҳо ва сертификатҳо дар хазина ҳамчун коғазҳои қиматнок ба монанди пулҳои қоғазӣ сурат мегирад. Дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ вараҷи ин коғази қиматнок чунин навишта мешавад:

Дт сч 93101 «Маблағҳои пулӣ ва амволи зери идораи ташкилот»

Дар як вақт хароҷот оид ба тайёркунии вараҷи саҳмияҳо ва сертификатҳо ба хароҷоти бонк ҳамроҳ карда мешавад:

Дт сч 57595 «Дигар хароҷот»
Кт 17517 «Хароҷоти қаблан пардохтшуда бо пули миллӣ» (маблағи ҳисоботӣ пардохт мешавад).

Ба ҳар як соҳҳом миқдори саҳмияи муайян ва баланси пуркарашудаи сертификат дода мешавад. Барои баҳисобгирии саҳмияхои имтиёзнок ва одди дар муҳосиботи бонк чунин ҳисобҳои алоҳидаи тавозунӣ кушода мешавад:

30301- Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ - саҳмияҳои имтиёздор
30303- Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ - саҳмияҳои оддӣ

Даромадҳои аз фурӯши саҳмияҳо гирифташуда дар асоси қарори шӯрои бонк барои гирифтани фоида ба мақсади муайян равона карда мешавад.

*Ҳисобгирии дивидендҳо ва тағирёбии сармояи бонки тиҷоратӣ.* Саҳҳомон дар ташкилшавии сармояи саҳҳомии бонки тиҷоратӣ иштирок намуда, даромади муайян ба даст меоранд, ки онро ҳақи саҳмия (дивиденд) меноманд. Қурби саҳмия вобаста ба ҳаҷми дивиденд муайян карда мешавад.Чӣ қадаре ки бузургии дивидендҳо зиёд бошад, қурби саҳмия ҳамон қадар дар бозор баланд мешавад.

Тибқи банди 9 моддаи 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ташкилоти қарзӣ наметавонад даромади софи худро то пӯшонидани ҳамаи хароҷоти марбут ба таъсисёбии худ дар байни саҳмиядорон ҳамчун суди (дивиденди) саҳмия тақсим намояд. Аз ин хотир бонкҳоро саравал зарур аст, ки аз хисоби фоидаи солонаашон аввал фондҳо ва захираҳои худро пур намуда, сипас фоидаи боқимондаро ҳамчун ҳақи саҳм ба ихтиёри саҳмдорон бигузоранд.

Ҳаҷми дивиденди саҳмияҳо бо фоидаи бонки тиҷоратӣ алоқаи зич дорад. Мувофиқи Низомномаи амалкунандаи БМТ фоидаи бонк чунин тақсим карда мешавад:

Андоз аз фоида – 23%

Пур кардани фонди умуми бонкӣ (фонди ғункунӣ)

Захира барои суғурта

Захира барои ҳолатҳои пешбининашуда

Ҳақи саҳмия.

Ҳиссаҷудокунӣ ба фондҳо 5-10% фоидаи софро ташкил мекунад.

Масалан, бонк дар давоми сол 6500000 сомонӣ фоидаи соф гирифт. Дар маҷлиси солонаи саҳҳомон қарор карда шуд, ки фоида чунин тақсим карда шавад:

10%- фоидаи умумибонкӣ

5%- захира барои суғурта

5%- захира барои ҳолатҳои пешбинишуда, қисми боқимонда барои пардохти ҳақи саҳмияҳо.

6500000×10% = 650000 – фонди умумибонкӣ

6500000×5% = 325000 – суғурта

6500000×5% =325000 – захира барои ҳолатҳои пешбинишуда.

Ҳамагӣ 1300000

6500000 – 1300000=5200000 пардохт ҳамчун хақи саҳмия ба саҳмдорон

Фоидаи бонк ҳамчун фарқияти мусбӣ байни андозаи даромади умумии бонк ва хароҷоти умумии бонк муайян карда мешавад. Бузургии фоида дар охири сол муайян карда шуда дар ҳисоби 31701 «Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ҳисобгирии муҳосибӣ тақсимкунии фоида бо чунин навишти муҳосибӣ анҷом дода мешавад:

Ҷудокунӣ ба фонди захиравӣ:

Дт 31701 «Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ»

Кт 30309 «Захира барои амалиёти ояндаи ташкилот»

Кт 30311 «Захира барои суғурта»

Кт 30313 «Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт»

Кт 30315 «Захираи умумӣ аз фоида»

Ҷудокунии маблағи фоида барои пардохти ҳақи саҳмияҳо:

Дт 31701 «Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ»

Кт 26212 «Суди саҳмияҳо барои пардохт»

Зимни пардохти ҳақи саҳмияҳо чунин навишти муҳосибӣ тартиб дода мешавад:

Дт 26212 «Суди саҳмияҳо барои пардохт»

Кт 10101 «Хазина – пули миллӣ»

Кт 10301 «Суратҳисоби муросилотӣ дар БМТ – пули миллӣ»

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 майи соли 2009, № 524. – http://mmk.tj.

2. Қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2010, № 181). – http://nbt.tj.
3. Феҳристи ҳисобҳои тавозунии бонкҳо. Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2017, №149

***Кенҷаева Р.Ҳ. - н.и.и., дотсент***
***Толибов Ф. - магистрант***
***Шарифзода С.Т. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## МАҚСАДИ АСОСИИ ГУЗАРИШ БА СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Муносибатҳои бозорие, ки ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъияти моро фаро гирифтаанд, бе ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ мувофиқи мақсад инкишоф ёфта наметавонад. Яке аз самтҳои дурнамои ин соҳа гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мебошад. Барои ба бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дучор нашудан мо бояд дар баробари ҷомеаи ҷаҳонӣ қадам занем. Барои ба сатҳи ҷаҳонӣ қадам задан, бояд ба як системаи умумиҷаҳонӣ ҳамроҳ шуд. Системаи ягонаи ҳисоботие, ки давлатҳои алоҳидаро байни ҳамдигар пайвастааст, ин гузариш ба СБҲМ ва қабули системаи ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Тоҷикистон охирон давлат дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки барои гузаштан ба меъёрҳои ҷаҳонии ҳисоботдиҳии молиявӣ қадам гузоштааст. Дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4-уми ноябри соли 2000, №428 “Оиди меъёрҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ” ва дар асоси пешниҳоду ҳамкории Корпоратсияи Прагма (ЮСАИД) ва комиссияи корӣ оиди тайёр кардан ва ҷорӣ кардани меъёрҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар назди Вазорати молияи ҶТ бо фармони ин вазорат нақшаи счётҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ тасдиқ карда шуд. Бо пешниҳоди Вазорати молияи ҶТ аз 1-уми январи соли 2004 сар карда, новобаста аз шакли моликият ҳар як субъекти хоҷагидорӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар асоси нақшаи нави счётҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ташкил кардаанд. Нақшаи счётҳои аз тарафи Вазорати молияи ҶТ тасдиқгардида ба СБҲМ мутобиқ карда шуда аз шаш боб иборат аст:

Боби 1. Активҳо (10000)
Боби 2. Ӯҳдадориҳо (20000)
Боби 3. Сармояи худӣ (30000)
Боби 4. Даромадҳои амалиётӣ (40000)
Боби 5. Хароҷотҳои амалиётӣ (50000)
Боби 6. Даромадҳо ва хароҷотҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ (60000)

Мақсади асосии нақшаи нави счётҳои баҳисобгирии муҳосибӣ иборат аз таъмин кардани фаҳмиши ягона, истифодаи онҳо аз тарафи субъектҳои хоҷагӣ ва ҳамчун луғати тайёр барои тартиб додани амалиётҳои муҳосибӣ хизмат мекунад.

Дар масъалаи беҳтар кардани сифати тартиб додани ҳисобот солҳои охир аз тарафи Ҳукумати ҶТ, Вазорати молияи ҶТ чораҳои зиёд дида шудаанд. Гузаштан ба СБҲМ яке аз чорабиниҳои Ҳукумати ҶТ мебошад, ки он ба беҳтар намудани сифати ҳисобот, содаю мухтасаргардонии нишондиҳандаҳои он ва баланд бардоштани назорат оиди эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот иборат аст.

Ҳисобгирӣ аз он муҳите, ки дар он бурда мешавад, яъне аз оину анъанаҳои маданӣ, муносибатҳои иқтисодию ҳуқуқӣ, инчунин аз сохтори сиёсии мамлакат вобастагӣ дорад, ки онҳо ба ташкилкунии қоидаҳои миллии ҳисобгирӣ замина ба вуҷуд меоранд. Ширкатҳое ташкил мешаванд, ки дар якчанд мамолики ҷаҳон корхонаҳои худро доранд. Ин ва дигар

сабабҳо заминаи ташкилкунии системаи маълумотҳои ҳисобдорӣ дар сатҳи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ гардидаанд.

СБҲМ (International Accounting Standards) – маҷмӯи қоидаҳо (дастурамалҳо) оиди тартиби тайёркунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки ба нафъи ҷомеа қабул карда шудаанд. Ин низоми ҳисобгирӣ дар сатҳи байналмилалӣ амалкунанда мебошад.

СБҲМ аз ҷониби кумитаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ кор карда баромада шудааст.

Кумитаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ соли 1973 дар натиҷаи созишнома миёни ассотсиатсияҳо ва ташкилотҳои касбии муҳосибон ва аудиторони Австралия, Британияи Кабир, Олмон, Франсия, Ҳоланд, Ирландия, Канада, Мексика, ИМА ва Ҷопон ташкил карда шудааст.

Биржаи фондии Лондон барои ҳамаи ширкатҳои хориҷӣ, ки қоғазҳои қиматноки худро дар Лондон хариду фурӯш мекунанд, тавсия намуд, то СБҲМ-ро риоя намоянд.

Мақсади СБҲМ ба манфиати ҷомеа буда, аз коркардаборой ва нашри стандартҳои ҳисоботи молиявӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) иборат аст. Дар аввали соли 2001-ум дар 104 мамлакати олам 143 ташкилот аъзои СБҲМ буд, ки зиёда аз 2 млн. муҳосибонро намояндагӣ мекарданд. Яке аз мақсадҳое, ки кумитаи мазкур аз соли 1997 дар назди худ гузошт, ин дида баромадан ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ба соҳаи муҳосибӣ таъаллуқдошта мебошад. Қобили қайд аст, ки СБҲМ доимо дар инкишоф ва такмилёбӣ аст.

Агар дар замони гузашта вазифаи асосии муҳосиб ин бурдани ҳисобгирӣ ва счётҳо бошад, имрӯз дар натиҷаи афзун гардидани алоқаҳои хоҷагӣ, муносибатҳои берунии иқтисодии корхонаҳо, глобалигардонии муносибатҳои иқтисодӣ  бевосита ба ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ талабот доранд. Ҳоло муҳосибон натанҳо ҳисобу китоб, балки фаъолияти банақшагирӣ, назорат, таҳлилу аудит ва қабули қарорҳо оиди фаъолияти хоҷагидориро иҷро менамоянд. Ба ин назардошт дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи муҳосибиро кор карда баромаданд.

Федератсияи байналмилалии муҳосибон соли 1977 таъсис дода шудааст, ки дар ҳайати худ 156 ташкилотҳои муҳосибони миллиро аз 144 давлати ҷаҳон муттаҳид кардааст. Федератсияи байналмилалии муҳосибон ягона ташкилоти байналмилалие мебошад, ки намояндагии касбии муҳосибонро дар бар мегирад. Мувофиқи талаботҳои ин ташкилоти бонуфуз  барои муҳосибони касбӣ номгӯи фанҳои зерин омӯзиши асосӣ ба ҳисоб меравaнд:

- Баҳисобгирии молиявӣ;
- Баҳисобгирии идоракунӣ;
- Технологияи ахборотӣ;
- Аудит;
- Андозбандӣ;
- Молияи соҳибкорӣ;

Дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ аз соли 2003 бо донишгоҳу коллеҷҳои  олии иқтисодии ҷумҳурӣ омӯзиши фанни “Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ”, ба нақшаи таълим ихтисосҳои иқтисодӣ дохил карда шуд. Бо назардошти Қарори Ҳукумати ҶТ мактабҳои олии иқтисодӣ оиди тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи муҳосибот фанҳои зеринро бо назардошти стандартҳои байналмилалии ҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дохил карда шуд:

- Ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ);
- Асосҳои ҳуҷҷатгузории бухгалтерӣ;

Мувофиқи пешниҳоди Федератсияи байналмилалии бухгалтерон, ҳар як давлат метавонад дар мувофиқа бо характери иқтисодию иҷтимоиашон стандартҳоро қабул намоянд.

Аз ҳамин сабаб бисёр мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон стандартҳои милии худро кор карда баромада, онҳоро ба муҳити иқтисодии кишварашон мутобиқ месозанд. Масалан дар Англия 30 стандартҳои ҳисобгирии миллӣ, ИМА 160, Россия зиёда аз 20, дар Тоҷикистон 9 стандартҳои милии ҳисобгирии муҳосибӣ қабул карда шудааст.

Хулоса дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тайёр кардани муҳосибони касбӣ ҳаматарафа паҳн шуда истодааст. Ин таҷриба аллакай дар якчанд давлатҳо мушоҳида карда мешавад. Муҳосиби касбӣ бояд соҳиби сертификати касбӣ бошад. Дар Россия бо истифодаи ду нуқтаи назари омехта муҳосибонро тайёр мекунанд:

1. Тайёркунии муҳосибон дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус;
2. Тайёр кардани муҳосибони сертификати касбӣ дошта аз тарафи ассотсиатсияҳои муҳосибони касбӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёркунии мутахассисон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо усули омехта, ки Россия қабул кардааст, истифода мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе 2011с.
2. Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Молия ва ҳисобдорӣ» барои солҳои 2018-2019.
3. Гулмирзоев Д. Оймаҳмадов Г. «Менеҷменти молиявӣ» Душанбе. Маориф ва фарҳанг- 2004 с. – 360с.
4. Раҳимов З.А. Ятимов Х.М. Ҷураев Ш. Васоити таълимӣ аз фанни «Молия, муомилоти пул ва қарз» Душанбе -2006 с. - 304с.



***Абдураҳимов А.А. – н.и.и., дотсент***
***Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров***
***Баротов Ҳ.А. – ассистент***
***Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон***


## УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАҲЛИЛИ БОЗОРГИРИИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ фаъолияти босамарро амалӣ намудан ва ба ҳолатҳои муфлисшавӣ дучор нашудан донистани санъати идоракунии молияи корхона, муайянкунии сохтори сармоя аз рӯи сохтор ва манбаи ташаккули он, инчунин усулҳои муосири таҳлили ҳолати молиявии он зарур мебошад.

Тавозуни муҳосибӣ низоми нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи мавҷудияти воситаҳои хоҷагӣ ва сарчашмаи ташаккули онҳо бо ифодаи пулӣ дар санаи муайян буда, амволи корхона дар он мувофиқи сатҳи бозоргириашон тасвир карда мешаванд [3, саҳ.25].

Бозоргирӣ – аз забони лотинии (lIquIdItys- моеъ, ҷоришаванда) гирифта шуда маънои зуд ба пул табдил ёфтанро дорад.

Бозоргирӣ – Ин имконияти ба таври фаврӣ табдил додани дороиҳои корхона ба воситаҳои пулӣ мебошад

Бозоргирии тавозун – қобилияти ширкат, ки бо истифода аз дороиҳои худ ӯҳдадориҳояшро дар назди қарздеҳон рӯйпӯш менамояд.

Таҳлили бозоргирии баланс – ин муқоисаи дороиҳо, бо ӯҳдадориҳо, ки бо хусусияти суръати табдилёбӣ ба пул ва, хусусияти таъхирнопазирии пардохт (расидани мӯҳлати пардохт) гурӯҳбандӣ карда шудаанд мебошад[2,саҳ.175].

Истилоҳ ва ё ибораи бозоргирӣ бо объектҳои зерин алоқамандӣ дорад ва бо мақсади таҳлили бозоргирӣ нишондиҳандаҳои онҳо истифода мешаванд: Корхона; Бонк;Қоғазҳои қиматнок; Бозор; Пул;Тавозун.

Мавқеи муайянкунии сатҳи бозоргирӣ дар пешрафти фаъолияти корхона чунин мебошад, ки ҳар қадар сатҳи бозоргирӣ баланд гардад ҳамон қадар имкони пӯшонидани қарзҳо баланд аст ва ҳар қадар, ки паст гардад ҳамон қадар хавфи муфлисшавӣ баланд мегардад (ниг. расми 1).




**Расми 1.** Мавқеи бозоргирӣ дар пешрафти фаъолияти корхона

Чи тавре, ки аз таърифи таҳлили бозоргирии тавозуни муҳосибӣ бармеояд, моддаҳои тавозуни муҳосибӣ бо мақсади таҳлил аз рӯи суръати табдилёбӣ ба пул ва таъхирнопазирии пардохт гурӯҳбандӣ карда мешаванд, ки далели ин гуфтаҳоро дар расми зерин мушоҳида кардан мумкин аст (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии моддаҳои тавозун бо мақсади таҳлили бозоргирӣ***

| ДОРОИҲО (Суръати табдилёбӣ ба пул) | | | ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ (Таъхирнопазирии пардохт) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ифода | Д1 | Дороиҳои бештар бозоргир | Ифода | Ӯ1 | Қарзҳои пардохташон фаврӣ |
| | Д2 | Дороиҳои зудфурӯхташаванда | | Ӯ2 | Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат |
| | Д3 | Дороиҳои сустфурӯхташаванда | | Ӯ3 | Ӯҳдадорҳои дарозмуддат |
| | Д4 | Дороиҳои душворгузар | | Ӯ4 | Ӯҳдадориҳои доимӣ |

*Сарчашма: Коркарди муаллифон дар асоси адабиётҳо [2,5]

Бо мақсади таҳлили бозоргирии тавозуни муҳосибӣ иттилоот (маълумот) аз сатрҳои он гирифта мешавад, ки тавзеҳи онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад ва дар ҷадвали зерин самти дарбаргирии он пурра инъикос гардидааст (ниг. ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Самти дарбаргирии иттилооти таҳлили бозоргирӣ***

| Самти дарбаргирӣ | Сатрҳои тавозун | Самти дарбаргирӣ | Сатрҳои тавозун |
|---|---|---|---|
| Д1 - (воситаҳои пулӣ дар хазина, воситаҳои пулӣ дар суратҳисоб ва сармоягузории молиявии кӯтоҳмуддат) | 0.10<br>+0.20<br>+0.30 | Ӯ1 - (Қарзҳои кредитории тиҷоратӣ, ӯҳдадориҳои кӯтохмуддати қарзӣ) | 200<br>+210 |
| Д2 – (қарзҳои дебитории тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва қарзи муассисон) | 0.40<br>+0.50<br>+0.60 | Ӯ2 – (ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда, андозҳо барои пардохт, захираҳо барои пардохти хароҷоти рухсатӣ ва дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат) | 220<br>+230<br>+240<br>+250 |
| Д3 – (ЗММ, хароҷотҳои пешпардохтшуда ва дороиҳои ғайригардон барои фурӯш) | 0.70<br>+0.80<br>+0.90 | Ӯ3 – ӯҳдадориҳои дарозмуддат, даромадҳои мавқуфгузошташуда ва ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда | 260<br>+270<br>+280 |
| Д4 – (дороиҳои ғайригардон) | 198 | Ӯ4 - (сармояи худӣ) | 300 |

*Сарчашма: коркарди муаллифон дар асоси адабиётҳо [1,2,5]

Ҳангоми муайянкунии сатҳи бозоририи тавозуни муҳосибӣ риояи мувозинати нишондиҳандаҳои он барои корхонаву ташкилотҳо зарур мебошад зеро бо зери назорати доимӣ қарор додани сатҳи бозоргирии корхона имконияти ба муфлисшавӣ рӯбарӯ нашудани

корхона ба даст меояд. Дар расми зерин риояи мувозинати сатҳи бозоргирии тавозун оварда шудааст (ниг. расми 2).




**Расми 2.** Риояи мувозинати сатҳи бозоргирии тавозун

Ҳангоми риоя гардидани ҳолатҳои зикршуда ба таври мутлақ бозоргир будани тавозуни муҳосибӣ ифода мегардад[2,саҳ.179] вале ҳолатҳое вуҷуд дошта метавонанд, ки ин ё он нишондиҳандаи тавозун бо он мувофиқат намекунад ва аз ин лиҳоз барои равшани андохтан ба ҳолатҳои номувофиқи дар тавозун ба назар мерасида, нишондодҳои дар ҷадвали 3 овардашуда мувофиқи мақсад мебошанд (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3.Шаклҳои ҳолатҳои бозоргирии тавозуни муҳосибӣ***

| Ҳолатҳо | | | |
|---|---|---|---|
| Д1≥Ӯ1<br>Д2≥Ӯ2<br>Д3≥Ӯ3<br>Д4≤Ӯ4 | Д1<Ӯ1<br>Д2≥Ӯ2<br>Д3≥Ӯ3<br>Д4~Ӯ4 | Д1<Ӯ1<br>Д2<Ӯ2<br>Д3≥Ӯ3<br>Д4~Ӯ4 | Д1<Ӯ1<br>Д2<Ӯ2<br>Д3<Ӯ3<br>Д4>Ӯ4 |
| Бозоргирии мутлақ | Бозоргирии ҷоиз | Бозоргирии ташвишовар | Бозоргирии бӯҳронӣ |

***Сарчашма:** Коркарди муаллифон дар асоси адабиётҳо [4,5]

Читавре, ки дар ҷадвали 3 шаклҳои ҳолатҳои бозоргирии тавозунӣ инъикос ёфтаанд, ҳолати аввал бозоргирӣ мутлақ ҳисобида шуда, ҳолати охирон ин сатҳи бозоргирии бӯҳронӣ маҳсуб меёбад ҳолатҳои дуюм ва сеюм бозоргирии ҷоиз ва бозоргирии ташвишовар мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар маъхазҳои илмӣ ва таълимӣ усулҳои таҳлили бозоргирии тавозун бо нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ ҷудо карда мешаванд. Агар ба нишондиҳандаи мутлақи таҳлили бозоргирии тавозун бозоргирии ҷорӣ ва бозоргирии перспективӣ дохил шаванд, ба нишондиҳандаҳои нисбии он зарибҳои бозоргирии ҷорӣ, фаврӣ ва мутлақ мебошанд.

Усули таҳлили бозоргирии ҷорӣ бо нишондиҳандаи мутлақ қобилияти пӯшонидани қарзҳои корхонаро дар давраи ҷорӣ ифода менамояд, ки формулаи он чунин аст.

$$Бч=(Д1+Д2)-(Ӯ1+Ӯ2)$$

Бозоргирии минбаъда ва ё перспективӣ, ки қобилияти пӯшонидани қарзҳои корхонаро дар давраҳои оянда бозгӯй менамояд[2,сах.175] ва фомулаи он чунин аст:

$$Бм=Д3-Ӯ3$$

Зариби бозоргирии ҷорӣ ин қобилияти пардохти ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддатро бо дороиҳои гардон ифода менамояд ва формулаи он чунин аст.

$$Збҷ = \frac{ДГ}{ӮК}$$

- Дар ин ҷо:
- Збҷ – зариби бозоргирии ҷорӣ,

- ДК – дороиҳои кӯтоҳмуддат,

ӮК – ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат.

Зариби бозоргириии фаврӣ ин қобилияти ташкилотро оид ба конеъгардонии талаботи фаврии қарздориҳо муайян намуда, бо ин мақсад воситаҳои пулӣ, сармоягузорихои молиявии кӯтоҳмуддат ва қарздории дебиторӣ истифода мешаванд ки формулаи он чунин аст.

$$Збф = \frac{ВП + СМК + ҚД}{ӮК}$$

Дар ин ҷо: ВП – воситаҳои пулӣ, СМК- сармоягузории молиявии кӯтоҳмуддат,

ҚД- қарзҳои дебиторӣ.

Зариби бозоргирии мутлақ нишон медиҳад, ки чӣ қадар қарзи кӯтоҳмуддатро ташкилот дар ояндаи наздик аз ҳисоби воситаҳои пулӣ ва сармоягузории молиявии кӯтоҳмуддат пардохт карда метавонад. Формулаи он чунин аст.

$$Збм = \frac{ВП+СМК}{ӮК};$$

Дар ин ҷо: ВП – воситаҳои пулӣ,

СМК – сармоягузории молиявии кӯтоҳмуддат,

ҚД- қарзҳои дебиторӣ.

Таҳлили бозоргирии пурраи тавозун нишондиҳандаест, ки дараҷаи баргардонидани ӯҳдадориҳои корхонаро аз ҳисоби тамоми дороиҳои он ифода мекунад. Формулаи он чунин аст.

$$Б_{п}= \frac{(Д1 + \frac{1}{2} * Д2 + \frac{1}{3} * Д3)}{(Ӯ1 + \frac{1}{2} * Ӯ2 + \frac{1}{3} * Ӯ3)}$$

Он ҳамчун таносуби арзиши миёнаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳимов А.А., Муллоев Ф. Ақидаҳои назариявии бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дар таҳлили молиявии корхона // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ», Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ №1 (82), 2020 Хуҷанд, -245с., -С.55-61.
2. Ковалев В.В., Ковалев Вит. В. Анализ баланса или как понимат баланс: учеб.-практич. пособие. – М.: проспект, 2009. – 448 с.
3. Раҳимов С.Х., Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Китоби дарсӣ. (Нашри дуввум бо тағйиру иловаҳо), зери таҳрири н.и.и., дотсент САР Мирзоалиев А.А. – Душанбе: Ирфон, 2016 – 332 с
4. Шобеков М., Бобоев М.У., Ҷонбеков Т.Т. Ҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе, ҶДММ «Дақиқӣ», 2014. –265 с.
5. Бобоев М.У., Бобоева М.Р. Таҳлили молиявӣ: маҷмӯи масъалаҳо ва тестҳо. дастури таълимӣ. - Хуҷанд, Ношир, 2019. – 116 с.



***Нидоев П.Ф. - н.и.и., дотсент***

***Убайдуллоева М. А. – магистрант***

***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСИИИ НАЗОРАТИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гузариш аз як тарзи хоҷагидорӣ ба дигари он тақозо менамояд, ки таркиби хароҷотҳои истеҳсолӣ таҳлил ва баррасӣ карда шаванд. Инчунин ташаккул ва инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои мураккаб ва гуногунро ба миён овард, ки онҳо донишҳои амиқи иқтисодиро тақозо менамоянд. Таҳқиқи хароҷоти буҷет ба омӯзандаи он имконият медиҳад, ки хароҷотҳои умумии буҷети давлатро таҳлил намуда роҳу усулҳои самаранокии истифодаи онҳо муайян карда шавад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ барои пойдории давлат ҷойдошти як қатор соҳаҳои муҳим (маориф, тандурустӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа, мақомоти идораи давлатӣ, муассисаҳои динӣ ва ғайра) лозим аст, ки барои

фаъолияти мунтазами онҳо хараҷотҳои муайян зарур мебошад. Бинобар ин баъди таҳийяи буҷети давлатӣ самти хароҷот ба ин соҳаҳо муайян карда мешавад. Вобаста ба ин мақола бо унвони “Афзалиятҳои асосии хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи стратегияи мутавозуни буҷет” муҳимияти худро инъикос менамояд [10, с. 238-242]. Ташаккули хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои ягонагии сохтор, шакл ва усулу воситаҳои фаъолият, меъёрҳои ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ, ҳадди ақали таъминоти буҷетӣ, хароҷоти молиявӣ барои хизматрасониҳои давлатӣ, ки қонунгузории ҶТ муқаррар кардааст, асос меёбад.




Накшаи 1. Назорати хароҷотҳои буҷетӣ

Хароҷоти буҷет – маблағҳои худие мебошад, ки давлат дар ҳолати иҷроиши масъалаҳои пешниҳодшуда уҳдадориҳои худро ба зимма гирифта, онҳоро харҷ менамоянд.

Ин маблағҳои харҷшуда муносибати иқтисодии давлатро муайян карда, дар асоси он ҷараёни корфармоии воситаи фонди марказонидашуда ба гурӯҳҳо тақсим шуда, ба самтҳои лозимӣ фиристода мешавад.

Ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ - хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба шаҳрвандон беподошу бебозгашт бо роҳи маблағгузорӣ аз сатҳҳои мухталифи низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фондҳои мақсадноки давлатӣ ба андозаи ҳадди ақали имконпазиру муайян дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонба анҷом расонида мешаванд ва онҳоро давлат кафолат медиҳад.

Ҳадди ақали таъминоти буҷетӣ - арзиши ҳадди ақали имконпазири хизматрасонии давлатӣ ва маҳаллӣ, ки мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор дастрас мегардонанд. Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба аҳамияти иқтисодӣ ба хароҷоти ҷорӣ ва хароҷоти асосӣ тақсим мешавад. Ба гурӯҳ ҷудокунии хароҷоти ҷорӣ ва асосии буҷет тибқи гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Хароҷоти ҷорӣ - қисми хароҷоти буҷет, ки барои таъмини фаъолияти ҷории мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ муқаррар гардида, барои дастгирии сатҳҳои дигари низоми буҷети давлатӣ, соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот бо тариқи расонидани кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кӯмаки молиявӣ (субсидия) истифода мешавад. Ба хароҷоти ҷорӣ инчунин хароҷоте мансуб мебошанд, ки тибқи гурӯҳбандии буҷетӣ ба хароҷоти асосӣ дохил нашудааст

[10, с. 238-242]. Харацоти буцети Цумхурии Тоцикистон дар асоси нақшаи молияи давлатӣ бароҳ монда мешавад. Қисми асосии молияи Цумҳурии Тоцикистонро буцети давлатӣ ташкил медиҳад. Бо мақсади такмил додани банақшагирӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои молиявӣ, пурзӯр намудани назорат аз рӯи даромаду харочоти буцети давлатӣ, ҳамчунин идоракунии қарзи давлатӣ соли 1996 дар сохтори Вазорати молияи Цумҳурии Тоцикистон Сарраёсати хазинадорӣташкилкардашуд.

Дар шароити инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ яке аз вазифаҳои асосии сиёсати молиявӣ-буцетӣ ин идораи самаранокии маблағҳои давлатӣ бо воситаи механизми хазинадории ицрои буцет мебошад, ки имкон медиҳад маблағгузориҳои фаврии барномаҳои давлатӣ, назорати пурсамарро аз рӯи воридотҳо, истифодаи мақсаднок ва сарфакоронаи давлатӣ, инчунин риояи қоидаҳои қонунгузории молиявиро ба даст орем.

Тацрибаи цаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба усулҳои бозории идоракунии иқтисод яке аз чораҳои таъсирбахшиислоҳоти азими протсесси буцетӣ ин ташкили системаи хазинадорӣ мебошад. Кори бузурге оиди ислоҳоти системаи кӯҳнаи молиявии то он вақт амалкунанда дар пеш буд: пурзӯркунии сохтори ташкилӣ, созмони баъдан зарурии меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, механизмҳои нави ташаккул ва ицрои кассавии буцет. Дар марҳилаи аввал зери назорати системаи хазинадорӣ ташкилотҳои буцавии Цумҳуриявӣ гирифта шудаанд, ки аз буцети Цумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешуданд ва дар ҳудуди шаҳри Душанбе цойгир буданд. Дар тамоми Цумҳурӣ низоми хазинадорӣ ташкил карда шуда тамоми ташкилотҳои буцети барои маблағгузорӣ ба воситаи суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ гузаронида шуданд. Гурӯҳбандии буцет ба стандартҳои умумицаҳонӣ байналхалқӣ ва ба омори молияи давлатӣ цавобгӯ мебошад. Ба алоқамандии ин навовариҳо Цумҳурии Тоцикистон тавонист як миқдор шароити иқтисодиёти миллии худро хубтар намояд.Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣбисёр баландшуданд.

Аз рӯи андозаи инкишофи хазинадорӣ дар ин марҳила бисёре аз ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳои Цумҳурӣ ба системаи хазинадорӣ гузаштанд. Базаи ягонаи баҳисобгирии даромадҳо ва харочотҳо ба воситаи суратҳисоби воҳиди ягонаи хазинадорӣ ташкил карда шуд. Хазинадорӣ назоратро оиди ицроиши ботанзими буцети цумҳуриявӣ ва буцетҳои маҳалиро ба цо меорад. Ба ҳацм ва сохтори харочотҳои буцети давлатӣ пеш аз ҳама факторҳои гуногун таъсир мерасонанд аз цумла сохтори мамлакат, сиёсати дохила ва берунаи он, ҳацми умумии иқтисодиёт, сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, ҳацми сектори давлатӣ дар иқтисодиёт ва дигар факторҳо низ дохил мешаванд. Инчунин оиннома, намудҳои ҳисобот ва ҳисобгирӣ оиди даромадҳо ва харочотҳо ба воситаи хазинадории буцети давлатии Цумҳурии Тоцикистонтартиб додашудаҳоло бацоварда шудаанд.

Мувофиқи гурӯхбандии даромад ва харочотҳои буцети давлатӣ, ки дар асоси стандартҳои байналхалқӣ тартиб дода шудааст, ҳамаи харочотҳои буцети давлатӣ ба 2 гурӯҳи асосӣ цудо карда мешаванд:

1. Харочот барои иқтисодиёт;
2. Харочот барои адои қарзи давлатӣ ва ҳар гуна харочотҳои дигар.

Чунин тарзи ба гурӯҳҳо тақсим кардани буцети давлатӣ аз он вобаста аст, ки дар солҳои охир ҳацми қарзи давлатӣ пеш аз ҳама қарзҳои хорицӣ ниҳоят зиёд шуданд. Мувофиқи талаботи байналхалқӣ он давлате, ки қарзҳои хорицӣ доранд, бо фаворасии мӯҳлати баргардонии қарзҳо ҳар сол дар вақти муайян намудани харочоти буцети давлатӣ бояд дар навбати якум маблағи адои қарзи давлатӣ пешбинӣ намояду баъд харочотҳои дохилӣ гузаронад.

Харочоти буцети давлатӣ барои иқтисодиёт дар навбати худ аз якчанд гурӯҳҳо иборат мебошад:

- молиякунонии соҳаҳои хоцагии халқ;
- харочотҳо барои чорабиниҳои маданӣ-маишӣ ва ҳифзи ицтимоии аҳолӣ;
- харочотҳо барои нигоҳдории қувваҳои мусаллаҳ;
- харочотҳо барои идоракунии давлатӣ;
- ҳаргуна харочотҳои дигар барои иқтисодиёт.

Харочотҳои буҷети давлатӣ дар аввалҳои солҳои мустақилияти ҷумҳурӣ бо сабабҳои гуногуни объективӣ ниҳоят маҳдуд гардида буданд. Харочоти буҷети давлат барои молиякунонии хочагии халқ вобаста ба характери онҳо барои сармоягузорӣ ва барои пӯшонидани ҳаҷми афзоиши воситаҳои гардони корхонаҳо истифода мешаванд. Дар инҷо қисми асосиро харочотҳо барои сармоягузорӣ ташкил медиҳад. Вобаста ба истифодаи маблағҳои буҷет барои соҳаҳои хочагии халқ онҳо барои тараққиёти соҳаҳои саноат, хочагии қишлоқ, нақлиёт, савдо, алоқа, хочагиҳои манзилгоҳу коммуналӣ, хочагии роҳ ва ғайра ҷудо мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки аз буҷети давлат бевосита маблағ танҳо барои корхона ва ташкилотҳои давлатӣ ҷудо карда мешаванду халос.




Нақшаи 2. Модаҳои асосии харочот аз рӯи гурхбандии вазифавӣ (Функсионалӣ)

Харочоти буҷети давлат барои чорабиниҳои маданӣ-маишӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз гурӯҳҳои зерин иборатанд: маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва санъат, варзиш, таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон. Дар ҳаҷми умумии харочоти буҷети давлат барои ин соҳаҳо ҷои асосиро (зиёда аз 50%) харочот барои соҳаи маориф ташкил мекунад, ки он ҳама гуна шаклҳои таълимиро (муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, гимназия, омӯзишгоҳи касбӣ, колеҷҳо, мактабҳои миёнаи махсус, донишгоҳҳои олӣ ва ғайра) дарбар мегирад.

Харочот барои идоракунии давлат аз гурӯҳҳои зерин иборатанд:

1. Нигоҳдории сохторҳои давлатӣ (Дастгоҳи Президент ва намояндагони он дар маҳалҳо, Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз боло то поён, яъне вилояту ноҳияҳо ва сохторҳои дигари давлатӣ);

2. Нигоҳдории идоракунии давлатӣ (аз Девони Вазирон сар карда, ҳамаи вазорату кумитаҳо ва идораҳои иҷроиявӣ);

3. Нигоҳдории сохторҳои қудратӣ (Вазорати Корҳои Дохилӣ, Кумитаи Давлатии Амнияти Миллӣ ва Ҳифзи Сарҳадоти Давлатӣ, Кумитаи Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Гражданӣ);

4. Нигоҳдории прокуратура;

5. Нигоҳдории судҳо.

Харочоти асосӣ - харочоти буҷет, ки барои маблағгузории рушди фаъолияти сармоягузорӣ таъин гардидааст. Ба харочоти асосӣ инҳо дохил мешаванд:

-харочоте, ки тибқи барномаҳои сармоягузории тасдиқшуда барои маблағгузории шахсони ҳуқуқии амалкунанда ё аз нав таъсисёфта таъин шудааст;

- маблағҳое, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун қарз барои маблағгузории рушд дода мешаванд;

- хароҷоти вобаста ба таъмири асосӣ ва хариди воситаҳои асосӣ;

- хароҷоте, ки ҳангоми иҷрои он молу мулки мутаносибан ба моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ мансуббуда афзоиш меёбад;

- хароҷоти дигаре, ки тибқи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ ба хароҷоти асосӣ дохил карда шудааст.

Дар таркиби хароҷоти асосӣ мумкин аст фондҳои рушд таъсис дода шаванд.

Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зайл амалӣ карда мешавад:

- маблағҷудокунӣ барои таъмини ташкилотҳои буҷетӣ;

- маблағҳо барои пардохти мол (кор ва хизматрасони)-ҳое, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ иҷро мекунанд;

- интиқоли маблағ (трансферт)-ҳо ба аҳолӣ;

- маблағҷудокунӣ барои ҷуброни хароҷоти иловагӣ, ки вобаста ба қабули қарор аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ пеш меояд ва дар натиҷа боиси афзоиши хароҷот ё кам шудани даромад мегардад; қарзи буҷетӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла қарзи андоз, батаъхирандозӣ ва тамдиди мӯҳлат барои супоридани андозу пардохтҳо ва дигар ӯҳдадориҳо;

- мусоидати молиявӣ (субвенсия) ба шахсони ҳуқуқӣ;

- кӯмаки молиявӣ (субсидия) ва қарз ба шахсони воқеӣ;

- маблағгузории сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқии амалкунанда ва аз нав таъсисёбанда;

- қарзи буҷетӣ, кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), кӯмаки молиявӣ (субсидия) ба фондҳои мақсадноки давлатии сатҳҳои дигари низомибуҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарздиҳӣ ба давлатҳои дигар;

- маблағҳо барои хизматрасонӣ ва пардохти ӯҳдадориҳои қарзӣ, пардохти фоизи онҳо, аз ҷумла барои иҷрои кафолати мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Пешниҳодҳо оид ба такмили заминаи меъёрии ба танзим даровардани ташкили раванди иҷро ва баҳисобгирии хароҷоти буҷаи давлатӣ чунин бояд таҳия шаванд:

- асоснок кардани зарурати эҷоди як санади ягонаи меъёрӣ – тартиботи технологияҳои хазинадорӣ, ки иҷрои расмиёти иҷрои буҷети давлатиро дар хазинадории марказӣ танзим мекунад;

- таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои ташкилию методӣ дар асоси системаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии баҳодиҳии фаъолиятиХазинаи давлатӣ;

- қоидаҳои кор барои кормандон муайян карда шуда, таҳия карда шавад. Регламенти маъмурӣ барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ бояд маҷмӯи расмиёти маъмурӣ барои иҷрои тамоми ваколатҳои Хазинадории марказӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият намояд.

- тағироти меъёрии мӯҳлати расонидани ҳудуди ӯҳдадориҳои буҷетӣ;

- принсипҳои иҷрои технологияҳои хазинадорӣ қонунгузорӣ карда шаванд;

- дастур оид ба иҷро ва баҳисобгирии хароҷоти буҷети давлатӣ тағйир дода шудамундариҷаи баъзе моддаҳои он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ” мутобиқ карда шавад. Панҷ сатҳи асосии танзими ҳуқуқии баҳисобгирии буҷетӣ мавҷуд аст. Инчунин субъектҳо ва объектҳои баҳисобгирии буҷетӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои муфассали онҳо оварда шудаанд. Зарурати ташкили системаи ягонаи иттилоотӣ, ки дастрасии фосилавиро тавассути ноқил мустақим ба пойгоҳи додаҳои сохторҳои тобеи Хазинадории марказӣ бо мақсади ба даст овардани маълумотҳои оперативӣ ва дастгирии методологӣ, интиқоли иттилооти овозӣ тавассути каналҳои алоқа пешниҳод карда мешавад. Зарурати ҷорӣ намудани системаи сайтҳои интернетӣ дар тамоми мақомоти ҳудудии Хазинадории марказӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сохтори ягона, бо навсозии мунтазами манбаъҳои иттилоотии онҳо, назорати сифати идоракунии сайтҳо низ

асоснок карда мешавад. Зеро баланд бардоштани эътимоднокӣ ва "шаффофияти" ҳисобот тавассути тавозуни маъмурон ва гирандагони ҳисобҳои маблағҳои буҷетӣ инъикоси хароҷоти буҷетро ташкил менамояд.

Таҷрибаи фаъолият ва рушди системаи маблағгузории буҷетии дигар кишварҳо нишон медиҳад, ки кафолати назорат ва идоракунии самарабахши маблағҳои буҷетӣ мавҷудияти системаи иттилоотии давлатии молиявӣ мебошад, ки ҳамчун системаи интегралии компютерикунонидашудаи идоракунии умумии амалиёти молиявии давлат, аз ҷумла баҳисобгирӣ ва ҳисоботи онҳо ба шумор меравад. Барои сохтани чунин система, телекоммуникатсияи муосир, нармафзори ягонаи мақомоти хазинадорӣ, мутобиқати воситаҳои таҳияшуда ва захираҳои иттилоотӣ, коркарди ҳамоҳангшуда ва мубодилаи иттилоот дар заминаи муҳити нармафзори телекоммуникатсионии ҳамаи иштирокчиёни раванди буҷет лозим аст.

Татбиқи хулосаҳо ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф асосёфта дар асоси мақола заминаи воқеии идоракунии самарабахш, пешафти амалиёт ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷет аз ҷониби ҳамаи субъектҳои низоми хароҷоти буҷети давлатӣ барои иҷро ва баҳисобгирии хароҷоти буҷети давлатӣ фароҳам меорад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2020, № 1469.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» аз 18 июни соли 2008, №396.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» ш. Душанбе, 21 июли соли 2010, № 626.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 17 апрели соли 2002, №615.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 20 марти соли 2008, №374. 7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи Ҳисобии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 749.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 723.

9. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 17 сентябри соли 2012, № 901.

10. Абдуллаева М.Г. Особенности взаимодействия налоговой и бюджетной политики в Республике Таджикистан /М.Г. Абдуллаева //Экономика и предпринимательство. -2016. -№ 3-1(68). -С.238-242



***Курбанова С.М. – муаллими калон***

***Расулов Х.Н. – магистрант***

***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

Таҳлили вазъи молиявии ҶДММ “Саёҳати Роҳи Абрешим” дар асоси маълумотҳои ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) ба ҷо оварда мешавад. Ҳисоботи мазкури ширкат ахбори миқдориро оид ба се унсури муҳимтарини ҳисоботи молиявӣ - дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи корхона ҷамъбаст ва инъикос менамояд.

Тавозуни муҳосибӣ ҷадвале мебошад, ки дар он амволи корхона (дороиҳо) ва манбаъҳои бунёдшавиии онҳо (уҳдадориҳо ва сармояи худӣ) нишон дода мешаванд.

Тавозуни муҳосибии ширкат барои санаи муайян тартиб дода мешавад, ки одатан вай ба охири давраи ҳисоботӣ (моҳ, семоҳа, сол) рост омада, вазъи воситаҳои корхона ва манбаъҳои онҳоро дар лаҳзаи мазкур нишон медиҳад.

Тамоми амволи корхона ва манбаъҳои бунёдшавии онҳо дар тавозун дар шакли гуруҳбандишуда нишон дода мешаванд. Унсури асосии тавозуни муҳосибӣ моддаи тавозун мебошад, ки ба намуди амвол, уҳдадорӣ ва сармоя мувофиқ аст. Моддаи тавозуни муҳосибӣ гуфта,

сатри тавозун фаҳмида мешавад, ки намуди амвол, уҳдадорӣ ва сармояро тавсиф медиҳад. Моддаҳои тавозун вобаста аз муҳтавои иқтисодиашон дар гурӯҳҳо ва гурӯҳҳо бошанд дар бобҳо муттаҳид карда мешаванд.

Дар амалия одатан амволи корхона доройӣ (актив), тарафи тавозун, ки онҳоро нишон медиҳад активи тавозун номида мешавад; уҳдадориҳо ва сармояи худии корхона пассив ном дошта, тарафи тавозуни муҳосибӣ, ки онҳоро нишон медиҳад пассиви тавозун номида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳам уҳдадориҳо ва ҳам сармояи худӣ бо маънии умум уҳдадорӣ мебошанд: уҳдадориҳо – манбаъҳои бегонаи бунёдшавии дороиҳо буда, корхона уҳдадор аст, ки онҳоро ба соҳибонашон баргардонад; сармояи худӣ – манбаъҳои худии бунёдшавии дороиҳо буда, корхона уҳдадор аст, ки онҳоро ба соҳибони худ (муассисон, саҳмиядорон) баргардонад.

Моддаҳои дороиҳои тавозун нишон медиҳанд, ки амволи корхона чӣ ҳастанд ва ба чӣ гузошта шудаанд. Моддаҳои уҳдадориҳо ва сармоя нишон медиҳанд, ки кадом қисми амволи корхона аз ҳисоби манбаъҳои худии корхона ва кадом қисмаш аз ҳисоби манбаъҳои ҷалбгардида (қарзӣ, бегона) бунёд гардидааст.

Ҳама унсурҳои тавозуни муҳосибӣ байни ҳамдигар алоқаманд буда, амсилаи тавозунро бунёд менамоянд [1]/

$$Д - У = С,$$

дар ин ҷо: Д – дороиҳо; У – уҳдадориҳо; С– сармояи худӣ.

Амсила ба таври айёнӣ нишон медиҳад, ки сармояи худии корхона чун қисми дороиҳое баромад мекунад, ки барои пӯшонидани уҳдадориҳо нигаронида нашудаанд.

Амсилаи тавозунро метавон дар чунин шакл ифода намуд:

$$Д = У + С$$

Фоида (зарар) чун натиҷаи фаъолияти хоҷагидории корхона қисми таркибии сармоя буда, ба бузургии он таъсир мерасонад. Фоида (зарар) – фарқи байни даромадҳо ва хароҷоти корхона мебошад. Ба ин хотир амсилаи тавозун чунин намудро мегирад:

$$Д = У + С + Др - Хр,$$

дар ин ҷо: $Др$ – даромадҳо, $Хр$ - хароҷот.

Вазъи молиявии ширкат – ин мафҳуми иқтисодие мебошад, ки вазъи сармояро дар раванди гирдгардиши он ва тавонойии субъекти хоҷагидориро барои рушд ёфтан дар лаҳзаи муқарраргардидаи вақт ифода мекунад.

Таҳлили вазъи молиявии ҶДММ “Саёҳати Роҳи Абрешим” дар асоси тавозуни муҳосибӣ дар ошкоркунии омилҳои асосии ба беҳбудии молиявии ширкат таъсиррасонанда аҳамияти калон дорад.

Тавозуни муҳосибӣ имконият медиҳад, ки самаранокии ҷойгиркунии сармоя, кифоягии он барои фаъолияти хоҷагидории ҷорӣ ва оянда, андоза, сохтор ва самаранокии истифодабарии манбаъҳои ҷалбгардида баҳо дода шавад. Дар асоси ахбори тавозун истифодабарандагони берунӣ метавонанд қарорҳоро оид ба мақсаднокӣ ва шароитҳои пешбурди корҳо бо корхонаи мазкур чун бо шариккор қабул намоянд; қарзгардонидатавонии корхонаро чун қарзгиранда баҳо диҳанд; таваккалҳои эҳтимолии гузоришҳои худ, мақсаднокии харидорӣ намудани саҳмияҳо ва дороиҳои ширкати мазкурро баҳо диҳанд.

Барои баҳодиҳии вазъи молиявии ҶДММ “Саёҳати Роҳи Абрешим” таҳлили амудӣ (сохторӣ)-и дороиҳо ва манбаъҳои бунёдшавии онҳо (уҳдадориҳо ва сармояи худӣ) аҳамияти бузург дорад. Чунончи, таносуби байни сармояи худӣ ва ҷалбгардида дар мавриди ба манфиати сармояи худӣ будан аз худмухторӣ ва устувории молиявии корхона гувоҳӣ медиҳад. Таҳлили трендии моддаҳои алоҳидаи тавозуни муҳосибӣ дар муддати вақти нисбатан тулонитар бо истифодабарии усулҳои махсуси риёзиву иқтисодӣ (афзуншавии миёна, суръати зиёдшавии миёна, муайян намудани функсияҳои шарҳдиҳандаи рафтори моддаи мазкури тавозун ва ғ.) барои таҳрир намудани стратегияи молиявии ширкат ва муайянсозии пешомадҳои вазъи молиявии он аҳамияти махсус дорад.

Вазъи молиявии ширкат метавонад устувор, ноустувор (пешазбуҳронӣ) ва буҳронӣ бошад. Тавонойии ширкат барои ҳамзамон ба ҷо овардани пардохтҳо, молиякунонии

фаъолияти густурдаи худ, нигоҳ доштани пардохттавонии худ дар ҳолатҳои номусоид аз вазъи молиявии устувори он гувоҳӣ медиҳад ва баръакс.

Бо мақсади иҷро намудани таҳлили умумии вазъи молиявии ширкат тавозуни таҳлилӣ (қиёсӣ) тартиб дода мешавад, ки вай нишондиҳандаҳои асосии муттаҳидкардашудаи тавозун, сохтор, динамика ва динамикаи сохтории тавозунро дар бар мегирад. Дар асоси чунин тавозуни нишондиҳандаҳояш муттаҳидкардашуда таҳлили динамика ва сохтори амволи ширкат ба ҷо оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани тавозуни таҳлилии қиёсӣ метавон якчанд моддаҳоро вобаста ба ҳамсонӣ ва наздикии моҳияти унсурҳояшон муттаҳид намуд. Дар ин маврид шумораи моддаҳои тавозун кам карда шуда, айёнияти он баланд мешавад. Ин имконият медиҳад, ки тавозуни ширкати мазкур бо тавозунҳои ширкатҳои дигар муқоиса карда шавад.

Методикаи баҳодиҳии вазъи дороиҳои ширкат ва манбаъҳои бунёдшавии онҳо чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегирад:

- таҳлили уфуқӣ, ки ба омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳо ва муайянкунии тағйиротҳои мутлақ ва манфии онҳо асос меёбад;

- таҳлили амудӣ, ки сохтори дороиҳо ва манбаъҳои бунёдшавии онҳоро меомӯзад. Дар рафти таҳлили амудӣ вазни қиёсии моддаҳои алоҳида дар ҷамъбасти тавозун муқаррар карда мешавад.

Ҷамъбасти тавозун маблағи воситаҳои дар ихтиёри корхона қарордоштаро ба таври тақрибӣ баҳо медиҳад. Ин баҳо маблағи воқеии воситаҳои пулиро, ки аз ҳисоби амвол, масалан, дар мавриди барҳамдиҳии корхона метавон ба даст овард, ифода намекунад, чунки баҳои ҷории дороиҳоро вазъи бозор муайян менамояд ва вай метавонад аз баҳои баҳисобгирии онҳо фарқ кунад.

Бевосита аз тавозуни муҳосибӣ чунин ҷиҳатҳои тавсифи вазъи молиявии корхона ба даст оварда мешаванд:

- арзиши умумии дороиҳо;
- бузургии умумии дороиҳои гардон;
- маблағи воситаҳои пулии озод ва инвеститсияҳои ҷорӣ;
- бузургии қарздории дебитории ҷорӣ ва ғайриҷорӣ;
- арзиши дороиҳои ҷории моддӣ (захираҳои моливу моддӣ, ашёҳо);
- арзиши воситаҳои ба сармояи асосӣ ва дигар воситаҳои ғайригардон гузошташуда;
- бузургии инвеститсияҳои дарозмуҳлат;
- бузургии сармояи ҷалбгардида;
- бузургии сармояи худии корхона;
- ахбор барои ҳисобкунии коэффисиентҳои тавсифдиҳандаи бозоргирии дороиҳо, пардохттавонӣ ва устувории молиявии корхона.

Аз рӯи тавозун сохтори дороиҳо ва тағйиротҳои дар давоми давра дар он рӯхдодаро таҳлил намуда, бояд ба чунин ҷиҳатҳо диққат дод: суръати зиёдшавии дороиҳои гардон, сохтори дороиҳои гардон, суръати зиёдшавии дороиҳои ғайригардон, муқоисакунии суръатҳои зиёдшавии дороиҳои гардон ва дороиҳои ғайригардон.

Манбаи зиёдшавии дороиҳои гардон инҳо буда метавонанд:

- афзоиши сармояи гардони худии корхона;
- афзоиши қарздориҳо аз рӯи қарзҳои бонкӣ ва вомҳо;
- афзоиши қарздории кредиторӣ;

Сабабҳои камшавии дороиҳои гардон инҳо буда метавонанд:

- гузоришҳои молиявии дарозмуҳлат;
- сохтмони нотамом;
- камшавии қарздориҳо аз рӯи қарзҳои бонкӣ ва вомҳо;
- камшавии қарздории кредиторӣ.

*Пардохттавонии корхона* чун нишондиҳандаи берунии устувории молиявӣ баромад мекунад. Вай имконияти пӯшонидани ҳама уҳдадориҳои беруниро бо мурури расидани муҳлатҳои баргардонидани онҳо, тавонойии интизории дар ниҳоят баргардонидани қарздорӣ

мебошад. Пардохттавонӣ дар корхона мавҷуд будани воситаҳои пулӣ ва муродифҳои онҳоро, ки барои пӯшонидани қарздориҳои кредитории фавран баргардонидашаванда басандаанд, ифода мекунад.

Пардохттавонӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини натиҷанокии фаъолияти корхона мебошад. Вай муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаро бо шарикон, бонкҳо, буҷети давлат муайян менамояд. Нишондиҳандаҳои пардохттавонӣ дар баҳодиҳии вазъи молиявии корхона ниҳоят муҳим мебошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Ойев Н.А., Бобиев И.А., Алиев О.М., Каримов Б.Ҳ. Таҳлили ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, Ирфон, 2015 – 220 с.
2. Курбангалеева О. Туризм по правилам бухучета // Расчет, 2006, №7

*Абдулхайров Ф.М.*
*Обидов Ҷ.А.*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР СУБЪЕКТҲОИ ИҚТИСОДӢ

Бо мақсади таъмини риояи қонунгузорӣ, самаранокии низоми назорати дохилӣ ва баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар фаъолияти дилхоҳ субъекти иқтисодӣ зарурати таъсис додани хизмати аудити дохилӣ пеш меояд. Воқеан, чорабиниҳои санҷишию баҳодиҳие, ки аз ҷониби аудиторони дохилӣ гузаронида мешаванд, барои татбиқи нақшаҳои стратегии корхона шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Аудити дохилӣ барои муайян ва ошкор кардани самтҳои афзалиятноки фаъолияти корхона аз тариқи татбиқи бандҳои нақшаи тақвимӣ мусоидат менамояд. Чунки аудити дохилӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши субъектҳо анҷом дода мешавад, фаъолияти мустақил ва объективӣ мебошад.

Супоришҳои муайян, ки барои гузаронидани таҳқиқоти аудиторӣ, бо роҳи амалӣ намудани чорабиниҳои санҷишӣ ва ё машваратӣ иборат мебошад, супориши аудити дохилӣ мебошад. Мақсадҳои супориши аудитӣ аз таъмини хулосаи воқеӣ ва мустақил оид ба фаъолият ва натиҷаҳои ҷараён, низом ё ҷузъиёти дигаре, ки аудит онҳоро фаро гирифтааст, иборат мебошад.

Супориши аудитӣ дар намуди аудити низом, аудити мувофиқат ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аудити молиявӣ, аудити фаъолият ва аудити технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд [2, с.21].

Ёрии машваратӣ дар фаъолияти хизмати аудити дохилӣ яке аз намудҳои муҳими хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад, ки бо роҳи пешниҳоди тавсияву хулосаҳо, изҳори ақидаҳо, омӯзиш ва дигар тавзеҳот, ки барои инкишофи ҷараёни идоракунӣ ва назорати таваккал мусоидат менамоянд, дар назар дошта мешаванд.

Аудиторони дохилӣ дар заминаи як қатор принсипҳо ва меъёрҳо фаъолияти худро ба роҳ мемонанд, аз ҷумла: мустақилиятӣ; беғаразӣ; салоҳиятнокӣ; зарурии касбият; бовиҷдонӣ; масъулиятокӣ ва махфият [1, с.3].

Бояд қайд намуд, ки аудити дохилӣ имкон дорад дар ҳолатҳое, ки аз нигоҳи расму анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқ фарқ мекунанд, дар ташкилотҳое, ки таъйинот, андоза, мураккабии кор ва сохторашон фарқият дорад, ҳам аз тарафи кормандони худи ҳамон ташкилот ва ҳам аз тарафи кормандони берунӣ гузаронида шавад. Азбаски ин фарқиятҳо имкон дорад таъсири хусусиятхои худро ба амалияи аудити дохилӣ дар ин ё он ҳолат расонад, бинобар ин, риояи стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ заминаи асосии иҷрои уҳдадориҳои аудиторони дохилӣ ба ҳисоб мераванд.

Аудитори дохилӣ метавонад стардартҳоеро, ки аз тарафи ташкилотҳои бонуфуз коркард шудааст, истифода баранд, дар ҳолате, ки дар ҳисоботҳои худ он маълумотро нишон дода бошанд. Агар байни талаботҳои стандартҳо ва дигар меъёрҳои эътирофшуда фарқият мавдуд бошад, онгоҳ аудитори дохилӣ бояд ба талаботҳои стандартҳо ҷавобгӯй бошад, инчунин метавонад талаботҳои дигар стандартҳоро иҷро намояд, агар онҳо тавсифи ҷиддӣ дошта бошанд.

Мақсади стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ инҳо мебошанд: муқаррар кардани принсипҳои асосии амалияи аудити дохилӣ ва таъмин намудани заминаҳои консептуалӣ барои пешниҳод намудани маҷмӯи васеъи хизматҳо дар соҳаи аудити дохилӣ, ки ба такмил додани фаъолияти корхона равона карда шудааст ва ғ.

Аудитори дохилӣ бояд барои маълум кардани нишонаҳои қаллобӣ дониши кофӣ дошта бошад, инчунин дониши ӯ бояд барои баҳо додани он, ки ташкилот чи тавр хафвро идора мекунад, басанда бошад [3, с.23]. Аудиторони дохилӣ бояд дорои донишиҳои кофӣ оид ба хавфҳои асосӣ ва усулҳои назорат, ки бо технологияҳои иттилоотӣ вобастагӣ доранд, дошта бошад. Инчунин усулҳои автоматикунонии аудитиро дар хаҷми лозима барои иҷрои вазифаҳои додашуда истифода карда тавонанд. Ҳамзамон, дар назар дошта намешавад, ки ҳамаи аудиторони дохилӣ салоҳияти аудиторӣ доранд, ки вазифаи асосии онҳо аудити технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Аудиторони дохилӣ уҳдадоранд донишу малака ва муқаррароти касбии худро истифода баранд. Муносибати касбӣ ба кор маънои онро надорад, ки аудитор ба содир кардани хато ҳуқуқ надошта бошад.

Аудитори дохилӣ бояд ба кор муносибати касбӣ зоҳир намуда, объектҳои зеринро баҳо диҳад:

- хаҷми коре, ки барои ноил гардидани мақсадҳои супориши аудиторӣ зарур мебошад;
- мураккабӣ, моҳият ва аҳамияти нисбии масъалаҳое, ки нисбат ба онҳо кафолат дода мешаванд;
- мутобиқат ва самарабахшии равандҳои идоракунии хавфҳо, назорат ва идоракунии корпоративӣ;
- эҳтимолияти хатогиҳои ҷиддӣ, таҳрифот ё риоя накардани қоидаҳо;
- маблағе, ки дар муқоиса бо фоидаи эҳтимолӣ барои додани кафолати аудиторӣ сарф мешавад.

Мо чунин мешуморем, ки барои изҳори муносибати касбӣ ба кор, аудитори дохилӣ бояд имконияти истифода намудани усулҳо ва воситаҳоро, ки аз технологияҳои компютерӣ асос ёфтаанд, инчунин дигар усулҳои таҳлилии маълумотро баррасӣ намояд.

Аудитори дохилӣ бояд ба вуҷуд доштани хавфҳои ҷиддӣ, ки метавонанд ба фаъолият ва ё захираҳои ташкилот таъсир расонанд, барои баҳодиҳӣ омода бошад. Аудиторони дохилӣ бояд донишу малака ва сатҳи тахассусии худро ба таври мунтазам такмил диҳанд.

Роҳбари аудити дохилӣ уҳдадор аст, ки барномаи кафолат ва баланд бардоштани сифатро, ки тамоми намудҳои фаъолияти аудити дохилиро дар бар мегирад, таҳия ва дастгирӣ намояд. Барномаи кафолат ва баланд бардоштани сифат бо мақсади таъмини баҳодиҳии мутобиқати аудити дохилӣ ба муқаррароти аудити дохилӣ ва стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ таҳия карда мешавад.

Баҳодиҳии дохилии фаъолияти касбии аудитори дохилӣ бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад: а) мушоҳидаи пай дар пайи фаъолияти аудити дохилӣ; б) тафтиши давра ба давра, ки аз тарафи кормандони хизмати аудити дохилӣ бо роҳи худбаҳодиҳӣ ва ё аз тарафи кормандони дигари ташкилот, ки дорои донишу таҷрибаи аудити дохилӣ мебошанд, гузаронида мешавад [4, с. 42].

Ҳамин тавр ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки хадамоти аудити дохилӣ бояд барои иҷрои корҳое мусоидаткунанда бошад, ки пешрафти фаъолияти корхона аз натиҷаи онҳо вобаста бошанд. Вобаста ба ин ҳолат, чунин мешуморем, ки аудиторони дохилӣ бояд дар рафти фаъолияти корӣ, алалхусус ҳангоми иҷрои супоришҳои машваратдиҳӣ муносибати касбӣ нишон диҳад ва ҳолатҳои зеринро баҳо диҳанд:

- эҳтиёҷот ва умеду боварии муштариён, аз ҷумла хусусият, муҳлат ва тарзҳои пешниҳоди ҳисобот дар бораи натиҷаҳо;

- мураккабии нисбии кор ва ҳаҷми он, ки барои ноил гардидани мақсадҳои супориши аудиторӣ заруранд;

- маблағе, ки дар муқоиса бо фоидаи эхтимолӣ барои хизмати машваратдиҳӣ сарф мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудитории дохилӣ дар сохторҳои давлатӣ”,№ 631 аз 21.07. 2010 с. http:www.mmk.tj

2. Бурцев В.В. Внутренний аудит компании: вопросы организации и управления // Финансовый менеджмент. - 2003. - №4. - С. 20-24.

3. Методика проведения внутреннего аудита системы менеджмента каче-ства на предприятии// Современный капитал. - 2003. - №9. - С. 22- 25.

4. Новицкий А.Л. Вну тренние аудиты. Что дает форма отчета? / Боло-тина Т. Э. // Методы менеджмента качества. - 2005. - N 1. - С. 41-44.

***Досиев М.Н.***
***Ҳасанов Т.Л.***
***Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## *ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ ҲОЛАТИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР КОРХОНАҲО*

Дар шароити муосир аудити низоми баҳисобгирии муҳосибӣ аз санҷиши талаботи қонунгузории амалкунанда, ҳуҷҷатҳои батанзимдарории меъёрии фаъолияти аудиторӣ, инчунин аз майлу хоҳиши мизоҷон вобаста буда, одатан омӯзиш ва таҳлили тавозун, ҳисобот оид ба фоида ва зарар, замимаҳо ба шаклҳои ҳисоботӣ, навиштаҷоти шарҳиро (дар қисмати санҷиши риояи принсипи доимияти ҳисоботи муҳосибӣ аз тарафи корхона) дар бар мегирад.

Аудитор бояд ҳаққонияти маҳдудиятҳои корхонаро дар ҳуқуқи моликият ба дороиҳо, дараҷаи эътимоднокии кафолатҳо, маълумотҳоро нисбати уҳдадориҳо, дараҷаи боваринокии дороиҳои шартӣ ва уҳдадориҳое, ки миқдоран баҳо дода шудаанд, асоснокии маблағҳои қабулшудаи уҳдадориҳоро ба ҳисоби хароҷоти асосии дарпешистода санҷида барояд.

Ҳангоми санҷиши маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисобот мавҷудият ва ҳолатҳои зерин бояд таҳлил карда мешаванд [1, с. 114]:

- мавҷудияти моликият (воситаҳои асосӣ ва маблағузориҳо, захираҳо ва хароҷотҳо, дороиҳои ғайримоддӣ);
- мавҷудияти дигар дороиҳои дарозмуддат (сармоягузориҳои дарозмуддат, маблағузориҳо ба корхонаҳои фаръӣ);
- васоити пулӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ва дороиҳои дигар (хазина, суратҳисоб, рақами арзӣ, коғазҳои қиматнок ва маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат, ҳисоббаробаркуниҳо бо ишгироккунандагон, истифодабарии васоити қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва дебиторон);
- уҳдадориҳои дарозмуддат (сармояи оинномавӣ, хӯрдашавии моликият фондҳои махсус ва захираҳо);
- қарзҳо ва дигар амалиётҳои қарзӣ;
- ҳисоббаробаркуниҳо ва уҳдадориҳои дигар (ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторон, буҷет, мақомоти суғурта, коркунони корхона);
- пассивҳои дигар.

Ҳангоми санҷиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба дуруст муайянкунии натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона омӯзиши чунин самтҳо зарур аст:

- нархи фурӯши маҳсулот (кор, хадамот, даромади умумӣ);
- хароҷоти истеҳсолии маҳсулот (муомилот);

- натиҷаҳои фурӯши ғайр;
- даромад ва хароҷотҳо аз амалиётҳои ғайрифурӯшӣ, аз ҷумла бо коғазҳои қиматнок ва иштироки ҳиссавӣ ба нақша гирифта мешаванд.

Ҳангоми аудити баҳисобгирии муҳсибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дида баромадани дурустии саптҳои муҳосибӣ, дуруст тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, тартибдиҳии тавозун, ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявӣ зарур мебошад.

Дар рафти аудити баҳисобгирии муҳосибӣ чорабиниҳои санҷишӣ ҳамаи амалиётҳо ва ҳуҷҷатҳои зеринро фаро мегирад:

- шартномаву амалиётҳои калоне, ки дар охири давраи ҳисоботӣ ба қайд гирифта шудаанд;
- нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ, коэффитсиентҳо ва рақамҳои назоратӣ, ки аз рақами миёнаи барои 5 соли охир ҳисобкардашуда фарқи куллӣ доранд;
- вазъияти ғайриқаноатбахши воситаҳои гардон;
- далелҳои муқарраршуда оид ба зарурияти беасоси афзоиши даромадҳо барои нигоҳдории нархи саҳмияҳо шаҳодатдиҳанда;
- сабабҳои даъвоҳои судӣ ба корхона, хусусан вобаста ба даъвоҳои саҳомон;
- истифодабарии шаклҳои гуногуни ҳисобот дар қисматҳои корхона ва ғайра.

Ҳангоми санҷиши истифодабарии фоида пардохтҳоро ба буҷет барои 3-5 сол, ҳиссаҷудокуниҳоро ба фонди захиравӣ (суғурта), гузаронидани фоидаро ба фондҳои андухт, истеъмол, мақсадҳои хайрандешӣ ва ба ин монанд таҳлил мекунанд. Инчунин диққати махсус бояд ба таҳлили қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ, динамикаи маблағгузориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат дода мешавад.

Ҳангоми тафтиши баҳисобгирии муҳосибӣ лозим аст, ки санадҳои меъёрии фавқуззикр, шакли ташкили ҳисобдорӣ ва маълумоти барӯйхатгириро, ки пеш аз таҳияи ҳисоботи солона анҷом ёфтааст, ҳамчун дастурамал қарор диҳад [2, с. 223].

Дар рафти санҷиш ҳар як моддаи тавозун бояд дар охири сол бо натиҷаҳои барӯйхатгирии дақиқ тасдиқ гардад. Тамоми фарқиятҳо, ки бо маълумоти барӯйхатгирӣ ошкор шудаанд, бояд ислоҳ карда шаванд ва дар сабткунакҳои зарурии баҳисобгирӣ то пешниҳоди ҳисобот ба истифодабарандагон инъикос ёбанд. Маблағи моддаҳои тавозун ҳисобу китоб бо мақомоти молиявӣ–андозситонӣ бояд мавриди тафтиш қарор дода шавад.

Ҳангоми тафтиши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бояд дурустии баҳодиҳии моддаҳои тавозун, ҳисоби натиҷаҳои молиявӣ, мувофиқи маълумоти ҳисоботи ҳаракати сармоя, воситаҳои пулӣ ва маълумоти замимаи тавозуни ҳисобдорӣ тафтиш карда шавад. Пас аз ин маълумоти ҳисобгирии куллӣ ва ҷузъии ҳамаи ҳисобҳо, алоқамандии онҳо ва мувофиқати маълумоти китоби асосӣ ва шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар рафти тафтиши ҳисоботи солона инчунин нишондиҳандаҳои ҳисоботи семоҳа ба мақсади муқаррар кардани хатогиҳои истеҳсолӣ ва ислоҳи онҳо таҳлил карда мешаванд.

Санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ дар навбати аввал тафтиши мутобиқати тартибдиҳии шакли ҳисоботи субъекти иқтисодӣ ва ҳамчунин ҳамаи ҳуҷҷатҳо, эъломия (деклорация), маълумотнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро бо қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар бар мегирад.

Мақсади асоси аудити баҳисобгирии муҳосибӣ аз он иборат аст, ки то кадом андоза тасдиқи дурустии ҳисоботи муҳосибӣ бо қонунҳои амалкунанда мутобиқат менамояд.

Санҷиши аудитории низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи субъекти иқтисодӣ бо гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1. Тавозуни муҳосибӣ (ш.№1);
2. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ (ш.№2);
3. Ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ (ш.№3);
4. Ҳисобот оид ба тағйиротҳо дар сармоя (ш.№4).

Тамоми қоидаҳое, ки оид ба аудит то ба имрӯз оварда шудаанд, моҳиятан ба санҷиши сифати маълумоти ҳисобдорӣ ва мувофиқати онҳо ба санадҳои меъёрии амалкунанда ишора мекунанд. Дарвоқеъ мақсади асосии аудит низ (махсусан аудити ҳатмӣ) ҳамин аст.

Санҷиши объектҳои гуногуни назорат, ки тибқи барнома ва нақшаи аудит анҷом дода шудааст, имкони ҷамъоварии миқдори кофии далелҳои санҷиши аудиториро барои баҳои пурра ва ҳаққонияти нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ фароҳам меорад.

Дар ин давра аудит ба таври илова мувофиқати тарзи бадастовардан ва мазмуни нишондиҳандаҳои ҳисобот ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тарзи мураттаб сохтану пешниҳод кардани шаклҳои ҳисоботро танзим мекунад, таҳлил карда мешавад.

Ҳисоботи ҷамъбастии муҳосибии корхона ҳамчун қоида аз аудитор омӯзиши бодиққатро талаб менамояд. Онро аз рӯи намудҳои асосии фаъолият тартиб додан мувофиқи мақсад аст, аз ҷумла: саноат, сохтмон, савдо ва дигар бахшҳое, ки ба корхонаҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои марбута вобастаанд [3, с. 243]. Ҳангоми тафтиши шаклҳои ҳисоботи ҷамъбастии солона аудитор бояд дар асоси қоидаҳои муқарраршуда якҷоя инъикосёбии нишондиҳандаҳои ҳисобдории корхонаҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои вобастабударо мавриди санҷиш қарор диҳад, ба шарте, ки сиёсати баҳисобгирии қабулшуда ягона бошад.

Чунончи, нишондиҳандаҳои дороиҳо ва уҳдадориҳои ҷамъияти асосиро бо ҷамъиятҳои фаръӣ ҷамъ кардан зарур аст. Агар саҳми ҷамъияти асосӣ дар сармояи оинномавии ҷамъияти фаръӣ аз 50 фоиз кам бошад, он гоҳ нишондиҳандаҳои дороиҳо ва пассивҳои ин ҷамъияти фаръӣ дар асоси саҳми ҷамъияти асосӣ ва сармояи оинномавии он ташкил меёбанд. Нишондиҳандаҳои тавозун ва ҳисоботи натиҷаҳои молиявӣ, ки ҳисоббаробаркуниҳои мутақобилаи (байниҳамдигарӣ) ва уҳдадориҳои ҷамъияти асосӣ ва фаръӣ, инчунин ҳаҷми фурӯши мутақобила байни онҳоро инъикос менамоянд, ба ҳисоботи ҷамъбастӣ дохил карда намешаванд.

Фоидаи ҷамъияти асосӣ (саҳомӣ) ва фаръӣ ҷамъ карда мешаванд. Дар ҳисобот танҳо ҳаққусаҳмҳое, ки ҷамъияти фаръӣ ба ҷамъияти асосӣ муайян кардааст (бо усули ҳисобкунӣ), нишон дода мешаванд. Ҳаққусаҳмҳое, ки ҷамъияти фаръӣ ба ҷамъияти асосӣ пардохтааст, дар ҳисоботи ҷамъбастӣ инъикос намеёбанд. Ҳамин тавр, сармоягузории ҷамъияти асосӣ ба ҷамъияти фаръӣ ва ба сармояи оинномавии он низ дар ҳисоботи ҷамъбастӣ нишон дода намешаванд.

Агар ҷамъияти асосӣ ба ҷамъиятҳои вобаста маблағгузорӣ карда бошад, он гоҳ дар ҳисоботи ҷамъбастӣ нишондиҳандаҳои ҳисобдории чунин ҷамъиятҳоро дохил намекунанд [4, с.89]. Дар варақаи тавзеҳии ҳисоботи солона дар бахше, ки ба маблағгузориҳои молиявӣ бахшида шудааст, ҷамъияти асосӣ маблағгузориҳои худро ба ҳар як ҷамъияти вобаста шарҳ медиҳад (номгӯй, суроғаи ҳуқуқӣ , бузургии сармояи оинномавӣ ва саҳми ҷамъияти асосӣ дар он ва хоҳиши иштирок дар оянда). Аудитор тамоми хатоҳо ва таххаллуфоти дар ҷараёни тафтиш ошкоршударо дар ҳуҷҷатҳои кории худ сабт мекунад.

Дар сурате, ки аудитор дар ҳисобот тахаллуфот (вайронкуниҳо)–ро ошкор накард ё вайронкуниҳои ошкоршуда ночизанд ва ба давлат, муассисон (саҳмдорон) зарар ворид намесозанд, ӯ инҳоро дар қисмати таҳлилии хулосаи аудиторӣ нишон медиҳад. Дар чунин маврид ӯ ҳақ дорад хулосаи мусбӣ барорад.

Агар вайронкуниҳое, ки аудитор ошкор кардааст, ба қонунӣ будани фаъолияти корхона таъсир расонад ё ба давлат, муассисон (саҳмдорон) зарар ворид созанд, онҳоро низ аудиторон дар қисмати таҳлилии хулоса сабт мекунад. Аммо дар ин маврид барои бартараф кардани вайронкориҳо аудитор ҳуқуқи додани хулосаи мусбии аудиториро надорад.

Ҳамин тариқ, аудитор ҳангоми санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бояд ба хатоиҳои маъмулии зайл аҳамият диҳад:

- нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, ки бо натиҷаҳои барӯйхатгирӣ тасдиқ намудаанд (барӯйхатгирии анҷомёфта расман тамоми дороиҳо ва уҳдадориҳои корхонаро дар бар намегирад);
- хатоҳои арифметикӣ ҳангоми ҳисоби нишондиҳандаҳои ҳисоботии яклухтгардонии қисмати нишондиҳандаҳо содир шудааст;
- набудани алоқамандии нишондиҳандаҳои алоҳидаи шаклҳои гуногуни ҳисобот;
- нопурра будани реквизитҳои хатмии ҳисобот ва ғайра.

**АДАБИЁТ**
1. Аудит учебник для вузов. В.И. Подольский. Г.Б., Поляк А.А. Совин В.В., Сотнакова под. Ред. Проф. В.И. Подольского - М- Аудит ЮНИТИ 1997. - 432 с.
2. Аудит учебник. Аудит для вузов В.И. Подольский, А.А. Севин В.В. Сотникова идр. Под редакции проф. Подольского 3- е изд, перпбе и доп. М- ЮНИТИ- Дона Аудит 2003. - 583 с.
3. Аудит: учебник для вузов/ под.ред. В.И.Подольского.-М.: Аудит, ЮНИТИ. 2017г. - 475 с.
4. Горина С.А. Учёт в банке на основе нового плана счетов. Проверка правильности отражения банковских операций.- М.: Приор, 2015.- 420 с.

*Абдуллоева Ш.Ф.*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

## БАҲИСОБГИРИИ МУЗДИ МЕҲНАТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Дар шароити имруза мафҳуми меҳнат ҳамчун раванди фаъолияти бошуурона ва мақсадноки одамон бо истифода аз кӯшишҳои зеҳнӣ ва ҷисмони, анбори мавҷудаи воситаҳои истеҳсолот, захираҳои табиӣ ва иҷтимоӣ барои эҷоди маҳсулоти муфид, молҳо, арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ, таъмин хидматҳо, ҷамъоварӣ ва интиқоли иттилоот ва ниҳояти кор, барои қонеъ кардани ниёзҳои маънавӣ ва моддии инсон ва ҷомеа фаҳмида мешавад.

Нақши меҳнат дар рушди инсон ва ҷомеа дар он зоҳир мешавад, ки дар раванди меҳнат на танҳо арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои одамон пешбинӣ шудаанд, балки худи коргарон низ рушд мекунанд, ки онҳо соҳиби касб мешаванд. малакаҳои нав, қобилиятҳои худро ошкор кунанд, донишро пурра ва ғанӣ гардонанд. Табиати эҷодии меҳнат дар пайдоиши ғояҳои нав, пайдоиши технологияҳои прогрессивӣ, олоти мукаммалтар ва сермахсули меҳнат, намудҳои нави маҳсулот, мавод, ки дар навбати худ боиси рушди ниёзҳо мегардад, ифода меёбад.

Ҳамин тариқ, оқибати фаъолияти меҳнатӣ, аз як тараф, пур шудани бозор бо молҳо, хидматҳо, арзишҳои фарҳангӣ, аз тарафи дигар-пешрафти истеҳсолот, пайдоиши ниёзҳои нав ва қонеъкунии минбаъдаи онҳо мебошад. Рушд ва такмили истеҳсолот ба такрористеҳсолкунии аҳолӣ, баланд шудани сатҳи моддӣ ва фарҳангии он таъсири судманд мерасонад.

Мафҳуми музди меҳнат бо меҳнат зич алоқаманд аст.

Дар шароити гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ мувофиқи тағирот дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, сиёсати муқараркунии музди меҳнат, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳифзи коргарон низ хеле тағир ёфт

Музди меҳнат, ки манбаи асосии қонунии қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии коргарон ва аъзои оилаи онҳо мебошанд, категорияҳои муҳимтарини иқтисодӣ ва ҳуқуқиро ифода мекунанд.

Музди меҳнат - подош барои коре, ки корфармо вазифадор аст, ки вобаста ба мураккабӣ, миқдор, сифат, шароити кор ва тахассуси корманд бо назардошти воқеан коркардааш ба корманд барои кори иҷрошуда пардохт намояд.

Аммо, на ҳама пулҳое, ки корфармо ба корманд пардохт мекунад, маош аст. Маблағҳои пулӣ ба музди меҳнат дохил карда намешаванд, агар онҳо музди меҳнат набошанд, андозаи онҳо аз мураккабӣ, миқдор, сифати кор ва тахассуси корманд вобаста нест. Аз ҷумла, кӯмаки моддӣ ба занони ҳомила, ҷуброни фарсудашавии мошинҳои марбут ба корманд ва ғайра ба маош дохил карда намешаванд.

Музди меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ нархи арзиши қувваи корӣ сарфнамудаи корманд мебошад. Барои корфармо ин пардохт барои захира (қувваи корӣ), хароҷотест, ки яке аз моддаҳои хароҷоти арзиши маҳсулот ва хидматҳои истеҳсолшударо ташкил медиҳад. Барои корманд ин манбаи асосии қонунии қонеъ гардонидани талаботи худи корманд ва аъзои оилаи ӯ, яке аз воситаҳои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ мебошад. Дар ин робита, ҳаҷми

музди меҳнат набояд аз арзиши маҷмӯи муайяни молҳо ва хидматҳое, ки ба корманд барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳими ӯ ва оилааш зарур аст, камтар бошад.

Ҳамчун ифодаи нархи нерӯи кор, музди меҳнат бо таносуби талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат, инчунин бо параметрҳои асосии тавсифкунандаи сифати меҳнат (касб, тахассус, ҳосилнокии меҳнат ва ғ.) муайян карда мешавад.

Қисми муҳими баҳисобгирӣ дар корхонаҳои гуногун баҳисобгирии пардохтҳо ба кормандон мебошад.

Баҳисобгирии меҳнат ва музди меҳнат яке аз самтҳои меҳнатталаб ва масъули кори муҳосиб мебошад. Ин низоми фармоишии ҷамъоварӣ, назорат, андозагирӣ, ба қайд гирифтан, коркард ва қабули иттилоот дар бораи кори кормандони корхона ва пардохти он тавассути баҳисобгирии доимӣ, муттасил ва ҳуҷҷатӣ мебошад. Дар асоси ин маълумот, назорат аз болои истифодаи вақти корӣ, риояи таносуби байни афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнат ва сатҳи хароҷоти дахлдор гузаронида мешавад.

Бо пайдоиши бозори меҳнат ва меҳнати кироя ҳамчун мол тағироти куллӣ дар моҳияти музди меҳнат ва мафҳуми онҳо ба амал меоянд.

Музди меҳнат, ки манбаи асосии қонунии қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии коргарон ва аъзои оилаи онҳо мебошанд, категорияҳои муҳимтарини иқтисодӣ ва ҳуқуқиро ифода мекунанд.

Консепсияи қаблии музди меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба назарияи тақсимоти маҳсулоти иҷтимоӣ аз як марказ асос ёфта буд. Музди меҳнат ҳамчун як қисми даромади миллӣ ҳисобида мешуд, ки он вобаста ба миқдор ва сифати меҳнати онҳо дар шакли пулӣ ва ба тариқи нақша дар байни коргарон тақсим карда мешуд. Ин мафҳуми музди меҳнат ба муносибатҳои нави иқтисодӣ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, акнун музди меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ бояд ҳамчун шакли пулии ифодаи нархи меҳнат муайян карда шавад, ки он ҳамчун музди меҳнат барои меҳнат ва натиҷаҳои ниҳоии он зоҳир мешавад.

Баҳисобгирии меҳнат ва музди меҳнат дар корхона яке аз ҷойҳои марказиро дар низоми баҳисобгирӣ ишғол мекунад, зеро он ба таркиб ва таркиби хароҷот ва мувофиқан, ба натиҷаи молиявии фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии меҳнат ва музди меҳнат инҳоянд:

- баҳисобгирии ҳайати кормандон ва истифодаи вақти кории онҳо;
- ҳисобкунии дурусти маблағҳо ва нигоҳдорӣ онҳо;
- назорат ва баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет ва фондҳои ғайрибуҷавӣ;
- саривақтӣ ва дурустии ҳама ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон оид ба музди меҳнат;
- назорат аз болои истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнат, музди меҳнат ва фонди истеъмол;
- дуруст ба роҳ мондани музди меҳнат ва пардохтҳои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба суратҳисоби хароҷоти истеҳсол, муомилот ва ҳисобҳои манбаъҳои мақсаднок;
- саривақт ҳисоббаробаркуниро бо кормандон оид ба музди меҳнат;
- ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо оид ба меҳнат ва музди меҳнат бо мақсади идоракунии оперативӣ ва тартиб додани ҳисоботи зарурӣ. Шаклҳои асосии пардохти музди меҳнат (расми 1.).

*Якум музди меҳнати соатбайъ,* ки дар мавриди он музди меҳнати муайяншудаи корманд бевосита аз тахассус (мураккабӣ, масъулият, аҳамияти кори иҷрокардааш) ва вақти кори иҷрошуда вобаста аст. Ихтисоси корманд ё мураккабии кори иҷрокардаи ӯ дар андозаи меъёри тарифии категорияе, ки ба ӯ дода шудааст ё музди муқарраршудааст инъикос карда мешавад.

Низоми музди меҳнати соатбайъ дар корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ва намудҳои гуногуни фаъолият истифода мешавад. Дар истеҳсолот ва сохтмон меъёри тарифӣ (музди меҳнат) барои ҳайати роҳбарикунанда, маъмурият, кормандони техникӣ, кормандони шӯъбаи банақшагирӣ ва баҳисобгирӣ, кормандони соҳаҳои ёрирасон ва хидматрасонӣ (масалан, ронандагони идораи нақлиёт, механикҳо ва ғайра) муқаррар карда мешавад) инчунин шахсоне, ки дар вақти корӣ муайяншуда кор намекунанд. Ҳангоми пардохти музди

меҳнати роҳбаладон, ронандагони автобусҳои экскурсионӣ музди меҳнати саривақтӣ дар фаъолияти туристӣ истифода мешавад. Кормандони соҳаи тандурустӣ ва маориф низ сари вақт маош мегиранд.




Расми 1. Шаклҳои асосии пардохти музди меҳнати соатбайъ ва корбайъ

Байни музди меҳнати оддии соатбайъ ва мукофотпулӣ фарқият вуҷуд дорад.

Бо музди оддии соатбайъ, меъёри музди меҳнат ё маоши мансабӣ тибқи ҷадвали штати ташкилот ва вақти кории корманд, ки дар ведомости вақти кори нишон дода шудааст, асос мебошад. Агар корманд дар давоми моҳ тамоми рӯзҳои кориро кор карда бошад, пас ҳаҷми музди меҳнаташ ба музди меҳнати ӯ мувофиқат мекунад. Агар на ҳама вақти корӣ кор карда баромада шуда бошад, пас музди меҳнат барои соатҳои воқеан кор кардашуда ситонида мешавад.

*Дуюм музди мехнати корбайъ*. Музди меҳнат метавонад аз рӯи нархнома ташкил карда шавад, ки музди меҳнати корманд ба ҳаҷми кори иҷрошуда аз ҷиҳати ҷисмонӣ вобаста аст. Ин чунин маънои онро дорад, ки хар кадар бештар махсулот истехсол карда шавад, супоришхо ичро карда шаванд, хамон кадар зиёдтар даромад ба даст оварда мешавад. Музди кори корбайъро асосан коргарони истеҳсолот, фаррошон ва дар баъзе ҳолатҳо ба ронандагон таъин карда мешаванд.

Чор омили ба андозаи музди меҳнат таъсир расонанда:

- сатҳи музди меҳнат, ки дар соҳа (касб), минтақа ва ғайра муқарар шудааст;
- имкониятҳои молиявии корфармо;
- арзиши зиндагӣ;
- ҳосилнокии меҳнат

Ҳамин тариқ, шаклҳо ва низомҳои музди меҳнат бо назардошти хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии меҳнат дар музди меҳнат тарҳрезӣ шудаанд. Шаклҳо ва низомҳои музди меҳнат, ки бо танзими меҳнат ва низоми тарифҳои музд кор мекунанд, имкон медиҳанд, ки ба ҳар як гурӯҳ ва категорияи кормандон тартиби муайяни ҳисобкунии музди меҳнат тавассути муқаррар намудани муносибати функсионалии байни андозаи меҳнат ва пардохти он татбиқ карда шавад, барои дақиқтар ба назар гирифтани ҳаҷми меҳнати ба истеҳсолот сарфшуда ва натиҷаҳои ниҳоии он.

Барои корфармо музди меҳнати коргарон маблағҳое мебошанд, ки барои истифодаи меҳнати кироя масраф мешаванд, ки ин яке аз моддаҳои асосии хароҷоти арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳои истеҳсолшуда ташкил менамоянд. Дар айни замон, корфармо, албатта, ба коҳиши эҳтимолии хароҷоти меҳнати воҳиди истеҳсолӣ манфиатдор аст, гарчанде ки дар айни замон барои баланд бардоштани сатҳи сифати он афзоиши хароҷоти меҳнат мувофиқи мақсад

аст, агар ин аз ҳисоби ҳавасманд кардани ташаббусҳои меҳнатӣ ва эҷодии кормандон фоидаи корхона афзоиш хоҳад ёфт. Ғайр аз он, сатҳи музди меҳнат ба рафтори ҳам корманд ва ҳам корфармо, ки вобаста ба танзими муносибатҳои байни онҳо дар шароити вазъи номутавозуни талабот ва пешниҳоди меҳнат дар бозори меҳнат ташаккул меёбад, таъсири моддӣ мерасонад.

Аҳамияти баланди музди меҳнат ҳамчун манбаи даромад барои аҳолӣ ин нишондиҳандаро ба яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбаришаванда табдил медиҳад.

Корфармо ҳуқуқ дорад:

1) ташкилотро идора кунад ва дар доираи салоҳияти худ қарор қабул намояд;

2) шартномаҳои (қарododҳои) меҳнатӣ бандад ва онҳоро бекор кунад;

3) шумораи зарурии кормандонро барои иҷрои кор муайян кунад;

4) дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҷузъии ҳуқуқӣ қабул намояд, ки барои кормандони ташкилот ҳатмист;

5) кормандонро барои меҳнатӣ сермаҳсули намунавӣ ҳавасманд гардонад;

6) аз кормандон иҷрои қоидаҳои таритиботи дохилии меҳнатӣ, дигар қоидаҳо ва муқаррарот, инчунин шартномаҳои меҳнатиро талаб намояд. Дар сурати вайрон кардани (аз ҷониби корманд роҳ додан ба амали ғайриинтизомӣ) интизоми меҳнатӣ кормандро ба ҷавобгарии интизомӣ кашад;

7) якҷоя бо дигар корфармоён барои ҳимояи манфиатҳои касбии хеш иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкил диҳад ва ба чунин иттиҳодияҳо шомил гардад [1].

Корфармо ӯҳдадор аст:

1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнат, қонунҳо ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои меҳнатиро риоя намояд, барои кормандон шароити мусоиди истеҳсолӣ фароҳам орад, дар ташкилот риоя гардидани қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва ҳимоя аз сӯхторро таъмин намояд;

2) ҳангоми бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ кормандро бо шартномаи коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ ташкилот шинос намояд;

3) музди меҳнати кормандро сари вақт пардозад;

4) ба кормандон васоит (таҷҳизот) ва маводи барои иҷрои кор заруриро муҳиё намояд [1].

Баҳисобгирии меҳнат ва музди меҳнат дар корхона яке аз ҷойҳои марказиро дар низоми баҳисобгирӣ ишғол мекунад, зеро он ба таркиби хароҷот ва мувофиқан, ба натиҷаи молиявии фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонад. Тезонидани рушди иҷтимоию иқтисодии корхона пеш аз ҳама бо афзоиши фаъолияти эҷодии кормандон алоқаманд аст. Дар ҷараёни гузоштани ҳар як категорияи коргарон дар шароити муайяни ташкилӣ ва иқтисодӣ, василаи ҳавасмандии моддиро барои ба даст овардани натиҷаҳои муайяни истеҳсолӣ ташаккул медиҳад. Баҳисобгирии меҳнат ва музди меҳнат бояд назорати амалиётиро аз рӯи миқдор ва сифати меҳнат, истифодаи маблағҳои ба фонди музди меҳнат дохилшуда ва пардохтҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Рынок труда и доходы населения: учебное пособие для вузов по экон. спец. / Б.Д. Бреев, В.Н. Бобков, Волгин Н.А. и др.; Под общ. ред. Н.А. Волгина. - Москва: Филинь, 1999. - 278 с.

3. Скрипченко, Д.Г. Формы, системы и размеры оплаты труда / Д.Г. Скрипченко // Отдел кадров. - 2002. - № 5. - С. 62- 64.

4. Трудовое право: учебник для студентов спец. «Правоведение», «Экономическое право» вузов / [Семенков В.И. и др.]; под общ. ред. В.И. Семенкова; [науч. ред. Шишко Г.Б.]. - 3-е изд., перераб. и доп. - Минск: Амалфея, 2006. - 783с.

5. Трудовое право: курс лекций / Н. И. Тарасевич. - Минск: БГЭУ, 2008. - 206 с.

*Оев А.Д. – ассистент*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲЛИЛИ ҲИСОБОТҲОИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Дар шароити ноустувории иқтисодӣ афзоиши омилҳои манфӣ дар соҳаи молия ва қарз ба назар мерасад. Ин вазъ аз бонкҳои муосири тиҷоратӣ низоми муносиби идоракунии суботи молиявиро талаб мекунад, ки ба ташхиси вазъи молиявии бонк асос ёфтааст. Дар шароити имрӯза низоми бонкӣ, яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, саҳми он дар пешрафти иқтисоди миллӣ басо назаррас аст. Бинобар ин низоми бонкӣ дар идоракунии иқтисодиёти ҳаммаи мамлакатҳо новобаста аз шакли моликияташон мавқеи махсусро касб менамояд.

Барои тараққиёти низоми бонкӣ инчунин бояд рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ вуҷуд дошта бошад. Ин рақобат бонкҳоро водор месозад, ки баҳри ташаккулёбии минбаъда, истифодабарии технологияи муосир, ҷорӣ кардани таҷрибаи пешқадам дар гузаронидани амалиётҳои самаранок ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ кӯшиш намуда, дар баробари ин ҷиҳати пешгирии хавфҳои молиявӣ ҳамеша чораҷӯӣ намоянд. Ин омилҳо дар шароити иқтисоди рақами дучанд эҳсос мешаванд.

Тадбиқи васеи ҳисоботҳои молиявӣ ва мутобиқ будани онҳо бо Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар шароити муосир аз лиҳози истифодабарӣ, аҳамияти хоса барои истифодабарандагон дорад. Вобаста ба дарки баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо - низоми ба тартиб даровардашудаи ҷамъкунӣ, қайдкунӣ ва хулосабарории маълумот дар шакли пулӣ оид ба амвол, ӯҳдадориҳои муассисаҳои қарзӣ ва ҳаракати онҳо бо роҳи бетанаффус ҳуҷҷатноккунии ҳамаи амалиёти хоҷагӣ фаҳмида мешавад. Зеро гузаронидани таҳлили молиявӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгири манша мегирад.

Дар чорчӯбаи ин талаботҳо ягон муносибатҳои хоҷагӣ ба истиснои ченаки арзишӣ набояд аз ҷараёни баҳисобгирӣ пинҳон монад, чунки дар ин ҳолат ҷомеа наметавонад, маълумоти муфидро оид ба сармояи худ, оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ, ба ӯҳдадориҳои худ дар муносибат бо дигар ташкилотҳо ба даст орад.

Предмети баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо объектҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар намуди дороӣ ва уҳдадорӣ дар бар мегирад, ки ба онҳо амволи муассисаҳои қарзӣ, ӯҳдадориҳо ва амалиёте, ки бонкҳо дар ҷараёни фаъолияташон амалӣ менамоянд, рабт доранд. Предмети баҳисобгирии муҳосибиро дар низоми бонкӣ аз ҳамдигар ҷудо намудан мумкин аст, ки он ба пулӣ, моддӣ, воситаҳои ғайримоддӣ ва сарчашмаҳои онҳо ҷудо мешаад.

Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо иборат аз ташкили иттилооти муфассали боэътимод ва пурмазмун оид ба фаъолияти муассисаҳои қарзӣ ва ҳолати молумулкии онҳо, ба истифодабарандагони дохилии ҳисоботи муҳосибӣ (роҳбар, муассисон, иштирокчиёни муассиса) ва инчунин истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ);

Бароҳмонии баҳисобгирии муҳосибии муфассал, пурра ва боэътимоди ҳамаи амалиётҳои бонкӣ, мавҷудият ва ҳаракати талабот ва ӯҳдадориҳо, истифодаи захираҳои моддӣ ва молиявии муассисаҳои қарзӣ;

Ошкоркунии захираҳои дохилихоҷагӣ барои таъмини устувории молиявии муассисаҳои қарзӣ, пешгирии натиҷаҳои манфии фаъолияти он;

Истифодаи натиҷаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ.

Бонкҳо метавонанд фаъолияти хоҷагидорию молиявии хусусии худро дар самти ба дастории даромадҳо ба роҳ монанд. Аз ин рӯ мақсади ягонаи бонкҳо доштани ҳисобҳои дохилӣ барои баҳисобгирии даромадҳо, хароҷотҳо ва фоида мебошад. Ин ҳисобҳо инчунин дар чорчӯбаи талаботи умумии баҳисобгирии муҳосибӣ истифода бурда мешавад.

Қоидаи ягонаи ба роҳмонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ёрии қонун «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки 25 майи соли 2011 таҳти №702-қабул карда шуд, муайян гардидааст.

Риояи талаботи ин қонун барои ҳамаи соҳаи иқтисодиёт новобаста аз шакли моликияташон ҳатмист, ки қарорҳои ин қонун барои низоми бонкӣ, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) муайян карда мешавад, нисбатан пеш рафтааст.

Дар асоси моддаи 41-и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҳамаи принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва нақшаи ҳисобҳо барои бонкҳо чун ҳамаи ҳисоботҳои молиявии он аз тарафи БМТ тасдиқ карда шуда, мувофиқи СБҲМ асоснок карда шудааст[2, саҳ. 32-34].

Дар навбати худ инчунин Бонки миллии Тоҷикистон «Қоидаҳои бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобдиҳӣ дар муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон»- ро коркард ва тасдиқ намуд, ки дар он тартиби ягонаи ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили корҳои фаврӣ (амалиётӣ), гардиши назорати дохилибонкӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар бонкҳо муайян намуда шудааст.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо ба 3-қисми бузург ҷудо мешавад:

1. Баҳисобгирии муносибатҳои иқтисодӣ байни миҷозони бонк.
2. Баҳисобгирии муносибатҳои байни бонкии дохилинизомӣ.
3. Баҳисобгирии муносибати бонк дар хизматрасонӣ бо мизоҷон.

Дар ибтидо онҳо барои қисми муайяни баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ равона карда шудаанд. Аз ин рӯ баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо новобаста аз талабот, ҳолатҳо, ки таъмини ҳақиқии инъикоси баҳисобгириро ташкил медиҳанд, ба роҳ монда мешаванд. Маҷмӯи бузургии гардиш дар ҳисобҳои бонкӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми муносибатҳои иқтисодӣ дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст.

Сарчашмаи асосие, ки вазъи молиявии бонкҳоро дар давраи муайян нишон медиҳад, ин ҳисоботҳои молиявии онҳо мебошад. Ба онҳо дохил мешаванд:

- ҳисобот оиди вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ)
- ҳисобот оиди фоида ва зарар
- ҳисобот оиди ҳаракати пули нақд
- ҳисобот оиди тағйирёби дар сармоя ва ғ.

Таҳлили ҳисоботи молиявӣ ин омӯзиши алоқамандии байни моддаҳои ҳисоботи молияӣ ва ошкоркунии тамоили тағйирёбии онҳост. Натиҷаҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ ҳангоми қабули қарорҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ истифода мешаванд. Таҳлили ҳисоботҳои молиявӣ барои пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилот (даромад, фоида, дохилшавии маблағҳои пулӣ ва ғ.) дар ояндаи қобили назар истифода мешавад [4, саҳ. 210].

Ҳисоботи молиявии мазкур дар ҷустуҷӯи захираҳои бонк барои рушди минбаъда ва такмили фаъолияти он, инчунин дар бозори хизматрасонии бонкӣ мавқеи устуворро ташкил медиҳад. Ба ин ҳама, метавон тавассути таҳлили вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ ноил гардид. Ҳолати молиявии бонки тиҷоратӣ аз ташаккул, ҷойгиршавӣ ва инчунин истифодаи минбаъдаи захираҳои молиявии он аз ҷониби бонк вобаста аст.

Таҳлили вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ яке аз ҷузъҳои асосии таҳлили молиявӣ мебошад [3, саҳ. 240-243]. Ҳолати молиявии бонки тиҷоратӣ бо сатҳи кофии захираҳои молиявӣ, ҷойгиркунии самаранок ва истифодаи минбаъдаи онҳо, сатҳи пардохтпазирии кофӣ, устувории молиявӣ тавсиф карда мешавад. Барои муайян кардани нишондиҳандаҳои миқдории сатҳи таъсири омилҳо ба тағирёбии доимии нишондиҳандаҳои вазъи молиявии бонк, усулҳои зерини таҳлилро истифода бурдан лозим аст: муқоисавӣ, ивазкуниҳо, иштироки саҳмияҳо ва ғайра.

Усулҳои таҳлили молиявии ташкилот дар маҷмӯъ чунинанд:

1. Таҳлили уфуқӣ - арзёбии динамикаи ягон нишондиҳандаро дар бар мегирад: дороиҳо, даромад, гардиши саҳмияҳо ва ғ. Ба ҳисоби фарқиятҳои мутлақ ва нисбӣ коҳиш дода шудааст. Суръати афзоиш ё фоидаро дар охир нишон медиҳад.

2. Таҳлили амудӣ - бо мақсади баҳодиҳии сохтор гузаронида мешавад. Он нисбат ба усули якум камтар истифода мешавад, зеро динамика ба ягон нишондиҳанда хос аст, аммо сохтор чунин нест. Масалан, он метавонад ҳангоми таҳлили дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, даромад

ва хароҷот татбиқ карда шавад. Аммо, барои таносуби пардохтпазирӣ, инчунин барои намудҳои гуногуни фоида, таҳлили амудӣ кор нахоҳад кард.

3. Таҳлили коэффитсиент худи моҳияти таҳлили молиявӣ - ҳисоб кардани маҷмӯи нишондиҳандаҳо мебошад, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти корхона: пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

4. Таҳлили муқоисавӣ - муқоисаи нишондиҳандаҳои корхона бо маълумоти ташкилотҳои рақобатпазир, бо арзишҳои миёна барои намуди фаъолияти иқтисодӣ, инчунин нишондиҳандаҳои воҳидҳои сохтории корхона бо ҳамдигарро дар бар мегирад.

5. Таҳлили омилҳо ҷудошавии нишондиҳанда ба омилҳое мебошанд, ки арзиши онро муайян мекунанд. Он ба мо имкон медиҳад фаҳмед, ки чаро арзиши ҳисобшуда маҳз дар чунин сатҳ инкишоф ёфтааст, ки онро коҳиш медиҳад ё афзоиши онро маҳдуд мекунад.

Нишондиҳандаҳои дигари асосие, ки бо гузаронидани таҳлил устувории молиявии бонкро нишон медиҳад, инҳо: даромаднокии дороиҳо (ROA, %), даромаднокии сармоя (ROE, %), даромади фоизии холис (NIM, %) ва меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2/1, %) ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳандаҳо баҳодиҳии самаранокии фаъолияти бонкҳоро нишон медиҳанд. Бо истифода аз таҳлили коэффитсиетӣ мо тарзи муайянкунии якчанд нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳоро пешниҳод менамоем:

1. Даромаднокии дороиҳо: (ROA= Фоида / Дороиҳо*100);
2. Даромаднокии сармоя: (ROE= Фоида / Сармоя * 100);
3. Даромаднокии фоизии холис: (NIM=Даромади фоизӣ – Хароҷоти фоизӣ / Ҳисоби миёнаи ҷамъи дороиҳо дар аввал ва охири давра*100);

Дар ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳлили вазъи молиявӣ ва баҳодиҳии фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар шароити муосир нақши нишондиҳандаи эътимоднокӣ ва нишондиҳандаи рақобатпазирии онро мебозад. Хулосаи мусбӣ на танҳо самаранокии фаъолияти он, балки манфиати муштариёнро низ дар назар дорад, ки дар таҳлили молиявӣ ифода меёбанд.

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосиби ва ҳисоботи молиявӣ” соли 2011, таҳти №702

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” соли 2011

3. Минина А. И. Сравнительный анализ методик оценки деятельности коммерческих банков // Молодой ученый. – 2018. – №13. – С. 240-243

4. Раҳимов С.Х. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. (Маҷмӯи лексия) Душанбе 2011

5. Томилина Е.П., Агаркова Л.В., Доронин Б.А. и др. Корпоративные финансы: учебн. пособие - Ставрополь: АГРУС, 2016. - 407 с.

***Саидаҳмадов М.Б.***
***Ғуломов А.А.***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## ТАҲҚИҚИ ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНӢ

Дар натиҷаи рушди муносибатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни мамлакатҳо зарурати назорати фаъолияти иқтисоди берунӣ пеш меояд, ки назорати аудиторӣ дар танзим ва устуворгардонии муносибатҳои мазкур нақши калидӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои фаъолияти иқтисоди берунӣ аз он иборат аст, ки иштирокчиёни амалиётҳои иқтисоди берунӣ мақомоти гумрук ва бонкҳо буда, назорати асъорӣ ва гумрукиро амалӣ менамоянд. Ин ҳолат зарурати санҷиши риояи санадҳои меъёрии соҳаи танзими асъорӣ ва гумрукиро ба миён меорад.

Қисми зиёди мутахассисони соҳа чунин меҳисобанд, ки аудити фаъолияти иқтисоди берунӣ бояд ба самти назорати риояи шартҳои шартномаҳои амалиётҳои содиротӣ, воридотӣ ва ё созишномаҳои молиявии бо шарикони хориҷӣ басташуда равона карда шавад [1, с.112]. Ба ақидаи онҳо санҷишҳои аудитории гузаронидашуда бояд асоснокӣ, қонунӣ будани

иҷроиши созишномаҳои дар фаъолияти иқтисоди берунӣ басташуда, инчунин дурустии қайдҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявиро баҳо диҳад.

Аудити фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар ҳамон сурат дар шакли мустақил амалӣ карда мешавад, ки агар предмети шартнома ҳамчун предмети аудити махсус ва ё қисмате аз предмети аудити умумӣ бошад.

Мақсади асосии аудити фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бо иштироккунандагони шартномаҳои берунӣ дар тасдиқ кардани асосҳои қонунии фаъолияти субъектони иқтисодии бозорҳои берунӣ ифода меёбад [2, с.118].

Зарурати санҷиши бевосита аз болои дуруст инъикоскунӣ ва барасмиятдарории амалиётҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андозии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо мақсади паст кардани сатҳи таваккал амалӣ карда мешавад.

Аудити фаъолияти иқтисоди берунӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки муҳимтаринашон инҳо ба ҳисоб меравանд:

- дар амалиётҳои савдои берунӣ аз як тараф нерезидентҳо иштирок менамоянд. Бинобарин барои бастани шартномаҳои савдои хориҷӣ бояд ба таври ҳатмӣ на танҳо қонунгузории миллӣ, балки қоидаҳои байналмилалӣ омӯхта мешавад. Танҳо бо ин роҳ мумкин аст ба қонунӣ будани амалиётҳои хариду фурӯш ва сатҳи эътимоднокии маълумоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ баҳо дод;
- давомнокии тӯлонии амалиётҳо оид ба содироту воридоти молҳо ва масофаи калон байни фурӯшандаю харидор;
- зарурияти убур кардани молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иҷроиши амалиётҳо бо асъори хориҷӣ;
- таҳвили мол аз фурӯшанда ба харидор бо назардошти хароҷоти калон амалӣ мегардад, ки эҳтимолияти ҷой доштани таъсири манфӣ ба тарафҳо ҷой дорад;
- сатҳи баланди хароҷот барои хизмати фаъолияти иқтисоди берунӣ;
- хароҷоти калон оид ба барасмиятдарории гумрукӣ аз руи муомилот дар савдои берунӣ;
- зарурияти ба даст овардани иттилоот на танҳо аз сарчашмаҳои дохилӣ (шартномаҳо, ҳуҷҷатҳои муассисӣ, ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, сабткунакҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои ҳисобот), балки аз сарчашмаҳои берунӣ (шиносномаи доду гирифт, декларатсияҳои гумрукӣ, хулосаи аудиторӣ дар бораи иштирокчиёни шартнома, маълумот оид ба нархҳои бозорӣ барои молҳои содиротию воридотӣ (мол, кор, хизмат), қурби асъор ва ғайра пеш меояд.

Самтҳои асосии аудити фаъолияти иқтисоди берунӣ инҳо ба ҳисоб меравանд [3, с.68]. :

- аудити амалиётҳои асъорӣ;
- аудити амалиётҳои воридотӣ;
- аудити амалиётҳои содиротӣ.

Вазифаи асосии аудити амалиётҳои асъорӣ ин муайян кардани мувофиқоӣ ва қонунан иҷро кардани амалиётҳои асъорӣ, ки тавассути хазина, суратҳисоб ва дигар ҳисобҳои бонкӣ иҷро гардидааст, дар назар дошта мешавад. Инчунин аудити амалиётҳои асъорӣ тасдиқ намудани эътимоднокӣ ва пурра нишон додани амалиётҳои мазкурро дар корхона дар бар мегирад.

Дар рафти фаъолияти иқтисоди берунӣ, ки иҷроиши амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ бо истифода аз асъори гуногун амалӣ карда мешаванд, бинобарин дар рафти аудити амалиётҳои мазкур аудитор бояд дуруст инъикос кардани онҳоро дар баҳисобгирии муҳосибӣ дида барояд.

Самтҳои асосии аудити амалиётҳои асъорӣ инҳо ба ҳисоб меравանд:

- ҷамъоварии ҳуҷҷатҳое, ки оид ба кушодани ҳисоби асъорӣ маълумот медиҳанд;
- санҷиши амалиётҳо оид ба хариди асъори хориҷӣ;
- санҷиши амалиётҳо бо асъори нақдӣ, ки барои мақсадҳои сафари хизматӣ харидорӣ карда шудаанд;
- санҷиши азнавбаҳодиҳии асъорҳо ва санҷиши баҳисобгирии фарқияти қурбӣ;
- санҷиши амалиётҳои хазинавӣ бо асъори хориҷӣ;

- санҷиш ва баҳодиҳии дурустии баҳисобгирии хароҷот оид ба хизматрасонии ҳисоббаробаркунӣ-хазинавии ҳисобҳои асъории корхона.

Дар расми 1 марҳилаҳои асосии аудити амалиётҳои асъориро нишон медиҳем.

**Аудити амалиётњои асъорӣ**

Аудити амалиётҳои хазинавӣ

Аудити амалиётҳо аз рӯйи ҳисоби асъорӣ дар бонк

Аудити амалиётҳо аз рӯйи қарзҳо бо асъор

Аудити амалиётҳо бо асъори хориҷӣ

Аудити ҳисоббаробаркунињо бо шахсони таҳти ҳисоб оид ба сафари хизматии берун аз сарҳад

Санҷиши дурустии баҳисобгирии фарқияти қурбӣ ва нишон додани он дар низоми ҳисобдорӣ

**Расми 1.** Марҳилаҳои асосии аудити амалиётҳои асъорӣ.

Мақсади асосии аудити амалиётҳои содиротию воридотӣ ин ибрози ақида дар бораи дуруст баҳисобгирии даромад аз фурӯши молҳои (кору хизмат) содиротӣ ва хароҷоти воридоти молҳо, пешниҳоди ақида дар бораи эътимоднокии нишондиҳандаҳои натиҷаҳои молиявӣ аз муомиоти содиротӣ-воридотӣ мебошад.

Самтҳои аудити амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ дар расми 2. оварда шудааст. (ниг. ба расми 2).

**Аудити амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ**

Омӯзиши шартҳои созишномаҳои савдои берунӣ ва муқоиса намудани онҳо бо шиносномаи муомилоти содиротию воридотӣ

Санҷиши дурустии ҳисоби натиҷаҳои молиявӣ аз муомилоти содиротию воридотӣ

Аудити амалиётҳои фурӯш ва ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорони хориҷӣ

Аудити ҳаракати моли содиршуда (воридшуда) аз таъминкунанда то ба харидор

Санҷиши дурустии бањисобгирии фарқияти қурбӣ ва нишон додани он дар низоми ҳисобдорӣ

Аудити хароҷоти иловагӣ доир ба содирот (воридот)

Расми 2. Самтҳои аудити амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ.

Ҳамчунин дар рафти аудити амалиётҳои содиротӣ-воридотӣ диққати асосӣ ба самтҳои зерин низ равона карда мешавад [4, с. 221]:

- санҷиши асоснокии хароҷоти дохилкардашуда ба арзиши аслии молҳои содиротӣ;
- санҷиши иҷрои уҳдадориҳои содиркунанда оид ба таҳвили маҳсулот (молҳо, кор ва хизмат);
- санҷиши ҳисобҳои муҳосибие, ки барои баҳисобгирии молҳои ба содирот нигаронидашуда кушода шудааст ва ғ.

Ба сифати сарчашмаҳои санҷидашаванда асосан санадҳои қонунугузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи муносибати воридкунандагон бо субъектони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар фаъолияти иқтисоди берунӣ иштирок меварзанд, пеш аз ҳама муассисаҳои бонкӣ ва мақомотҳои давлатӣ дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, аз дида баромадани хусусиятҳои аудити фаъолияти иқтисоди берунӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани аудити фаъолияти иқтисоди берунӣ коркард ва қабули методикаи назорати аудиториро талаб менамояд.

Дар охир ҳаминро қайд карданиам, ки дар шароити пеш гирифтани сиёсати дарҳои кушод ва сиёсати истеҳсоли воридивазкунанда иштироккунандагони фаъолияти иқтисоди берунӣ фаъол мегарданд. Аммо новобаста ба фаъолнокии онҳо, бомуваффақият ва мустақилона амал намудан дар фаъолияти иқтисоди берунӣ таҷрибаи зиёдроталаб менамояд. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа бошанд барои рушди муносибатҳои мазкур шароити созгорро таъмин менамоянд. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикитон санадҳои зикршуда наметавонанд ҳама муносибатҳоро танзим намоянд. Бинобарин барои муҳосибони ширкатҳои дар фаъолияти иқтисоди берунӣ иштироккунанда баҳри ба низом даровардани амалиётҳои хоҷагидорӣ мушкилӣ пеш меояд. Аз ин ру, аудити фаъолияти иқтисоди берунӣ муҳим дониста мешавад.


**АДАБИЁТ**

1. Бабаев Ю.А. Бухгалтерский учет, анализ и аудит внешнеэкономиче-ской деятельности: учебник / Ю.А. Бабаев, М.В. Друцкая, Ж.А. Кеворкова, Е.Е. Листопад, А.М. Петров: Под ред. Ю.А. Бабаева. – М.: Вузовский учебник: ИН-ФРА-М, 2011. – 395 с.
2. Лупикова Е.В. Пашук Н.К. "Учет и аудит внешнеэкономической деятельности" учебное пособие - М: 2009. – 320 с.
3. Международный аудит: Учебное пособие / Т.В.Ножкина. – КамчатГТУ, 2007. – 127 с.
4. Международный аудит: Учебное пособие / Ш.У.Азизов, С.Х. Юлдашева. – Ташкент, 2013. – 276 с.



***Сафаров И.Н.***
***Обидов Ҷ.А.***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***


## АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки стандартҳоии байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ чун бахши хусусӣ масъулияти аудиторро дар самти ба ҳисоб гирифтани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар рафти аудити ҳисоботи молиявӣ муқаррар менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қисмати эътиборнокиашон ба ҳисоботи молиявӣ байни худ тавофут дошта, талаботҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки риояи он аз тарафи ташкилотҳо зарур аст, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳисоботҳои молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар амалияи фаъолияти муассисаҳо меъёрҳои як қатор қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрий-ҳуқуқӣ ба ҳисоботҳои молиявӣ эътибори бевосита дошта, ифода ёфтани ҳаҷми маблағҳо ва дарҷи тамоми дигар ҳолатҳои молиявиро дар ҳисоботҳои молиявӣ муайян

менамоянд. Меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботҳои дигарро дар самтҳои гуногун, аз қабили тартиби пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ муқаррар намуда, аз ҷониби роҳбарияти субъект дар ҳамин самт дастрасӣ гардида, ба ҳисоботҳои молиявӣ дахолат намекунанд [3, с.57].

Риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба оқибатҳои муайян, ба монанди таъин намудани ҷаримаҳо, баҳсҳо ва дигар ҳолатҳо оварда мерасонад, ки ҷой доштани чунин ҳолатҳо ба ҳисоботи молиявии субъектҳо таъсири ҷиддӣ расонида метавонад.

Роҳбари ваколатдори ташкилот барои таъмини пешбурди фаъолият дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ ва дар маҷмӯъ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин таъмини риояи он вобаста ба ифода ёфтани ҳаҷми маблағҳо ва тамоми дигар ҳолатҳои молиявӣ дар ҳисоботи молиявӣ масъул мебошад [1, с.123].

Ба роҳбарӣ гирифтани талаботи стандартҳои байналмилалии аудит ба аудитор дар самти ошкор намудани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи риоя нагардидани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба миён омадааст, имконият фароҳам меорад. Бо назардошти ин ҳолат, интизор намеравад, ки аз ҷониби аудитор тамоми ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор, пешгирӣ ва аз байн бурда мешаванд. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ ва ё аз байн бурдани тамоми ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аудитор масъулият надорад.

Бо сабаби мавҷуд будани маҳдудиятҳои ҷудоинопазири аудит ва бо вуҷуди банақшагирии дахлдор ва амалӣ намудани аудит тибқи меъёрҳои стандартҳои байналмилалии аудит, хавфи ногузирии ҷой доштани баъзе аз таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботҳои молиявӣ ва ошкор нашудани он боқӣ мемонад [2, с.114].

Таҷриба нишон медиҳад, ки эҳтимолияти таъсиррасонии маҳдудиятҳои ҷудоинопазир ба қобилияти аудитор дар самти ошкор намудани таҳрифгариҳои ҷиддӣ бо сабабҳои зерин афзун мегардад:

а) амал намудани як қатор қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти амалиётии ташкилотҳоро ба таври пурра ба танзим дароварда, одатан меъёрҳои он ба ҳолати ҳисоботи молиявӣ таъсири ҷиддӣ надошта, бинобар ин зимни омода гардидани ҳисоботи молиявӣ ба инобат гирифта намешаванд;

б) бар хилофи меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷой доштани амалҳое, ки барои руйпӯш намудани қоидавайронкуниҳо, ба монанди маслиҳати ҷиноӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо, барқасдона инъикос накардани амалиётҳо дар ҳисоботҳо, амалҳои роҳбарияти ташкилотҳо оиди модди назар намудани воситаҳои назорат ва таҳрифгариҳои қасдонаи ҳолатҳои воқеӣ равона гардида, ба аудитор пешниҳод карда шудааст;

в) ба доираи ваколатҳои ҳуқуқӣ дахл доштани баррасии амалҳое, ки ҳолати воқеии риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тасдиқ менамояд.

Хулоса, ҳар қадар ки амалиётҳои молиявии дар ҳисоботҳо ифодаёфта берун аз доираи меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ шуда бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти ошкор кардани ҳолатҳои риоя нагардидани талаботҳо кам мегардад.

Бо назардошти меъёрҳои стандартҳои байналмилалии аудит уҳдадориҳои аудитор вобаста ба риоя намудани муқаррароти ду гуруҳи гуногуни қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷудо карда шудааст:

1. Муқаррароти қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки меъёрҳои он дар самти муайян намудани ифода ёфтани ҳаҷми маблағҳо ва тамоми дигар ҳолатҳои молиявии дар ҳисоботи молиявӣ ифодашуда таъсири бевосита дорад. Ба чунин гурӯҳи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қонунгузориҳои андоз, таъмини нафақа ва ғ. мисол шуда метавонад;

2. Дигар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ба ҳолатҳои зикршуда таъсири бевосита надошта, риояи меъёрҳои он ба ҷанбаҳои амалиётҳои тиҷоратӣ, қобилияти идома додани фаъолият ва ё пешгирӣ намудани ҷаримабандиҳои ҷиддӣ мусоидат менамоянд, масалан, риоя намудани шартҳои иҷозатномадиҳӣ, талаботҳо вобаста ба доштани қобилияти

адои қарз, ҳифзи табиат ва ғ. Бо вуҷуди он риоя нагардидани он ба ҳисоботи молиявӣ метавонад таъсири ҷиддӣ дошта бошад.

Меъёрҳои стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ талаботҳоеро пешниҳод менамояд, ки амалӣ намудани чорабиниҳои аудиторӣ бо мақсади ба даст овардани ақидаи аудиторӣ вобаста ба ҳисоботи молиявӣ, метавонад диққати аудиторро ба ҳолатҳои ошкор кардан ва ё эҳтимолияти риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷалб намояд ва аудитор доимо бояд барои ба миён омадани чунин ҳолатҳо омода бошад.

Бо мақсади ошкор намудани ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба ҳисоботи молиявӣ таъсири бевосита расонида метавонад, ба аудитор лозим аст, то чорабиниҳои аудитории зеринро амалӣ намояд: а) вобаста ба риоя гардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дархостҳо пешниҳод намояд; б) мукотибаҳоро бо мақомотҳои дахлдори иҷозатномадиҳӣ ва дигар мақомотҳои идоракунӣ мавриди санҷиш қарор диҳад.

Дар сурати тахмин намудани мавҷудияти ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба аудитор зарур аст, ки ҳолати мазкурро бо роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ муҳокима намояд [2, с.83].

Дар ҳолати аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ пешниҳод нашудани маълумотҳои дахлдор, ки ҳолати риоя гардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тасдиқ менамояд, инчунин ба миён омадани ақида дар бораи таъсири ҷиддӣ доштани ҳолати риоя нагардидан ба ҳисоботи молиявӣ, аудитор метавонад зарурати гирифтани маслиҳати ҳуқуқиро баррасӣ намояд. Аммо дар сурати ғайриимкон будани дастрасии маълумотҳои дахлдор оид ба эҳтимолияти ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷониби аудитор таъсири мавҷуд набудани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ ба натиҷаи ҳисобот (хулоса)-и аудиторӣ баррасӣ карда мешавад.

Аз ҷониби аудитор оқибатҳои риоя нагардидани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари дигар ҷанбаҳои аудит, аз ҷумла арзёбии хавфҳо ва эътимоднокии маълумотҳои пешниҳоднамудаи роҳбарияти ташкилот арзёбӣ карда шуда, вобаста ба ин ҳолатҳо чораҳои дахлдор бояд андешида шавад.

Тибқи муқаррароти стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ дар сурати бевосита даст доштани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дар ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба аудитор зарур аст, ки оиди ҳолати ҷойдошта ба мақоми болоии ташкилот хабар диҳад. Дар мавриди мавҷуд набудани мақоми болоии ташкилот ва ё аудитор гумон барад, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи ӯ ба инобат гирифта намешавад ё ин ки шахси баррасикунанда сазовори боварӣ нест, ҷиҳати ҳуқуқии масъалаи мазкур бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Ҳамчун қоида дар сурати эҷод намудани монеаҳо аз ҷониби роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ барои ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ дар самти ҷой доштани ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба аудитор зарур аст, ки андешаи худро бо шарҳи он баён намояд ва ё бинобар маҳдуд будани миқёси аудит тибқи меъёрҳои стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ аз изҳори ақида даст кашад. Аммо дар сурати муайян намудани ҳолати даст надоштани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ва бинобар ҷой доштани маҳдудиятҳо, ки барои муайян намудани ҳолати риоя нагардидан мусоидат намудааст, тибқи меъёрҳои стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ зарурати арзёбии таъсири ин ҳолатҳо ба ҳисобот (хулоса)-и аудиторӣ ба миён меояд.

Аудиторро зарур аст, ки маълумотҳои дахлдорро вобаста ба ҳолатҳои ошкор кардан ва ё эҳтимолияти риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин натиҷаҳои муҳокимарониҳо бо роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ, мақомотҳои идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар ҳуҷҷатҳои аудиторӣ дарҷ намояд.

Стандартҳои байналмилалии аудитро дар бахши давлатӣ муҳим мешуморем, агар онҳо дурусӣ ва ҳаққонияти аудити молиявӣ ва самаранокиро таъмин карда тавонан. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта мо чунин мешуморем, ки стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ санҷиши сатҳи касбиро таъмин мекунанд, агар дар мавриди истифодаи онҳо нуқтаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- риояи қоидаҳои аз ҷониби мақомоти олии назорати молиявӣ пешниҳодшуда;
- мунтазам такмил додани донишу малакаи аудиторони бахши давлатӣ;
- рияои талаботи Дастурамали истифодабарии стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ;
- риояи принсипҳои истифодабарии стандартҳои байналмилалии аудит.

Ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки бо мақсади ошкор ва бартараф намудани ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, муассисаҳои бахши давлатиро зарур аст, то татбиқи чорабиниҳои зеринро таъмин намоянд:

- омӯзиши (мониторинг)-и талаботҳои қонунгузорӣ ва таъмини амалӣ намудани чорабиниҳои амалиётӣ дар доираи ин талаботҳо;
- ташкил ва пешбурди фаъолияти дахлдори низоми назорати дохилӣ;
- таҳияи Кодекси одоб ва риояи меъёрҳои он;
- фаҳмондадиҳии меъёрҳои Кодекси одоб ба ҳайати кормандон;
- омӯзиши (мониторинг)-и риояи меъёрҳои Кодекси одоб ва татбиқи чораҳои интизомӣ нисбати кормандоне, ки ин меъёрҳоро риоя накардаанд;
- ҷалби мушовирон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати расонидани ёрӣ дар самти омӯзиши (мониторинг)-и талаботҳои қонунгузорӣ.

**АДАБИЁТ**

1. Контроль в финансово-бюджетной сфере: науч.-прак. пособие / под ред. И. И. Кучерова и Н. А. Поветкина. М.: 2016. – 320 с.
2. Папова С.В. Международные стандарты аудита. Учебное пособие. – изд. с изм. – М: Экономика. 2015.–165 с.
3. Шинкарева О.В**.** Государственный и муниципальный финансовый контроль: международные стандарты ИНТОСАИ // Финансы. 2017. № 8. - С.56-60

***Олимзода Д.З. - ассистент***
***Мелибоев Ҷ.Ҳ. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## РОҲҲОИ ТАКМИЛИ АУДИТ ДАР НИЗОМИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВИИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

Дар ҳама ҳолатҳои гузаронидани аудити ҳатмӣ ташкилотҳои аудиторӣ бояд ахбори хаттӣ (ҳисобот) ба роҳбарият (соҳибмулкон)-и субъекти хоҷагидории санҷидашавандаро омода ва пешниҳод намоянд. Онҳо метавонанд дар рафти аудит дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ ахбори мобайниро омода карда, пешниҳод намоянд.

Мақсади ахбори хаттӣ – ба роҳбарияти шахси санҷидашаванда расонидани маълумот дар бораи камбудиҳои дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ, ки метавонанд ба хатоиҳои муҳим дар ҳисоботи молиявӣ ва тартиби таҳиякунии таклифҳои созанда оид ба мукаммалгардонии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии шахси санҷидашаванда оваранд, мебошад [1, с. 154].

Ахбори хаттии аудитор фақат он масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар рафти гузаронидани аудит диққати аудиторро бештар ҷалб намудаанд ва ба фикри вай барои идоракунии фаъолияти субъекти хоҷагидории санҷидашаванда аҳамияти бештар доранд.

Аудитор уҳдадор нест, ки дар рафти аудит барои ҷустуҷӯ ва дарёфт кардани ахбори барои идоракунии шахси санҷидашаванда муҳим амалҳои аудитории хосаро таҳия ва роҳандозӣ намояд.

Дар мавриди аудити ташаббусӣ ташкилотҳои аудиторӣ (аудиторҳо) бояд ба роҳбарияти шахси санҷидашаванда ахбори хаттии аудиторро дар ҳолатҳое омода ва пешниҳод кунанд, ки агар:

- бо шартномаи гузаронидани аудити ташаббусӣ аз натиҷаҳои аудит омодасозии хулосаи аудиторӣ пешбинӣ шудааст;

- бо шартнома дар бораи гузаронидани аудити ташаббусӣ на омодасозии хулосаи аудиторӣ, балки омодасозии ахбори хаттии аудитор пешбинӣ шудааст [1, с. 156].

Дар ахбори хаттии аудитор бояд ҳама он чизе, ки бо далелҳои фаъолияти хоҷагидории шахси санҷидашаванда алоқаманд аст, хатоиҳо ва таҳрифҳое, ки ба саҳеҳии ахбори ҳисоботи молиявии вай таъсири муҳим мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд, нишон дода шавад.

Ахбори хаттии аудитор наметавонад чун ҳисоботи пурра оид ба ҳама камбудиҳои ҷойдошта баррасӣ шавад, вай фақат он камбудиҳоеро инъикос мекунад, ки дар раванди санҷиши аудиторӣ ошкор гардидаанд.

Ахбори хаттии аудитор бояд аз ҷониби аудиторҳо ва дигар мутахассисони бевосита аудитро гузаронида имзо карда шавад. Агар санҷиши аудитириро гурӯҳи аудиторҳои аз шумораи назарраси кормандони ташкилоти аудиторӣ иборатбуда гузаронида бошад, ахбори хаттии аудитор бояд аз ҷониби роҳбари гурӯҳи кормандон ё роҳбарони зергурӯҳҳои алоҳида имзо карда шавад.

Саҳифаҳои ахбори хатти аудитор бояд ба таври муттасил рақамгузорӣ карда шаванд. Тавсия мешавад, ки саҳифаи аввал дар варақаи фирмавии ташкилоти аудиторӣ – ё бо муҳри кунҷакӣ, ё мутобиқи талаботи барои нигориши ҳуҷҷатҳои мукотиботи расмӣ муқаррарнамудаи ташкилоти аудиторӣ нигориш карда шавад.

Ҳар як ташкилоти аудиторӣ бояд талаботи ягонаи (дохилиширкатии) худро ба шакли омодасозии ахбори хаттии аудитор таҳия намояд, ки роҳбари ташкилоти аудиторӣ онҳоро тасдиқ мекунад.

Дар ахбори хаттии аудитор ҳатман бояд ин маълумот оварда шаванд [2, с. 56]:

- лозимиҳои ташкилоти аудиторӣ ва лозимиҳои шахси санҷидашаванда;

- нишондод ба даврае, ки ҳуҷҷатҳои дар рафти аудит санҷидашудаи шахси санҷидашаванда ба он тааллуқ доранд;

- вайронкуниҳои муҳими тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, ки дар рафти аудит ошкор шуда ва ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд;

- санаи баимзорасонии ахбори хаттии аудитор.

Дар илова ба маълумоти ҳатмӣ вобаста аз ҳаҷм, микёс ва хосагии санҷиши аудиторӣ, андозаҳои ташкилоти аудиторӣ, андозаҳо ва хосагиҳои субъекти хоҷагидории санҷидашаванда дар ахбори хаттии аудитор мебояд чунин маълумотро нишон дод:

- хусусиятҳои иҷроиши санҷиши аудиторӣ, ки бо шартнома (мактуб-уҳдадорӣ)-и байни ташкилоти аудиторӣ ва субъекти хоҷагидорӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин хусусиятҳои иҷроиши кор, ки дар рафти санҷиш маълум гардидаанд;

- маълумот оид ба ҳайати миқдории кормандони муҳосибот, сохтори муҳосибот ва хусусиятҳои низоми баҳисобгирии муҳосибии истифодашаванда;

- рӯйхати соҳаҳо ва самтҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба санҷиш гирифтор шудаанд;

- маълумот оид ба методикаи санҷиши аудиторӣ ва ғ.

Маълумоти дар ахбори хаттии аудитор овардашуда бояд аниқ, мухтасар, пурмуҳтаво ва беғалат бошад. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар ахбори хаттии аудитор бояд асосноккуниҳои ҳисобкуниҳо ва баҳодиҳиҳои миқдорӣ, ишорат ба санадҳои қонунгузории амалкунанда оварда шаванд.

Дар ахбори хаттии аудитор ҳатман нишон дода мешавад, ки кадоме аз қайдҳо оид ба камбудиҳо муҳим ва кадомашон номуҳиманд, оё онҳо ба хулосаи аудиторӣ таъсир мерасонанд (ё метавонанд таъсир расонанд).

Ҳангоми омодасозии хулосаи мусбати шартӣ, хулосаи манфӣ ё дасткашӣ аз изҳори ақида дар ахбори хаттии аудитор бояд далеловарии муфассали сабабҳои ҳосил намудани ақидаи дахлдор нишон дода шавад.

Ахбори хаттии аудитор дар рафти санҷиши аудиторӣ омода карда шуда, дар марҳилаи ниҳоии санҷиши аудиторӣ ба роҳбар ва (ё) соҳибмулки субъекти хоҷагидории санҷидашаванда пешниҳод карда мешавад.

Масъалаҳои алоҳидаи ахбори хаттии аудитор метавонанд дар шакли шифоҳӣ ё бо тартиби мукотибаи дутарафа бо кормандони шахси санҷидашаванда дар рафти гузаронидани санҷиш бо баҳисобгирии сатҳи масъулият, дастрасӣ ба ахбор ва дараҷаи ваколати чунин кормандон муҳокима карда шаванд. Дар ин маврид ҳама ҳуҷҷатҳои воридшаванда ва содиршавандаи хаттиро аудиторҳо бояд ба ҳуҷҷатҳои кории иловагии худ зам намоянд.

Ахбори хаттии аудитор ба миқдори на кам аз ду нусха тартиб дода мешавад: яке бо забонхат ба роҳбари шахси санҷидашаванда дода мешавад, дигарӣ дар ихтиёри ташкилоти аудиторӣ монда, ба ҳуҷҷатҳои кории иловагии аудитор зам карда мешавад.

Розӣ набудани гирандаи ахбори хаттии аудитор бо муҳтавои вай наметавонад барои дасткашӣ кардан аз гирифтани ин ҳуҷҷат асос шавад.

Аудитор бояд ба ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудиторӣ таъсир расонидани рӯйдодҳоеро, ки пас аз санаи ҳисоботӣ рух додаанд, ба инобат гирад. Дар ин маврид вай бояд ҳам ба рӯйдодҳои созгор ва ҳам ба рӯйдодҳои носоз диққат диҳад.

Амалҳои барои муайян кардани рӯйдодҳое, ки метавонанд даровардани тасҳеҳот ба ҳисоботи молиявӣ ё дар он кушодадиҳии ахборро талаб кунанд, ҳар чӣ қадар наздиктар ба санаи додани хулосаи аудиторӣ ба ҷо оварда мешаванд ва метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- таҳлили усулҳое, ки роҳбарият барои таъмин намудани муайянкунии рӯйдодҳои пас аз санаи ҳисоботӣ рухдода ва таъсири онҳо ба ҳисоботи молиявӣ муқаррар намудааст;
- омӯзиши суратҷаласаҳои маҷлисҳои саҳмиядорон, шӯрои директорон (шӯрои назоратӣ), комиссияи тафтишотӣ ва мақоми иҷроияи шахси санҷидашаванда, ки пас аз анҷоми давраи ҳисоботӣ гузаронида шудаанд;
- дархостҳо нисбат ба рӯйдодҳое, ки суратҷаласаҳои муҳокимакуниашон ҳоло омода нестанд;
- таҳлили ҳисоботи молиявии пешакии (мобайнии) мавҷудбудаи аз ҳама охирон, агар ин зарур ва мувофиқи мақсад бошад, таҳлили сметаҳо, ояндабиниҳои ҳаракати воситаҳои пулӣ ва дигар ҳисоботҳои дахлдори роҳбарият;
- дархостҳои ба ҳуқуқшиносони субъекти хоҷагидорӣ равонакардашуда, ё муроҷиати такрорӣ ба онҳо оид ба дархостҳои хаттӣ ё шифоҳии пешин нисбат ба тафтишот ва даъвоҳои судӣ;
- дархостҳои ба роҳбарият равонакардашуда нисбат ба рӯйдодҳои охирин, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд.

Агар аудити қисмати субъекти хоҷагидорӣ (намояндагӣ, филиал ё корхонаи фаръӣ)-ро аудитори дигар гузаронад, аудиторро мебояд амалҳои нисбат ба рӯйдодҳои пас аз анҷоми давра ҷойдошта баҷомеовардаи аудитори дигарро ба эътибор гирад, инчунин масъалаи зарурати огоҳсозии аудитори дигарро оид ба санаи банақшагирифташудаи додани хулосаи аудиторӣ баррасӣ намояд.

Агар аудитор оид ба рӯйдодҳое, ки ба ҳисоботи молиявӣ таъсири муҳим мерасонанд, огоҳ шавад, вай мебояд баррасӣ кунад, ки оё ин рӯйдодҳо ба таври муносиб дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос гардида ва дар ҳисоботи молиявӣ ба таври саҳеҳ кушода дода шудаанд ё не.

Аудитор уҳдадор нест, ки нисбат ба ҳисоботи молиявӣ пас аз санаи баимзорасии хулосаи аудиторӣ амалҳо ба ҷо оварад ё дархостҳо равона кунад. Дар муддати давраи аз санаи додани хулосаи аудиторӣ оғозшаванда масъулияти огоҳсозии аудиторро оид ба далелҳое, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд, роҳбарияти шахси санҷидашаванда мебарад.

Агар пас аз санаи додани хулосаи аудиторӣ ба аудитор далеле маълум гардад, ки метавонад ба ҳисоботи молиявӣ таъсири муҳим расонад, вай бояд муайян кунад, ки оё тағйирот даровардан ба ҳисоботи молиявӣ лозим аст, ин масъаларо бо роҳбарияти шахси санҷидашаванда муҳокима намояд ва тадбирҳои дар ин маврид заруриро бинад.

Агар роҳбарияти шахси санҷидашаванда ба ҳисоботи молиявӣ тағйирот ворид намояд, аудитор бояд амалҳои дар ин ҳолат заруриро анҷом дода, доир ба ҳисоботи молиявии тағйирдодашуда хулосаи аудитории нав пешниҳод намояд. Санаи додани хулосаи аудитории нав набояд аз санаи баимзорасӣ ё тасдиқкунии ҳисоботи молиявии тағйирдодашуда барвақттар нишон дода шавад.

Агар роҳбарияти шахси санҷидашаванда ба ҳисоботи молиявӣ тағйирот надарорад, вале аудитор мепиндорад, ки ин тағйирот бояд дароварда шаванд ва хулосаи аудиторӣ ҳоло ба шахси санҷидашаванда пешниҳод нашудааст, аудитор ақидаи худро бо тавзеҳ ё чун ақидаи манфӣ изҳор менамояд.

Пас аз ба субъекти хоҷагидорӣ додани хулосаи аудиторӣ аудитор бояд шахсони ба роҳбарии умумии субъекти хоҷагидорӣ масъулият барандаро огоҳ созад, ки шахси санҷидашаванда ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории мазкурро набояд ба шахсони сеюм пешниҳод намояд.

Пас аз барориши (нашри) ҳисоботи молиявӣ аудитор ҳеҷ гуна уҳдадориҳои ба равон кардани ягон намуд дархости ба ҳамин ҳисоботи молиявӣ дахлдоштаро ба зимма намегирад.

Агар пас аз барориши ҳисоботи молиявӣ аудитор оид ба рӯйдод ё далели дар санаи додани хулосаи аудиторӣ мавҷудбуда, ки дар паёмади он аудитор бояд хулосаи аудиториро тағйир медод (агар ин рӯйдод ё далел маълум мебуд), огоҳ шавад, вай бояд масъалаи зарурати азнавдидабароии ҳисоботи молиявиро баррасӣ намуда, онро бо роҳбарияти шахси санҷидашаванда муҳокима намояд.

Агар роҳбарияти шахси санҷидашаванда ҳисоботи молиявиро аз нав дида барояд, аудитор мебояд амалҳои аудитории дар ин ҳолат заруриро ба ҷо орад, тадбирҳои дидаи роҳбарияти субъекти хоҷагидориро санҷад, ҳама касонеро ки ҳисоботи молиявии пешниҳодшударо якҷоя бо хулосаи аудиторӣ пештар гирифтаанд, оид ба ҳолати пайдошуда огоҳ созад ва оид ба ҳисоботи молиявии тағйирдодашуда хулосаи аудитории навро пешниҳод намояд.

Хулосаи аудитории нав бояд матни диққатҷалбкунандаеро дар бар гирад, ки дар он асосҳо барои азнавдидабароии ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории пештар пешниҳодшуда ба таври нисбатан муфассалтар зикр гардида бошанд.

Хулосаи аудитории нав бояд бо санае дода шавад, ки аз санаи тасдиқкунии ҳисоботи молиявии азнавдидабаромадашуда барвақттар набошад.

Аудитор дар мавридҳои зарурӣ барои ноилгардӣ ба мақсади аудит бояд аз роҳбарияти

**АДАБИЁТ**

1. Каримов Б.Ҳ., Бобиев И.А., Қаюмова Ф.А., Набиев Б.А. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, Ирфон, 2014. – 440 с.
2. Ойев Н.А., Шоймардонов С.Қ., Каримов Б.Ҳ., Бухориев С.М. Баҳисобгирии андоз. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2016. – 316 с.

***Маҳмадова М.Ш. – ассистент***
***Бадрдинов Б.Н. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ДАВРАҲОИ ТАҲИЯ ВА ПЕШНИҲОД КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ ВА ИЛМӢ

Мувофиқи фармони Вазорати молияи ҶТ аз 20.03.2009 сол таҳти №639 дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ислоҳоти гузариш ба Стандарти ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон гузаронида шуда истодааст. Дар раванди ислоҳот

ҳисобҳои муҳосибии муассисасаҳои буҷавӣ ба Ҳисобҳои Ягонаи ҳисобдорӣ иваз карда шудаанд. Дар асосиислоҳот маҷмӯи ҳисоботҳо ҳам тағъир ёфтанд [3].

Усули ҳисобкунӣ ин усули баҳисобгириест, ки тибқи он амалиёт ва дигар руйдодҳо аз рӯи амалан иҷрокунӣ эътироф карда мешавад (на дар он ҳолате, ки воситаҳои пулӣ ё эквиваленти онҳо гирифта шудааст, ё пардохта шудааст). Маълум аст, ки амалиётҳо ва руйдодҳо дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ба қайд гирифта шуда, дар ҳисоботҳои молиявии ҳамон даврае, ки дахл дорад, эътироф карда мешавад.Ҷузъиёти эътирофшавандаи ҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми баҳисобгирӣ бо усули ҳисобкунӣ инҳо мебошанд: дороиҳо, ӯҳдадориҳо, дороиҳои соф сармоя, даромадҳо ва хароҷотҳо мебошанд.

Мақсади ҳисоботи молиявӣ ин пешниҳод намудани маълумот оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолияти молиявӣ ва ҳаракати маблағҳои пулии субъект, ки барои доираи васеъи истифодабарандагон, ҷиҳати баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳо оид ба ҷойгир намудани захираҳо, судманд мебошад. Махсусан, мақсади ҳисоботи молиявии субъект бояд, пешниҳоди иттилоот барои қабули қарорҳои судманд буда ва нишон додани қобилияти субъект барои ҳисобот додани он захираҳое, ки ба ӯ бовар карда шудааст, бо роҳи:

а) Пешниҳоди маълумот оиди сарчашмаҳо, тақсимот ва истифодабарии захираҳои молиявӣ;

б) Пешниҳоди маълумот дар хусуси он ки, чӣ тавр субъект фаъолияти худро маблағгузорӣ намуда, талаботи худро бо воситаҳои пулӣ қонеъ гардонид;

в) Пешниҳоди маълумоти судманд, барои баҳодиҳии имкониятҳои субъект ҷиҳати маблағгузории фаъолияти худ ва баргардонидани ӯҳдадориҳои худ.

г) Пешниҳоди маълумот оид ба ҳолати молиявии субъект ва тағйиротҳои онҳо.

Ҳисоботи молиявӣ ҳамчунин метавонад, нақши плани переспективиро оиди пешниҳоди иттилооти зарурӣ ҷиҳати ояндабинии дараҷаи захираҳо барои фаъолияти пайваста зарурро бозад. Захираҳо, метавонанд дар натиҷаи фаъолияти пайваста бо ин хавфу номуайяни алоқаманд, ба вуҷуд оварда шаванд. Чун қоида, ҳисоботи молиявии ташкилотҳои буҷетӣ ба истифодабарандагон чунин маълумотҳоро пешниҳод менамояд:

(а) маблағҳо гирифта шудаанд ва онҳо мувофиқи меъёрҳои дар буҷет маъқул ёфта истифода бурда шудаанд;

(б) маблағҳои гирифташуда, мувофиқи меъёрҳо ва талаботҳои шартномавӣ бо дар назардошти маҳдудкунии молиявии тавассути мақоми қонунгузор муқаррар гардида, истифода бурда шудаанд.

Бо мақсади расидан ба ин ҳадаф ҳисоботи молиявии ташкилотҳои буҷетӣ чунин маълумотҳоро дар бар мегиранд: Дороиҳо; Ӯҳдадориҳо; Дороиҳои соф/сармоя; Даромадҳо; Хароҷотҳо; дигар тағйиротҳои дороиҳои соф; Гардиши маблағҳои пулӣ.

Масъулият барои омода ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ барои ташкилотҳои буҷетӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”(25 марти 2011 таҳти №702) муайян карда шудааст [3, 45].

Маҷмӯи пурраи ҳисоботи молиявӣ аз чунин қисматҳо иборат мебошад:

Шакли №1 – Ҳисоботоид ба ҳолати молиявӣ

Шакли №2 – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ

Шакли №3 – Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф

Шакли №4 – Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ

Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот

Шакли №6 – Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо

Ҳисоботи молиявӣ бояд ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолияти молиявӣ ва гардиши маблағҳои ташкилоти буҷетиро саҳеҳ нишон диҳад. Пешниҳоди саҳеҳ инъикоси дурусти натиҷаи амалиётҳо, руйдоду шароитро мувофиқи нишондод ва меъёрҳое, ки дороиҳо, ӯҳдадориҳо, даромаду хароҷотҳоро эътироф мекунад ва дар СҲМБДТ инъикос ёфтааст, талаб менамояд.

Дар навбати худ ҳар як шакли ҳисоботи молиявӣ шаклҳои дорои хусиятҳои тафисири маълумотҳои нишондоҳо дар шаклҳои гуногун пешниҳод мекунад.

Шакли №1 – Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ
Шакли №1/1 – Маълумот оид ба қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ
Шакли №1/2 – Маълумот оид ба амалиётҳои дохилии бахши давлатӣ
Шакли №1/3 –Маълумот оид ба гардиши дороиҳои дарозмуддат
Шакли №1/4 – Маълумот оид ба гардиши захираҳои моддӣ
Шакли №1/5 – Маълумот оид ба камомад ва дуздии воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ
Шакли №1/6 – Маълумотоид ба фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда)
Шакли №1/7 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ
Шакли №1/8 – Варақаи бақиявӣ
Шакли №2 – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ
Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ
Шакли №3 – Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф
Шакли №3/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф
Шакли №4 – Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ
Шакли №4/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ
Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот
Шакли №6 – Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо.

Аз рӯи даврият ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоботҳои молиявии солона ва фосилавӣ (3-моха, 6-соҳа,9 моҳа) тақсим мешавад.

Ба таркиби ҳисоботи молиявии солона ва ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти муассисаҳои буҷетӣ шаклҳои зерин дохил карда мешаванд:

Шакли №1 – Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ бо шаклҳои аз 1 то 8
Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ
Шакли №3 – Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф
Шакли №3/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба тағйиротҳои дороиҳои соф
Шакли №4 – Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ
Шакли №4/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ
Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот
Шакли №6 – Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо

Ба таркиби ҳисоботи молиявии фосилавии муассисаҳои буҷетӣ шаклҳои зерин дохил карда мешаванд:

Шакли №1 – Ҳисоботоид ба ҳолатимолиявӣ
Шакли №1/7 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ
Шакли №1/8 – Варақаи бақиявӣ
Шакли №2 – Ҳисоботоид ба натиҷаҳои молиявӣ
Шакли №2/1 – Навиштаҷоти тавзеҳотӣ ба Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ
Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот
Шакли №6 – Ҳисобот оид ба иҷроиши нақша аз рӯи штатҳо ва контингентҳо

Ба таркиби ҳисоботи молиявии солонаи муассисаҳо ва ташкилотҳо навиштаҷоти тавзеҳотӣ дар бораи иҷроиши сметаи даромадҳо ва хароҷотҳо дохил карда мешавад.

Дар навиштаҷоти тавзеҳотӣ омилҳои асосии ба иҷроиши сметаи даромадҳо ва хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ гирифташуда, ҷамъи маблағҳои буҷетии истифодабурданашуда, маълумот дар бораи натиҷаҳои барӯйхатгирӣ, ҳолати моддаҳои ҳисоббаробаркунии тавозун (бо шарҳи қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ бо нишон додани санаи пайдоиш ва сабабҳои ба вуҷуд омадан) оварда мешаванд.

Ҳисоботи муҳосибии солона дар намуди дӯхташуда, бо мундариҷа ва мактуби ҳамроҳӣ фиристодашаванда, пешниҳод мешавад. Саҳифаҳои ҳисобот ҳатман рақамгузорӣ карда мешаванд.

Шакли №5 – Ҳисобот доир ба иҷроиши сметаи даромад ва хароҷот бояд ҳар моҳ пешниҳод карда мешавад.

Ҳисоботи молиявии муассисаҳо дар асоси қайдҳои муҳосибӣ, баҳисобгирии аввалаи бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда асосноккардашуда тартиб дода мешавад. То тартибдиҳии Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ муқоисакунии гардишҳо ва бақияҳо аз рӯи ҳисобҳои таҳлилӣ (аналитикӣ) бо гардишҳо ва бақияҳо аз рӯи ҳисобҳои таркибӣ (синтетикӣ), таҳқиқи ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторон ва кредиторон ва дигар ӯҳдадориҳо гузаронида мешавад.

Тартиби омода сохтани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ дар Вазорати молияи ҶТ дар 5 сатҳ оварда шудааст.

Сатҳи 1- ум - Бахши ҳукумати марказӣ
Сатҳи 2 –юм - Сарраёсати ҳазинадории марказии ВМ
Сатҳи 3-ум - Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷавӣ
Сатҳи 4-ум - Тақсимкунандаи маблағҳои буҷавӣ
Сатҳи 5 –ум - Гирандаи маблағҳои буҷавӣ

Мутобиқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сатҳи 4 – ум Тақсимкунандаи маблағҳои буҷавӣ (ТМБ) ва сатҳи 5 – ум яъне Гирандаи маблағҳои буҷавӣ(ГМБ) ду номгӯи ҳисоботи молиявиро таҳия карда пеншиҳод шаванд:

1. «Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ».
2. «Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ».

| Сатҳиҳисобот | Ҳисоботоид ба ҳолатимолиявӣ | Ҳисоботоид ба натиҷаҳоимолиявӣ | Ҳисоботдарбораи сармоя | Ҳисоботоид ба гардишивоситаҳо ипулӣ | Тавзеҳотидохилӣ | СҲМБДТ Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1. БҲМ | √ | √ | √ | √ | - | √ |
| 2. Ҷумҳуриявӣ /Маҳаллӣ | √ | √ | √ | √ | - | √ |
| 3. ТАМБ | √ | √ | √ | √ | √ | - |
| 4. ТМБ | √ | √ | - | - | √ | - |
| 5. ГМБ | √ | √ | - | - | - | - |

Тартиби пешниҳоди намудҳои ҳисоботҳои молиявӣ мувофиқи стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон (СҲМБДТ) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвал пешниҳод шудааст.

Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷавӣ(ТАМБ),Сарраёсати хазинадории марказӣ, Ҳукумати марказӣ сатҳи 1- 3-ум 4 шакли ҳисоботи молиявиро омода месозад:

1.«Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ».
2.«Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ».
3.«Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ»;
4.«Ҳисобот оид ба тағйирёбиҳои дороиҳои соф»

Хулоса, қайд кардан зарур аст, ки мақсади ҳисоботҳои молиявӣ ин пешниҳоди маълумоти муҳим оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйиротҳои ҳолати молиявии ташкилоти ҳисоботдиҳанда, барои доираи васеъи истифодабарандагон ҷиҳати қабули қарорҳои иқтисодӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни ҶТ « Дар бораи молияи давлатии ҶТ» аз28. 06. 2011с., № 723;
2. Қонуни ҶТ « Доир ба низоми мақомотҳои идоракунии давлатии ҶТ» аз 16. 04. 2012с., № 828;
3. Қарори Президенти ҶТ аз 20. 03. 2009с., № 639 «Стратегияи идоракунии молияии давлатии ҶТ барои 2009 −2018с»;
4. Низомнома оиди Вазорати молияи ҶТ аз 28.12. 2006с № 588;

*Иззатмуродова О.Ш. – магистрант*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

## БУНЁДГАРДӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТИ ДОХИЛӢ

Аудити дохилӣ тартиб додани хулосаи аудитории расмиро талаб наменамояд, вале тартиб додани ҳисоботи аудити дохилӣ талаб карда мешавад.

Ахбори омоданамудаи аудити дохилиро истифода бурда, роҳбарияти корхона метавонад оҷилан ва саривақт тағйиротро дар дохили корхона ба ҷо орад. Воқеияти аудити дохилӣ бо дараҷаи мустақилияти вай дар сохтори идоракунии субъекти хоҷагидорӣ таъмин мегардад. Вай фақат ба роҳбарият ё соҳибмулк, ки вайро таъин намудааст, тобеъ буда, ба вай ҳисобот медиҳад ва аз роҳбарияти филиалҳо, воҳидҳои сохторӣ, мақомоти назорати дохилии санҷидашаванда вобаста нест.

Омодасозии ҳисоботи аудиторӣ (ахбори хаттӣ ба роҳбарият) бо СБА 700 “Ҳисобот (хулоса)-и аудитори мустақил оид ба дастаи пурраи ҳисоботи молиявии таъиноти умум” (The Independent Auditor’s Report on a Complete Set of General Purpose Financial Statements) танзим карда мешавад.

Мақсади ахбори хаттӣ – ба роҳбарияти ҶДММ “Бисот” расонидани маълумот дар бораи камбудиҳои дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ, ки метавонанд ба хатоиҳои муҳим дар ҳисоботи молиявӣ ва тартиби таҳиякунии таклифҳои созанда оид ба мукаммалгардонии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии шахси санҷидашаванда оваранд, мебошад.

Ахбори хаттии аудитор фақат он масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар рафти гузаронидани аудит диққати аудиторро бештар ҷалб намудаанд ва ба фикри вай барои идоракунии фаъолияти субъекти хоҷагидории санҷидашаванда аҳамияти бештар доранд.

Аудитор уҳдадор нест, ки дар рафти аудит барои ҷустуҷӯ ва дарёфт кардани ахбори барои идоракунии шахси санҷидашаванда муҳим амалҳои аудитории хосаро таҳия ва роҳандозӣ намояд.

Дар ахбори хаттии аудитор бояд ҳама он чизе, ки бо далелҳои фаъолияти хоҷагидории объекти санҷидашаванда алоқаманд аст, хатоиҳо ва таҳрифҳое, ки ба саҳеҳии ахбори ҳисоботи молиявии вай таъсири муҳим мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд, нишон дода шавад.

Ахбори хаттии аудитор наметавонад чун ҳисоботи пурра оид ба ҳама камбудиҳои ҷойдошта баррасӣ шавад, вай фақат он камбудиҳоеро инъикос мекунад, ки дар раванди санҷиши аудиторӣ ошкор гардидаанд.

Ахбори хаттии аудитор бояд аз ҷониби аудиторҳо ва дигар мутахассисони бевосита аудитро гузаронида имзо карда шавад. Агар санҷиши аудиториро гурӯҳи аудиторҳои аз шумораи назарраси кормандони ташкилоти аудиторӣ иборатбуда гузаронида бошад, ахбори хаттии аудитор бояд аз ҷониби роҳбари гурӯҳи кормандон ё роҳбарони зергурӯҳҳои алоҳида имзо карда шавад.

Саҳифаҳои ахбори хатти аудитор бояд ба таври муттасил рақамгузорӣ карда шаванд. Тавсия мешавад, ки саҳифаи аввал дар варақаи махсус ё бо муҳри кунҷакӣ, ё мутобиқи талаботи барои нигориши ҳуҷҷатҳои мукотиботи расмӣ муқаррарнамудаи хадамоти аудити дохилӣ нигориш карда шавад.

Дар ахбори хаттии аудитор ҳатман бояд ин маълумот оварда шаванд:

- лозимиҳои хадамоти аудити дохилӣ ва лозимиҳои объекти санҷидашаванда;
- нишондод ба даврае, ки ҳуҷҷатҳои дар рафти аудит санҷидашудаи объекти санҷидашаванда ба он тааллуқ доранд;
- вайронкуниҳои муҳими тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҷоории амалиётҳои хоҷагидории ҶДММ "Бисот" ва воҳидҳои сохтории он, ки дар рафти аудит ошкор шуда ва ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд;
- санаи баимзорасонии ахбори хаттии аудитор.

Дар илова ба маълумоти ҳатмӣ вобаста аз ҳаҷм, миқёс ва хосагии санҷиши аудиторӣ, андозаҳо ва хосагиҳои объекти санҷидашаванда дар ахбори хаттии аудитор мебояд чунин маълумотро нишон дод:

- хусусиятҳои иҷроиши санҷиши аудиторӣ, ки бо барномаи аудити дохилӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин хусусиятҳои иҷроиши кор, ки дар рафти санҷиш маълум гардидаанд;
- маълумот оид ба ҳайати миқдории объекти санҷидашаванда, сохтори он ва хусусиятҳои низоми баҳисобгирии муҳосибии истифодашаванда;
- рӯйхати соҳаҳо ва самтҳои асосии бфаъолияти объекти санҷидашаванда, ки ба санҷиш гирифтор шудаанд;
- маълумот оид ба методикаи санҷиши аудиторӣ;
- тасдиқи он ки хадамоти аудити дохилӣ ҳангоми кор стандартҳои фаъолияти аудиториро риоя намудааст;
- нишондод ба он ки кадом бахшҳои ҳуҷҷатҳои объекти санҷидашаванда ба таври яклухт ва кадом бахшҳо ба таври интихобӣ санҷида шудаанд ва хостагирии аудиторӣ дар асоси кадом принсипҳо ба ҷо оварда шудааст;
- рӯйхати қайдҳо, нишондодҳо ба камбудиҳо ва тавсияҳо;
- дар мавриди санҷишҳои аудитории минбаъда – баҳодиҳӣ ва таҳлили аз ҷониби объекти санҷидашаванда иҷрокунии тавсияҳо ёислоҳкунии камбудиҳои дар ҳуҷҷатҳои пешини дарбаргирандаи ахбори хаттии аудитор нишондодашуда;
- дар мавриди тамоилот аз талаботи қоидаҳо (стандартҳо)-и фаъолияти аудиторӣ (ҳангоми гузаронидани аудите, ки аз натиҷаи он омодакуни хулосаи аудитории расмӣ пешбинӣ нашудааст, инчунин ҳангоми хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит) – худи далел ва сабабҳои чунин тамоилот.

Маълумоти дар ахбори хаттии аудитор овардашуда бояд аниқ, мухтасар, пурмуҳтаво ва беғалат бошад. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар ахбори хаттии аудитор бояд асосноккуниҳои ҳисобкуниҳо ва баҳодиҳиҳои миқдорӣ, ишорат ба санадҳои қонунгузории амалкунанда оварда шаванд.

Дар ахбори хаттии аудитор ҳатман нишон дода мешавад, ки кадоме аз қайдҳо оид ба камбудиҳо муҳим ва кадомашон номуҳиманд, оё онҳо ба хулосаи аудиторӣ таъсир мерасонанд (ё метавонанд таъсир расонанд).

Ахбори хаттии аудитор дар рафти санҷиши аудиторӣ омода карда шуда, дар марҳилаи ниҳоии санҷиши аудиторӣ ба роҳбарияти ё соҳибмулки корхона пешниҳод карда мешавад.

Масъалаҳои алоҳидаи ахбори хаттии аудитор метавонанд дар шакли шифоҳӣ ё бо тартиби мукотибаи дутарафа бо роҳбарияти корхона дар рафти гузаронидани санҷиш бо баҳисобгирии сатҳи масъулият, дастрасӣ ба ахбор ва дараҷаи ваколати кормандон муҳокима карда шаванд. Дар ин маврид ҳама ҳуҷҷатҳои воридшаванда ва содиршавандаи хаттиро аудиторҳо бояд ба ҳуҷҷатҳои кории иловагии худ зам намоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Богатая И.Н., Лабынцев Н.Т., Хахонова Н.Н. Внутренний контроль и аудит: Учебное пособие - М.: ОАО «Московские учебники» - Ростов н/Д: Феникс, 2008. - 475 с.
2. Бурцев В.В. Система внутреннего финансового контроля коммерческой организации. // Аудит и финансовый анализ. 2004. – 227 с.

*Ҳисайнов А.С.*
*Зоиршоҳи М.*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# АСОСҲОИ ТАКМИЛИ МЕТОДИКАИ АУДИТИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ МАОРИФ

Усули аудити фаъолияти муассисаҳои соҳаи маориф бояд барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ, яъне санҷиши истифодаи мақсадноку самарабахши маблағҳои буҷетӣ ва мувофиқати баҳисобгирии муҳосибию ҳисоботи молиявӣ амалкунанда бо муқарраротии мавҷудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ хидмат мусоидат намояд. Вобаста ба ин, методологияи аудити муассисаҳои таълимӣ маҷмӯи қоидаҳои назоратие мебошанд, ки ба самти омӯзиш ва баҳодиҳии истифодаи мақсадноки воситаҳои буҷетӣ нигаронида шудааст.

Дар шароити кунунӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии аудити бахши давлатӣ тартиботи ягонаи аудити муассисаҳои таълимиро дар бар намегиранд. Аммо дар маҷмӯ, усули аудити соҳаи маориф ба санҷишу баҳодиҳии истифодаи мақсадноку самарабахши маблағҳои буҷетӣ ва дурустии нишондиҳандаҳои низоми ҳисобдорӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Бо назардошти хусусияти соҳаи маориф методикаи аудити муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз усули дедуктивӣ (аз маҷмӯъ ба мушаххас) ба роҳ монда шавад. Аудити муассисаҳои соҳаи мазкур, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, бинобар ин, методологияи он бояд унсурҳои аудити самаранокӣ ва аудити молиявиро дар бар гирад.

Тавре ки таҳлили санадҳои қонунгузории ватанӣ ва таҷрибаи аудити бахши давлатии мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, методологияи аудити муассисаҳои таълимӣ бояд санҷиши як қатор ҷанбаҳоро дар бар гирад, аз ҷумла риояи шакли ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои муассисаи таълимӣ бо талаботи қонунгузорӣ; доштани иҷозатнома барои фаъолияти таълимӣ ва шаҳодатномаҳои аккредитатсияи давлатӣ; мавҷудияти шартномаҳо барои расонидани хизматҳои таълимӣ ва мувофиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда; низоми ҳисобдории маблағгузориҳои мақсаднок; ҷараёни ташаккули даромад ва хароҷот дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андозӣ; фарсоиши воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ; ҳисоб кардани андозҳо ва истифодаи имтиёзҳои андоз; баҳисобгирии адабиёти таълимӣ; бақайдгирии варақаҳои дипломӣ ва ғ.

Аз нигоҳи мо методикаи аудити муассисаҳои таълимӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба бор меорад, агар он чор марҳилаи ба ҳам алоқамандро дар бар гирад: а) банақшагирӣ; б) гузаронидани санҷиш; в) ҷамъбаст ва хулосабарориҳо аз натиҷаҳои санҷиш; г) иҷрои тавсияҳои дар ҷараёни аудит пешниҳодшуда.

Марҳилаи зикршуда иҷрои як қатор чорабиниҳоро талаб менамоянд, ҷумла ҷамъоварии маълумот, санҷиши пуррагии он, баҳодиҳии эътимоднокии он; таҳлили далелҳои ҷамъовардашуда аз нуқтаи назари баҳодиҳии мувофиқати фаъолияти объекти аудитшаванда ба меъёрҳои амалкунанда; ҷамъоварии маълумоти иловагӣ дар сурати нокифоя будани далелҳо ва ғ.[3, с.212].

Методикаи санҷиш бояд тавре татбиқ карда шавад, ки имконияти бадастории далелҳои устувор ба даст оварда шавад. Аз диди мо далелҳо бояд дорои хусусиятҳои зерин бошанд: а) кифоянок, яъне ҳаҷм ва мундариҷаи онҳо қобилияти эътимоднокӣ ва дурустии хулосаҳои баровардашударо таъмин карда тавонанд; б) мувофиқ, яъне онҳо аз манбаъҳои мӯътамад ва боэътимод гирифта шуда бошанд; в) муносиб, агар онҳо мустақиман ба хулосаҳои баровардашуда ва мантиқан бо онҳо алоқаманд бошанд.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили масъалаи таҳқиқшаванда нишон дод, ки шакли ҷамъоварии маълумоти воқеии аудити муассисаҳои таълимӣ метавонад гуногун бошад, масалан, маълумоте, ки дар натиҷаи санҷиши мустақим ё мушоҳида ҷамъ оварда шудааст; қайди мусоҳибаҳо (мусоҳибаҳо, пурсишҳо), ки то ҳадди имкон бояд бо истифодаи дигар далелҳо

асоснок карда шаванд; нусхаи ҳуҷҷатҳои аслӣ; маълумоти оморӣ, муқоисаҳо, натиҷаҳои таҳлил, асоснокӣ ва дигар мавод.

Ҷараёни мураккаби аудит дар соҳаи маориф ин рафти ҷамъоварии далелҳо мебошад. Аудиторҳо далелҳои аслан бо иҷрои тартиботи зерин ба даст меоранд: а) санҷиш, яъне санҷиши сабтҳо, ҳуҷҷатҳо ё дороиҳои моддӣ; б) мушоҳида, яъне мониторинги раванд ё расмиёти дигар ашхос; в) дархост, яъне ҷустуҷӯи маълумот аз шахсони маълумотдор дар дохили объекти санҷидашаванда ё берун аз он; тасдиқкунӣ бо роҳи посух ба дархост ва тасдиқи бақияи сабтҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; г) расмиёти таҳлилӣ бо роҳи таҳлил ва баҳодиҳии иттилооте, ки аудиторҳо ба даст овардаанд, омӯзиши нишондиҳандаҳои муҳими молиявию хоҷагидории объекти аудитшаванда.

Методикаи аудит дар муассисаҳои соҳаи маориф бояд ҷараёни ҷамъоварии далелҳоро тавре таъмин намояд, ки хулосаҳои аз аудит ба дастовардашуда ба ҳама гуна таҳлилҳои интиқодӣ тобовар бошанд [2, с.118].

Аз нуқтаи назари мо дар ҷараёни аудити фаъолияти муассисаҳои таълимӣ таҳлили воқеии далелҳои ҷамъовардашуда бояд дар асоси меъёрҳои тасдиқшудаи баҳодиҳӣ гузаронида шавад. Дар асоси натиҷаҳое, ки аз муқоисаи маълумоти воқеӣ бо меъёрҳои баҳогузории самаранок ба даст оварда мешаванд, муайян мегардад, ки то чӣ андоза фаъолияти муассиса ба муқаррароти амалкунанда мувофиқат менамояд.

Дар асоси муқоисаи маълумоте, ки дар натиҷаи аудити фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо меъёрҳои тасдиқшуда ба даст омадаанд, ҳолатҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки онҳо аз истифодаи нодурусти маблағҳои давлатӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф дар мувофиқа бо меъёрҳои амалкунанда шаҳодат медиҳанд.

Методикаи аудит дар соҳаи маориф мукаммал ҳисобида мешавад, агар он ҳолатҳои ошкоршударо бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ баҳо дода тавонад.

Натиҷаҳои дар рафти аудит ошкоршуда бояд бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ, аз ҷумла бо сомонӣ хароҷоти зиёд, фоидаи кам; бо фоиз сатҳи пасти даромаднокӣ, истифодаи қобилият, талафи вақти корӣ; бо ифодаи дона, метри мураббаъ ва дигар нишондиҳандаҳо ифода карда шавад.

Баҳодиҳии сифатии объекти аудитшаванда – ин баҳодиҳӣ ба набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар объектҳои санҷидашаванда; сатҳи пасти назорат; қабули қарорҳои нодуруст ва ғайра.

Таҳлили муқоисавӣ ва омода кардани хулосаҳо оид ба натиҷаҳои он танҳо аз далелҳои гирифташуда ва ҷамъшуда бар меояд. Дар асоси хулосаҳои баровардашуда бояд ҳар як сабаб, ки ба натиҷаҳои бесамари объекти санҷиш оварда мерасонанд, муайян карда шавад.

Аслан хулосаҳо мутобиқати натиҷаҳои воқеии объекти санҷишшавандаро бо меъёрҳои тасдиқшуда бояд тавсиф диҳанд, дараҷа, хусусият ва аҳамияти дуршавиҳои ошкоршударо аз меъёрҳои тасдиқшуда нишон диҳанд, сабабҳои мушкилот ва оқибатҳои онҳоро муайян кунанд ва шахсони мансабдореро, ки салоҳияти онҳо мушкилоти муайяншударо дар бар мегирад, нишон диҳанд.

Эътимоднокии хулосаҳо аз далелҳо ва хулосаҳои эътимоднок ва инчунин аз таҳияи онҳо вобастагӣ дорад. Дар сурати муайян ва ошкор шудани муаммое, ки аз нуқтаи назари меъёрҳои истифодашаванда баҳо додани онҳо ғайриимкон аст, омӯзиши иловагии ин масъала ташкил карда мешавад. Дар асоси таҳлили маводи иловагии ҷамъшуда хусусият, аҳамият ва сабабҳои мушкилот муайян карда мешаванд ва онҳо дар хулосаҳои аудити муассисаҳои таълимӣ ҳатман инъикос карда мешаванд.

Хулосаҳое, ки барои баҳодиҳӣ ба фаъолияти муассисаи таълимии санҷидашуда назаррас нестанд, ба роҳбарият алоҳида дар шакли хаттӣ ҳисобот дода мешаванд ва ба ҳисоботи аудитӣ дохил карда намешаванд.

Агар дар натиҷаи аудити муассисаҳои таълимӣ камбудиҳо ошкор шуда, далелҳо имконияти беҳтар кардани сифат ва натиҷаҳои санҷишро надошта бошанд, барои бартараф кардани ин камбудиҳо тавсияҳои дахлдор омода карда мешаванд.

Тавсияҳо бояд мушаххас бошанд ва ҷузъиёти нолозимро истисно кунанд. Мундариҷаи онҳо аз мақсад ва натиҷаҳои аудити муассисаҳои таълимӣ вобаста аст. Тавсияҳо нишон медиҳанд, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва рафъи камбудиҳои ошкоршуда чӣ кор кардан лозим аст ё барои баланд бардоштани самаранокии объектҳои санҷидашуда чораҳои мушаххасро пешниҳод мекунанд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои омодашуда аз рафти аудити фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, инчунин чораҳои рафъи камбудиҳои ошкоршуда ва ҳалли мушкилоти мавҷуда ба роҳбарони муассисаҳои таълимии санҷидашаванда бахри шиносоӣ ва гузоштани имзо пешниҳод карда мешаванд.

Бо ин мақсад, хулоса ва тавсияҳои гурӯҳи аудиторон ба роҳбарияти объекти аудитшаванда фиристода мешаванд ва пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳар яки онҳо шинос шавад. Хулоса ва тавсияҳои гуруҳи аудиторон уҳдадориҳо оиди таҳия ва андешидани чораҳои зарурӣ мутобиқи тавсияҳои пешниҳодшуда; сабабҳои норозигӣ бо хулоса ё тавсияҳо; сабабҳои имконнопазирии андешидани чораҳои дахлдор оид ба тавсияҳо.

Ҷавоби роҳбарияти объекти санҷидашуда воқеӣ арзёбӣ карда мешаванд дар сурате, ки фикру мулоҳизаҳо ва пешниҳодоти онҳо асоснок бошанд. Ҳангоми таҳияи хулосаву тавсияҳо аз натиҷаи аудити муассисаҳои таълимӣ аудитор набояд мустақилияти худро аз даст диҳад.

Агар дар байни аудиторон ва роҳбари муассисаи санҷидашуда оид ба хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ихтилофот вуҷуд дошта бошад, роҳбари муассисаи таълимӣ дар шакли хаттӣ оид ба натиҷаҳои аудити гузаронидашудаи муассисаи таълимӣ сабаби норозигӣ ва имзо нагузоштани худро ба таври хаттӣ қайд менамояд.

Мо чунин мешуморем, ки методикаи аудити муассисаҳои соҳаи маориф мукаммал ҳисобида мешавад, агар он як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро намояд, аз ҷумла: санҷиши фаъолияти ташкилоти назоратшаванда ва муайян намудани сабабҳои ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ аз тарафи гирандагони онҳо; ҷустуҷӯи таҳлилӣ ва муайян намудани алоқамандии сабабу натиҷаҳои кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва хулосаҳои он; муайян намудани тавсияҳо барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои санҷидашаванда; ба мақомоти қонунгузор додани имконияти баҳодиҳӣ ба натиҷанокии қабули қарорҳо оид ба танзими раванди буҷетӣ; таъмини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо маълумот ва тавсияҳо оиди баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳо ва ғ.

Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти субъекти аудитшаванда дар баробари пешниҳоди натиҷаҳои санҷиш ва тавсиҳо аудиторони бахши давлатӣ нақшаи чорабиниҳоро оид ба иҷрои тавсияҳо ва рафъи камбудиҳои ошкоршуда тартиб медиҳад. Нақша-чорабинии тартибдодашаванда дорои маълумоти иловагӣ дар бораи аҳамият, фоида ва самаранокии аудити муассисаҳои таълимӣ, инчунин манфиати иҷрои тавсияҳои аз ҷониби аудиторон додашуда мебошад [1, С.4].

Ба ақидаи мо аудити муассисаҳои соҳаи маориф барои дуруст идоракунии низоми молиявии давлатӣ мусоидат менамояд, агар ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- аудити самаранокии муассисаҳои соҳаи маориф бояд дар заминаи меъёрҳои амалкунандаи Қонуни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ба роҳ монда шавад;
- чорабиниҳои санҷишӣ устувор гардонидани низоми назорати молияи давлатиро барои давраҳои дарозмуддат таъмин намояд;
- таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар ташкил ва гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ мавриди васеъ истифода гардад;
- дар шароити афзоиши ҳиссаи воситаҳои давлатӣ дар муассисаҳои давлатию буҷетӣ коркард ва мукаммал намудани методологияи аудит;
- таъмини мувофиқати натиҷаҳо аз рафти санҷишҳои ҷорӣ ба натиҷаҳои ниҳоии ба дастомада.

Ҳамин тариқ, усули ба таври оқилона ташкилшудаи аудити муассисаҳои соҳаи маориф имкон медиҳад, ки истифодаи мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои

ғайрибуҷетӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад, инчунин дурустии баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) -и муассисаҳои таълимӣ омӯхта шавад.


**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.- ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 749., http:www.mmk.tj
2. Маслова Т.С. Контроль и ревизия в бюджетных учреждениях: Учебное пособие // Под ред. проф. Е.А. Мизиковского. - М.: Магистр: ИНФРА-М, 2011. - 336 с.: 60x90 1/16. (переплет) ISBN 978-5-9776-0187-0
3. Терехов Ф.Ф., Терехов М.А. Контроль и аудит: Основные методологические приемы и технология. М. Финансы и статистика. 2008.-312 с.



***Баҳронов Ш.Ю. - ассистент***
***Ҳасанов К.М. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## МУАЙЯНКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ПАСТКУНИИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ

Яке аз вазифаҳои таҳлили арзиши аслии маҳсулот ин ошкор намудани захираҳои пасткунии арзиши аслӣ мебошад. Истифодаи имкониятҳои дохилии пасткунии арзиши аслии маҳсулот ба зиёдшавии фоида ва баландшавии самаранокии иқтисодии истеҳсолот меорад.

Манбаъҳои захираҳои пасткунии арзиши аслиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: якум, истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ки зиёдгардонии ҳаҷми истеҳсолро таъмин менамояд, дуюм, камкунии хароҷоти истеҳсолӣ аз ҳисоби истифодаи сарфакоронаи тамоми намудҳои сарватҳо, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, камкунии хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, ноқиси истеҳсолӣ, камкунии талафоти вақти корӣ ва ғ.

Бузургии захираҳо аз сифати корҳои таҳлилӣ, ки дар рафти онҳо имкониятҳои аздастрафтаи (захираҳои) пасткунии арзиши аслӣ ошкор мешаванд, вобаста аст.

Бузургии захираҳои пасткунии арзиши аслӣ бо ин формула ҳисоб карда мешавад [4, с. 184]:

$$З\downarrow S = S_{имк} - S_1 = \frac{X_1 - З\downarrow X + X_{ил}}{МУ_1 + З\uparrow МУ} - \frac{X_1}{МУ_1},$$

дар ин ҷо: $S_{имк}$, $S_1$ – мувофиқан сатҳи имконӣ ва воқеъии арзиши аслии маҳсулот; $З\downarrow S$ – захираҳои пасткунии арзиши аслӣ; $X_1$ – хароҷоти воқеъӣ; $З\downarrow X$ – захираҳои пасткунии хароҷот; $X_{ил}$ – хароҷоти иловагии барои татбиққунии захираҳои баландбардории ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот лозимбуда; $МУ_1$ – ҳаҷми воқеъии истеҳсоли маҳсулот; З↑МУ – захираи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот.

Захираҳои пасткунии хароҷот барои ҳар як моддаи хароҷот аз ҳисоби чорабиниҳои мушаххаси ташкилӣ-техникие, ки сарфаи ашёи хом, масолеҳ, барқ ва ғайраро таъмин менамоянд, муқаррар карда мешаванд. Ба чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ инҳо мансубанд: беҳгардонии ташкили истеҳсолот ва меҳнат, татбиққунии технологияи пешқадам.

Сарфаи хароҷоти музди кор аз ҳисоби чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ ($З\downarrow МК$) бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$З\downarrow МК = (МФ_1 - МФ_0)\times МК_{соат}\times МУ_0,$$

дар ин ҷо: $МФ_0$, $МФ_1$ – меҳнатфарогирии воҳиди маҳсулот мувофиқан то ва баъди татбиққунии чорабиниҳои мувофиқ; $МК_{соат}$ – сатҳи музди кори миёнасоата дар давраи нақшавӣ; $МУ_0$ – ҳаҷми нақшавии истеҳсоли маҳсулот.

Захираи пасткунии хароҷоти моддӣ (З↓ХМ) барои ҳаҷми маҳсулоти нақшавӣ аз ҳисоби татбиққунии чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$З\downarrow ХМ = (Хм_1 - Хм_0)\times МУ_0\times Z_0,$$

дар ин ҷо: $Хм_0$ , $Хм_1$ – харҷи масолеҳ бар воҳиди маҳсулот мувофиқан то ва баъди татбиққунии чорабиниҳо; $Z_0$ – нархҳои нақшавии масолеҳ.

Татбиққунии хароҷоти баландбардории истеҳсоли маҳсулот хароҷоти иловагиро ($Х_{ил}$) талаб менамояд, ки алоҳида барои ҳар як захира ҳисоб карда мешаванд. Ба онҳо мансубанд: хароҷот барои музди кор, харҷи ашёи хом ва масолеҳ, сӯзишворӣ, барқ, бутункунандаҳо ва дигар хароҷоти тағирёбанда барои истеҳсоли иловагии маҳсулот. Барои муайян намудани бузургии онҳо захираи баландбардории истеҳсоли маҳсулоти намуди муайян ($i$) ба сатҳи воқеъии хароҷоти тағирёбандаи қиёсӣ ($V_i^1$) зарб карда мешавад.

$$XM_{ил} = З \uparrow Q_i \times V_i^1,$$

дар ин ҷо: $V_i^1$ – хароҷоти тағирёбандаи воқеъии сарвати намуди $i$.

Ҳисобкуниҳо барои ҳар як намуди маҳсулот ва ҳар як чорабинии ташкилӣ-техникӣ ба ҷо оварда мешаванд.

**АДАБИЁТ**

1. Шоймардонов С.Қ., Орзуев П.Ҷ., Барфиев Қ.Х., Бобиев И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, Ирфон, 2017. – 468 с.
4. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили иқтисодӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе, Ирфон, 2005. – 240 с.

***Ҷулиев М.Ҳ. - докторанти PhD***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ АУДИТИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ МАБЛАҒҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ БУҲРОНИ ИҚТИСОДӢ

Дар Паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст, ки: "Бо назардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватани бисёр муҳим мебошад. Мақомоти давлатӣ дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароранд" [1].

Бо сабаби гирифторшавӣ ба буҳрони иқтисодӣ давлатҳои хориҷа, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозии тамоми системаи муносибатҳои давлатии молиявӣ гузашта истодааст, ки ин ҳамчун элементи дахлнопазири системаи идоракунии молиявӣ метавонад, ба назорати маблағҳои давлатӣ таъсир расонад. Мақсади аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ – ин пеш аз ҳама муайян кардани вазъи молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо, пардохтпазирӣ ва имконияти қарзадокунии онҳо мебошад.

Дар ин самт олимони тоҷик - Менгниев А., Мирзоалиев А. А., Шобеков М., Уроқов Д., Тоҳирова Р., Ҳайдарова М., Низомов С. Ф., ва дигарон тадқиқотҳои илмӣ бурдаанд.

Дилхоҳ санҷиши самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар асоси се давра гузаронида мешавад:

– банақшагирии санҷиш;
– амалинамоии санҷиш;
– омодасозии ҳисобот оид ба натиҷаи санҷишӣ.

Мӯҳлати гузаронидани самаранокии санҷишӣ ва фарқияти хароҷоти вақт байни ҳар як давраҳо пеш аз ҳама аз предмети он, мақсад ва ҳаҷми ҳар як санҷиши муайян вобастагӣ дорад. Ҳар як давраи гузаронидани аудити як қатор амалҳои минбаъдаро дар бар мегирад, ки дар

ҳуҷҷатҳои махсус қайд карда мешаванд.Тартиботи гузаронидани аудит дар расми зерин, нишон дода шудааст. [6, с. 186-198].
Дар баробари ин, метавонанд чунин ҳолатҳое ба вуҷуд оянд, ки дар натиҷаи санҷиш далелҳои ғайрисамаранок истифодабарии маблағҳои давлати пайдо гарданд, ки асоси қарорҳои ҳуқуқии иҷроияи қудратии Ҳукуматиро дар шубҳа гузорад.
Дар ҷараёни ташаккулёбии иқтисодиёти мамлакат самаранокии маблағҳои давлатӣ мақоми махсусро ишғол менамоянд. Роҳ ба амалинамоии моликияти давлатӣ ба самаранокӣ ва талаботе, ки имкониятҳои стратегии ҳукумати давлатро муайян менамоянд, дар дараҷаи муайяни нуқтаи назари назариявӣ – идеологӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ идора карда мешаванд, ки онҳо чунинанд:
- иҷроишии вазифаҳо ҳангоми гузаронидани аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ;
- дар вақти муайян банақшагирӣ, амалинамоӣ ва омодасозии ҳисобот оид ба натиҷаи санҷишӣ;
- нозирони назоратии сохторҳои давлатӣ, уҳдадоранд дар доираи салоҳияти тибқи қонунгузории амалкунанда оид ба хароҷоти маблағҳои давлатӣ амал намоянд;
- ҳангоми ошкор гардидани ғайриқонунии истифодабарии маблағҳои давлатии молиявӣ аудитор танҳо дар сурати санад намудани ҳолати мазкур ҳисобот пешниҳод менамояд




Расми 1. Ташкили аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ
.Ҳангоми гузаронидани аудити сохторҳои давлатии назорати молиявии масъул, самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатиро муайян менамоянд. Диққат надодан ба бойгариҳои миллии мамлакат дар ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ аз бисёр ҷиҳат бо тамоюли рушди моликияти давлатӣ таъсир мерасонад. [6, с. 6-8 ]
Муаммоҳои самаранокии аудит барои истифодаи маблағҳои давлатӣ ҷори намудани чораҳои алоҳидаро талаб мекунад. Умуман дар натиҷаи мукаммалгардонии методикаи аудити

маблағҳои давлатӣ ҳаминро қайд кардан муҳим аст, ки асоснокгардӣ ва заруриятӣ фаъолона ҷорикунии аудит дар ду давраи асоси асос меёбад:

1. Баҳогузории санадҳо аз рӯи институтсионалӣ ва меъёри-ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии идораи истифодаи маблағҳои давлатӣ, коркарди пешниҳодҳо оид ба мукамалдиҳӣ ва ташкилёбии шартҳои мувофиқ барои амалигардии онҳо;

2. Гузаронидани аудит бо мақсади самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар соҳаҳои алоҳида.

Ба муаммоҳои асосии сохтани сохтори алоҳидаи давлатӣ оид ба мукамалдиҳии назорати маблағҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мегарданд:

- Сохтани низоми ягонаи методологӣ ва ахборотии таъмини назорати сохторҳои давлатии молиявии қонунгузорӣ ва иҷроияи кудрати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Механизми амалишавии ҳозираи консепсияи ягонаи назорати маблағҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муайяннамоии мақому маҳалӣ байниҳамкории сохторҳои давлатии назоратӣ маблағҳои давлатии молиявӣ ва сохторҳои қонунбарор.

Дар асоси ҳамаи ин омилҳои овардашуда доир ба мукамалдиҳии методикаи аудити самаранокии маблағҳои давлатӣ Ҳукумати мамлакат, Вазорату кумитаҳои дахлдорӣ давлатӣ, сохторҳои алоҳида оид ба маблағҳои давлатӣ, уҳдадоранд ҳамаи чораҳои заруриро андешанд. Зарур аст, ки барои мукамалдиҳии методикаи аудити самаранокии маблағҳои давлатӣ Ҳукумати мамлакат ва Вазорату кумитаҳои дахлдори соҳавӣ аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа истифода баранд.

Умуман баъд аз гузаронидани таҳлилҳо дар самти аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки заминаи меъёрӣ барои идоракунӣ ва истифодабарии маблағҳои давлатӣ ба талаботи назорати давлатии дохилии молиявӣ мувофиқ нестанд. Бартараф кардани камбудиҳои ҷиддӣ ва бо ҳам вобаста, масъалаи душвор мебошад, ки барои ҳалли он мутахассисони соҳавӣ ва ба талабот ҷавобгӯй пайдо кардан мушкил аст. Сатҳи маълумотнокӣ оид ба идоракунӣ ва назорати зарурӣ оид ба самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, ҳамчун воситаи асосии муқовимат ба хавф, аудити дохилӣ ва берунӣ ва ниҳоят - назорати давлатии дохилии молиявӣ - бениҳоят паст мебошад.

Масъулиятнокии роҳбарон оид ба аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ ба истиснои шартҳои умумӣ, барои мақсаднок, самаранок ва мутобиқи қонунҳо истифода гардидани маблағҳои давлатӣ ҷавобгар мебошанд, муайян карда нашудааст. [8, саҳ. 156] Барои ин роҳбари ташкилот бояд низоми устувори идоракунии молиявӣ ва назорати дохилиро ташкил намояд. Дар асоси гузаронидани таҳлилҳои аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ чунин хулосаҳоро овардан мумкин аст:

- Меъёрҳои баҳогузории самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ, бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи назоратӣ сохторҳои давлатии молиявӣ бояд дар санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, муайян карда шуда бошанд.
- Барои дурустии назорати аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ санаду меёърҳои ҳуқуқии ягона ва вазифаҳои ҷудогонаи сохторҳои давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қабул карда шаванд, ки ин сохторҳои давлатии молиявӣ ҳангоми назорати аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ ба такрории иҷроиши вазифаҳо роҳ надиҳанд.
- Ҳангоми амалӣнамоии аудити самаранокии маблағҳои давлатӣ дар баробари усулҳои махсуси он, бояд методологияи анъанавии намудҳои назорати маблағҳои давлатӣ низ истифода бурда шаванд.

Самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ яке аз муаммои марказии идораи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Қарори он, танҳо дар натиҷаи вазифаҳои идоранамоии давлатӣ имконият доранд, ки ҷорисозии санаду меъёрҳои ҳуқуқии таъминкунандаи самаранокии фаъолияти иқтисодӣ – молиявиро дар назар дошта бошанд. Яке аз мақоми марказиро аз байни ин муаммоҳо санаду меъёрҳои таъминкунанда ташкил медиҳанд, ки таъмини низоми моҳиятан

кафолати самаранокии назорати маблағҳои давлатиро дар бар мегиранд, дар назар дорад. Аз рӯи фаъолияти молиявӣ, аудити давлатии молиявӣ ба чунин шаклҳо тақсим мешаванд, ки дар ҷадвали зерин оварда шудааст:




Расми 2. Шаклҳои аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ

Аз рӯи расмиӣ 2 маълум гардид, ки як қатор шаклҳои аудити давлатии молиявӣ мавҷуд аст. Истифодаи аудити самаранокии маблағҳои давлатии молиявӣ сифати нави назоратро, роҳи ҳозираи навини низоми идораи маблағҳои давлатиро ва низоми нави идоракунии сохторҳои давлатиро талаб менамояд. Ин роҳҳо бояд дар асоси усулҳои рушди тамаддунӣ ва самаранокии пайвастакунии маблағҳои марказонидашудаи давлатӣ ташаккул ёбанд, то ки ба талаботи манфиатҳои рушди иқтисодиётӣ миллии мамлакат ҷавобгӯй бошанд.

Аудити минбаъда бо аудити ҷорӣ зич алоқаманд мебошад, ки ба натиҷаҳои корҳои гузаронидашудаи назоратӣ – таҳлилии баъд аз анҷом ёфтани давраи ҳисоботӣ асос меёбад. Бо роҳи таҳлил ва санҷиши ҳуҷҷатҳои ҳисоботии молиявӣ ва муҳосибӣ гузаронида мешавад.

Баҳри мукаммал намудани методикаи ташкили аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар шароити буҳрони иқтисодӣ пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем:

- такмили методикаи аудити самаранокӣ дар асоси истифодаи таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ, пеш аз ҳама истифодаи стандартҳои байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ;
- таъмини шаффофияти рафти аудити самаранокӣ дар заминаи риояи принсипи “бархурди манфиатҳо”;
- мувофиқати рафти аудити самаранокӣ ба натиҷаҳои бадастовардашуда аз он;

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 декабри 2019 с. www.prezident.tj
2. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷалаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе «Сино» 2017. 320 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, аз 25 марти соли 2011, таҳти №702

4. Актуальные проблемы учета, анализа, аудита и статистики в Республики Таджикистан. Материалы Республиканской научно-практической конференции. Душанбе, 2017 г. 311 ст. ISBN 978-99975-811-4-3
5. Актуальные проблемы развития экономики и образования. Материалы третей международной научно-практической конференции. (19-20 июня 2015 года). Душанбе: «Ирфон» 2015. - 595 с.
6. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Раҳимов С.Х. Раҳимов З. Душанбе «Эр - граф» 2011 с. Саҳ: 41 – 110
7. Бровкина Н.Д. Контрол и ревизия: учебное пособие / под. ред. проф. М.В. Мельник. – М.: ИНФРА-М, 2010. – 346 с. ISBN 978-5-16-003022-7
8. Международный теоретический и научно-практический журнал «Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии». – Б.: Maxprint, 2015. – № 2 (9) 2015. – 500 с.
9. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: «Ирфон», 2017 – 324 с.
10. Справочник кодекса этики для профессиональных бухгалтеров. 2013 издание. – 179 ст. – 2 с.
10. Сомонаи расмии Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон www.minfin.tj
11. Сомонаи расмии вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.medt.tj

***Шаҳнозаи С.***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷкистон***

## УСУЛҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР СТРАТЕГИЯИ РУШДИ КОРХОНАҲО

Роҳбарияти бисёр ширкатҳо доимо бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд, ки бо зарурати ташаккули стратегия дар ҳолати норасоии захираҳои мавҷуда, зарурати қонеъ гардонидани интизориҳои муштариён ва хоҳиши муваффақ шудан дар муқоиса бо рақибон алоқаманд аст. Роҳбарияти ширкат бештар аз иттилооте вобаста аст, ки ба шумо имкон медиҳад, ки ба қарорҳои оянда таъсир расонед. Маҳз муносибати стратегӣ ба менеҷменти ширкат дар дарки аҳамияти эътимоднома барои қабули қарорҳои идоракунӣ нақши калидӣ мебозад.

Чунин мешуморанд, ки "баҳисобгирии стратегии идоракунии стратегӣ дар охири солҳои 80-ум яке аз усул ва равиши наве, ки барои барқарор кардани аҳамияти гумшудаи баҳисобгирии идоракунӣ таҳия шудаанд, маълум гардид [8, с. 156]. Агар баҳисобгирии "анъанавӣ" -и идоракунӣ ба идоракунии хароҷоти ташкилот ва тақсимоти босамари кӯтоҳмуддати захираҳо равона шуда бошад, пас баҳисобгирии идоракунии стратегӣ масъалаи тақсимоти дарозмуддати захираҳо ва пешниҳоди маълумотро барои ташаккули стратегияи ширкат ҳал мекунад.

Дар айни замон самти стратегӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ якдигарро истисно намекунад, ки метавонад таснифи усулҳои баҳисобгирии идоракуниро аз ҷиҳати таснифи онҳо ҳамчун баҳисобгирии амалиётӣ ё стратегии идоракунӣ душвор гардонид. Ҳамин тавр, интихоби усули муайяни баҳисобгирии идоракунӣ барои дастгирии иттилоотии тағироти стратегӣ дар ширкат як қадами стратегӣ аст, аммо иттилооти бадастомада метавонад барои ҳалли мушкилоти ҷорӣ истифода шавад. Ғайр аз ин, бисёре аз усулҳое, ки ба ҳисобгирии стратегии идоракунӣ дода мешаванд, шаклҳои такмилёфта, дарозмуддат ё дарозмуддати усулҳои анъанавии баҳисобгирии идоракунӣ мебошанд.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ бо стратегияи ширкат зич алоқаманд аст. Дар ҳоле, ки муҳосибони идоракунӣ дар сатҳи амалиётӣ муҳити тиҷорӣ ва институтсионалиро, ки дар он ширкат фаъолият мекунад, ба таври муфассал баррасӣ намекунанд, муҳосибони идоракунии стратегӣ ба идоракунии ташкилот маълумоти марбут ба омилҳои ҳам «дохилӣ» ва

ҳам «берунӣ» - ро оиди фаъолияти худи ширкат, ҷонибҳо ва рақибони он пешниҳод мекунанд, зеро баҳисобгирии идоракунии стратегӣ қобилияти пешниҳоди маълумоти зеринро дорад:

- маълумот дар бораи занҷири арзишҳо;
- маълумоти марбут ба муштариён;
- маълумоти марбут ба рақибон.

Маълумот дар бораи занҷири арзишҳо. Дар сатҳи амалиётӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ва кам кардани хароҷоти ширкат равона карда шудааст, ки ин нишон медиҳад, ки ин намуди ҳисобдорӣ бештар ба мушкилоти баҳисобгирӣ равона карда шудааст, на қарорҳои идоракунӣ, ки қабули онҳоро бояд маълумоти пешниҳодшуда мусоидат кунад. Албатта, кам кардани хароҷот дар дохили ширкат набояд аз мадди назар дур бошад, аммо барои ба даст овардани бартарии рақобат, ширкат бояд пешсафи хароҷот гардад, яъне кӯшиш кунад, ки на танҳо хароҷотро коҳиш диҳад, балки онро дар сатҳи пасттар аз рақибон таъмин намояд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, системаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ маълумот дар бораи занҷири арзиш медиҳад, ки барои он усули хароҷоти занҷирии арзиш истифода мешавад. Бо истифода аз ин усул маълум мегардад, ки чӣ гуна арзиши маҳсулот дар ҳама марҳилаҳо, аз тарҳрезии он то тақсимоти он ба вуҷуд меояд. Маълумоти пешниҳодшуда таҳлили фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки ба маҳсулот арзиши изофа илова мекунанд ё илова намекунанд, инчунин омилҳое, ки сохт ва андозаи ин хароҷотро муайян мекунанд.

Таҳлили омилҳое, ки структура ва ҳаҷми хароҷотро муайян мекунанд, метавонанд ҳам боиси афзоиши хароҷот ва ҳам коҳиши он шаванд. Масалан, чун микёси фаъолияти соҳибкории ширкат, коҳиши хароҷоти воҳид ба назар мерасад (таъсири мусбӣ), аммо дар баъзе мавридҳо хароҷоти умумӣ назар ба ҳаҷми фаъолияти соҳибкорӣ (таъсири манфӣ) зудтар афзоиш меёбанд. Интихобҳое, ки ширкат дар бораи омилҳое мекунад, ки андозаи хароҷотро муайян мекунанд ва аҳамияти нисбии онҳо ба сатҳи хароҷоти он мустақиман таъсир мерасонанд.

Таҳлили занҷири арзиш инчунин таҳлили робитаи самаранокии як намуди фаъолият ва хароҷоти татбиқи намуди дигарро дар бар мегирад. Занҷираи арзиши ширкат бо занҷири арзиши таъминкунандагон ва харидорон сахт алоқаманд аст, аз ин рӯ, таҳлили вобастагиҳои мутақобила бояд на танҳо дар занҷири арзиши дохили ташкилот, балки дар байни ширкат ва таъминкунандагон ва харидорони он низ гузаронида шавад. Маҳз истифодаи самараноки чунин муносибатҳо боиси пешравии хароҷот мегардад.

Барои мақсадҳои таҳлил, занҷири арзиш ба пайвандҳои муҳими стратегӣ тақсим карда мешавад, то дар ҳар як пайванд ба кам кардани хароҷот диққат дода шавад. Аксари пайвандҳо дар занҷири арзиш манбаъҳои эҳтимолии фарқияти махсулот мебошанд, зеро онҳо ба мушаххасоти маҳсулот, сифат ва иҷрои маҳсулот бевосита таъсир мерасонанд.

Таҳлили занҷири арзиш аксар вақт дар якҷоягӣ бо усули ABC, ки дар таҳлили муносибатҳои таъминкунандагон истифода мешавад, анҷом дода мешавад. Дар ибтидо усули ABC барои дақиқ ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот, хусусан дар робита бо тақсимоти хароҷоти ғайримустақими истеҳсолӣ (бинобар истифодаи усули мураккаби тақсимот) тахия карда шудааст. Аммо рушди минбаъдаи ин усул имкониятҳои онро ба таври назаррас васеъ менамояд. Аз ҷумла, усули ABC намудҳои алоҳидаи фаъолиятро баррасӣ мекунад [1, с. 48], ки имкон медиҳад, ки хароҷоти чорабиниҳои мухталифи марбут ба таъминкунандагон муайян карда шавад, масалан, гуфтушунид бо молрасонҳо, ҷойгир кардани фармоиш барои таъминот, ҷустуҷӯи таъминкунандагони нави эҳтимолӣ, гирифтани фармоиш, тафтиш, баргардонидан, интиқол, нигоҳдорӣ ва ғ. Агар арзиши харид дар якҷоягӣ бо хароҷоти "ҳамроҳикунанда" баррасӣ карда шавад, пас натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо кадом таъминкунандагон муносибатҳои дарозмуддат ва шартномаҳои бо онҳо таъминшуда ба сатҳи сифат, мӯҳлати таҳвил ва нархҳои дар онҳо нишондодашуда кафолат дода мешавад.

Таҳлили занҷирҳои арзишро бо арзёбии самаранокии занҷири таъминот пурра кардан мумкин аст. Идоракунии занҷири таъминот як консепсияи муҳими стратегӣ мебошад, ки ба

фаъолияти дарозмуддати ширкат ва мавқеъҳои рақобатпазир бо самти бунёдии байни ташкилотҳо таъсир мерасонад [3].

Идоракунии занҷири таъминот усули ба роҳ мондани ҳамкории байни ширкатҳои фурӯшанда ва харидор бо мақсади ба даст овардани ташкили оптималии фаъолиятҳое мебошад, ки маҳсулоти ниҳоиро ба вуҷуд меоранд. Арзёбии самаранокии занҷирҳои таъминот хеле муҳим аст, «зеро манфиатҳои байни ширкатҳои занҷираи таъминот аксар вақт ихтилоф доранд. Вақте ки харидор мехоҳад хароҷоти худро ҳангоми нигоҳ доштани сатҳи муносиби сифат кам кунад ва молрасон мехоҳад нархҳои имконпазирро муқаррар кунад. Аз ин рӯ, ноустуворӣ дар маркази занҷири таъминот қарор дорад» [9, с. 76].

Маълумоти марбут ба харидорон. Барои ноил шудан ба бартарии рақобатӣ, ширкатҳо бояд дорои маълумот дар бораи хусусиятҳои маҳсулоте бошанд, ки онҳоро барои муштариён диққатҷалбкунанда намоянд.

Яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои муқарраршуда танзими хароҷот мебошад, ки барои он дар баҳисобгирии идоракунии стратегӣ як қатор усулҳо мавҷуданд, аз ҷумла усули ҳисобкунии хароҷоти «таргет-костинг» (target-costing). Хароҷоти мақсадноки тибқи меъёрҳои мақсаднок ҳисобшуда аз хароҷоти стандартӣ, ки тибқи усули "хароҷоти стандартӣ" ҳисоб карда шудаанд, фарқ мекунанд, ки одатан ба ҳисобгирии анъанавии идоракунӣ дахл доранд. Хароҷоти меъёрӣ дар асоси таҳлили раванди истеҳсолот муқаррар карда мешаванд.

Ҳангоми истифодаи усули "арзиши стандартӣ" хароҷот дар сатҳи муқарраркардаи стандартҳо (меъёрҳо) боқӣ мемонад. Назорати хароҷот тавассути муайян кардани каҷравиҳои ҳармоҳаи воқеӣ аз хароҷоти стандартӣ амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, вазифаи асосии назорати усули стандарт-кост аз он иборат аст, ки коргарон аз рӯйи тартиби муқарраргардида амал мекунанд. Аз тарафи дигар, усули хароҷоти мақсаднок бо такмили доимии меъёрҳои хароҷот тавсиф карда мешавад, ки одатан дар якҷоягӣ бо дигар усулҳои ҳисобкунии хароҷот амалӣ карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки хусусиятҳое, ки харидорон ба он диққат медиҳанд, на ҳамеша бо хусусиятҳои техникии маҳсулот рост меояд. Аз ин рӯ, ҳисоб кардани хароҷоти мақсаднок аз рӯи функсияи маҳсулот афзалтар аст, ки онро бо истифода аз усули баҳисобгирии хароҷоти функсионалӣ (усули ABC), ки на танҳо барои таҳлили муносибатҳои ширкат бо таъминкунандагон, балки бо харидорон низ истифода мешавад, амалӣ кардан мумкин аст. Усули ABC ба шумо имкон медиҳад, ки вазифаҳои муҳимтарини маҳсулотро муайян кунед, инчунин фаъолиятеро муайян кунед, ки ба маҳсулот арзиши изофа илова мекунанд ва илова намекунанд (хосиятҳои истеъмолиро дар назари харидор беҳтар накунед) бо мақсади боз ҳам коҳиш додани арзиши аслӣ маҳсулот.

Баръакси аксари усулҳои анъанавии баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии функсионалӣ ба ширкат имкон медиҳад, ки ба муштариён диққат дода шуда, фаъолияти марбут ба муштариён ва саҳми ҳар як муштариро дар фоидаи ширкат арзёбӣ карда шавад. Ҳамзамон имкониятҳои ин усули баҳисобгирӣ барои тақсимоти хароҷоти хариду фурӯши байни харидорони инфиродӣ истифода мешаванд, дар муқоиса бо усулҳои анъанавии баҳисобгирӣ, ки хароҷоти фурӯш ҳамчун хароҷоти давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб гирифта шуда, ба арзиши фурӯш ҳар моҳ пурра. Бо таҳлили хароҷоти марбут ба як муштарии мушаххас, ширкат метавонад стратегияи худро бо гурӯҳҳои муштариён, ҳам онҳое, ки барои як ширкати муайян шунавандагони мақсаднок ҳастанд ва ҳамроҳ нестанд, мутобиқ кунад.

Асоси рақобат дар бозор сифати маҳсулот мебошад, ки ба қонеъ гардонидани талаботи муштариён нигаронида шудааст. Ширкатҳое, ки сатҳи зарурии сифати маҳсулоти худро таъмин намекунанд, наметавонанд дар рақобати шадид на танҳо муваффақ шаванд, балки наҷот ёбанд. Маҳсулоти босифат обрӯи ширкатро беҳтар мекунад, ки ин дар навбати худ ба ширкат имкон медиҳад, ки барои маҳсулоти шабеҳ нисбат ба рақибон нархи баландтар талаб кунад. Таҳияи стандартҳои сифатро дар асоси усули арзон кардани арзиши сифат ба амал баровардан мумкин аст, ки бо ёрии он хароҷоти марбут ба сифати маҳсулотро назорат, тасниф ва таҳлил кардан мумкин аст.

Маълумот дар бораи рақобат. Барои ба даст овардани бартарӣ нисбат ба рақибон, дар бораи фаъолияти онҳо ҳарчи бештар маълумот доштан лозим аст. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки баҳисобгирии идоракунии стратегӣ аз ҳисоб ва таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии рақибон дар доираи баҳисобгирии анъанавии идоракунӣ сарчашма мегирад. Маълумот дар бораи рақибони ширкат, ки аз ҷониби низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ пешниҳод карда мешавад, дарвоқеъ, равишҳои такмилёфтаи таҳлили муқоисавии фаъолияти ташкилот ва рақибони онро нишон медиҳад, ки ба ширкат имкон медиҳад, ки бо назардошти посухҳои эҳтимолии рақибон қарор қабул кунад.

Баҳисобгирии сатҳи рақобатпазирӣ дар қабули қарорҳои стратегӣ, банақшагирӣ ва назорати фаъолияти ширкат саҳми воқеӣ мегузорад, аммо он хеле мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошад. Бешубҳа ширкатҳое, ки сабтҳои худро ба рақибон равона мекунанд, метавонанд нисбат ба онҳое, ки чунин имконият надоранд, мавқеи беҳтарини рақобатпазирро таъмин кунанд.

Дар бораи он, ки кадом усулҳо ба баҳисобгирии муҳосибӣ дохил карда мешаванд, фикрҳои гуногун мавҷуданд. Ҳамин тавр, Крис Гилдинг панҷ усулро муайян мекунад:

• арзёбии арзиши рақибон;
• мониторинги мавқеи рақобатпазир;
• арзёбии рақобат дар асоси ҳисоботи молиявии нашршуда;
• хароҷоти стратегӣ;
• нархгузории стратегӣ [4, с. 584].

Дар навбати худ, Ҳамза Ал-Мавалӣ танҳо се усулро номбар мекунад:

➢ баҳодиҳии хароҷоти рақибон;
➢ мониторинги мансабҳои рақобатпазир;
➢ арзёбии рақобатпазир [2, с. 132)].

Мониторинги мавқеъҳои рақобатӣ - ин таҳлили мавқеъҳои рақибон дар дохили соҳа тавассути пайгирӣ ва баҳодиҳии тамоюлҳо мебошад, алахусус нисбат ба даромад аз фурӯши рақибон, ҳиссаи онҳо дар бозор, ҳаҷми фурӯш ва арзиши воҳидҳо [5, с. 187]. Инчунин иттилоот дар бораи даромаднокии фурӯш (самаранокии амалиётӣ), гардиши пул, каналҳои тақсимот, сифати маҳсулот, пойгоҳи муштариён, нармафзор, эътибори ширкат, рӯҳияи гурӯҳӣ, малака ва малакаи кормандон ва ғайра муҳим аст.

Арзёбии рақобатӣ дар асоси ҳисоботи молиявии нашршуда омезиши равишҳои анъанавӣ ва муосир ба таҳлили муқоисавӣ (аз ҷумла таҳлили коэффитсиентҳо) мебошад. Равандҳои давомдори ҳамоҳангсозӣ ва стандартизатсия (ки маънои мувофиқи қоидаҳои тангтар ба миён омадани тартиби ташаккули ҳисоботҳоро дорад) арзёбии рақобатиро хеле осон мекунад. Ҳисоботи молиявии нашршудаи ширкатҳо дорои маълумоте мебошанд, ки метавонанд бо мақсадҳои стратегӣ истифода шаванд. Таҳлили коэффитсиентҳое, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои ҳисоботи рақибон гузаронида мешаванд, як қисми арзёбии афзалиятҳои рақобатии онҳо, устувории мавқеи онҳо дар бозор, устувории молиявӣ, даромаднокии сармоягузорӣ ва ғайра мебошад. Барои баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии, ба ширкатҳо тавсия дода мешавад, ки бо муқоисаи фаъолияти худ бо фаъолияти ширкатҳои пешбари соҳа бенчмаркинг гузаронанд.

Ширкатҳое, ки дар таҳлили рақибон усулҳои баҳисобгирии идоракунии стратегиро васеътар оғоз кардаанд, эҳтимолан хароҷоти стратегӣ ва нархгузории стратегиро истифода мебаранд.

Хароҷоти стратегӣ ин як баҳисобгирии хароҷот ва системаи хароҷотест, ки дар раванди идоракунии стратегии ширкатҳо сохта шудааст ё дар акси ҳол, системаи хароҷот бояд ба стратегияи ширкат равона карда шавад ва дар ба даст овардани бартарии дарозмуддати рақобат мусоидат кунад. Аз ҷумла, консепсияи хароҷоти дахлдор (хароҷоти оянда, ки аз як тараф ба қарори қабулшуда таъсир мерасонанд ва аз тарафи дигар, арзиши онҳо аз қарори қабулшуда вобаста аст) дар системаи ҳисобкунии стратегӣ барои "беруна" истифода мешаванд мақсадҳо, масалан, ҳангоми муайян кардани маблағҳое, ки рақибон барои таъмини сиёсати таблиғотӣ, сиёсати нархгузорӣ, кафолати сифат ва ғайра сарф мекунанд.

Нархгузории стратегӣ ба «арзиши маҳсулот барои фармоишгар нисбат ба арзиши маҳсулот асос ёфтааст. Ин равиш эътироф мекунад, ки одамон аксар вақт харидҳоро на бар асоси мантиқ, балки бар асоси равоншиносӣ анҷом медиҳанд ва маҳсулоти пурарзиш дар назари харидор ҳатман барои истеҳсолкунанда гаронтарин нахоҳад буд »[6]. Нархгузории стратегӣ барои ба даст овардани фоидаи баландтарини ширкат равона карда шудааст ва чунин маҷмӯи стратегияҳои маркетинг, молия ва рақобат мебошад, ки ба шумо имкон медиҳад тавозуни оптималии байни ниёзҳои харидорон ва имкониятҳои таъминкунандагонро пайдо кунед. Хусусияти фарққкунандаи нархгузории стратегӣ таваҷҷӯҳ ба истифодаи маълумот дар бораи рақибон мебошад (аксуламали рақибон ба тағирёбии нарх, чандирии нарх ва ғ.).

Хулоса, мо қайд мекунем, ки баҳисобгирии идоракунии стратегӣ бо стратегияи ширкат зич алоқаманд аст ва дар пешниҳоди маълумот дар бораи хароҷот, бозорҳо, рақибон, таъминкунандагон ва муштариён нақши муҳим мебозад. Маълумоти "берунӣ" ва дурнамои пешниҳодкардаи системаи баҳисобгирии идоракунии стратегии ширкат манбаи асосии таҳлили мавқеи рақобатпазирии ширкатҳо, банақшагирии стратегӣ, нархгузории стратегӣ ва қабули қарорҳои стратегии идоракунӣ мебошад. Системаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ инчунин ба ширкат иттилооти "дохилӣ" дар бораи захираҳо ва иқтидорҳои мавҷударо медиҳад, то рақобатпазирии худро муайян кунад ва манбаъҳои афзалияти рақобатии худро барои рушди минбаъдаи фаъолияти стратегӣ ва ноил шудан ба пешсафии хароҷот муайян намояд.

**АДАБИЁТ**

1. Улина Г.В. Функциональный метод учета затрат // Финансовый бизнес. — 2003. — № 5. — С. 45-53
2. Al-Mawali H. Contingent factors of strategic management accounting / H. Al-Mawali // Research Journal of Finance and Accounting. — 2015. — Vol. 6. — No. 11. — P. 130-137
3. De Koster R. Supply chain management: European perspectives / R. De Koster, W. Delfmann. — Copenhagen: CBS Press, 2005. — 309 p
4. Guilding C. Competitor-focused accounting: an exploratory note / Ch. Guilding // Accounting, Organizations and Society. — 1999. — Vol. 24. — Issue 7. — P. 583-595
5. Hertati L. Just in time, value chain, total quality management, part of technical strategic management accounting / L. Hertati, R. Sumantri // International journal of scientific and technology research. — 2016. — Vol. 5. — Issue 4. — P. 180-191
6. Marzec E. What is strategic pricing? [Электронный ресурс] / E. Marzec. — URL: https://smallbusiness.chron.com/strategic-pricing-11751.html (дата обращения: 21.10.2017)
7. Novianty I. Strategic management accounting: challenges in Accounting Practices / I. Novianty // Research Journal of Finance and Accounting. — 2015. — Vol. 6. — No. 9. — P. 7-13
8. Roslender R. In search of strategic management accounting: theoretical and field study perspectives / R. Roslender, S.J. Hart // Management Accounting Research. — 2003. — Vol. 14. — P. 255-279
9. Seal W. Disembedding the supply chain: institutionalized reflexivity and inter-firm accounting / W. Seal, A. Berry, J. Cullen // Accounting, Organizations and Society. — 2004. — Volume 29. — Issue 1. — P. 73-92

***Абдураҳмонов С.Ф. – ассистент***
***Бадрдинов Б.Н. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## БАҲИСОБГИРӢ ВА ПАРДОХТИ РУХСАТИИ МЕҲНАТӢ

Рухсатӣ – давраи вақте мебошад, ки дар давоми он корманд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарти нигоҳ доштани ҷойи кор ва вазифа аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ озод буда, онро бо хоҳиши худ барои фароғат, барқарор намудани қобилияти меҳнатӣ ва қонеъ гардонидани дигар талабот истифода мекунад.

Ба кормандон рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда (рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин, рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда, рухсатии меҳнатии иловагии ҳарсола), рухсатиҳои иҷтимоӣ (рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак, рухсатӣ барои таҳсил, рухсатии эҷодӣ), рухсатии бе музди меҳнат, рухсатии муваққатии бемузд ё қисман музднок ва дигар намуди рухсатиҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

Кормандони корхона ба гирифтани рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва рухсатиҳои иҷтимоӣ ҳақ доранд. Иваз кардани рухсатии меҳнатӣ бо ҷуброни пулӣ мумкин нест, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки корманди аз кор озодшаванда рухсатиашро истифода набурда бошад.

Барои давраи рухсатии меҳнатии ҳарсола ба корманд пардохт ба андозаи на кам аз музди меҳнати миёнамоҳона кафолат дода мешавад. Пардохти рухсатӣ дар муҳлатҳои бо шартномаи коллективӣ муқарраргардида, вале дар ҳама ҳолат на дер аз як ҳафта то оғози рухсатӣ ба ҷо оварда мешавад.

Кормандон ҳуқуқ доранд, новобаста аз корфармо ва намуди шартномаи меҳнатии бо онҳо басташуда, шакли ташкилию ҳуқуқии корхона ва пардохти меҳнат ба рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин ё рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда бароянд.

Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин ба кормандон бо давомнокии на кам аз 24 рӯзи тақвимӣ пешкаш карда мешавад. Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин барои ҳама кормандон ҳатмӣ мебошад.

Корфармо ҳуқуқ дорад, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтаринро бо тартиб ва шартҳое, ки дар шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудаанд, аз 24 рӯзи тақвимӣ зиёд намояд.

Рӯзҳои иди ғайрикорӣ, корношоямии муваққатӣ, инчунин рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда дохил намешаванд. Ҳангоми рост омадани рӯзҳои иди ғайрикорӣ ба давраи рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда давомнокии рухсатии корманд ба шумораи рӯзҳои иди ғайрикорӣ дароз карда мешавад.

Ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон, бо назардошти хусусиятҳои ухдадориҳои меҳнатӣ, синну сол, собиқаи корӣ, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳо, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар карда шавад.

Рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар карда мешавад, барои:

- кормандони ташкилотҳои илмӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;
- кормандони китобхонаҳои ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар китобхонаҳо - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;
- кормандон-омӯзгорони шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла доир ба омодакунӣ, азнавомодакунӣ ва такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;
- кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимии томактабӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;
- кормандони муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ - аз 28 то 42 рӯзи тақвимӣ;
- ҳамшираҳои тиббӣ, ки ба тарбияи кӯдакони то сесола машғуланд, мураббияҳои гурӯҳҳои ширхораи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва хонаи кӯдакон - 42 рӯзи тақвимӣ;
- кормандони доимии хоҷагии ҷангал - 28 рӯзи тақвимӣ;
- варзишгарон - на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ;
- рӯзноманигорон - на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ;
- кормандони синни то ҳаждаҳсола, аз ҷумла онҳое, ки барои гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (таълими истеҳсолӣ) қабул шудаанд - 30 рӯзи тақвимӣ;
- кормандони маъюби гурӯҳҳои I ва II- 42 рӯзи тақвимӣ, гурӯҳи III- 35 рӯзи тақвимӣ;

- кормандоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд - на камтар аз 28 рӯзи тақвимӣ;
- дигар гурӯҳҳои кормандон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рухсатиҳои иловагии ҳарсола пешкаш карда мешаванд, ба:

- кормандоне, ки дар корҳои шароити зарарнок ва вазнин кор мекунанд;
- кормандоне, ки корашон хусусияти махсус дорад;
- кормандоне, ки дар шароити номусоиди табиию иқлимӣ кор мекунанд;
- кормандони рӯзи кориашон ба меъёр гирифтанашуда;
- дар мавридҳои дигаре, ки бо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудаанд.

Давомнокии рухсатиҳои меҳнатии ҳарсола бо рӯзҳои тақвимӣ, сарфи назар аз низом ва ҷадвали корӣ ҳисоб карда мешавад. Рӯзҳои иди ғайрикорӣ, ки ба давраи рухсатӣ рост меоянд, ҳангоми муайян намудани давомнокии рухсатӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ҳангоми ҳисоб кардани давомнокии умумии рухсатии меҳнатии ҳарсола рухсатии иловагӣ, ки муҳлати он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ба рухсатии асосии ҳарсола (аз ҷумла дарозкардашуда) зам карда мешавад.

Ҳангоми ҳисоб кардани давомнокии рухсатиҳои меҳнатии ҳарсола мутаносибан ба вақти коркардашуда давомнокии онҳо бо роҳи тақсим кардани андозаи ҳар як рухсатӣ ба 12 ва зарб кардан ба шумораи моҳҳои бутуни корӣ муайян карда мешавад. Дар ин маврид барзиёдиҳои баробар ба 15 рӯзи тақвимӣ ва аз он зиёд то як моҳ давра карда шуда, барзиёдиҳои аз 15 рӯзи тақвимӣ кам ихтисор карда мешаванд.

Соли корие, ки барои он рухсатии меҳнатӣ дода мешавад, фосилаи вақте ҳисобида мешавад, ки баробар ба давомнокии соли тақвимӣ буда, вале барои ҳар як корманди мушаххас аз рӯзи ба кор қабул шудани вай ҳисоб карда мешавад.

Ба собиқаи корие, ки барои рухсатии асосии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад, инҳо дохил мешаванд:

- вақти дар давоми соли корӣ воқеан коркардашуда;
- вақте, ки корманд воқеан кор накардааст, вале ҷойи кор (мансаб) барои ӯ нигоҳ дошта шудааст;
- вақти ноилоҷ ҳозир нашудан ба кор ҳангоми ғайриқонунӣ аз кор озод гардидан ё ба дигар кор гузаронидан бо аз нав барқарор намудан ба кори пештара;
- дигар вақтҳое, ки созишномаҳои соҳавӣ, коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилии ташкилот, шартҳои шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудаанд.

Агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ба собиқаи кории барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқдиҳанда инҳо дохил карда намешаванд:

- вақти бе сабабҳои узрнок дар кор ҳозир набудани корманд;
- вақти рухсатиҳо барои нигоҳубини кӯдак то ба синни муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расидани вай;
- вақти рухсатиҳои бемузд, ки бо хоҳиши корманд бо давомнокии беш аз 15 рӯзи тақвимӣ дода шудаанд.

Санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд қоидаҳои махсуси ҳисобкунии собиқаи кориро, ки барои гирифтани рухсатиҳои меҳнатии иловагӣ ҳуқуқ медиҳад, пешбинӣ намоянд.

Агар ҷамъи давраҳои ба соли корӣ дохилшаванда аз 12 моҳи пурраи тақвимӣ кам бошад, соли кории корманд ба вақти нарасидаи он тағйир дода мешавад.

Рухсатиҳои меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои соли кории аввалӣ на барвақт аз 11 моҳи корӣ дар назди корфармо дода мешаванд. То ба итмом расидани 11 моҳи корӣ корфармо дар чунин ҳолатҳо бояд бо хоҳиши корманд ба вай рухсатиҳои меҳнатиро пешкаш кунад:

- ба занон пеш аз рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ё баъд аз он;

- ба кормандони синни то ҳаждаҳсола;
- ба кормандоне, ки бо тартиби гузариш ба кор қабул карда шудаанд;
- ба кормандоне, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ роҳхат доранд;
- ба кормандони ҳамкор, агар рухсатии меҳнатӣ дар ҷойи кори асосӣ ба давраи то 11 моҳи кории ҳамкорӣ рост ояд;
- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ ду ва ё зиёда кӯдаки синни то чордаҳсола ё кӯдаки маъюби синни то ҳаждаҳсола доранд;
- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо (шуъбаҳои шабона ва ғоибона) таълим мегиранд;
- дар дигар ҳолатҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ муайяншуда.

Ба ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда пешниҳод кардани рухсатӣ мутаносибан ба ҳиссаи рӯзҳои дар соли корӣ коркардашуда, вале на кам аз 14 рӯзи тақвимӣ иҷозат дода мешавад.

Рухсатиҳои меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои солҳои дуюм ва минбаъда дар ҳама вақти соли корӣ мувофиқи навбати пешкашкунии рухсатиҳои меҳнатӣ дода мешаванд.

Вақт ва навбати пешниҳод кардани рухсатиҳои меҳнатӣ бо тартиби пешбининамудаи шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали рухсатиҳои бо намояндагони кормандон мувофиқакардашуда, ки бо созиши байни корфармо ва корманд муқаррар карда шудааст, муайян карда мешавад. Ҷадвали пешниҳод кардани рухсатиҳои меҳнатӣ барои соли тақвимӣ бо муҳлатҳои муқаррарнамудаи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиб дода мешавад ва бо корфармо ва иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон мувофиқа карда шуда, ба маълумоти ҳама кормандон расонида мешавад.

Ҳангоми муайян кардани вақт ва навбати пешкаш кардани рухсатиҳо бояд ҳуқуқҳои кормандони барои гирифтани рухсатӣ имтиёздошта таъмин карда шаванд:

дар давраи тобистон ё дигар вақти муносиб:

- ба кормандони синни то ҳаждаҳсола;
- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муаллимони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус ва ҳайати профессорию омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки ду ва ё зиёда кӯдаки синни то чордаҳсола ё кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳсола доранд;
- ба кормандоне, ки ба бемории шуоъӣ ва дигар бемориҳои бо паҳншавии нури радиатсионӣ вобастабуда гирифтор шудаанд ё онҳоро аз сар гузаронидаанд;
- ба кормандоне, ки дар бартарафкунии оқибати садамаи Чернобил ва дигар минтақаҳои захролудшуда ё рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ иштирок кардаанд;
- дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ.

дар давраи муайян:

- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо таҳсил мекунанд, - пеш аз

гузаронидан ё дар вақти гузаронидани машғулиятҳои муқарраргардида, иҷрои корҳои лабораторӣ ё таълимӣ, супоридани имтиҳонҳо ё санҷишҳо;

- ба кормандони ҳамкор - ҳамзамон бо рухсатии меҳнатӣ дар ҷойи кори асосӣ.

Оид ба вақти пешкаш кардани рухсатӣ корманд бояд то 15 рӯзи оғози рухсатӣ огоҳ карда шавад.

Ба мардони коркунанда мувофиқи хоҳишашон рухсатии ҳарсола дар давраи рухсатии ҳамсарашон барои ҳомиладорӣ ва таваллуд пешкаш карда мешавад.

Корфармо бояд ба корманд рухсатии меҳнатиро дар давоми ҳар як соли корӣ (ҳарсола) пешкаш намояд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки ба корманд пешкаш кардани рухсатии меҳнатии пурра дар соли кории ҷорӣ ба рафти муътадили кори корхона ё соҳибкори инфиродӣ таъсири номусоид мерасонад, бо розигии корманд пурра ё қисман ба соли кории оянда гузаронидани рухсатӣ мумкин аст. Ҳиссаи рухсатии меҳнатии корманд, ки бо хоҳиши вай ба соли дигар гузаронида шудааст, ба рухсатии соли кории оянда ҳамроҳ карда мешавад ё ба таври алоҳида, дар муддати на дер аз як соли пас аз фарорасии давраи пайдо кардани ҳуқуқ барои ин рухсатӣ истифода мешавад.

Барои кормандони синни то ҳаждаҳсола, кормандони ба корҳои вазнин ва дорои шароити зарарнок машғулбуда, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба соли дигар гузаронидани рухсатии меҳнатӣ иҷозат дода намешавад.

Дар давоми ду соли пай дар пай пешкаш накардани рухсатии меҳнатӣ мумкин нест.

Дар ҳолатҳое, ки ин гуна сабабҳо дар давраи рухсатӣ ба миён омада бошанд, рухсатӣ ба шумораи дахлдори рӯзҳо дароз карда мешавад ё бо мувофиқаи корманд ва корфармо ҳиссаи истифоданашудаи рухсатӣ ба муҳлати дигари бо корфармо мувофиқашудаи соли кории ҷорӣ гузаронида мешавад. Агар сабабҳои номбаршуда то оғози рухсатии меҳнатӣ ба миён омада бошанд, рухсатӣ бо хоҳиши корманд ва розигии корфармо ба вақти дигари соли корӣ гузаронида мешавад. Корманд бояд корфарморо оид ба сабабҳои барои истифодабарии рухсатӣ дар муҳлати банақшагирифташуда монеъшаванда ва дарозкунии вақти рухсатӣ огоҳ намояд.

Агар рухсатии меҳнатӣ бо риоягардии тартиби муқарраршуда пешкаш шуда бошад, вале корманд аз истифодаи рухсатӣ дар муҳлати барои ӯ муайянгардида то охири соли корӣ бе ягон асоси қонунӣ даст кашад, корфармо ҳақ дорад, ки ба дигар давра гузаронидани рухсатии кормандро рад кунад ва ба вай барои рухсатии истифоданашуда ҷуброн пардохт накунад, ба истиснои ҳолати аз кор озод шудан, новобаста аз асоси он.

Рухсатии меҳнатиро бо мувофиқаи корманд ва корфармо ба ҳиссаҳо ҷудо кардан мумкин аст, ки яке аз ҳиссаҳои он набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ кам бошад.

Аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд кардан танҳо бо розигии корманд мумкин аст. Вобаста ба бозхонд кардан ҳиссаи истифоданашудаи рухсатӣ бояд ба корманд дар давоми ҳамон соли корӣ дар вақти барояш мусоид пешкаш карда шавад ва ё ба рухсатии соли кории оянда илова карда шавад, агар дар созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд. Аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд кардани кормандони аз ҳаждаҳсола хурд ва кормандоне, ки дар шароити зарарнок, хавфнок ва вазнини меҳнат кор мекунанд ё корашон хусусияти махсус дорад, инчунин дигар шахсон дар ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда мумкин нест.

Ҳангоми аз кор озод намудан, новобаста аз асосҳои он, ба корманде, ки рухсатии меҳнатии худро қисман ё пурра истифода набурдааст, ҷубронпулӣ дода мешавад. Ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо хоҳиши корманд рухсатии меҳнатии ҳарсолаи истифоданашуда ба вай бо шарти аз кор озод кардан пас аз ба итмом расидани рухсатӣ дода мешавад. Дар ин ҳолат санаи аз кор озод шудан рӯзи охирини рухсатӣ ҳисобида мешавад. Ҳангоми аз кор озод шудан бо сабаби ба охир расидани муҳлати шартномаи меҳнатӣ рухсатӣ бо шарти баъд аз рухсатӣ аз кор озод гардидан вақте дода шуда метавонад, ки агар муҳлати рухсатӣ пурра ё қисман аз муҳлати шартномаи меҳнатӣ бештар бошад. Дар ин ҳолат амали шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ то вақти ба охир расидани рухсатӣ дарозкардашуда ҳисобида мешавад.

Ҷубронпулӣ барои рухсатии пурраи меҳнатӣ дар сурате пардохт карда мешавад, ки агар корманд то рӯзи аз кор озод шудан дар тамоми соли корӣ кор карда бошад. Агар то рӯзи аз кор озод шудан корманд як қисми соли кориро кор карда бошад, ҷубронпулӣ мутаносибан ба вақти коркардашуда пардохт карда мешавад. Ҷубронпулӣ барои рухсатии меҳнатии истифоданашуда ҳангоми аз кор озод кардан дар рӯзи аз кор озодкунӣ пардохт карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016. - http://mmk.tj
2. Каримов, Б.Ҳ., Каримиён, М.Б., Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.



***Муродов М.А.***
***Ҷулиев М.Ҳ.***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***


## ҲОЛАТҲОИ СОХТАКОРӢ ЗИМНИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Воқеан таҳрифгариҳои ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо ба миён омада, омили фарқкунандаи сохтакорӣ аз хатогӣ дар хусусияти қасдона ва ё бе қасди амалҳое, ки ба таҳрифгариҳои ҳисоботи молиявӣ боис гардидааст, ифода меёбад. Омилҳои хавфи сохтакорӣ ин ҳолат ва шароитҳои ба ҷой доштани омилҳои моддӣ ва фишороварӣ далолаткунанда мебошанд, ки ба содир намудани амалҳои сохтакорӣ ва ё фароҳам овардани имконияти содир намудани он водор месозанд.

Аслан аудитор бо ду намуди таҳрифгариҳои қасдона дар ҳисоботи молиявӣ рӯ ба рӯ мешавад: а) таҳрифгариҳо бо роҳи сохтакорӣ; б) таҳрифгариҳо бо роҳи азонихудкунии ғайриқонунии дороиҳо. Бо назардошти гумон бурдани аудитор дар бораи ҳолатҳои сохтакорӣ ва ё ошкор намудани ҳолатҳои зикршуда, содир шудани ҳолати сохтакориро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ муқаррар карда наметавонад.

Масъулияти асосӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани сохтакорӣ ба зиммаи роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ бояд вогузор карда шавад [4, с.73]. Ба шахсони зикршуда зарур аст, ки вобаста ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои сохтакорӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор мавқеи дурустро интихоб намуда, ин ҳолат метавонад эҳтимолияти рӯй додани сохтакориҳоро барҳам зада, бинобар эҳтимолияти ошкор шудан ва ба ҷавобгарӣ кашидан тафаккури кормандон дар ин самт дигаргун мегардад.

Назорати фаъоли шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ кушиши роҳбарияти субъектро ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ба риояи маданияти ростқавлӣ ва рафтори ахлоқӣ афзун намуда, дар баробари ин имкониятҳои роҳбарияти субъектро оиди мадди назар накардани системаи назорати дохилӣ ва ё ин ки расонидани таъсири ғайриқонунӣ ба раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд, ки ба ин ҳолат кушишҳои роҳбарияти субъект оиди сохтакорӣ намудани даромадҳо бо мақсади расонидани таъсир ба маълумотҳои таҳлилгарон оиди даромаднокӣ ва натиҷаи фаъолияти субъект мисол шуда метавонад.

Чун қоида, аудитор тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, аудитро амалӣ намуда, барои ба даст овардани боварии қатӣ оиди ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ, ки ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд аст, масъул мебошад.

Бо вуҷуди ба таври дахлдор банақшагирӣ ва иҷрои аудит тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, бинобар маҳдудиятҳои маҳдуди ба аудит хос, хавфи ногузири ошкор нагардидани баъзе аз таҳрифгариҳои муҳими ҳисоботи молиявӣ боқӣ мемонад.

Ошкор намудани чунин рӯйпушкуниҳо бинобар забоняккунӣ мушкил гардида, дар чунин ҳолат аудитор метавонад дар бораи эътимоднок будани далелҳо изҳори ақида намояд, ки дар асл далелҳо бардурӯғ мебошанд.

Қобилияти аз ҷониби аудитор ошкор намудани сохтакориҳо ба омилҳои муайян, ба монанди маҳорати қоидавайронкунандаҳо, такрорёбӣ ва миқёси сохтакориҳо, дараҷаи забоняккунӣ, андозаи нисбии ҳаҷми маблағҳои сохтакорӣ мешуда ва даст доштани роҳбарияти субъект дар сохтакориҳо вобастагӣ дорад.

Гарчанде аудитор эҳтимолияти имконпазири сохтакориро муайян карда тавонад ҳам, муайян намудани ҳолати ҷой доштани ин ё он таҳрифгариҳо дар мулоҳизарониҳо, ба монанди баҳогузории ҳисобҳо, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ва ё хатогиҳо руй додааст, мушкил мебошад.

Зиёда аз ин, дараҷаи хавфи ошкор накардани таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи содир гардидани амалҳои сохтакорӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект ба миён омадааст, бинобар дорои имкониятҳои мусоид барои амалҳои сохтакории бавосита ва бевоситаи нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, пешниҳоди маълумотҳои сохтакоришудаи молиявӣ, мадди назар намудани чорабиниҳои назоратӣ будани онҳо, нисбат ба дараҷаи хавфи ошкор накардани хавфи ба амалҳои сохтакории дигар кормандон алоқаманд баланд мебошад.

Дар баробари ба даст овардани боварии қатӣ аудитор бояд дар тамоми рафти аудит ба принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) такя намуда, имконияти беэътиноии роҳбарияти субъектро нисбати воситаҳои назорат мавриди баррасӣ қарор дода, ҳолати самарабахш набудани чорабиниҳои аудитории андешидашударо барои ошкор кардани ҳолатҳои сохтакорӣ низ ҳамеша ба эътибор гирад.

Талаботҳои стандартҳои байналмилалии аудит бо мақсади мусоидат намудани аудитор дар самти муайян намудан ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакориҳо ба миён омадаанд ва таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати ошкор намудани чунин таҳрифгариҳо таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА 200) ба аудитор зарур аст, ки банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро аз мавқеи шубҳаоварии касбӣ ба роҳ монда, имконияти ҷой доштани таҳрифкориҳои ҷиддии ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқамандро новобаста аз таҷрибаи қаблии аудитор вобаста ба поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ба эътибор гирад.

Дар сурати муайян намудани ҳолатҳое, ки аудиторро ба хулоса намудани аслӣ набудани ҳуҷҷатҳо ва ё тағйир дода шудани маълумотҳои он водор месозад, аудитор санҷишро идома дода, дар ҳолати баръакс бошад метавонад қайдҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро ҳамчун аслӣ эътироф намояд.

Дар сурати мавҷуд будани ихтилофҳо байни ҷавобҳои гирифташуда аз натиҷаи дархостҳои ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ирсолгаргардида, ба аудитор зарур аст, ки ҳолати мазкурро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Бояд қайд намуд, ки барои дар сатҳи баланди касбӣ ташкил ва гузаронидаи аудит, нақши роҳбарият ва дигар шахсони дар субъект фаъолияткунанда низ муҳим мебошад. Вобаста ба ин, аудиторро лозим аст, ки ба роҳбарияти субъект вобаста ба масъалаҳои зерин дархос пешниҳод намояд:

а) аз ҷониби роҳбарияти субъект арзёбӣ гардидани хавфи ба таври ҷиддӣ таҳрифгарӣ шудани ҳисоботи молиявӣ бинобар амалҳои сохтакорӣ, инчунин хусусият, миқёс ва такрорёбии чунин арзёбӣ;

б) чорабиниҳои аз тарафи роҳбарияти субъект андешидашуда барои ошкор ва эътино намудани хавфи сохтакорӣ, аз ҷумла хавфҳои махсуси сохтакории аз ҷониби роҳбарияти субъект ошкор гардида ва ё бақияи ҳисобҳо, дараҷаи амалиётҳо ва дигар маълумотҳои молиявӣ, ки нисбати онҳо эҳтимолияти ҷой доштани хавфи сохтакорӣ мавҷуд аст;

в) аз ҷониби роҳбарияти субъект ба диққати шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ расонидани маълумот дар бораи чорабиниҳо ҷиҳати ошкор ва эътино намудани сохтакориҳо;

г) аз ҷонби роҳбарияти субъект ба диққати кормандон расонидани нуқтаи назари худ ба таҷрибаи пешбурди тиҷорат ва рафтори ахлоқӣ.

Ҳамчунин ба аудитор зарур аст, ки ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ҷиҳати муайян намудани хабардорӣ ва ё гумон доштани онҳо дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои сохтакории ба субъект алоқаманд дархос ирсол намояд. Аммо дар сурате, ки дар

сохтори субъекти иқтисодӣ хадамоти аудити дохилӣ амал менамояд, онгоҳ ба аудитор лозим меояд, ки оиди муайян намудани ҳолатҳои ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ва нуқтаи назари дахлдор ба хавфи сохтакорӣ ба хадамоти зикргардида дархост ирсол намояд.

Ба истиснои ҳолатҳое, ки тамоми шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дар идоракунии субъект ҷалб шудаанд, ба аудитор муайян намудани амалисозии назорати иҷрои чорабиниҳо аз тарафи ин шахсон ҷиҳати муайян намудани хавфи сохтакорӣ ва хафи системаи назорати дохилӣ ва арзёбии он зарур мебошад. Инчунин ба аудитор зарур аст, ки шахсони дорои ваколатҳои роҳбариро вобаста ба маълум будан ва ё гумон доштани онҳо дар бораи ҳолатҳои сохтакорӣ пурсида, бо ҳамин роҳ ҷавобҳои хаттии аз роҳбарияти субъект гирифтаашро дар ин мавзӯъ тасдиқ намояд.

Тибқи қоидаҳои амалкунанда ба аудитор зарур аст, ки маълумотҳои дар натиҷаи гузаронидани дигар чорабиниҳо ва амалҳои бо он алоқаманд ба даст овардаро арзёбӣ намуда, имконияти мусоидати онро ба муайян намудани як ё якчанд омилҳои хавфи аудиторӣ баррасӣ намояд. Новобаста аз он ки омилҳои хавфи сохтакорӣ ба таври ҳатмӣ ба ҷой доштани ҳолати сохтакорӣ ишора накунад ҳам, дар аксарияти ҳолатҳо ин омилҳо зимни сохтакориҳо дучор гардидаанд ва аз ин хотир метавонанд ба ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ишора намоянд.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА 315) ба аудитор зарур аст, ки хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар лаҳзаҳои ҳисоботи молиявӣ ва қабули қарорҳо оид ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо ва дигар маълумотҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда шавад [3, с.45].

Дар сурати муайян ва баҳодиҳии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакориҳо алоқаманд, ба аудитор лозим аст, ки ба фарзияи ҷой доштани таҳрифгариҳо дар самти ба эътибор гирифтани даромадҳо такя намуда, ба кадом намуди даромадҳо, амалиётҳои даромадӣ ва ё қабули қарорҳо боис шудани чунин хавфҳоро арзёбӣ намояд. Инчунин ба аудитор зарур аст, ки хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ба сохтакорӣ алоқамандро ҳамчун таҳрифкориҳои нисбатан ҷиддӣ баррасӣ намуда, ҳамзамон маълумотҳои дахлдорро вобаста ба воситаҳои дахлдори назорат ва амалҳои назоратӣ нисбати чунин хавфҳо ба даст биёрад.

Ҳамин тавр, тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА 330) ба аудитор лозим аст, ки ҳамчун амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ муносибати умумиро муайян намояд [5, с.112]. Ҳангоми муайян намудани муносибати умумӣ дар ҷавоби хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ба аудитор зарур аст, ки амалҳои зеринро роҳандозӣ намояд:

а) бо дарназардошти дониш, малака ва қобилияти кордонӣ ҳайати кормандонро, ки ҷиҳати иҷрои созишнома масъулияти бештар доранд, таъин намуда, фаъолияти онҳоро назорат карда, дар баробари ин арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқамандро бо созишномаи мазкур таъмин намояд;

б) арзёбии интихоб ва татбиқи принсипҳои мушаххаси сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷониби субъект, ки бо арзёбии субъективӣ ва аҳдҳои мураккаб алоқамандӣ дошта, боиси сохтакории даромадҳо гардидааст;

в) ба инобат гирифтани паҳлуҳои пешгӯинашаванда зимни интихоби хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ.

Хулоса, новобаста аз арзёбии хавфи аз ҷониби роҳбарияти субъект мадди назар намудани воситаҳои назорат, ба аудитор зарур аст, ки чорабиниҳои аудиториро бо мақсадҳои зерин таҳия ва ба иҷро расонад:

а) хусусияти дахлдори китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо дар китоби асосӣ ифода ёфта ва дигар тасҳеҳотҳои дар рафти омода намудани ҳисоботи молиявӣ амалӣ гаштаро мавриди санҷиш қарор дода, ҳамчунин ба аудитор зарур аст:

- ба шахсони дар раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ҷалб гардида вобаста ба амалҳои ғайриқонунӣ, ки ба коркарди китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо алоқаманд аст, дархост иросол намояд;

- китобҳои ба қайдгири ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳетҳоро, ки дар анҷоми давраи ҳисоботӣ амалӣ карда шудааст, талаб карда гирад;

- зарурати санҷиши китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои дар тамоми тули давраи ҳисоботӣ гузаронидаро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

б) баҳодиҳии ҳисоббаробаркуниро ҷиҳати муайян намудани саҳеҳии он ва таъсири онро ба хавфи таҳрифгариҳои муҳими ба сохтакорӣ алоқаманд аз назар гузаронида, инчунин иҷрои амалҳои зеринро таъмин намудан зарур аст:

- арзёбии мулоҳиза ва қарорҳои қабулнамудаи роҳбарияти субъект зимни ташаккули нархгузориҳои ҳисоббаробаркунӣ ва муайян намудани муносибати ғаразноки роҳбарият, ки метавонад ба хавфи таҳрифгариҳои мухими ба сохтакорӣ алоқаманд таъсир дошта бошад. Дар чунин ҳолат,ба аудитор зарур аст, ки дар маҷмӯъ ҳисоббаробаркуниҳоро аз нав нархгузорӣ намояд;

- аз нуқтаи назари аз нав дида баромадани мулоҳизаҳо ва мадди назаркуниҳои роҳбарияти субъектро вобаста ба нархгузориҳои ҳисоббаробаркуниҳои нисбатан муҳим, ки дар ҳисоботҳои молиявии соли гузашта ифода ёфтаанд, аз назар гузаронад.

в) вобаста ба амалиётҳои нисбатан муҳим, ки аз доираи фаъолияти муқаррарии хоҷагидорӣ берун мебароянд ва ё бо сабабҳои гуногун ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравaнд, бо дарназардошти маълумотҳои ба даст овардаи аудитор оид ба субъект ва муҳити он ба аудитор зарур аст, ки асоснокии амалиётҳоро муайян намуда, эҳтимолияти бо мақсади сохтакорӣ намудани ҳисоботи молиявӣ ва ё рӯйпуш намудани азонихудкунии ғайриқонунии дороиҳо равона гардидани чунин амалиётҳоро муқаррар намояд.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, № 993 аз 22.07. 2013сол. http:www.mmk.tj
2. Жарилгасова Б.Т. Международные стандарты аудита: учебное пособие / Б.Т. Жарилгасова, А.Е. Суглобов. - 4-е изд., стер. - М.: КНОРУС, 2008. - 400 с.
3. Мадатова О.В. Влияние рынка финансовых услуг на развитие малого бизнеса / О.В. Мадатова. Центросоюз Рос. Федерации, Краснодар. кооп. ин-т (фил.) Белгор. ун-та потреб. кооп. - Краснодар, 2004. - 175 с.
4. Папова С.В. Международные стандарты аудита. Учебное пособие. – изд. с изм. – М: Экономика. 2015 – 165с.
5. Суглобов А.Е. Международные стандарты аудита в регулировании аудиторской деятельности / А.Е. Суглобов. - М.: Экономистъ, 2007. - 256 с.

***Олимзода Д.З. - ассистент***
***Ҳасанов К.М. – магистрант***
***Донишкадам сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ТАҲЛИЛИ ХАРОҶОТИ КОМПЛЕКСИИ ИСТЕҲСОЛ ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТ

Дар арзиши аслии маҳсулот (кор, хизматҳо) хароҷот барои хизматрасонӣ ва идора вазни қиёсии калон доранд. Ин гуна хароҷот хароҷоти комплексӣ номида мешаванд, чунки онҳо аз якчанд ҷузъҳои иқтисодӣ иборат мебошанд. Чунин гурӯҳҳои хароҷоти комплексӣ ҷудо карда мешаванд [4, с. 181]:

- хароҷоти бо кори таҷҳизот ва татбиққунии техникаи нав алоқаманд буда. Онҳо ба ҳайати хароҷоти сехӣ дохил мешаванд ва ё ҷудогона (чун хароҷот оиди хизматрасонӣ ва истифодаи таҷҳизот) нишон дода мешаванд;
- хароҷоти сехӣ (умумиистеҳсолӣ);
- хароҷоти умумихоҷагӣ;
- хароҷоти ғайриистеҳсолӣ.

Вазифаҳои асосии таҳлили хароҷоти комплексӣ инҳоанд:

- назорати иҷроиши сметаи хароҷот;
- ошкоркунии сабабҳои тамоилот аз смета;
- муайянкунии роҳҳои пасткунии хароҷот.

Ба тамоилоти сметаи хароҷоти комплексӣ ин омилҳо таъсир мерасонанд:

- вайроншавии сметаи хароҷот;
- тағирёбии ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот.

Таҳлил аз омӯзиши сметаи хароҷот оғоз меёбад, яъне тамоилоти ҳар як моддаи хароҷот ва тамоилоти умумӣ муайян карда мешавад. Бо ин мақсад маблағҳои нақшавӣ ва воқеъии ҳар як моддаи хароҷот омӯхта мешаванд, пастшавӣ ё изофахарҷкунии хароҷот ошкор карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки камшавии (зиёдшавии) хароҷоти воқеъии на ҳамаи моддаҳо сарфаи ҳақиқиро ифода менамояд. Зиёдшавии сметаи моддаи «Санҷишҳо, таҷрибаҳо, тадқиқот» изофахарҷкунӣ нест, ин бештар ба сарфакунии масолеҳ меорад, ки аз ҳисоби истифодаи тарзҳои нави коркарди масолеҳ ба даст омадааст.

Дар баробари тамоилоти мутлақи моддаҳои хароҷот инчунин тамоилоти нисбии умумии моддаи хароҷотро муайян мекунанд, вале фақат барои моддаҳои хароҷоти доимӣ (шартан доимӣ).

Барои миқдоран ченкунии таъсири омилҳо ба тағирёбии маблағи хароҷоти комплексӣ тамоми хароҷот ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: доимӣ (шартан доимӣ) ва тағирёбанда (шартан тағирёбанда). Барои ҳар як гурӯҳ тамоилот муайян карда мешавад.

Ба х*ароҷоти доимӣ* мансубанд: хароҷоти истеҳлок, пардохти иҷора, фоизи қарз, нигоҳдории иморатҳо, хароҷоти умумихоҷагӣ, музди кори кормандони хизматрасони сехӣ. Ин хароҷот барои тамоми маҳсулот тағир намеёбанд, вале барои воҳиди маҳсулот бо таносуби чаппа аз тағирёбии ҳаҷми истеҳсол тағир меёбанд.

Ба *хароҷоти тағирёбанда* инҳо мансубанд: арзиши ашёи хом, масолеҳ, музди кори коргарон, таъмири ҷорӣ, баъзе хароҷоти истифодабарии нақлиёт. Инҳо моддаҳое мебошанд, ки бузургии онҳо барои воҳиди маҳсулот бетағир мемонанд ва бо тағирёбии ҳаҷми истеҳсол бо мутаносибияти роста тағир меёбад. Вале на ҳама вақт ин тағирёбӣ мутаносибонаи роста мебошад. Афзоиши ҳаҷми истеҳсол аз афзоиши хароҷоти тағирёбанда бар ҳаҷми истеҳсол каме пеш мебошад, чунки ҳангоми ҳаҷми калони истеҳсол имконияти ивазкунии баъзе намудҳои хароҷот пайдо мешавад ва баръакс.

Пас бузургии нақшавии хароҷоти тағирёбанда бо фоизи иҷроиши нақшаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот таҳрир карда мешавад (бузургии нақшавии хароҷоти тағирёбанда ба фоизи иҷроиши нақша зарб ва ба сад тақсим карда мешавад). Хароҷоти доимӣ таҳрир карда намешаванд.

Маблағҳои хароҷоти бо таҳрир ҳисобкардашударо (бо баназардошти иҷроиши нақшаи ҳаҷми истеҳсол) бо маблағҳои нақшавии хароҷот (доимӣ ва тағирёбанда) муқоиса карда, тамоилоти дар натиҷаи тағирёбии ҳаҷми истеҳсол бавуҷудомада муайян карда мешавад. Аз маълумотҳои ҳисоботии хароҷоти доимӣ ва тағирёбанда маблағи хароҷоти бо ҳаҷми истеҳсоли воқеъӣ ҳисобшударо тарҳ намуда, тамоилотеро пайдо мекунанд, ки дар натиҷаи вайроншавии смета (сохтори истеҳсол) ба вуҷуд омадааст.

Аз натиҷаи ҳисобкуниҳо хулосаҳо бароварда шуда, сабабҳои тамоилот ва захираҳо ошкор карда мешаванд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Таҳлили хароҷоти комплексӣ, *ҳаз. сомонӣ*

| Хароҷот | Нақша | Нақшаи бо фоизи иҷроиши истеҳсол таҳриргардида | Воқеъӣ | Тамоилот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҳамагӣ | аз ҳаҷм | аз смета |
| Тағирёбанда | 236,5 | 242,4 | 236 | -0,5 | 5,9 | -6,4 |
| Доимӣ | 125 | 125 | 131,5 | +6,5 | - | +6,5 |
| Ҳамагӣ | 361,5 | 367,4 | 367,5 | +6 | 5,9 | +0,1 |

Изофахарҷкунии умумии мавҷуда ба маблағи 6 ҳаз. сомонӣ маблағеро ифода менамояд, ки бо таъсири ду омил пайдо шудааст. Афзоиши ҳаҷми истеҳсол ба изофахарҷкунии 5,9 ҳаз. сомонӣ овардааст; вайроншавии сметаи хароҷоти доимӣ маблағи хароҷотро ба андозаи 6,5 ҳаз. сомонӣ зиёд намудааст. Изофахарҷкунии хароҷоти тағирёбанда раво мебошад, чунки вай аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсол ба миён омадааст.

Истифодабарии сметаи хароҷот бо тамоилот аз нақша ба амал омадааст: барои хароҷоти тағирёбанда сарфа ва барои хароҷоти доимӣ – изофахарҷкунӣ ба миён омадааст. Ин маблағи изофахарҷкунии нораво мебошад. Бояд сабабҳои чунин изофахарҷкунии хароҷоти доимӣ ошкор карда шаванд ва барои дар оянда ба ин роҳ надодан чораҳо дида шаванд.

Пас бояд сабабҳои сарфакунӣ ва изофахарҷкунӣ барои ҳар як моддаи хароҷот муайян карда шаванд.

Маблағи истеҳлок аз миқдори мошину таҷҳизот, сохтор, арзиши онҳо ва меъёри истеҳлок вобаста мебошад. Арзиши мошину таҷҳизот дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ ва харидани мошину таҷҳизоти қиматтар тағир ёфта метавонад. Хароҷоти истифодабарӣ дар натиҷаи тағирёбии миқдори объектҳои истифодашаванда, вақти кори онҳо ва хароҷоти қиёсӣ ба як мошин-соати кор тағир меёбанд.

Хароҷот барои таъмири асосӣ, ҷорӣ ва пешгирикунӣ бо тағирёбии ҳаҷми корҳои таъмирӣ, мураккабияти онҳо, дараҷаи фарсудагии воситаҳои асосӣ, арзиши масолеҳу қисмҳои эҳтиётӣ ва ғ. тағир меёбанд.

Маблағи хароҷот барои ҷоивазкунии дохилии борҳо аз намуди воситаҳои нақлиёт ва пуррагии истифодабарии онҳо вобаста аст.

Хароҷоти умумисехӣ ва умумихоҷагӣ дар сохтори арзиши аслии маҳсулот вазни қиёсии муҳим доранд. Барои таҳлил маълумотҳои ҳисобдории муҳосибии аналитикӣ истифода мешаванд. Барои ҳар як моддаи хароҷот тамоилоти мутлақ ва сабабҳои рӯхдиҳии ин тағирёбиҳо муайян карда мешаванд.

Сатҳи таъсири хароҷоти хизматрасонӣ ва идораи истеҳсолот ба арзиши аслии маҳсулоти молӣ аз дараҷаи иҷроиши нақшаи истеҳсоли маҳсулот (кор, хизматҳо) вобаста мебошад.

Дар рафти таҳлили хароҷоти комплексӣ бояд сабабҳои изофахарҷкунии хароҷот ошкор карда шаванд. Изофахарҷкуниро бояд ҳамчун захираи истифоданашудаи пасткунии арзиши истеҳсол ҳисоб намуд.

**АДАБИЁТ**


1. Шоймардонов С.Қ., Орзуев П.Ҷ., Барфиев Қ.Х., Бобиев И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, Ирфон, 2017. – 468 с.
2. Янковский К.П., Мухарь И.Ф. Управленческий учет. Учебное пособие. – СПб, Питер, 2011. – 368 с.
3. Управленческий учет. Учебник. / А.Д. Шеремет, О.Е. Николаева, С.И. Полякова и др. Под ред. А.Д. Шеремета. 4-е изд. – М.: ИНФРА-М, 2009. – 429 с.
4. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили иқтисодӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе, Ирфон, 2005. – 240 с.



***Нидоев П.Ф. – н.и.и., дотсент***
***Шарапова Д.Д. – магистрант***
***Мелибоев Ҷ.Ҳ. - магистрант***
***Донишкадаи сайҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## ХУСУСИЯТҲОИ НАЗОРАТИ ДАРОМАДҲОИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ БӮҲРОНИ ИҚТИСОДӢ

Ба ҳаҷм ва сохтори даромад ва хароҷотҳои буҷети давлати пеш аз ҳама омилҳо гуногун таъсир мерасонанд аз ҷумла сиёсати дохила ва берунаи мамлакат, рушди иқтисодиёт, сатҳи некӯаҳволии аҳоли ва бухрони молиявӣ. Дар шароити имрӯза яке аз омилҳои асосие, ки ба

сохтори даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро расонидааст ин буҳрони молиявӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо зарур донистем, ки оид ба системаи даромадҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаи зеринро пешниҳод намоем.

Имрӯзҳо таъсири бӯҳрони молиявии иқтисодӣ, ки дар ИМА сар зада буд, боиси коста гаштани иқтисодиёти тамоми дунё гардидааст. Маҳз сабаби сар задани бухрони молиявии муосир низ аз он сарчашма мегирад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки имрӯзҳо садҳо корхонаву фабрикаҳо ба мушкилиҳои молиявӣ дучор мегарданд ва он боиси даҳҳо ҳазор коргару мутахассис аз доираи фаъолияти истеҳсолӣ ихтисор мегарданд. Дар натиҷа ба иқтисоди ҷаҳонӣ триллионҳо доллар зиён мерасад ва сатҳи зиндагии мардум дар тамоми олам коҳиш меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ дучори бӯҳрони молиявии муосири аст, зеро иқтисоди он бо ҳазорон ришта ба иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла ба иқтисоди кишварҳои мутараққӣ, пайваст мебошад ва тавассути чунин риштаҳо таъсири бӯҳронро эҳсос мекунад. Олимон бар он ақидаанд, ки бӯҳрони муосир дар муҳлати кӯтоҳи вақт паси сар мешавад ва пас аз пастравиҳо албатта давраи болоравиҳо он оғоз хоҳад гашт. Дар ин васила бухрони молиявӣ аслан ба даромадҳои давлатӣ ва ё худ даромадҳои буҷетӣ ва ё ин зиёд шудани ин ду хароҷот тасири худро ба иқтисодиёти мамлакат мерасонад. Даромадҳои буҷетӣ раванди инъикоскунандаи муносибатҳои иқтисодии байни давлату корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар ҷараёни фароҳамоварии фондҳои буҷети мамлакат мебошанд. Ин муносибатҳои иқтисодӣ пардохтҳои гуногунеро, ки корхонаҳо, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ ба буҷет интиқол медиҳанд, ифода менамоянд. Даромади буҷетӣ дар натиҷаи тақсими арзиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ дар байни иштирок дорона гуногуни ҷараёни такрористеҳсол ва воситаи минбаъдаи тақсими арзиши дар ихтиёри давлат буда сурат мегирад, ки барои фароҳамоварии фондҳои буҷети кишвар, соҳаҳо ва фондҳои мақсадноки давлатӣ истифода мегардад.

Сохти таркибӣ, меъёр ва тарзи сафарбарнамоии даромади буҷет аз сохтори ҷамъият, сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявии давлат вобаста мебошад. Дар шароити иқтисодии бозорӣ даромади буҷетҳо асосан аз ҳисоби ду манбаъ: андоз ва пардохтҳои андозӣ ва ғайриандозӣ таъмин мегардад. Дар қисми даромади буҷети имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазни қиёсии пардохтҳои андозӣ зиёда аз 80-81%-ро ва ғайриандозӣ бошад 19-20%-ро ташкил медиҳад. Андозҳо сарчашмаи асосии даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Дар давлатҳои мутараққӣ то 90 ва дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ то 77 фоизи даромади далатро андозҳо ташкил мукунанд. Аз ҳамин ҷиҳат андозҳо «ҳиссаи шаҳрвандонро» барои нигоҳдории давлат инъикос мекунанд.

Андозҳо – категорияи муҳими иқтисодӣ буда, бо мавҷудият ва амал кардани давлат алоқаманд мебошанд: услуб, хусусият, микёси ҷамъоварии захираҳои пулӣ ва масраф намудани онҳо аз давраҳои пешрафти иқтисодии ҷамъиятие, ки ин давлатро ба вуҷуд овардааст, вобастагӣ дорад.

Андозҳо – муносибатҳои императивии (маҷбурии) пулианд, ки дар ҷараёни онҳо фонди буҷетӣ ташкил меёбад.

Сифати якуми моҳияти андозҳо – императивӣ (маҷбурӣ), яъне муносибати давлатӣ ва тобеият мувофиқи (аз рӯи) андозҳост. Ин он маъноро дорад, ки субъекти андоз ҳуқуқ надорад, ки аз иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузашта – супоридани андоз ба фонди буҷетӣ саркашӣ намояд. Дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳо чораҳои муносиби ҷазо (ҷарима, аз озодӣ маҳрум сохтан ва ғ) истифода бурда мешаванд.Сифати дуюми андозҳо – иваз шудани соҳиби сармоя. Ба воситаи андозҳо як ҳиссаи моликияти хусусӣ (дар шакли пулӣ) давлатӣ мешавад ва дар ин замина фонди марказонадашудаи пулӣ ва фонди буҷетӣ ташкил меёбад. Андозҳо танҳо дар фонди буҷетӣ дохил мешаванд, ки дар он ба таври ғайринақдӣ табдил меёбанд. Бинобар ин андозҳо муносибатҳои мақсаднок нестанд. Маҳз бо ин андозҳо аз боҷҳо муносибатҳои пулӣ, ки дар ҷараёни онҳо фондҳои мақсадноки пулӣ, масалан, боҷҳо (ҷамъовариҳо) барои нигоҳдории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷамъовариҳо барои эҳтиёҷоти маориф ва ғайра ташкил меёбанд, фарқ мекунанд. Аъзоҳақиҳо ба фондҳои махсуси давлатӣ (фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди шуғли аҳолӣ) ба андозҳо мутаалиқ нестанд, зеро ки

сифатҳои дар боло зикршударо надоранд. Аъзоҳақиҳо ба мақсадҳои муайян ворид мешаванд, баргардандаанд ва ба болои ин ба фонди буҷетӣ дохил намегарданд. Вазифаи иқтисодии андоз, ки ҳамчун сарчашмаҳои ташаккули даромад буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи вай ба давлат имкон медиҳад, ки суръати такрористеҳсол ва инкишофро тезонанд ва ё онро суст намоянд андӯхти сармояро қувват диҳад ва ё кам намояд, қобилияти харидории аҳолиро васеъ ва ё маҳдуд созад. Қайд кардан бамаврид аст, ки давлату Ҳукумати кишвар ҳамеша дар пайи кӯмаку дастгирии соҳибкорон-андозсупорандагонанд ва дар Кодекси андоз дар таҳрири нав сабукиҳо нисбати онҳо ба назар гирифта шудааст. Ин аст, ки матни Кодекси андоз дар таҳрири нав бо забони ҳаддалимкон содаю фаҳмо таҳия гардида, нисбат ба Кодекси андози амалкунанда шумораи камтари андозҳоро дарбар гирифтааст ва ҳархела тавзеҳ гардидани моддаҳо истисно шудааст, ки ин ба андозсупорандагон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои андозиашон хуб мусоидат мекунад.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав андоз аз фурӯши чакана аз қонунгузории андоз тамоман хориҷ гардид ва андозҳои бо ҳам алоқаманд дар низомҳои муттаҳид карда шуданд.

Агар даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 муқоиса намоем ба буҷети давлатии соли 2020 қариб 1,3 маротиба даромади буҷети давлатӣ аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳо зиёд гаштааст. Албатта афзоиши даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ шаҳодати таъмини рушди иқтисодӣ ва амали гаштани барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро давра ба давра ифода мекунад. Аз ин рӯ, чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, системаи андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон таносубу микдор, меъёру мӯҳлат ва имтиёзҳои онҳо бояд мунтазамиятро дар воридшавии маблағ ба буҷети давлатӣ таъмин




намоянд. Тайи солҳои охир сарфи назар аз равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ ва таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди бонизоми иқтисоди миллӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардида истодааст. Дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз рӯи тамоюлоти рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар солҳои охир, аз ҷумла нимсолаи якуми соли 2019 ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти кишвар таъсиррасонанда таҳия гардида, дар он сатҳи ҷамъоварии даромадҳо ва маблағи бақияпулиҳои андозӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Даромади буҷети давлатӣ Дурнамои даромади буҷети давлатӣ дар асоси кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки воридоти андозӣ ва ғайриандозиро танзим менамоянд, муайян гардида, дар он натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар солҳои охир ва дурнамои он барои давраи миёнамуҳлат , инчунин тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва дигар омилҳои ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсиррасонанда, ба инобат гирифта

шудаанд. Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ба маблағи 26054,0 млн сомонӣ ё баробар ба 29,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2019 ба андозаи 9,6 фоиз ё 2279,9 млн сомонӣ зиёд мебошад. Мусаллам аст, ки ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз даромадҳои андозию ғайриандозӣ, маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин грантҳо барои дастгирии буҷети давлатӣ, сарчашма мегирад ва нowобаста аз афзоиши ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, таносуби он ба ММД ба андозаи 0,6 фоиз коҳиш ёфтааст. Омили асосии чунин ташаккул ёфтани нишондиҳандаи болозикр ин нисбат ба ММД 0,2 банди фоизӣ коҳиш ёфтани нишондиҳандаи ҷалби маблағи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва 0,5 банди фоизӣ кам гардидани даромадҳои ҷорӣ (аз ҳисоби пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ) ба ҳисоб меравад.




Даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет дар соли 2020 ба маблағи 19500 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 1700,0 млн сомонӣ ё 9,6 фоиз зиёд мебошад. Сохтори таркибии даромади ҷории буҷети давлатӣ аз рӯи сарчашмаҳо дар диаграммаи зерин оварда шудааст:




Ҳиссаи даромадҳои дохилӣ (Кумитаи андоз, вазоратҳои молия, корҳои дохилӣ) дар ҳаҷми умумии даромади ҷории буҷети давлатӣ бе назардошти грантҳо барои дастгирии буҷет барои соли 2020 71,2 фоизи даромади буҷетӣ ё 13669 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 ба андозаи 10,6 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ (Хадамоти гумрук) дар ҳаҷми умумии даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ барои соли 2020-ум 28,8 фоиз ё маблағи 5531,0 млн сомониро ташкил медиҳад ва афзоиши он нисбат ба соли 2019-ум ба маблағи 386,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ташаккули ҳаҷми даромадҳои андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ дар соли 2020 аз рӯи манбаъҳои андозбандӣ бо тариқи зайл тарҳрезӣ шуд:

¬ воридоти андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андоз, иҷрои воқеии нишондиҳандаи мазкур дар солҳои гузашта, баҳодиҳии воридоти маблағ дар соли 2019, нишондиҳандаи ҳисоби миёнаи музди меҳнат ва даромад дар манбаи пардохт ва афзоиши фонди музди меҳнат дар ҳаҷми 2231,1 млн. сомонӣ бо афзоиши 230,4 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Вазни қиёсии ин нишондиҳанда нисбат ба ММД 2,6 фоиз ва даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 11,6 фоизро ташкил медиҳад;

¬ андоз аз фоида, дар асоси рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, баҳодиҳии воридоти ин намуди андоз ва маълумоти таҳлилии чанд соли охир дар ҳаҷми 2001,8 млн. сомонӣ ё бо афзоиши 13,1 фоиз пешбинӣ шудааст. Вазни қиёсии ин нишондиҳанда нисбат ба ММД 2,3 фоизро ташкил медиҳад;

¬ андози иҷтимоӣ, аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ мувофиқи талаботи Кодекси андоз бо дарназардошти иҷрои воқеии солҳои гузашта ва баҳодиҳии воридот дар соли 2019, инчунин афзоиши манбаъҳои воридоти андозӣ ва ғайриандозии дохилӣ воридоти пардохтҳои гумрукӣ грантҳо барои дастгирии буҷет Даромадҳои ҷорӣ бо грантҳо барои дастгирии буҷет андозбандишаванда дар ҳаҷми 1951,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст. Воридоти андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ нисбат ба соли 2019 -ум ба андозаи 7,8 фоиз ё 141,0 млн. сомонӣ зиёд баҳодиҳӣ гардидааст;

¬ андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ, дар асоси амалиётҳои андозбандишаванда, таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо (ба истиснои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои аз ААИ озод) дар ҳаҷми 3077,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019 ба андозаи 5,5 фоиз ё 160,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Вазни қиёсии ин намуди андоз нисбат ба ММД 3,5 фоизро ташкил менамояд ва он дар муқоиса ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2019 ба андозаи 0,2 банди фоиз кам пешбинӣ шудааст;

¬ воридоти андози аксизи дохилӣ ба маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол ва фурӯхташаванда дар асоси арзиши молҳои аксизии фурӯхташудаи зераксизӣ, ки номгӯи онҳо дар Кодекси андоз муқаррар шудааст, бо назардошти хизматрасониҳои соҳаи алоқаи барқӣ ба маблағи 213,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст ва он нисбат ба соли 2019 ба андозаи 4,0 фоиз ё ба маблағи 8,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад;

¬ андоз аз маҳсулоти коркард ба маблағи 11,2 млн сомонӣ аз рӯи истеҳсоли алюминияи аввалия (172,3 ҳаз тонн) бо меъёри 65 сомонӣ ва андоз аз фурӯши алюминии аввалия аз рӯи истеҳсоли 3,3 ҳазор тонна бо нархи миёнаи 2100,0 доллари амрикоӣ ба 1 тонна бо меъёри 3 фоиз ба маблағи 2,1 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст;

¬ андозҳо барои захираҳои табиӣ, аз ҳисоби сарватҳои зеризаминӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истихроҷ карда мешаванд дар ҳаҷми 825,3 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби роялтӣ барои об 70,7 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Афзоиши воридоти ин намуди андоз нисбат ба нақшаи буҷети соли 2019 ба андозаи 26,2 фоиз зиёд ба нақша гирифта шудааст;

¬ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, аз ҳисоби маблағи хароҷоти воқеии дар давраи ҳисоботи андоз барои мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар ҳаҷми 556,9 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба маблағи 104,6 млн сомонӣ ё 23,1 фоиз зиёд буда, вазни қиёсии он дар ММД 0,6 фоизро ташкил медиҳад;

¬ андоз аз воситаҳои нақлиёт, ки аз рӯи иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт, бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда мешавад, дар ҳаҷми 226,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст;

¬ низомҳои махсуси андозбандӣ, тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдор, воридоти воқеии солҳои 9 гузашта ва баҳодиҳии соли 2019 дар ҳаҷми 807,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 13,1 фоиз муайян карда шудааст ва ҳиссаи он дар ММД 0,9 фоизро ташкил менамояд;

¬ пардохтҳои гумрукӣ дар асоси дурнамои нишондиҳандандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №367 "Дар бораи дурнамои нишондиҳанадаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2022"

тасдиқ гардидаанд, дар ҳаҷми 5531,0 млн сомонӣ бо афзоиши 7,5 фоиз пешбинӣ карда шудааст. Воридот аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи соли 2019 ба маблағи 386,0 млн сомонӣ зиёд буда, вазни қиёсии он дар ММД 6,3 фоиз ва нисбат ба даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 28,8 фоизро ташкил менамояд;

¬ воридоти андозҳо аз ҳисоби фаъолияти беруна, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 4244,5 млн. сомонӣ, аксизҳо аз молҳои зериаксизии воридшаванда 402,2 млн. сомонӣ ва боҷҳои гумрукӣ ба маблағи 781,0 млн сомонӣ (аз он ҷумла боҷи содироти барои нахи пахта 128,5 млн сомонӣ) пешбинӣ карда шудааст. Воридоти ин намуди андозҳо нисбат ба соли 2019 мутаносибан ба андозаи 9,0 фоиз, 35,5 фоиз зиёд ва 11,3 фоиз кам ба нақша гирифта шудааст;

¬ даромадҳои ғайриандозӣ дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо пардохтҳо ҳисоб ва ба буҷет ворид карда мешаванд, инчунин воридоти воқеии солҳои қаблӣ ба маблағи 1288,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Афзоиши ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 -ум 105,7 млн. сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар ММД 1,5 фоиз ва даромади ҷории буҷети давлатӣ 8,9 фоизро ташкил хоҳад дод.




Дар шароити бозор даромади буҷетҳо асосан аз ҳисоби чунин манбаъҳо ташкил мегардад:

андозҳо, воридотҳои ғайриандозҳо ва ҳаргуна пардохтҳои муайянгардида.

Бояд қайд кард, ки дар қисми даромади буҷети имрӯзаи ҷумҳурии Тоҷикистон вазни қиёсии андозҳо 50 – 60 фоиз ва пардохтҳо бошад 40 – 50 фоизро ташкил медиҳанд.

Андозҳо сарчашмаи асосии даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Дар давлатҳои мутараққӣ то 90 ва дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ то 77 фоизи даромади далатро андозҳо ташкил мукунанд.

Андозҳо – муносибатҳои императивии (маҷбурии) пулианд, ки дар ҷараёни онҳо фонди буҷетӣ ташкил меёбад. Ва баҳрони молиявӣ дар шароити муосири даромадҳои молиявӣ инчунин метавонад ба чунин даромадҳи андозӣ таъсир расонад.

Ҳамаи бӯҳронҳо дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеоянд, онҳо сабабҳои асосии бавуҷудоии худро доранд. Олимону мутахасисони бахши иқтисод оид ба бӯҳронҳои иқтисодӣ молиявӣ таълимотҳои зиёдеро пешниҳод кардаанд. Равияҳои пешниҳод намудаи онҳо вобастаи асосии таълимоти материалисти ва идеалистӣ мебошанд. Таълимоти беҳамторо оид ба бӯҳронҳои иқтисоди молиявӣ Ф.Энгелс ва В.И. Ленин пешниҳод намудаанд. Оид ба"мавҷҳои бӯҳронӣ" Кондратев Н.Д. низ фикру ақида ва таклифу пешниҳодҳои хешро иброз дошт. Мувофиқи таълимоти Ф.Энгелс ва В.И.Ленин сабабҳои асосии бӯҳронҳои иқтисодии молиявӣ инҳоанд:

1). Зиддияти асосии дар иқтисодиёти бозорӣ ҷойдошта зиддияти байни характери ҷамъиятии истеҳсолот ва аз худ кунии шахсии соҳибмулкон мебошад;

2). Зиддияти байни меҳнат ва сармоя;

3). Ташкили мутаносиби истеҳсолот дар дохили як ширкат ва набудани мутаносибият дар миқиёси тамоми ҷамъият;

4). Зиддияти байни истеҳсолот ва истеъмолот.

Асоси зиддиятҳои овардашударо пастравии қобилияти хариддории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъи аз як тараф ва барзиёд истеҳсолкунии нисбӣ бо мақсади гирифтани фоида аз тарафи дигар ташкил медиҳад. Бо ибораи дигар ҳосилнокии меҳнатӣ дар ҷамъият амалнамоянда аз имконияти қонеъгардонии талаботҳо ба маротиба боло меравад. Иқтисодиёти ҳамаи давлатҳои дунё асосан гирифтори ду навъи бӯҳронҳои иқтисодӣ мегарданд:

1. Бӯҳронҳое, ки бо сабаби барзиёд истеҳсолнамоиҳои нисбӣ, яъне пастравии қобилияти пардохтпазирии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъи дар ҳолате, ки бо мақсадӣҳарчи зиёдтар гирифтани фоидаи ҳаҷмӣ истеҳсолотро зиёд менамояд, ба вуҷуд меоянд;

2. Бӯҳронҳое, ки бо сабаби кам истеҳсолнамоӣ, яъне нисбат ба даромадҳои пулии шахсони ҳуқуқи ва воқеӣ маҳсулотҳои истеҳсолшуда кам мебошанд, ба миён меоянд.

Хусусияти асоси ва фарқкунандаи ҳамаи бӯҳронҳои барзиёд истеҳсолнамоӣ он аст, ки дар як соҳаи иқтисодиёт ба миён омада, давра ба давра ҳамаи соҳаҳои дигари иқтисодиётро фаро мегиранд ва ҳолати иқтисодӣ иҷтимоии аҳоливу соҳибкори ва давлатҳоро ногувор мегардонанд.

Н.Д. Кандратев дар таҳлили бӯҳронҳо ҷой доштанӣ давраҳои калонро, ки 70 - 80 солро дарбар мегиранд исбот намуда, қайд кардааст, ки мавҷҳои калон дорои ду давраи асоси, ба мисли рушд ва бӯҳрон мебошанд, ки ҳар яке аз онҳо 20- 25 солро дарбар мегирад. Таълимоти мазкур дар давраи бӯҳронҳо ба миёнаии гузаришро аз як тарзи истеҳсолот ба тарзи дигар пешбинӣ менамояд. Ҳаминро қайд кардан зарур аст,ки бӯҳронҳои иқтисодии кӯтоҳмуддат 5-8 солро дар шароити имруза дар бар мегиранд ва дар ҳолати мувофиқа кардани мавҷи давраи бӯҳронӣ калон бо мавҷи бӯҳрони хурд гузариш ва ё ҷангҳоро ногузир мегардонанд. Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ оқибати ҳамаи рушдҳо бӯҳронҳои иқтисодӣ мебошанд. Муаммои дигаре, ки бӯҳрони иқтисодии муосир дар назди иқтисоддонҳо мегузорад ин омӯхтани таъсири бӯҳрон ба моделҳои иқтисодии инкишофи дар олам ҷойдошта мебошад. Омӯзиши таъсири бӯҳрон ба моделҳои инкишофи иқтисодиёт бартари ва норасогиҳои ҳар яки аз онҳоро ба мо ошкор менамояд, ва мо метавонем омилҳои ба бартарии модел таъсирасониданро дар иқтисодиёти хеш истифода намоем, ки аз манфиат холи нест. Аз гуфтаҳои болои хулоса бармеояд, ки тадқиқоти комплексӣ оид ба такрористеҳсол ва пешниҳодҳои мушаххас ба субъектҳои иқтисодиёт талаботи вакт аст ва аз манфиате, ки таваккалро дар иқтисодиёт паст менамояд холӣ нест. Бӯҳрони молиявие, ки имрӯз тамоми дунё аз он дар ҳарос афтодаанд ва садову симо ва расонаҳои дунё мунтазам дар мавриди он мегӯянду менависанд, ба хусус оиди бемории Ковид-19 дар мамлакатҳои мутараққии иқтисодии ҷаҳон ба вуҷуд омадааст. Имрӯз хело мушкил аст заминаҳои пайдоиши онро муайян намуданд. Агар дар бораи заминаҳои пайдоиши бӯҳрони молиявӣ сухан гуем, набояд онҳоро аз имрӯз ё ин ки дирӯз ҷустуҷӯ намуда ҷамовари намоем, балки хело пештар, якчанд даҳсолаҳо пештар, яъне вақте, ки давлатҳои тараққикарда иқтисодиёти худро бо пулҳои (доллар) иловаги пур мекарданд.

Омили дигаре, ки таъсири манфии худро ба суръати рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонад ин баланд шудани арзиши доллар мебошад, ки ба қобилияти харидории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад, чунки асъори миллӣ – сомонӣ ба асъори ИМА алоқамандии зиёд дорад ва аз ин сабаб паст шудани қурби доллари ИМА нисбати еврои Аврупо ба таври автоматики арзиши сомониро нисбати асъори аврупои паст менамояд. Ин ҳолат ба зиёд гаштани нархи аз Аврупо ба Тоҷикистон воридшаванда мегардад.

Чунин пешниҳодҳоро дар заминаи хусусиятҳои ташаккули системаи даромадҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ

А) барои пешгирии буҳрони молиявӣ бояд маблағҳои буҷетиро самаранок истифода барем:

Б) барои пешгирии буҳрони молиявӣ сарчашмаҳои иловагии маблағҳоро дарёфт намудан лозим:

В) мутобиқ намудани конунҳои самати иқтисодӣ бо талаботҳои замони муосир:

Г) пура нигоҳ доштани хароҷотҳои дуюминдараҷа:

Д) сари вақт пардохт намудани маблағҳои буҷети барои музди меҳнат:

Е) ҷамъоварии маблағҳои андозӣ ва пардохти он ба буҷет:

Бояд онро қайд кард, ки бо назардошти шарту шароитҳои ба миён омада ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри фароҳам овардани шароит мусоид намудани ҳолати иқтисодӣ ва пасттару камтар намудани зарар ва таъсири бӯҳрони молиявӣ-иқтисодии муосири умумиҷаҳонӣ чораҳоеро андешида истодааст ва қарорҳоеро қабул карда истодааст, ки аз тарафи ташкилотҳо ва муассисаҳои молиявии байналхалқӣ ва давлатҳои дигар барои гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ дар ҳолати бӯҳрони молиявӣ-иқтисодии муосир ҳаматарафа дастгирӣ кардашуда истодааст.

Ҳангоми навиштан, омӯхтан ва таҳлили мақолаи мазкур як қатор проблемаҳо пайдо гардиданд, ки онҳоро қайд кардани мехоҳем:

1. Азбаски яке аз манбаъҳои ҳам даромад ва ҳам рӯйпуш намудани касри буҷет сармояи давлатӣ ба ҳисоб меравад бинобар ин ҳангоми фуруши моликияти давлатӣ чун пештара ба хатогиҳо бояд роҳ дода нашавад. Объектҳои давлатиро шахсоне бояд харидори намоянд, таҷрибаю малакаи зиёдро доро бошанд, ва тавонанд, корхонаҳои солҳои зиёд бекорхобидаро инчунин зарароварро аз нав таҷҳизонида барои пешравии иқтисодиёти кишвар саҳм гузоранд.

2. Ба мо маълум аст, ки дар Ҷумҳури Тоҷикистон қонун дар бораи суғуртаи тибби қабул гардидааст, вале механизми он пурра амалӣ нагаштааст. Шахсоне, ки ба ҷои кор таъминанд аз хизматрасонии ин шакли суғурта баҳраманд. Вале барои шахсони муваққатан бекор ё тамоман бекор, нафақахӯрон, донишҷӯён ва дигар категорияҳо дастрас нашудани ин хизматрасонӣ аз имкон берун мебошад. Бинобар ин пешниҳод мекунем, ки барои чунин категорияҳои ҷамъият аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барои пардохти аъзоҳаққии суғуртаи тиббӣ маблағҳо ҷудо карда шаванд.

Барои бартараф кардани проблемаҳои мавҷуда пешниҳод менамоем:

1. Ҳангоми гузарнодина ислоҳот оид ба низоми андоз иқтидори иҷтисодии мамлакат ва вазъи молиявии андозсупорандагон ба назар тгирифта шавад.

2. Маблағгузории соҳаҳои маориф ва тандурустӣ боз ҳам зиёд карда шавад, зеро яке аз омилҳои асосии пешбарандаи ҷомеъаи кишвар аввал саломатӣ, баъдан илм мебошад.

3. Барои кам кардани хароҷотҳо ва самаранок гаштани сифати кор аз тамоми техникаву технологияи ҳозиразамон истифода бурда шавад.

4. Амали гардонидани назорат оиди ба таври нақшагии хазинадорӣ, иҷронамудани буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, яъне амалӣ намудани назорати ҳаррӯза, оиди иҷроиши буҷети давлатӣ;

5. Ба зери назорати қатъӣ аз тарафи органҳои давлатии ҳокимият қарор гирифтан, оиди бо пурраги ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ (воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ) ва таъмини иҷроиши онҳо;

6. Инкишоф ва такмил додани фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳамаи бизнеси хурд ва миёна, ки метавонад даромадҳои иловагӣ ба буҷети давлат ворид намояд.

Хулоса, натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлил нишон медиҳанд, ки роҳҳои такмили иҷроиши буҷети давлати воқеан тадбиқ гарданд, чунин тарз нафақат нақшаи даромади буҷетро иҷро мегардонад, балки барзиёд иҷро гардиданаш эҳтимоли калон дорад. Маблағҳои иловагӣ ба даромади буҷети давлатӣ ворид гардида, ки онҳо барои молиякунонии барномаи гуногуни иқтисодию иҷтимоии мамлакат сафарбар намудан имконият медиҳанд.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2018.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии ҶТ" аз 05.07.2011. Душанбе – 2011.

3. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000".

4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2016-2020
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030)
6. Галанов В.А. « Финансы, денежное обращение и кредит». Москва: Форум – 200
7. Дворецкая А.Е. Финансы.Деньги.Валютная система: учебное пособие. – М.: Экон – информ, 2011 – 287 с.
8.Исоматов Б.И. "Назарияи иқтисод". – Душанбе, 2003.
9. Иброимов И.Р., Мирбобоев Р.М. «Идораи молияи давлатӣ». Китоби дарсӣ. Душанбе: ҶДММ "Ҷонибек" 2014-102с.
10. Оймаҳмадов Г.Н. «Молия». Душанбе – 2005.
11. Раҳимов З.А. , Қаюмов С.Ш. , Ҷӯраев Ш.Ҷ. , Раҳимова С.З. «Молия, муомилоти пул ва қарз». Душанбе – 2011.
12. Фролова Т.А. Финансы и кредит. Таганрог: ТТИ ЮФУ, 2007.

***Абдураҳимов А.А. – н.и.и., дотсент***
***Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров***

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТ ВА МУАЙЯНКУНИИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ

Масъалаҳои баҳисобгирии хароҷот ва муайянкунии арзиши маҳсулот ҳамчун нуктаҳои ҳалкунанда ва дар навбати худ баҳснок низ ба ҳисоб меравад. Дар бисёр маълумотҳои ба нашр расида дар ин бобат фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошад.

Вазифаи баҳисобгирии хароҷотҳо ва ҳисоби арзиши аслии он, ба шакли пулӣ табдил додан ва танзиму назорат намудан иборат мебошад. Ба замми он, баҳисобгирии хароҷотҳо дар истеҳсолот ва таҳлили арзиши аслии маҳсулот, яке аз унсурҳои асосии низоми идоракунии хароҷотҳои истеҳсолии маҳсулот ба ҳисоб меравад. Маҳз дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии онҳо шароит барои паст кардани сатҳи хароҷот ва дар натиҷа баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона оварда мерасонад, ки мақсади асосии ҳар як ҳоҷагидор ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва нархномасозии арзиши аслии маҳсулот ба баҳисобгирии идоракунӣ вобаста карда шудааст, ки он барои додани иттилоот ҷиҳати идоракунии арзиши аслии маҳсулот аз тарафи мутахассисон ва роҳбарияти корхонаву зерсохторҳои он муқаррар гардидааст.

Хароҷотро ҳамчун шакли бо пул ифодаёфтаи захираҳои истехсолӣ, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот сурат мегирад, мефаҳманд. Харочоти истехсолӣ, кулли масрифотҳое, ки мустақиман дар раванди истеҳсолот оиди тавлиди неъматҳову хадамот истифода карда мешаванд (музди кор, сӯзишворӣ, ашёи хом, энергия, истеҳлоки сармоя, масрифотҳои дигар оиди идораи корхона ва ғайра), дар бар мегирад. Ин гурӯҳи масрифот арзиши маҳсулотро ташкил дода, баъди фурӯш он дар шакли пул (П=П+ΔП) ба хоҷагидор бармегардад. Қисми охирон, барои барқарор кардани хароҷотҳои раванди истеҳсолот ва қисми дигари он ҳамчун фоида дар ихтиёри он боқӣ мемонад.Яъне:

$$W=c+v+m, \qquad (1)$$

дар ин ҷо:
W – арзиши аслии маҳсулот(мол);
c - сармояи доимӣ,
v - сармояи тағйирёбанда,
m - арзиши изофа.

Хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот категорияҳои асосии иқтисодӣ мебошанд. Хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ки арзиши аслии маҳсулотро ташкил медиҳанд, яке аз омилҳои муайянкунандаи фаъолияти иқтисодии корҳона баҳисоб мераванд. Дараҷаи ин хароҷотҳо ва арзиши аслии маҳсулот ҳаҷми фоида, даромаднокии маҳсулот ва дигар нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии корҳонаро муайян менамояд. Миқдори маҳсулоте, ки

корхона метавонад ба бозор пешниҳод кунад, ба сатҳи хароҷотҳои истеҳсолӣ вобастагии зиёд дорад.

Хароҷоти корхона гуфта – ин камшавии манфиатҳои иқтисодиро дар натиҷаи соқиткунии активҳо (воситаҳои пулӣ, масолеҳот ва дигарон) ё худ пайдоиши ӯҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи корхона боис мегардад, эътироф карда шудааст [6].

Хароҷот истеъмоли захира ё ин ки пул, ки барои мол ё ин ки хизмат пардохт намудан лозим аст, фаҳмида мешавад.

Хароҷот - ин камшаваии фоидаи иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ, ки бо шакли хориҷшавӣ ё истеҳлоки активҳо ё афзоиши ӯҳдадориҳо ба амал омада, ба камшавии сармоя, ки бо бозгирифти соҳибмулкон алоқае надорад, бурда мерасонад [3, с. 37].

Хароҷотҳо – истеъмоли маҷмӯи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти истеҳсолӣ - молиявӣ равона карда шудааст.

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии хароҷот дар истеҳсолот: баҳисобгирии ҳаҷм, навъ ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳо ва хизматрасониҳои иҷрошуда, баҳисобгирии хароҷотҳои ҷорӣ дар истеҳсолот назорат аз болои сарфи ашёи хом ва захираҳои моддиву меҳнатӣ дар доираи иҷроиши сметаии тасдиқшуда, ҳамчунин калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, муайяннамоии натиҷаҳои фаъолияти зерсохторҳо ва ошкор намудани захираҳо барои паст кардани арзиши аслии маҳсулот.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ баҳисобгирии муҳосибии идоравӣ мафҳуми хароҷот ба таври гуногун маънидод карда шудааст. Чуноне, ки Т.В. Шишкова и О.Е. Николаева қайд мекунанд: одатан зери мафҳуми хароҷот захираҳои истемолӣ ё маблағро мефаҳманд, ки барои мол ё хизматрасонӣ пардохт мегардад [8, с. 54].

М.А. Вахрушина бошад мафҳуми хароҷотро ҳамбаста бо баҳисобгирии муҳосибӣ маънидод мекунад: хароҷотҳо – сарфи воситаҳо барои захираҳо, ки корхона онҳоро соҳиб мебошад ва дар тавозун ҳамчун дороӣ (актив) инъикос гардидааст, ки дар оянда ба корхона самараи иқтисодӣ хоҳад овард.

С.А. Котляров таваҷҷӯҳи худро ба натиҷа ва мақсади пайдошавии хароҷот зоҳир намудааст. Хароҷот – ин арзиши захираҳое, ки дар натиҷаи истифодаи он корхона фоида ба даст меорад ё ба мақсади дигар ноил мегардад. Яке аз шартҳои асосии ба дастовардани иттилооти боэътимод оид ба арзиши аслии маҳсулот ин муайянии дақиқи таркиби хароҷотҳои истеҳсолӣ мебошад.

В.Э. Керимов зери мафҳуми хароҷотҳо камшавии воситаҳои корхона ва ё зиёдшавии ӯҳдадориҳоро дар раванди фаъолияти хоҷагидории корхона мефаҳмад [5, с. 22].

Аз рӯи мазмун чунин нуқтаи назарро профессор Я.В. Соколов низ дорост: «Хароҷот ин он чи, ки дорои (актив) - кам намуда, тарафи пассивии (сармоя ва ӯҳдадорӣ) тавозунро зиёд мекунад [7, с. 69].

Аз нуқтаи назари профессор В.Б. Ивашкевич бошад, ба ҳароҷотҳо дохил мешавад – маҷмӯи сарфаи дар шакли пулӣ ифодаёфтаи меҳнати зинда дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ дар муддати муайян таҷассум гардида: хароҷот барои бозоршиносӣ, логистика, таҷдиди активҳо, хароҷотҳое, ки раванди коркард ё истифодаи захираҳои моддӣ – истеҳсолӣ барои ба даст овардани маҳсулот, корҳои иҷрошуда, хизматрасонӣ ва фурӯш, ҳамчунин фурӯши молҳо [4, с. 68].

Масъалаи зерин дар дигар давлатҳо низ ҳалли худро ёфтаанд. Масалан, дар Британияи Кабир ва ИМА мафҳуми “expenses” маънои “хароҷотҳое, ки ҳангоми ҳисобкунии фоида ё калкулятсияи захираҳои боқимонда истифода мешавад, мефаҳманд. Мафҳуми expenditures сарфаеро мефаҳмонад, ки бо раванди калкулятсия алоқамандӣ надорад. Ҳамин тавр, Ф. Вуд ҳангоми муайян кардани принсипи ҳисобкунӣ, қайд мекунад, ки “зери фоидаи соф фарқият байни ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташудаи давраи ҳисоботӣ ва хароҷотро (expenses), на фарқият байни воситаҳои пулии воридшуда ва истифодашуда (expenditures).

Профессор П.С. Безруких мешуморад, ки – хароҷоти исетҳсолотро хамчун маҷмуи сарфаи корхона барои истеҳсолот ва фурӯши истеҳсолот дар давраи муайян новобаста аз он, ки маҳсулот тайёр шудааст ё нимтайёр аст, мешуморад. Аз нигоҳи муаллиф дар чунин

муносибат, хароҷотҳои ба истеҳсолот сарфшуда ба мафҳуми иқтисодиаш наздик мебошад [2, с. 27].

Аз рӯи фаҳмишҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки хароҷот – ҳамчун категорияи иқтисодӣ ифода гардида, маҷмӯи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявие, ки дар раванди истеҳсолоти маҳсулот истифода мегардад. Махсусан дар баҳисобгирии идоравӣ, ҳисобгирии хароҷотҳо дар истеҳсолот ва таҳлили арзиши аслии маҳсулот, яке аз унсурҳои асосии низомии доракунии хароҷотҳои истеҳсолии маҳсулот ба ҳисобмеравад, ки дар натиҷа маълумот оиди маҳсулоти истеҳсолшуда дар шакли пулӣ ифода мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Абдураҳимов А.А., Зоидова Т. Такомули низомҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот.// Материалы республиканской научно-практи-ческой конференции “Основные проблемы развития региональных интеграционных группировок и участия Республики Таджикистан в них» -Душанбе: 2017, -248с.
2. Безруких П.С. Состав и учет издержек производства и обращения. В помощь бухгалтеру. Положение о составе затрат, комментарии. М.,1996.-224 с.
3. Зарипов Э.Ш. Баҳисобгирии муҳосибии идоравӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе, 2012. – 236с.
4. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. М., 2004.-618 с.
5. Карпова Т.П. Управленческий учет: учеб. для вузов. М., 2003. -350 с.
6. Положение по бухгалтерскому учету "Расходы предприятий" ПБУ 7/2001.Утверждено приказом Министерства финансов Республики Таджикистан от 13.08.2001г. №118.
7. Соколов Я.В. Бухгалтерский учет в рыночной экономике: история и современность // Бух. учет. 1991. № 1. -С. 227
8. Шеремет А.Д., Николаева О.Е. и другие. Управленческий учет: учеб. М., 2005. - 344 с.



***Қурбонова Г.М. – муаллими калон***
***Ятимова Ш.С. – ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


**When an artist looks at the world, he sees colour.**
**When a musician looks at the world, he hears music.**
**When an economist looks at the world,**
**he hears a symphony of costs and benefits.**
**D. Colander**

## ИСТИФОДАИ ВОЖАҲОИ ҲИСОБДОРӢ–ИҚТИСОДӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Талабот ба омӯзиши забони англисӣ ба ихтисосҳое, ки ба ин ё он соҳаи иқтисодӣ, молиявӣ ё ҳисобдорӣ алокаманд мебошанд, дорои хусусиятхои ба худ хос аст. Маҳз ҳамин хусусиятҳо ва талаботи барномаҳои таьлим истифодаи маводи ба ихтисос алоқаманд, яьне маводи иқтисодӣ молиявиро амри зарурӣ мегардонад. Дар ин бора бештар дар «Лугати мухтасари англисӣ–тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисии ибораҳои молиявӣ», «English for business Companion» (Тошканд 1993, «English for businessmen» Тошканд 1993, хеле серистеьмол аст, ба маьнои «хизмат кардан», «хизмат» ин талаботҳоро қайд карда будаанд. Аз ин лиҳоз мо бештари калима ва истилоҳои серистеьмоли соҳаи молия ва ҳисобдорӣ дар ҳамбастаги бо вожаҳои мухталифи иқтисодӣ дар муҳоваpаҳо, рӯзномаву маҷҷалаҳо ва дигар сарчашмаҳо, ки теьдоди хеле зиёд доранд, гирд оварда шудааст. Мақсад аз ҷамьоварию тарҷума ва маьнидод намудани ин ибораҳо он иборат аст, ки дар оянда аз он як дастури таьлимӣ ё васоити ёрирасони таьлимӣ барои истифодаи доимии ихтисосҳои ҳисобдорӣ, молиявӣ дар раванди таьлими забони англисӣ қарор диҳем. Азбаски дониши аксари донишҷӯёни ин ихтисосҳо аз забони русӣ ва англисӣ паст аст ва истифодаи сарчашмаҳои дигар бо ин забонҳо барояшон душвор аст, мавҷуд будани чунин маводи ёрирасони таьлимӣ бо забони модариашон аз аҳамият холӣ нест.

Вожаҳое, ки пешкаши истифодабарандагон менамоем, донистани онҳо бо сабаби хеле серистеьмол буданашон барои донишҷӯёни ихтисосҳои номбурда аҳамияти хоса дорад. Мисол:

Investor – шахсе, ки барои ба даст овардани фоида ба ин ё он корхона маблаггузорӣ мекунад [1, с. 79-80].

Foreign investor - сармоягузории хориҷӣ.

Investment - сармоягузорӣ.

Fixed (long- range ) investment - сармоягузории дарозмуддат.

Domestic investment- сармоягузории дохилӣ.

Short-range investment - сармоягузории кутоҳмуддат.

Direct-investment - сармоягузории мустақим.

Joint investment – сармоягузории муштарак.

Cash investment – сармоягузории пуллӣ.

Foreign investment– самоягузории хориҷӣ.

Private investment - сармоягузории хусусӣ.

Intangible investment- сармоягузории фикрӣ

Sectorial investment - сармоягузориҳои соҳавӣ.

Инак, ба таваҷҷӯҳи Шумо як қатор калимаҳои дигареро пешкаш менамоем, ки ба андешаи мо донистани онҳо бо сабаби хеле серистеьмол буданашон барои донишҷӯён аҳамияти хоса доранд ва онхо дар давоми кор карданашон аз онҳо истифода бурда метавонанд.

Калимаи Contract - қарордод, паймон - мувофиқатномае, ки байни 2 ё якчанд нафар бо мақсади иҷро ё худдорӣ кардан аз амале баста мешавад [2]. Чунин шаклхои қарордодро номбар кардан мумкин аст:

Aleatory contract-қарордоди иттифоқӣ, таваккалӣ.

Bilateral contract –қарордоди дуҷониба (дутарафа).

Executary contract - қарордоди иҷрой, қарордоде, ки дар оянда иҷро мешавад.

Option contract - қарордоди ихтиёрӣ.

Unilateral contract - қарордоди яктарафа.

Void contract – қарордоди беэьтибор .

Дар тиҷорати байналмилалӣ чунин шаклҳои қарордодро вохӯрдан мумкин аст:

Adhoc delivery contract – қарордоди таҳвилӣ, интиқоли мавридӣ .

Service contract –қарордоди хадамот.

Вожаи contract боз дар чунин иборахо вомехӯрад:

Contract broker - далол, воситачии қарордод.

Contract carrier - мутасаддии иҷроиши интиқоли қарордод.

Contract clouse - шарти қарордод.

Contract labour – коргари қарордодӣ, коргари паймонӣ.

Contract Line – санади қарордод, тавофуқнома.

Contract of Novation – қарордоди тоза, қарордоди ҷадид.

Contract payable – паймонҳои пардохтанӣ, ё худ маблағе, ки барои паймонкор пардохта мешавад.

Contract price – қиммати чекӣ, қиммати қарордод.

Contract rent – иҷораи қарордод.

Contract sell – қарордоди фурушӣ, мувофиқат барои фуруш.

Contract wage system - танзими музди қарордодӣ.

Contract parties - тарафҳои қарордод.

Калимаи «service», ки дар китоби English for business Companion хеле серистеьмол аст, ба маьнои «хизмат кардан», «хизмат», «хизматгузорӣ», истифода мешавад. вале дар ибораи дар боло овардашуда ба маьнои «қарордоди хадамот» истифода шудааст.

Калимаи дигаре, ки дар забони соҳибкорӣ ва бизнес хеле серистеьмол аст ин вожаи «agreement» мебошад, ки ба забони тоҷикӣ, «розигӣ», «розишавӣ», «қарор», «қарордод, шартнома, аҳднома» ва ғайрахо тарҷума мешавад.

Бо ин калимаҳо боз чунин таркибҳо вомехӯранд:

Trade agreement –шартномаи тиҷоратӣ.

Representative agreement - (Agreement for representation)-мувофиқатномаи намояндагӣ.

Licensing agreement – мувофиқатномаи имтиёзӣ.

Join venture agreement - мувофиқатномаи муштарак.

Дар соҳаи иқтисод ва соҳибкорӣ калимаҳои «office» - идора, корхона, «term» - шарт, шароит қисми таркибӣ, «currency»- арз, «trade» -савдо, муомила- кор, "bill" – барот, санад (дар ИМА), "credit" – қарз ва амсоли ин аз чиҳати ҳамбастагӣ бо калимаҳои дигар хеле фаъол буда, дар айни замон хеле серистеъмол мебошанд, ки албаттта дар гузоришҳои оянда мо онро баррасӣ хоҳем кард. Зеро ба ақидаи мо, фароҳам овардани чунин маводҳо ба забони модарии донишҷуён дар мавриде, ки китобҳои дарсӣ ва васоити ёрирасони таълимӣ хеле кам аст, ба раванди таълим ин маводҳо таъсири мусбат расонида, шавқу рағбати шогирдонро ба омӯзиши сарчашмаҳои иловагӣ бедор менамояд.Дар дарс барои афзоиши шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ истифодаи ин вожаҳо айни муддаост.Истифодаи ин методи таҳқиқот барои муайян кардани самаранокии азбаршавии маводи таълим ва лаёқатмандии муҳассилин дар фаро гирифтани забон маводи пурарзиш медиҳад. Дар ин сурат, бешубҳа натиҷаи кори мо беҳтару, сатҳи дониши шогирдон боло рафта, дар кадом соҳае, ки онҳо кору фаъолият кардан мехоҳанд, ин маводҳо аллакай барои онҳо шинос ва истифодаашон осону қулай мегардад. Дар «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ҳамаи шароитҳо барои аз худ намудани ин забонҳо фароҳам оварда шудааст. Дар баробари ҳазм намудани барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ, инчунин маҳфилҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши ин забонҳоро ба роҳ бояд монд. Ҳар як фан истилоҳот, ибораю ифодаҳои худро дорад, аз ин рӯ, шогирдон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки забони ғайрро пурра омӯзанд то ин,ки муошират карда тавонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Луғати мухтасари англисӣ –тоҷикӣ, тоҷикӣ– англисии ибораҳои молиявӣ, Х. Мирзоев. Матбааи ВМҶТ –Душанбе 2001

2. English for business Companion (Тошканд 1993), саҳ. 70-72.

3. English for businessmen (Тошканд 1993).

4. Гальксова Н.Д., Гез Н.И. Теория обучения иностраннымязыкам: Лингводидактика и методика: Учебное пособие. – М.: Акдемия,2004, стр. 102-167.

5. Карамышева Т.В. Изучение иностранных языков с помщью компьютера. В вопросах и ответах. – Спб.: Союз, 2001.

6. *Сакун, Л.В.* Теория и практика подготовки специалистов

7. English for economists .Л.В.Бедрицкая. Минск -2004.

# БАХШИ II. НАҚШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Нидоев П.Ф. - н.и.и., дотсент*
*Авдиев А.А. – магистрант*
*Донишкадаи сайҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИРИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муносибатҳои молиявӣ категорияи иқтисодӣ буда, маҷмӯи муносибатҳои пулиро ифода мекунад. Муносибатҳои молиявӣ дар асоси гардиши пулӣ (нақдӣ ва ғайринақдӣ) ба саҳна омадаанд. Ин муносибатҳо категорияи таърихи буда, онҳо ҳанӯз дар ҷамъияти ғуломдорӣ баробари ташкил ёфтани давлати ғуломдорӣ пайдо шудааст. Дар зинаҳои сохти токапиталистии истеҳсолот муносибатҳои молиявӣ асосан алоқаҳои натуралиро ифода карда, дар давраи тараққиёти капитализм ба муносибатҳои пулӣ мубаддал гаштаанд. Насриддини Тусӣ (солҳои 1201 – 1272), мутаффакири шинохтаи халқи форсу тоҷик, ки дар асри XII умр ба сар бурдааст, доир ба молиёт асаре бо номи «Дар молиёт» таълиф намуда, дар бораи тарзҳои ситонидани андозҳои он вақт, ки муносибатҳои пулии ҳамон давраро дар бар мегирад, маълумот додаст [8].

Молиёт, маънои тамоми намудҳои пардохтҳои пулиро ифода карда, дар асрҳои XIII – XV дар шаҳрҳои ба тиҷорат машғулшудаи Итолиё ба вучуд омада аст.

Минбаъд бо баробари инкишоф ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ мафҳуми муносибатҳои молиявӣ нисбатан васеъ паҳн шуд, ба мафҳуми байналхалқӣ табдил ёфта ҳамчун мафҳуми бо системаи пулӣ алоқаманд, ммубодилоти пулии байни аҳолию давлатро оид ба ташкили фондҳои пулии давлат ифода менамояд.

Ҳамин тавр, муносибатҳои молиявӣ – гуфта маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиеро меноманд, ки бо ташкилу тақсим ва истифодаи фондҳои пули марказонидашуда (буҷети давлатӣ) ва ғайримарказонидашуда (фондҳои корхонаҳо, иттиҳодияҳо, ташкилотҳо ва ғайраҳо) вобаста буда, барои зарурияти васеъ намудани истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият истифода бурда мешавад.

Фонди маблағҳои пулии марказолнидашуда, воситаҳои пулие мебошанд, ки истифода мешаванд. Фонди воситаҳои пулии марказонидашуда асоси буҷет ба шумор меравад, ки дар асоси муносибатҳои пули байни давлат бо шахсони воқеию ҳуқуқи ташкил ва тақсисм карда мешавад. Ба фонди маблағҳои пули марказанидашуда фонди нафақа, фонди шуғли аҳолӣ, фондҳои марказонидашудаи давлатӣ, фонди суғуртаи ичтимолӣ, фонди ҳатмии суғуртаи тиббӣ дахил мешавад.

Фондҳои воситаҳои пули ғайримарказонидашуда фонди корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳо ба шумор мераванд. Дар сасоси даромади балансӣ корхонаҳо якчанд намуди андозҳоро ба буҷети давлатӣ пардохт намуда, фоидаи боқимондаро барои васеъ намудани истеҳсолат, инчунин барои пардохти қарз ва фоизи қарз истифода менамоянд. Фонди захиравии корхона асосан барои муввақатан нигоҳдорӣ ташкил карда шуда, дар лаҳзаҳои муайян истифода бурда мешавад. Фонди истеҳлок (хурдашавӣ) барои таъмири ҷорӣ, тамири асосӣ ва пурра иваз намудани воситаҳои асосӣ равона карда шуда, шароити мусоидро барои ташкили фоида муҳайё месозад. Ба фонди воситаҳои пулии ғайримарказонидашуда, инчунин буҷети оилаҳо дохил мешавад, ки асоси ташкилшавии онро музди меҳнат ва инртиқоли маблағҳои марказонидашуда ташкил медиҳад. Фондҳои пулие, ки ба выоситаи муносибатҳои молиявӣ ташаккул меёбанд барои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, нигоҳ доштани аппарати идоракунии давлатӣ, таъмин намудани мудофиаи мамлакат, мустаҳкам намудани алоқаҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои хориҷа, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аъзоёни ҷамъият равона карда мешавад.

Инчунин муносибатҳои молиявӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ дорои моҳият ва мазмуни мустақил ва хоси ифодаи муносибатҳои пулӣ мебошад. Онҳо ҳамеша шакли ифодаи пулӣ дошта, раванди гардиши пул ва гардиши боигариҳои маблағгузоришавандаро, ки дар баъзе мавридҳо пулро иваз менамоянд, қоғазҳои қиматнок, санг ва филизоти қиматбаҳо, объектҳои маблағгузорӣ ифода мекунад. Ҳамзамон зери мафҳуми муносибатҳои молиявӣ тамоми тадбир ва андешаҳои субъектҳои иқтисодӣ оид ба ташкил ва истифодаи фондҳои пулии таъиноти хос дошта, ки дар мавриди тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмуи махсулоти миллӣ ва даромади миллӣ ба вуҷуд меояд, фаҳмида мешавад. Бояд гуфт, ки муносибатҳои молиявӣ дар асоси мунасибатҳои пулӣ сурат мегирад. Дар навбати худ пул, воситаҳои пулӣ ва фонди пулӣ аз ҳамдигар фарқ дорад, пул эквиваленти умумии ҳамаи молҳо буда, моҳияти он дар асоси иҷрои вазифаҳояш зоҳир мегардад [6].

Дар аснои харидан ва фурухтани моли тайёр аз ҷониби соҳибкор ***М – П ва П – М,*** пул на ба сифати муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ, балки муносибатҳои пулӣ баромад мекунад. ояд тазаккур дод, ки аз рӯи хусусияти бавуҷудоӣ муносибатҳои молиявӣ дар асоси муносибатҳои пулӣ ба вуҷуд меояд, аммо на ҳамаи муносибатҳои пулӣ муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ шуда метавонанд [5].

Фондҳои пулӣ, азбаски қисми махсусгаштаи муносибатҳои пулӣ буда, таъинот хоси мақсадноки истифодабари доранд, дар ин мазмун онҳо муносибатҳои молиявиро ифода мекунамоянд.

Масалан, соҳибкор пули аз фуруши маҳсулот ба даст омадаро дар навбати авввал ба ҳисоби 51 интиқол намуда, сониян ба мақсади таъмини раванди такрористеҳсоли онро ба фондҳои пули истифодаи мақсаднок табдил медиҳад. Бо ибораи дигар, пули дар ҳисоб буда ба фонди барқароркунӣ (харидани ашёи хом, сузишворӣ энергия ва пур кардани ҷойҳои хурда шавии фондҳои асосӣ), фонди истеъмол (музди кор, суғуртаи иҷтимоӣ ва мукофотпулиҳо) ва фонди андӯхт (азнавмуҷаҳаз кардан, навоварӣ, ихтироот) ҷудо карда мешавад.

**Фондҳои пулӣ дар чунин ҳолатҳо ба манбаи муносибатҳои молиявӣ таъиноти хоси истифодабаридошта табдил меёбанд:**

- агар маблағи фонда барқароркуниро барои фонди истеъмол ва андӯхт (ё маблағи фонди истеъмолу андӯхт) – ро барои барқарор намудан истифода бурдан мумкин набошад;

- фондҳои пулии таъиноти мустақили истифодабарӣ дошта, муносибатҳои пулиро ба муносибатҳои молиявӣ табдил мндиҳанд, на танҳо дар мавриди тақсими маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, балки дар мавриди азнатақсимкунии мааҷмуи маҳсулоти миллӣ ба вуҷуд омада бошанд.

Нақшаи 1. Фондҳои пулӣ дар манбаи муносибатҳои молиявӣ

Азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти миллӣ бо ёрии буҷети давлатӣ ташкил карда мешавад. Ташкилотҳои буҷетӣ харҷнома ( смета ) – ро ҳамчун ҳуҷҷати муносибатҳои молиявӣ истифода мебаранд, ки аз моддаҳои хароҷот иборат аст.

Маблағи муайяни барои ҳар як модда ҷудокардашуда бояд мувофиқи таъинотистифода шавад. Дар ҳолати камбуди маблағ дар мавриди истифодабарӣ ҷои онҳоро аз ҳисоби маблағҳои дигари моддаҳои дар харҷнома нишондодашуда пур кардан мамкин нест. Ҳамин тавр, маблағҳои пулӣ ба манбаҳои муносибатҳои молиявӣ таъиноти хосдошта мубаддал мегардад.

Муносибатҳои молиявӣ муносибатҳоеро ифода мекунад, ки онҳо ҳамеша шакли пулӣ доранд [4]. Муносибатҳои молиявӣ бе пул вуҷуд дошта наметавонад.

Муносибатҳои молиявӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ муносибатҳои тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмуи маҳсулоти миллиро ифода намуда, муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ эквивалентиро инъикос намекунад. Тақсиму азнавтақсимшавии арзиш бо ёрии лоиҳаҳои муносибатҳои молиявӣ, ҳатман, бо гардиши пул анҷом ёфта, шакли манбаҳои молиявиро магирад. Аз ин ҷиҳат захираҳои муносибатҳои молиявӣ ифодагари муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ мегарданд.

Муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ ҳамеша бо ташкили даромадҳои пулӣ ва андӯхт, ки шакли захираҳои молиявиро доранд, бунёд мегарданд ва онҳо барои ҳамаи низомҳои иқтисодӣ хос мебошанд.

Ташкил ва истифодаи фондҳои пули таъиноти хосдошта таносуби муайянеро дар корхонаҳо ва умуман иқтисодиёт фароҳам меорад, ки яке аз аломатҳои муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Мазмуни муносибатҳои молиявӣ натанҳо бо мафҳумҳои умумӣ (даромад, хароҷот), балки мафҳуми ҷузъи – ифодагари раванди ташкил ва истифодаи фондҳои пулӣ (сафарбарнамоии маблағҳо, пардохтҳои ҳиссаҷудокуниҳо аз даромадҳо, пардохтҳо ва андозҳо, маблағгузорӣ, музди кор ва ғайра) тавсиф карда мешавад. Моҳияти муносибатҳои молиявӣ бо воситаи мафҳумҳои даромад, фоида, даромаднокӣ, арзиши аслӣ, воситаҳои асосию гардон, истеҳлок, зарар ва ғайра зоҳир мегардад.

Фоида ва даромаднокӣ вазъ ва ҳолати муносибатҳои молиявӣ воҳидҳои иқтисодиро нишон медиҳад. Арзиши аслӣ ва меъерии он ба ҳаҷми фоидаи соҳибкор таъсир мерасонад. Ҳолати истифодаи воситаҳои асосию гардон ба нишондиҳандаи даромаднокӣ ва сатҳи истифодаи воситаи гардону суръати гардиши онҳо ба дараҷаи пардохпазирии ширкат таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ (дар асоси гуфтаҳои боло) муносибатҳои молиявӣ ро чунин таъриф додан мумкин аст:

Тамоми шакл ва усулҳои ташкил ва истифодабарии фондҳои пули таъиноти мазсусдошта, ки барои баамалбарории такрористеҳсолот ва талаботи давлат вобаста ба вазъи бозор, дар мавриди тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмуи маҳсулоти миллӣ ва даромади миллӣ ба вуҷуд меоянд, муносибатҳои молиявӣ ном дорад. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки муносибатҳои пулӣ бавуҷудорандаи муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ бошанд ҳам, муносибатҳои молиявӣ ва пул аз якдигар аз руи мазмун ва вазифаҳояшон фарқ мекунад.

Пул— моли махсусест, ки нақши эквиваленти умумиро нисбати дигар молҳо иҷро мекунад. Пул бо ёрии меҳнати дар худ таҷассумёфта баробари меҳнати дар дигар молҳо сарфшудари оинъикос мекунад.




Нақшаи 2. Сабабҳои бавуҷудоии хоҷагии молӣ ва пулӣ

Муносибатҳои молиявӣ бошад механизми иқтисодие мебошад, ки тақсим ва азнавтақсимшавии маҷмуи маҳсулоти миллӣ ва даромади миллиро ба амал мебарорад. Онҳо

ҳамчун механизми назорат оид ба ташкил ва истифодабарии маблағҳои пули таъиноти хосдошта хизмат мекунад. Пул бошад, дар инъикоси нарх ҳамчун воситаи баҳисобгирии иқтисодӣ баромад мекунад.

Муносибатҳои молиявӣ бидуни пул вуҷуд дошта наметавонад. Пул ҳамчун натиҷаи муносибатҳои молию пулӣ, алалхусус хоҷагиҳои молӣ (бозорӣ) арзи вуҷуд дорад, маҷмӯи ин муносибатҳоӣ, сабаби ба миён омадани муносибатҳои молиявӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ мегардад. Дар ҳолати дар хоҷагиҳои молӣ вуҷуд надоштани пул муносибатҳои молиявӣ низ мазмуну маънои мустақил пайдо намекунад. Аз нигоҳи таҳлили решаҳои таърихӣ ва илмӣ хулоса бармеояд, ки зарурияти ҷой доштани муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ ва пул мустақиман ба сабабҳои ташкил ва густариши истеҳсолоти молӣ алақаманд мебошад.

Бояд махсус қайд намуд, ки агар ин омилҳо сабаби ба миён омадани хоҷагиҳои молӣ, мубодила (бозор) ва пул бошад, пас зарурияти муносибатҳои молиявӣ бо мавҷуд будани пул муайян карда мешавад. Талаботи соҳибкорон оид ба ташкили соҳибкорӣ ва амалигардонии онҳо маҷбур месозад, ки соҳибкорӣ бо манбаҳои молявӣ таъмин карда шавад.

Фаъолияти соҳибкорӣ танҳо бо ёрии муносибатҳои молиявӣ , ки воситаи тақсими маҷмуи маҳсулоти миллӣ мебошад, таъмин карда шуда, воситаи қонеъ гардонии талаботи такрористеҳсолотро дар шароити бозор таъми менамояд.

Соҳибкор талаботи дар шароити бозор зудтағйирёбандаи такрористеҳсолот, мунтазамияту мутаносибии онро танҳо аз ҳисоби манбаҳои муносибатҳои молиявӣ қонеъ мегардонад. Ҳарчанд, ки рақобат ва дигар унсурҳои механизми бозор (НАРХ, ТАҚОЗО ВА АРЗА) ба раванди такрористеҳсол ҳатман таъсир мерасонанд.

муносибатҳои молиявӣ дар мутобиқнамоии таносуби такрористеҳсолот ба талаботҳо манбаи беҳамтост.

Такрористеҳсол вобаста ба он ки иқтисод дар кадом давра силсила (сикл) қарор дорад, талаб менамояд, ки таносуби муайяни ба роҳмонии он бо манбаҳои муносибатҳои молиявӣ зарурӣ таъмин карда шавад.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бар меояд, ки зарурияти муносибатҳои молиявӣ ҳамчун таъминкунандаи раванд ва таносуби такрористеҳсолот ҳатмист.

Як қисми муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ бо вучуд доштани давлат вобаста башанд ҳам маънои онро надорад, ки фаъолияти давлат муносибатҳои молиявӣ ро ба вуҷуд меоварда башад.

Бавуҷудои ва аз байн рафтани муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ натиҷаи фаъолияти давлат ва ё изҳори ризоияти он нест. Талаботҳои ҷамъиятӣ миқдорану сифатан инкишоф меёбанд, ки он тарзи воқеии зарурияти ҷой доштани муносибатҳои молиявӣ ва инкишофи муносибатҳои молиявиро ҳатмӣ мегардонад [7].

Давлат имконияти инкишофи муносибатҳои молиявиро дорад, аммо бавуҷудоранда ва азбайнбарандаи муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ шуда наметавонад.

Муносибатҳои молиявиро талаботҳои ҷамъияти ба вуҷуд меоранд, давлат бошад, супоришҳои ҷамъиятиро амали менамояд. Бояд зикр намуд, ки худи давлатро муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён меорад.

Зарурияти ҷой доштани муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ дар шароити бозор мустақиман бо ҷой доштани таваккали иқтисодӣ оиди таъмини гардиши сармоя ва ё таъмини фоидаи чашдошт ва вобаста ба бозаргонии корхонаҳ барқарор намудани муносибатҳои иқтисоди ва ҷой доштани муфлисшави муайян карда мешавад. Субъектҳои моликият вобаста ба таъинот ва иштирокашон дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ фондҳои пули таъиноти махсусдошта ташкил медиҳад.

Муносибатҳои молиявӣ гуфта маҷмуи муносибатҳои иқтисодиро меноманд, ки бо ташкилу тақсим ва истифода намудани фондҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда вобаста буда, барои васеъ намудани истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият истифода бурда мешавад.

Муносибатҳои молиявӣ категорияи иқтисодибуда, маҷмӯи муносибатҳои муносибатҳои пулиро ифода мекунад. Муносибатҳои молиявӣ дар асоси гардиши пулӣ ба вуҷуд омадааст [5].

Муносибатҳои молиявӣ ҳамеша шакли ифодаи пулӣ дошта, раванди гардиши пул ва гардиши боигариҳои маблағгузоришавандаро, ки дар баъзе мавридҳо пулро иваз менамоянд, қоғазҳои қиматнок, санг ва филизоти қиматбаҳо ифода мекунад.

Чӣ тавре маълум аст, пул моли махсус буда, барои дигар молҳо эквиваленти умӯмӣ мебошад. Вай бинобар мол буданаш, арзиш ва арзиши истеъмолӣ дорад. Пул дар мавриди дорои арзиш набудан, арзиши молҳои дигарро ҳам ифода карда наметавонад. Маълум аст, ки сарчашмаҳои гуногуни таъмини муносибатҳои молиявӣ мавҷуд мебошанд. Дар робита бо муассисаҳои муносибатҳои молиявӣ вазифаи роҳбарони корхона аз ҷустуҷӯи чунин сарчашмаҳои муносибатҳои молиявӣ иборат мебошад, ки онҳо тавонанд маблаuҳои пулиро бо фоизи камтарин гиранд ва самаранокии онҳоро таъмин намуда, фоидаи дилхоҳ ба даст оранд.

Аз ин лиҳоз аз тарафи давлат аҳамият додан ба системаи муносибатҳои молиявии давлатӣ хеле муҳим мебошад. Давлат сиёсати муносибатҳои молиявӣ виро тавре ба роҳ монад, ки таъсири бевоситаи он ба иқтисодиёт назаррас бошад. Чунки маҳз мустаҳкамшавии системаи муносибатҳои молиявӣ дар мамлакат боиси афзун ва васеъ гаштани иқтидори иқтисодии мамлакат, мустаҳкам шудани саатҳои гуногуни иқтисодиёт, акфзун гардидани ҳаҷми умумии ММД ва зиёд шудани суммаи маблағҳои буҷети давлатӣ мегардад, ки дар навбати худ афзоиши ҳамаи ин нишондиҳандаҳо боиси беҳтару хубтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат мегардад. Аз он сабабе, ки ҷумҳурии мо ҷумҳурии иҷтимои аст ва яке аз мақсадҳои асоси ин беҳтар хубтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳоли мамлакат аст. Ба ғайр аз ҳалли ин масъала мустаҳкам шудани системаи муносибатҳои молиявӣ боиси саривақт ворид шудани маблағҳои пулӣ ба буҷет мегардад. Дар навбати худ сари вақт ва пурра ворид шудани маблағҳои пулӣба буҷет имконият медиҳад, ки мақомотҳои адхлдори иҷрои вазифаҳои муносибатҳои молиявӣ, маблағгузориро пурра ва саривақт ба муомилот ва идораҳои мӯҳтҷи таъминоти муносибатҳои молиявӣ ва маблағгузории ташкилотҳои буҷетиро таъмин намояд. Тамоми ташкилотҳои буҷетӣ маблағҳои дар хостии худро гирифта коргарону мутахасисон музди кори худро пурра мегиранд. Пардохтҳои трасфертӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ сари вақт ба соҳибони худ дода мешаванд. Мустаҳкамшавии системаи муносибатҳои молиявӣ и Ҷумҳурии Тоҷкистон ба мустаҳкамшавии муносибатҳои иқтисодию муносибатҳои молиявӣ байналхалқӣ низ мегардад [8].

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндаи муносибатҳои молиявӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамъомадҳо, конфронсҳои муносибатҳои молиявӣ байналхалқӣ мебошад. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр ташкилотҳои муносибатҳои молиявӣ байналхалқӣ ҳамкорӣ дорад ва аъзои онҳо мебошад. Бо ин ташкилотҳои муносибатҳои пулию қарзии зич дорад ва сол то сол ин муносибатҳо возеътару мустаҳкамтар шуда истодааст. Ин нишонаи мустаҳкамшавии ҳаматарафаи системаи муносибатҳои молиявӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз гуфтаҳои болои чунин бар меояд, ки системаи лоиҳаҳои муносибатҳои молиявӣ, системаи муҳим ва гуногунтаъсири иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, аз рушду мустаҳкамшавии он дигар системаҳои иқтисодиёти миллӣ ва ҳокимияти давлатӣ вобастагии бениҳоят колан дорад.

Дар заминаи таҳқиқот мо танзимимуносибатҳои молиявиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардем:

1. Муносибатҳо бо дигар субъектҳои хоҷагии мустақили шаклҳои гуногуни моликият, ки бо мақсади ба даст овардан ва тақсим кардани даромадҳо ва анҷом додани амалиёти ғайрирасмӣ, аз ҷумла.

2. Муносибатҳои байни субъектҳои мустақили иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ тавассути саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок.

3. Муносибати корхона ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва ҳайати шахсӣ.

4. Муносибатҳо дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ дар дохили корхона.

5. Муносибатҳои ширкати асосӣ (холдинг) бо филиалҳо ва филиалҳои он.

6. Муносибати корхона бо буҷа ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин мақомоти фискалӣ (андоз) ҳангоми пардохти андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ.

7. Муносибати корхона бо ташкилотҳои молиявӣ (бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ, фондҳо).

Хулоса, дар асоси омӯзиши муназзами ташаккулёбии муносибатҳои молиявӣ заминаҳои таърихӣ ва муосири танзими муносибатҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ва мукаммал ба роҳ монда шудаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2020, № 1469.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» ш. Душанбе, 21 июли соли 2010, № 626.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 17 апрели соли 2002, №615.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 723.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 17 сентябри соли 2012, № 901.
6. Абдуллаева М.Г. Особенности взаимодействия налоговой и бюджетной политики в Республике Таджикистан /М.Г. Абдуллаева //Экономика и предпринимательство. -2016. -№ 3-1(68). -С.238-242.
7. Алимардонов Ӯ. Васоити таълимӣ аз фанни «Молия», 2014. – С.165
8. Базецкая А. И. Исторический аспект формирования и развития финансовой системы : монография /А. И. Базецкая; Харьков. нац. ун-т гор. хоз-ва им. А. Н. Бекетова.-Харьков: ХНУГХ им.А.Н.Бекетова, 2015. Н.А. Саттаровой. М., 2009. (авт. гл. 5 А.Е. Абрамова).
9. Вазорати молияи ҶТ «Ҳисоботи солона оид ба иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2004»,- 2005. Душанбе, С. 34.



***Одиназода К.С. – н.и.и., дотсент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***
***Раҳматова Адолат – магистрант***
***Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***


## МЕХАНИЗМИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗХОИ ИПОТЕКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қарзи ипотекӣ қарзест, ки ба аҳолӣ барои хариди молҳои гуногун, хизматрасониҳо, объектҳои ғайриманқул дода мешавад.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарзи ипотекӣ ҳамаи қарзҳое,ки ба аҳолӣ дода мешаванд инчунин қарзҳои барои харидани молҳои истифодаи тулонӣ, қарзҳои ипотекӣ, карзӣ зарурияти таъхирнопазирва ғайра дохил мешаванд. Натиҷаи асосии истифодаи қарзҳои ипотекӣ дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум зоҳир мегардад .

Қарзи ипотекӣ дар беҳтар шудани некуаҳволии аҳолӣ низ мақоми муҳимро ишғол менамояд. Вақти таъмири хонаҳои шахсӣ, харидани манзилгоҳ, нақлиёти сабукрав, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра шахсони воқеӣ низ метавонанд зарурияти худро ба маблағҳои пулӣ тавассути гирифтани қарзи истеъмолӣ қонеъ гардонданд.

**<u>Қарзи ипотекӣ (иногений)</u>** - дар шакли гарав мондани замин ва сохтмон пешкаш карда мешаванд.Қарзи ипотекӣ роли калонро хусусан барои корхонахои сохтумонии давлати ва хочагидории фермерӣ мебозад. Чунин ба онҳо бонкҳо бе ягон мамоният дар холати даркори карзи лозимиашро медиҳад. Тараққии ин намуди қарз асосан аз ҳисоби маблағҳое, ки аз хоричи дохил мешаванд, дода мешаванд, чун ки ҳолатҳоеро мешават, ки дар бонк маблағҳои даркори худ ноёф шуда, бекурбшавии пул мушоҳида карда мешавад [1].

Кайд намудан лозим аст, ки тартиби додани қарзи ипотеки ба 2 гуруҳ чудо мешавад [2, с. 23]:

- Бе ягон муомила додани қарзи ипотеки ба хамаи субектхои хочаги ва муштариён;
- Фурухтани карзҳои ипотекӣ дар бозорҳо барои гирифтани фоидаи илова ва додани қарзи зиёдатӣ;

Ба гурухи якум асосан бонкҳое, ки бо додани карзҳои ипотеки машғул мебошанд, дохил мешаванд.

Ба гуруҳи дуюм кампанияхои молиявӣ, фондҳо, ташкилотҳое, ки активҳои (фаъолона) бонкҳои ипотеки дар дасти онҳост. Корхонаҳое, ки сармояи онҳо ба гарав монда шудааст ва ташкилотҳое, ки коғазҳои қимат баҳо доранд, дохил мешаванд.

Қарзи ипотекӣ яке аз воситаҳои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маблағҳои пулии иловагӣ ба шумор меравад [4, с.102].

Бори аввал дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ аз ҷониби ҶСК «Агроинвестбонк» ҷорӣ карда шуд. Мушкилоти асосии тараққи накардани ин намуди карздиҳи асосан ба қадри ҳолл на будани захирахои бонки (хусусан маблағҳои хориҷӣ) мебошад. Ин чун талаботи дуруст ба ин намуди кредит аз тарафи мизоҷон ҳоло камтар аст. Аз ҳама муҳимаш боз он аст, ки бонкҳо то ҳолл дар кишвар мақсади ҷобачогузории захираҳои худро барои додани карзҳои дарозмуддат то ҳолл баҳисоб нагирифта истодаанд, чункӣ сол ба сол пасшавии қурби асъори миллиро мо мушоҳида карда истодаем .

**Афзалиятҳои қарзи ипотеки,ки барои харидории хона равона шудааст инҳо баҳисоб мераванд [5, с. 123]:**

1. Меъёр пасти солона.
2. Вуҷуд надоштани маҳдудият ҳангоми интихоби хона.
3. Имконият пайдо якбора ба хонаи хусусӣ кӯчида даромада, пули онро дар муддати якчанд сол пардохт кардан.
4. Аъзои оилаи онҳо имконият пайдо мекунанд, ки дар хонаи харидорӣ намудаашон худро ба қайд гиранд.

Барои харидани хона тариқи қарзҳои ипотекӣ бояд ҳамон нафре,ки хона мехарад як миқдор маблағ дошта бошад,яъне пардоххои авваларо худи оила пардохт намояд. Пардохти аввалин (ПА) – қисми арзиши хонаи харида мебошад, ки аз ҳисоби воситаҳои худи харидор пардохта мешавад. Бонкҳо одатан ба ҳамаи арзиши хонаи харидашуда қарз намедиҳанд. Онҳо манфиатдоранд, ки як қисми арзиши харидро харидор аз ҳисоби захираҳои шахсии худ пардохт намояд. Талабот оид ба андозаи ПА фарқ мекунад. Агар як қисм бонкҳо андозаи ПА-ро 30% аз арзиш талаб кунанд, бонкҳои дигар метавонанд розӣ шаванд, ки ПА ҳамагӣ 5-10% -ро аз арзиши хона ташкил диҳад. Дар вақти харидани хона, ки арзишоии 60 000 доллари ИМА аст, ПА, ки аз тарафи Бонк талаб карда шудааст, 20%-ро ташкил медиҳад. Бузургии қарзе, ки Бонк метавонад диҳад аз 48 000 доллари ИМА зиёд намешавад (60 000 * 80%). Маблағи боқимонда ба андозаи 12 000 доллари ИМА аз тарафи харидор аз ҳисоби воситаҳои шахсии ӯ пардохт мешавад.

**Шартҳои асосии гирифтани қарзи ипотекӣ[6]**:

1. Дар манотиқе, ки филиалҳои бонк фаъолият доранд, кор кардан;
2. Мавҷудияти даромади кифояи якҷояи оила барои бозпардохти қарз;
3. Мавҷудияти миқдори кифояи воситаҳои пулӣ барои пешпардохт ҳангоми харидани квартира ё хонаи шахсӣ - на камтар аз 40 % -и арзиши амволи ғайриманқули харидоришаванда.

Дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ меъёрӣ фоизии қарзҳои ипотекӣ гуногун дида мешавад.Чӣ қадаре, ки меъёри и фоизӣ зиёд бошад ва чӣ қадаре, ки мӯҳлати қарз кам бошад, ҳамин қадар андозаи пардохти ҳармоҳа зиёд мешавад. Мисол агар қарзгир ба маблағи 40 000 доллари ИМА қарзи ипотекӣ гирад, пас дар ҳолати ба 16% солона баробар будани ставка, мӯҳлат 15 сол мебошад, бузургии пардохти ҳармоҳа ба 587.48 доллари ИМА баробар мешавад. Агар ставка то 10% паст карда шуда бошад (дар ҳамон мӯҳлат), пас маблағи ҳармоҳаи пардохт то 429,84 кам мешавад. Дар ҳолате, ки ставка паст карда нашавад (16% бимонад), аммо мӯҳлат

то 25 сол зиёд карда шавад, пас пардохти ҳармоҳа ба 543,56 доллари ИМА баробар мешавад. Ва дар охир, агар ставка ҳам паст шавад (то 10% солона) ва мӯҳлат зиёд шавад (то 25 сол) пас маблағи ҳармоҳаи қарз то 363,48 доллари ИМА кам мешавад.

Вобаста ба оне,ки қарзгиранда чи қадар қарзи ипотекӣ мегирад дар шарномаи он навишта мешавад. Ҳар як қарзгирандае,ки агар хоҳад маблағи зиёд қарз гирад ба он дода намешавад. Дар системаи бонкӣ инро ба тарзи дигар бузургии калонтарини қарзӣ ном мебаранд. Асосан он чизе, ки бузургии калонта рини қарзӣ вобаста аст ин даромади қарзгир мебошад. Бонк мехоҳад боварӣ дошта бошад, ки қарзгир қарзро дода метавонад, бинобар ин вай бояд бузургии қарзро чунин муқаррар намояд, ки, маблағи пардохти ҳармоҳа аз ҳиссаи муайяни даромади қарзгир зиёд набошад. Чӣ гуна будани ин ҳисса аз сиёсати Бонк вобаста аст. Як қисм бонкҳо талаб мекунанд, ки аз 30% даромад зиёд набошад, бонкҳои дигар розианд, ки он то 50% бирасад.

Ба ин мисол шуда метавонад даромади қарзгир дар як моҳ 700 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Агар бонк беҳтар донад, ки пардохт аз 50% даромад зиёд нашавад, ба ӯ қарзе медиҳад, ки маблағи ҳармоҳаи пардохт аз 350 доллари ИМА зиёд намешавад. Чунин пардохт дар он ҳолат мешавад, ки агар қарз (ставка 16 %, мӯҳлат 25 сол) ба қарзгир бо маблағи 25 756 доллари ИМА дода шуда бошад .Ҳамин тавр, то он ки маоши қарзгир зиёд нашавад, ба қарзи зиёда аз 25 756 доллари ИМА умед бастан лозим нест.

Чун низоми самарабахши бонкӣ шарти муҳимтарини рушди босуръати иқтисодӣ мебошад, кормандони низоми бонкиро зарур аст захираҳои молиявиро самаранок истифода бурда, меъёри ба аҳоли дасрас намудани қарзҳои бонкиро хусусан қарзҳои ипотекиро дар бонкҳо ҷорӣ намоянд. Барои ноил гаштан ба ин мақсадҳои зарур аст, ки мо чунин корҳоро анҷом диҳем;

- моро зарур аст,ки ислоҳотро дар низоми бонкӣ амалӣ намоем;
- ҳисоббаробаркуниҳои байни бонкиро ривоҷу равнақ диҳем;
- маблағҳои аҳолиро ба бонкҳо ҷалб намоем;
- ҷалби самоягузориҳои хориҷиро ба соҳаҳои бонкӣ тезонем;
- баҳри кам намудани меъёрҳои бонкӣ кушиш намоем, чункӣ
- бо паст будани меъѐри фоиз аҳоли барои гирифтани қарз ҳавасманд мегардад.

Хулоса мо умедворем оянда бонкҳои ҷумҳури ва аҳолии ҷумҳури дар баробари ободии як гӯшаи хурди Ватанамон афзоиши имкониятҳои иқтисодии Тоҷикистони азизамон, таҳкими обрую нуфӯзи давлатамон кӯшиш мекунанд. Аз ин нуқтаи назар бонкҳои ва ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун институтҳои махсуси иқтисодӣ, ки восита (маблағ) ” ҳои пулиро сарҷамъ намуда ба субъектҳои иқтисодӣ қарз пешниҳод карда, ба онҳо ҳисобу китоб анҷом медиҳад, дар натиҷаи интишори пул, миқдори пули барои муомилот зарур, ҳаҷми пул, суръати гардиши пул ва муносибатҳои пулию молиявии байни давлат, бизнес ва хонавода (аҳолӣ)-ро танзим мекунад тасаввур карда мешавад.

Ҳамин тариқ сатҳи рушди низоми бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ ба аҳолӣ аз ҳар ҷиҳат шароит фароҳам меоварад, ки иқтисодиёт пеш равад, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолияти иқтисодӣ берунӣ ва бозори молиявӣ рушд ёфта, сатҳи зиндагии аҳолӣ муътадил гардад.

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ипотека 20 марти 2008с. № 364.
2. Маҷалаи иттилооти бонкӣ “БОНКДОРИ” дар Тоҷикистон №2(12),феврали 2011.-С.23.
3. Василишин Э.Н. «Регулирование деятельности коммерческих банков», М: изд. «Финансы и статистика». 1995г.
4. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пул ва қарз, Душанбе, «Эр-граф», 2008 444 с.
5. Белокрылова О.С. Региональные особенности реализации модели ипотечного кредитования. // Финансы. 2005. - № 1.235.стр.
6. Ежеквартальный отчет «Анализ конкурентных преимуществ различных банковских

программ. Динамика ипотечного рынка» // Международная академия ипотеки и недвижимости (МАИН) (с сайта www.irn.ru)
7. Меркулов В.В. Мировой опыт ипотечного жилищного кредитования и перспективы его использования в России. СПб.: Юридический центр Пресс, 2003
8. Печатникова С.М. Модели организации системы ипотечного жилищного кредитования. // Экономика строительства. 2001. - № 3.

***Шоймардонов Х.К. – старший преподаватель***
***Таваралиев Ф.И. – магистрант***
***Таджикский национальный университет***

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ МЕХАНИЗМЫ, ФИНАНСОВО-КРЕДИТНАЯ И НАЛОГОВАЯ ПОЛИТИКА В СИСТЕМЕ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА МЯСОМОЛОЧНОЙ ПРОДУКЦИИ

Современная ситуация в Республике Таджикистан сопровождается нехваткой финансовых средств во всех сферах экономики, прежде всего сельском хозяйстве. Поэтому усилия государства должны быть направлены на его финансовую поддержку и активное регулирование аграрного рынка.

Современный рынок мясомолочной продукции Центрального региона Таджикистана разбалансирован и характеризуется низким качеством продукции, завышенными ценами, зачастую не соответствующими этому качеству. Кроме того, в сфере переработки мясомолочной продукции практически отсутствует конкуренция.

Так, реализация продукции на данном этапе осуществляется, в основном, внутри региона в близлежащих районах или прилегающих к производству регионах.

К основным методам экономического механизма государственного регулирования в сельском хозяйстве можно отнести:

- программный метод, состоящий в финансовой поддержке из государственного бюджета целевых государственных программ;
- компенсационно-долевой метод, основанный на совокупности компенсации или субвенции и возмещении затрат или их определенной доли сельхозпроизводителям;
- метод обязательных требований, по которому только при строгом соблюдении условий принятых государственных программ сельхозпроизводителям возмещаются произведенные ими затраты.

Основным компонентом системы финансирования сельского хозяйства является финансирование из государственного бюджета целевых государственных программ развития аграрного сектора экономики (Рис. 1).

При этом в основе государственного финансирования сельского хозяйства должен лежать аграрный бюджет, как составная часть государственного бюджета, разработка которого должна основываться на приоритетном развитии сельского хозяйства.

В этих условиях необходимо ориентироваться на мировой опыт развитых стран, в которых применяется программный метод поддержки сельского хозяйства посредством финансирования из бюджета на возвратной основе под небольшой процент. На наш взгляд, такой подход позволит остановить спад сельскохозяйственного производства и создаст у сельхозпроизводителей уверенность в перспективном развитии.

Субсидии и дотации для сельхозпроизводителей на мясомолочную продукцию должны быть основаны на прогрессивно возрастающих ставках, размер которых зависит от результатов их финансово-хозяйственной деятельности за прошедшие периоды с учетом объема реализации продукции и показателям продуктивности.




**Рис. 1. Система финансирования сельского хозяйства**

Создание благоприятного инвестиционного климата в сельском хозяйстве требует дифференциации между фондом потребления и фондом накопления при распределении остаточной прибыли. Например, для предприятий с износом основных фондов более 50% целесообразно 70-80% прибыли направлять в фонд накопления.

Страхование в аграрном секторе должно поддерживаться и стимулироваться из государственного бюджета посредством частичного возмещения затрат по страхованию. При этом необходимо увеличить количество услуг страхования, предоставив возможность сельхозпроизводителям самостоятельно выбирать объекты страхования. Кроме того, при страховании производителей мясомолочной продукции необходимо предусмотреть выплату страховых платежей в размере 90-100%.

Мировой экономический кризис оказал негативное влияние на самую уязвимую часть экономики Республики Таджикистан - сельское хозяйство, в котором дестабилизирована финансовая деятельность сельхозпроизводителей из-за кризиса неплатежей. Поэтому, в первую очередь, с целью стабилизации финансовой деятельности в аграрном секторе республики, необходимо определить положение неплатежеспособных предприятий и упорядочить взаиморасчеты в сельском хозяйстве.

Система кредитования сельского хозяйства является эффективным механизмом формирования и развития АПК только в случае объединения усилий государства, коммерческих банков и сельхозпроизводителей.

В «Программе реформирования сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020 годы» наряду с другими мерами предусмотрено усовершенствование кредитования АПК посредством государственной поддержки некоторых направлений кредитования, к которым относятся [1]:

- долгосрочное кредитование сельхозпроизводителей;
- краткосрочное кредитование сезонных затрат АПК;
- лизинг в АПК;
- авансирование закупок сельхозпродукции для государственных нужд;
- залог сельхозпродукции, сырья и продовольствия;

– поддержка кредитных союзов и кооперативов в АПК.

Процесс кредитования предусматривает переговоры, сбор документов предприятия-заемщика, заключение по заемщику, согласование кредита на кредитном комитете, оформление документов по кредиту, выдача кредита, его мониторинг и возврат с погашением процентов по кредиту. Особого внимания заслуживает контроль деятельности сельхозпредприятия и прогноз риска непогашения кредита. При этом проводится расчет и анализ таких показателей предприятия, как абсолютные показатели, показатели финансовой устойчивости, платежеспособности, рентабельности и деловой активности.

Кредитно-финансовые взаимоотношения государства и сельского хозяйства, опосредованные через банки, проходят стадию становления в условиях перехода к рынку и предусматривают следующие направления деятельности:

– усовершенствование старых и развитие новых форм кредитования;
– формирование земельного рынка и развитие ипотеки.

Недостаток денежных средств у сельхозпроизводителей стимулирует становление и развитие ипотеку, то есть кредитование под залог земли. Хотя необходимо отметить, что кредитование под залог земли в настоящее время невозможно из-за отсутствия законодательной и нормативно-правовой базы купли-продажи земли.

Если начать формировать рынок земли, то тогда возможно развитие ипотечного кредитования. Так, при формировании фонда льготного кредитования АПК можно предусмотреть среди прочего и средства долгосрочного кредитования под залог земли. Государство проводит конкурс среди коммерческих банков на право участия в ипотеке АПК. Банки, выигравшие конкурс, размещают кредиты под залог земли сельхозпроизводителей. В случае, если заемщик не может своевременно погасить кредит, банк не становится автоматически собственником земли, он может только выставить ее на специальный аукцион, в котором принимают участие сельхозпроизводители. Если аукцион не дает результатов, то государство выкупает заложенную землю у банка и в дальнейшем может предоставить ее в аренду с правом последующего выкупа любому сельхозпроизводителю.

На стадии становления рынка земли и ипотечного кредитования объем этого кредитование будет незначительным, но в перспективе кредитование под залог земли получит широкое распространение, особенно в случае создания государством сети ипотечных банков, в которых процент по кредиту будет незначительным, например, на уровне 5% годовых. Для предотвращения махинаций и незаконных сделок с землей, государство на законодательном уровне может расторгать такие сделки без возврата покупателю оплаты за землю.

Наряду с денежным кредитом в АПК эффективным видом кредита является товарный кредит. Государство должно урегулировать оптимальное применение как товарного, так и денежного кредитования, обеспечив при этом возможность выбора сельхозпроизводителем вида кредитования и равный доступ к ним. В современных условиях становления инфраструктуры сельскохозяйственного рынка, товарное кредитование с участием государства имеет большое значение для сельхозпроизводителей. Государство может участвовать в товарном кредите в форме поставок семян, минеральных удобрений, горюче-смазочных материалов, электроэнергии или лизинга техники.

Участие государства в товарном кредитовании сельхозпроизводителей требует совершенствования в следующих направлениях:

– установление цен на ресурсы, предоставляемые посредством товарного кредита, не выше среднерыночных цен в регионе;
– конкурсный отбор поставщиков с заключением договоров с государством на поставку ресурсов по товарному кредиту;
– ввести и применять ценные бумаги (товарные чеки) при товарном кредитовании с целью выбора выгодного поставщика и повышения конкурентоспособности поставляемых ресурсов.

Как показывает теория и практика товарного кредитования, в современных условиях дефицита бюджета имеется возможность увеличения государственных возможностей посредством привлечения средств коммерческих структур. В этом случае государство проводят конкурс среди коммерческих предприятий, желающих участвовать в товарном кредитовании с бюджетной поддержкой. Победители конкурса заключают договора в соответствии со своей долей, добавляют к ней государственные ресурсы для товарного кредитования сельхозпроизводителей под их продукцию. Коммерческие фирмы самостоятельно выбирают заемщика и заключают с ним договор, учитывая возможности погашения кредита. Коммерческие структуры несут полную ответственность перед государством за погашение кредита. После завершения действия кредитного договора коммерческие структуры возвращают взятые ресурсы государству.

Эффективным инструментом является краткосрочное кредитование, когда кредит выдается под залог урожая текущего года. Но с сожалением приходится констатировать, что практика краткосрочного кредитования, применяемая в Республике Таджикистан, очень несовершенна, так как краткосрочные кредиты сельхозпроизводителям выделяются зачастую на срок не более 6 месяцев. Такая ситуация не может удовлетворить сельхозпроизводителей и приводит к просрочке выплат по кредиту и их несвоевременному возврату.

Кредитование как инструмент экономического механизма рынка доказал свою эффективность для платежеспособных предприятий, поэтому целесообразно совершенствовать кредитование сельского хозяйства (рис. 3), задействовав в этом процессе все инструменты регулирования рынка мясомолочной продукции.

При этом государство может выступать гарантом кредитования сельского хозяйства и брать на себя возмещение части издержек коммерческих банков, чем дополнительно стимулировать их к сельскохозяйственному кредитованию, которое имеет высокие риски, особенно в условиях мирового финансового кризиса. Также государство может защищать интересы сельскохозяйственных заемщиков во избежание их попадания в долговую кабалу из-за низкой рентабельности сельского хозяйства.




**Рис. 3. Финансово-кредитное регулирование рынка мясомолочной продукции**

Преодоление кризиса в сельском хозяйстве и обеспечение его перехода к цивилизованному рынку актуализирует применение мировой практики налогового регулирования экономики АПК.

Совершенствование налогообложения путем перехода от его использования как инструмента пополнения бюджета к использованию налогов для стимулирования инвестиционной и финансово-хозяйственной деятельности налогоплательщиков.

В странах с развитым АПК применение льготного налогообложения в сельском хозяйстве является эффективным инструментом государственного регулирования, при котором за счет льгот фискальные функции налогов доведены до минимума. В большинстве этих стран сумма всех налогов составляет около 5% всех затрат.

В сельском хозяйстве Республики Таджикистан, применяется порядка 20 налогов и платежей, которые становятся на пути его развития, что выражается в значительном уровне налогообложения. Суммарно все налоги и платежи составляют более 15% всех затрат и более 30% выручки от реализации. При этом основной налог - НДС в сельском хозяйстве составляет около 50% от всей суммы налогов, то есть чем больше производит и реализует сельхозпроизводитель, тем больше он платит налогов, что для сельского хозяйства является порочной практикой. Поэтому с целью стимулирования сельхозпроизводителей эффективнее применять регрессивный подход к налогообложению, при котором общее количество налогов сведено до минимума (не более трех): в государственный бюджет уплачивается фиксированный налог, на уровне местных налогов сохраняется только налог на землю и акцизные сборы.

Фиксированный налог объединяет в себе НДС и налог на прибыль и составляет 40% всех налоговых платежей. При этом в качестве базы налогообложения целесообразно взять выручку от реализации сельхозпродукции и продукции переработки, установив регрессивную шкалу налога. Фиксированный налог устанавливается на основании начисленных налоговых выплат за год до перехода сельхозпроизводителя на новую систему. Далее устанавливается регрессивная шкала, снижающая фиксированный налог на 1% базового начисления за каждые 5% роста производства и реализации продукции.

Это позволит снизить налоговую нагрузку на сельхозпроизводителей, обеспечивающих рост производства. Кроме того, фиксированный налог можно корректировать с учетом уровня инфляции в республике.

Земельный налог является вторым по значимости в новой системе налогообложения, хотя в настоящее время налог на землю составляет незначительную часть общих налоговых сборов и малозначителен в финансовых доходах. Вследствие этого необходимо совершенствовать механизм и систему оплаты земельного налога, который позволит упорядочить использование земли и повысить эффективность сельхозпроизводства.

В целях охраны земли, выделенной под сельскохозяйственные нужды, необходимо организовать учет этих земель и установить ответственность за нецелевое использование земли и снижение ее плодородия. В настоящее время используется натуральный учет и регистрация земель и землепользования, поэтому в первую очередь необходимо оценить землю в денежном выражении и обеспечить ее бухгалтерский учет. Это позволит повысить эффективность применения земли и оптимизировать механизмы регулирования земельных отношений. Установление конкретной цены на землю позволит регулировать земельные отношения при наследовании, при передаче ее в собственность, при установлении долевых форм пользования ею, а также при ипотечном кредитовании.

В экономической науке существует большое разнообразие рекомендаций по денежной оценке земли, но наиболее интересен на практике подход, предложенный Б.И. Ломакиным, в основе которого лежит следующая формула цены земли за один гектар пашни [2]:

$$\text{Ц}_\text{з} = \text{Б}_\text{с} \times \text{К}_\text{м} \times \text{К}_\text{з} \times \text{К}_\text{ш} \times (t \times (\text{ЧД} + at/2))\ /S - t \times (R_K - R_z) \times n \times c;$$

где

$\text{Ц}_\text{з}$ - цена за 1 гектар земли, сомони;

$\text{Б}_\text{с}$ - средняя величина бонитировочных показателей по отдельным свойствам почвы;

$К_м$ - поправочный коэффициент механического состава почвы;

$К_э$ - поправочный коэффициент эродированности почвы;

$К_щ$ - поправочный коэффициент щебневатости почвы;

t - время, в течение которого будет израсходован запас фосфора чернозема выщелоченного, среднемощного и высокогумусного, лет;

ЧД - чистый доход по растениеводству, сомони;

at / 2 - прирост чистого дохода за расчетное время, сомони;

S - площадь пашни;

$(R_k - R_z)$ - превышение или уменьшение расстояния перевозки грузов от производителя до места реализации продукции по сравнению со среднереспубликанскими показателями, км.;

n - объем перевозки грузов с 1 гектара пашни, тонн;

c - стоимость 1т/км., сомони.

На уровне региона налог на землю должен стать основным налогом и поглотить местные налоги, в том числе налог на имущество и охрану окружающей среды. Все сельхозпроизводители, имеющие в пользовании сельскохозяйственные земли, являются плательщиками земельного налога.

Налоговой базой земельного налога являются пашни, пастбища и сенокосы. Ставка налога на землю устанавливается в расчете на один гектар сельскохозяйственных угодий. Земельный налог рассчитывается на один календарный год с его дифференциацией по месяцам с учетом сезонного характера сельскохозяйственного производства и получения выручки от реализации продукции. Дифференциацию по месяцам можно провести в % от годовой суммы налога следующим образом:

Январь - 2%, Февраль - 2%, Март - 6%, Итого за первый квартал 10%.

Апрель - 6%, Май - 6%, Июнь - 8%, Итого за 2 квартал 20%.

Июль - 8%, Август - 10%, Сентябрь - 22%, Итого за 3 квартал 40%.

Октябрь - 20%, Ноябрь - 8%, Декабрь - 2%, Итого за 4 квартал - 30%.

Ставка и сумма земельного налога должны обеспечить воспроизводство плодородия земли, которое осуществляется за счет амортизационных отчислений. Поэтому необходимо определить норму амортизации на основе денежной оценки земли. Таким образом, норма амортизации составит основу налога, устанавливаемого в зависимости от цены на землю [3].

Система фиксированного налогообложения позволит получить следующие преимущества:

- упрощение существующего налогообложения за счет значительного сокращения количества налогов;
- исключение двойного налогообложения;
- повышение уровня сбора налогов;
- повышение эффективности использования земли за счет обеспечения ее воспроизводства;
- снижение налоговой нагрузки на реализованную продукцию при росте объемов производства, что обеспечит эффективное развитие сельского хозяйства [4].

С учетом трудоемкости аграрного производства при налогообложении сельского хозяйства можно предусмотреть льготы в виде снижение обязательных платежей во внебюджетные фонды (пенсионный фонд, фонд социального и медицинского страхования). Также можно предусмотреть применение льгот при налогообложении предприятий других отраслей экономики, вкладывающих средства в развитие АПК, в результате чего повысится инвестиционная привлекательность сельского хозяйства.

И в заключении отметим, что нормативы распределения налогов и платежей между государственным и местным бюджетом должны утверждаться и оставаться неизменными на несколько лет, хотя бы не менее 3-х лет, а не так как это делается сейчас меняются ежегодно.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Программа реформирования сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020 годы. 1 августа 2012 года за № 383

2. Ломакин Б.И. Экономический механизм регулирования земельных отношений в условиях аграрной реформы. - Саранск, Изд. Мордов. ун-та, 1999. - 60 с.
3. Кириллов Г.М., Камышанов Я.Т., Тихонова Н.Л. Пути выхода молочной отрасли из кризисного состояния // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2000. - №1. - С. 35-37
4. Тагоев Дж. Х. Роль налоговой системы в активизации инвестиционной деятельности сельскохохяйственных предприятий // Финансы и бухгалтерский учет- 2002г.;

***Каримов Б.Ҳ. – н.и.и., дотсент***
***Расулов Х.Н. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ вахизмат***

## САЙЁҲӢ ЧУН СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ояндадори иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Аз рӯи маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС) вазни қиёсии сайёҳӣ (туризм) дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ наздики 10% буда, суръатҳои афзоиши миёнасолонаи он тақрибан ба 4-5% мерасанд. Агар хоса дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намоем, ин ҷо пешомадҳои бузурге дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ чун бахши афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ба назар мерасанд [9].

Агар барои аксари мамлакатҳо соҳаи туризм сарчашмаи асосии даромадҳои буҷети давлатӣ бошад, пас дар бозори берунӣ вай яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Тибқи маълумоти СУС дар соли 2019 1,5 миллиард сайёҳон ҷаҳонгардӣ кардаанд, ки ин ба андозаи 4% нисбат ба соли пешин зиёд мебошад. Ҳиссаи аз ҳама зиёд дар туризм ба Франсия рост меояд (90,2 млн. нафар сайёҳон дар соли 2019 ба ин мамлакат ташриф овардаанд). Сипас, дар раддабандӣ давлатҳои Испания, (83,8 млн. нафар), ИМА (78,7 млн. нафар), Чин (67,5 млн. нафар), Италия (64,6 млн. нафар), Туркия (52,5 млн. нафар), Мексика (44,9 млн. нафар), Таиланд (39,7 млн. нафар), Германия (39,4 млн. нафар) ва Британияи Кабир (36,9 млн. нафар) омадаанд [10].

СУС инчунин рӯйхати мамлакатҳоеро тартиб додааст, ки дар соли 2019 аз ҳама зиёдтар афзоиши воридшавии сайёҳонро нишон додаанд. Пеш аз ҳама муваффақияти мамлакатҳои Осиёи Марказӣ қайд карда мешавад. Ҳамин тавр, дидан кардани сайёҳони хориҷӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон нисбат ба соли 2018 ба андозаи 27,3% (ҷойи 4-ум дар раддабандӣ баъди Мянма – 40,2%, Пуэрто-Рико – 31,2%, Эрон – 27,9%), Армения – 14,4%, Озарбойҷон – 11,4%, Қазоқистон – 10%, зиёд шудааст. Сабаби чунин динамика сабукшавии сиёсати раводидии мамлакатҳои мазкур номбар карда мешавад. Масалан, дар ин самт ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон низоми дар соли 2018 вориднамудаи бераводиди то 30 рӯза барои шахрвандони 45 мамлакат мусоидат кардааст. Боиси таассуф аст, ки дар раддабандии мамлакатҳои ҷолибтарини туристӣ дар соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда нашудааст.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромадҳои худ дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ, дар вохӯриҳои худ бо аҳли ҷамъиятӣ ва соҳибкорони мамлакат ба рушди сайёҳӣ диққати муҳим медиҳанд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2017 ба имконоти рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишорат намуда, соли 2018-ро дар мамлакат чун Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ эълон намуданд [1].

Ҳамчунин, ба хотири вусъат бахшидан ва бо дарназардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ аз 26 декабри соли 2018 солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд. Тавре Сарвари давлат зикр намуданд, барои бунёд намудани инфрасохтори соҳаи туризм ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва донандаи

ҳунарҳои мардумӣ як сол кифоя нест. Ба ҳамин хотир, барои рушди инфрасохтори соҳаи туризм дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои зарурию иловагӣ андешида шаванд [2].

Дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахши сайёҳии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асари шароити ҷуғрофӣ ва иқлимиву табиии мамлакат ба яке аз соҳаҳои ояндадори рушди иқтисодиёти миллӣ мубаддал мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имконот ва иқтидори азиме барои рушди сайёҳӣ дорад. Ин ҷо сарватҳои табиӣ-иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва таърихӣ дар ҳамбастагӣ ҳувайдо гардидаанд. Азбаски қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро асосан кӯҳҳо иҳота кардаанд (қариб 93%-и қаламрави мамлакатро маҳалҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд), маҳз онҳо сайёҳони хориҷиро ҷалб ба худ менамоянд. Дар маҳалҳои кӯҳии мамлакат шумораи зиёди дарёҳо, рӯдхонаҳо, кӯлҳо, пиряххо, чашмаҳои обҳои гарм ва обҳои шифоӣ ҷойгир шудаанд. Ландшафт, олами наботот ва ҳайвоноти кӯҳистон ниҳоят назаррабо, диққатовар ва гуногуншакл мебошад. Чунин сарватҳоро истифода бурда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон соҳибкориро дар соҳаи сайёҳии хориҷии воридотӣ бомуваффақ ташкил намуд. Бартариҳои сайёҳии хориҷии воридотӣ ин самтҳои экологӣ, сайёҳии тандурустӣ, беҳгардонӣ ва барқароркунии саломатӣ ва қобилияти корӣ (осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо), варзиши кӯҳӣ, лижаронии кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ ва саргузаштӣ мебошанд.

Рушди сайёҳии воридотӣ ба чунин падидаҳо меоварад [9]:

- ба мамлкат воридшавии асъори хориҷӣ аз ҳисоби роҳхатҳои сайёҳӣ, хариди молҳо ва маҳсули ҳунарҳои мардумӣ ва хизматрасониҳо дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишӣ-тандурустӣ, нақлиёт);
- пайдо шудани ҷойҳои кории иловагӣ.

Мавҷудияти сарватҳо худ ба худ ба рушди бомуваффақи соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳии воридотӣ намеоварад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси рушди ин соҳаро чунин омилҳо бунёд менамоянд:

- камшавии номутаносибиҳои байни имконоти сарватҳо ва дараҷаи истифодабарии онҳо;
- таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои ҷалб намудани истеъмолкунандагони онҳо (шаҳрвандони хориҷӣ);
- дастгирии давлатии сайёҳии воридотӣ.

Тибқи маълумоти СУС ва муҳаққиқони алоҳида, имконоти захираҳои сайёҳии воридотӣ дар мамлакат бемаҳдуд мебошанд. Вале аксари объектҳои дорои имконоти сайёҳӣ ва инфрасохтори воқеан амалкунандаи сайёҳӣ дар маҳалҳои душвордастраси кӯҳӣ ҷойгиранд, роҳҳои автомобилгард ба онҳо дар вазъи хуб қарор надоранд, нақлиёти ҳавоӣ умуман маҳдуд ва барои баъзе объектҳо дастнорас аст. Пояҳои моддии объектҳои ҷойгиркунии сайёҳони хориҷӣ (пансионатҳо, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо) аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсуда шудаанд, чунки аксари онҳо дар замони шӯравӣ бунёд шуда буданд (санаторияҳои Хоҷа-Оби гарм, Зумрад, Шоҳамбарӣ, Обигарм, Гармчашма ва ғ.) [7].

Сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ва дар ҳайати гурӯҳи сайёҳон бо роҳхатҳо ташриф меоранд, бо мушкилоти гаштугузор дар қаламрави мамлакат, низоми пардохтҳои бонкии номукаммал, муомилоти пулӣ ва назорати асъор, таъмини амн ва саломатӣ дучор мешаванд. Дар мамлакат то ҳол маҳсулоти сайёҳии пурра мукаммалгардида вуҷуд надорад, сатҳи хизматрасонӣ (сервис) паст аст, мушкилоти гигиена ва санитарӣ дар муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дучор меоянд [8, с. 135-140].

Рушди бомуваффақи сайёҳӣ пеш аз ҳама аз муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар мамлакат вобаста мебошад. Имрӯз дар паёмади дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ хуб гардида истодааст. Барои ҳарчӣ бештар истифода бурдани имконоти захираҳои соҳибкории сайёҳӣ сармоягузориҳои муайяне зарур мебошанд. Мебояд шароити созгорро доир ба ҷалб намудани сармояи хусусӣ барои бунёд намудани санаторияҳо, истироҳатгоҳҳо, маҷмааҳои варзишӣ-тандурустӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ муҳайё намуд.

Дар шароити муосири буҳрони молиявӣ, вақте ки аксари ширкатҳои сайёҳӣ - туроператорҳо ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ аз нарасидани воситаҳои молиявӣ азият мекашанд, ба онҳо пешкаш намудани имконияти иловагӣ ва шароити афзалиятдор доир ба ҷалбкунии қарзи бонкӣ яке аз шартҳои ниҳоят муҳим барои ташкили рақобатпазирии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва маҳсули ҳунарҳои мардумӣ, омодасозии кормандони баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ, сохтмони роҳҳо ва меҳмонхонаҳо барои ҷойгиркунии сайёҳони хориҷӣ ба шумор меравад.

Шарти дигари муҳими рушди сайёҳии воридотӣ ин бунёд намудани ақидаҳо ва ташаббусҳои созгори шахсони дар соҳибкории хурд машғул баҳисоб меравад. Дар мамлакат зиёда аз 100 ширкатҳои сайёҳӣ (туроператорҳо) фаъолият менамоянд. Миқдори туроператорҳои ба сайёҳии воридотӣ машғулбуда сол ба сол меафзояд.

Ширкатҳои сайёҳии асосан ба сайёҳии воридотӣ машғулбуда, чун ҶДММ “Саёҳати Роҳи абрешим”, ҶСП “Интурист-Тоҷикистон”, ҶДММ “Сайри Олам” (ш. Душанбе), ҶДММ “Саёҳати кӯҳии Помир”, ҶДММ “Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон”, ҶДММ “Панҷакент-интур”, ҶДММ “Базаи кӯҳнавардии “Артуч”, ҶДММ “Ҳафткӯл” (ш. Панҷакент), ҶДММ “Помир Силк Тревел”, ҶДММ “Бадахшон Тревел” (ш. Хоруғ) дорои хатсайрҳои худии сайёҳӣ мебошанд. Чанде аз хатсайрҳои сайёҳӣ ниҳоят диққатрабо ва ягона мебошанд.

Ба фаъолияти соҳибкории сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам соҳибкорони инфиродӣ машғул шаванд. Фаъолияти онҳо бо иҷозатнома (литсензия) ба роҳ монда мешавад. Асоси ҳуқуқии иҷозатномадиҳии фаъолияти сайёҳӣ ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият” мебошанд. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Агентии сайёҳии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад [3; 4; 5].

Арзиши иҷозатнома чунин аст [5]:

- пардохти ҳақ барои баррасии ариза оид ба гирифтани иҷозатнома – чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо (як нишондиҳанда барои ҳисоб дар соли 2021 – 60 сомонӣ);
- пардохти ҳақ барои пешкашкунии худи иҷозатнома – даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- пардохи ҳақ барои азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати тасдиққунандаи мавҷудияти иҷозатнома – ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Мӯҳлати баррасии ариза ва пешкашкунии иҷозатнома – то 30 рӯз аз санаи воридшавии ариза оид ба гирифтани иҷозатнома бо ҳама ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз ҷумла баррасии ҳуҷҷатҳо, гузаронидани экспертизаҳо ва дигар амалҳои зарурӣ. Азнавбарасмиятдарории иҷозатнома дар муддати 10 рӯз аз воридшавии аризаи дахлдор ба ҷо оварда мешавад. Мӯҳлати амали иҷозатнома аз 1 то 5 сол мебошад.

Талаботи иҷозатномавӣ ва шароити баҷоории фаъолияти соҳибкории сайёҳӣ барои шахсони ҳуқуқӣ чунинанд:

- мавҷуд будани на кам аз як корманди дорои таҳсилоти махсус дар соҳаи сайёҳӣ ё собиқаи корӣ дар ҳамин соҳа на кам аз 3 сол;
- на кам аз як маротиба дар се сол баландбардории тахассуси кормандони бевосита ба ташкили сайёҳат, экскурсияҳо ва хизматрасониҳои бо онҳо алоқаманд машғулбуда;
- мавҷуд будани иморати худӣ ё баиҷорагирифташудаи дорои таҷҳизоти мувофиқи сайёҳӣ;
- пешкаш намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ танҳо пас аз бастани шартнома (қарордод)-и дахлдор бо талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба ҳар як сайёҳ расонидани ахбори пурра оид ба хусусиятҳои воридот, будубош ва хориҷшавӣ дар мамлакати хориҷӣ, оид ба қоидаҳои рафтор ҳангоми сайёҳат дар хориҷа;
- ба истеъмолкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ пешкаш намудани ахбори пурра оид ба тартиби кории ташкилкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ, суроғаи ҳуқуқии он, мавҷудияти

иҷозатнома, сертификат барои хизматрасониҳо, насаб ва номи шахсони масъули ба пешбурди самтҳои мушаххаси фаъолияти сайёҳӣ масъулбуда;

- нусхаи шартнома бо ташкилоти суғурта оид ба суғуртаи сайёҳон;

- мавҷудияти низоми таъмини бехатарии сайёҳон, расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми осеббиниҳо ва дигар ҳодисаҳои нохӯш.

Ба соҳибкорони инфиродӣ чунин талаботи иҷозатномавӣ пешниҳод карда мешавад:

- омодагии махсус, ҳуҷҷати тахассусӣ ва таҷрибаи ташкилкунии роҳҳои сайёҳӣ;

- роҳҳои (хатсайрҳои) сайёҳии таҳиягардида;

- маълумотномаи тиббӣ доир ба вазъи саломатӣ.

Шарти дигари муҳими рушди сайёҳии воридотӣ ин мавҷуд будани кормандони касбӣ мебошад. Ба корхонаҳои хурди дар соҳаи сайёҳии воридотӣ машғулбуда зарур аст, ки диққати зиёдро ба масъалаҳои омодасозӣ ва омӯзиши кормандони худ ҷудо намоянд. Менеҷерҳо ва ходимони ширкатҳои сайёҳӣ бояд донишҳо дар соҳаи ҷуғрофия, забоншиносӣ, маданиятшиносӣ, равоншиносӣ, муомилаи корӣ, тиб ва дигар илмҳои махсус дошта бошанд. Кормандони хизматрасони ширкатҳои сайёҳӣ бояд на фақат забонҳоро донанд, омодагии хуби ҷисмонӣ, малакаҳои тобоварӣ, имконоти варзишӣ дошта бошанд, инчунин қоидаҳо ва усулҳои расонидани ёрии аввалии тиббиро донанд ва чунин ёриро ба сайёҳон расонида тавонанд.

Бо мақсадҳои пешкаш намудани барномаҳои иловагии таҳсилоти касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, рушди сайёҳии экологӣ, инчунин таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои миллӣ, пурзӯргардонии намои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии Шуъбаи байналмилалии ташкилоти “Ҷамъияти кӯшода” оғоз аз соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Маркази рушди сайёҳӣ” фаъолият менамояд. Бо дастгирии маркази мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон маркази таълимӣ-методӣ бунёд гардидааст, ки дар он курсҳои кӯтоҳмуддати омодакунии менеҷерҳои бизнеси меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва туроператорӣ ташкил карда шудаанд. Марказ инчунин роҳнамоҳо ва дигар маводи таблиғотӣ нашр намуда, паҳн мекунад.

Дар шаш муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат омӯзиш ва омодакунии кормандони сайёҳӣ ташкил карда шудааст: Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ш. Хорӯғ).

Дар шаҳрҳои Душанбе, Хорӯғ, Панҷакент ва ноҳияи Варзоб як қатор марказҳои таълимӣ доир ба омӯзиши кормандони тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо ташкил карда шудааст. Хулосаҳои роҳбарони ширкатҳои сайёҳӣ ва менеҷерҳои онҳо оид ба коршоямии касбии хатмкунандагони чунин марказҳои таълимӣ дар аксари мавридҳо мусбат мебошад.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014, № 738 “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2015-2017” қабул гардида, иҷроиши он ба анҷом расидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вобаста ба тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол шумораи сайёҳони хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифоварда зиёд мешавад. Тибқи омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019 ба ҷумҳурӣ 1,257 миллион сайёҳони хориҷӣ ворид шудаанд, ки нисбат ба соли пешин 21,1% зиёд аст [6, с. 179].

Нигоҳ накарда ба он ки иқтидори сайёҳии мамлакат ба таври зарурӣ истифода нашудааст ва ба стандартҳои байналмилалии сайёҳӣ ҷавобгӯ нест, инчунин шароити мусоид барои будубоши сайёҳони хориҷӣ муҳайё нестанд, шумораи сайёҳони хориҷӣ меафзоянд. Вобаста ба ин бояд ислоҳоти ин соҳа гузаронида шавад ва аз ин ҳисоб пешравиҳои назаррас дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ба даст оварда шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017, шаҳри Душанбе, 22 декабри соли 2017. – Ҷумҳурият, № 258, 22 декабри соли 2017

2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018, шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018. – Ҷумҳурият, № 256, 26 декабри соли 2018
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ", аз 3 сентябри соли 1999, № 825. – http://mmk.tj
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият". – http://mmk.tj
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, № 105 "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият"
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 [Манбаи электронӣ]. Низоми дастрасӣ: http: //www.stat.tj
7. Курорты и санатории Таджикистана. [Электронный ресурс]: Travelca.Ru- туристический портал. URL: http://travelca.ru
8. Акназаров К.К. Развитие предпринимательства в сфере лечебно-оздоровительного туризма // Материалы Республиканской научно-практической конференции "Проблемы государственной поддержки и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан (4 июня 2016.).- Душанбе, 2016. – ст. 135-140
9. Елеева З. Тенденции развития международного туризма в 2005-2015 гг. // Туризм. - 2005. - № 9. – С. 89-92
10. Рейтинг туристических направлений [Электронный ресурс]. . URL: www.atorus.ru

***Каримов Г.У. – муаллими калон***
***Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баноми Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***
***Ҳакимов Ҷ.С. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ХУСУСИЯТҲОИ СОҲАИ СОХТМОН ҲАМЧУН ЯК БАХШИ ИҚТИСОД

Сохтмон як соҳаи алоҳидаи мустақили иқтисодиёт мебошад, ки барои ба истифода додани иншооти нав, инчунин васеъ, азнавсозӣ, таъмири объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ пешбинӣ шудааст.

Нақши ҳалкунандаи индустрияи сохтмонӣ аз фароҳам овардани шароит барои рушди босуръати иқтисодиёти кишвар иборат аст. Ҳамчун як соҳаи истеҳсолоти моддӣ, сохтмон як қатор хусусиятҳо дорад, ки онро аз дигар соҳаҳо фарқ мекунанд. Хусусиятҳои соҳаро бо хусусияти маҳсулоти ниҳоии он, шароити мушаххаси кор, як қатор хусусиятҳои таҷҳизоти истифодашуда, технология, ташкили истеҳсолот, идоракунӣ ва таъминоти моддию техникӣ шарҳ медиҳанд [1].

Хусусиятҳои умумие, ки новобаста аз иншооти сохташаванда ва таъиноти онҳо ба ин соҳа хосанд, инҳоянд:

1. Тағйирёбанда, гуногуншаклии истеҳсолоти сохтмон ва хусусияти маҳсулоти ниҳоӣ.
2. Алоқамандии технологии ҳама амалиётҳое, ки ба таркиби ҷараёни сохтмонӣ дохил мешаванд.
3. Тағйирёбии таносуби корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ аз рӯи мураккабӣ ва намудҳояшон дар давоми моҳ.
4. Иштироки ташкилотҳои гуногун дар истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии сохтмонӣ.
5. Нақши иқлим ва шароити маҳаллӣ дар корҳои сохтмонӣ.

Хусусиятҳои хоси соҳаи сохтмон ба гуногуншаклии иншооти сохташаванда алоқаманд мебошанд. Ба инҳо дохил мешаванд: иншооти саноатӣ, манзилӣ ва шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ, нақлиётӣ, кишоварзӣ, мелиоратсия ва хоҷагии об, лӯлаҳои магистралӣ, хатҳои барқ.

Сохтмон ҳамчун як бахши иқтисод дар ташаккули фондҳои асосӣ барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ иштирок менамояд. Маҳсулоти сохтмони асосӣ ин иқтидорҳои истеҳсолӣ ва иншооти ғайриистеҳсолӣ мебошанд, ки бо тартиби муқарраргардида ба истифода дода ва

қабул карда мешаванд. Дар баробари ба кор даромадани онҳо, онҳо ба фондҳои асосӣ табдил меёбанд. Дар сохтани онҳо бахшҳои дигари иқтисодиёт (саноати масолеҳи сохтмонӣ, металлургия, мошинсозӣ ва саноати кимиё ва ғ.) низ иштирок менамоянд. Биноҳо ва иншоотҳои бо таҷҳизот ва технологияҳои технологӣ, энергетикӣ ва дигар муҷаҳҳаз таркиби табиӣ-моддии фондҳои асосиро ташкил медиҳанд.

Саноати сохтмон фаъолияти ташкилотҳои умумии сохтмонӣ ва махсусгардонидашуда, ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотии корхонаҳои индустрияи сохтмон, инчунин ташкилотҳоро дар асоси ҳуқуқи идоракунии хоҷагӣ ва идоракунии оперативӣ муттаҳид менамояд.

Ба таркиби ташкилотҳои сохтмонӣ шахсони ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият (корхонаҳо) дохил мешаванд, ки барои фаъолияти сохтмонӣ ба қайд гирифта шуда иҷозатнома гирифтаанд, корҳоро аз рӯи шартномаҳои сохтмонӣ ё шартномаҳои давлатие, ки бо фармоишгарон баста мешаванд, иҷро мекунанд. Ба соҳаи сохтмони асосӣ инчунин фармоишгароне дохил мешаванд, ки сармоягузории асосиро идора мекунанд, ва манбаъҳои он маблағҳои худи корхонаҳо, инчунин маблағҳои буҷети давлатӣ мебошанд [3].

Рушди сохтмон, афзоиши самаранокии он дар заминаи индустрикунонии он ба амал меояд, ки самтҳои асосии он инҳоянд: гузаронидани як қисми равандҳои технологӣ аз қитъаҳои сохтмон ба заводҳо, ба шароити статсионарии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани сифати биноҳои тайёр ва иншоотҳои сохташаванда; такмил додани қарорҳои тарроҳии технологии биноҳо ва иншоот, истеҳсоли механиконидашудаи хатти сохторҳо, маснуот, қисмҳо ва масолеҳ дар корхонаҳо ё дар устохонаҳои ёрирасони ташкилотҳои сохтмонӣ, бо дараҷаи баланд омода кардани сохтмон; иҷрои чараёни механиконидашудаи амалиёт ва равандҳои технологии бунёди биноҳо ва иншоот, расонидани масолеҳи сохтмонӣ ва иншоот бо мақсади таъмини истеҳсоли муттасили корҳои сохтмонӣ [2].

Ба ғайр аз бунёди фондҳои асосӣ, ба вазифаҳои сохтмони асосӣ васеъкунӣ, азнавтаҷҳизонӣ ва азнавсозии техникии фондҳои асосии мавҷуда дохил мешаванд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии сохтмони асосӣ такрористеҳсолкунии васеъ ва азнавсозии хушсифати фондҳои асосии тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад [1].

Дар раванди ташкили фондҳои асосӣ, ки маҳсулоти сохтмонии ташкилотҳои сохтмонӣ мебошанд, коргарон ба кор ҷалб карда мешаванд, воситаҳои меҳнат (таҷҳизот) ва ашёи меҳнат (мавод) истифода мешаванд.

Алоқаи мутақобилаи унсурҳои асосии раванди корҳои сохтмонӣ маҳсулоти ниҳоии сохтмонӣ (дар ифодаи биноҳо, иншоот, объект)-ро дар шакли натуравӣ ва пулӣ ба вуҷуд меоранд.

Раванди сохтмонро ба се марҳила тақсим кардан мумкин аст:

1. Тайёр кардани лоиҳаи сохтмон.

2. Сохтмони воқеӣ.

Дар қитъаи сохтмонӣ, тамоми унсурҳои технологии чараёни сохтмонӣ ташаккул меёбанд, ки дар натиҷаи фаъолияти он маҳсулоти сохтмонӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар ин марҳила хароҷоти маҷмӯии сохтмон, унсурҳои моддӣ ва молии биноҳо ва иншоотҳо, шакли меъморӣ, ифоданокӣ ва сифаташон ба вуҷуд меоянд..

3. Фурӯши маҳсулоти сохтмонӣ - ба истифода додани лоиҳаҳои сохтмонӣ ва интиқоли онҳо ба фармоишгар ҳамчун воситаҳои асосӣ.

Ба се марҳилаи такрористеҳсолкунӣ се марҳилаи гардиши сармоягузории асосӣ мутобиқат мекунад:

- Истеҳсолот ҳамчун шакли истеҳсолкунанда ва ташккулёбии фондҳои асосӣ.
- Фурӯш ҳамчун табдил додани маҳсулоти сохтмонӣ ба фондҳои асосӣ.
- Омодасозии давраи навбатии такрористеҳсолкунӣ бо мақсади табдил додани фондҳои пулӣ ба истеҳсолӣ.

Ҳар қадар дараҷаи алоқамандии мутақобилаи ҳамаи унсурҳои такрористеҳсолкунӣ зиёдтар бошад, ҳамон қадар самаранокии иқтисодии сохтмон баланд мешавад [6].

Омодагии сохтмон дар самтҳои зерин гузаронида мешавад: асосноккунии техникӣ-иқтисодии имконпазирии сохтмони иншоот, тарҳи иншоот ва омодагии муҳандисию техникӣ ба сохтмон. Ҳар як самт вазифаҳои худро дорад. Дар раванди асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ нишондиҳандаҳои асосии техникӣ-иқтисодии иншооти оянда муайян карда шуда, имконпазирии иқтисодии сохтмони он баҳо дода мешавад. Дар марҳилаи тарҳрезӣ, ҳалли созанда ва тарҳрезии иншоот, усулҳои ташкили он ва технологияи истеҳсолӣ таҳия карда мешаванд, арзиши лоиҳавии сохтмон муайян карда мешавад. Пас аз он омодагии муҳандисию техникӣ ба сохтмон гузаронида мешавад: шабакаи дастгирии геодезӣ ва шабакаи сохтмонӣ бароварда мешаванд, корҳо оид ба омода кардани ҳудуди майдони сохтмон, дастрасии коммуникатсионии нақлиётӣ муайян карда мешвад [1, 4].

Сипас, вақте ки сохтмони воқеӣ анҷом дода мешавад, дар қитъаи сохтмон ҳамаи унсурҳои технологии раванди сохтмон васл карда мешаванд, ки дар натиҷаи фаъолияти он маҳсулоти сохтмонӣ эҷод карда мешавад, хароҷоти воқеии истеҳсоли сохтмон, мавод унсурҳои биноҳо ва иншоот, ифодаи меъморӣ ва сифати сохтмонии онҳо ташаккул меёбад.

Анҷоми иншоот ҳангоми фурӯши маҳсулоти сохтмонӣ, яъне ба истифода додани иншооти анҷомёфта ва ба фармоишгар ҳамчун воситаҳои асосӣ додани онҳо.амалӣ карда мешвад.

**АДАБИЁТ**


1. Организация, планирование и управление строительным производством. Учебник. / Под общ. ред. проф. П.Г. Грабового. - ООО «Информ», 2006. - 304 с.
2. Васильев А.М. Управление строительным производством. - Л.: Стройиздат,1990.
3. Организационно-экономические проблемы научно-технического прогресса / Под ред. В.С. Белковской, Е. М. Купрякова. - М.: Высшая школа, 1990. – 302 с.
4. Шеина С.Г. Стратегическое управление техническим состоянием жилищного фонда муниципального образования: Монография. – Ростов-на-Дону: РГСУ, 2008. – 196 с.
5. Payne G., Majale M. The urban housing manual. – London: Earthscan, 2004. – 134 p.
6. Новиков И.Т. Научно-технический прогресс в строительстве. Издательство: «М.: Стройиздат», 231 с. 1990.



***Тешаев М. – унвонҷӯ***
***Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***


## РОҲҲОИ АФЗУН НАМУДАНИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ ОБӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин, хусусан, заминҳои обӣ ва чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ дар минтақаҳо хеле муҳим мебошад. Дар шароити камчинии ва маҳдудияти заминҳои обӣ, тезутундшавии масъалаҳои экологӣ, баҳои объективӣ додан ба самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар доираи минтақаҳо маълумоти баҳои иқтисодии ҳар як минтақаи заминро истифода бурдан зарур аст. Ин раванд бо муаммоҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обӣ, такмил наёфтани идораи захираҳои замину об, ки боиси таназулёбии заминҳои обӣ (шӯразании заминҳо, эрозияи хок ва баландшавии сатҳи обҳои зеразаминӣ ва ғайраҳо) мегарданд сахт алоқаманд мебошанд.

Ба андешаи профессор Исайнов Ҳ. Р., «...дар шароити тезутундшавии масъалаҳои озуқаворӣ ва паст шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, зарурати баланд бардоштани самаранокии экологӣ - иқтисодии чорабиниҳои мелиоративӣ ба миён меояд. Аз ин хотир, асоснок намудани чорабиниҳои мелиоративӣ-ирригатсионии заминҳои обӣ метавонад самти муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ гардад..»[1,С.58]. Дар алоқаманди бо ин гуфтаҳо дар низоми заминдории обӣ зарурати баҳои самаранокии чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ ва ирригатисонӣ ба миён меояд.

Чорабиниҳои дастаҷамъонаи мелиоративӣ-ирригатисонӣ дар навбати худ ба дигаргуниҳои куллии низоми заминдорӣ ба мӯҳлати дароз (даҳсолаҳо) бо мақсади беҳтар кардани сифати заминҳои кишоварзӣ ва иншоотҳои обӣ, пешрафти фаъолияти хоҷагидорӣ ва ба таъмини бехатарии озуқаворӣ хизмат мерасонад, ки «...мақсади комплекси мелиоратсия дар ин раванд аз таҷдиди низоми мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар мавриди афзоиши зиёди талаботҳо, ки низоми чорабиниҳои мелиоративӣ-ирригатсионӣ онро қонеъ мегардонад, ба даст оварда мешавад. Ин маҷмӯъи талаботҳо ҳолати мелиоративӣ ва низоми обёрикунӣ ном дорад....»[2].

Қайд кардан зарур аст, ки барои заминҳои обии кишоварзӣ мақсади чорабиниҳои мелиоративӣ, ин «...такрористеҳсоли васеъи хосилхезии хок, ба даст овардани ҳосилнокии потенсиалӣ аз зироатҳои кишоварзӣ, бо сарфаи ками хароҷотҳои истеҳсолӣ, коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва дигар заминистифодабарандагон мебошад..»[3]. Аз ин ҷо, зарурияти баҳои самаранокии экологӣ-иқтисодӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилехезии заминҳои обӣ дар натиҷаи чорабиниҳои мелиоративӣ-ирригатсионӣ ба миён меояд.

Ҳолати кунунии истифодаи заминҳои обӣ нишон медиҳанд, ки вазъи экологӣ-мелиоративии онҳо ба талаботи рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ ҷавобгӯ набуда, иқтидори мелиоративӣ-ирригатсионӣ ба таври лозима истифода бурда намешаванд ва ин ҷо профессор Ғаниев Т.Б. хеле хуб қайд мекунад, ки «...сабаби асосии ҳолати бавуҷудомадаи низоми мелиоративӣ ин аз нигоҳи иқтисодӣ ва экологӣ асоснок намудани усул ва реҷаи обёрикунии заминҳои обии кишоварзӣ мебошад. Аз ин хотир, дар бисёр минтақаҳои кишвар бо сабаби мушкилоти экологӣ-иқтисодӣ таназулёбии захираҳои замин, вайроншавии балански об, риоя накардани меъёр ва реҷаи обёрӣ, ки дар маҷмӯъ ба зарарҳои иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ ва коҳиш ёфтани рушди мелиоратсия оварда расонидааст...»[4, с.13].

Татбиқи натиҷаи самаранокии чорабиниҳои мелиоративӣ-ирригатсионӣ дар заминҳои обии минтақаҳои кишоварзӣ дар асоси реҷаи дурусти обёрикунӣ ва меъёри (лимити) обҳо барои кишоварзӣ, бо талаботи биологии зироатҳо бо мақсади ҳар чӣ зиёди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки тибқи он меъёри истифодаи об, вобаста аз нигоҳдорӣ, такроистеҳсол ва баландбардоштани ҳосилхезии заминҳои обӣ муайян карда шудаанд. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, фоида ва дараҷаи дарамоднокӣ ба сифати нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии самаранокии экологӣ-иқтисодии заминҳои обӣ баромад мекунад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Ҳисоби нишондиҳандаи самаранокии истифодаи заминҳои обӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (аз рӯи маълумотҳои соли 2019)**

| Зироатҳои кишоварзӣ | Заминҳои обӣ |
|---|---|
| **Майдони кишт, ҳаз.га** | |
| **Гандум** | 16, 9 |
| **Ҷав** | 0,7 |
| **Картошка** | 2,0 |
| **Пахта** | 29,5 |
| **Ангур** | 5,4 |
| **Ҳосилнокии маҳсулотҳо, сентнер/гектар** | |
| **Гандум** | 32,0 |
| **Ҷав** | 29,6 |
| **Картошка** | 250, 1 |
| **Пахта** | 22,0 |
| **Ангур** | 22,5 |
| **Маҷмуи маҳсулоти умумӣ, млн. сомонӣ/гектар** | |
| **Гандум** | 540,8 |
| **Ҷав** | 20,7 |
| **Картошка** | 5002,3 |

| | |
|---|---|
| **Пахта** | 651,2 |
| **Ангур** | 651,1 |
| **Харочотҳои истеҳсолӣ, млн. сомонӣ** | |
| **Гандум** | 4200 |
| **Ҷав** | 2100 |
| **Картошка** | 15000 |
| **Пахта** | 6000 |
| **Ангур** | 17200 |
| **Фоидаи соф, млн. сомонӣ/гектар** | |
| **Гандум** | 1,7 |
| **Ҷав** | 1,5 |
| **Картошка** | 34,0 |
| **Пахта** | 228,6 |
| **Ангур** | 497,4 |
| **Дараҷаи даромаднокӣ, бо % ва маротиба** | |
| **Гандум** | 4,5 маротиба |
| **Ҷав** | 7,1 маротиба |
| **Картошка** | 3,3 маротиба |
| **Пахта** | 3,8 маротиба |
| **Ангур** | 9,6 маротиба |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯи маълумотҳои оморин Раёсати кишоварзии минтақаи Кӯлоб**

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки дар соли 2019 дар ҳамаи категориҳои хоҷагидории минтақаи Кӯлоб майдони кишти гандум дар ҳаҷми 16,9 ҳазор гектар заминҳои обӣ ташкил дода, ҳосилнокии он ба 32,1 сент/га баробар мебошад. Дар як гектар заминҳои обӣ 4200 сомонӣ маблағ харҷ карда шуда, дараҷаи даромадноки аз ҳар як гектар тақрибан 2700 сомонӣ ё 45% баробар мебошад.

Самти муҳими дигари баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои обӣ - ин мусоидат ба реҷаи обёрӣ ва усулҳои пешқадами обёрикунӣ мебошад. Тайи солҳои охир вазъи обёрикунонӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон на он қадар хуб мебошад. Сабабҳои асосии ин раванд, барзиёдии обгирии иншоотҳои гидротехникӣ аз сарчашмаҳо ва таназулёбии захираҳои замину об мебошад. Истифодаи захираҳои обӣ дар кишоварзӣ тахминан 2-2,5 маротиба зиёдтар аз хароҷоти барои ҳаққи пардохти об ташкил мекунад, ки ин ба бухоршавӣ ва транспирансияи зироатҳои кишоварзӣ оварда мерасонад.

Таҳлили натиҷаи тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки вазъи шӯразанӣ ва эрозияи заминҳо дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон хеле назарас мебошад. Вобаста ба ин шустани заминҳои шӯразада яке аз чорабиниҳои асосии баланд бардоштани самаранокии экологӣ-мелиоративӣ мебошад, ки бо хароҷоти 5-7 маротиба камтар нисбати азхудкунии заминҳои нави ирригатсионӣ амали карда мешавад. Дар ҷадвали 2. маълумотҳо оиди муқоисаи самаранокии экологӣ-иқтисодии шустани заминҳои шӯразада дар хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон оварда мешавад.

Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки хароҷотҳои бо тарзи қаторӣ шустани заминҳои шӯразада нисбати тарзи чуякҳо (ба 116,7% ё 1,1 маротиба) зиёд мебошад. Фоидаи ба даст овардашуда дар муқоиса бо тарзи шустани чуякҳо 12 ҳазор сомонӣ аз як гектар ва дараҷаи даромаднокӣ 7% зиёд мебошад. Дар маҷмӯъ шустани заминҳои шӯразада дар хоҷагиҳои ноҳияи Восеъ метавонад ҳосилнокии заминҳоро ба 5-10 с/га зиёд намуда, имконияти ба даст овардани қариб 30 тонна ҳосили иловагии пахтаро таъмин намояд. Агар чунин чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ дар тамоми заминҳои минтақа гузаронида шавад, ҳосилнокии зироатҳои пахта метавонад ба 20 ҳазор тонн зиёд шуда, ҳолати экологии заминҳои обии кишоварзӣ дар навбати худ беҳтар шаванд.

**Ҷадвали 2. Самаранокии экологӣ-иқтисодӣ аз ҳисоби шустани шӯразании заминҳои обӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ ноҳияи Восеъ**

| Нишондиҳандаҳо | Вариантҳои гузаронидани чорабинӣ | | Шустани қаторҳо нисбати ҷуякҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | Шустан бо тарзи ҷуякҳо | Шустан бо тарзи қаторҳо | Лапишҳо | Бо, % |
| Заминҳои кишт, га | 50 | 50 | - | - |
| Ҳосилнокӣ, с/га | 20 | 25 | +5 | 125 |
| Ҳосили умумӣ, т | 100,0 | 125,0 | +25,0 | 125,0 |
| Арзиши маҳсулоти умумӣ, ҳазор сомонӣ | 106,0 | 130,0 | +24,0 | 125,0 |
| Арзиши маҳсулоти умумӣ ба ҳисоби 1 га, ҳазор сомонӣ | 2,4 | 3,0 | +0,6 | 125,0 |
| Хароҷотхо, ҳамагӣ, ҳазор сомонӣ | 70,0 | 82,0 | +12,0 | 116,0 |
| Хароҷотхо ба ҳисоби 1 га, ҳазор сомонӣ | 1,8 | 2,1 | +0,3 | 116,7 |
| Фоида, ҳазор сомонӣ | 36 | 48 | +12 | 150,0 |
| Фоида аз 1 га, ҳазор сомонӣ | 0,7 | 0,8 | +0,2 | 125,0 |
| Даромаднокӣ, % | 0,51 | 0,58 | 7,0 | 121,3 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Идораи замини минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

Чорабиниҳои зидди эрозияи хок дар шароити таназулёбии заминҳои обӣ яке аз усули муҳими самараноки чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ ба ҳисоб меравад, чунки дар баробари самараи экологӣ ин чорабинӣ метавонад, самараи баланди иқтисодиро таъмин намояд. Таҳлили ҳолати кунунии заминҳои обӣ нишон медиҳанд, ки миқдори заминҳои эрозияи хатарнок ва ба эрозия гирифторшудаи заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар гуногун мебошанд. Масалан, дар вилояти Суғд ва Бадахшони Кухӣ ин нишондиҳанда 65%, дар вилояти Қурғонтеппа - 72, дар минтақаи Кӯлоб -76, дар минтақаи Ҳисор - 78% ва дар минтақаи Ғарм - 85% аз миқдори умумии заминҳои обӣ ташкил медиҳад[ 5, с. 31].

Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ қариб 200 ҳазор гектар заминҳои обӣ ба эрозия дучор буда, қариб 1 млн. гектар заминҳо дар ҳолати хатарноки эрозионӣ қарор доранд, ки дар онҳо ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба 20-25% нисбати дигар заминҳои кишт паст мебошанд. Барои пешгирии ин раванд дар шароити минтақаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, усули самаранок, яъне рахи заминдорӣ, минтақаи буферӣ ва террасӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки он аз технологияи мустақими кишти зироатҳои кишоварзӣ манша мегирад. Дар натиҷаи чунин чорабиниҳо ҳосилнокии меҳнат 2-3 маротиба паст, хароҷотҳои меҳнат ва усулҳои коркарди хок кам карда шуда, ҳосилнокии зиоратҳои кишоварзӣ баланд ва хароҷоти энергетикӣ ба 2-5 маротиба паст карда мешавад. Ҳамин тариқ, истифодаи самараноки заминҳои обӣ ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимой-иқтисодӣ ва экологӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ баромад намуда, муносибати иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагии обро таъмин намуда, барои расидан ба ҳадафҳои рушди босуботи кишвар хизмат менамояд.

Маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар хоҷагиҳои пахтакори минтақа, ки низоми киштгардонро қисман гузаронидаанд, ҳосилзехии зироати пахта ба миқдори 5 с/га баланд ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки чорабинии мазкурро пурра гузаронидаанд ҳосилнокии пахта ба 8-10 сентнер аз ҳар як гектар зиёд шудааст. Ин рақамҳо аз он гувоҳи медиҳанд, ки ҳангоми истифодаи низоми аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи киштгардон хароҷоти нуриҳо ба миқдори 30-35% кам, талафи ҳосилхезии хок ба 35-40% паст ва ҳосилхезии зироатҳо - 6-8 сентнер аз ҳар гектар баланд мебошад.

Ҳамин тариқ, дар оянда баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обии минтақа аз рушди низоми заминдории мутобиқи ландшафтӣ ва рушди иқтисодиёти сабз, бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимии минтақаҳо ва принсипи сарфаи захираҳои табиӣ зарур мебошад. Рушди ояндаи низоми экологӣ-иқтисодӣ бояд ба таъмини такрористеҳсоли ҳосилхезии заминҳои обӣ, дар заминаи аз нигоҳи экологӣ устувор ва аз нигоҳи иқтисоди самаранок равона карда шавад, ки он аз иҷрои чунин чорабиниҳо вобастагии калон дорад:

-ёрии давлатии рушди низоми заминдорӣ, яъне мувофиқатсозии доимии мақомотҳои идоракунии захираҳои замин, хусусан заминҳои обӣ, сар карда аз вазорату кумитаҳо то мақомати маҳаллӣ;

-такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии назорати истифодаи самараноки захираҳои замин ва об, инчунин беҳдошти экосистемаи минтақавӣ, дуруст ҷори намудани кадастраи замин, донишҳои экологии аҳолӣ ва ташхиси лоиаҳои мелиоративӣ-ирригатсионӣ дар минтақаҳо;

-наздиксозии фаъолияти муассисаҳою ташкилотҳои илмӣ, вобаста ба парвариш, нигоҳбини зироатҳои кишоварзӣ, заминсозӣ ва заминистифодабари ва ғайраҳо;

-тараққи додани ҳамаи соҳаҳои низоми КАС-и, барои истеҳсол, коркард ва фуруши маҳсулотҳои кишоварзӣ ва истифодаи самараноки захираҳои замин, хусусан заминҳои обӣ;

- амалисозии барномаҳои мақсаднок, соҳавӣ ва минтақавии рушди низоми заминдорӣ;


**АДАБИЁТ**

1. Исайнов Х. Р. Эколого-экономические основы повышения эффективности мелиорации в сельском хозяйстве (теория, методология и практика). – М., ФГОУ ВПО РГАУ – МСХА им. К. А. Тимирязева, 2007. – С. 158.
2. Айдаров И.П., Голованов А.И., Никольский Ю.Н. Оптимизация мелиоративных режимов орошаемых и осушаемых сельскохозяйственных земель. М, Агропромиздат, 1990.
3. Голованов А.И., Сурикова Т.И., Сухарев Ю.И. и др. Основы природообустройства (Учебники и учеб. пособия для студентов высш. учеб. заведений) - М.: Колос, 2001.
4. Ганиев Т. Б., Эффективность экологизации развития сельского хозяйства (на примере орошаемого земледелия Таджикской ССР. – Душанбе: Ирфон, 1991. –С.13.
5. Состояние природной среды Республики Таджикистан в 1997-1998 годах (Национальный доклад). – Душанбе: МОПРТ, 1999. – С. 31



***Нидоев П.Ф. - н.и.и., дотсент***
***Раҳмонов О.Ҷ. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## ТАНЗИМИ ХАРОҶОТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН ШОХАИ МУҲИМИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ

Хароҷоти давлатӣ ин масрафест, ки барои маблағгузории намудҳои маҳсулот, кору хизматрасониҳои зарурии давлат истеҳсол карда мешавад, ки корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар назди давлат истодаанд, истифода мекунанд.

Ба ибораи дигар, хароҷоти давлатӣ пардохтҳои бебозгашт мебошанд, ки талаботҳои молиявиро ба вуҷуд намеоранд ё бармегардонанд, ки хароҷоти марбут ба татбиқи вазифаҳои он аз ҷониби давлат баррасӣ карда мешавад[2].

Хароҷоти ҷорӣ - қисми хароҷоти буҷа, ки маблағгузории ҷории мақомоти давлатӣ, дастгирии давлатии дигар буҷетҳо ва соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиётро дар шакли грантҳо, субсидияҳо ва субвенсияҳо барои маблағгузории ҷорӣ таъмин менамояд.

Хароҷоти асосӣ - қисми хароҷоти буҷа, ки фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузориро таъмин мекунад; маблағҳое, ки ба сифати қарзҳои буҷетӣ барои мақсадҳои сармоягузорӣ ба шахсони ҳуқуқӣ дода мешаванд; хароҷоте, ки дар татбиқи он амволи моликияти давлат таъсис дода мешавад ё зиёд карда мешавад;

додани қарзҳо (қарзҳои буҷетӣ) минималии пардохт;




**Нақшаи 1. Хароҷоти давлатӣ**

Гурӯҳбандии хароҷоти давлатӣ аз рӯи мазмуни иқтисодӣ чунин сохт дорад:




**Нақшаи 2. Гурӯҳбандии хароҷоти давлатӣ аз рӯи мазмуни иқтисодӣ**

бо мақсади харҷ.

ҳарбӣ:- мудофиаи миллӣ ва амнияти давлатӣ, татбиқи конверсияи саноати мудофиа.

иқтисодӣ:Дастгирии молиявӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ;

- барномаҳои сармоягузорӣ ва инноватсия;
- пур кардани захираҳои давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, захираи моддии давлатӣ;
- хизматрасонӣ ва пардохти қарзи давлатӣ;
- ташаккули моликияти давлатӣ;
- хароҷоти дигари дорои хусусияти иқтисодӣ.

иҷтимоӣ:

- ҷуброн ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳои давлатӣ, дигар пардохтҳои иҷтимоӣ;
- нигоҳдории муассисаҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ;
- дигар хароҷоти иҷтимоӣ.




**Нақшаи 3. Самти хароҷотҳои давлатӣ**

**сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва сиёсати хориҷӣ:**

- амалӣ намудани фаъолияти байналмилалӣ ба манфиатҳои миллӣ (дастгирии молиявӣ барои татбиқи созишномаҳо ва созишномаҳои байнидавлатӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, саҳмгузорӣ ба ташкилотҳои байналмилалӣ);
- хароҷоти дигар дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мутобиқи барномаи сиёсати хориҷии давлат.

барои нигоҳдории маъмурият:

- таъмини фаъолияти президент, мақомоти қонунгузорӣ ва судӣ, комиссияи интихобот, мақомоти иҷроия ва мақомоти ҳудудии онҳо.

хароҷоти дигар.

аз рӯи намуди хидмат

трансформатсия - маблағҳои давлатӣ ба ивази хидмате, ки дар мол ё меҳнат ифода ёфтааст, масалан, сармоягузории давлатӣ, истеъмоли давлатии молҳо ва хидматҳо, пардохти музди меҳнат аз буҷа пешниҳод карда мешаванд;

интиқол - ройгон дода мешавад, масалан, ёрдампулӣ, кӯмакпулиҳои хонавода, ҳифзи иҷтимоӣ.

аз рӯи сатҳҳои системаи буҷет

буҷаи давлатӣ;

буҷетҳои минтақавӣ;

буҷетҳои маҳаллӣ;

Консепсия ва системаи хароҷоти давлатӣ ва мунисипалӣ.

Воаста ба гуфтаҳои дар боло оварда шуда хароҷоти давлатӣ фаъолияти давлатест, ки бо меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба хароҷоти маблағҳо барои таъмини ҳаёти ҷомеа танзим карда мешавад:

Мазмун ва сохтори хароҷоти давлатӣ аз вазифаҳое вобаста аст, ки давлат дар соли молиявии дахлдор ҳал мекунад.

Хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби фондҳои гуногун - ҳам мутамарказ (буҷетҳои сатҳҳои гуногун, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ) ва ғайримутамарказ (маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ), танҳо тибқи санадҳои банақшагирӣ ва молиявии тасдиқнамудаи мақомоти салоҳиятдор сурат мегиранд. Маблағгузории хароҷоти давлатӣ ё мунисипалӣ тақсими маблағҳои давлатӣ ё мунисипалӣ барои фаъолият ва рушди корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо мувофиқи вазифа ва вазифаҳояшон мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Дар шароити гузариш ба бозор, қонунгузории буҷетӣ имконияти ҷудо кардани маблағро аз буҷа дар асоси пардохт - қарзи буҷетӣ пешбинӣ мекунад. Дар айни замон,

манбаъҳои маблағгузории хароҷоти давлатӣ ва мунисипалӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ (сармоягузории дарозмуддат) вуҷуд доранд, ки инҳоянд:

ба буҷетҳои давлатӣ ва шаҳрӣ ва дар асоси қарорҳои махсус қабулшуда, метавонанд ба таври таъҷилӣ, бебозгашт ва музднок ҷудо карда шаванд:

фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ (шаҳрӣ);

соҳаҳои хоҷагии халқ - фондҳои мутамаркази вазоратҳо, идораҳо, захираҳои молиявии корхонаҳо.

Вақтҳои охир, дар ташаккули заминаи маблағгузорӣ аҳамияти маблағҳои қарзӣ ва ҷалбшуда афзун гардидааст.

Дар байни шаклҳои нави ташкилию ҳуқуқии маблағгузории хароҷоти давлатӣ ва мунисипалӣ, ба монанди маблағгузории объектҳо (барномаҳо) дар асоси озмун; ҷудо кардани грантҳо (имтиёзҳои яквақтаи беподош ва бебозгашт бо талаботҳои муайян) ба муассисаҳои таълимӣ, гурӯҳҳои эҷодӣ ва ғайра, бо роҳи системаи озмунӣ ё дигар системаи интихоб амалӣ карда мешавад. Имрӯзҳо низоми бисёршохаи маблағгузории барномаҳои давлатӣ бо истифода аз маблағҳои буҷетҳои сатҳҳои гуногун ва манбаъҳои ғайрибуҷавӣ паҳн шудааст. Инчунин ба ҷои маблағгузории мустақими объектҳои (барномаҳои) инфиродӣ ҳамчун чораи дастгирии давлатии онҳо, додани кафолатҳо ва замонатҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ҳамчун шарти додани қарз хеле паҳн шудааст. Ин кафолатҳо ва замонатҳо метавонанд дар сурати вайрон кардани ӯҳдадориҳо оид ба пардохти қарз аз ҷониби гирандаи он ба хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ  табдил дода шаванд. Дар ин замина ҳангоми амалисозии хароҷоти давлатӣ аз ҳар гуна манбаъ, истифодаи воситаҳо бояд интизоми молиявӣ, чунинин принсипҳо бояд риоя карда шаванд:




**Нақшаи 4. Пинсипҳо барои амлалисозии интизоми молиявӣ дар хароҷоти давлатӣ**

Принсипҳои умумии маблағгузории хароҷоти давлатӣ ва мунисипалӣ (сарфи назар аз манбаъҳои маблағгузорӣ) метавонанд номбар карда шаванд:

- тибқи ин принсип, хароҷот бояд дар асоси нақшаҳо ва барномаҳои давлатӣ ё шаҳрӣ ба нақша гирифта шаванд;
- нақшаҳои молиявӣ бояд эҳтиёҷот ба маблағҳо ва манбаъҳои қаноатмандии онҳоро инъикос кунанд;
- маблағгузорӣ бояд дар ҳаҷми иҷрои нақшаҳои пешбинишуда бо назардошти таҳияи ҳаҷми қаблан додашуда амалӣ карда шавад, ки вобаста ба ин тақсимоти супоришҳои солона ба давраҳо муҳим аст.

Дар ин замина мо тартиби муосири маблағгузориро дар хароҷоти давлатӣ мутобиқи ҷадвали 1 пешниҳод менамоем:

| № | Маблағгузорӣ бояд дар ҳаҷми иҷрои нақшаҳои пешбинишуда бо назардошти таҳияи ҳаҷми қаблан додашуда амалӣ карда шавад |
|---|---|
| 1. | мутобиқати хароҷоти ба нақша гирифташуда ба ҳаҷми даромади давлатӣ; |
| 2. | самти мақсадноки маблағҳо, ки маънои зарурати муайян кардани илова ба зикри ҳаҷми умумии маблағҳои ба гирандагон ҷудошуда, фаъолияти мушаххас ва мақсадҳои барои онҳо истифодашавандаро дорад; |
| 3. | мутобиқати хароҷоти маблағгузорӣ ба ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат; |
| 4. | мутобиқати хароҷоти маблағгузорӣ ба талаботи стандартҳои экологӣ, санитарию гигиенӣ ва дигар меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ва мутобиқи он; |
| 5. | бебозгаштӣ ва бепулии тақсими маблағ (ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқи қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст); |
| 6. | назорат аз болои истифодаи маблағҳои давлатӣ ва мунисипалӣ ва масъулият барои қонуншиканӣ дар ин соҳа. |

**Ҷадвали 1. Тартиби маблағгузорӣ дар хароҷоти давлатӣ**

Ҳамзамон, ду низоми асосии ҳуқуқии маблағгузориро вобаста ба субъектҳои истифодакунандаи маблағҳо бояд ҷудо карда шавад:

- маблағгузории ташкилотҳои тиҷоратии давлатӣ ё мунисипалӣ, ки ба онҳо амвол дар асоси ҳуқуқи идоракунии хоҷагӣ дода мешавад;
- маблағгузории муассисаҳои давлати ё мунисипалие, ки дар буҷет буда ба ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки дар асоси идоракунии оперативии амвол фаъолият мекунанд.

Корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ки ба ҳуқуқи идоракунии хоҷагӣ асос ёфтаанд, бояд тамоми хароҷоти асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии худро тавассути даромади худ (фоида, хароҷоти амортизатсия) ё қарзҳои бонкӣ пӯшонанд. Чунин корхонаҳо, ки ба ҳуқуқи идоракунии хоҷагӣ асос ёфтаанд, фаъолияти молиявии худро дар асоси санади махсуси молиявӣ - тавозун амалӣ мекунанд, ки дар он тамоми паҳлӯҳои кори корхона дар шакли пулӣ инъикос меёбанд. Бақияҳои маҷмӯӣ аз рӯи соҳа дар асоси бақияи солонаи корхонаҳо бояд тартиб дода шаванд. Тавозун қисми муҳими ҳисоботи солонаи баҳисобгирӣ мебошад, ки шаклҳо ва ҳуҷҷатҳои дигарро дар бар мегирад. Дар ин ҷо ҳисоботи натиҷаҳои молиявӣ ва истифодаи онҳо аҳамияти махсус дошат онҳо бояд бо меъёрҳои хароҷоти давлатӣ ҳамчун ченакҳои ягонаи хароҷот дар муассисаҳои якхела бошанд. Яке аз принсипҳои асосии буҷет баробарии он мебошад. Аз як тараф, ҳамаи даромадҳо бояд ба манфиати одамони дар ҳамон минтақа зиндагикунанда истифода бурда шаванд. Аз тарафи дигар, хароҷотҳои ба нақша гирифташуда бояд бо даромадҳо мувофиқат кунанд. Иҷрои беҳтарини буҷети давлатӣ – ин пурра бо даромадҳо пӯшондани хароҷотҳо ва ба вуҷуд омадани бақияи маблағҳо, яъне барзиёдии даромад аз хароҷот. Бақияи бавуҷудомадаро ҳу кумат метавонад, масалан, барои пеш аз мӯҳлат пардохт намудани қарзҳо ё дар ҳолатҳои ғайри чашмдошт истифода барад. Вале хеле кам ҳаҷми даромад ва хароҷот бо ягдигар мувофиқат мекунанд. Даромадҳои буҷет аз хароҷотҳои он ё бештаранд ё камтар.Дар ин ҷо нодурурст истифодабарии хароҷотҳои давлатӣ метавонанд ба касри буҷет оварда расонанд.




**Нақшаи 4. Вазъи буҷет дар хароҷот ва касри буҷет**

Сабабҳои касри буҷет бисёранд, ба монанди:

• кам шудани ҳаҷми истеҳсол (ин боиси воридоти нопурраи андоз ба буҷет мегардад);

• дар гардиш зиёд шудани пул бо роҳи эмиссияи (баровардани) пулҳои «холӣ» (ин боиси болоравии нарх ва мувофиқан афзоиши хароҷот мегардад); • зиёдшавии хароҷотҳо барои барномаҳои иҷтимоӣ;

• инкишоф ёфтани бахши соягии иқтисод (соҳибкории ба қайд гирифтанашуда);

• зиёд гардидани хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ, изофанависӣ, дуздӣ ва ғ. Ҷои шубҳа нест, ки касри буҷет ба қатори чунин категорияҳои «манфӣ»-и иқтисод, ба монанди таваррум, бӯҳрон, бекорӣ, муфлисӣ дохил мешавад, вале дар баробари ин он унсури ҷудонашавандаи системаи иқтисод ба шумор меравад. Илова бар ин, бе онҳо системаи иқтисодӣ қобилияти худро барои пешравӣ ва рушд гум мекунад. Қайд кардан лозим аст, ки бекасрии буҷет аломати иқтисоди солими мамлакат ба шумор намеравад. Сиёсати иқтисодии давлат оё бе касри буҷет вуҷуд дошта метавонад? Бале. Лекин бо ёрии касри буҷет давлат метавонад таъсири ҳавасмандкунандаро ба иқтисод ҳамон вақт расонад, ки дар ин вақт иқтисод ба ин бештар ниёз дорад. Бинобар ин касри буҷет асосан омили дар таҷрибаи ҷаҳонӣ эътирофшудаи сиёсати андоз ва буҷет ба ҳисоб меравад. Қонунгузории ҷумҳурӣ ҳудудҳои нобаробарии буҷетҳоро чунин муайян кардааст:

• Оид ба буҷети ҷумҳуриявӣ:

Маҷмӯи касри буҷети ҷумҳуриявӣ аз маҷмӯи маблағгузории буҷетӣ ва хароҷоти пардохти қарзи давлатӣ зиёд шуда наметавонад;

Ба манбаъҳои маблағгузории касри буҷети ҷумҳуриявӣ мансубанд:

а) манбаъҳои дохилӣ;

- қарзҳое, ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаҳои қарзӣ бо асъори миллӣ мегирад;

- вомбаргҳои (заёмҳои) давлатӣ, ки дар шакли коғазҳои қиматнок бо асъори миллӣ аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешаванд;

- қарзҳои буҷетӣ, ки аз сатҳҳои болоии системаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешаванд;

б) манбаъҳои берунӣ:

- вомбаргҳои (заёмҳои) давлатӣ, ки дар шакли коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешаванд;

- қарз аз кишварҳои хориҷӣ, бонку ширкатҳо, ташкилоти байналмилалии молиявӣ ва ғайрирезидентҳо, ки бо асъори хориҷӣ гирифта мешавад. • Оид ба буҷетҳои маҳаллӣ:

• Хароҷотҳои ҷории буҷетҳои маҳаллӣ аз даромадҳои умумии ин буҷетҳо зиёд буда наметавонанд;

• Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар маҷмӯъ аз 2% ҳаҷми даромади онҳо бе назардошти кӯмаки молиявӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд буда наметавонад.

• Воридот аз манбаъҳои маблағгузории касри буҷетҳои маҳаллӣ танҳо барои маблағгузории хароҷотҳои сармоягузорӣ равона карда мешавад, маблағгузории хароҷотҳо барои хизматрасонӣ ва пардохти қарзи мақомоти маҳаллии ҳокимият манъ аст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯихати моддаҳои хароҷоти буҷетиро, ки аз рӯи ин онҳо ҳаҷми маблағгузориро кам кардан мумкин нест, муайян намудааст. Инҳо моддаҳои, ба истилоҳ, ҳимояшудаи хароҷот мебошанд. Ба онҳо хароҷот барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳои кордиҳандагон, нафақаҳо ва кӯмакпулиҳо, стипендияҳо ва ҷубронпулиҳо таалluқ доранд. Барои ҳамин таҳияи Стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷетӣ мебояд мукаммал карда шавад. Бо мақсади таҳким бахшидан ба раванди банақшагирии буҷети соҳаҳо ва таъмин намудани шаффофияти он, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"(моддаи 32) мафҳуми "Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ,ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахши муайяни соҳаи буҷет масъул мебошанд" ворид шудааст (минбаъд вазорати пешбари соҳавӣ). Мутобиқи моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" вазоратҳои пешбари соҳавӣ дар марҳилаи дуюми банақшагирии буҷети давлатӣ стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷети соҳаҳоро таҳия намуда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

**Вазоратҳои пешбари соҳавӣ**

| **Вазорати пешбари соҳавӣ** | **Соҳа** |
|---|---|
| Вазорати мудофиаи ҶТ | 02 Мудофиа |
| Вазорати маорифи ҶТ | 04 Маориф |
| Вазорати тандурустии ҶТ | 05 Тандурустӣ |
| Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ | 06 Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ |
| Вазорати фарҳанги ҶТ | 08 Фарҳанг ва варзиш |
| Вазорати энергетика ва саноати ҶТ | 09 Комплекси сузишворию-энергетикӣ |
| Вазорати адлияи ҶТ | 10 Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор |
| Вазорати наклиёти ҶТ | 12 Нақлиёт ва коммуникатсия |

Бахшҳои 01,03, 07, 11 якчанд соҳаҳоро дар бар мегиранд ва бинобар ин вазорати соҳавии пешбар дар бахшҳои зикргардида мавҷуд нест. Бо мақсади таҳия намудани стратегияҳои буҷетии мушшахасгардонидашуда бахшҳои мазкур мутобиқи гуруҳбандии вазифавӣ ва маъмурӣ ба якчанд зерсоҳаҳо ҷудо карда мешаванд. Нақшаҳои стратегии миёнамуҳлати буҷетӣ ба нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои се сол, ки аз ҷониби Комиссия буҷетӣ тасдиқ шудаанд, асос ёфта бояд маълумоти зеринро дар бар гиранд:

- нишондиҳандаҳои хароҷоти буҷети бахшҳо мувофиқ ба гурӯҳбандии буҷетӣ;
- нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии бахш ва индикаторҳои натиҷавӣ;
- тавсифи барномаҳо ва нишондиҳандаҳои асосии натиҷаҳои онҳо. Шакл ва сохтори Нақшаи стратегии буҷетии бахшҳо.

Нақшаи стратегии буҷети бахшҳоро вазоратҳои пешбари соҳавӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои буҷетии зертобеъ, вазорату идораҳои дигар, ки барномаҳои буҷетиро дар бахши мазкур амалӣ менамоянд, мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳои соҳавӣ таҳия менамоянд. Взоратҳои пешбари соҳавӣ ҳуқуқ доранд нишондод ва маълумотҳои заруриро барои таҳияи нақшаи стратегии буҷети бахш аз ҳамаи муассисаҳои бахши мазкур талаб намоянд. Муассисаҳои мазкур вазифадоранд маълумоти лозимаро дар муҳлатҳои аз ҷониби вазорати пешбари соҳавӣ муайяншуда пешниҳод намоянд [2].

Хулоса, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият дар раванди омодасозии лоиҳаи буҷет вазоратҳои пешбари соҳавӣ Дастурамали соҳавиро оид ба ташакулёбии лоиҳаи Буҷети давлатӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои се сол таҳия менамоянд, ки вазифаи ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни банақшагирии буҷет, афзалиятҳои буҷетии соҳа, тартиби таҳия ва пешниҳоди дархостҳои буҷетӣ, тартиб ва меъёрҳои тасдиқшудаи ҳисоби хароҷоти муассисаҳои буҷетиро мутобиқ ба хусусиятҳои функсионалии онҳо, муқаррар менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе, Ирфон-2008.
2. Каримова М.Т., Мӯминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети Ҷумҳурии Тоҷи кистон. – Душанбе, 2012. - 188 с.



***Гадоев А.Ф. – к.э.н.***
***Институт туризма, предпринимательства и сервиса***


## КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ РАЗРАБОТКИ И РЕАЛИЗАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКИХ РЕШЕНИЙ

В современных условиях управление и связанные с ним тенденции предполагают развитие системы управления с применением и внедрением технологий опережающего воздействия. Рационализация процессов управления осуществляется путём предвиденных шагов во всех сферах жизнедеятельности субъектов хозяйствования. В теории управления важное место отводится предвидению экономических явлений, которые непосредственно связаны с процессами принятия управленческих решений.

Теория управленческих решений чаще всего изучается в отдельной науке как менеджмент. Изменение в системе функционирования и существования отдельных предприятий в системе рыночных отношений стали причиной прочности и гласности «управления» и отдельных компонентах. На сегодняшний день понятие управление становится прочной теоретической и практической наукой и тем самым использует различные средства и методы контроля.

Экономические реформы и радикальные изменения в сфере принятия управленческих решений, изменение в механизме функционирования национальной экономики и пространственной экономики в рамках экономических единиц (деятельность экономических агентов, развитие экономик регионов) использование рыночных регуляторов (цены, тарифы, проценты по кредитам и вкладам, система налогообложения, кредитования, внешнеэкономическая деятельность) и политическая нестабильность привели к тому, что управляющие компании стали сталкиваться с различными рисками и обширным пространством экономической неопределенности. В таких условиях принимаемые решения стали интуитивными и тем самым не принимая во внимания многие факторы, которые так или иначе воздействуют на уровень принимаемых решений [1]. Ситуацию можно было изменить, если бы на практику управления внедрялись абстрактные и научные методы, с помощью которых можно было воздействовать на такие понятия как неопределенность и риск.

Вышесказанное требует повышенное внимание к уровню принятия и обоснования рациональных управленческих решений. Прежде всего, необходимо раскрыть сущность и содержание понятия «принятия управленческих решений».

В теории управления существует различные методы и методики определения понятий «управленческого решения». Их можно разделить в зависимости от полноты информации. В данном случае информацию можно разделить на две группы:

1. В узком смысле, «решение» - есть некий выбор, ориентированный на вариантах, то есть из многочисленных вариантов выбирается всего лишь один;
2. В широком смысле «решение» - представляет собой комплексный, общий, организационно-экономический, социально-политический, психологический акт в ходе управления руководителем организации при осуществлении своих обязанностей.

В экономической науке "решение" рассматривается с различных точек зрения и интерпретация по тему разная. В других сферах науки также наблюдаются различные точки зрения. Например, в психологии принятие решений представляет собой первостепенный этап, по которому все психические компоненты соединяются воедино (цели, оценки, мотивы, установки).

В теоретическом плане управленческие решения в отдельных случаях рассматривают как отдельную деятельность. В этом случае осуществление функций управления (контроля) рассматриваются путем принятия управленческих решений.

Общепринята (в экономике, социологии и психологии), что «решение проблемы», используют обычно в трех значениях: во первых, найденное решение, но все еще не реализованное действие по нему; во вторых, реализация решения проблемы приведет к тому, что препятствие на этом пути устранятся 3) результат деятельности. В процессе принятия управленческих решений необходимо, чтобы результат деятельности наряду с тем, что устраняет проблемы, также должен поспособствовать эффективному производству. В этом контексте следует отметить, что для достижения поставленной цели (например, эффективное производства в легкой промышленности) возникают некие «неопределенности», которых необходимо учесть.

Фатхуддинов Р.А. выделяет следующие аспекты управленческих решений [2]. В первую очередь, управленческое решение рассматривается как вид экономической деятельности, в котором все события управления приведены соответствующей подготовки, поиске, отборе и необходимость принятия выборочных действий. В первом случаи, управленческое решение является работой аппарата управления и основные стадии процесса управления.

Другим качеством управленческих решений считается вариативность контроля и воздействия управляющей системой над управляемым. В таких случаях управленческое решение есть описание предполагаемых действий управляющей системы по отношению к управляемым объектом.

В-третьих, управленческое решение-это организационно-практическая деятельность руководителя в управляемой системе.

Характеристика управленческих решений обычно учитывают все аспекты в единстве и во взаимосвязи [3].

Управленческие решения в социально-экономическом аспекте это решения, направленные на стратегическое и тактическое планирование, управление деятельности компании по администрирований, управление человеческими ресурсами, производственной деятельности компании, организация и реализация механизма управления определения целей и правильная постановка задач, управления факторами внутренней и внешней средой. В совокупности этих отношений решение принимает любой субъект, который имеет управленческие способности.

Все выше сказанное позволяет нам придерживаться мнения о том, что процесс принятия управленческих решений (ПУР) рассматривается как оптимальный выбор из многочисленных вариантов развития или альтернатив направления действий, приводящий к уменьшению дистанции между ретроспективы и проспекции состояния организации. Это очень важный теоретический момент, который определяет направления развития организации на практике организации (в нашем случае, на примере предприятии легкой промышленности).

Как утверждают американские ученые, например, Стуффлебим Д. решения классифицирует по двум критериям: 1) решение относится к действию, которая рассматривается как основная цель; 2) имеет ли решение значение для стратегии организации. Эта классификация была изменена Шарплесом Б. В основе идеи Шарплеса лежала идея о том, что решения имеют плановый и операционный характеры [4]· Некоторые ученые решения классифицируют по таким факторам как окружающая среда. К таким ученым можно отнести Шведского ученого Минцберга Г. Типология Минцберга включает:

1. *Находчивые решения.* В таких решениях есть высокая доля неопределенности и риска.

2. *Оппортунистических решений.* Среда, в которой решение характеризуется высокой степенью определенности. Акты выбора, обусловленные необходимостью адаптации к окружающей среде (реактивный элемент) и направлена на краткосрочное развитие.

3. *Плановых решений.* Среда принятия решения содержит элементы риска. Выборы вызваны двумя элементами - активной и реактивной, и направлена на повышение эффективности в течение длительного периода.

Управленческие решения классифицируют по различным признакам, Классификация управленческих решений по степени участия персонала представлена на рисунок 1.1.1 [5].

Управленческое решение имеет свои свойства для реализации принимаемых решений со стороны субъектов экономической деятельности, и они имеют определённую логику, которая в свою очередь осуществляется в виде цикла.

Как отмечает Левин Ю. А. принятие управленческих решений представляет собой динамический процесс, который состоит из различных стадий и охватывает разные формы деятельности хозяйствующих субъектов [6].

Признание принятия решений, состоящий из многих этапов и рассматривающийся как определенный процесс характеризуется по нижеследующим положениям: принятия решений имеет динамический характер, что обуславливает ускорения процесса; принятия решений имеет свойства непрерывности и целесообразности, что всегда наблюдается в деятельности предприятии; указывает, что в некоторой сфере принятие управленческих решений может воздействовать на процесс производства и предоставления услуг в предприятии.




**Рисунок 1. – Признаки управленческих решений**

Важным компонентом управленческих решений считается управленческий труд в основе которого лежит цепочка принимаемых способов достижения намеченных целей развития. Зачастую руководители организации и предприятии, которые непосредственно отвечают за принимаемые решения должны и за их результативность экономической деятельности во многих случаях сталкиваются с конкретными проблемами.

Таким образом, в заключении статьи следует отметить, что в процессе разработки и реализации управленческих решений (в условиях неопределенности и существования рисков) существуют многочисленные методы, которые позволяют выявить и устранить возникающие проблемы, определить тенденции инновационного развития для повышения экономической эффективности производимой продукции и устранения неопределенностей и снижения рисков. Во всех существующих методах разработки и реализации управленческих решений доминируют такие элементы, как объем, достоверность и ценность информации. Все элементы необходимо учитывать при разработке и реализации управленческих решений на примере предприятии легкой промышленности.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Цырельчук Н.А. Рефлексивное управление: монография / Н.А. Цырельчук, Н.Н. Цырельчук. Минск: МГВРК, 2008. 512 с.
2. Фатхутдинов Р. А. Разработка управленческого решения: Учеб. пособие. -М.: ЗАО «Бизнес-школа Интел - Синтез», 1997

3. Плотников Николай Сергеевич Принятие управленческих решений // Бизнес-образование в экономике знаний. 2015. №1 (1)
4. Американский капитализм и управленческие решения / под ред. Евенко Л. И.-М, Наука, 1977
5. Асаул А.Н. и др. Теория и практика принятия решений по выходу организаций из кризиса / А. Н. Асаул, И. П. Князь, Ю. В. Коротаева; под ред. засл. Строит. РФ, д-ра экон. наук, проф. А.Н. Асаула. – СПб: АНО «ИПЭВ», 2007. – С. 9
6. Левин Ю.А. Концептуальные основы формирования нового технологического уклада в России /Ю.А. Левин // Право и управление. XXI век. - 2016. - № 1 (38). - С. 68-72

***Алишоев Х.Ҳ. – н.и.и., дотсент***
***Зиёев Ш.С. – магистрант***
***Раҳмонов Ҷ.А. - магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Супорандагони андоз аз фоида шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноӣ шахсоне, ки ҷавобгӯи шартҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошанд) ба ҳисоб меравaнд.

Объекти андозбандии андоз аз фоида барои резидент даромади умумӣ мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз кам карда мешавад.

Даромади умумӣ аз даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои андозсупоранда дар шакли пулӣ ва моддӣ (ғайримоддӣ), аз ҷумла тамоми воридоте, ки боиси афзоиши дороиҳои софи андозсупоранда мегардад, ба истисноӣ воридоте, ки аз андоз аз фоида озод аст, иборат мебошад.

Объекти андозбандии ғайрирезиденте, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ амалӣ менамояд, даромади умумии он аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муассисаи доимӣ мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз нисбат ба чунин даромад кам карда шудааст.

Намудҳои даромади умумии ғайрирезидент, ки ба муассисаи доимии он алоқаманд нест, агар манбаи даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир бошад, дар манбаи даромад бе тарҳи хароҷот андозбандӣ мегарданд.

Ҳангоми аз ҷониби ғайрирезидент гирифтани даромад аз фурӯш ё супурдани молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молумулкӣ, ки бо муассисаи доимии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд намебошад, объекти андозбандӣ даромади умумии аз ин амалиёт аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз кам карда шудааст.

Мусаллам аст, ки ҳамасола паёми президенти кишвар ба маҷлиси олӣ ироа карда мешавад ва тариқи ВАО ва тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ барои истифода ва дар амал татбиқ намудани он муфассал пешниҳод карда мешавад. Паёми сарвари давлат таҷассумгари пешрафти иқтисоди миллӣ ва фарогири масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва сиёсати дохилию хориҷии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар он ҳисоботи солонаи тамоми қишрҳои мамлакат ва нақшаҳои минбаъда барои ободонӣ ва пешрафти иқтисоди кишвар ба роҳ монда шуданд. Албатта паёми имсолаи сарвари давлат, пешвои муаззамм миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба паёмҳои пешин бартарӣ дошт. Зеро ҳар як паём хусусиятҳои махсуси худро дорост. Дар ҳар як паём сарвари давлат махсус қайд менамоянд, ки Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушодро пеш гирифтааст ва ҷонибдори сулҳ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Фикр мекунам, ин сиёсат ва ин раванд яке аз омилҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ба ватани азизу маҳбубамон хоҳад буд. Яке аз мақсадҳои асосии давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани некуахволии аҳолӣ, боло бурдани сатҳи зиндагии ахолӣ ва таъмин намудани зиндагии осоишта мебошад.

Соли 2020 барои тамоми мардуми сайёра соли вазнини иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро тамоми ҷаҳонро бемории сироятии коронавирус пахш намуд ва он ба иқтисоди ҷаҳон зарбаи сахт ва шадид расонид. Дар натиҷаи паҳншавии ин беморӣ вазъияти ҷаҳон муташанниҷ гардида ба буҳрони шадиди иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд.

Вобаста ба ин масъала дар шароити имрӯза дар ҷаҳони муосир ҳамаи давлатҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ хело поён рафтанд ва то ҳол баъзе аз онҳо аз ин буҳрон роҳи халосиро пайдо накардаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз давлатҳои мустақиле ба ҳисоб меравад ва ҳамчун аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин мушкилоти сайёра бархурдор мебошад. Зеро ин бӯҳрон буҳрони ҷаҳонӣ буда тамоми минтақаҳо ва кулли давлатҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Ин пайомадҳо то ҳол ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодаанд. Ба ҳаммаи ин нигоҳ накарда дар ин вазъияти ногувор Ҳукумати ҶТ ва тамоми сохторҳои давлатӣ баҳри пешрафт ва иҷроиши нақшаҳои мамлакат камари ҳиммат баста бо дарназардошти коҳиш ёфтани даромади буҷети давлатӣ, афзоиши талаботи маблағгузорӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ ва дигар хароҷоти пешбининашуда буҷети давлатиро барои соли 2020 бознигарӣ карда, ба нишондиҳандаҳои қисми даромад, хароҷот ва касри он тағйироти дахлдор ворид намудааст.

Аз ҷумла "бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ тибқи Фармони Президенти мамлакат аз 5 июни соли 2020 сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ва имтиёзу ҷубронпулиҳо ба маблағи умумии беш аз 450 миллион сомонӣ пешниҳод карда шудаанд".

Инчунин бо мақсади ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишвар ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти худӣ майдони кишти асосӣ ва такрории зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати даҳҳо ҳазор гектар афзоиш дода шуд. Бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои зикршуда, дар натиҷаи амалӣ гардидани тадбирҳои таъхирнопазир аз ҷониби Ҳукумати кишвар устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тамоюлҳои мусбат нигоҳ дошта шуданд. Хусусан, истеҳсоли маҳсулоти озуқа нисбат ба соли 2019-ум 28,3 фоиз афзоиш ёфт, ки ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд.

Дар робита ба тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт сарвари давлат хело хуб дақиқона қайд намуданд, ки "Вобаста ба таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии онҳо Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти муқовимат ба таҳдиду буҳронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмин намудани гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ, дастрасии молиявию дастгирии соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар, омодагӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва гузариш ба иқтисоди «сабз» тақвияти бештар бахшад".

Албатта ҳаммаи ин масъалаҳо ва пешниҳодҳо саривақтӣ буда дар баробари ин пешниҳодҳо гузариш ба иқтисоди "сабз" дар замони муосир метавонад тамоми мушкилотро ҳал намояд ва инчунин барои таъмини ғизои тоза, нерӯи сабз ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тару тоза ба аҳолӣ саҳмгузор бошад. Ва он метавонад барои боз ҳам беҳтар намудан ва ҳифз нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ ва ҷомеа нафърасон бошад.

Барои боз ҳам аз байн бурдани гаронии андоз ва рушди соҳибкорӣ дар мамлакат, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ аз тарафи пешвои муаззами миллат чунин қайд карда шуд: "Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи март ба Ҳукумат пешниҳод намояд". Ин масъала яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта барои рушди иқтисодии мамлакат ва пешравии соҳибкорӣ дар кишвар саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари аграрӣ ба ҳисоб рафта баъд аз истиқлолият ба даст овардани он барои рушди соҳаи кишоварзӣ як қатор имтиёзҳо ва дастгириҳои давлатӣ ба роҳ

монда шуда буд. Аз ҷумла: “Бунёд ва азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудккунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмиҳои аълосифат ва дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба маблағгузорӣ 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст. Ҳоло дар кишвар боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст”.

Таҷриба нишон дод, ки дар ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ талабот ба маводи ғизоӣ бештар шуда баҳри таъмини он мушкилотҳои зиёде ба амал омаданд. Бинобарин баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани масъалаҳои ҷойдошта Ҳукумати кишвар ва тамоми аҳолии мамлакат барои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи самараноки обу заминҳои корам, технологияҳои инноватсионӣ ва агротехникаи пешрафта ва бунёди боғҳои интенсивӣ бояд саҳмгузор бошанд.

Роҷеъ ба масъалаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ, вазъияти ҷаҳони муосир ва мушкилоти соҳа дар оянда аз тарафи пешвои миллат пешниҳоди хело саривақтӣ ва кӯмаккунанда ба деҳқонон пешниҳод карда шуд, ки он метавонад барои рушди соҳа ва истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ саҳмгузор бошад. Аз тарафи пешвои миилат қайд карда шуд, ки “Бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ пешниҳод менамоям, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд”. Ин пешниҳод дар замони имрӯза ва вазъи ҷаҳони муосир нақши калидиро иҷро менаммояд ва намегузорад аҳолӣ ва мардумон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ кашанд.

Маҳз ана ҳамин ҷанбаҳо дар паёми сарвари давлат пурра арзёбӣ карда шуданд. Зеро маҳз дар паёми имсола сарвари давлат ба паҳлуҳои асосии иқтисодӣ, яъне масъалаҳои калидии иқтисодӣ диққати махсус зоҳир намуданд.

Дар охир бо як бовари комил гуфта метавонам, ки ҳар як шаҳрванди баномуси кишвар ва инчунин аҳолии шаҳру деҳот дар якҷоягӣ дар атрофи Ҳукумати мамлакат ва махсусан пешвои муаззами миллат камари ҳиммат баста, баҳри рушди иқтисоди ҷомеа ва соҳаҳои калидии иқтисодӣ ба монанди кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ ва ғайраҳо саҳмгузор хоҳем буд ва паёми пешвои муаззами миллатро сармашқи кори хеш қарор хоҳем дод!!!

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе соли 2013
2. Исломов Т Системаи андози миллии Тоҷикистон.-Душанбе 2004
3. http://khovar.tj/2020/02
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.01.2021
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018



***Саидова М.С. - н.и.и., дотсент***
***Маҳмудова М.Х. – н.и.и., дотсент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## НАҚШИ СОҲИБКОРӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШАРОИТҲОИ МУСОИДАТКУНАНДАИ ОН

Рушди соҳибкорӣ - яке аз шартҳои муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ ва даромади миллӣ мебошад.

Гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ аҳамияти шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро ҳам дар рушди кишвар ва ҳам дар маҷмӯъ, баланд гардонд. Соҳибкорӣ, чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, омили

муҳими ташаккули муносибатҳои бозарӣ, таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ва рушди сектори хусусӣ чун унсури пешбари иқтисодиёти бозарӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки ҳамаи дигаргуниҳои бозарӣ дар давраи охир баргузоршаванда барои ташкили шароит ва заминаҳои иқтисодӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шуда буданд. Бо мурури воридшавии тағйиротҳои бозорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ зарурати рушди босуръат ва ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ ба миён меояд.

Фаъолияти пурра ва самарабахши соҳибкорӣ мавҷудияти шароитҳои заруриеро, ки ба иқтисодиёти солими бозорӣ хос аст, талаб менамояд. Пеш аз ҳама, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид талаб менамояд, ки аз маҷмӯи шароитҳои аввалиндараҷа ва зарурӣ иборат аст.

Ба ташаккулёбии соҳибкорӣ чунин шароитҳо мусоидат мекунанд:

1.Шароитҳои сиёсӣ .Устувории вазъи сиёсӣ дар мамлакат омили пешрафти иқтисодӣ ва демократӣ гардонидани аҳли ҷамъият мебошад. Дар ин ҷода таъмини устувории вазъи сиёсӣ, баланд шудани дараҷаи боварии халқ ба ҳукумат ва дигаргунсозиҳои иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Устувории вазъи сиёсӣ шароит муҳайё месозад, ки соҳибкорӣ масъалаҳои мушкили ҳаёти ҷамъиятиро ба ӯҳда гирад ва дар асоси истифодаи навовариҳо пешрафт ва рушди иқтисодиро таъмин намояд [5.с.418 ].

2.Шароити иқтисодӣ Ба шароитҳои иқтисодӣ метавон дохил кард: пешниҳоди молҳо ва талабот ба онҳо; намуди молҳое, ки харидорон ба даст оварда метавонанд; ҳаҷми маблағҳои пулӣ, ки харидорон метавонанд барои харидорӣ намудан сарф менамоянд; барзиёдатӣ ва ё норасоии ҷойҳои корӣ, қувваи корӣ, ки ба дараҷаи музди меҳнати коргарон, яъне ба имконияти онҳо барои харидани молҳо таъсир мерасонанд.

3.Шароити иҷтимоӣ. Шароитҳои иҷтимоӣ ба муносибатҳои фарди алоҳида ба меҳнат таъсир мерасонанд, ки дар навбати худ ба муносибати ӯ ба андозаи музди меҳнат, шароитҳои меҳнати пешниҳодшаванда низ таъсир мерасонанд. Соҳибкор аз фаъолияти соҳибкорӣ бояд қаноатмандӣ гирад. Вай дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии фаъолияти меҳнатии кормандони худ иштирок мекунад: ҳифзи саломатии онҳо, нигоҳдории ҷойҳои корӣ ва ғайраҳо.

4. Шароити ҳуқуқӣ. Ҳар як фаъолияти соҳибкорӣ дар чорчӯбаи муҳити ҳуқуқии муайян сурат мегирад. Бинобар ҳамин муҳайёкунии шароитҳои ҳуқуқии зарурӣ аҳамияти калон дорад. Дар навбати аввал ин мавҷудияти қонунҳо мебошад, ки фаъолияти соҳибкориро танзим мекунанд ва барои тараққиёти соҳибкорӣ шароитҳои мусоид фароҳам меоранд [4, с.14 ].

Аз руи маълумотҳои оморӣ дар соли 2020 дар ВМКБ-4721 адад , вилояти Суғд 113985 адад, вилояти Хатлон-99607 адад, НТҶ-58465 адад, шаҳри Душанбе -41183 адад субъектҳои хоҷагидорӣ ба қайд гирифта шудааст.

Рушди ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бештари мавридҳо бо ҳаҷми сармоягузориҳо барои ташаккул ва фаъолияти соҳа алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон ҳаҷми сармояҳогузориҳо аз мавҷуд будани захираҳои молиявии худӣ, инчунин воридот аз манбаъҳои дигари дохилӣ ва беруна робитаи зич дорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муносибатҳои бозарӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавҷудияти захираҳои молиявии худӣ ба мушкилиҳо дучор мешавад ва соҳибкорӣ дар ҷанбаи молиявӣ ба дастгирӣ ниёз доранд. Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои таъмини рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти муҳими рушт дар кишвар маҳсуб мешавад.

Дар соли 2020 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 5,4 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 1,3 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд.

Иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид.

Соли гузашта 300 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ ба истифода дода шуданд.

Дар ин давра зиёда аз 193 ҳазор ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ 10 фоиз афзоиш ёфт.

**Диаграммаи 1. Субъкти хоҷагидор дар минтақаҳои ҷумҳурӣ** [3 ].




Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [1 ].

Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд [2].

Ҳамин тавр, мавриди зикр аст,ки соҳибкорӣ яке аз пояҳои асосии иқтисоди бозорӣ буда, ба оқилона истифода намудани воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст. Ташкили оқилонаи фаъолияти соҳибкорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба маҷлиси Олӣ . 26.01.2021. ш. Душанбе
2. Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба маҷлиси Олӣ . 26.12.2019. ш. Душанбе
3. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Investcom.tj
4. Фаррухи Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. Душанбе, 2009.-109 с.
5. Комилов С.Х.Ҷ.. Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. – Душанбе , 2015. – 640 с.

***Сафарова М.И. – ассистент***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## НАҚШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ

Дар низоми идоракунии молияи давлатӣ нақши муҳимро буҷети давлатӣ мебозад.

Идоракунии самаранокии молияи давлатӣ (буҷети давлатӣ)дар Ҷумҳури Тоҷикистон тибқи ҳодисаҳои стратегии қабулгардида ва вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат, ки пеш

аз ҳама ба таъминсозии рушди устувор иқтисодӣ ва афзоиши ҳаҷми солона нишондиҳандаи макроиқтисодӣ равона, сурат мегирад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт идоракунии самаранок ва масъулиятноки молияи ҷамъиятӣ аҳамияти бундиро барои ҳамаи мамлакатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон , аз нуқтаи назари таъминоти устувории низомъои миллии буҷетӣ ва инчунин амнияти умуми молияви ва рушди устувори иқтисодӣ доро мебошад.

Дар баробари ин, ба ақидаи мо, фаъолияти давлат аз руи идоракунии молиявӣ дар шароитм иқтисоди бозорӣ бояд на танҳо бо рушди муносибатҳои қарзӣ, балки бо баландбардории амалии ҳамаи звенаҳои (қисмҳои) низоми молиявии давлатӣ пайгири ёбед. Аз тарафи дигар банақшагирии молиявӣ ( буҷетӣ) бояд ба механиизмҳои бозории мубодилаи молҳо ва хизматрасониҳо, эътирофи хараҷотҳои буҷетӣ барои истеҳсоли маҳсулотм ҳайатан муҳиму зарур дар доираи қонуни талаботу таклифот такя менамояд. Чунки замина ҷоннокгардонии дурнамои ташаккул ва истифодабарии захираҳои молиявиро дар самтҳои муайяни дар давраи дарозмудат ва инчунин банақшагирии кутоҳмуддати молиявӣ тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки буҷети давлатӣ ҳамчун асоси пешрафт ва фаъолтяти молиявии давлат, дар низоми идоракунии молияи давлатӣ нақши калидиро ишғол намуда, баҳри иҷрои ҳамаи вазифаҳое мебошад, ки барои амалисозии он давлат дар назди ҷомеа ваколатдор аст. Бо ёрии буҷет, масъалаҳои танзим молияи қариб ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба маблағҳои буҷетӣ эхтиёҷ доранд. Аз ин ру, идоракуии оқилона ва самарабахши молияи давлатӣ-буҷетӣдавлатӣ аҳамияти калон дорад ва дар самти он вазифаҳои нав ба навро ба миён меорад,ки ҳалли онҳо, ба фикри мо, нафақат сатҳ ва усулҳои молияи давлатӣ вобаста мебошад, балки аз амалинамоии вазифаҳо ва салоҳиятҳои мақомоти идоракунии молияи давлатӣ алоқаманд аст.

Бояд қайд кард, ки Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 зарурати гузариш ба иқтисоди мураккаб ва гуногунсоҳаро дар асоси рушди бахши хусусӣ ва шукуфоии муштарак таъкид мекунад. Дар баробари ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатиии худ аз 26 декабри соли 2019 таъкид намуд , ки тибқи Стратегияи Милли Рушд барои давраи то 2030 аз такмили низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла идоракунии молияи давлатӣ- буҷетӣ давлатӣ вобаста аст “1:1”

Ба ҳамагон маълум аст, ки қисми асосии даромади буҷети давлатиро пардохтшои андозӣ ва ғайриандозии субъектони хоҷагидорӣ( шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки манбаҳои молияи давлатиро, яъне қисми даромади буҷети давлатиро ташкил медиҳанд. Аз ин ру дар ғаниматҳои буҷетӣ давлатӣ нақши идоракунии низоми андозии Ҷумҳури бе қиёс мебошад. Барои ҳамин ҳам, дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд,чунки рушди иҷтимоию иқтисодиёти кишвар такмили ҳавасмандии соҳибкорон, молистеҳсолкунандагону харидорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ, яъне аз омилҳои муҳими таъминкунандаҳои рушди иқтисодиёти мамлакат ва афзоиши даромади буҷетӣ давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраҳои гуногун таъмин менамояд, ки он дар ҷадвали №1 зерин акс ёфтааст.

Таҳлили нишондиҳандашои ҷадвали №1 (9 41 52) он шаҳодат медиҳанд, ки давраи таҳлилшавнда ( солҳои 2015-2019) шумораи миёнаи мшғулият (шуғл) дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ зиёда аз 2,1 маротиба афзудаа, сатҳи бекори ба 2,7% коҳиш ёфтааст ва шумораи бекорон қариб бетағйир боқӣ мондааст.

Даромадҳои пулии аҳолӣ дар давраи баррасӣ шаванда ба ҳисоби миёна ба 255245,6 млн сомонӣ, хароҷотҳои пуллӣ ва пасандозҳои аҳолӣ бошад ба 35562,1 млн сомонӣ зиёд гардидаанд, ки аз рушди беҳтаршавии сатҳи пардохтпазирии аҳолии Ҷумҳури шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки баҳри баландбардории сатҳу сифати ҳаётгузаронии аҳолӣ ва таъмини шароити шостаи онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра музди меҳнатӣ кормандон ва нафақапулиҳо, идрорпулиҳо ( степендияҳо) ва кумакпулиро барои оилаҳои камбизоат ва ғайраҳо ҷораҷуиҳо андешида истодаанд, ки бо мақсади беҳтар намудани

даромади онҳо. Ба ин мисол шуда метавонад , ки аз 01 09 соли 2020 зиёд шудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақапулиҳо, идрорпулиҳ, кӯмакпулиҳо ба оилаҳои серфарзанду камбизоат, ки ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 15% (1 :3

**Ҷадвали № 1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2019**

**Macroeconomic indicators of the Republic of Tajikistan in 2015-2019**

| **Нишондиҳандаҳо** | **СОЛҲО** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/2016 бо % |
| Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 109,0 |
| Шумораи миёнаи машғулият дар иқтисодиёт, ҳаз. Нафар | 2381 | 2385 | 2407 | 2426 | 2463 | 104,3 |
| Шумораи бекорон, ------ нафар | 51 | 53 | 50 | 52 | 51 | 100,0 |
| Сатҳи бекорӣ, бо % | 2,3 | 2,2 | 2,2 | 2,2 | 2,1 | 97,3 |
| Даромаднокии пуллии аҳолӣ млн. Нафар | 2560,8 | 31373,0 | 37297,5 | 41083,9 | 47986,3 | 187,8 |
| Хароҷотҳои пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ, млн. нафар | 34968,0 | 36711,7 | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 128,2 |
| Музди меҳнатӣ миёнаи 1 корманд, саломатӣ | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 135,57 | 151,1 |
| ММО, млн нафар | 50977,8 | 54790,3 | 64434,4 | 710,59,2 | 77354,7 | 156,1 |
| Суръати рушд бо % нисбат ба соли гузашта | 106,0 | 106,9 | 107,1 | 107,6 | 107,5 | 100,1 |
| Маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2019, млн сомонӣ | 15674 | 18182 | 22055 | 24393 | 27613 | 180,0 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ бо нарзҳои соли 2019, млн сомонӣ | 22160,3 | 23320,9 | 24911,5 | 25898,7 | 27750,4 | 127,3 |
| Сармоягузориҳо. млн сомонӣ | 9750,0 | 1179,7 | 11371,5 | 13361,0 | 12517,8 | 123,7 |
| Ба кор андохтани фаондҳои асосӣ, млн сомонӣ | 4129,5 | 5406,6 | 6678,6 | 4859,3 | 7033,3 | 170,7 |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ бо нархи соли 2019, млн сомонӣ | 11782,9 | 11729,0 | 11998,8 | 12130,8 | 11983,6 | 131,7 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн $ (доллар) | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 104,6 |
| Содирот, млн $ (доллар) | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 139,3 |
| Воридот, млн $ ( доллар) | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3157,0 | 3349,3 | 97,6 |
| Қарзи давлатии хориҷӣ, млн доллар | 2194,5 | 2274,1 | 2879,0 | 2924,2 | 2888,4 | 135,2 |
| Тавварум дар бахши истеҳмолӣ ( дар охири сол, бо% | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 6,5 | 6,6 | 111,1 |
| Қурби асъор (1 доллар бо сомонӣ) | 6,99 | 7,88 | 8,82 | 9,43 | 9,69 | 120,0 |

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали №1 нишон медиҳад, ки музди миёнаи як корманд дар соли 2019 нисбат ба 2015 қариб 1,4 маротиба ё бо ифодаи пулӣ 456,6 сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи муҳиме, ки рушди иҷтимоию иҷтисодии кишварро тавсиф месозад, ин маҷмӯи маҳулоти дохилӣ мебошад. Таҳлили нишондиҳандаҳои № 1 нишон медиҳад, ки ММД ( маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) дар соли 2019 нисбати соли 2015 қариб 1,5 маротиба афзоиш ёфтааст , еи дар слҳои минбаъда низ ММД афзоиш хоҳад ёфт.

Рушди мазсулоти саноати дар ин давра 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст, ки он ба сиёсати саноаткунонии босуурьати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ҳадафи чороуми Стратегяи Миллии рушди иқтисодиёти кишвар мусоид мекунад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоврзӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 қариб 1,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ММД қариб 19,0 % -ро ташкил додааст.

Бояд гуфт, ки дар рушди устувори иқтисодии кишвар робитаҳои берунии иқтисодию молиявӣ нақши муҳимро мебозад. Пеш аз ҳама ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷҷӣ баҳри азхудкунӣ ва истифодабарии пурраи захираҳои табии, рушди истеҳсоли молу маҳсулоти марбут йубошад. Воридшавӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар фароҳам меорад, то робитаҳои бурунмарзии иқтисодии худро фаъол гардонида, талаботҳои худро оид ба молу маҳсулотҳо пурратар қонеъ намуда, захираҳои иловагии молиявиро ҷалб намуда, баҳри рушди соҳаҳои истеҳсолӣ бо мақсади кам кардани воридот ва зиёд намудани ҳаҷми содироти молу маҳсулот равона хоҳад гашт. Дар давраи баррасишаванда сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ба ҳисоби миёна 2767,8 млн сомонӣ ё қариб 1,4 маротиба афзоиш ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳоло захираҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар хеле зиёд мебошад, вале воридшавии сармояи хориҷӣ дар сатҳи паст қарор дорад, ки он яке аз муаммоҳои молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар кишвар барои сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамаи шароитҳои зарури ба монандӣ : ҳимояи давлатию ҳуқуқӣ амволи онҳо, имтиёзҳои гуногуни иқтисодию молиявӣ, андозӣ ва дигар шароитҳои зарурӣ муҳаё карда шудааст, вале ба ҷалби имрузаи сармояи хориҷӣ мо розӣ шуда наметавоне, бояд рушд дод.

Аз маълумотҳои ҷадвали №1 маълум гашт, ки қарзи давдатии ҶумҳурииТоҷикистон ба ҳолати 1 – уми январи соли 2019 3673,26 млн. Доллари ИМА ё 48,8% -и ММД- ро ташкил намуда, нишондиҳандаи мазкур дар давраи таҳлилшавнда қариб 1,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Бояд қайд намуд,ки дар соли 2018-- 80% қарзи давлатиро қарзи хориҷӣ ва танҳо 20% қарзи дохилиро ташкил намудааст, ки ҳиссаи он сол то сол коҳиш ёфта ва ҳиссаи қарзи хориҷӣ афзоиш ёфта истодааст , ки он ба фикри мо, тамоюли мусбӣ ҳисобидан ғайриимкон аст, оиди ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру андеша намуда, чорабиниҳои заруриро андешидан лозим, то ки ҳаҷми он давра ба давра кам гашта , ки он шароити мусоид барои таъмини устувории молиявии давлат замина хоҳад гузашт.

Чӣ хеле , ки дар боло қайд карда шуд дар низоми идоракунии молияи давлатӣ нақши калидиро( муҳимро) буҷети давлатӣ ташкил меҳад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи молияи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки аз 28,06 соли 2011 йаҳйи №723 қабул гардидааст, буҷетӣ давлатӣ чунин таъриф дода шудааст: Буҷетӣ давлатӣ- фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷотҳои маблағҳои пулӣ, мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Буҷетӣ давлатӣ нақшаи молиявии ҷамъият ё давлатӣ буда, дар шакли балансӣ ( тавозун) даромаду хароҷот тартиб дода мешавад. Қисми даромади буҷетӣ давлатӣ манбаи асосии молияивии фаъолияти давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ давра ба давра афзоиш ёфтани қисми даромади буҷетӣ давлатӣ кафолати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зинддагонии аҳолии кишвар ба ҳисоб меравад. Инак, агар ҳаҷми умумии даромади Буҷетӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои он- 26010957 ҳазор сомонӣ пешбини шуда бошад , дар соли 2021 – 27645795 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гаштааст, ки он нисбати соли 2020 ба маблағи-1634838 сомонӣ зиёд мебошад, ки он динамикаи хаҷми буҷетӣ давлатии ҶУмҳурии Тоҷикистон –ро ифода мекунад, ки он дар ҷадвали №2 ифода ёфтааст.

**Ҷадвали №2**

**Динамикаи ҳаҷми буҷетӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021 ( ҳазор сомонӣ)**

**Dynamics of the state budget of the Republic of Tajikistan for 2015-2021 (thousand somoni)**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ | 16586,5 | 18405 | 19955,5 | 23925,5 | 234691 | 26010957 | 27645795 |
| Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетӣ давлатӣ | 17054,2 | 20234 | 25425,1 | 26755 | 23806,6 | 26360473 | 28108998 |

Аз маълумотҳои ҷадвали № 2 маълум гардид, ки дар 7- соли охир ҳаҷми буҷетӣ давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 1,8 маротиба афзоиш ёфта, вале дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба 0,6% ё бо ифодаи пулӣ ба маблағӣ 1634838 сомонӣ афзоиш ёфтааст. Вале дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба 1,9 % ё ба маблағӣ 456,4 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Ба фикри мо омилҳои асосии, ки ба коҳишёбии ҳаҷми буҷетӣ давлатӣ дар соли 2019 таъсири худро расонид, ин пеш аз ҳама аз хуруҷи бемории сироятии пандемияи COVID-19 мебошад, ки на танҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон балки ба кулли иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъсири манфии худро расонид ва имрузҳо ҳам расонида истодааст.

Дар соли 2019 иҷрои нақшаи пешбинишудаи қисми даромади буҷетӣ давлатӣ сарфи назар аз кам кардани нақшаи даромад ва хароҷоти буҷетӣ давлатӣ дар соли 2019 дар ҳаҷми 1,6 млрд. сомонӣ бо назардошти як қатор омилҳои таъсиррасон ба манбаъҳои андозбандӣ дар сатҳи 99,7% таъмин гардид, ки ҳаҷми он нисбат ба нақша 79,5 млн. сомонӣ кам ва ҳамзамон нисбат ба соли 2018 ба маблағӣ 689,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Даромади ҷории буҷетӣ давлатӣ дар соли ҳисоботӣ( соли 2019) дар сатҳи 99,2 таъмин гардида, ба буҷетӣ 17,8 млрд. сомонӣ маблағ ворид гашт. Ҳаҷми воридоти маблағҳо нисбат ба нақша 143,2 млн. сомонӣ кам ва афзоиши он дар қиёси ба соли 2018 – 900,5 млн. сомониро ташкил додааст.

Дар соли 2019 ба суратҳисоби махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 2,1 млрд. сомонӣ маблағворид гардид, ки нисбати соли 2018 -568,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Азхудкунии маблағҳои дар доирои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда ба 3,1 млрд сомонӣ баробар гардид, ки он нисбат ба соли 2018 – 446,4 млн. сомонӣ кам мебошад.

Ҳаҷми даромадҳои дохилии буҷетӣ давлатӣ( Кумитаи андоз) дар ин давра 11,0 млрд. сомонӣ ташкил дод, ки он ба 95,1 %-и нақша баробар мебошад. Воридоти маблағ нисбат ба нақшаи пешбини гардида-567,4 млн. сомонӣ кам ва ҳамзамон нисбат ба соли 2018-479,6 млрд сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра ( соли 2019) аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ба буҷет- 5,5 млрд. сомонӣ ё баробар ба 107,1%-и нақшаи маблағ ворид гардидааст, ки барзиёдии воридоти маблағҳо нисбат ба нақша 365,6 млн. сомонӣ ва нисбат ба соли 2018 -652,2 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафауа аз ҳисоби андози иҷтимоии корхонаҳои ғайрибуҷетӣ маблағи 1,7 млрд. сомонӣ ворид гардид, ки он ба 93,3 % -и нақша баробар мебошад. Воридоти маблағҳо нисбат ба нақшаи давраи ҳисоботӣ 121,7 млн. сомонӣ ва дар муқоиса ба соли 2018-38,2 млн. сомонӣ кам аст .

Бояд қайд кард, ки дар соли 2019 маҷмғи ичрои нақшаи даромади буҷетӣ давлатӣ аз руи 3 манбаъи даромад, яъне 3 намуди андоз ба маблағи умуми -852,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисобот андоз аз даромад- 96,0 млн. сомонӣ, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 121,7 млн . сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда641,5 млн. сомонӣ таъмин нагардид , ки онҳо сабаби иҷро нагардидани нақшаи даромади буҷетӣ давлатӣ гаштаанд.

Ба ақидаи мо, омилҳои асосии таъмин нагардидани иҷрои қисми даромади буҷетӣ давлатӣ бо баробари коҳиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ, инчунин бо иқтидори пурра ва ҳатто аз кормандони баъзе корхонаҳои истеҳсолӣ ва коҳиш ёфтани нишондиҳпндаҳои

молиявии субъектони хоҷагидорӣ ва корхонаҳои калони саноатӣ ва ширкатҳои мобилӣ ва ғайра мебошад. Аз ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ маблағҳои ҳисобшудаи андозии ҶДММ –и " Ширкати куҳии саноатии Тоҷикистону Хитой (Чин) " – 485,5 млн .сомонӣ ва пардохтшуда - 551,6 млрд. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 120,4 млн. сомонӣ вва 103,9 млн. сомонӣ кам мебошад. Инчунин, бо сабаби кам гардонидани даромади умумии ҶСК Тоҷикистон дар ҳаҷми 45,9 млн. сомонӣ ва ширкатҳои мобилӣ 83,3 сомонӣ маблағҳои пардохтшудаи андозии онҳо нисбат ба соли 2018 мутаносибан 3,1 млн. сомонӣ ва 131,0 млн. сомонӣ кам шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26, 12, 2019
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 'Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикисон' аз 14, 05, 2016с № 1316. 17, 05, 2018с № 1535 бо тағйиру иловаҳо
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 'Дар бораи буҷети давлатии ҶумҳурииТоҷикистон то соли 2021' аз 27,11,2020
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 'Дар бораи сармоягузорӣ' аз 23,08,2018 № 1547
5. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. Душанбе-2016
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон .(аз 17, 09, 2012с. №901; бо тағйиру иловаҳо 21,02 2018с №1510 ;3,08,2018с №1546; 04,04,2019с №1599)
7. Хасанова А.Р , Содиқов.Р.Ҳ , Буҷети давлатӣ. Душанбе. Эр-граф, 2018
8. Ҳикматов С, Ҷаҳоншоҳ С. Буҷет ва низоми буҷетӣ (воситаи таълимӣ) ДМТ, Душанбе, 2019
9. Маҷмуаи оморӣ // Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2020
10. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷотаз руйи соҳаҳо барои2018-2020
11. Омори солонаи Кумитаи андои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020



*Бахромов Ф.Б.*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*


## МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКАИ МОЛИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ба таври осон, фаҳмо ва дар муддати кӯтоҳтарини вақт анҷом додани ҳисобкуниҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ аз қабили масъалаҳоест, ки ҳанӯз аз давраҳои хеле қадим вуҷуд доранд. Дар навиштаҷотҳои қадим ба масъалаҳои тиҷоратӣ, ҳаҷми корҳо, боркашонӣ, ҳисобкунии андозҳо, зиёдшавии пул, хатар, барор ва дигар масъалаҳои зиёди амалӣ дучор гардидан мумкин аст, ки ба онҳо диққати махсус дода мешуд. Аз ҳамин ҷо калимаи «арифметикаи тиҷоратӣ» ба вуҷуд омад, ки сода (фаҳмо) ва мухтасар (кӯтоҳ) будани ҳисоббарориҳоро мефаҳмонд. Ҳамин тавр, дар заминаи рушду такомули фаъолияти тиҷоратӣ истилоҳот ва сохти (таркиби) асосии математикаи молиявӣ ба вуҷуд омад ва ташаккул ёфт, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҳамчун «арифметикаи савдогарӣ», «арифметикаи тиҷоратӣ», «арифметикаи сиёсӣ» ва «математикаи молиявӣ» ё «ҳисоббарориҳои олии молиявӣ» фаҳмида мешуд. Китобҳои тиҷоратӣ, ки фарогири мӯҳлати вақт, меъёри фоида, зиёдшавии сармоя, маблағи қарз, фоиз, ҳисоббаробаркунӣ, интиқоли пул, пардохтҳо, баҳисобгирӣ, ҳаҷми зарар ва ҷадвалҳои махсуси ҳисоб буданд, на танҳо иттилооти таърихию иқтисодӣ, балки иттилооти математикиро низ дар бар мегирифтанд. Ҳангоме, ки рушди назарияи математика хотима ёфтан гирифт (дар асрҳои миёна), математикаи молиявӣ ҳамчун инъикоскунандаи дониши математикӣ буд ва нисбат ба адабиёти илмии математикӣ ба таври зудтару васеътар паҳншаванда шинохта мешуд. Яъне, математикаи молиявӣ нисбат ба математикаи илмӣ босуръат паҳн гардида, вусъат ёфт.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ усулҳои математикӣ ҳамчун воситаи асосии таҳлили зуҳурот ва равандҳои иқтисодӣ, сохтани амсилаҳои назариявӣ, муайянсозии ояндабинӣ ва раванди тағйирёбии дурнамои рушди фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ мебошанд ва имконият медиҳанд, ки таъсири омилҳо ба нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии фаъолият мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шаванд. Молия яке аз шохаҳои илми иқтисодист, ки дар он усулҳои математикӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Гарчанде масъалаҳои ҳисобкуниҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман мавриди омӯзиш қарор дода шаванд ҳам, солҳои охир онҳо яке аз масъалаҳои рӯзмарра гардида, дар ҳоли рушд қарор доранд. Дар амал татбиқ намудани ҳисоббарориҳои молиявӣ на танҳо ба таври дуруст дарк кардани баробариҳои математикӣ ва маънидод карда тавонистани усулҳои онҳоро талаб менамояд, ҳамчунин фаҳмиши категория ва истилоҳоти иқтисодиро зарур мешуморад. Зеро бидуни дарку маънидод карда тавонистани категорияҳо ва қонунҳои иқтисодӣ ҳал намудани аксарияти масъалаҳо ғайриимкон аст. Аз ин нуқтаи назар, ба ҳамдигар вобастаю алоқаманд намудани донишҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва математикӣ ҳангоми ҳалли маъалаҳои рӯзмарра (маишӣ), ҳамчунин, зарурати мавҷудияти онҳоро дар фаъолияти тиҷоратӣ ва молиявӣ тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои воқеии математикии молиявӣ нисбат ба масъалаҳои муқаррарии (оддии) математикӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо на ҳама вақт ба таври дуруст якхела ҳал мешаванд, яъне дар онҳо масъала ба таври гуногун ҳал карда мешавад. Ғайр аз ин, барои ҳар гуна одамон ҳалли мувофиқи масъалаҳо (беҳтарин роҳи ҳал) метавонанд гуногун бошанд, зеро онҳо аз ҳаҷми воситаҳои пулӣ, даромадҳои оянда ва ҳатто хусусиятҳои хислати шахс вобастаанд. Илова бар ин, ҳалли мувофиқи масъалаҳо аз мақоми ишғолнамудаи шахс вобаста аст: он шояд танҳо шахси инфиродие бошад, ки дар ихтиёри худ пул ва амволи шахсӣ дорад, ё ин ки корманди дастгоҳи марказии ширкат бошад, ки воситаҳои пулии коллективиро дар ихтиёр дорад ва дар ниҳоят иштирокчии касбии бозори фондӣ ё бозори асъор бошад. Бо фарзияҳои гуногун метавон гуфт, ки ҳангоми ояндабинии тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ва ё саҳмия ҳалли мувофиқи масъалаҳо (мувофиқгардонӣ) барои иштирокчиёни бозори молиявӣ (маклер ва ё брокери бозори асъорӣ (фондӣ)) ва шахсони оддӣ метавонанд гуногун бошанд.

Фарз мекунем, ки барои шахсе маълум аст, ки пагоҳ дар шаҳри Душанбе қурби рубли русӣ ҳамчун асъори хориҷӣ ба андозаи 5 фоиз афзун мегардад, яъне иттилоот оиди болоравии қурби асъори рубли русӣ барои шахс дастрас аст. Агар ин шаҳрванди оддии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, пас иттилооти мазкур барои ӯ ягон эътибор надорад, яъне қимати арзиши иттилоот ба сифр баробар аст. Ба масъалаи мазкур воқеан нигарем, ба сифр баробар ҳисобидани арзиши иттилоот оиди болоравии қурби асъори хориҷӣ (рубли русӣ) хатоии шахс мебошад. Масалан, дар ҳолати рафтан ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ё ба ягон бонки тиҷоратии дигар пас аз тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ (болоравии қурби рубли русӣ) бо мақсади харидорӣ намудани рубли русӣ ва дар оянда фурӯхтани он хатоии ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Зеро фарқияти байни нархе, ки бонк рублро мефурӯшад, нисбат ба нархи хариди он зиёда аз 5 фоизро ташкил медиҳад. Аммо агар ин шахс брокер ё маклери асъорӣ бошад, пас дар робита бо биржаҳои ҷаҳонии асъорӣ барои он чунин иттилоот арзиши баланд дорад.

Хислати хоси ҳисобкуниҳои молиявӣ пеш аз ҳама бо ду хосияти на танҳо дар фаъолияти касбии иқтисодӣ, балки дар зиндагии рӯзмарраи ҳар як шахс ҷойдошта вобаста аст. Хосияти якум ва нисбатан муҳим – ин мавҷудияти афзалият ба вақт аст, яъне мавҷудияти вақти амалиёт беҳтар ҳисобида мешавад. Ба даст овардани 1000 сомонӣ имрӯз беҳтар аст ё пас аз 1 сол? Ҷавоб ба саволи мазкур доимо як мафҳум дорад ва новобаста аз мавҷудияти таваррум (ҳатто агар афзоиши нарх набошад ҳам), 1000 сомонии имрӯз нисбат ба 1000 сомонии оянда қимати бештар (арзиши баланд) дорад.

Ҳар як шахс дар муҳлати муайяни вақт хоҳиши инфиродӣ дорад. Барои баъзеҳо майлу рағбати имрӯза (талабот, хоҳиш) нисбат ба шавқу ҳаваси оянда зиёдтар ва барои дигарон бошад, баръакс камтар аст. Онҳо мехоҳанд, ки хоҳишҳои имрӯзаи худро як тараф гузошта, дар пайи иҷрои хоҳишҳои оянда бошанд. Дар ҳолате, ки даромад ва имкониятҳои ҳам гурӯҳи якум

ва ҳам гурӯҳи дуюм баробар бошанд, пас маълум аст, ки гурӯҳи якум майли харҷкунии зиёдро доранд, дигарон бошанд, эҳтиёткор шуморида мешаванд. Ба таври дигар гӯем, майлу рағбати имрӯза (талабот, хоҳиш) дар муқоиса ба оянда барои яке тавоно (пуриқтидор) ва барои дигаре заиф (кимиқтидор) зоҳир мегардад. Ҳангоми баробар будани даромадҳо ва дигар имкониятҳо (шароит) шахси якум бештар «барбоддиҳанда» ё «талафкор» ва шахси дуюм бештар «сарфакор» ё «эҳтиёткор» аст. Ба хоҳишҳои инфиродии шахс дар муҳлати муайяни вақт миқдоран арзёбӣ намудани самаранокӣ вазифаи душвор ва қариб имконнопазир аст. Дар баробари ин, чунин хоҳишҳои инфиродии шахсон дар аксари мавридҳо муътадил ва мутавозин (баробар) нестанд ва метавонанд вобаста аз ҳодисаҳои зиндагӣ ба ҳар тараф майл намоянд. Яъне, миқдоран арзёбӣ намудани хоҳиши инфиродӣ дар вақти муайян ғайриимкон аст. Ғайр аз ин, худи афзалияти мазкур тавсифдиҳандаи доимии хислати шахс набуда, дар ин ё он ҷанба метавонад тағйир ёбад. Хотиррасон менамоем, ки масъалаи муайян намудани хоҳиши инфиродии шахс муайян карда нашудааст, зеро барои одамоне, ки дар кадом ҷамъият зиндагӣ мекунанд, барои онҳо хоҳишҳои инфиродии худи ҳамон ҷамъият таъсир мерасонад. Масалан, ба хоҳишҳои инфиродии шаҳрвандони мо, ки дар Федератсияи Русия кору фаъолият мекунанд, хоҳишҳои инфиродии дилхоҳ сокинони минтақаҳои гуногуни шаҳрвандони онҳо, ки барои хоҳиши инфиродиашон бисёр харҷ мекунанд, наметавонанд бетаъсир бошанд.

Афзалиятнок ҳисобидани маҳакҳои ҷамъиятӣ – ин қонунияти умумиест, ки натанҳо дар доираи чен кардани қиммати пул вобаста аз вақт зоҳир мегардад. Мисоли оддӣ дар чунин ҳолат ин аст, ки як оила дар ошёнаи панҷум истиқомат мекунад ва бо сабабҳои гуногун (мавҷуд будани як маъюб дар оила) мехоҳад дар ошёнаи якум зиндагӣ намояд. Дар чунин маврид дар ошёнаи якум истиқомат намудан барои ин оила қимати бештар дорад. Иваз намудани манзили истиқоматӣ барои ин оила бо назардошти ҳамаи омилҳои таъсиррасон амали муфид ба ҳисоб меравад. Дар ҳолате, ки ивази манзили истиқоматӣ «як ба як» бе ба даст овардани фоидаи иловагӣ анҷом ёбад, ин оила ба чунин мубодила розӣ мешавад? Албатта розӣ намешавад, агар дар ҳолате оила донад, ки арзиши бозории манзили истиқоматии ошёнаҳои якуми дигар ба андозаи 100 ҳазор сомонӣ пасттар аст. Дар ҳолате, ки агар ҳарду тараф ҳам аз ҳисоби мубодилаи «як ба як» фоида ба даст оранд ҳам, барои тарафҳо мубодила муфид ба ҳисоб намеравад. Қиёсан маҳз чунин ҳолат дар бозори пулӣ сурат мегирад. Масалан, ҳамсоя ба андозаи 200 ҳазор сомонӣ қарз мепурсад. Бо гузоштани кадом шартҳо ин қарзро додан лозим аст, ки дар натиҷа қарздиҳанда зарар набинад? Маблағи пешниҳодшаванда дар солҳои наздик ба соҳибаш лозим нест (масалан, соҳибмулк мехоҳад дар оянда аз ҳисоби воситаҳои пулии ҷамъоваригардида ягон моликият ба даст орад). Агар амалан бонкҳо вуҷуд надошта бошанд, пас имконияти аз ҳисоби воситаҳои пулии ҷамъоваригардида (ба қарз додашаванда) ба даст овардани маблағи иловагӣ имконнопазир мегардад. Пас дар чунин ҳолат ба соҳибаш баргардонидани 200 ҳазор сомонии ба қарз додашаванда ягон зарар надошт. Дар ҳолате, ки ин маблағ бо ягон туҳфа баргардад, соҳибмулк аз ин иқдоми қарзгиранда хушҳол мегардад. Вале агар ин маблағ дар бонк ба 230 ҳазор сомонӣ мубаддал гардад, пас барои қарз додан соҳибмулк маҷбур аст, ки 30 ҳазор сомонӣ зарар бинад. Чунки ӯ бояд ин маблағро аз бонк гирад. Дар ин ҳолат муайянкунии пардохти қарз мушоҳида мешавад, яъне ҳамсоя ҳангоми баргардонидани маблағ ба андозаи 230 ҳазор сомонӣ ба соҳибмулк ягон зарар намерасонад. Дар ҳолате, ки аз 230 ҳазор сомонӣ зиёдтар маблағ баргардонад, пас барои соҳибмулк метавон гуфт, ки амалиёти бобарор анҷом дода шуд.

Дуюм хусусияти муҳимтарини ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи мо – ин мавҷудияти хатар ба ҳисоб рафта, аз нопурра будани муайянии оянда вобаста мебошад. Агар, ки муҳлати муайяни вақт афзалиятнок ҳисобида намешуд, яъне вазъи оянда пурра муайян мебуд, пас зоҳир гардидани хатар сабаби асосии афзалият дар вақти муайян мегардид.

Ҳамчунин, яке аз хусусиятҳои дигари математикаи молиявиро бояд баррасӣ намуд. Ба мисли оне, ки муайян намудани нархи як килограмм шакар дар минтақаҳои гуногуни шаҳри Душанбе душвориро эҷод менамояд, инчунин нархи он барои истеъмолкунандагони гуногун якзайл нест, муайян намудани қимати пул имрӯзҳо дар шаҳр – пардохти «муътадил» барои истифодаи онҳо ё ин ки нишондиҳандаи барзиёдии маблағҳои пулии оянда нисбат ба

маблағҳои ҳозира ғайриимкон аст. Бозорҳои молиявӣ ҳамчунин ба монанди дигар намуди бозорҳои молӣ бисёранд. Дар ин радиф дастрасӣ ба кулли бозорҳо, аз ҷумла бозори молиявӣ барои аксарияти субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ на ҳама вақт имконпазир аст. Фарқияти қимматнокии пул ҳатто ба онҳое, ки дар гузаронидани амалиётҳои молиявӣ иштирок наменамоянд, таъсир мерасонад (ба истиснои амалиёт оид ба кушодани суратҳисобҳо дар бонкҳо). Дорандаи 1 миллион сомонӣ нисбат ба дорандаи 10 ҳазор сомонӣ маблағи пасандозҳои худро метавонад бо суръати баландтар афзун намояд. Онҳое имкониятҳои зиёд доранд, ки амалиёти молиявии (қарзгирӣ) худро бе ягон миёнарав амалӣ менамоянд. Аз ин ҷост, ки таҳлили самаранокӣ, банақшагирӣ, муқоисакунӣ ва мувофиқгардонии амалиётҳои молиявӣ масъалаҳои асосии математикаи молиявиро ташкил медиҳанд [3, саҳ. 33].

Дар низоми таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ, ки вобаста ба тарзу усули омӯзиши объектҳо таҳлили сифатӣ, таъҷилӣ, асоснокӣ, иқтисодию математикӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад, таҳлили миқдорӣ (омилӣ) ба муқоисакунии миқдорӣ ва таҳқиқи андозаи эҳсоси зуҳуроти иқтисодӣ дар натиҷаи тағйирёбии омилҳои гуногун асос меёбад. [2, саҳ. 16]. Бояд тазаккур дод, ки математикаи молиявӣ ҳамчун илм усулҳои асосӣ ва амсилаҳои таҳлили молиявии миқдориро меомӯзад. Ба таври дигар гӯем, дар математикаи молиявӣ усулҳо ва тарзҳои муайянсозии бузургиҳои аҳдҳо, равандҳо ва амалиётҳои молиявӣ, ҳамчунин амсилаи идоракунии сармоягузорӣ, сармоя ва ташаккулдиҳандагони онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Ҳамин тавр, математикаи молиявӣ фасли таҳлили миқдории амалиётҳои молиявӣ буда, предмети он арзёбии нишондиҳандаҳои самаранокии аҳдҳо ва амалиётҳои молиявӣ, инчунин даромадҳои ба таври алоҳида бадастовардаи иштирокчиёни ин амалиёт дар намудҳои гуногун (меъёри фоиз, меъёр, зариб, тахфиф, даромад, дивиденд, рента, маржа, нархгузории коғазҳои қиматнок, қурби асъор, фарқияти қурбӣ ва монанди инҳо) мебошад [3, саҳ. 32].

Бо назардошти он, ки математикаи молиявӣ дар амалияи фаъолияти молиявӣ бевосита татбиқ карда мешавад, пеш аз ҳама ба маърифати молиявии шахс таъсиргузор аст. Зеро дар хотир бояд дошт, ки маърифати молиявӣ агар ба таври маҳдуд мазмуни бохабар гардидан ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии молиявиро дошта бошад, пас ба таври васеъ мустаҳкам намудани интизоми молиявиро мефаҳмонад [1, саҳ. 155].

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бо назардошти хусусиятҳои ба худ хос дар математикаи молиявӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, ин моҳияти амалиётҳои ба хизматрасониҳои молиявӣ дохилшаванда, фоиз, дисконтиронӣ, аннуитет (рентаи молиявӣ), амалиёти депозитӣ, кредитӣ (қарзӣ) ва дигар амалиётҳои молиявӣ мебошад. Бо назардошти ин, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкур ҳамчун математикаи молиявӣ, асосҳои ҳисобкуниҳои молиявӣ, математика дар иқтисодиёт ва монанди инҳо омӯзонида мешаванд.

Ҳамин тавр, математикаи молиявӣ имкон медиҳад, ки дар натиҷаи содагардонии ҳисобкуниҳои мураккаби молиявӣ таҳлили самаранокӣ, банақшагирӣ, муқоисакунӣ ва мувофиқгардонии амалиётҳои молиявӣ фавран амалӣ гардонида шавад. Зеро рушди минбаъдаи хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби доираи васеи табақаҳои аҳолӣ моҳиятан дарк намудан ва амалан ҳисоб карда тавонистани самаранокии амалиётҳои молиявӣ дар шароити муосир вобаста аст.

**АДАБИЁТ**

1. Баҳромов Ф.Б., Неъматуллозода Ф.Н., Маърифати молиявӣ – ҳамчун заминаи таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ // Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт. Маҷмӯаи маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ 13-уми феврали соли 2020. – Душанбе: 2020. – 312 саҳ.

2. Савицкая Г.В., Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Учеб. пособие. 7-е изд., испр. – Мн.: Новое знание, 2002. – 704 с.

3. Садриддинов М.И., Баҳромов Ф.Б., Фасеҳзода И.С., Математикаи молиявӣ. Васоити таълимӣ, Душанбе: 2021. – 177 с.

***Ризоев К. – н.и.и., дотсент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

**БЕХАТАРИИ ИКТИСОДӢ**

Дар ҳама гуна низоми иқтисодӣ, аз он ҷумла низоми бозорӣ муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ зиёданд. Қисме аз онҳоро унсурҳои механизми бозор ҳал мекунанд. Дар ҳалли муаммоҳои дигар ин механизм нотавон аст. Яке аз чунин муаммои муҳиму асосии давлат, таъмини бехатарии иқтисодии мамлакат мебошад. Зарурати ҳастии давлат ҳам аз зарурияти ҳалли чунин проблема бармеояд. Агар он бе иштироки давлат ҳал карда мешуд, зарурият ба мавҷудияти давлат намемонд.

Қарз ва вазифаи олию асосии давлат аз он иборат мебошад, ки оромии иҷтимоии ҷомеъаро нигоҳ дорад ва рушди мӯътадили кулли соҳаҳои иқтисоди миллиро таъмин созад ва таҳдиду хатарҳоро аз лиҳози иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра бартараф намояд.

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариши он ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, ҳамчунон дохил шуданаш он ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ, вазифаҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва дигарро ба миён меорад ва гузарониданиислоҳоти куллиро дар тамоми низоми ҷомеъа талаб мекунад. Бинобар ин зарурияти ҳалли ин муаммоҳо ҷомеаро водор месозад, ки аз қудрату тавоноии давлат истифода намояд. Тағйиротҳои геополитики охири асри XX ва аввали асри XXI таҳияи Консепсияи миллиро оид ба ҳимояи кулли манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус манфиатҳои иқтисодии онро дар миқёси ҷаҳон тақозо менамояд. Ин зарурриятро бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, ки дар натиҷаи муаммои коронавирус (совит-19) пеш омада ва то имрӯзҳо идома дорад ва ба Тоҷикистон, ки ҷузъи хурди иқтисоди ҷаҳонист таъсири манфӣ расонид, ба миён овардааст.

Имрӯз давлати мустақилу соҳибистиқлоли Тоҷикистон вазифаи асосию тақдирсозро оид ба худтаъмини бехатарии иқтисоди дар мазмуни васеъаш (бехатарии озуқаворӣ, молиявӣ, энергетикӣ, коммуникатсионӣ, иттилоотӣ ва ғайраҳо ба дӯш дорад.

Хавфи бевосита ба манфиатҳои иқтисодиро таҳдидҳо, бӯҳронҳои иқтисодӣ, ки раванди мӯътадили такрористеҳсоли ҷамъиятиро вайрон карда, ба рушди он халал мерасонанд, ба миён меоранд. Нишондиҳандаҳои умумии механизми бехатарии иқтисодӣ инҳо мебошанд:

- сатҳ ва суръати тағйироти зиндагии аҳолии кишвар;
- суръату сатҳи беқурбшавии пули миллӣ;
- сатҳи бекорӣ ё шуғл дар мамлакат;
- суръати рушди иқтисодӣ;
- ҳолати касри буҷа;
- ҳаҷми қарзи дохилӣ ва берунии давлат;
- сатҳи пайвастшавии иқтисоди миллӣ ба иқтисоди ҷаҳон;
- мавқеъи иқтисодӣ «Ниҳонӣ», «Коррупсия» дар иқтисоди миллӣ;
- таркиби муносибати моликиятдорӣ;
- низоми гумрук ва андозҳо;
- инкишофи таркиби бозор ва сохторҳои инфраструктурии он.

Ба ғайр аз нишондиҳандаҳои умумииқтисодӣ боз нишондиҳандаҳои минтақавии бехатарии иқтисодие ҷой доранд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошанд. Инҳо: сатҳи нархҳои чакана; таъмини манзил; ҳиҷрати аҳолӣ; баланси пардохт ва мувозинати воридоту содирот ва дигарҳо мебошанд.

Аз ин нишондиҳандаҳо хулосаҳои мантиқи бароварда, бехатарии иқтисодиро, ҳамчун хусусияти сифатан муҳими низоми иқтисодӣ, қобилияти нигоҳдории шароити мӯътадили фаъолияти ҳаётии одамон, устувории манбаъҳои рушди иқтисодиёт метавонем маънидод намоем. Аз ин рӯ бехатарии иқтисодӣ қисми таркибии амнияти миллӣ мебошад.

Ҳамин тавр – бехатарии иқтисодӣ, ин маҷмӯи шартҳо ва омилҳоест, ки мустақилияти иқтисодиёти миллӣ, устуворӣ, пойдорӣ ва қобилияти доимо тағйирёбандаю инкишофёбандагии онро дар тамоми шароитҳо таъмин менамояд.

Бехатарии иқтисодӣ дар худ шарт ва шароитҳои дохилию беруниро дар бар мегирад, ки барои инкишофи самаранок ва мунтазами иқтисоди миллӣ, имконияти қонеъ гардонидани талаботи ҷомеъа, давлат, фардҳо таъмини рақобатпазирии молҳояш дар бозори ҷаҳонӣ заруранд. Таъмини бехатари иқтисодӣ хоҷагии халқро аз ҳар гуна таҳдидҳо ва талафотҳо эмин нигоҳ медорад.

Дар шакли умумӣ таҳдидҳои иқтисодӣ ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд.

Омилҳои дохилие, ки ба бехатарии иқтисодӣ таҳдид менамоянд, инҳоянд:

- иқтисодиёти қафомондаи монокултурӣ;
- сатҳи пасти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ;
- сатҳи монополигардонии иқтисодиёт;
- сатҳи назарраси бекурбшавии пули миллӣ;
- сатҳи пасти инкишофи соҳаҳои инфраструктурӣ;
- пастравии дараҷаи илмию техники мамлакат;
- маҳдудшавии фаъолияти молистеҳсолкунандагони ватанӣ, махсусан молҳои истеъмолӣ, дар бозори дохилӣ зери фишори воридот;
- фаъолияти пасти инвеститсионии соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ;
- афзоиши бекорӣ, пастшавии сифат ва дараҷаи маориф ва тандурустӣ;
- дараҷаи пасти интизоми ҳуқуқӣ;
- криминалгардии иқтисодиёт ва коррупсия дар идораи иқтисодиёт;
- ғайриқонуни интиқол додани воситаҳои молиявӣ (пул) ба хориҷи мамлакат.

Омилҳои беруние, ки ба амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид доранд:

- дар содироти Тоҷикистон афзалият доштани молҳои ашёвӣ;
- вобастагии Тоҷикистон аз номгӯи намудҳои зиёди молҳои воридотӣ, аз он ҷумла аз молҳои аҳамияти стратеги дошта ва озуқаворӣ;
- зиёдшавии қарзи хориҷӣ;
- нокифоягии назорати содиротӣ ва асъорию гумрукӣ;
- ба талабот ҷавоб надодан ва инкишоф наёфтани зерсохтори нақлиётӣ ва алоқавӣ, ки ба содирот ва воридоти кишвар хизмат мерасонанд.

Пастравии ногаҳонии нархҳо ба молҳои содиротӣ ва баландшавии он ба молҳои воридотӣ дар шароити вобастагии зиёд аз бозори берунӣ барои иқтисодиёти миллӣ хатаровар мебошад. Хавфи зиёд дар иқтисодиёт он вазъияте мебошад, ки қисми зиёди молҳои содиротиро ду-се номгуи мол (ашёи хом) ташкил медиҳанд.

Вазъи пули миллӣ дар тамоми мамлакатҳо нишондиҳандаи ҳолати иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Вазъи воситаҳои молиявӣ дар Тоҷикистон «торик» ва дастнорас мебошанд. Дар шароити бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ барои бартарафсозии оқибатҳои он ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, чораҳои зидди бӯҳронии молиявии дақиқ, сари вақтӣ ва самарабахш лозим аст.

Аз рӯи маълумотҳои СММ, ҳар сол дар ҷаҳон ба миқдори зиёда аз 300 миллиард доллари америкоӣ интиқоли ғайриқонунии маблағҳои иқтисоди «соягӣ», ки аз савдои маводи мухадир, яроқ ва коррупсия ба даст меоянд, аз як давлат ба мамлакати дигар сурат мегирад.

Омили дигари бехатарии иқтисодӣ ин таъмини бехатарии озуқавӣ мебошад. Амнияти озуқавӣ дар худ системаи чораҳоеро дар назар дорад, ки барои таъмини мунтазами аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣ дар шароитҳои хавфҳои сиёсӣ-ҳарбӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ бояд таъмин карда шаванд.

Дар шароити муосир пастравии ҳосилхезии заминҳо, ҳосилнокии меҳнат ва истифодаи шаклҳои суннатии воситаҳои истеҳсолот онро тақозо менамоянд ки дар ин соҳаҳо ислоҳоти кулли амали гардонда шавад, то ки миқдори ММД ба ҳар сари аҳоли баланд шуда,

камбизоатии аҳоли паст гардад. Барои таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат зарур аст, ки тамоми имконоти дохилию хориҷӣ истифода бурда шаванд.

Барои Тоҷикистони имрӯза таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва шаклҳои гуногуни моликият масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Натиҷаи тақсимбандии даромадҳои аҳолӣ нишон медиҳанд, ки афзоиши тамоюлҳои хавфноки иҷтимоӣ ба назар мерасанд, ки онҳо криминалигардии иқтисодиёт, зиёдшавии амалҳои коррупсионӣ, таназули аҳлоқии ҷомеъа, нопуррагии қонунҳои таҳия шуда ва ғайраҳо мебошанд. Равандҳои номбурда ба бехатарии иқтисодии мамлакат таҳдид менамоянд.

Коррупсия – яке аз проблемаҳои мураккаби давраи гузариш дар ҳамаи мамлакатҳое мебошад, ки иқтисоди интиқоли доранд. Тоҷикистон аз ҷумлаи чунин давлатҳост ва баъди соҳибистиқлолӣ давраи хело душвору сангинро аз сар гузаронид ва дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва раҳои аз бӯҳрони чуқури иқтисодии дохилӣ қарор дорад. Бо ҳамин сабаб коррупсия тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта ба «вабои» ахлоқӣ, иқтисодӣ табдил ёфтааст ва хатарест ба амнияти иқтисодии мамлакат. Решаҳои коррупсияро метавонем дар соҳаҳои зерин мушоҳида намоем:

- раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз он ҷумла проблемаҳои талаву тароҷи замин;
- сиёсати кадрӣ;
- соҳаи молия ва бонкҳо;
- мақомоти ҳуқуқӣ;
- мақомоти андоз ва гумрук;
- соҳаҳои тандурустӣ ва маориф.

Сабабҳои чунин реша давандани коррупсия ба андешаи мо ҳолатҳои зерин мебошанд:

- номукаммалии қонунҳо;
- афзоиши мавқеъи мансабдарон ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ;
- музди меҳнати пасти мансабдорони мақомоти гуногуни давлатӣ;
- нокифоягии самараи кори органҳои ҳуқуқӣ;
- таназули ахлоқии ҷомеа;
- сатҳи пасти инкишоф институтҳои демократӣ дар мубориза бар зидди коррупсия.

Ҳамин тавр, коррупсия оқибатҳои иқтисодиеро ба бор меорад, ки ба амнияти иқтисодии мамлакат таҳдид мекунанд. Зуҳуроти мушаххаси таҳдидҳо ба амнияти иқтисоди метавонанд чунин бошанд:

- афзоиши беҳудуди иқтисоди «ниҳонӣ…»;
- вайроншавии механизми рақобати бозорӣ;
- камшавии соҳибкорону моликиятдорони хусусии самарадиҳанда;
- ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳои буҷавӣ;
- афзоиши нархҳо аз ҳисоби хароҷотҳое, ки ба «хизматҳои ғаразноки маблағталаби мансабдорон» алоқаманд мебошад;
- пастшавии боварии субъектҳои иқтисодӣ ба қобилияти идоравии ниҳодҳо ва камшавии ҷолибияти инноватсионию инвеститсинии мамлакат.

Ин нишондиҳандаҳо собит менамоянд, ки коррупсия ва таъмини бехатарии иқтисодии мамлакат бо ҳам алоқаманд мебошанд. Мубориза ба коррупсия дар сатҳҳои гуногун маънои таъмини бехатарии иқтисодӣ ва рушди иқтисодиро дорад.

Дар шароити бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ давлат бояд дар доираи иқтисоди бузург, миёна ва хурд фаъолият ва назорати худро пурзур карда, амнияти иқтисодии мамлакатро таъмин намояд, чораҳои аз бӯҳрон раҳо шуданро таҳия ва тадбиқ созад. Бо нишондодҳои ҷаҳонишавӣ ва соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-солагии онро қайд менамоем, барои инкишофи бемайлони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, фарҳангии он дар ин давра тадқиқотҳои васеъ, барномаҳои гуногун ва пешгуиҳои илмӣ кор карда шуда рушд ва бехатарии иқтисодии онро таъмин намояд.

*Ҳайбатов Н.В.*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

# МУТАХАССИСОНИ РАҚОБАТПАЗИР ТАРБИЯ НАМОЕМ

***Дар баробари забони давлатӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама забонҳои русӣ ва англисӣ, тақозои давру замон мебошад, зеро ин забонҳо воситаи муоширати байналмилалӣ ба шумор рафта, ба мо дар густариши муносибатҳоямон бо давлатҳои дигар ва ба таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ расонидани марому ҳадафҳои миллиамон ва гузашта аз ин, ба рушду пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон мусоидат менамоянд.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҳама давру замонҳо ва дар тамоми ҷаҳон талабот ба мутахассисони варзида, босалоҳият ва чашмикордон вуҷуд дошта, вобаста ба таҳаввулоти замон он пайваста дигар мешавад. Баробари пайдо шудани соҳаҳои нав ба нави хоҷагии халқ ин раванд дар кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, дар Ватани азизи мо Тоҷикистони соҳибистиқлол низ рӯ ба афзоиш дорад, ки ин табиист. Мо ҳамагон шоҳидем, ки соли гузашта Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари се ҳадафи миллӣ, ҳадафи чоруми Ҳукумати Тоҷикистонро дар иртибот ба рушди бемайлони саноат ва аз кишвари аграрӣ - саноатӣ ба кишвари саноатӣ - аграрӣ табил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудаанд. Ин моро водор менамояд, ки маҳз вобаста ба талаботи рузафзунии бозори меҳнат тайёр намудани мутахассисони рақобатпазири соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро ба роҳ монем.

Бозори меҳнати ватаниию хориҷӣ имрӯз ба мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони нав, яъне донандагони хуби забонҳои хориҷӣ ниёз дорад. Бинобар ин, масъалаи такмили таълиму омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар маркази таваҷҷӯҳи роҳбарияти олии мамлакат қарор дорад. Тайи қариб се даҳсолаи охир оид ба забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи муҳими байналмилалӣ ва байнифарҳангии муошират, дар шароити соҳибистиқлолиятии тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тақозои давру замон аст, мулоҳизаҳои судманде иброз шудаанд. Суханрониҳои Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми вохӯриву баромадҳои худ дар бораи моҳияти донистани забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ ва русӣ дар тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зарурати омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои пешрафти илмию техникии ҷомеа асоси пайдоиши чорабиниҳое гаштаанд, ки то ба имрӯз идома доранд [1].

Ташкили самарабахши таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои миёнаву олӣ толибилмонро барои мустақилона ва мақсаднок ҳал кардани масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ роҳнамоӣ менамояд. Мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо донишҳои амиқи назариявӣ дар донишкадаҳои олии кишвар бояд марбут ба касби ояндаи онҳо роҳандозӣ карда шавад. Тазаккур бояд дод, ки дар коргузории расмии қариб тамоми ширкату созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотхои хориҷӣ забони англисӣ афзалияти бегуфтугӯ дошта, дар сатҳи зарурати касбӣ донистани он талаботи давру замон аст. Донистани забони англисӣ барои мутахассисони соҳаи молияву муҳосибот низ хеле муҳим буда, яке аз омилхои асосии пешрафти кору фаъолияти онҳо ба шумор меравад. Имрӯз донистани забони англисӣ яке аз омилҳои асосии дарёфти ҷои кор ва рақобатпазирии афзалиятнок маҳсуб меёбад[2;26]. Забонҳои хориҷӣ иловатан барои мутахассиси дилхоҳ соҳа мкониятҳои васеъ фароҳам меоранд [3].. Бинобар ин, дар раванди таълим, омӯзиш ва тарбия намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун, вобаста ба хусусиятхои касби ояндаи онҳо таълими забонро низ созгор намудан зарур аст. Мо дар ин ҷо доир ба хусусиятхои таълими забони англисӣ ба мутахассисони соҳаи молияву муҳосибот ва омода намудани маводҳои таълимӣ барои онҳо таваққуф хоҳем намуд.

Мувофиқи ақидаи Гринбаум [4; 439] вобаста ба хусусиятҳои морфологии забони англисии соҳаи молия, муҳосибот ва бонкдорӣ вожаҳои серистеъмолтарини забони англисӣ вожаҳои содда мебошанд, ки онҳоро ба унсурҳои майдатари маъноӣ дигар ҷудо кардан ғайриимкон аст. Дар соҳаҳои номбурда вожаҳои содда аз қабили 'asset', 'bear', 'capital', 'debit', 'earnings', 'fraud' ва ғайра вомехӯранд.

Иловатан хотирнишон бояд намуд, ки дар масъалаи баррасӣ, таҳлил ва дарки дурусти хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти соҳаҳои молия, муҳосибот, бонкдорӣ ва амсоли ин таъмин намудани омӯзандагон бо маводи зарурии таълимии самти ихтисоси соҳаҳои махсус хеле зарур арзёбӣ мегардад. Дар омода намудани мутахассисони соҳаҳои махсус, дар баробари таълими забони англисии умумӣ, таваҷҷӯҳи асосӣ бояд ба таълим ва омӯзиши «забони англисӣ барои мақсадҳои махсус», яъне забони англисии махсуси соҳаи бизнес, ё худ Business English равона карда шавад. Мавриди зикр аст, ки Business English бисёр фанҳову касбҳоро фаро мегирад, аз ин ҷо мазмуни вожа асосан метавонад ба як ё зиёда аз як фан ба монанди муҳосибот, молия, бонкдорӣ, маркетинг(бозоршиносӣ) ва ғайра алоқаманд бошад. Вожаҳо ва истилоҳот бо як мазмуни фан/касб истифода мегарданд, ба монанди 'balance sheet' (муҳосибӣ) яъне ҳуҷҷати нишондиҳандаи вазъи молиявӣ ва дороии як ширкат дар муҳлати муайян, аксари вақт дар рӯзи охири соли молиявӣ, вожаи 'deposit' (бонкдорӣ): маблағи муайяни пуле мебошад, ки дар ҳисоби бонкӣ гузошта мешавад ва ё нигоҳ дошта мешавад, ба хусус вақте ки аз он фоизи фоида гирифта мешавад ва ғайра.

Вожаҳо ва истилоҳот метавонанд дар якчанд соҳа мавриди истифода қарор дошта бошанд, ба монанди 'amortize' (муҳосибот ва молия), 'above-the-line' (муҳосибот ва бозоршиносӣ). Вожаи серистеъмоли 'turnover' дар алоқамандӣ ба мазмуҳои мухталиф дар чор соҳа/касб истифода мегардад: (муҳосибот захираҳои инсонӣ, тиҷорат ва молия. Вале дар асл, мазмуни калимаи махсус одаттан ба вожаи оддӣ такя менамояд, масалан 'bear' (Молия): шахсе, ки саҳмия, ягон асъори махсус ва ғайра мефурӯшад ва умед дорад, ки дар оянда ҳангоми паст рафтани нархҳо онҳоро арзонтар бозпас мехарад. Ё худ, ибораи 'sleeping beauty' (молия): ширкат, махсусан ширкате, ки дорои хусусиятҳои ҷолиб, аз ҷумла, пули нақди бисёр буда, дигар ширкатҳо хоҳиши харидани онро доранд, вале то ҳол ягон пешниҳод нагирифтааст.

Албатта, дар масъалаи номбаршуда мушкилот муайян вуҷуд дорад. Яке аз мушкилоти асосие, ки дар таълим ва омӯзиши забони англисии умумӣ (General English) ва Забони англисии махсус, ё худ забони англисӣ барои мақсадҳои махсус Business English (Specialized English ` ё худ English for Special Purposes), ки омӯзандагон ба онҳо рӯ ба рӯ меоянд, мавҷуд набудани усули мушаххаси омӯзиши мусақилонаи забони хориҷӣ: мустақилият дар омӯзиш, талош барои дониш, тақсимоти оқилонаи вақт, машқи пайваста, мушоҳида ва ғайра мебошад. Гузашта аз он, донишҷӯёне, ки ба омӯзиши забони англисии махсус ё худ забони англисӣ барои мақсадҳои махсус шурӯъ менамоянд, ба қавле забони махсус барояшон "мулки бегона" ва худашон ба ҳайси хориҷиён дар мулки бегонаанд. [5, саҳ.158]. Бо ибораи дигар, аксари онҳо, агарчӣ дар муҳити забони англисии умумӣ пештар худро бароҳат ҳис мекарданд, баробари бо матнҳои забони англисии махсус рӯ ба рӯ гардидан ҳис мекунанд, ки аз ин гуна матнҳо ва мазмунин онҳо бисёр чизҳоро намефаҳманд. Дар натиҷа, дар чунин ҳолат дар масъалаи таълиму омӯзиши забони англисии махсус як "холигие" ба вуҷуд меояд, ки онро танҳо тавассути таҳлили хусусиятҳои хоси забони англисии соҳаҳои махсус, ба вижа соҳаҳои молия, муҳосибот ва бонкдорӣ ва бо матну маводи зарурии мувофиқ таъмин намудани раванди таълими забони англисӣ ҳаллу фасл намудан имконпазир мебошад. Пеш аз баррасии худи масъала ҳаминро хотиррасон бояд намуд, ки хусусиятҳои хоси забони англисии махсус, ба монанди забони англисии соҳаи тиб, забони англисии соҳаи техникӣ, забони англисии соҳаи бизнес ва ғайра дар асоси вожа- истилоҳоти ин соҳаҳо муайян карда мешавад.

Хулоса, барои дар сатҳи талаботи бозори меҳнати замона тарбия намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла омодасозии муҳосибони касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба инобат гирифтани тамоми вижагиҳои хоси ин ё он соҳа, ба хусус дар таълим ва омӯзизш забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ нақши хеле

барҷаста дорад. Танҳо ба ҳамин восита метавон барои бозори меҳнати ватанӣ ва байналмилалӣ мутахассисони рақобатпазир тарбия намуд.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон Боргоҳи илму маърифат. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзи ҷашни 70-умин солгарди ДДОТ ба номи С Айнӣ. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- Д., 2002, №1.С. 1-14
2. Войтович И. К.Иностранные языки в контексте непрерывного образования: монография / под ред. Т. И. Зелениной. – Ижевск: Изд-во «Удмуртский университет», 2012. – 212 с.
3. «Знание иностранных языков открывает большие возможности», – убеждены россияне // Корпоративная культура. 2008. URL: http://www.superjob.ru/community/life/19100/ (дата обращения: 24.12.2013)
4. Greenbaum, S. (1996), *English Grammar*, Oxford University Press
5. Hutchinson, T & Waters, A. (1987), *English for Specific Purpose*, CUP



***Нидоев П.Ф. - н.и.и., дотсент***
***Рабиев Р.И. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


# МОҲИЯТ, ЗАРУРИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ БУҶЕТҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА ТАРКИБИ ОНҲО

Дар шароити ҷойдошти муносибатҳои бозорӣ зарурияти инкишофи тамоми низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, давлатро маҷбур месозад, ки механизми нави молиякунонии давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидориро барпо намуда, тавассути он амнияти молиявии кишварро таъмини намояд. Дар шароити имрӯза дар таркиби даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ камбудиҳои зиёде ҷой дорад. Аз ин хотир омӯзиш ва муайян намудани камбудиҳо дар ин самт боиси боз ҳам рушд ёфтани иқтисодиёти маҳал мегардад. Бояд қайд намуд, ки буҷетҳои маҳаллӣ қисми таркибии буҷети давлатӣ буда, барои молиякунонии чорабиниҳои пешбинишуда, алалхусус барои рушди иқтисодӣ- иҷтимоии маҳаллҳо ва нигоҳ доштани органҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва дигар чорабиниҳо истифода карда мешаванд.

Ҳоло ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро дар соли 2020 дида мебароем.

Ҳаҷми умумии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи даромад бо дар назар доштани мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кумаки молиявии беподош (дотатсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд, ба маблағи 6898098 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 6908035 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 9936 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1185 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 7290 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб 174 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рашт 291 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Лахш 176 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Нуробод 176 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Сангвор 102 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тоҷикобод 114 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод 214 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 214 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад (Қонуни ҶТ аз 04.07.2020 № 1692). Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2020 аз ҳисоби таъмини иҷрои барзиёдии даромад пӯшонида мешавад [1].

**Расми 1.**




Ҳамин тавр, дар шароити иқтисоди бозорӣ ташаккулёбии даромади буҷетҳои маҳаллӣ асоси базаи иқтисодии давлат ва мақомотҳои худидораи маҳаллиро ташкил медиҳанд. Аз ин

рӯ, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, ободу инкишоф ёфтани маҳалҳо, беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии аҳолии маҳалҳо бевосита аз инкишофи ҳаҷми буҷетҳои маҳал ва дараҷаи иҷроиши онҳо вобаста мебошад.

Молияи маҳаллӣ - низоми муносибатҳои иқтисодиеро мефаҳманд, ки ба воситаи онҳо тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии даромади миллӣ ва фондҳои воситаҳои пулӣ дар сатҳи маҳал сурат гирифта, ба воситаи он рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии маҳал таъмин карда мешавад.

Давлат дар ҳама давру замон оид ба бойгарии миллӣ ва аҳолӣ дар он сарзамин умр ба сар баранда вазифаҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёси (истифода ва ғанигардонии бойгарии миллӣ ва аҳолӣ фаъолияти мақомоти иҷроия ва қонунгузори сиёсати молявӣ ва андозу буҷетӣ, фаъолияти сиёсати берунӣ, тадқиқотҳои асосии илмию техники, мудофиаю ҳифзи ҳуқуқ ва хароҷоти иҷтимоию маданӣ)-ро ба ӯҳда дорад. Давлат дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифа, масъулият ва ҷавобгарии боз ҳам васеътару зиёдтарро дорад. Бинобар ин давлатро зарур аст, ки таносуби муайяни шаклҳои гуногуни моликиятро вобаста ба талаботҳои субъектҳои иқтисоди муайян намуда, қоидаву қонунҳои рафтори онҳоро дар бозор таъмин намояд. Ғайр аз ин вобаста ба масъулияти идора ва ҳиссаи моликият давлат ҳамчун соҳибкор рафтор менамояд. Ин амал водор менамояд, ки давлат ба сифати субъекти иқтисод баромад кунад ва барои амалӣ кардани масрафоти маскур, манбаҳои муайни молиявӣ дар ихтиёр дошта бошад.

Дар бисёри давлатҳо яке аз рукнҳои ҳатмии давлати демократи таъмин намудани шароит барои худидоракунӣ дар махалҳо мебошад. Мақомоти идоракунандаи маҳал бошад аз тарафи аҳолии маҳал ба тариқи райдиҳи (овоздиҳӣ), таъмин карда мешаванд. Ба зиммаи мақомотҳои маҳаллӣ якчанд вазифа ва ӯҳдадориҳо аз ҷкмла: оиди моликиятдорӣ ва молиявӣ – буҷетӣ гузошта мешавад. Муносибатҳои буҷетӣ ифодакунандаи хусусиятҳои гуногун буда, ҳамчун натиҷаи муносибатҳои тақсимотии байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ҳавзаҳои фаъолияти ҷамъияти, байни ноҳияҳо ва самтҳои гуногунро ташкил медиҳад [8].

Молияи маҳаллӣ қисми таркибии молияи давлатӣ буда, ҳамчун сарҷамъии буҷети маҳаллӣ, фондҳои махсуси ғайрибуҷети маҳаллӣ ва молияи субъектҳои алоҳидаи маҳал баромад мекунад.Таркиб ва роҳҳои асосии молияи маҳаллӣ аз рӯи вазифаҳои ҳукумат, ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ва мақомоти идоракунандаи онҳо (Маҷлиси намояндагони маҳаллӣ), маъмурияти маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ муайян карда мешавад. Дар даҳсолаҳои охир таҷрибаи маҳалликунонии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз тарафи бисёр давлатҳо истифода шуда истодааст ва натиҷаҳои он қобили қабул мебошанд, бинобар ин масъулияти рушди маҳалҳо то рафт ба салоҳияти мақомотҳои маҳаллӣ мегузаранд.

Ин таҷрибн аввалин бор аз тарафи ИМА дар солҳои 1975-1980 истифода шуда, то ҳол идома дорад. Ҳар як Иёлоти Амрико ҳамчун як «давлат»-и хурд қонун ва қонунгузориҳои иқтисодии худро мустақилона қабул ва амалӣ менамоянд.

Ба воситаи молияи маҳаллӣ давлат сиёсати иҷтимоии худро низ фаъолона пеш мебарад. Дар асоси таъмин намудани буҷетҳои маҳаллӣ бо маблағҳо барои сохтмон, нигоҳдории роҳҳо дар маҳалҳо, тандурустӣ, хизматрасонии камуналии аҳолӣ, амният ва ғайраҳо сиёсати иҷтимоии давлат амалӣ карда мешвад.

Бо ёрии амалиёти буҷети воситаҳои дар ихтиёри сохтори давлатӣ буда ва қисми асосии даромади миллӣ аз нав тақсим карда мешавад. Буҷети давлатии Ҷумҷурии Тоҷикистон аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ ташкил меёбад.Ташаккулёбии қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ (буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷимҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунгузориҳои давлатӣ, ба монанди Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо амалӣ карда мешаванд.

Дар системаи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷетҳои маҳалҳо ҷои намоёнро ишғол менамоянд.

Давлат бо мақсади ба амал баровардани такрористеҳсоли васеъ дар миқиёси ҷамъият, қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоию мадъании шаҳрвандон, ҳалли масъалаҳои мудофиа

ва пур кардани хароҷоти буҷети давлатӣ бояд дар ихтиёри худ, як қисми даромади миллиро ҷамъ оварада, буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро тартиб диҳад ва барои ҳалли вазифаҳояш истифода намояд.

Муносибатҳои буҷетӣ узви сохтори таркибии иқтисодиёт буда, сатҳ ва дараҷаи ташкилу таҳаввули онро ифода мекунад. Аз ин ҷиҳат барои ҷуброн кардани хароҷоти ҷамъият ва қоне гардонидани талаботи вай давлат ӯҳдадор мешавад, ки пойгоҳи модию молиявии худро дошта бошад.

Муносибатҳои буҷетӣ ифодаи моддии худро дар ташкили фондаҳи буҷети давлатӣ зоҳир месозанд. Ҳаҷми мушаххаси фондҳои буҷети сатҳу дараҷаи мутамарказии манбаҳои молиявиеро, ки дар ихтиёри давлат аз ҳисоби омилҳои гуногун: тарзҳои ситонидани манбаҳо ба буҷет, сатҳи инкишофи иқтисодиёт, тарзу усули хоҷагидорӣ дар корхонаю ташкилотҳо ва муасисаҳо, вазифаи иҷтимоию иқтисодӣ ва таносубу тағиротҳои таркибӣ дар иқтисодиёт ба миён меояд, ифода мекунад.

Давлат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ на фақат фондҳои эҳтиётӣ ва захиравиро ташкил менамояд, инчунин тамоми иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла, минтақаҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ мегардонад. Аз ин рӯ буҷет – ин маҷмӯи муносибатҳои пулӣ марказонидашуда буда, дар ҷараёни он фонди пулӣ ташкил ва истифода карда мешавад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» давлат таъмини молиявии худро тавассути органҳои ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ бо ёрии буҷет амали месозад. Бинобар ин чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, қисми таркибии буҷети давлатиро буҷети маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Ба буҷетҳои маҳаллӣ дохил мешаванд: буҷети ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи он; буҷети вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоятҳо, ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи он дохил мешаванд.

Буҷетҳои маҳаллӣ дар амалисозии ҷараёни иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини молиякунонии соҳаҳои маориф, тандурустӣ, соҳаҳои иҷтимоии маҳаллҳо ва ободу равшаннамоии онҳо нақши муҳим мебозад. Аз буҷетҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ барои нигоҳ доштани органҳои идораи давлатии маҳаллҳо; хароҷотҳои муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, ташкилотҳои тандурустӣ ва иҷтимоӣ дар маҳалҳо ҳагргуна маблағгузориҳо, анҷом дода мешаванд. Аз ин рӯ, буҷетҳои маҳаллӣ дар инкишофи иқтисодӣ – иҷтимоӣ ноҳияҳо, шаҳрҳо ва ғайра субъектҳои маҳаллӣ аҳамияти хоса дорад [10].

Ҳукуматҳои маҳаллӣ фаолияти худро дар асоси Қонунҳои Кониститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди мақомотҳои ҳукумати давлатӣ ва маҳалҳо», ки он бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2004 қабул карда шудааст, амалӣ мешавад.

Мувофиқи он, ҳокимияти маҳаллӣ аз органҳои намояндагон ва иҷроия ташкилёфта онҳо мувофиқи салоҳиятҳое, ки ба онҳо дода шудааст, тамоми муносибатҳои молиявиро дар сатҳи маҳал амал мегардонанд. Мақомотҳои намояндагӣ дар минтақаҳои вилоятҳо, нохияҳо, шаҳрҳо намояндагони халқӣ ба ҳисоб меравад, ки онҳо дархостҳои аҳолиро иҷро ва амаӣ месозанд, мувофиқи воҳиди маъмурию минтақавӣ бо назардошти ҳавасмандии умумидавлатӣ. Мақомотҳои ҳукумати иҷроия дар миқиёси вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – раиси ҳукуматҳои маҳаллҳо буда, он дар асоси принсипи идораи якасардорӣ, вазифаи идораи давлатиро дар минтақаҳои худ амалӣ месозад.

Ҳукуматҳои маҳалҳо дар минтақаҳо барои таъмини инкишофи иқтисодӣ – иҷтимоии худ аз ҳуқуқҳои Кониститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Маҷлиси Олӣ, фармонҳои призиденти кишвар, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва раиси ҳукуматҳои маҳалҳоро истифода менамоянд. Мақомотҳои давлатии молияи ҳукуматҳои маҳаллӣ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар боло зикр карда шуданд, яъне ҳуқуқ ва салоҳиятҳои онҳоро муқаррар намудааст, истифода менамоянд. Аҳамияти ҳуқуқии буҷети мақомотҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ дар он ифода меёбанд, ки дар асоси он баъзаи молиявӣ ташкил карда мешавад, ки онро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ

дар миқиёси минтақа мувофиқи салоҳияти онҳо ба назардошти хусусиятҳои хоси маҳалҳо истифода бурда мешавад.

Асоси ҳуқуқии буҷети мақомотҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ дар Кониститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асоси сохтори буҷет ва ҷараёни буҷет», ки аз 15 майи соли 1997 №423 қонун «Дар бораи Ҳокимияти давлатӣ дар ҷойҳо», ки аз 1 декабри соли 1994 ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёри – ҳуқуқие, ки дар қонунҳои органҳои ҳокимияти мақомотҳои маҳаллӣ акс ёфтааст, истифода мебаранд [1].

Мақомотҳои давлатӣ ҳукуматҳои маҳаллӣ аз маблағҳои буҷети маҳаллӣ мустақилона истифода менамоянд, барои ҳалли масъалаҳои молиякунонии соҳаҳои ҷори истеҳсолӣ беҳтар намудани дараҷаи иҷтимои аҳолӣ ва ҳалли барномаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии маҳалҳо истифода менамоянд. Яке аз вазифаҳои органҳои давлатии ҳокимияти маҳаллӣ оқилона, мақсаднок ва самаранок истифодабарии маблағҳои буҷети маҳалҳо мебошад, ташкил медиҳад. Даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз даромадҳои андозиву ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағҳои беподош иборат мебошанд.

**Ҷадвали 1. Нақшаи даромадҳои буҷети маҳаллӣ** [9]




Ба даромадҳо аз андоз дохил мешаванд:

- андозҳои умумидавлатӣ, ки феҳристу меъёри онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Таносуби тақсими андозҳои мазкур дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ муқаррар мегардад.

Ба даромадҳои ғайриандозӣ дохил мешаванд:

- даромад аз хизмати пулакӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетии тобеи мақомоти мазкур расонида мешавад;
- фоидаи Бонки миллии Тоҷикистон тибқи меъёрҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;
- даромад аз фурӯши захираву пасандозҳои давлатӣ, фоизи сармоягузории давлатӣ, дивиденди саҳмия аз дороии молиявӣ;

Ҳамчунин ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ тааллуқ доранд:

- грантҳо ва дигар маблағҳои бе подош, ки аз шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ ворид мешаванд;
- маблағе, ки дар натичаи ҳисоббаробаркунии байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба вуҷуд меояд;
- маблағҳое, ки аз истифода ва фурӯши амвол ворид мешаванд, ҳамчунин қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, ки дар буҷети ҷумҳурияви берун аз даромад ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет истифода мешаванд.

Даромадҳои хазинаҳои мақсадноки давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин ташкил меёбанд:

- андозу боҷҳои махсуси мақсаднок ва ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- маблағҳои ихтиёран супурдаи шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ;

- маблағҳои буҷети давлатӣ;

- фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки хазинаи дахлдор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амали мегардонад;

- даромадҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Даромадҳои хазинаҳои мақсадноки давлатӣ дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ алоҳида, аз рӯи меъёрҳои муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоб гирифта мешаванд [8].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкили фаъолиятҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ва дигар намудҳои фаъолиятҳои хоҷагидорӣ ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои гуногуни воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ ва буҷетҳои сатҳи дигари низоми буҷетӣ вазифаи аввалиндараҷаи давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки молияи давлатӣ маҷмӯи муносибатҳои пулиеро дар бар мегирад, ки тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва фонди мақсадноки давлатӣ ташкил карда шуда, баҳри иҷрои вазифаҳои мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ истифода мегардад.

Ҳангоми омӯзиши масъалаи мазкур муайян гардид, ки дар инкишофу рушди молияи давлатӣ нақши асосиро буҷети давлатӣ мебозад. Буҷети давлатӣ ин захираҳои асосии маблағҳои пулие аст, ки дар шакли нақшаи молиявии давдат оид ба ҷамъоварӣ аз нав тақсимкунӣ ва истифодабарии маблағҳои пулӣ дартиб гардида, дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад. Барои амали гардидани нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ буҷетҳои маҳаллӣ низ нақши калон мегузоранд. Аз ин хотир ташкили механизмҳои гуногуни иҷроиши даромаду хароҷотиҳои буҷетҳои маҳаллӣ зарур аст. Буҷети маҳаллӣ қисми таркибӣ ва асосии буҷети давлатӣ ба шумор рафта, дар иҷроиши барномаҳои давлатӣ ва рушди маҳалҳову мамлакат нақши басо арзанда мегузорад.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи кор маълум гардид, ки дар давлатҳои тарақикардаи дунё аҳамияти бештар ба молияи маҳаллӣ дода мешавад, зеро қисми асосии хароҷоти буҷети давлатӣ тавассути буҷетҳои маҳаллӣ сарф карда мешаванд. Бинобар ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бисёртар оиди молияи маҳаллӣ ва буҷети маҳаллӣ қабул карда мешаванд. Аз ин лиҳоз сатҳи иҷтимоии аҳолий дар давлатҳои тараққикарда, нисбат ба давлатҳои рубатараққӣ баландтар аст.

Аз омӯзиш ва таҳлилӣ мавзӯи кори худ ба ман маълум гардид, ки чи қадаре, агар таркиби молияи маҳал ва буҷетҳои маҳалҳо омӯхта шуда, инкишоф дода шаванд, ҳамон қадар буҷети давлатӣ афзуда, иқтисодиёти кишварамон рушд мекунад. Барои амалигардонии буҷетҳои маҳаллӣ нақши ҳар як сокини кишвар зарур аст, зеро ҳангоми пардохти пурра ва саривақтии андозҳо аз ҷониби онҳо боиси саривақт иҷро гардидани буҷетҳои маҳаллӣ мегардад. Дар ин шароит давлат бо ёрии буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии худ имконияти таъсиррасониро ба иқтисодиёт ва дараҷаи иҷтимоиёти аҳолӣ бо роҳи кумакрасони ба субъектҳои хочагиҳо, минтақаҳо, ноҳияҳо ва маҳалҳо, сармоягузории давлатӣ, маблағгузории буҷетӣ пайдо намуда сабаби тағирёбии таносубҳои соҳаҳои иқтисодиёт мегарданд.

Чӣ тавре, ки дар кор қайд гардидааст, ташкили дурусти механизмҳои иҷроиши буҷетҳи маҳаллӣ дар шароити имрӯза хело зарур аст, ки амалигардонии он боиси дарёфти захираҳои нави молиявӣ мегардад.

Механизми буҷетӣ олоти фаъоли баамалбарории сиёсати буҷетии давлат, алалхусус мақомотҳои ҳокимияти давлатии маҳалҳо мебошад. Моддаҳои даромаду хароҷоти буҷетӣ баҳодиҳанда ва инъикоскунандаи сарчашмаҳои ташкилёбӣ ва тамоюли истифодаи маблағҳои буҷетӣ мебошанд.

Барои рушди минбаъдаи даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва иҷроиши саривақтиии онҳо, инчунин самаранокии онҳо вобаста ба натиҷаи таҳлилҳои мавзӯи кор чунин пешниҳодҳо дорам:

1. Мавзӯи мазкур дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба донишҷӯён омӯзонида шавад, зеро донистани моҳияти даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ барои ҳар як шахс ва инчуни барои ҳамаи иқтисодчиён зарур аст.

2. Ба мисли давлатҳои тараққикарда ташкил ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои молияи маҳаллӣ пеш аз ҳама оиди фаъолиятҳои буҷетҳои маҳаллӣ зиёдтар ба роҳ монда шавад.

3. Барои такмили буҷетҳои маҳаллӣ ва афзоиши даромадҳои онҳо соддагардонии низоми андозҳо ва супоридани саривақтии онҳо аз ҷониби соҳибкорону шаҳрвандон хело зарур аст.

Дар омӯзиши ва таҳлилӣ мавзуъ аз адабиёту дарстурамалҳои методӣ ва рӯзномаву маҷалаҳои навтарин, инчунин қонуну нишондиҳандаҳои оморӣ истифода бурда шуд, ки мазмуни корро пурра гардониданд.

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» , шаҳри Душанбе 7 майи соли 2020, №1691

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди сохтори асосии буҷет ва ҷараёни буҷет» аз 15 майи соли 2015 №423

3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе , 2013 сол

4. Молияи Тоҷикистон, омори солона, барои соли 2020

5. Ҳисоботҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.minfin.tj)

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шаҳри Душанбе, 22.12.2017

8. Болобанов А.И «Финанси», Санк- Петербург, 2015 г.

9. Ҷонмамадов Ш.Б., Ҳомидов А., Мамадалиев Ф.С., Раҳмонов Ҷ.Р., Буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, Душанбе-2010, Саҳ. 24

10. Ҳасанов А., Миразизов А., Содиков Н. «Молия ва қарз», Душанбе 2010. Саҳ.216-228

***Гафуров С.Х. - ассистент***
***Институт туризма, предпринимательства и сервиса***

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ МЕХАНИЗМА ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЕ ИНДУСТРИАЛЬНО-ИННОВАЦИОННЫМ РАЗВИТИЕМ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Методологические и «концептуальные подходы к обеспечению инновационного развития представляют предмет значительного числа полемик в научно-исследовательской литературе. Вопросы о ключевых субъектах инновационного развития, о роли государства в инновационном развитии и др. носят дискуссионный характер» [3, с 66**]**.

В современной научной литературе можно встретить различные подходы к определению сущности инновации. Данный термин может иметь различные значения в зависимости от контекста, а выбор подхода к определению понятия зависит от конкретных целей измерения или анализа.

В научный оборот понятие «инновация» как новая экономическая категория было введено австрийским ученым Йозефом Шумпетером, который, говоря о новых комбинациях факторов производства, трактовал инновации как любое возможное изменение, происходящее вследствие коммерческого использования новых или усовершенствования существующих решений технического, технологического, организационного характера в процессах производства, снабжения, сбыта продукции. Й. Шумпетер выделял пять таких комбинаций изменений:

1. Выпуск нового продукта или известного продукта иного качества.
2. Внедрение нового, ранее неизвестного в данной области метода производства.
3. Проникновение на новый рынок сбыта, будь то известный или ранее неизвестный.

4. Получение новых источников сырья или полуфабрикатов.

5. Организационная перестройка, включая создание монополии или ее ликвидацию.

В международной практике выработан стандарт понятия инновации как вполне определенной управленческой категории. Формированию этого стандарта во многом способствовали две работы, известные под названиями «Руководство Фраскати» (город в Италии, где в 1963 г. была принята первая версия документа) и «Руководство Осло» (Осло, 1992 г.). Первая из них - «Руководство Фраскати» - представляет собой рекомендации по сбору, обработке и анализу информации о науке и инновациях, которые постоянно корректируются и совершенствуются группой национальных экспертов по науке и инновациям Организации экономического сотрудничества и развития (ОЭСР). В руководстве содержатся основные понятия, относящиеся к научным исследованиям и разработкам, их состав и границы. Второй документ «Руководство Осло» представляет собой методику сбора данных о технологических инновациях. [4, с 26**]**.

| **Инновация как результат** | |
|---|---|
| Й. Шумпетр | инновации – это изменения с целью внедрения и использования новых видов потребительских товаров, новых производственных и транспортных средств, рынков и форм организации в промышленности |
| Лапина В.Н. | инновации - комплексный процесс создания, распространения и использования нового практического средства, необходимый для достаточного обеспечения спроса потребителей |
| Бердниковой Л.Ф. | инновации это конечный результат инновационной деятельности в виде новой или усовершенствованной продукции или услуги, технологии, полученной при реализации иннова-ционного процесса |
| Комилова С.Дж. и Алиевой Г.Ш. | инновация может быть рассмотрена как в динамическом, так и в статическом аспекте. В по-следнем случае, инновация, представляется как конечный результат научно-производственного цикла, как результат обладающий новизной и удовлетво-ряющий определенную инновационную потребность |
| **Инновация как процесс** | |
| Медынского В.Г. | технический, экономический и общественный процесс, ориентированный на производство нового товара (услуги), реализованный посредством внедрения новшеств |
| Санто Б. | общественный, технический, экономический процесс, практическое использование идей, изобретений, которое приводит к созданию лучших по своим свойствам изделий, технологий, ориентировано на экономическую выгоду, прибыль, добавочный доход, охватывает весь спектр видов деятельности - от исследований и разработок до маркетинга |
| И.В. Афонин | новшество, или новация, это результативная сторона инноваций, её характер и назначение. Нововведение -это процесс разработки, внедрения и эффективного использования конкретного новшества. Инновации - это целенаправленный, интенсивный процесс получения нового прикладного результата, имеющего потенциальную, достаточно близкую во времени социально- экономическую полезность высо-кой вероятносте |
| Джумаев У.М. | инновации в общеэкономическом плане, как обновление основного капитала (производственных фондов) или производимой продукции на основе внедрения новшеств достижений науки, техники, технологии; это закономерный, объективный процесс совершенствования общественного производства |

**Рисунок 1. Определение термина «инновация» отечественными и зарубежными исследователями**

В соответствии с международным стандартом «инновация определяется как введение в употребление какого-либо нового или значительно улучшенного продукта (товара или услуги) или нового или значительно улучшенного процесса, нового метода маркетинга или

нового организационного метода в деловой практике, организации рабочих мест или внешних связях.

По Законе Республике Таджикистан «Об инновационной деятельности» инновация - нововведение в области техники, технологии, работ, услуг или управления, основанное на использовании достижений науки и передовой технологии, имеющей высокую производственную и общественную эффективность. [2, с 43**].**

Развитие Национальной инновационной системы Республики Таджикистан нацелено на достижение устойчивого развития страны путем диверсификации отраслей экономики и отхода её от сырьевой направленности, при этом инновации определены как основной фактор, определяющий конкурентоспособность национальной экономики. Полноценное использование инноваций для дальнейшего динамичного развития экономики и общества возможно при проведении государством целенаправленной инновационной политики. Для формирования Национальной инновационной системы определены 4 основных элемента и мы эти данные рассматриваемся в рисунок 2:

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Научно-технический** | Таджикистан включает в себя академически е, отраслевые научные учреждения,в ысшие учебные заведения. | **Инновационная** | По данным Государст венного агентства по статистике РТ инновацио нная активность предприят ий в Таджикист ане в 2017 г. составило– 1,9 %. | **Инновационная** | Исходя из возможностей Научного потенциала соответствующи м постановлением Правительства РеспубликиТадж икистан утвержден Перечень перспективных направлений исследования, на основе которых могут составляться инновационные проекты | **Финансовая инфраструктура** | Комплексное финансирование исследовательских и научно-производст-венныхи образовательных процессов в сфере инновационно – технологического развития. |

Для выявления реальных перспектив экономического развития необходимо определить наиболее значимые параметры, от которых зависит итоговые результаты экономической деятельности страны и регионов. Определяющим направлением развития национальной экономики является разработанная и получившая одобрение Парламента страны «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (НСР-2030)». В этой программе рассматриваются три альтернативных сценария [1,с.86]:

- инерционный;
- индустриальный;
- индустриально-инновационный.

Анализ экономики Республики Таджикистан показывает, что выбор стратегии зависит от уровня развития промышленности. Это связано в первую очередь с тем, что наблюдается их неравномерное развитие, обусловленное различными природно-климатическими факторами, сложившейся инфраструктурой, имеющимся производственным потенциалом, наличием квалифицированных трудовых ресурсов [2, с.191].

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года - Душанбе, ООО «Контраст» 2016, С.86

2. Программа развития семеноводческой отрасли в Республике Таджикистан на 2010-2014 годы. Постановление Правительства Республике Таджикистан от 28 мая 2009 года, №297.
3. Стратегия инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2020. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года, № 354.
4. Инновационный менеджмент: учеб. пособие / под ред. А.В. Барышевой. – М.: Феникс, 2010
5. Келле В.Ж. Инновационная система России: формирование и функционирование. – М.: Едиториал, 2008
6. Л ебедев Н. М., Ясин Е. Г. Культура и инновации: к постановке проблемы // Форсайт. – 2009. – №2 (10). – С. 16–26
7. Леонтьев Л.И. О формах и методах стимулирования инновационной деятельности. – М.

***Давлатова Қ.О. – асисстент***
***Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***

## МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ЗАНОН ДАР КИШВАР

Сиёсатҳои нави ҷаҳонӣ,аз як тараф ва рушди нобаробари иқтисодии кишварҳо, аз тарафи дигар барои аҳамияти назарраси сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ пайдо кардани муҳоҷирати меҳнатӣ роҳ кушоданд ва муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби аксар кишварҳои олам ба сифати раванди умумиҷаҳонӣ эътироф карда шуд.Дар баробари ин, канда ё заиф гардидани алоқаҳои иқтисодии байни кишварҳо ва зарурати нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои геополотикии кишварҳои абарқудрат дар ҷаҳони муосир ба муҳоҷирати меҳнатӣ такон ва неруи тоза бахшид аанд. Ҳамчунин аз нуқтаи назари ҷаҳонишавии иқтисодиёт ташаккули бозори байналхалқии меҳнат аҳамияти муҳим пайдо кард, ки дар содирот ва воридоти қувваи корӣ ифода меёбад.

Илова бар ин, тайи чанд соли охир муҳоҷирати меҳнатии устувор ба тақсимоти нави бозори меҳнат сабаб гардид ва иҷрои баъзе корҳои мушаххас, дар як қатор кишварҳо ба зиммаи муҳоҷирони меҳнататӣ қарор гирифт.

Заминаи асиосии захираҳои меҳнатии барзиёд ва суръат гирифтани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши аҳолӣ ва норасоии маблағҳои молявӣ барои таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳисоб меравад.

Асоси раванди муҳоҷирати меҳнатӣ зери таъсири омилҳои маҷбурии назарраси иқтисодӣ аз кишварҳои захираҳои меҳнатиашон барзиёд ба кишварҳои захираҳои меҳнатиашон кам ва аз минтақаҳои дорои вазъи касодӣ иқтисоди ба минтақаҳои дорои вазъи мусоиди иқтисодӣ сурат мегирад. Дар ин ҳолатҳо ба сифати омилҳои суръатбахши муҳоҷиратӣ меҳнатӣ омилҳои зерин баромад мекунанд: камбизоатӣ ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ҷустуҷӯи шароити нисбатан мусоид барои худтатбиқии иҷтимоии шахсият (хусусан татбиқи маҳорати корӣ ва малакаи касбӣ), машғул шудан ба тиҷорат, дастгирии молявии оила, таъмини ояндаи хуби кудакон ва ғайра.

Чунонки маълум аст, таркиби синусолии мавҷудаи аҳолии Тоҷикистон ба қисми қобили меҳнати он сарбории зиёди иқтисодӣ ба миён меорад. Бисёр шахсони сину соли қобили меҳнат ё тамоман кор намекунанд, ё аз сабаби паст будани музди меҳнат, мавҷуд набуадани ҷойи кор ва бо иқтидори пурра кор накардани корхонаҳо ва ғайра қисман кор мекунанд.

Бояд таъқид намуд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ масъалаи серпаҳлу ва дар айни замон ихтилофнок аст, дар бисёр ҳолатҳо ҳалли ин масъала агар ба манфиати муҳоҷир бошад ба зиёни давлат сурат мегирад, ё баръакс агар ба манфиати давлат бошад ба зарари муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Вале аксаран муҳоҷирати ғайрирасмӣ ба манфиати корфармо ва зарари давлат ва худи муҳоҷири меҳнатӣ мебошад, зеро корфармо ҳангоми ба истифодаи меҳнати ин гуруҳи муҳоҷирон ба даст овардани фоида, ба давлат ягон навъ андоз намесупорад ва ба

муҳоҷир низ ба ивази меҳнати вазнинаш музди ночиз дода, ҳуқуқу манфиатҳои онро комилан поймол мекунад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз баски қувваи арзони корӣ ба ҳисоб меравад, бештар ба манфиати давалати қабулкунандаи муҳоҷирон мебошад, зеро муҳоҷират на танҳо барои афзудани қисми даромади буҷети ин давлат мусоидат мекунад, балки то андозае барои пешрафту ободонӣ ва беҳбудии вазъи иҷтимоию демографии он мамлакат низ ҳисса мегузорад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ, дар маҷмӯъ, равандест, ки ҳамаи ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёту фаъолияти одамонро дар бар гирифта, ба иқтидори иқтисодии кишварҳои алоҳида алоқамандии наздик дорад ва метавонад ба беҳтар шудани шароити иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, раванди мазкур метавонад баръакс ба нобаробарии иқтисодию иҷтимоӣ суръат бахшида, зӯроварӣ ва истисмори иқтисодиро ба миён орад.

Бояд гуфт, ки вобаста ба вазъи замон ва дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ баъзе навъҳои муҳоҷират микёс ва аҳамияти пештари худро аз даст медиҳанд ва навъҳои дигар ё тамомоан навъҳои муҳоҷират ба вуҷуд омада, ҷойи навъҳои пештараро ишғол менамоянд.

Ба андешаи аксари муҳаққиқон феминизатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, яъне афзоиши ҳиссаи занон дар миқдори умумии муҳоҷирон хусусияти хоси марҳилаи ҳозираи рушди муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи маълумоти манбаъҳои боеътимоди иттилоотии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ дар айни замон муҳоҷирати занон бо суръат пеш меравад ва дар баъзе кишварҳои пешрафта назар ба муҳоҷирати мардон бартарӣ пайдо намуда, андешаи нодурустеро, ки гуё муҳоҷирати меҳнатии занон дар қиёси муҳоҷирати меҳнатии мардон дорои хусусияти дувумдараҷа мебошад, аз байн мебарад.

Вале бояд қайд кард, ки дар кишварҳои гуногун вобаста ба арзишҳои миллию фарҳангӣ муҳоҷирати меҳнатии занон метавонад ҳам оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии мусбат ва ҳам оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Натиҷаи мусбат барои кишвари фиристандаи занони муҳоҷири меҳнатӣ он аст, ки ба таври назаррас барои паст шудани шиддати бозори дохили меҳнат ва коҳиш ёфтани масъалаи бекорӣ мусоидат мекунад. Барои кишвари қабулкунандаи занони муҳоҷири меҳнатӣ низ ба даст овардани қувваи кории нисбатан ҷавону арзон натиҷаи мусбат мебошад. Дар ин ҳар ду ҳолат ҳам қисми даромади буҷети ҳар ду давлат афзоиш хоҳад ёфт .

Натиҷаи манфии муҳоҷирати меҳнатии занон дар аксари кишварҳо, махсусан дар кишварҳои дорои ҷомеаи анъанавӣ пеш аз ҳама ба коҳиш ёфтани арзишҳои фарҳанги миллӣ ва халалдор шудани сохтори иҷтимоию демографии ҷомеа алоқаманд аст.

Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати кишвари мустақил ва узви комилҳуқуқӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ аз равандҳои имрӯзаи муҳоҷиратӣ меҳнатӣ, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатии занон дар канор буда наметавонад ва дар Тоҷикистон миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби занон сол то сол меафзояд.

. Чунон, ки аз ин маълумот ба мушоҳида мерасад, ин раван тамоюли афзоиш дорад.

Пушида нест, ки ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон Ҷомеаи сунатист ва вазифаи зан дар чунин ҷомеа пеш аз ҳама ба душ доштани рисолаи модар ва тарбияи фарзанд аст. Бар замми ин, зан дар ин ҷомеа нақши кадбонуию хонадориро ба зимма дорад. Афзоиши босуръати муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон ба рушди забону фарҳанг ва дигар муққадасоти миллӣ, аз қабили тарбияи фарзанди солим ва ахлоқу одоби ҳамида монеа эҷод карда, метавонад асосҳои фарҳанги миллиро халалдор созад ва ба пойдорию устувории пояҳои давлати миллӣ таҳдид намояд. Бинобар ин, зарур аст, ки имрӯз ҷомеаи илмию фарҳангии мо ин воқеиятро амиқан эҳсос намуда, барои пешгирӣ ва рафъи мушкилоти дар ин замина ба миёномада ба таври дастаҷамъи саъю кушиш ба харҷ диҳад.

Муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон аслан ба мақсадҳои беҳтар кардани вазъи мушкилоти иқтисодии оила, ба хусус пайдо кардани маблағ барои хариди маблағи истиқомат ва таҳсили фарзандон, надоштани ҷойи кори муносиб дар ватан сурат мегирад. Вале, мутаасифона, бояд таъкид кард, ки миқдори хело ками занону духтарони тоҷик дар

муҳоҷирати кори ба худ муносибу даромаднок пайдо мекунанд. Баъзе занону духтарони муҳоҷири меҳнатӣ бо сабабҳои надонистани забон, надоштани маълумоти миёнаи касбӣ ба корҳои каммузд, аз қабили кӯчарӯбӣ, зарфшӯӣ нигоҳбини шахсони бемор ва барҷомона ва ғайра машғул мешаванд. Мутаносибан ба ин онҳо бештар ба истисмор, таҳқир ва зуроварӣ гирифтор мешаванд.

Ин нуқта ҳам шоистаи таъкид аст, ки аксари занону духтарони ҷавони сину соли (аз 20 то 40 сола ) ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд.

Мутобиқи натиҷаҳои тадқиқоти қувваи кории соли 2009 аз руи вазъи оилавӣ миқдори занони муҳоҷире, ки дар никоҳи бақайд гирифташуда мебошанд - 60% ва занону духтарони ҳеҷгоҳ никоҳнашуда -25,2%-ро ташкил медиҳад, ки хело ташвишовар аст[2:309].

Бештари занон ҳамроҳи шавҳар ва наздикони худ ё ба даъвати онҳо, ки дар хориҷ аз кишвар, махсусан дар Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои хориҷии дуру наздик кору зиндагӣ менамоянд, муҳоҷират мекунанд.

Муҳоҷирати заноне, ки дар пайи ҷустуҷуи шавҳари худ ба кишвари муҳоҷирати вай сурат мегирад, дар бисёр маврид сабаби низоъҳои оилавӣ ва ҷудо шудани хонаводаҳо мегардад. Ин ҳолат натанҳо ба арзишҳои хонаводагию миллӣ, балки ҳамчунин ба вазъи демографии Тоҷикистон таҳдид намояд.

Ҳолатҳое ҳам ҷой доранд, ки баъзе занони тоҷик бо фарзандони ноболиғи худ ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ва гурӯҳи дигари занон фарзандони ноболиғи худро ба падару модари солхӯрда, ё дигар хешу наздикони худ мегузоранд, ки дар ҳарду ҳолат ҳам ба тарбияи солими фарзанд ноил шудан душвор аст. Зеро, дар ҳолати аввал дар муҳити бегона, ба хусус дар муҳити носолими (кӯчаю бозор) бегона тарбияи фарзанди солим имконпазир аст дар ҳолати дувум низ падару модари солхурда ё хешу табор наметавонанд чун модар рисолаи тарбияи фарзандро ба зимма гирифта, ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардидан.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, ба андешаи мо мушкилоти асосии муҳоҷирати меҳнатии занон дар кишвар, дар айни замон аз инҳо иборат мебошад:

1. Нокифоя будани заминаи қонунгузорӣ, яъне он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муҳоҷирати меҳнатӣ, хусусан муҳоҷирати меҳнати занонро ба танзим медароранд, ба такмили ҷиддӣ эҳтиёҷ доранд.

2. Набудани заминаи боэътимоди омори вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, хусусан муҳоҷирати меҳнатии занон.

3. Ба таври бояду шояд таъмин нашудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, хусусан занону духтарони муҳоҷири тоҷик.

Бинобар ин, бо мақсади танзими бо самари муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон, зарур аст, ки аз тарафи давлат ва ҷомеа тадбирҳои манфиатноки зерин андешида шуда, амалӣ карда шаванд:

1. Ҳангоми таҳя ва такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ, махсусан таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ”, ба масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатии занон бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Дар бораи ин, ҳангоми таҳия намудани Созишномаҳои давлати оид ба муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ҳифзи иҷтимоии аъзои оилаи онҳо низ ба инобат гирифта шавад.

2. Лозим меояд, ки ба масъалдаҳои гузаронидани таҳқиқоти мумтазами омории муҳоҷирати меҳнатӣ, ба хусус муҳоҷирати меҳнатии занон бо ҷалби мутахасисони соҳа чораҳои мушаххас андешида шавад.

3. Зарур аст, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби диаспораҳои тоҷикистониён барои таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ташкили муҳоҷирати муташаккилони занон, яъне дар доираи қонун бо сабти ном ва анҷом додани дигар расмиёти зарурӣ, аз тарафи Хадамоти муҳоҷират ташкил кардани муҳоҷирати меҳнатии занон, суғуртаи иҷтимоию тиббӣ, бо ҷойи кор таъмин кардани занон ва дигар масъалаҳои марбут ба онҳо, фаъолияти худро самаранок ба роҳ монанд.

Ҳамчун. ба назари мо, бо мақсади коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зерин аз манфиат холи нест:

1. Арзишҳои оилавӣ ва тарбияи фарзанд дар Тоҷикистон муқаддасоти миллӣ эътироф шуда ҳангоми ба кор гирифтан дар корхонаву муассисаҳое, ки заҳматталаб нестанд ва кори вазнинро талаб намекунанд, барои занону духтарон афзалият дода шавад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзи модар эълон шудани 8-уми март, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бузургдошти модар ва забону фарҳанги миллиро талаб мекунанд, метавонанд ба ситфати маводи тарғиби модар, арзишҳои оилавӣ, гиромидошти забони модарӣ, фарҳанги миллӣ ва ғайра мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

2. Барои ба кор ҷалб кардани занону духтарон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ва сармоягузориҳои мустақими дохилию хориҷӣ корхонаҳои калони саноатӣ, дар намунаи корхонаи бофандагӣ дар ш.Душанбе, ки дар замони Шӯравӣ вуҷуд дошт, сохта ба истифода дода шаванд. Ба кор фаро гирифтани занону духтарон дар корхонаҳои азим ва дар назди чунин корхонаҳо амал намудани боғчаю кудакистон ва мактабҳои таҳсилоти ибтидоию миёна ба тарбияи солими фарзандон, ки бе шубҳа ояндаи давлату миллат ба онҳо вобастагӣ дорад ба таври назаррас мусоидат менамояд. Ташкили коргоҳу корхонаҳои хурд, ки ҳарчанд ҷойи корхонаҳои калонро гирифта наметавонад, низ барои ба кор таъмин кардани занону духтарон метавонад, нақши мусбат иҷро намояд.

Танзими босамари муҳоҷирати меҳнатӣ хусусан коҳиш додани суръати афзоиши муҳоҷиратии занон дар Тоҷикистон ба пойдор мондани анъана ва арзишҳои фарҳанги миллӣ дар шароити душвори ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Проблемы трудовой мигратции и пути их решения.-Душанбе: «Ирфон»,2006-232 с.
2. Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи натиҷаҳои тадқиоти қувваи кори июн-июли соли 2009.-Душанбе 2010.-337с.

***Олимов Д.А.***
***Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

## ТАЪСИРИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ЗЕРМАҶМӮИ ГӮШТУ ШИР ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ

Танзими давлатии ҳоло амалкунанда чорабиниҳои бевосита ва бавоситаи таъсир ба фаъолияти бозигарони асосии бозори ширро тавассути сиёсати буҷетӣ, сармоягузорӣ, кредитӣ, савдои хориҷӣ, андозӣ, техникӣ, зиддимонополӣ дар бар мегирад (нигаред ба расми 1). Дар он самтҳои танзими давлатии зермаҷмӯии гӯшту шири хӯрокворӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ инъикос ёфтааст.

Дар трансформатсияи системаи танзими давлатии зермаҷмӯии гӯшту шир давраҳои зеринро метавон ҷудо намуд: а) «тобозорӣ», б) бартарӣ додани фишангҳои бозорӣ ва либерализатсияи пурраи бозори шир ва ниҳоят, в) якҷоякунии фишангҳои таъсири давлатӣ ва фишангҳои бозорӣ. Чунин эволютсия дар умум траекторияи рушди системаи танзими тамоми иқтисоди мамлакатро такрор менамояд, аммо барои зермаҷмӯии гӯшту ширихӯрокворӣ ин ҷиҳати аввалия хос аст, ки аз як тараф, аз дарки зарурати чунин якҷоякунӣ, аз тарафи дигар бошад, аз адами системаи пурраи бартарафсозӣ, чун нокомиҳои бозорӣ, нокомиҳои давлат дар дастрасии рушди баробаркунии тавозун иборат мебошад.

Барои танзим ва дастгирии рушди чорводории шир барномаи дахлдори идоравии мақсаднок бо номи «Рушди чорводории ширдеҳ ва афзоиши истеҳсоли шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» таҳия гардида буд, ки механизми иҷрои он амалисозии барномаҳои дахлдори минтақавиро пешбинӣ мекард[3].

Ҳамин тавр, барноамҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамиятнок ба қисмати минтақавии барномаи ҷумҳуриявии мақсаднок табдил ёфтанд. Стратегияи интихобшудаи ҷобаҷогузории

маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ самтнокиро барои дастгирии афзалиятноки минтақаҳои дорои суръати нисбатан баланди рушди истеҳсолоти махсусонида, ки чун қоида бо сатҳи миёна ва на он қадар баланди маҳсулнокии чорво таъминанд, инъикос мекунад. Дар оянда нақши чунин барномаҳои минтақавӣ дар ҷумҳурӣ коҳиш ёфт (ҷадвали 1).

*Ҷадвали1.*

**Самаранокии иҷрои барномаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамиятноки минтақавии рушди чорвои ширдеҳ барои солҳои 2012-2019**

| | Солҳо | | | | | | | 2019 назар ба с.2012 ,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Теъдоди субъектҳои ҶТ иштирокчиён | 15 | 14 | 16 | 18 | 19 | 21 | 22 | 146,6 |
| Маблағ ҷудо карда шуд, ҳамагӣ,ҳазор сомонӣ | 14454,31 | 12519,95 | 6716,22 | 14746,41 | 4149,9 | 4485,4 | 4687,5 | 30,8 |
| аз он ҷумла аз буҷети ҷумҳуриявӣ | 4617,15 | 1796 | 1567,85 | 1850 | 1213,37 | 1311,4 | 1418,3 | 32,4 |
| аз буҷетҳои минтақавӣ | 9837,16 | 10721,95 | 5148,37 | 12896,41 | 2936,53 | 3174 | 3269,2 | 33,2 |

**Манбаъ: Дар асоси маълумоти оморӣ аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст.**

Дастгирии бевоситаи буҷетӣ дар барномаи соҳавии мақсаднок «Рушди равғантозакунӣ ва панирсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020» низ пешбинӣ шуда буд. Дар ин барнома низ ҷубронкунии қисми хароҷот барои пардохти фоизҳои кредит (қарз)-ҳои сармоягузорӣ, кредитҳои кӯтоҳмуддат барои хариди шири хом аз молистеҳсолкунандагони ватанӣ; гузаронидан ба ташкили технологияҳои нав ва такмили технологияҳои мавҷуда ва ғайра нигаронда шудааст, дар назар дошта шуда буд.

Барои рушди чорводории зотии ширдеҳ субсидия аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарти маблағгузории якҷояи ҳиссавӣ барои ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар онҳо чорвои зотӣ дар регистри давлатии зотпарварӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҷудо карда мешавад, барои ҷуброни қисми хароҷот, аз он ҷумла ҷиҳатҳои зерин сарф мегардад:

- нигоҳдории саршумори зотии модаговҳои хоҷагии қишлоқ;
- нигоҳдории барзаговҳои маҳсулдеҳи зотӣ дар ташкилотҳо дар мавриди бордоркунии сунъии чорвои хоҷагии қишлоқ;
- хариди барзаговҳои ҳосилдеҳи ташкилотҳо оид ба бордоркунии сунъии чорвои хоҷагии қишлоқ;
- хариди нутфаи барзаговҳои зотии ҳосилдеҳ, ки сифати наслро беҳтар мекунад;
- хариди ҷанин;
- хариди ҷавонаи зотӣ.

*Танзими нархҳо.* Тавозунбаробаркунии нархӣ аз таносуби «боадолат»-и вазни қиёсии ҳар як иштирокчии зермаҷмӯи ширию маҳсулотӣ дар сохтори арзиши иловашуда, аз як тараф, аз тарафи дигар бошад- роҳ надодан ба нархи истеъмолӣ ба шир ва маҳсулоти ширӣ баланд аз беқурбшавии хӯрокворӣ иборат мебошад. Маҳз ба ин сабаб яке аз мушкилоти асосӣ ҳоло таъини «долон»-и нархӣ ба шири харидашуда аст. Вазифаи танзими нархгузории бозори шири ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки талаботи кафолатноки истеҳсолкунандагон дар давраи «мавсими серталабот» (аз моҳи апрел то июн) таъмин карда шавад, ки дар ин давра пешниҳоди шири хом баробари 60-70% афзуда, нархҳои харид аз арзиши аслиашон ҳам паст мефароянд.

Бояд қайд кард, ки раванди таъини нархҳои «боадолат» дар байни истеҳсолкунандагони ашёи хом ва корхонаҳои коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 муайян карда шуда буданд. Дар моҳи марти соли 2017 дар доираи машварати якуми «Шири мамлакат» раванди имзокунии шартномаи байни истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони шир кушода шуда буд. Дар ин ҷо муҳим қабули низомнома оид ба таъини нархи боадолати базавӣ буд. Аз он ҷумла дар назар дошта шуд, ки нархи бозории миёнаи солонаи шири хоми навъи якум бо параметрҳои нигоҳдории равған ва сафеда мутаносибан бояд на кам аз 3,4% ва 3,0% буда, на кам аз 4,0 сомониро бе баҳисобгирии андози арзиши изофашуда барои молфиристонандаҳо бо коэффитсиенти мавсимии на зиёда

аз 1,2 дар бозор дар давоми соли 2016 муайян карда шавад.

Аммо таҷрибаи баимзорасонии шартномаҳо бо ширкатҳои калонтарин-коркардкунандагони шир шаҳодат аз он медиҳад, ки раванди мазкур хеле мураккаб аст ва ширкатҳои зиёд бо душворӣ ба бастани шартнома розӣ мешаванд. Баробари ин, танзими нарх мушкилоти афзоиши нархи маҳсулоти шириро ҳал карда наметавонад [4].

Исбот карда шуд, ки ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омада, хусусияти онро ноустувории алоқаҳои истеҳсолию хоҷагӣ, барҳамхӯрии назорати давлатӣ аз болои нархҳо ва музди кор, беқурбшавӣ, қиматшавии захираҳои ҷумҳурӣ мебошад. Ҳамзамон коста гардидани маблағгузории давлатӣ, пастшавии қобилияти харидории истеъмолгарони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, монополизми ташкилотҳои тайёркунанда ва корхонаҳои коркард, паритети нархҳоро барои маҳсулоти деҳот ва корхонаҳои саноатӣ боис гардида, майли пардохтнопазирро бештар гардонид.

Дар ниҳояти кор пастшавии ҳиссаи хоҷагии қишлоқ дар нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ гардид. Исбот карда шуд, ки пастнамоии нархи хариди омехтаҳои хӯрокии чорво мувофиқи мақсад аст ва ин аз ҳисоби васеъ пеш гирифтани истеҳсоли хӯрокаи омехта дар сатҳи ноҳияҳо аз тариқи ташкили корхона ва коргоҳҳои хурду миёна манфиатнок мебошад. Барои муҳим будани таъмини самаранок истифодабарии захираҳо бо роҳи муттаҳид кардани хоҷагиҳои деҳқонии хурду миёна дар шакли кооперативҳо ва пеш гирифтани коркарди саноатии шир ва гӯшт муфид мебошад.

Дар раванди рушди зермаҷмӯи шир ва танзими давлатии он, банақшагирӣ ва батартибдарорӣ ва истифодаи дурнамо фишанги муҳим дониста шуда, зарурати дастгирии давлатӣ ва таҳияи чораҳо оид ба танзими равандҳои такрористеҳсолкунӣ аз ҳисоби махсусиятҳои бозорию конъюнктурии омилҳои минтақавӣ, фоидаоварии кам, пастшавии талаботи дохилӣ, нокомилии инфрасохтори иҷтимоии нуқтаҳои ахолинишини деҳот пешниҳод гардида, асоснок карда мешавад, ки дараҷаи иқтисоди босуботи молистеҳсолкунандангони хоҷагии қишлоқ бояд аз ҳисоби рушди соҳибкорӣ ва дастгирии танзими давлатӣ бо роҳи тақвияти шакл ва воситаҳои банақшагирӣ баланд бардошта шавад.

Исбот карда мешавад,ки ҳосилнокии майдонҳои кишти алафзор, чарогоҳ аз ҳисоби талу теппаҳо ва заминҳои обёришаванда, таъмини захираи мустаҳками ему хошок барои чорво омилҳои муҳим барои зиёд кардани истеҳсоли шир аз ҳисоби таҷрибаи хоҷагиҳои ватанӣ ба маврид мебошад. Айни ҳол танзими давлатии чорабиниҳои бевосита ва бавоситаи таъсир ба фаъолияти иштирокчиёни асосии бозори ширро тавассути сиёсати буҷетӣ, сармоягузорӣ, кредитӣ, савдои хориҷӣ, андозӣ, техникӣ, зиддимонополӣ дар бар мегирад,ки он самтҳои танзими давлатии зермаҷмӯии гӯшту шири хӯрокворӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро дар бар мегирад. Исбот карда мешавад,ки баробари танзими нархҳо, танзими гумрукию тарифӣ, назорат аз болои риояи тавозуни хӯрокворӣ барои шир дар бозори минтақавӣ аз мавқеи протексионистӣ зарур мебошад. Дар робита ба танзими андозӣ асоснок гардидааст, ки баробари камкунии андоз аз арзиши иловашуда, ҷорӣ намудани низоми тафриқавии асъорӣ вобаста ба аҳамияти иҷтимоии маҳсулоти шир омили таъсирбахш баромад мекунад. Ҳамзамон аз тариқи шартномавӣ ба танзим даровардани баробаркунии шароити хоҷагидории иштирокчиёни бозорҳои молу маҳсулоти чорводорӣ бо роҳи кам кардани хароҷот дар ҳамаи занҷираи истеҳсолӣ самаранок мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Закон Республики Таджикистан «О безопасности пищевых продуктов» // АхбориМаджлиси Оли Республики Таджикистан - Душанбе, 2012 - №8. - С. 827.

2. Закон Республики Таджикистан «О государственном бюджете на 2013 год» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан - Душанбе, 2012 - №11 - С. 957.

3. Асроров И. Рыночная экономика и ее модели / И. Асроров, З. Шарипов-Куляб: Сада, 2002. - С.51

4. Кудратов Р.Р. Рекомендации по организации дехканских (фермерских) хозяйств - Душанбе, 2003. - С.18-20.

*Алишоев Х.Ҳ. – н.и.и., дотсент*
*Давлатов Ш.Қ. – магистрант*
*Раҳмонов Ҷ.А. – магистрант*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

# НАҚШИ ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

***«Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад»***

Сайёҳӣ яке аз бахшҳое мебошад, ки дар рушди иқтисодиёт, ташаккули сармояи хориҷӣ ва некӯаҳволии мардумон нақши калидӣ дорад. Ин бахш табиат ва зебоии кишварро инъикос мекунад. Он ба мардуми манотиқи дурдаст дар таблиғи фарҳанг ва урфу одатҳои онҳо кӯмак мерасонад, инчунин ба беҳбуд бахшидани некӯаҳволии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ имконият фароҳам меорад.

Рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва инфрасохтори мусоиди сайёҳӣ, эҷоди тавонмандӣ низ яке аз ҷузъҳои асосии ҷараёни сайёҳӣ мебошанд. Умуман, инфрасохтори туристӣ, роҳҳо, меҳмонхонаҳо, корҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳои хӯрокхӯрӣ ҳамаи ин ҷузъҳои меҳмондӯстӣ, ки занҷири бароҳати хидматрасонии сайёҳиро таъмин мекунанд, сайёҳони бештарро ҷалб мекунанд.

Хусусияти муҳимтарини фаъолияти иқтисодии марбут ба бахши сайёҳӣ дар он аст, ки онҳо ба се афзалияти баландтарини кишварҳои рӯ ба тараққӣ саҳм мегузоранд: ба даст овардани даромад, шуғл ва даромади асъор, дар ин робита бахши сайёҳӣ метавонад ҳамчун омили рушди иқтисодиёт нақши муҳим бозад.

Рушди минтақаҳои сайёҳӣ ва ноил шудан ба хизматрасониҳои баландсифат барои сайёҳон манбаи иловагии даромади буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ба ҳисоб меравад.

Моҳияти ин гуна рушдро тавассути таҳқиқи системаи нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ, ки миқдор ва сифати хизматрасонии сайёҳӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолот ва фаъолияти хидматрасонии объектҳои дар соҳаи сайёҳӣ коршударо инъикос мекунанд, ёфтан мумкин аст.

Ҷадвали баҳодиҳӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- андозаи ҷараёни сайёҳӣ;
- сифати заминаи моддию техникӣ;
- устувории молиявӣ ва иқтисодии ширкатҳои сайёҳии амалкунанда;
- дараҷаи рушди сайёҳии байналмилалӣ.

Рушди сайёҳӣ ва инчунин таъсири судбахши он ба иқтисодиёти мамлакат, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешаванд, ки маблағҳое, ки сайёҳон барои хариди як намуди хизматрасонӣ сарф мекунанд ба бахшҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва истеҳсолии иқтисодиёт равона карда шаванд. Чунин ҷалбкунӣ ба шарте имконпазир аст, ки маблағе, ки сайёҳон барои хариди хидматҳо ва маҳсулоти истеҳсолоти туристӣ ба буҷаи давлат ворид кунанд.

Ҳолат ва рушди соҳаи туризми байналмилалӣ сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст, ки ҷанбаи мусбии он дар асоси :

- шумораи сайёҳоне, ки ба хориҷ сафар мекунанд;
- миқдори рӯзҳои сайёҳони хориҷӣ дар қаламрави давлат;
- маблағи умумии пуле, ки сайёҳон ҳангоми сафари туристӣ сарф кардаанд ва ғайраҳо ба роҳ монда мешавад.

Рушди сайёҳӣ дар мамлакат афзалиятҳои худро дорад, ки бо:

- афзоиши гардиши пул, ки асосан бо асъори хориҷӣ ифода ёфтааст.
- афзоиши ММД;

-ташкили ҷойҳои нави корӣ;

- таҷдиди сохтори фароғатӣ, додани он шакли мувофиқ барои истифодаи на танҳо сайёҳон, балки сокинони маҳаллӣ;

- ҷалби сармояи тозаи хориҷӣ.

Дар шароити тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳар як мамлакат, танҳо дар шароите рақобатпазир буда метавонад, ки вобаста ба ташкил ва рушди иқтисодиёти худ устувор бошад ва ё таҳкурсии устувори иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавиро доро бошад. Дар робита ба ин солҳои рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 яке аз масъалаҳо ва заминаҳои асосии расидан ба иқтисодиёти иҷтимоии устувор ва рақобатпазир ба ҳисоб меравад. Барои таъмини ин соҳа ва рушди устувори сайёҳӣ ҳамчун манбаи иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавӣ, тамоми мардуми тоҷикро зарур аст, ки аз аҳамият ва нақши сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир, таҷрибаи давлатҳои пешқадам, имкониятҳои пешрафти соҳа ва дурнамои он ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳо дар кишвар баҳраманд бошанд.

Сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳон дар солҳои охир аҳамият ва мавқеи хоси худро пайдо карда, бо самтҳои гуногун ва шаклу намудҳои фасеҳи хизматрасонӣ давра ба давра, рӯз ба рӯз рушд ёфта истодааст.

Таъсири назарраси сайёҳӣ ба ташаккули ММД-и мамлакат, кам шудани сатҳи бекорӣ ва тавозуни пардохтҳои асъорӣ ба он оварда мерасонад, ки иқтисодиёти сайёҳӣ ҳангоми банақшагирии рушди иқтисодиёти кишвар ба назар гирифта мешавад. Рушди сайёҳиро дар муддати тӯлонӣ ба нақша гирифтан ва пешгӯӣ кардан душвор аст, зеро омилҳои зиёд ба он таъсир мерасонанд. Аммо онро тавре ташкил кардан мумкин аст, ки ба зудӣ ба дигаргуниҳои мухталифи иқтисодиёт, сиёсат, эҳтиёҷот ва ғайра мутобиқ карда шавад. Дар ин сурат, сайёҳӣ омили муҳими пешрафти иқтисодии кишвар хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки барои ворид намудани сайёҳон ба раванди рушди иқтисодиёти кишвар, банақшагирӣ ва назорати соҳаи он зарур мебошад. Пеш аз ҳама, муайян кардани миқдори захираҳо барои рушди сайёҳӣ, маҳдудиятҳои рушди сайёҳӣ, натиҷаҳои манфии азхудкунӣ бо назардошти таҷрибаи солҳои гузашта ва дигар кишварҳо зарур мебошад.

НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ОМОРИ СОҲАИ САЙЁҲӢ (ТУРИЗМ) ДАР СОЛҲОИ 2013 -2019 [1]

Ҷадвали 2.

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, ҳаз. нафар | 320 | 246 | 463 | 420 | 490 | 1154 | 1319 |
| Теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СУС) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси | 208 | 213 | 413 | 344 | 431 | 1035 | 1257 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| сайёҳ ворид шудаанд, ҳаз. нафар | | | | | | | |
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда) | 74 | 63 | 82 | 118 | 91 | 146 | 161 |
| Теъдоди сайёҳонӣ дохилие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба хориҷа сафар намуданд, нафар | 15443 | 29589 | 16363 | 19549 | 14420 | 9167 | 8531 |
| Теъдоди сайёҳонӣ хориҷие, ки тавассути ширкатҳои туристӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, нафар | 2728 | 3577 | 3080 | 3630 | 4413 | 6699 | 7791 |

Чи хеле дар ҷадвали 2 нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ дарҷ гаштаанд, маълум мешавад, ки сафи сайёҳони хориҷие, ки аз Тоҷикистон дидан менамоянд сол аз сол афзоиш ёфта даромадро ба аҳолӣ ва буҷаҳои маҳаллӣ ва Ҷумҳуриявӣ ғанӣ гардонида истодааст.




**Шумораи сайёҳони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба кишвар ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, ҳаз.нафар:**

Вобаста ба ин пешниҳод гардид, ки дар солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад. Бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем. Зеро имрӯз соҳаи сайёҳии кишвар ба кардрҳои баландихтисос ва донандагони забонҳои хориҷӣ ниёз дорад. Бовар дорам, ки ба хотири рушди ин соҳаи муҳим тамоми сохторҳои давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва

ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ якҷоя фаъолият намуда, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бойю ғании Тоҷикистони азиз талоши бештар мекунанд.




Бо мақсади рушди сайёҳӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ташаккул ёфта, тадбирҳои зерини дар шароити рушди давлат муҳим аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шудаанд:

- шикратҳҳои сайёҳӣ барои панҷ соли аввали фаъолияти худ аз пардохти андоз аз фоида озод карда шуданд;
- ҷорӣ намудани низоми соддакардашудаи раводид (шабакаи ягонаи электронӣ) барои шахрвандони зиёда аз 80 давлати ҷаҳон;
- муқаррар гардидани беш аз 10 имтиёзи дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ».
- бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, ба онҳо аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар раводиди бисёркаратаи панҷсола дода шуд.
- ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, мухлати он то 60 рӯз дароз карда шуд. Албатта ин як такони ҷиддӣ вобаста ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ва билохира рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Барои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат амалӣ гардонидани тадбирҳои муайян, ки тақозои бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мебошанд, муҳим арзёбӣ мегарданд:

-якум, иштироки дастаҷамъонаи сохторҳои ҷомеа;

-дуюм, ташвиқу таблиғи захираҳо ва имкониятҳои сайёҳӣ бар асоси стандартҳои байналмилалӣ;

-сеюм, ташкили инфрасохтори сайёҳӣ бо шарту шароити фаъолияти судбахш ва ҳавасмандгардонии доираи соҳибкорон;

-чорум, омодасозии кадрҳо, яъне мутахассисони соҳаи сайёҳӣ;

-панҷум, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани низоми хизматрасонии сайёҳӣ.

Роҷеъ ба гуфтаҳои боло, Тоҷикистон бо мавзеъҳои зебо, обу ҳавои соф ва иқлими мусоид, объектҳои табиию солимгардонӣ ва мероси бойи таърихию фарҳангӣ барои ҷалби бештари сайёҳон имкониятҳои зиёд дорад. Дар баробари ин, саёҳати дохилӣ ба сокинони гӯшаву канори гуногуни мамлакат имкон медиҳад, ки бо расму оин, анъанаҳои қадимии этникию фарҳангии ҳамдигар ошноӣ пайдо намоянд.

Миллати тоҷик аз азал ҳунарманду хирадманд буда ва ҳунару ҳунарвариро бунёд намудаву инкишоф додааст. Минбаъд, бо мурури замон дар тараққӣ ва пешрафти ҷаҳони моддиву маънавии ҷомеаи инсонӣ нақши хешро гузоштааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ даромади кишварҳои ҷаҳон сол аз сол меафзояд. Мувофиқи иттилои Созмони ҷаҳонии туризм, мизони даромади кишварҳо аз соҳаи сайёҳӣ солҳои охир дар маҷмӯъ 1200 млрд долларро ташкил намудааст. Аз ин миқдор даромади солонаи Туркия аз туризм 27,7 млрд доллар, Макао 27,8 млрд доллар, Австралия 31,4 млрд, Британия 36,115 млрд, Тайиланд 42,1 млрд, Италия 43,9 млрд, Чин 51,7 млрд, Фаронса 56,1 млрд, Испания 60,4 млрд ва Амрико 139,6 млрд долларри ИМА-ро ташкил намудааст.

Дар фарҷом чунин хулоса намудан мумкин аст, ки албатта нақши сайёҳӣ дар пешрафти иқтисоди миллӣ бениҳоят бузург арзёбӣ карда мешавад. Барои рушди минбаъдаи иқтисоди кишвар ва муаррифии ватани азизамон ба ҷаҳониён нақши беназир дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020
2. Global Report on City Tourism — Cities 2016 Project (AM Reports: Volume six). Madrid: UNWTO, 2016. p. 8
3. International Tourism: A Global Perspective. Madrid: UNWTO, 2015. — 406 p.
4. Thesaurus on Tourism and Leisure Activities. — Madrid: WTO, 2015
5. Xiao H., Smith S.L.J. The Making of Tourism Research: Insights from a Social Sciences Journal // Annals of Tourism Research, № 33 (2), 2016. - pp. 490-507
6. http://khovar.tj/2020/02
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019
*8.* Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018



***Нидоев П.Ф. - н.и.и., дотсент***
***Имомназаров С.Ф. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## ТАНЗИМИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ ҲАМЧУН НИШОНДОДАИ МУҲИМИ ИҚТИСОДӢ

Арзиши аслии махсулот – ин хароҷоти ҷории корхона барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо ифодаи пулӣ мебошад. Дар арзиши аслӣ арзиши воситаву предметҳои мехнатӣ дар раванди истеҳсолот истеъмолшуда (амортизатсия, арзиши ашёи хом ва масолех, сӯзишворӣ, барқ ва ғ.), арзиши меҳнати зинда (пардохти меҳнат), арзиши масолеҳ ва нимтайёраҳои харидашуда, арзиши хизматҳои истеҳсолии дигар ташкилотҳо инъикос меёбад.

Арзиши аслии пурраи маҳсулот хароҷоти ҷамъонаи сарватҳои истеҳсолиро инъикос намуда, арзиши аслии қиёсӣ (арзиши аслии ба 1 сомонӣ маҳсулот ростоянда) - самаранокии истифодабарии сарватҳоро нишон медиҳад.

Арзиши аслӣ – ин омили асосии бунёдкунандаи нарх ва фоида мебошад, аз ин рӯ таҳлили арзиши аслӣ имконият медиҳад, ки аз як тараф – ба самаранокии истифодабарии сарватҳо баҳои ҷамъбастӣ дода шавад, аз тарафи дигар - захираҳои афзунгардонии фоида ва пасткунии нархи воҳиди маҳсулот муайян карда шаванд.

Вазифаҳои таҳлили арзиши аслии маҳсулот чунин мебошанд:

- баҳодиҳии динамикаи нишондиҳандаҳои муҳимтарини арзиши аслӣ ва иҷроиши нақшаи онҳо;
- баҳодиҳии асосноки ва шиддатнокии нақшаи арзиши аслӣ;

- муайянкунии омилҳое, ки ба динамикаи нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ ва иҷроиши нақшаи онҳо таъсир расонидаанд, муайянкунии бузургӣ ва сабабҳои тамоилоти хароҷоти воқеъӣ аз нақшавӣ;

- баҳодиҳии динамика ва иҷроиши нақшаи арзиши аслӣ бо ҷузъҳои хароҷоти намудҳои алоҳидаи маҳсулот;

- ошкоркунии имкониятҳои истифоданашудаи пасткунии арзиши аслии маҳсулот.

Мақсади таҳлили арзиши аслии маҳсулот ин ошкоркунии имкониятҳои баландбардории самаранокии дар раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот истифодабарии тамоми намудҳои сарватҳо мебошад.

Таҳлили арзиши аслӣ бо чунин самтҳо ба ҷо оварда мешавад:

- хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ таҳлил карда мешавад;

- таҳлили арзиши аслӣ бо ҷузъҳои иқтисодӣ иҷро карда мешавад;

- арзиши аслии намудҳои мушаххаси маҳсулот таҳлил карда мешавад;

- таҳлили арзиши аслии намудҳои муҳимтарини маҳсулот ба ҷо оварда мешавад.

Манбаъҳои асосии ахборӣ барои таҳлили арзиши аслии махсулот чунинанд: маълумотҳои хисоботи статистикӣ, ф. № 5-з (хароҷот) «Ҳисобот оиди хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот», маълумотҳои ҳисобдории buғалтерии синтетикӣ ва аналитикӣ оиди хароҷоти сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ, ҳуҷҷатҳои мувофиқ, журнал-ордерҳо ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ - маълумотҳои меъёрии нақшавӣ (сметавӣ) оиди хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор, хизматҳо).

Дар шароиҳои бозор тамоми корхонаҳо дар қатори маҳсулоти молии қиёсшаванда инчунин маҳсулоти молии қиёснашавандаро истеҳсол менамоянд, чунки дигаргунсозии ассортименти маҳсулоти молӣ яке аз бартариҳои асосии рақибона мебошад.

Маҳсулоти молии қиёсшаванда тамоми намудҳои истеҳсолоти оммавие мебошанд, ки дар соли гузашта истеҳсол шуда буданд ва дар соли оянда низ ба нақша гирифта шудаанд.

Ба маҳсулоти молии қиёснашаванда тамоми намудҳои истеҳсолоти ягона, инчунин маҳсулоти оммавие мансуб аст, ки дафъаи аввал ба истеҳсолот фаро гирифта мешавад.

Нишондиҳандаи маҳсулоти молии қиёсшаванда ин арзиши аслии маҳсулот ва нишондиҳандаи маҳсулоти қиёснашванда - хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ мебошад. Нишондиҳандаи хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ - нишондиҳандаи умумӣ мебошад, вай барои корхонаҳои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ҳисоб карда мешавад ва алоқаи байни арзиши аслӣ ва фоидаро ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ чун таносуби маблағи умумии хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бар бузургии маҳсулоти молии бо нархҳои яклухт ҳисобшуда муайян карда мешавад:

$$X_{1c_{мм}} = \frac{\sum MM \times s}{\sum MM \times z},$$

дар ин ҷо: $X_{1c_{мм}}$ - хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ; $MM$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо ифодаи табиӣ (маҳсулоти молӣ); $s$ – арзиши асли маҳсулот; $z$ – нархи маҳ сулот.

Нишондиҳандаи хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ барои назорати динамикаи арзиши аслӣ истифода мешавад.

Хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ аз чунин омилхо вобаста мебошанд: тағирёбии маблағи умумии хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, тағйирёбии арзиши (нархи яклухти) маҳсулоти истеҳсолшуда.

Маблағи умумии хароҷот дар навбати худ аз ҳаҷми истеҳсол, сохтори он, бузургии хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда вобаста мебошад. Хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда дар навбати худ аз самаранокии истифодабарии сарватҳо ва нархи сарватҳои истеъмолшаванда вобастаанд.

Арзиши маҳсулоти молӣ аз ҳаҷм ва сохтори истеҳсол ва нархи маҳсулот вобаста мебошад.

Умуман ба тағирёбии хароҷоти воқеъӣ аз бузургии нақшаи онҳо чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

- тағирёбии хаҷм ва сохтори истеҳсоли маҳсулот;
- тағйирёбии арзиши аслии маҳсулот;
- тағйирёбии нархи маҳсулот.

Ҳангоми тағйирёбии хаҷм ва сохтори маҳсулоти молӣ афзоиши ҳиссаи як намуд ва камшавии ҳиссаи намудҳои дигари маҳсулот ба амал меояд. Аз сабаби он ки хароҷоти намудҳои маҳсулот аз ҳам фарқ мекунанд, пас бо афзоиши вазни қиёсии он намудҳои маҳсулоте, ки барои онҳо хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулот нисбат ба бузургии ин нишондиҳанда барои тамоми маҳсулоти молӣ каманд, бузургии хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ нисбат ба нақша паст мешавад ва баръакс.

Тағирёбии арзиши аслии маҳсулоти молӣ ба тағирёбии мутаносибонаи ростаи хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ меорад. Ҳар чиқадаре, ки арзиши аслии пурраи тамоми маҳсулоти молӣ кам бошад, нишондиҳандаи хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ кам мешавад ва баръакс.

Тағирёбии нархҳои яклухт ба бузургии хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ вобастагии мутаносибонаи чаппа дорад. Агар нархҳои яклухт паст шаванд - хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ зиёд мешаванд ва баръакс. Таҳлил нишон медиҳад, ки бузургии хароҷот бо таъсири ҳар як омил ба кадом андоза тағир меёбад. Таҳлил бо ёрии усули гузоришҳои занҷирӣ ба ҷо оварда мешавад.

Барои таҳлили тағирёбии хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ чунин амалиётҳо иҷро карда мешаванд.

**Ҷадвали 1. Таҳлили хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ**

| **Нишондиҳанда** | **Маблағ** |
|---|---|
| Хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ, нақшавӣ | 43,03 |
| *Хароҷоти маҳсулоти молии воқеъан истеҳсолшуда, аз он ҷумла:* | |
| - аз рӯи нақша, ки бо ҳаҷм ва ассортименти воқеъӣ ҳисоб карда шудааст; | 43,19 |
| - воқеъан бо нархҳои яклухти нақшавӣ; | 42,83 |
| - воқеъан бо нархҳои амалкунандаи соли хисоботӣ. | 42,84 |

Сарчашма: Шодиев К.Қ. Назарияи таҳлили иқтисодӣ, ИРФОН Душанбе 2012с.

1. Хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ бо тамоми нишондиҳандаҳои нақшавӣ ҳисоб карда мешаванд: $X^0_{1смм} = \dfrac{\sum MM_0 s_0}{\sum MM_0 z_0}$.

2. Хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ бо ҳаҷм ва ассортименти воқеъӣ ҳисоб карда мешаванд: $X_{1смм} MM_1 = \dfrac{\sum MM_1 s_0}{\sum MM_1 z_0}$.

3. Хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ бо арзиши аслии воқеъӣ, яъне ҳаҷми истеҳсоли воқеъӣ бо нархҳои дар нақша қабулшуда ҳисоб карда мешаванд:

$$X_{1смм}\ S_1 = \frac{\sum MM_1 s_1}{\sum MM_1 z_0}.$$

4. Хароҷоти воқеъӣ бо нархҳои дар соли ҳисоботӣ амалкунанда ҳисоб карда мешаванд;

$$X_{1смм}\ Z_1 = \frac{\sum MM_1 s_1}{\sum MM_1 z_1}.$$

Тағирёбии хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ;

$$\Delta X_{1смм} = X_{1смм}\ Z_1 - X^0_{1смм} = 42{,}84 - 43{,}03 = -0{,}19\ с.$$

Аз он чумла аз ҳисоби;

- тағирёбии ҳаҷм ва сохтори маҳсулот;

$43{,}19 - 43{,}03 = +0{,}16\ с.$

- пастшавии зиёд аз нақшаи арзиши аслии маҳсулот;

$42{,}83 - 43{,}19 = -0{,}36\, c.$

- пастшавии нархҳои яклухти маҳсулот;

$42{,}84 - 42{,}83 = +0{,}01\, c.$

Баланси тамоилот: +0,16+(-0,36)+0,01=-0,19 сомонӣ.

Маҳсулоти дар корхона истеҳсолшаванда дорои фоида ва даромаднокии гуногун мебошанд. Бо баланд шудани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти даромаднокиаш зиёд сатҳи хароҷот кам мешавад ва баръакс.

Тағирёбии сатҳи арзиши аслии маҳсулоти алоҳида аз ин омилҳо вобаста аст:

- тағирёбии нархи ашёи хом, масолеҳ, сӯзишворӣ, тарифҳои барқ, нақлиёт;
- сатҳи хароҷоти моддаҳои алоҳидаи арзиши аслӣ.

Пастшавии нархҳои яклухт бо бетағир будани дигар шароитҳо хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молиро зиёд мекунад ва баръакс.

Барои муайян намудани сарфа (изофахарҷкуни)-и воқеъии тамоми истеҳсол сарфа (изофахарҷкунӣ) бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ ба бузургии истеҳсолӣ воқеъии маҳсулоти молӣ зарб карда мешавад.

Барои муайян намудани таъсири омилҳо ба тағирёбии маблағи фоида афзоиш (пастшавӣ)-и хароҷот бар 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ аз ҳисоби ҳар як омил ба ҳаҷми воқеъии фурӯши бо нархҳои планӣ ифодагардида зарб карда мешавад.

Инчунин зикр кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо барандаи ақидаҳои навин дар соҳаи идоракунии субъекҳои хоҷагидорӣ ҳисоб меёбад. Бо ташаббуси Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳоло даҳҳо субъектҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла бузургтарин муассисаҳои коркарди ашёи хом, маҳсулоти охирин, хизматрасонӣ ба Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ гузаштанд. Ин шароит фароҳам овард, ки солҳои охир сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти кишвар афзояд.

Ҳоло бисёр муассисаҳои кишвар ба мақсади мукаммал гардонидани рукнҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, усулҳои ҳозиразамони ба буҷагирӣ, баҳисобгирӣ ва муайянкунии арзиши аслии маҳсулот, кору хизматҳо ва омилҳои аслии арзиши аслии маҳсулотро муайян намуда, истифода мебаранд. Чунин равия иқтисодиёти корхонаҳоро тариқи назорати қатъии истифодаи захираҳои иқтисодӣ меафзояд.

Дар шароити амалкарди муносибатҳои молӣ- пули хараҷоти инфиродии истеҳсолот, яъне хараҷоти истеҳсолии корхонаҳо дар шакли арзиши аслии маҳсулот баромад мекунад. Ҳамин тариқ, арзиши аслӣ пули хараҷоти корхона барои истеҳсол ва фурӯши воҳиди маҳсулот мебошад .

Тадқиқот нишон дод, ки сабабҳои муҳимтарини яке аз тағйирёбии сатҳи арзиши аслии маҳсулот ин ташкили меҳнат мебошад. Паст будани дараҷаи ташкил меҳнат захираҳои меҳнат, техника, хурока, нури ва ғайраҳо дар натиҷа ба хароҷотҳои зиёдати ба воҳиди маҳсулот мусоидат менамояд.

Омузиши адабиёти иқтисодию тахсусии соҳаҳою равияҳои мавҷудаи арзишмуайянкунии маҳсулот ва ташхиси ҳисобгирии ташакулёбии арзиши аслии пурраи он дар фаъолияти хоҷагидорӣ имкон дод, ки чунин хулосаҳо барорем:

1. Арзишмуайянкунӣ ва баҳодиҳии амволи корхона яке аз усулҳои бахисобгирии муҳосибӣ буда барои ҳисобгирии ҳолатҳои ҳақиқии амволу ӯҳдадориҳо, сармояи хусусию ҷалбкардашуда дар тавозунӣ муҳосибӣ вазифаи муҳимро иҷро мекунад.

2. Муайян кардани арзиши аслии ҳақиқии маҳсулот ва хусусан як воҳиди маҳсулоти истеҳсолкардашуда барои муайян кардани омилҳои зерини фаъолияти хоҷагидорӣ асос мегузорад, аз он ҷумла: Сарфи меҳнати зарури ба воҳиди маҳсулоти тайёркардашуда; таъсири истифодаи таҷҳизотҳои технологияи ҳозиразамон; истифодаи усулҳои беҳтарини коркарди ашёи хом, масолеҳ, нимфабрикат, тайғирёбии хароҷотҳои корхона таносубан ба нақша гирифта шуда ва дигарҳо.

3. Муайян кардани арзиши аслии ҳақиқии маҳсулоти истеҳсолкардашуда оиди асоси нархгузорӣ ба маҳсулот ва дар оянда банақшагирии хароҷотҳои истеҳсолӣ ба як воҳиди маҳсулот мебошад.

4. Дар давраи иқтисодиёти бозоргонӣ нархи хариди захираҳои истеҳсолӣ (ашёи хом, масолеҳ, нимфабрикат ва ҳ.к) доим тағйирёбанда буда аз нақшаи қабулкардашуда фарқ карда меистанд, яъне кам ва ё зиёд мешаванд. Аз ин лиҳоз муайян кардани арзиши аслии ҳақиқии масолеҳи харидашуда ва бо он нарх ҳисоб кардани хароҷот ба истеҳсолот, имкони дуруст муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти тайёр ба ҳисоб меравад.

5. Арзиши аслии пурраи маҳсулот дар давраи фуруши он ташакул меёбад. Дар ин давра ба ташкилёбии арзиши аслӣ ду омил таъсир мерасонад: аввал – майлкунии арзиши аслии ҳақиқи аз нақшави ё меъёрӣ; дувум – тағйирёбии хароҷотҳои тиҷоратӣ ва ҳақиқи тақсим кардани онҳо ба миқдори маҳсулоти фурухташуда ва маҳсулоте, ки дар амбори корхона боқи мондааст. Аз дараҷаи ҳисобкунии ҳақиқии ин ду омил фоида аз фуруши маҳсулот ҳам аниқтар ҳисоб карда мешавад.

Хулас, дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ҳар як корхонаро мебояд, ки сиёсати ҳисобгирии худро дуруст ба роҳ монанд. Аз ин иқдом онҳо метавонанд ба пешравиҳо ноил гарданд. Истифодаи дурусти усулҳои ҳисобгирии хароҷот ва паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии ба корхонаҳо имкони дуруст ба роҳ мондани сиёсати ҳисобгирӣ ва калкулятсиякунонию баҳодиҳии дурусти маҳсулоти тайёр оварда мерасонад ва барои афзунгардидани фоидаи корхона мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)" (Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 428)

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" (Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, аз 4.11.2015с., № 210)., Душанбе 2015

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, аз 28.12.2012с., № 907)., Душанбе 2012

5. Раҳимов.С.Х Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, дастури таълими (маҷмӯи лексияҳо), Душанбе Ирфон-2011, 268 с.



***Саидов П. - докторанти PhD***

***Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***


## УСУЛҲО ВА ИНДИКАТОРҲОИ МУАЙЯНКУНИИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КОРХОНАҲОИ КАС

Комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди баро расидани ба яке аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне таъмини амнияти озуқаворин кишвар нақши асосиро мебозад. Соҳаи кишоварзӣ муҳимтарин зинаест, ки бидуни он дигар бахшҳои КАС ва соҳаҳои иқтисодӣ наметавонанд ба таври самаранок фаъолият кунанд. Барои муайян кардани индикаторҳоии самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои КАС ба корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ махсусгардонидашуда, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, фурӯш, истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот барои кишоварзӣ ва соҳаҳои хизматрасон аҳамияти ҷидди додан зарур аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба вуҷуд омаданд, ки пайдоиши онҳо характер, вазифаҳо ва мундариҷаи системаи идоракунии давлатиро дар КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргун месозанд.

Маълум аст, ки КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иқтисодиёти он нақши калидӣ доранд. Аммо дар КАС ва умуман корхонаҳои соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ фаъолияти истеҳсолӣ начандон дараҷаи баланди рушдро доро мебошад.

Ҷӣ тавре, ки олими ватанӣ Исайнов Ҳ.Р. қайд мекунанд, «...Самаранокии иқтисодии соҳаҳои истеҳсолоти миллӣ тавассути нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ тавсиф карда мешавад. Нишондиҳандаҳои натуралӣ нишондиҳандаҳои ибтидоӣ (соҳавӣ)

ба ҳисоб рафта, дар соҳаи кишоварзӣ бештар истифода мешаванд. Ба онҳо дохил мешаванд: ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, маҳсулнокии чорво ва истеҳсоли маҳсулот ба 100 гектар замини кишт»[1].

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои замин ин дараҷаи даромаднокии истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, ки инъикоскунандаи муқоисаи фоидаи корхонаҳои кишоварзӣ бо хароҷотҳо барои истеҳсолӣ маҳсулот мебошад:

$$Д_{д} = \frac{\sum_{j=1}^{n} Ф_{j}}{\sum_{j=1}^{n} X_{j}} \cdot 100\%,$$

дар ин ҷо: $Д_{д}$- дараҷаи даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бо %, $Ф_{j}$–фоидаи корхонаи кишоварзӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти j–зироати кишоварзӣ, сомонӣ; $X_{j}$- хароҷоти ҳарсола барои истеҳсоли маҳсулоти j- зироати кишоварзӣ, сомонӣ.

Усулҳои муайянкунии нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ. Нишондиҳандаи нисбатан муҳими самаранокии иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд:

-таносуби байни маҳсулоти умумӣ (МУ) ва хароҷотҳои меҳнати зиндаю таҷассумёфта;

$$Э_{МУ} = \frac{МУ}{ХИ + ФАИ * К}$$

дар ин ҷо: МУ – маҳсулоти умумии кишоварзӣ;

ХИ – хароҷотҳои истеҳсолӣ, сомонӣ;

ФАИ – фондҳои асосии истеҳсолӣ, сомонӣ;

К – коэффисиенти самаранокии фондҳо.

-таносуби байни даромади умумӣ (ДУ) ва хароҷотҳои меҳнати зиндаю таҷассумёфта:

$$Э_{ДУ} = \frac{ДУ}{ХИ + ФАИ * К}$$

Андозаи даромади умумӣ дар кишоварзӣ аз фуруши маҳсулоти истеҳсолшуда, нархи он ва бузургии хароҷотҳои моддӣ вобастагӣ дорад. Андозаи даромади умумӣ аз самаранокии истифодаи меҳнати дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта ва меҳнати зинда гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҳамин ҳол, дар тавсияи методологӣ масъалаҳои муайяни муайян кардани нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолоти корхонаҳо дар соҳаи кишоварзӣ захираҳо ҳанӯз индикаторҳои мушахас нест. Масалан, нишон дода шудааст, ки дар фаъолияти корхонаҳои КАС пурра истифода нашудани дастовардҳои илми техника ва таҷрибаи пешқадами мамолики пешрафта оиди истифодабарии захираҳои иқтисодӣ. Чӣ қадаре ки усулҳои нави истеҳсолӣ ба моликияти умумӣ табдил ёбанд, ҳамон қадар самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои КАС тадириҷан рушд мекунад. Ҳангоми омӯзиши проблемаи захираҳои самаранокӣ, иқтисоддонҳо ба систематиконии омилҳои рушд ва саҳми онҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд: ҳангоми ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди минтақавӣ, масалан, комплекси агросаноатӣ[2].

Иқтисодичиёни дигар дар бобати зарурияти истифодаи якчанд нишондиҳандаҳои гуногун низ вобаста ба сатҳи гуногуни хоҷагидорӣ ибрози ақида кардаанд. Масалан, критерияи умумии истифодабарии сарватҳои истеҳсолӣ низ вуҷуд дорад: ҳадди афзали натиҷаи истеҳсолӣ бо хароҷоти камтарини сарватҳо. Айни замон, барои баҳодиҳии сатҳи самаранокӣ низоми нишондиҳандаҳои ҷузъиро оид ба самаранокии хароҷот ва сарватҳои сарфшуда истифода мебаранд: маҳсулнокии меҳнат, маводғунҷоиш, фондбоздеҳӣ.

Омӯзиши адабиёти махсус нишон медиҳад, ки олимони иқтисодчӣ дар таҳқиқоти худ таснифоти гуногуни критерияҳо ва мувофиқан низоми нишондиҳандаҳои самаранокиии иқтисодии истеҳсолотро дар корхонаҳои кишоварзӣ тарафдорӣ менамоянд:

Олимони соҳаи иқтисод Минаков И. А., Куликов И., Петранева Г. А. бо дар назардошти он, ки ба ҳайси махраҷи формулаи самаранокии иқтисодии истеҳсолоти аграрӣ гоҳе сарватҳо ва дар ҳолати дигар арзиши хароҷот истифода мешавад, низоми нишондиҳандаҳои самаранокиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: нишондиҳандиҳандаҳои самаранокии сарватҳои истифодашуда (боздеҳи замин, боздеҳи фондҳо, маҳсулнокии меҳнат, меҳнатталабии маҳсулот ва ғ.) ва нишондиҳандаҳои самаранокии хароҷоти ҷории истеҳсолӣ (арзиши аслӣ, меҳнатғунҷоиш, масолеҳғунҷоиш ва ғ.)[3,С.8].

Ҳамзамон таҳқиқотчии Леонтев В. В. мавқеъи истифодаи якҷояи ду критерияи самаранокии иқтисодӣ дастгирӣ менамоянд: самаранокии иқтисодии истифодаи сарватҳои асосӣ (замин, меҳнатӣ, моддӣ-техникӣ ва ғ.) ва баҳои молиявии самаранокии фаъолияти корхонаҳо[4].

Агар перумуни нишондодҳои самаранокии истифодабарии сарватҳо мулоҳиза ронем, самара манфиатнокиро аз истифодаи нуриҳо ифода намекунад ва аз рӯи он ҳатто мақсаднокии ин ё он чорабиниҳои муайяни гузарондашударо баҳо додан номумкин аст. Дар ин маврид, ба ақидаи мо, нишондиҳандае, ки манфиатнокиро пурра инъикос менамояд, нишондоди “самаранокии иқтисодӣ” маҳсуб меёбад, ки ба таносуби натиҷаи фаъолият ва хароҷоти моддӣ-пулӣ баробар аст.

Бо дар назардошти ин гуфтаҳо, дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимону мутахасссисон низоми нишондодиҳандаҳои самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзиро иборат аз чор бахш пешниҳод менамоем:

1) Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ҳолати амвол;

2) Нишондиҳандаҳои бозоргирӣ ва қобилияти пардохтпазирӣ;

3) Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии устуворие молиявӣ;

4) Нишондиҳандаҳои даромад ва даромаднокӣ.

Бояд қайд, ки сатҳи самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ аз шароитҳои иқлим низ вобастагии калон доранд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ яке аз шартҳои ҳатмӣ ин таҳлили нишондиҳандаҳо дар тӯли на кам 3-5 сол мебошад. Ин имкон медиҳад, ки тамоюл ва қонунияти рушд воқеъбинона ошкор гардад.

Ҳамин тариқ, тавсифи нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисоди истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷониби олимони гуногун аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар маҷмӯъ аксари тадқиқотчиён онҳоро ба гурӯҳҳҳои зерин ҷудо мекунанд.

1.Индикаторҳои самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣБа онҳо дохил мешавад: ҳосилнокии миёнаи пахта, ҳосилнокии миёнаи гандум, ҳосилнокии сабзавот, ҷушиши миёнаи шир, вазнафзункунии чорвои калони шохдор, нигоҳдории саршумори чорвои калон .

2. Индикаторҳои самаранокии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ. Ин намуди индиктор фаъолияти қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетӣ корхонаҳои кишоварзиро муайян карда барои харидори кардани воситаҳои асосии корхона аз ин ҳисоб маблағ ҷудо мекунад.

3. Идикаторҳои самаранокии молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. Индикатори мазкур дар навбаи худ ба заминаҳои молиявию иқтисодӣ, моддию техникӣ ва меҳнатии ташаккули самаранокии иқтисодӣ истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ ҷудо мешавад. Онҳоро дар навбати худ нишондиҳандаҳои зерин тавсиф менамоянд: ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ,ки ба ташкили итсеҳсолот, азнавбарқароркунӣ инишоотҳои корҳонаҳои КАС, ҳаҷми молиякунонии соҳаи кишоварзӣ, хориҷшавии иқтидорҳои воситаҳои асосӣ бо сабаби фарсудашавӣ, афзоиши иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо.

4. Индикатори самаранокии иқтисодии фаъолияти логистикӣ (ҳамлу нақл) дар корхонаҳои кишоварзӣ. Индикатори мазкур барзиёд набудани сатҳи меъёрии захираҳои сарватҳои моддӣ-техникӣ, баъзаи модди техникӣ, иҷроиши нақшаи фурӯши сарватҳои моддӣ-техникиро муайян месозад.

5. Индикаторҳои самаранокии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ. Ин намуди индикатор дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: хароҷотҳои солонаи воситаҳои моддию техникӣ барои нигоҳдорӣ корхонаҳои истеҳсолии КАС,музди меҳнати коркунони соҳаи кишоварзӣ.

6. Индикаторҳои гурӯҳи нишондиҳандаҳои натиҷавӣ самаранокии хароҷотҳои ташаккул ва амалкарди мӯътадили соҳаи истеҳсолӣ дар корхонаҳои КАС (дар доираи соҳаҳо, комплексҳо, корхонаҳои алоҳида ва муассисаҳо) тавсиф медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо бо роҳи қиёс намудани натиҷаҳои иҷтимоӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва иқтисодӣ бо хароҷотҳои барои ба даст овардани онҳо сарфшуда муаяйн карда мешавад. Ин нишондиҳандаҳои дар навбати худ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: иҷтимоӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, иқтисодӣ.

## АДАБИЁТ


1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2018. – с.121
2. Чичканова В.П., Минакир П.А. Анализ и прогнозирование экономики региона / Под ред. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.m- economy.ru/art.php3?artid=24469
3. Минаков И. А. Экономика отраслей АПК / И. А. Минаков. - М.: КолосС, 2004. - 369 с.
4. Леонтьев В. В. Межотраслевая экономика / В. В. Леонтьев. — М.,1997. -315с.



***Қодиров А.В. – н.и.и., дотсент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## БАЪЗЕ ТАҲЛИЛИ ҲИСОБИ АМАЛИЁТИ ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ

Тибқи Қонун “Дар бораи Бонки милии Тоҷикистон”, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додани Тавозуни пардохт ба души Бонки миллии Точикистон вогузор карда шудааст.

Тавозуни пардохт аз ду қисм иборат буда, дар аввал “ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ” ва “ҳисоби амалиёти воситаҳои молиявӣ” мебошад.

Дар татқиқоти тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон, мо дар доираи ҳисоби амалиёти воситаҳои молиявӣ қадре маълумотро аз таҳлили гузаронидашудаи худ пешниҳод менамоем.

Дар ҳисоби амалиёти воситаҳои молиявӣ, амалиёт бо активҳо ва ӯҳдадориҳои резидентҳо нисбат ба ғайрирезидентҳо, ки дар давраи ҳисоботӣ ба вуқӯъ омадаанд, инъикос карда мешаванд. Тағйири қарздорӣ дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии активу ӯҳдадориҳо дар ҳисоби молиявӣ инъикос намегардад.

Салдои манфии ҳисоби амалиёти воситаҳои молиявӣ афзоиши холиси активҳои хориҷии резидентҳо ва коҳиши холиси ӯҳдадориҳои хориҷии онҳоро дар натиҷаи амалиёт нишон медиҳад. Баръакс, салдои мусбат коҳиши холиси активҳои хориҷии резидентҳо ва афзоиши ӯҳдадориҳои хориҷии онҳоро ифода менамояд.

Дар ҳисоби амалиёти воситаҳои молиявӣ активу ӯҳдадориҳо дар навбати аввал аз рӯи нишонаи функсионалӣ тасниф мегарданд. Чор гурӯҳи функсионалии актив ё ӯҳдадориҳо фарқ карда мешавад: сармоягузории мустақим, сармоягузории маҷмӯӣ, захираҳо ва сармоягузориҳои дигар.

Ҳудуди байни ин гурӯҳҳо ба қадри кофӣ шартист. Сармоягузории мустақим барои таъсир расонидан ба раванди идорасозии корхона амалӣ карда мешавад, ки ин ба воситаи иштирок дар сармояи он ба даст меояд.

Ҳамаи амалиёте, ки байни сармоягузори мустақим ва корхонаи мустақиман сармоягузоришаванда дар шакли иштирок дар сармояи хусусии ин корхона, масалан, додани қарз анҷом дода мешавад, низ ҳамчун сармоягузории мустақим тасниф мегардад.

Сармоягузории маҷмӯӣ (портфелӣ) коғазҳои қиматноки қарзӣ, саҳмияҳо ва ғайраро, ки асосан барои гирифтани даромад харида мешаванд, ифода менамояд.

Барои тафриқаи сармоягузориҳои мустақим ва маҷмӯӣ дар амалия меъёри зерин истифода мегардад: агар сармоягузор 10 фоизи саҳмияҳои оддии корхона ё аз ин зиёдро соҳибӣ намояд, дар ин маврид чунин шуморида мешавад, ки маблағҳои гузошташуда хусусияти сармоягузории мустақимро доранд.

Аз рӯи таъиноте, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон истифода мегардад, захираҳо активҳои зудфӯруши хориҷии Бонки миллии Тоҷикистонро бо асъори хориҷии мубодилаи озод ташкил медиҳанд.

Ба таркиби онҳо асъори нақди хориҷӣ, бақияи маблағҳо дар ҳисобҳои муросилотӣ, ҷорӣ ва дар амонатҳои кӯтоҳмуддат дар бонкҳо-ғайрирезидентҳо, коғазҳои қиматноки зудфурӯши ҳукуматҳои хориҷӣ, активҳо дар ХБА (ҳуқуқҳои махсуси қарзгирӣ (СДР), мавқеи захиравӣ дар ХБА) ва дигар активҳои зудфурӯш дохил мешаванд. Активҳои захиравӣ, барои баробар кардани тавозуни пардохт (масалан, бо роҳи мудохила дар бозорҳои асъор) истифода мегарданд.

Ҳамаи амалиёте, ки ҳамчун амалиёт бо сармоягузориҳои мустақим, маҷмӯӣ ва активҳои захиравӣ баррасӣ мегарданд, дар моддаи «сармоягузориҳои дигар» инъикос карда мешаванд.

Сармоягузориҳои дигар ҳамчун сармоягузории маҷмӯӣ мутобиқи он, ки оё воситаи молиявӣ актив ё ӯҳдадории резидентҳо аст ё на, тасниф мегарданд.

Актив ва ӯҳдадориҳо дар моддаи «сармоягузориҳои дигар» аз рӯи навъи воситаи молиявӣ тасниф мешаванд: асъори нақд ва пасандозҳо, кредитҳои савдо (тиҷоратӣ), қарз ва вомҳо, қарздории мӯҳлатгузашта, актив ва ӯҳдадориҳои дигар.

Дар моддаи «асъори нақди хориҷӣ» афзоиши коҳиши холиси асъори нақди хориҷӣ дар хазинаи бонкҳо ва соҳаи ғайрибонкӣ (масалан, дар «даст»-и аҳолӣ) нишон дода мешавад. Дар моддаи «бақияҳо дар ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатҳо» (активҳо) тағйироти бақияҳо дар ҳисобҳои ҷорӣ ва мӯҳлатноки амонатии резидентҳо (бахши бонкӣ ва ғайрибонкӣ) дар бонкҳо-ғайрирезидентҳо нишон дода мешавад.

Ҳамонанди ин, дар моддаи «асъори нақди миллӣ» харидории фурӯши холиси пули миллии нақд аз ҷониби ғайрирезидентҳо ва дар моддаи «бақияҳо дар ҳисобҳои ҷорӣ ва амонатҳо» (ӯҳадориҳо) тағйироти бақияҳо дар ҳисобҳои ҷорӣ ва мӯҳлатноки амонатии ғайрирезидентҳо дар бонкҳо резидентҳо нишон дода мешавад.

Дар моддаи «кредитҳои савдо ва пешпардохтҳо» (ҷалбшуда ва додашуда) тағйироти қарздорӣ аз рӯи пешпардохтҳо ва ба мӯҳлатҳо ҷудо кардани пардохтҳо барои содироту воридоти молу хизматҳо нишон дода мешавад.

Дар моддаи «қарзу вомҳои додашуда (мӯҳлатнагузашта)» ҳамаи амалиёте, ки ба тағйири қарздорӣ аз рӯи қарзу вомҳои мӯҳлатнагузашта оварда мерасонанд, нишон дода мешаванд. Амалиёте, ки боиси афзоиши қарздорӣ мешаванд, истифодаи кредитҳои нав ва ба вуҷуд омадани қарзи нав дар натиҷаи таҷдиди сохтори (ё ба вақти дигар гузаронидани мӯҳлати пардохтӣ) қарзи кӯҳна мебошанд.

Коҳиши (камшавии) қарздории мӯҳлатнагузашта аз рӯи қарзу вомҳо мутобиқи ҷадвали пардохти он ва дар натиҷаи пардохти дарозмуддати он ба амал меояд.

Дар моддаи «қарздории мӯҳлатгузашта» (актив ва ӯҳдадориҳо) ҳамаи амалиёте, ки боиси тағйири қарздории мӯҳлатгузашта мегарданд, нишон дода мешаванд: андӯхт, аз ҷумла андӯхти қарздорӣ аз рӯи фоизҳои мӯҳлатгузашта, бозпардохт, аз ҷумла бозпардохт аз ҳисоби таҷдиди сохтор ва аз нав ба расмият даровардан дар созишномаи қарзии нав.

Масалан, агар мӯҳлати қарз гузашта бошад, дар ин сурат дар моддаи «қарз ва вомҳо»-и тавозуни пардохт нишон дода мешавад, ки қарз пардохта шуда буд, вале дар ин маврид ба вуҷуд омадани талаботи нав аз рӯи моддаи «қарздории мӯҳлатгузашта» нишон дода мешавад. Ҳамин тариқ, дар тавозуни пардохт чунин шуморида мешавад, ки агар мӯҳлати қарз гузашта бошад, дар ин сурат қарздорӣ аз рӯи он қарзӣ ҳисобида намешавад, зеро ки охирин аз рӯи таъриф аз ҷониби кредитор ба дебитор пешниҳод намудани маблағҳои молиявиро дар доираи баъзе созишномаҳои ибтидоӣ ифода мекунад.

Муносибати ҳамонанд барои инъикоси таъхири фоизҳо истифода мешавад.

Масалан, агар фоизҳое, ки бояд пардохта мешуданд, воқеан пардохта нашуда бошанд, дар ин сурат дар тавозуни пардохт дар ҳисоби амалиёти ҷорӣ ҷадвали пардохти фоизҳо ва дар ҳисоби молиявӣ ба вуҷуд омадани қарздории мӯҳлатгузашта аз рӯи фоизҳо нишон дода мешавад.

Агар дар давраи ҳисоботӣ фоизҳое, ки дар давраҳои гузашта ба таъхир афтодаанд, воқеан пардохта шаванд, дар ин маврид дар ҳисоби молиявии тавозуни пардохт бозпардохти қарздории мӯҳлатгузашта аз рӯи фоизҳо нишон дода мешавад, на пардохти фоизҳо дар ҳисоби амалиёти ҷорӣ.

Агар қарзи мӯҳлатнагузашта ба кредити нав табдил дода шавад, дар ин сурат дар моддаи «қарз ва вомҳо» бозпардохти он нишон дода мешавад ва ҳамзамон дар худи ҳамин модда ба вуҷуд омадани қарздории нав мутобиқи созишномаи нав низ нишон дода мешавад. Ҳамонанди ин, ба кредити нав табдил дода шудани қарздории мӯҳлатгузашта нишон дода мешавад: дар моддаи «қарздории мӯҳлатгузашта» камшавии қарздорӣ ва дар моддаи «қарзу вомҳои мӯҳлатнагузашта» ба вуҷуд омадани қарздорӣ инъикос мегардад.

Дар ҳолате ки агар таҷдиди сохтори қарзҳои мӯҳлатнагузашта ва мӯҳлатгузашта ба воситаи барориши коғазҳои қиматнок амалӣ гардад, дар ин сурат дар моддаҳои «қарзу вомҳои мӯҳлатнагузашта» ва «қарздории мӯҳлатгузашта» мувофиқан камшавии қарздорӣва дар моддаи «сармоягузории маҷмӯӣ» афзоиши қарздорӣ, ки ба коғазҳои қиматнок табдил дода шудааст, нишон дода мешавад.

Услубҳои тавсифгардидаи инъикоси амалиёт бо воситаҳои молиявии қарзӣ имкон медиҳанд, ки дар тавозуни пардохт тағйири (трансформатсияи) қарз ва аз як категория ба категорияи дигар гузаштани он, новобаста аз он ки онҳо бо пардохтҳои воқеӣ (хазинавӣ) алоқаманданд ё на, нишон дода шавад.

Ҳамаи ин таҳлилҳоро пурра Бонки миллии Тоҷикистон ҳар лаҳзаҳои лозима пурра бо маводҳои оморӣ тақвият дода, ба Хукумати ҶТ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон , Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба дигар вазорату ташкилотҳои дахлдор барои муҳокима пешниҳод менамояд.

Аз сабаби маҳдуд будани имконият барои чоп татқиқоти мо дар шакли мухтасар пешниҳод карда шуда, дар оянда омузиши худро оиди амалиёти ҷорӣ, таҳлили касри тавозуни пардохт, роҳҳои пӯшонидани он таҳти баррасӣ қарор медиҳем.

**АДАБИЁТ**


1. Дастурамали № 5 ХБА.

2. Журнали Бонки миллии Тоҷикистон: Ҳисоботи Тавозуни пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон семоҳаҳои солҳои 2019-2020



***Ҳакимов К.С. - ассистент***

***Расулӣ Ф.Т. – магистрант***

***Қараев А.Б. - магистрант***

***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## МАФҲУМ, ТАСНИФОТ ВА ВАЗИФАҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ МУҲОСИБӢ

Дар раванди мурофиаи ҷиноии судӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ва мурофиаҳои умумии судии шахрвандӣ аксаран зарурати тадқиқу таҳлили тахассусӣ ба вуҷуд меояд. Қонун мафҳуми «донишҳои махсус»-ро таъйин ё муқаррар намекунад, яъне ин мафҳумро дақиқан шарҳу тафсир намедиҳад. Тибқи анъана дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ таҳти ин истилоҳ система–низоми донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ дар соҳаи муайяну мушаххаси илм дар назар дошта мешавад, ки омодагии махсус ва таҷрибаи тахассусиро тақозо доранд ва барои ҳаллу фасли масъалаҳои дар раванди мурофиаи ҷиноӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бавуҷудоянда зарур мебошанд. Шуғли таҳлилу таҳқиқҳои ҷиноӣ-иқтисодиро таҳқиқ ё худ экспертизаи

(тамйиз) муҳосиботӣ-судӣ ном бурдан ҷоиз аст, ки маъмулан мавриди кор қарор мегирад[1, с. 31].

Талабот ба ин навъи таҳқиқу экспертиза дар иртибот ба рушди муносибатҳои бозорӣ рӯнамо мешавад ва аз ин ваҷҳ баҳсҳои субъектҳои хоҷагидор бештар ба вуқӯъ мепайванданд. Инчунин экспертизаҳо ба сабаби бештар рух додани қонуншиканиҳо дар соҳаи ҳисобдории иқтисодӣ ва шакливазкунии он гузаронида мешаванд. Экспертиза (аз лот. Exspertus таҷрибадор, аз рӯи таҷриба донистан, озмудашуда) дар илм ва амал барои таҳқиқу таҳлил зарур буда, ки донишҳои тахассусиро тақозо менамояд. Экспертизаи муҳосиботӣ-судӣ ё худ муҳосибӣ, ки аз тарафи эксперт – муҳосиб амалӣ мешавад, аз ҷумлаи чунин тахлил аст. Экспертизаи муҳосибӣ – судӣ дар муассисаҳои системаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси «Дастурамал оид ба гузаронидани экспертизаи муҳосибӣ – судӣ дар муассисаҳои экспертии системаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

Экспертизаи судӣ тадқиқотест, ки эксперт мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ барои муайян кардани маълумот ва уҳдадориҳои воқеӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ё иқтисодӣ мегузаронад. Экспертизаи судӣ амали мураккаб ва ягонаи тафтишотӣ мебошад, ки давраҳои тайёрӣ ва хотимавии онро кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, давраи таҳқиқотро эксперт мегузаронад. Экспертиза бо қарори махсуси шахсе, ки пурсиши пешакӣ гузаронидааст, муфаттиш, прокурор, инчунин бо хукми суд гузаронида мешавад. Экспертизаро шахси пешакӣ тафтишкарда, муфаттиш, прокурор дар давраи таҳқиқоти пешакӣ бо кушодани парванда, суд дар раванди баррасии парванда муқаррар карда метавонанд. Судя барои таъмин намудани далелҳо метавонад экспертизаро дар давраи омода намудани парванда ба муҳокимаи суд низ муқаррар намояд.

Ҳангоми назорати андоз мувофиқи моддаи 95 Кодекси андоз (КА) экспертизае, ки дар асоси шартнома гузаронида мешавад, барои ба даст овардани маълумот дар бораи далелҳои (фактҳои) мувофиқи моддаи 100 КА дар санадҳои тафтишоти сайёри андози инъикосёбанда имкон медиҳад ва бо дарназардошти онҳо барои рӯёнидани бақияпулиҳо, ҷарима, ба мақомоти тафтишотӣ ва судӣ фиристодани парванда ва ғайра қарор қабул карда мешавад.

Гузаронидани экспертиза амали мурофиавист. Ҳангоми он эксперт бо супориши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ далелҳои шайъӣ ва дигар маводро бо мақсади бартараф намудани ҳолат ва уҳдадориҳои воқеие, ки барои қабул кардани қарори дуруст оид ба моҳияти парвандаи баррасишаванда аҳаммияти калон дорад, таҳқиқ менамояд.

Эксперти судӣ иштирокчии тафтишоти судӣ буда, барои хулосабарорӣ оид ба масъалаҳои барои парванда муҳим ҷалб карда мешавад. Суд ва тарафҳо дар мурофиаи судӣ ҳуқуқ доранд ба эксперт танҳо дар робита бо экспертизаи ба ӯ супоридащуда ва масъалаҳои марбут ба ҳадафи экспертиза дар назди онҳо гузошташуда мурочиат намоянд.

Тартиби муқарраарар намудан ва гузаронидани экспертиза дар моддаҳои 69, 78, 82, 184, 185, 187, 189–194, 268–290 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ (КМҶ), моддаҳои 74–78 Кодекси мурофиаи гражданӣ (КМГ), моддаҳои 17, 45, 52, 66–68, 117, 252 Кодекси ҳуқуқи маъмурӣ (КҲМ), моддаи 95, 100 Кодекси андоз (КА), инчунин низомнома ва дастурамалҳо оид ба гузаронидани намудҳои алоҳидаи экспертиза пешбини шудаанд[1, с. 43].

Дар амалия масъалаи дар кадом ҳолатҳо аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаб кардани гузаронидани санҷиши аудиторӣ ё тафтишот ва дар кадом ҳолатҳо таъйин намудани экспертизаи муҳосибӣ–судӣ ё дигар экспертиза мушкилоти ҷиддиро пеши рӯ меорад[8, с.85]. Экспертизаи муҳосибӣ–судӣ амали ҷиноятию мурофиавӣ мебошад, ки бо қарори муфаттиш (таъйиноти суд) таъйин ва мувофиқи таҳқиқоти бо супориши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронида шуда, аз рӯйи мавод ва объектҳои дар парванда ошкоргардида, хулосаи пешниҳодкардашудаи шахсони аз илм, техника ва дигар соҳаҳои махсуси дониш воқиф гузаронида мешавад. Экспертизаи муҳосибӣ–судӣ, маъмулан, баъди тафтиши фаъолияти молиявӣ, ки риоя нашудани қонунгузории амаликунандаро ошкор ва маблағи зиёни расонидашударо муайян намудааст ва он предмети тафтишоти ҳуқуқӣ гардидааст, гузаронида мешавад. Тафтишоти фаъолияти молиявию хоҷагиро низ бо қарори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар

вақти гузаронидани экспертизаи муҳосибӣ–судӣ, гузаронидан мумкин аст, агар тафтиши пештар гузаронидашуда далелҳои кофии маблағи зарар, камомад ва ғайраро ҷамъ накарда бошад. Барои ҳалли масъалаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ тафтиш ё экспертиза ҳолатҳои зерин, ки фарқияти онҳоро нишон медиҳанд, хеле муҳимманд:

Асоси меъёрии гузаронидани экспертизаи муҳосибӣ– судӣ дар асоси қонунҳо, ҳамчунин Низомнома оид ба ташкили пешбурди экспертизаҳои судӣ дар муассисаҳои экспертии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал дар бораи гузаронидани экспертизаи муҳосибӣ–судие, ки Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Прокуратура, Суд ва Вазорати корҳои дохилӣ тасдиқ кардааст, ба танзим даврварда мешавад. Эксперт–муҳосиб дар фаъолияти худ танҳо қонун ва стандартҳои гузаронидани санҷиши аудиторӣ, муфаттиш бошад, инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрии идораеро, ки тафтишро таъйин намудаст, ба асос мегирад.

Моҳияти мурофиавии шаклҳои истифодаи донишҳои махсус дар соҳаи баҳисобгирӣ ва назорат ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ, тафтиш ё экспертиза мувофиқи талаботи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гуногун аст. Тафтиши ҳуҷҷатие, ки бо дархости муфаттиш гузаронида шудааст, мисли экспертизаи муҳосибӣ–судӣ яке аз шаклҳои истифодаи донишҳои махсус дар пешбурди судӣ мебошад. Вале бар хилофи экспертизаи муҳосибӣ–судӣ тартиби гузаронидани тафтишоти ҳуҷҷатӣ на бо санадҳои мурофиавӣ, балки бо дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ муайян карда мешавад. Экспертизаи муҳосибӣ–судӣ ба шаклҳои назорати молиявӣ дохил намешавад, балки тарзи муайян намудани маълумотҳо ва уҳдадориҳои воқеӣ мебошад.

Предмети санҷиши аудиторӣ ё тафтишот бо дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад танҳо ҳолате бошад, ки ба фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои иқтисодӣ ё фаъолияти хидматии мансабдорони алоҳидаи онҳо таалluқ дорад. Предмети экспертиза метавонанд ҳама гуна ҳолатҳое бошанд, ки аз рӯйи парванда аниқ карда мешаванд (албатта, агар барои ин донишҳои махсус зарур бошанд)[6, с. 96].

Аз ҷиҳати хусусияти иштирок дар мурофиа муфаттиш шахси мансабдор мебошад ва дар тафтишоти пешакӣ ва суд ба сифати шоҳид иштирок мекунад, баёноти шоҳидӣ медиҳад. Муфаттиш санад тартиб медиҳад, ки дар он натиҷаҳои тафтишот инъикос карда мешаванд. Эксперт дар тафтишоти пешакӣ дар суд шаҳодат намедиҳад, балки дар асоси маълумотҳо ва таҳқиқотҳои худ хулоса пешниҳод мекунад. Вай иштирокчии мурофиа мебошад ва дар доираи салоҳиятҳои худ бо иҷозати муфаттиш ё суд метавонад ба айбдоршаванда ва муфаттиш саволҳо диҳад.

Мувофиқи вазифаҳои дар назди тафтишот ҳамчун воситаи назорати маъмурию хоҷагӣ гузошташуда, муфаттиш вазифадор аст, ки дар баробари омӯхтани вазъи воқеии корҳо дар объекти таҳти назорат вайронкорӣ ва ҷиноятро ошкор намояд, дар таҳқиқ ва баҳодиҳии ин ҷиноятҳо мувазззаф аст[6, с.85]. Эксперт бошад далелҳоро танҳо дар доираи салоҳияти худ таҳқиқ ва муайян мекунад, ба онҳо баҳои тахассусӣ медиҳад. Экспертиза бо қарори шахсе, ки тафтиши пешакӣ гузаронидааст, муфаттиш, прокурор, инчунин тибқи муқаррароти суд ё қарори суд дар робита бо тафтишот ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва граждание гузаронида мешавад. Вай ба мутахассиси баландихтисос–эксперт-муҳосиб, ки корманди воҳидӣ (штатӣ) ва ғайриштатии муассисаи экспертии давлатӣ мебошад, супорида мешавад. Қонун ба сифати эксперт-муҳосиб истифода бурдани аудитореро, ки маълумоти дахлдори касбӣ дорад, иҷозат медиҳад. Интихоби чунин мутахассисон, тасдиқи ҳайати онҳо ва тартиби фаъолияти онҳоро роҳбари муассисаи экспертӣ ба амал мебарорад. Тафтишотро бо дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муфаттишони ташкилотҳои назоратии давлатӣ ё идоравӣ мегузаронанд. Ҷойи гузаронидани экспертизаи муҳосибӣ–судӣ бинои муассисаҳои экспертӣ мебошад. Дар мавриди зарурат ҷойи гузаронидани экспертизаро эксперт дар мувофиқа бо мақоме, ки экспертизаро таъйин намудааст, муайян мекунад. Тафтиш бо дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, одатан, дар ҷойи воқеъгардии объекти таҳқиқшаванда гузаронида мешавад. Қонун ҳангоми тафтишот ҳуқуқи гирифтани танҳо ҳамон ҳуҷҷатҳоро пешбинӣ мекунад, ки аз хусуси ҳуқуқвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд.

**АДАБИЁТ**

1. Расулов Т.М., Раҳимов С., Махмаризоева М., Расулов Ф. Ташхиси(экспертиза) муҳосибӣ-судӣ. Душанбе "Аржанг" – 2020
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 - Душанбе, Минфин РТ, 2009. - 185с.
3. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 - Душанбе, Минфин РТ, 2009. - 323с.
4. Ковалев В.В. Как читать баланс- М.: Финансы и статистика, 1998.
5. Расулов Т.М., Махмаризоева М., Расулов Ф. Баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар хазинадорӣ Душанбе "Аржанг" – 2019
6. Расулов Т.М. Махмаризоева М. Расулов Ф. Баҳисобгирӣ ва аудит, -.Душанбе "Аржанг" - 2019

***Расулов Т.М. – н.и.и., дотсент***
***Расулӣ Ф.Т. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***
***Маҳмаризоева М. – муаллими калон***
***Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент***

## ТАРТИБИ ЭКСПЕРТИЗАИ МУҲОСИБӢ-СУДИРО ТАЪИН КАРДАНИ МУФАТИШ

Агар ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар истифодаи усулу воситаҳои ошкорнамоӣ ва тасдиққунии далелҳо танҳо кумак лозим шавад, мутахассис даъват карда мешавад. Муфаттиш ё суд супоришро дар намуди умумӣ тартиб медиҳад. Мутахассис бо истифода аз маводди парванда ва дониши касбии худ барои муфаттиш ё суд дар шакли озод маълумотнома тайёр мекунад. Мутахассис аз рӯйи мақоми мурофиавии худ аз эксперт хеле тафовут дорад. Ҷалб намудани мутахассис яке аз шаклҳои истифодабарии донишҳои махсус буда, пешбурди экспертизаро такрор намекунад ва тағйир намедиҳад. Мутахассис бар хилофи эксперт таҳқиқоти мустақилона намегузаронад, хулоса пешниҳод намекунад, танҳо ба муфаттиш дар ошкорнамоӣ, тасдиққунӣ ва гирифтани далелҳо ёрӣ мерасонад. Ақидаи мутахассисро ба хулосаи эксперт баробар кардан нашояд. Дар назди мутахассис гузоштани масъалаҳое, ки ба салоҳияти эксперт тааллуқ доранд, раво нест. Дар айни замон масъалаҳои ба салоҳияти мутахассис тааллуқдоштаро дар назди эксперт гузоштан мумкин аст. Мутахассис барои ошкорнамоӣ, тасдиққунӣ ва гирифтани далелҳо ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ёрӣ мерасонад. Эксперт бошад, далелҳои аллакай ҷамъовардаро меомӯзад. Дар асоси чунин омӯзиш бо ёрии донишҳои махсус далелҳои нав ва пеш ба тафтишот маълумнабуда ошкор карда мешаванд [1, с.75].

Дархости муфаттиш, судя дар бораи даъвати мутахассис барои роҳбари корхона, муассиса ё ташкилоте, ки мутахассис дар он кор мекунад, ҳатмӣ буда, дар намуди дархости хаттӣ ба номи мансабдори дахлдор тартиб дода мешавад. Пеш аз оғози амали тафтишотие, ки мутахассис иштирок мекунад, ба шахсият ва салоҳияти вай боварӣ ҳосил намудан, муносибати ӯро нисбат ба айбдоршаванда ва ҷабрдида аниқ кардан зарур аст. Ба мутахассис ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти вай барои радкунӣ ё дуршавӣ аз иҷрои уҳдадориҳояш фаҳмонда мешавад, ки дар протоколи ба амали тафтишотии дахлдор қайд ва ба имзои мутахассис тасдиқ карда мешаванд. Мутахассис вазифадор аст: бо даъват ҳозир шавад; бо истифода аз донишҳои махсус ва малаки худ барои ёрӣ расондан ба муфаттиш дар ошкорнамоӣ, тасдиққунӣ ва гирифтани далелҳо дар пешбурди амали тафтишотӣ ё ҷаласаи суд иштирок кунад; диққати муфаттишро ба ҳолатҳои марбут ба ошкорнамоӣ, тасдиққунӣ ва гирифтани далелҳо равона созад; амалҳои иҷрокардаашро ба онҳо шарҳ диҳад. Вай метавонад барои дохил намудан ба протокол оид ба ошкорнамоӣ, тасдиккунӣ ва гирифтани далелҳо ариза пешниҳод

намояд. Мутахассис ҳуқуқ дорад ҷуброни хароҷоти расонидаи онҳоро, ки ба ҳозиршавии ӯ бо даъвати муфаттиш алоқаманданд, талаб намояд [1, с.142].

Барои аз иҷрои уҳдадориҳояш нисбати ӯ чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятиро ба кор бурдан ё вайро ба андозаи аз се як ҳиссаи маоши ҳадди аққал ҷарима бастан мумкин аст. Ҳангоми санҷиши андоз дар асоси шартнома барои ёрӣ расондан дар гузаронидани ин санҷиш мутахассисро, ки дониши махсус, маҳорат дорад ва ба натиҷаи кор манфиатдор нест, ҷалб намудан мумкин аст. Зимнан истифодаи шахс ба сифате мутахассис имконияти пурсиши ӯро ҳамчун шоҳиди ин ҳолатҳо истисно намекунад.

Дархости муфаттиш, судя дар бораи даъвати мутахассис барои роҳбари корхона, муассиса ё ташкилоте, ки мутахассис дар он кор мекунад, ҳатмӣ буда, дар намуди дархости хаттӣ ба номи мансабдори дахлдор тартиб дода мешавад. Пеш аз оғози амали тафтишотие, ки мутахассис иштирок мекунад, ба шахсият ва салоҳияти вай боварӣ ҳосил намудан, муносибати ӯро нисбат ба айбдоршаванда ва ҷабрдида аниқ кардан зарур аст. Ба мутахассис ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти вай барои радкунӣ ё дуршавӣ аз иҷрои уҳдадориҳояш фаҳмонда мешавад, ки дар протоколи ба амали тафтишотии дахлдор қайд ва ба имзои мутахассис тасдиқ карда мешаванд. Мутахассис вазифадор аст: бо даъват ҳозир шавад; бо истифода аз донишҳои махсус ва малаки худ барои ёрӣ расондан ба муфаттиш дар ошкорнамоӣ, тасдиққунӣ ва гирифтани далелҳо дар пешбурди амали тафтишотӣ ё ҷаласаи суд иштирок кунад; диққати муфаттишро ба ҳолатҳои марбут ба ошкорнамоӣ, тасдиққунӣ ва гирифтани далелҳо равона созад; амалҳои иҷрокардаашро ба онҳо шарҳ диҳад. Вай метавонад барои дохил намудан ба протокол оид ба ошкорнамоӣ, тасдиккунӣ ва гирифтани далелҳо ариза пешниҳод намояд. Мутахассис ҳуқуқ дорад ҷуброни хароҷоти расонидаи онҳоро, ки ба ҳозиршавии ӯ бо даъвати муфаттиш алоқаманданд, талаб намояд. Барои аз иҷрои уҳдадориҳояш нисбати ӯ чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятиро ба кор бурдан ё вайро ба андозаи аз се як ҳиссаи маоши ҳадди аққал ҷарима бастан мумкин аст. Ҳангоми санҷиши андоз дар асоси шартнома барои ёрӣ расондан дар гузаронидани ин санҷиш мутахассисро, ки дониши махсус, маҳорат дорад ва ба натиҷаи кор манфиатдор нест, ҷалб намудан мумкин аст. Зимнан истифодаи шахс ба сифате мутахассис имконияти пурсиши ӯро ҳамчун шоҳиди ин ҳолатҳо истисно намекунад.

Дар раванди тафтишот ва муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ ҳалли баъзе масъалаҳо дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар донишҳои махсусро тақозо менамоянд. Дар ин мавридҳо мақоми тафтишотӣ, муфаттиш, прокурор ё суд экспертиза таъйин мекунанд.

Эксперт шахсест, ки дар соҳаи фаъолияти инсон дар соҳаи мушаххас дониши махсус дорад ва аз ҷониби мақоми тафтишотӣ, суд ё дигар мақомоти давлатӣ (масалан, судӣ ҳакамӣ) барои гузаронидани экспертиза ҷалб карда мешавад.

Мавқеи мурофиавии эксперти муҳосиби судӣ бо қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Шахс баъди қарор қабул кардани (муайян кардани) мақоме, ки кори тафтишотӣ ё судӣ дар пешбурди вай мебошад, ба эксперт табдил меёбад. Корманди муассисаи илмию тадқиқотии криминалистӣ бошад, мувофиқи ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти эксперти судӣ, ки қонун муқаррар намудааст, аз лаҳзаи аз ҷониби роҳбар ба ӯ супоридани пешбурди экспертиза ва додани маводди барои экспертиза воридшуда ҷиҳати гузаронидани экспертиза ҳуқуқ пайдо мекунад. Якҷоя кардани вазифаи эксперт ва пурсанда, муфаттиш, прокурор ё суд раво нест, ҳатто агар онҳо дар ҳамон ҳаҷм мисли эксперт дониши махсус дошта бошанд ҳам.

Эксперт-муҳосиб шахсест, ки дар соҳаи баҳисобгирии муҳосиботӣ дониши зарурӣ дорад, оид ба экспертизаи муҳосибӣ–судӣ аз тайёрии махсус гузаштааст ва тахассуси эксперти муҳосибӣ–судӣ-ро гирифтааст. Ба сифати эксперт-муҳосиб танҳо мутахассиси соҳаи баҳисобгирии муҳосиботӣ, тафтишот ва назорат, аудит ва таҳлили фаъолияти хоҷагӣ даъват карда мешавад. Вале бояд қайд кард, ки ба сифати эксперт ҳар кадом шахси дороӣ дониши зарурӣ барои хулосабарориро даъват кардан мумкин аст. Барои гузаронидани экспертиза экспертҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мутахассисонро метавон ҷалб кард. Агар дар рафти гузаронидани экспертиза муайян шавад, ки эксперт барои гузаронидани

экспертиза аз рӯйи парвандаи мазкур маҳорат надорад ё донишаш нокифоя аст, вай бесалоҳият дониста шуда, аз гузаронидани экспертиза барканор карда мешавад [1, с.172].

Меъёри асосии дуруст ва объективӣ будани хулосаҳои эксперт-муҳосиб асоснокии ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирие мебошад, ки далели (факти) амалиёти хоҷагии гузаронидашударо, ки объекти тафтишот ва таҳқиқоти экспертиза шудааст, тасдиқ менамояд.

Объективияти хулосаи эксперт ҳуқуқи худрадкунии экспертро кафолат медиҳад. Масалан, худрадкунии ӯ бо қарори далелноки муфаттиш, таҳқиқгар, суд ё прокурор ҳал карда мешавад. Бо ҳамин ҳолатҳо айбдоршавандае, ки аз рӯйи парвандаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида шудааст, экспертро рад карда метавонад.

Радкуниро мақомоти ҳифзи ҳуқуқе баррасӣ менамоянд, ки дар хусуси иваз намудани эксперт қарор қабул мекунанд. Ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти мурофиавии экспертҳо ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ, инчунин тартиби огоҳкунии эксперт дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои раднамоӣ, канорагирӣ аз додани хулоса ё хулосаи зурурии ошкоро бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Ҳуқуқҳои эксперт-муҳосиб дар Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси гражданӣ, суди олии иқтисодӣ мустаҳкам карда шудаанд. Эксперт мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқ дорад хулоса пешниҳод кунад ва ба пурсишҳо ҷавоб диҳад, хулоса барорад, ба забони модарӣ ва агар забони модариро надонад, бо ҳамон забоне, ки мурофиаи судӣ бурда мешавад, дархост пешниҳод намояд. Мувофиқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятӣ эксперт ҳуқуқ дорад ба амалҳо шахсе, ки таҳқиқи пешакӣ мегузаронад, муфаттиш, прокурор, ки ҳуқуқи экспертро вайрон мекунанд, эътироз кунад; ба суд барои маҳдуднамоии муҳлати вақти иштирокаш дар маҷлиси суд, ки барои таҳқиқи далелҳои ба предмети экспертиза дахлдошта зарур аст, дархост пешниҳод намояд.

Қонунҳои мурофиавӣ ба экспертҳо-муҳосибон, агар якҷоя кор кунанд, ҳуқуқ додааст, ки хулосаи муштарак тартиб диҳанд ва имзо гузоранд, дар мавриди ихлофи ақида хулосаҳои алоҳида пешниҳод кунанд.

Эксперт-муҳосиб барои мукофотонӣ ва пардохти хароҷоти ба назди муфаттиш ва ба суд омаданаш, ғайр аз хароҷоте, ки барои вазифаи хидматиаш мекунад, ҳуқуқ дорад. Ҳаҷм ва тартиби пардохти музди кори эксперт-муҳосиб, инчунин ҷуброни хароҷоти ӯро кодексҳои гражданӣ, иқтисодӣ ва ҷиноятӣ ба танзим медароранд.

Ғайр аз ин, мувофиқи моддаҳои кодексҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва иқтисодӣ эксперт ҳуқуқ дорад:

- бо маводди парвандаи ҷиноятӣ ва гражданӣ, ки ба предмети экспертиза тааллуқ доранд, шинос шавад;

-дар хусуси ба вай додани маводди иловагии барои хулосабарорӣ зарур дархост пешниҳод намояд;

-бо иҷозати шахсе, ки таҳқиқот мебарад, муфаттиш, прокурор, суд (судя) дар пурсишҳо ва дигар амалиёти тафтишотӣ ва судӣ иштирок кунад;

-бо иҷозати суд ба ҷабрдида, даъвогар, ҷавобгарон ва намояндагони онҳо, ҳимоятгар ва судшаванда савол диҳад;

-ба мақоми таҳқиқкунанда, муфаттиш, суд дар бораи вобаста ба ҳолати мушаххас ба вай додани маводди зарурӣ дархост пешниҳод намояд.

Эксперт ҳуқуқ дорад хулосаи иловагӣ диҳад ё дар рафти пурсиш хулосаашро дигар кунад, он вақт экспертизаи такрорӣ таъйин карда мешавад ё хулосаи пештар пешниҳодшуда дуруст ҳисобида мешавад.

Эксперти дар амалиёти тафтишотӣ иштироккунанда дар рафти баамалбарории ҳуқуқҳои мувофиқи моддаи 82 КМҶ ба вай додашуда ҳуқуқи эътироз кардан надорад.

Вазифаҳои эксперт-муҳосиб дар қонунҳои мурофиавӣ дар баробари ҳуқуқҳои ӯ пешбинӣ карда мешаванд. Муҳимтарини онҳо дар моддаи 82 КМҶ номбар шудаанд. Қонун вазифаҳои экспертро тавре ба танзим даровардааст, ки бояд пуррагӣ ва объективияти таҳқиқотҳои вай, риояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ба экспертиза алоқаманди иштирокчиёни

мурофиа, инчунин дар мавридҳои зарурӣ маҳфуз доштани сирри маводди эксперизаро таъмин намоянд. Эксперт-муҳосиб вазифадор аст: – ба муфаттиш (таҳқиқгар), прокурор, суд, роҳбари муассисаи экспертиза дар бораи ҳолатҳое, ки иштироки ӯро дар парвандаи мазкур истисно менамоянд, хабар диҳад. Ба ӯ дар навбати худ асосҳо барои худрадкунӣ фаҳмонда дода мешаванд;

Тафтиши пешакии фаъолияти ба қонуни мурофиавии ҷиноятӣ асосёфтаи шахсони мансабдор оид ба тез ва пурра кушодани ҷиноятҳо, ошкор намудани ҷинояткорон мебошад. Он аз ҷониби муфаттишон, прокурорҳо, инчунин мақомоти тадқиқотӣ, ки пеш аз ҳама, ба сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ тааллуқ доранд, гузаронида мешавад [1, с.164].

Экспертизаи муҳосибӣ–судӣ вақте таъйин карда мешавад, ки баъди гузаронидани амалҳои санҷиши тафтишотӣ ва ба даст овардани маводди эътимоднок барои гузаронидани ин экспертиза дар назди муфаттиш масъалаҳои махсусе пайдо шуда бошанд, ки онҳоро танҳо мутахассис-муҳосиб ҳал карда метавонад.

**АДАБИЁТ**

1. Расулов Т.М., Раҳимов С., Махмаризоева М., Расулов Ф. Ташхиси(экспертиза) муҳосибӣ-судӣ. Душанбе "Аржанг" – 2020

2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 – 185 с.

3. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 – 323с.

4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.

5. Басовский Л.Е.Теория экономического анализа: Учеб. Пособие. – М,:ИНФРА-М, 2001

6. Ковалев В.В., Волкова О.Н. Анализ хозяйственной деятельности предприятия М.: Проспект, 2000

7. Расулов Т.М. Махмаризоева М. Расулов Ф. Баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар хазинадорӣ Душанбе "Аржанг" – 2019

8. Расулов Т.М. Махмаризоева М. Расулов Ф. Баҳисобгирӣ ва аудит.Душанбе "Аржанг" – 2019

***Нидоев П.Ф. - н.и.и., дотсент***
***Хушбахти Ҷ. – магистрант***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲО

Дар шароити имрӯза зарурати омӯзиши масъалаҳои минтақавӣ ба миён омадааст. Чунки, барои ҳаматарафа омӯхтани рушди иқтисоди миллӣ мушкилоти минтақаҳоро бояд таҳлил намуд. Иқтисоди минтақа дар доираи фаҳмиши худ якчанд ҷанбаҳо дорад: якум – усули ташкили фаъолияти хоҷагидории минтақаи муайян дар таркиби иқтисоди миллӣ, дуюм, соҳаи илме, ки иқтисоди минтақаҳои алоҳида, таркиби дохилии он ва муносибати мутақобиларо бо воҳидҳои минтақавии дигар мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Сеюм, фанни таълимие, ки омӯзиши он дар накшаҳои таълимии факултахои иктисодии баъзе мактабҳои олӣ пешбини мегардад. Ҳамаи ин ҷанбаҳо бо якдигар алоқамандии зич дорад, зеро онҳо асоси ягона ва ҳамон як соҳаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд, ки дар он инкишоф ва идоракунии маҳаллӣ (мунисипалӣ) ба вуқӯъ меояд.

Мавзӯи иқтисодии минтақа мураккаб ва гуногунпаҳлӯ буда аз инҳо иборатанд:

Ҳангоми баррасии мавзӯҳои иқтисоди минтақави мафҳумҳои асосиеро муайян намудан зарур аст, ки дар асоси онҳо ба вуҷуд овардани тасаввуроти асосноки илмӣ оиди иқтисоди минақавӣ имконпазир мегардад. Мафҳуми аввалин - масоҳат ба шумор меравад.

**Ҷадвали 1.**

| № | ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА | |
|---|---|---|
| 1. | ***Иқтисоди минтақаи муайян*** | иқтидорҳои захиравӣ ва истеҳсолӣ, таркиби соҳавӣ, шароити зиндагӣ, механизми амалнамой ва идоракунии иқтисодиёт; |
| 2. | ***Робитаҳои иқтисодӣ байни минтақаҳо*** | кушод будани минтақаҳо, алоқамандии мутақобилаи онҳо; |
| 3. | ***Низомҳои иқтисодии минтақавӣ*** | иқтисоди миллӣ ҳамчун низоми минтақаҳои якҷояамалкунанда; |
| 4. | ***Ҷойгиркунии кувваҳои истеҳсолкунанда*** | хусусиятҳои минтақаҳо дар бобати ҷойгиршавии захираҳои табиӣ, аҳолӣ, истеҳсолот, инфраструктураҳо ва ғайра); |
| 5. | ***Ҷанбаҳои минтақавии ҳаёти иқтисодии минтақаҳо*** | аз назари ба амалории ҷараёнҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, меҳнатӣ ва молявӣ. |

«Масоҳат – ин қисмати (маҳдуди) қабати сахти болоии замин аст, ки дорои хусусиятҳо ва захираҳои табиӣ ва анропогенӣ буда, бо дарози, масоҳат ҳамчун намуди махсуси манбаи макониӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва бо дигар сифатҳо тавсифшаванда буда, ки мавриди фаъолияти мушаххас ё тадқиқотҳо қарор мегирад». Яккел набудани таркиби масоҳатҳо аз рӯи нишонаҳои муҳимтарани иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, миллӣ, демографӣ, таърихӣ ва ғайра ё аз ҳад бузург будани масоҳат зарурати тақсим кардани масоҳатро ба қисмҳо – ноҳияҳо, минтақаҳо, зонаҳо пеш меорад.

Ноҳия аз масоҳати маҳдудгардонидашудае иборат мебошад, ки дорои хислати якпорчагӣ, алоқаманди унсурҳои таркибӣ, тамомият мебошад, ки зимнан ин тамомитяро шароитҳои объективӣ ва қонунмандии инкишофи масоҳати мазкур тақозо менамояд. Муродифи мафҳуми «ноҳия» «минтақа» мебошад, ки мафҳуми русии он – регион аз лотинӣ ба маънои сарзамин, кишвар, вилоят ҷудо кардан омадааст [1].

Таърифҳои асосии зерини аз тарафи умум қабулгардидаи ноҳия (минтақа) - ро мумкин аст:

1. Вилоят (ноҳия, қисмате аз кишвар), ки аз дигар қмсматҳо бо маҷмӯи хусусияҳои табиӣ ё таърихан ташаккулёфтаи иқтисодию ҷуғрофӣ тафовут дошта бо хусусиятҳои ҳолати миллии аҳолӣ ҳамбастагӣ дорад;

2. Шакли фазоию ташкилии фаъолияти ҳаётии аҳолӣ;

Воҳиди калони мураккабташкили тақсимоти истеҳсолию минтақавии кишвар;

3. Минтақа – масоҳат дар ҳудуди маъмурии кишвар, ки дорои хусусиятҳои зерин: тамомият, маҷмуият, махсусгардонидашуда ва идорашавандагӣ мебошад. Мафҳуми «минтақа» инчунин нисбат ба ҷомеаҳои байналмилалӣ – минтақаҳои ҷаҳон низ истифода мегардад. Масалан, минтақаи ИДМ, минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бар ҳамгироии иқтисодиёти давлатҳои алоҳида асос меёбад. Кушода гардидани бозорҳои миллии молҳо, кор, сармояи барои ташвиқи инкишофи муносибатҳо байни минтақаҳои миллӣ мусоидат менамояд. Мафҳуми дигари асосии иқтисодии минтақа - фазои иқтисодӣ аст. Фазои иқтисодӣ - ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳудуди муайян мебошад. Тақсимоти ҳудудро ба минтақаҳо минтақабанди менамоянд. Вобаста ба меъёрҳои таснифи минтақаҳо митақабандиҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст.

*Минтақаи иқтисодӣ* – комплекси ҳудудию истеҳсолӣ аст, ки дар асоси масоҳати калон ба вуҷуд омада аз қисматҳои дигари кишвар бо махсус гардонда шудани хоҷагии халқ, мавқеи ба худ хоси иқтисодию ҷуғрофӣ, зохираҳои табиӣ ва мнҳатӣ фарқ мнкунад. Минтақаи иқтисодӣ бо қисматҳои дигари кишвар тавассути тақсимоти ҷамъиятии мехнат алокаи ногусастани дорад

**Меъёрҳои таснифи митақабандиҳо**

минтақабандии иқтисодӣ дар асоси тақсимоти ҳудудии меҳнат (ноҳия ва зонаҳои иқтисодӣ, комплексҳои ҳудудию истеҳсолӣ, марказҳои саноатӣ);

тақсимоти маъмурию ҳудуди (ҷумҳурӣ, кишвар, вилоят, ноҳияи маъмурӣ, шаҳр, ноҳияи шаҳрак):

минтақабандии иқтисодӣ аз рӯйи мушкилотҳои мавҷуда.

**Нақшаи 1. Меъёрҳои таснифи минтақаҳо митақабандиҳо**

Ҳалқаи асосӣ дар системаи минтақабандии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

*Маркази саноатӣ* - гурӯҳи истеҳсолоте мебошад, ки дар масоҳати начандон калон зич ҷойгир карда шуда байни ҳамдигар бо робитаҳои истеҳсолӣ алоқамананд, дорои системаи умумии ҷобаҷокунӣ, инфрасткрутураи иҷтимоӣ ва техникӣ таркибёфта мебошад.

Масоҳати кишвар бо дар назардошти шароити табиӣ, иқлим, хусусиятҳои орогидрографӣ, хоку замин, геологӣ ва ғайра мумкин аст ба зонаҳо тақсим карда шавад. Дар натиҷа имконият фароҳам меояд, ки иқтидорҳои имконпазир ва дурнамоӣ рушди ҳудудҳо бо асоснокии бештар муайян карда шавад. Тақсимоти маъмурию ҳудудӣ - инчунин намуди минтақабандиест, ки барои ба амал баровардани мақсаднок, инкишоф додани ҳудуди муайян бо таъсиррасонии доимӣ ба рафти таҳаввулоти иқтисодию иҷтимоӣ бо дарназардошти махсусиятҳои ҳудудӣ мавриди назар, имконият медиҳад [1].

Мавҷуд будани мушкилоте, ки ҳалли онҳо ба манфиатҳои рушди вилоятҳои гуногуни ҷуҳурӣ ё ноҳияҳои гуногуни яке аз вилоятҳои ҷумҳурӣ дахолат мекунад, заруратеро ба миён меоварад, ки дар системаи умумии ҳудудӣ минтақаҳои ва истилоҳ мушкилотдор ҷудо карда шавад.

Ҳар як минтақа дорои мушкилоти худ мебошад, вале ҳар кадом минтақаро ба шумори минтақаҳои мушкилотдор нисбат додан маънӣ надорад. «Минтақаи мушкилотдор» - гуфта минтақаеро мегӯянд, ки мустақилона ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқисодии худ ё ба амал татбиқ сохтани имкониятҳои ба андозае зиёди худ қодир нест ва аз ин рӯ, ба дастгирии фаъолонаи давлат эҳтиёҷ дорад. Ба навъҳои асосии минтақаҳои мушкилотдор минтақаҳои сустараққикарда, касодшуда, бухронӣ мансуб мебошанд.

*Минтақаҳои сусттарақикарда* (қафомонда) – минтақаҳое мебошанд, ки нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ иқтисодии онҳо доимо дар давоми муддати тӯлонӣ пасттар аз нишондиҳандаҳои миёнаи кишвар қарор доранд.

Минтақаҳои сустараққикарда ё қафомонда одатан дорои сатҳи пасти инкишофи иқтисодӣ ва зиндагии аҳолӣ мебошад. Чун қоида, дар ин минтақаҳо қафомонии қобили мулоҳиза аз бештари минтақаҳои кишвар дар соҳаи истеҳсолию техникӣ ва иҷтимоиёт ба мушоҳида мерасад.

*Минтақаҳои касодшуда* - минтақаҳои дар гузашта аз нуқтаи назари иҷтимоию иқтисодӣ инкишофёфта мебошанд, ки бо сабабҳои гуногун дар давоми солҳои охир дар ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ қарор доранд.

Минтақаҳои касодшуда аз қафомонда бо он фарқ мекунанд, ки бо вуҷуди дар ҳоли ҳозир нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии аз нишондиҳандаҳои миёнаи кишвар пасттаранд, ин минтақаҳо пешрафта буданд ва ҳатто аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар кишвар мавқеи намоёнро ишғол менамоянд. Чун қоида ин минтақаҳо дорои сатҳи ба андозае баланди иқтидорҳои андӯхтаи истеҳсолию техникӣ, ҳиссаи қобили мулоҳизаи истеҳсолоти саноатӣ дар таркиби иқтисод ва сатҳи нисбатан баланди кормандони ихтисосманд мебошанд. Бо вуҷуди он бо сабабҳои гуногун ин минтақаҳо аҳамият ва бартариятҳои иқтисодии пештараи худро аз даст додаанд.

*Минтақаҳои бӯҳронӣ* – ин минтақаҳои касодшуда ва қафомнда мебошанд, ки нишондиҳандаҳои аз ҳама бадтарин рушди иҷтимоию иқтисодӣ дошта, ба дстгирии давлат эҳтиёҷ махсус доранд. Минтақаҳои бӯҳронӣ бо вазъи фалокатбори чи соҳаи иқтисодӣ ва чи иҷтимоӣ гирифтор буда ба ёрмандии таъҷилии давлат ниёзманд мебошанд. Хусусияти ин намуди минтаққабандии иқтисодӣ аз он иборат аст, ки вай сартосарӣ ва бефосила нест, яъне минтақаҳои мушкилотдори ҷудокардашаванда тамоми масоҳати кишварро фаро намегиранд.

Барои донистани хусусиятҳои минтақа ҳамчун объекти татқиқот ва идоракунӣ, ошкор сохтани махсусиятҳо ва фарқиятҳои он аз дигар оъектҳои идоракунӣ зарур аст, ки тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дида баромарда шавад. Ва он иборат аст аз муайян намудани тафовутҳо дар навъҳои гуногуни фаъолияти инсон, намудҳо ва зернамудҳои истеҳсолӣ, ки марбут ба шахсони алоҳида, истеҳсолт, ҳудудҳо ва кишварҳо буда, шарти муҳими инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷомеъа ба шумор мераванд.

Дар ин ҳол, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар ду шакли асоси – шакли ҳудудӣ ва шакли соҳавӣ ифода ёфта инкишоф меёбад.

Тақсимоти ҳудудии меҳнат дар назар дорад, ки соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот ба минтақаҳои муайян вобаста карда шаванд. Асоси табиии он дар ин ҳол тафовутҳое ба шумор мераванд, ки дар шароити табиӣ, иқлимӣ ва иқтисодии минтақаҳои гуногун вуҷуд доранд. Асоси иқтисодии ин шакли тақсимоти меҳнат тафовут дар ҳудудҳои гуногун мебошад, ки бинобар бастубанди махсус доштани омилҳои номбаршуда дар ҳар кадом минтақа ба вуҷуд меояд. Тақсимоти соҳавии меҳнат мавҷуд будани соҳа ва истеҳсолоти алоҳидаро дар назар дорад, ки эҳтиёҷи мухалифи ҷомеа ба воситаи онҳо қонеъ гардонда мешавад. Ҳолат ва инкишофи соҳа, истеҳсолоти соҳа, истеҳсолоти алоҳида аз бисёр ҷиҳат батаркиби миқдорию сифатии омилҳои истеҳсолот иртибот доранд. Барои рушди мутъадили иқтисоди минтақа, чунон ки тамоми кишвар дар маҷмӯъ, зарурат аст,ки манфиатҳои минтақавӣ ва соҳавӣ дар якҷоягӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар робита бо ин, принсипҳои ҳудудӣ ва соҳавии тақсимоти меҳнат бояд бар пояи самтҳои асосии зерин асос ёбанд:

- ✓ ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда бар асоси наздик намудани истеҳсолоти соҳавӣ ба захираҳои ашёи хом, энергия ва захираҳои меҳнати;
- ✓ аз назари иқтисодӣ мувофиқи мақсад будани оптимизатсиякунии алоқамандии байни ҳамдигарии чунин доираҳои такрори истеҳсолкуни соҳавӣ ба монанди наздик сохтани истеҳсолот ба истеъмолкунандагон, ки он ҷанбаи комилан возеҳи минтақавӣ дорад;
- ✓ бастубанди гуногун ба истеҳсолот, ки дар заминаи ба ҳам пайвастани тамоми марҳилиҳои (зинаҳои) баъдии коркарди ашёи хоми минтақа то тавлиди маҳсулоти ниҳоӣ, асос ёфтааст.

Тақсимоти ҳудудии меҳнат хусусияти соҳавии онро такмил дода омили тавонои самарабахшии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мегардад.

Иқтидори иқтисодӣ барои ҳалли мушкилоти рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа заминро муҳайё сохта, андозаҳои имконпазири миқдорӣ ва сифати рушдро муайян менамояд.

Маҷмӯи омилҳои рушди минтақа иқтидори рушди минтақавиро ташкил медиҳад. Сатҳи истифодабарии иқтидори иқтисодӣ бо пешрафти ҳалқаҳои функционалии он, хусусиятҳои робитаҳои мутақобила ва фаъолияти байниҳамдигарии онҳо алоқаи ногусастанӣ дорад. Ҳафт зерсистемаҳои функционалки бо ҳам зич алоқамандand фарқ кардан мумкин аст, ки иқтидори иқтисодиро ҳамчун система пурратар тавсиф менамоянд (расми 1).

Хусусиятҳои муҳимтарини ин система ҷуни наст:

- ➲ система ҳамчун комплекс аст, ки чунин маънӣ дорад, ки ҷузъҳои ба таркиби иқтидори иқтисодӣ дохилгардида бе якдигар амал карда наметавонад;
- ➲ доимии функционалӣ дар фаъолияти байниҳамдигарии байни зерсистемаҳо мушоҳида мешавад;
- ➲ таъсирпазирӣ, ки самтгирии муайяни афзоиши ҳар кадом зерсистема ва системаро дар маҷмӯъ ифода менамояд.




**Нақшаи 2. Таркиби функционалии иқтисдори иқтисодии минтақа**

Мавҷуд будани захираҳои табиӣ шарти асосии дар минтақа ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ба ҳисоб меравад. Миқдор, сифат ва бандабасти захираҳо, неруи захираҳои табиии минтақаро муайян намуда, омили муҳими ҷойгиркунии аҳолӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ мегардад. Неруи захираҳои табиии минтақа ба махсусгардонии бозори минтақа ва мавқеи он дар тақсимоти меҳнат таъсир мерасонад.

*Неруи захираҳои табиии минтақа* – ин қисме аз маҷмуи захираҳои табиӣ мебошад, ки бо сатҳи муайяни инкишофи иқтисодию техникии ҷомеа ва омухта шудани минтақаи мазкур мумкин аст, ки барои фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити ҳозира ва дар оянда истифода гардад. Омухтани захираҳои табиӣ, азхудкунии иқтисодии онҳо, яке аз масъалаҳои умдатарини иқтисоди минтақавӣ мебошад. Дар робита бо ин, вазифаҳои асосии зерини тадқиқотҳои минтақавиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Омузиши сохт, таркиб, миқёсҳо, самаранокии иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ дар ҳудуди минтақаҳои муайян ҳамчун заминаи ташаккули комплексҳои хоҷагидории минтақавии дараҷаҳои гуногун дар минтақаҳои калон;
2. Омузиши анвои дар ҳудуди минтақа будаи захираҳои табӣӣ ва дурнамои азхудкунии иқтисодии онҳо бо мақсади рушди комплексии истеҳсолот дар минтақаҳо ва муайян сохтани тарзҳои аз ҳама самарабхши азхудкунӣ ва истифодабарии захираҳои табиӣ;
3. Баҳодиҳии иқтисодии захираҳои табиӣ;
4. Дурнамосозии тамоюлҳои ҷойгиркунӣ ва баҳрабардории иқтисодӣ ва захираҳо;

Аз руйи таснифи иқтисодӣ захираҳои табиодатан ба ду гуруҳ ҷудо карда мешаванд:

✦ захираҳои истеҳсолоти моддӣ, яъне захираҳое, ки дар саноат ва кишоварзӣ истифода мегарданд (захираҳои сузишворию энергетикӣ, металлҳо, ашёи агрохимиявӣ, чуб, захираҳои моҳӣ, хок, обу обёрӣ ва ғайра);

✦ захираҳои ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла захираҳои бевосита ва бавосита истеъмолшаванда (оби нушокӣ, манбаъҳои истироҳатӣ ва ғ).

Аз руйи пайдоиш ва хислатҳои табиӣ захираҳоро ҷудо мекунанд:

◎ захираҳои минералӣ (канданиҳои фоиданок);
◎ захираҳои замин;
◎ захираҳои обӣ;
◎ захираҳои биологӣ;
◎ захираҳои иқлимӣ (гармӣ ва равшании офтоб, боришҳо);
◎ захираҳои энергияи ҳодисаҳои табиӣ (гармии дохилии замин, бодҳо ва ғайра).

Аҳамияти бағоят муҳимро захираҳои минерлӣ доранд. Аз руйи хусусияти истифодабарӣ захираҳои минералӣ ба се гуруҳ ҷудо мешаванд:

⌧ сузишворию энергетикӣ (нафт, гази табиӣ, ангишт, торф, варақҳои сузанда);
⌧ маъданҳои металӣ – маъданҳои металлҳои сиёҳ, ранга, нодир, ва асил;
⌧ маъданҳои ғайриметалӣ, ба қатори онҳо фосфоритҳо, намакҳои гуногун, абрақ, графит, асбест, маолеҳи сохтмон дохил мешаванд.

Дар шароити ҳозира дар соҳаи кашфи минбаъдаи захираҳои табиӣ вазифаҳои нав гузошта мешавад. Диққати махсус ба таҳким ва тавесаи заминаи ашёию маъдании кишвар, баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати омодасозии захираҳои кашфшудаи канданиҳои фоиданок барои баҳрабардорӣ, равон карда мешавад.

*Иқтидори меҳнатӣ* – ҷузъи муҳимтарини таркибии потенсиали иқтисодӣ буда, он ба сифати ҳалқаи пайвасткунандаи тамоми зерсистемаҳо хизмат мекунад. *Иқтидори меҳнатӣ* – ин маҷмӯи захираҳои меҳнатӣ аст, ки дорои ягонагии миқдорию сифатӣ ва сатҳи муайяни муташаккилӣ мебошад. Дар таркиби он нишондиҳандаҳои зерини миқдорию сифатӣ шомиланд: шумора ва ҳайати ҷинсию синусолии аҳолии қобили меҳнати маҳаллаи муайян, давомнокии миёнаи умр, донишу таҷриба, сатҳи тандурустӣ ва фарҳанг, дараҷаи кӯчиши аҳолӣ.

Минтақаҳо дар қатори мушкилоти умумӣ дорои мушкилоти танҳо ба онҳо хосбуда низ ҳастанд, аз ин рӯ хусусиятҳои хоси минтақаҳоро дар назар гирифтан зарур аст. Вазифаи аввалиндараҷаи рушди минтақаҳо ба эътидол овардани инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, вале вазифаи стратегӣ таъмин намудани рушди комплексӣ ба воситаи амалӣ гардонидани бартариятҳои мутлақ ва нисбӣ мебошад, ки ҳар кадом минтақаи ҷумҳурӣ дорад. Аммо ҳоло муайян намудани минтақаҳои бӯҳронии ҷумҳурӣ бағоят муҳим аст. Маҳз нисбати онҳо аз ҷониби давлат бояд сиёсати дастгирӣ татбиқ гардад, қабул намудани қонун «Дар бораи дастгирии давлатии минтақаҳои мушкилотдор» дар ин замина мувофиқи мақсад аст. Барои таҳия намудани асосҳои сиёсати иҷтимоӣ дар минтақаҳо маълумотҳое оморие бояд мавриди таҳлил қарор дода шаванд, ки вазъияти иҷтимоиро баён месозад.

Тафриқгузории ноҳияҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаи шиддати вазъияти иҷтимоӣ.

Ҷадвали 2.

| ***Минтақаҳое, ки вазъияти нисбатан муносиби иҷтимоӣ доранд*** | ***Минтақаҳое, ки вазъияти ногувори иҷтимоӣ доранд*** | ***Минтақаҳое, ки вазъияти иҷтимоии шадид доранд*** |
|---|---|---|
| 1. Турсунзода<br>2. н. Б.Ғафуров<br>3. Сарбанд<br>4. Норак<br>5. Истаравшан<br>6. Ашт<br>7. Рашт<br>8. Конибодом<br>9. Зафаробод<br>10. Панҷакент<br>11. Шаҳристон<br>12. Ваҳдат<br>13. Шаҳринав<br>14. Рӯдакӣ<br>15. Исфара<br>16. н. Ҷ.Расулов<br>17. Кӯлоб<br>18. Варзоб | 19. Ғончӣ<br>20. Ишкошим<br>21. Тавилдара<br>22. Мастчоҳ<br>23. Шуғнон<br>24. Кӯҳистони мастчоҳ<br>25. Дарбанд<br>26. Ёвон<br>27. Ҷиргатол<br>28. Колхозобод<br>29. Рушон<br>30. Мурғоб<br>31. Дарвоз<br>32. Ҳисор<br>33. Ванҷ<br>34. Файзобод<br>35. Фархор<br>36. Рошқалъа<br>37. Данғара | 38. Айнӣ<br>39. Роғун<br>40. Ҷиликӯл<br>41. Панҷ<br>42. Шӯрообод<br>43. Бохтар<br>44. Вахш<br>45. н.Н.Хисрав<br>46. Тоҷикобод<br>47. Восеъ<br>48. Шаҳритус<br>49. Балҷувон<br>50. Қабодиён<br>51. Қумсангир<br>52. Ховалинг<br>53. н.Ҷ.Румӣ<br>54. Мӯъминобод |

Сохтори ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир воҳидҳои маъмурию ҳудудии зеринро дар бар мегирад:

- шаҳри Душанбе;
- шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- вилояти Суғд;
- вилояти Хатлон;

➢ вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 58 ноҳия, 23 шаҳр, 47 шаҳрак, 356 ҷамоати деҳот мавҷуд аст.

Ҳудуди ҷумҳурӣ аз рӯи нишонаҳои табиию иқтисодӣ одатан ба ҳафт минтақа тақсим мешавад: минтақаи Шимолӣ, минтақаи Зарафшон, минтақаи Ҳисор, минтақаи Вахш, минтақаи Кӯлоб, минтақаи Рашт (Ғарм), минтақаи Кӯҳистони Бадахшон.

Ҳар кадом минтақаи ҷумҳурӣ (ҳамун воҳиди махмурӣ ва ҳамчун минтақаи табиӣ) дорои шароитҳои инкишофи худ мебошад. Ҳангоми асоснок намудани рушд, ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси минтақаҳои алоҳида, зарур аст.

Ҳамин тавр ҳамгироии иқтисодӣ - ин якҷояшавии ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ мамлакатҳо мебошад, ки ҳар як аъзои ин ё он гурӯҳи ҳамгирои масъалаҳои стратегии худро дорад.

Чуноне, ки аз таҳлилҳо бар меояд рушди ҷараёни ҳамгироӣ хусусияти асоситарини инкишофи хоҷагии давлатӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Таҳлили усулҳои муосири ташхис ва арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо нишон дод, ки усулҳои мавҷудаи ташхис наметавонанд пурра вазъи иҷтимоию иқтисодиро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ кунанд. Дар навбати худ, усули комплексии арзёбӣ ва ташхиси рушди минтақаҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳо ва иқтидорҳои имконпазири рушди минтақаҳо равшан карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., № 1581)

2. Авдокушин Е. Ф. Международные экономические отношение. М: Юрист, 2015-368 с.

3. Батманова Е. С., Томилов П. С. Мировая экогомика и международные экономические отношение: Екатеринбург 2016-118 с.

4. Борко Ю. А. Буторшиной О. В. ЕС на пороге XXI века: Выбор стратегии развития. – М.: Эдиторная УРСС, 2014. – 471 с.

5. Глинкин. А.Н. Интеграция в Западном полушарии М.: 2000.



***Ахмедова М.Ф. - старший преподаватель***

***Институт туризма, предпринимательства и сервиса***


## РОЛЬ И МЕСТО ЛЮДЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

В современном мире люди стараются использовать свои возможности на сто процентов, чтобы улучшит своё жизненный положения и повисит свой социальный статус в обществе. Но ест непредвиденные обстоятельства, которые замедляют или разрушают наши планы и вынуждает нас, просит помощи у государства или из других источников. И этими людьми являются, инвалиды под которым понимается взаимодействие людей с нарушениями здоровья с личными и контекстовыми факторами, такими как негативное отношение, недоступность транспорта и общественных зданий и ограниченная социальная поддержка. По оценкам ВОЗ более 1 миллиарда людей имеют какую-либо форму инвалидности. Это соответствует примерно 15% населения мира, причем до 190 миллионов (3,8%) людей в возрасте 15 лет и старше испытывают значительные трудности в функционировании, часто нуждаясь в медицинских услугах. [1].Количество людей с инвалидностью возрастает отчасти в связи со старением населения и увеличением бремени хронических нарушений здоровья. В нашей стране согласно закону Республике Таджикистан о социальной защите инвалидов, в котором сказано инвалид - лицо, имеющее нарушение здоровья со стойким расстройством функций организма, обусловленное заболеваниями, травмами, физическими и умственными дефектами, приведшими к ограничению жизнедеятельности, и вызывающее необходимость в

его социальной защите. В соответствии со статистикой, представленной Министерством здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, на начало 2019 года в стране зарегистрировано 149 тысяч лиц с инвалидностью, из которых около 27 тысяч – дети с инвалидностью, 15 тысяч – инвалиды 1-ой группы.[2]. Также согласно исследованием путей доступа лиц с инвалидностью к рабочим местам на рынке труда Таджикистана общественным организацией Центр инновационного развития количество лиц с инвалидностью по регионом республики выглядит следующим образом. Таблица.1.

Как показывают данные таблицы 1, количество ЛсИ к количеству населения по регионам республики составляет: ГБАО - 2,9%, Согдийская область – 1,8%, Хатлонская область – 1,6% РРП – 1,4%. Душанбе – 1,8%, по республике данное отношение составляет - 1,7%. Отсюда вывод: доля ЛсИ в ГБАО к населению превышает средне республиканский уровень. Самое низкое соотношение наблюдается в РРП. В среднем количество ЛсИ к населению по республике составляет – 1,7%.

Основоположник мира и национального единства Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, выступая на встрече с работниками сферы здравоохранения 1 сентября 2018, отметил, что содержание детей - инвалидов в год обходится государству в 24 миллиона сомони, на одного ребёнка-инвалида приходятся свыше 14 тысяч сомони. Общее количество детей-инвалидов по состоянию 1 апреля 2018 года составляет 26 тысяч человек, из которых 2 тысячи в настоящее время содержатся в учреждениях здравоохранения и социальной защиты населения.[3].

Таблица.1.Количество лиц с инвалидностью по регионам республики.[2].

| № | Регионы | Население (тыс. чел) | Количество ЛсИ (чел.) | % ЛсИ от населения |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ГБАО | 223,6 | 6487 | 2,9 |
| 2 | Согдийская обл. | 2608,5 | 47138 | 1,8 |
| 3 | Хатлонская обл. | 3198,5 | 51431 | 1,6 |
| 4 | РРП | 2069,2 | 27982 | 1,4 |
| 5 | Душанбе | 831,4 | 14808 | 1,8 |
| | Итог | 8931,2 | 147846 | 1,7 |

Следует, отметит, что Таджикистан в сфере доступа лиц с инвалидностью к услугам, в том числе, реабилитации, имеет ряд трудностей, которыми являются следующее:

- недофинансирование сфер здравоохранения, реабилитации и социальной защиты;
- не реализация действующих нормативных актов на практике;
- отсутствие мониторинга и оценки реализации нормативных актов;
- низкий уровень социально-экономической жизнедеятельности и образования инвалидов и их семей;
- отсутствие высококвалифицированных специалистов в сфере здравоохранения, реабилитации и социальной защиты;
- дефицит реабилитационных услуг по трудоустройству, особенно, в сельских местностях;
- барьеры во внешней среде, с которыми сталкиваются инвалиды;
- отсутствие достаточной информации о пользе и потенциале услуг реабилитации и др.

Перечисленные факторы не дают человеку возможности обеспечить себе и своей семье достойный уровень жизни с учетом сложившихся в современном обществе общепринятых стандартов. Доходы таких лиц ниже прожиточного минимума, качество жизни низкое, поэтому возникает необходимость в защите со стороны государства. Но как показывает практика большинство людей с ограниченными возможностями, находятся на попечительстве

своих родных и не обращаются за помощью государству и далее семьи, в которых воспитываются, дети инвалиды они сталкиваются финансовыми трудностями.

Связи с этим особое внимания должно удалятся следующим мерам и рекомендациям индивидуальной программы реабилитации:

1. Публиковать нормативные правовые акты, связанные с индивидуальной программой реабилитации лиц с инвалидностью и распространить среди специалистов этой области для контроля;

2. Довести до заинтересованных государственных органов, организаций и лиц Приказ № 412 Министерства здравоохранения и социальной защиты РТ от 7 июня 2019 года о разработке и реализации индивидуальной программы реабилитации лиц с инвалидностью, а также формуляр Индивидуальной программы реабилитации;

3. Разработать и опубликовать новое методическое руководство "Методика подготовки и реализации индивидуальной программы реабилитации лиц с инвалидностью";

4. Организация обучающих курсов, тренингов, круглых столов и семинаров по изучению нормативно методических документов, связанных с индивидуальной программой реабилитации;

5. Вовлекать руководителей и ответственных сотрудников Государственной службы медик социальной экспертизы, учреждений первичной медико-санитарной помощи, консультативных и медицинских комиссий городских и районных Центров здравоохранения, органов труда и занятости населения и других учреждений в участие на тренингах, семинарах и круглых столах по индивидуальной программой реабилитации;

6. Проводить мониторинг и оценку процесса реализации индивидуальной программой реабилитации, выборочно в столице, административных центрах и во всех страны;

7. Запустить информационную кампанию в СМИ: специальные программы на телевидении, радио и других средствах массовой информации.

В заключении нужно отметит что, социальная защита инвалидов - действия и средства государства и общества, ориентированные на комплекс экономических, социальных и правовых гарантий для инвалидов, обеспечивающий поддержание достойного уровня их материальной и духовной жизни, и базирующийся на принципах международного права по отношению к инвалидам со стороны государства и общества. Современная система социальной защиты инвалидов показал, что основными направлениями является социальная поддержка, социальное обслуживание, социальное обеспечение, социальная помощь. системы социальной защиты инвалидов на местном уровне в настоящее время с стороны правительство страны делается все возможное для облегчения жизни данным категориям граждан.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Режим доступа: https://www.who.int/ru/news-room/fact-sheets/detail/disability-and-health

2. Источник: Государственная служба медико-социальной экспертизы, 2019 г. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Численность населения Республики Таджикистан, с.9, 2018 г.

3. Общественная организация «Центр инновационного развития» Исследование путей доступа лиц с инвалидностью к рабочим местам на рынке труда Таджикистана. Душанбе 2020.г.126.с.22-23

4. Социальная защита инвалидов. Учебное пособие для академического бакалавриата Авторы книги: Бегидов М. В., Бегидова Т. П.

5. Жаворонков Р.Н. Права инвалидов в области образования // Жизнь с диагнозом? Сборник статей. - М.: МГППУ, 2005. - 0,5 п.л.

6. Жаворонков Р.Н. Концепция Института информационных и гуманитарных технологий. 2006 - 0,5 п.л.

*Пиров Қ. - н.и.и., дотсент*
*Эмомов И.Б. - н.и.и., дотсент*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

## АҲАМИЯТИ ТАКМИЛИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

Моҳияти донистани забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ дар тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зарурати омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои пешрафти илмию техникии ҷомеа боиси он гаштааст, ки имрӯзҳо баргузор намудани чорабиниҳои муҳими сатҳи байналмилалӣ чун анъана қарор гирифтаанд. Дар замони ҳозира оид ба забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи байналмилалӣ ва байнифарҳангии муошират, дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тақозои давру замон мебошад, мулоҳизаҳои судманде иброз шудаанд.

Омӯзиши забон ҷараёни мураккабу заҳматталаб буда аз омӯзгор дар баробари дониш, инчунин ҷиддият ва эҷодкориро талаб менамояд. Табиист, ки барои таълим додани забон мутахассисе бештар комёб мешавад, ки ӯ аз лиҳози амалия таҷрибаи қавиро соҳиб аст.

Бо талаботи прогресси илмию техникӣ ва ба хотири дар сатҳи ҳозиразамон баланд бардоштани донишу маърифати маданию техникии ҳар як шаҳрванди Ҷумхурии Тоҷикистон лозим аст, ки яке аз забонҳои хориҷиро ба дараҷаи лозимӣ аз бар намояд.

Дар шогирдон такмил додани малакаи мустақилӣ ва муносибати эҷодкорона бо забон бо истифода аз дониши ҳосилкарда дар фаъолияти меҳнатӣ ва дар оянда мукаммал намудани ҳам дониши назариявӣ ва ҳам амалӣ аз вазифаҳои муҳиме ба шумор меравад, ки бояд ҳар як омӯзгор онҳоро дар марҳилаи аввали омӯзиши забон ба донишҷӯён такмил дода тавонад. [4, с.98]

Барои омӯзгорон солҳои пеш мушкилоти асосие, ки пеш меомад, ин махсусиятҳои фардию равонии донишҷӯён буд, ки таҳқиқу таҳлили ин масъала вақти бисёреро мегирифт. Айни ҳол ин масъала роҳи ислоҳи худро пайдо кард. Дар ин замина ҳамчунин нобаробарии донишу тайёрии донишчуён сатҳи ҷаҳонбинии онҳо низ муассир аст. Методикаи кори омӯзиши забони хориҷӣ барои донишҷӯёни гурӯҳҳои ибтидоӣ вижагиҳои худро доро мебошад ва то кунун кор карда нашудаст. Дар байни осори методии гуногуни ин соҳа ақидаву мулоҳизаҳои ҷолибе мавҷуданд, аммо омӯзгорони ҷавон аз ин баҳри бекарони ғояву андешаҳо баъзан наметавонанд равияи лозимиро интихоб кунанд. Аз ин рӯ, баъзе аз онҳо ба хатоҳои ислоҳнопазир роҳ медиҳанд.

Чунин роҳу усулҳои нави самарабахшӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз қабили аудиовизуалӣ, гипнопедикӣ, сугестопедикӣ, ки бо унвони лозаноаи низ машҳур аст ва ғайраҳо барои навомӯзон чандон муфид нестанд.

Баъзе маводҳо доир ба ин масъала дар асарҳои методистону равоншиносоне, чун И.М. Герман, А.А. Герт, В.С. Гинзбург ва дигарон ҷой доранд.

Айни замон, олимони забоншинос ба хулосае омаданд, ки омӯзиши забон дар гурӯҳи калонсолон бояд аз ташаккул додани нутқи шифоҳӣ оғоз гирад. Чунончи, И.М. Герман менависад, ки агар мақсади асосии калонсолон фақат хондан бошад, пас марҳилаи аввали омӯзиш бояд машқи муҳовара бошад. [5, с.54]

Аз набудани ягон дастури таълимию методӣ омӯзгорон дар дарсҳои худ бо гурӯҳҳои ибтидоӣ аз усулҳои омехта истифода мебаранд, ки бо тақозои шароит ҷавобгӯ бошанд. Дар чунин ҳолатҳо аз ҳама муфидтар мубодилаи таҷрибаи эҷодию методии худи омӯзгорон нақши хубтаре мебозад. Аз рӯи чунин амал хулоса ва натиҷаҳои дар амал санҷидашуда ба даст меояд.

А.Г. Миронова чунин мешуморад, ки ба даст овардани ягон намуди натиҷаи дилхоҳ ҳангоми омӯзиши забони ғайр танҳо дар ҳолати бештар кардани дарсҳои амалӣ муяссар мегардад. Аз ин ҷо ҳам, ӯ чунин пешниҳод дорад, ки ба донишҷӯён ҳар чӣ бештар китобҳои ба забони хориҷӣ интишоршударо бояд тавсия намоем. Ва аз рӯи ҳамаи мавзӯъҳои пешбинишуда бояд айни як матнро ба ду забон ба донишҷӯ пешкаш кунем.

Аз рӯи назарияи мазкур ҳар як мавзӯъ бояд чунин унсурҳоро фарогир бошад:

а) нақл (топик) бо тарҷумаи пурааш;

б) матн бо шарҳаш;

в) матнҳои бетарҷумаи санҷишӣ;

г) ифоданок хондани матн аз тарафи устод;

д) гӯш кардани матнҳои аудиовизуалӣ.

Ҳамин тариқ, дар 8 дарс 14 матн хонда шуда, дар охир матни иловагие дода мешавад, ки аз рӯи он натиҷаи ба даст омадаро месанҷанд, ва дар ин замина истифодаи воситаи тхникии таълим низ муҳим аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ҷанбаҳои мусбии худ усули мазкур ба андешаи мо, мураккаб буда, иҷрои он нозӯкиҳои зиёдеро тақозо менамояд.

Малакаи фаъолияти омӯзгории З.В. Гранитский, ки дар асоси назария бунёд ёфтааст, таъими забони хориҷиро дар гӯрӯҳҳои ибтидоии донишҷӯён матраҳ месозад. Ӯ барои самаранокии омӯзиши забон дар гурӯҳҳои навоғоз диққати бештар додан ва тарзи таллафӯз ва муошират тавсия карда, усули амалии муҳовараро дар мисоли омӯзиши забони франсавӣ ба таҳқиқ гирифтааст. Дарвоқеъ, дар заминаи машқҳои фонетикӣ баланд бардоштани малакаи муҳовараи донишҷӯён хубтар муяссар мегардад. Баъди сабақгардониҳои нахустини талаффузӣ қоидаҳои хониш тавсия мешаванд, он бо худ матн ва шарҳи мухтасари грамматикӣ дорад. Дар тақвияти усулӣ забономӯзии мазкур нақши воситаҳои техникӣ ҳам муҳим аст. [6, с.8]

Омӯзгори забони хориҷӣ дар гурӯҳҳои ибтидоӣ бояд ҳамеша фаъолияти мустақилона амал кардани забономӯзиро ба донишҷӯён талқин созад. Чигунагии идомаи ин амал дар қадамҳои нахустин асос меёбад. Барои ин машқҳои гуногуни эҷодӣ ва матнҳои зарурӣ лозим мешаванд, ки дар донишҷуён малакаи забондониро меафзоянд.

Муҳимтарин омил дар омӯхтани забон кор бо матн мебошад. Аз ин ру, ҳангоми тартиб додани корҳои методию таълимӣ ба усули таълими омӯзиш диққати бештар додан лозим аст. Ин ҷо зикр намудани мулоҳизоти Г.В Скворцоваро лозим медонем, ки ба хато роҳ додани муаллимони забони хориҷӣ баён доштаанд. Ҳадаф ин аст, ки бархе аз омӯзгороне, ки усулҳои нави таълимро ба кор мебаранду паҳлуҳои нозуки кори таълимиро сарфи назар месозанд, охир ба норасоиҳо роҳ медиҳанд, ки ислоҳи он дар оянда мушкил мегардад. Ин норасоиҳо иборатанд аз беаҳамиятии муаллим ба сомеон, аҳамият надодан ба дониши грамматикии гирифтаи донишҷӯ ва гузаштан ба маводи нави луғавӣ, инчунин, диққат надодан ба тарзи муошироти донишчуён, ки дар охир онҳо наметавонанд дониши назариашонро ба амал ворид созанд. Дар ин замина дуруст истифода набурдани воситаҳои техникӣ низ дар нокомии забономӯзӣ метавонад муассир бошад.

Усули кори консервативии омӯзгоронро Г.В Рогова танқид карда меафзояд, ки хангоми дарс муаллим бояд чун воситаи муҳаррик амал кунад. Зеро у мефаҳмонад, мепурсад, мехонад, суол медиҳад ва ғайра. Дар чунин ҳолат забономӯзон ҳамчун шунаванда мемонанду фаъол нестанд. Агар дар синфхона акси ин падида амалӣ мебуд, малакаи муошироти донишҷӯён қаввитар мешуд.

Мулоҳизаҳои методистони соҳаи забонро хулоса карда ин қазияи асосиро, ки дар амал татбиқ шудани малакаи забондони пеш аз ҳама ба маҳорати омӯзгор вобастаги дорад, метавон ҷонибдорӣ кард. Ба қавли Ш. Хус омӯзгори хуб метавонад бо усули қафомондаи таълим ҳам натиҷаҳои назаррас ҳосил кунад. Вале, вақте ки омӯзгор таҷрибаи кофии корӣ надорад, аз он ҷо, ки беҳтарин усули таълимро пеша мекунад, аз ӯ маҳсули некро интизор шудан ғайриимкон аст.

Дар амалия мавриди истифода кардани ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мулоҳизоти педагогии муҳаққиқони мазкур дар заминаи таҷҳизоти навини технологии таълим барои минбаъд ташаккул додани малакаю маҳорати омӯзгорони соҳаҳои забони хориҷӣ аз аҳамият холӣ нест. Зеро амалияе, ки дар заминаи назарияи комили таҳқиқӣ сурат мегирад, ҳама вақт маҳсули дилхоҳ ба бор меоварад. Аз дигар ҷониб, барои амалӣ кардани ҳамаи он мулоҳизот пеш аз ҳама мусаллаҳ будан бо табиат ва қавонини забони модарӣ лозим аст. Зеро то

нозукиҳои забони модарии худро омӯзгор маърифат нанамояд, наметавонад ба табиат ва таълими забони ғайр ворид гардад.

Адабиёт
1. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. - М., 1989.
2. Виноградов В.В. Вступительное слово, "Вопросы терминологии". – М., 1961, -3 с.;
3. Влахов С., Флорин С. Непереводимое в переводе. - 2-е изд. Испр. И доп.-М.: Высш. Шк.,1986. -426
4. Гинзбург, Хидекель. Лексикология английского языка. - М., 1981.
5. Герман И.М. Как надо изучать иностранные языки. М. –Л. Изд. АПНРСФСР.1929. с. 54.
6. Границкая А.С. Некоторые проблемы научной организации учебно-воспитательного процесса в вузе. В кн.: Вопросы научной организации и планирования учебного процесса по иностранному языку. М.МГПИИЯ, 1975- С.8.

***Махмадуллоев А.Н. – ассистент***
***Институт туризма, предпринимательства и сервиса***

## ПРОДУКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ И КОММУНИКАТИВНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

История педагогики богата не только новациями в области методов и организационных форм обучения. На разных этапах параллельно развитию технической мысли шло интенсивное внедрение всевозможных средств наглядности, технических средств в учебный процесс. Все делалось для повышения эффективности предлагаемых инноваций и учебного процесса в целом. В конечном итоге в педагогике, дидактике всегда преследуется одна единственная цель - воспитание и образование подрастающего поколения. Очень мало технических устройств было разработано специально для учебного процесса. Пожалуй, в этом ряду можно назвать лишь графопроектор и лингафонное устройство для уроков иностранного языка. Все остальные технические средства педагоги заимствовали из быта: граммофон, проигрыватель, магнитофон, телевизор, видеомагнитофон, наконец - компьютер. Эти полезные вещи создавались для обустройства разных сфер жизни человека. Каждая из них обладает определенными свойствами, возможностями, определяющими ее назначение в быту, культуре, экономике и пр. И каждый раз, исходя из предполагаемого назначения того или иного технического средства, мы пытаемся выделить присущие ему технические качества, которые могут помочь в решении проблемы определенной области знания, культуры и будут полезными повседневной жизни. Педагоги никогда не стояли на стороне этого процесса.

Развитие систем связи в экономически развитых странах мира привело к появлению уникальной сети Интернет. В Таджикистане выбор провайдеров Интернет достаточно широк и позволяет найти для себя возможность работы, которая в наибольшей степени соответствует запросам и возможностям каждого конкретного абонента [2, с. 43-47].

Интернет - это глобальная сеть, объединяющая пользователей из различных организаций, государственных учреждений и частных фирм, а также частных пользователей. Прообразом Интернет была экспериментальная сеть Министерства обороны США. Сейчас сеть Интернет распространена по всему миру, и ее пользователями уже стали сотни миллион человек. За последние несколько лет произошли кардинальные изменения в подходе программистов к применению компьютерных телекоммуникаций (КТК). Свойства и функции КТК становятся гораздо более мощными, сфера применения, в частности в педагогике, резко расширяется. Возникает такое мощное направление учебной деятельности с применением КТК, как сетевые публикации. Практически любой результат, полученный учащимися в ходе учебного проекта или просто на уроке, в считанные минуты может быть опубликован в сети Интернет. Фактически любая учебная деятельность с применением средств новых информационных технологий теперь может не просто считаться, но и реально быть сетевой.

Несомненно, новые компьютерные технологии играют важную роль в обучении иностранным языкам на современном этапе. Особое место отводится Интернет.

Главным образом, это зависит от широкого спектра возможностей сети.

Во-первых, Интернет позволяет постоянно получать новую информацию на интересующую тему. При этом информация на иностранном языке будет совершенно аутентичной и, кроме того, современной.

Во-вторых, существующие сайты позволяют отследить уровень своих знаний, выполняя то или иное тренировочное упражнение.

В-третьих, с помощью Интернет можно создать подлинную языковую среду на основе интенсивного общения с носителями языка, работой с аутентичной литературой, аудирования оригинальных текстов, что, несомненно, способствует повышению уровня мотивации студентов.

И, наконец, Интернет является незаменимым помощником при обучении различным видам и аспектам речевой деятельности.

Ресурсы Интернет, несомненно, могут присутствовать на всех этапах обучения иностранному языку. Особенно важную роль глобальная сеть будет играть при самостоятельной работе студентов, побуждая их к поисковой и творческой деятельности.

Дидактические возможности сети очень велики. Она может стать средством достижения образовательных целей как для студентов, так и для преподавателя. В этом случае преподаватель становится помощником, выполняющим работу, которая наиболее органична в современном контексте образования. Интернет не заменяет преподавателя, а становится одним из наиболее важных средств обучения иностранному языку на современном этапе [1, с. 96].

Интернет позволяет также интенсифицировать процесс обучения лексике на основе выполнения детьми разных, но равных по сложности заданий. Приведём примеры упражнений на употребление лексических единиц в *речевой* деятельности:

Составить целостный диалог из разрозненных реплик;

Догадайтесь о значении слов, сходных с русскими, и проверьте точность догадки по словарю;

Назовите существительные, которые могут сочетаться с данным глаголом;

Подберите устно к данным словам антонимы, синонимы и т.д.

При выполнении таких заданий возможна работа двух студентов за одним компьютером, т.е. Интернет кроме обеспечения вариативности заданий способствует формированию у ребят умение работать индивидуально и в паре. При обучении с использованием Интернета контроль осуществляется на всех этапах обучения лексике за счёт того, что с его помощью решается проблема обратной связи. Таким образом, Интернет создаёт условия для индивидуализации и интенсификации процесса обучения лексике, обеспечивая выполнение равных по сложности упражнений всеми студентами одновременно [7, с. 3-11].

Таким образом, Интернет-проекты - это образовательные технологии, позволяющие их участникам решать свои учебные (образовательные) задачи при помощи организации собственной деятельности в кооперации с партнерами и коллегами (в том числе из разных стран) и использованием ресурсов Интернет.

В деятельности педагогического сообщества использование интернет-проектов создает условия для обеспечения современного уровня образования, развития профессионального мастерства и эффективного повышения квалификации педагогов, расширения границ образовательных пространств, приобретения опыта мультикультурного взаимодействия, существования идей культуры мира и построения практики народной дипломатии.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Азимов Э.П. Материалы Интернета на уроке ИЯ // "ИЯШ", 2001. - №1. - с.96.
2. Бужинская В.В. Работа над английским произношением на начальной ступени коммуникативного обучения иноязычному говорению // "ИЯШ",- 1991. - №4. - С.43-47.
4. Владимирова Л.П. Интернет на уроках иностранного языка // "ИЯШ", 2002. - №3. - с 39.

5. Дистанционное обучение. Учебное пособие / Под ред. Е.С. Полат. - М.: Гуманит. Изд. Центр ВЛАДОС, 1998 - 192 с.
6. Макаревич И.Г. Использование Интернета на уроке ИЯ // "ИЯШ", 2001. - №5. - с.40-43.
7. Полат Е.С. Интернет на уроках ИЯ "ИЯШ", 2001. - №3. - с.5.

***Сафаров Н.У.***
***Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон***

## *МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ: ОМИЛҲО ВА САБАБҲОИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

Муҳоҷирати байналхалқии қувваи кор яке аз заминаҳои муносибатҳои бозорӣ мебошад, чунки бояд ҳаракати озоди аҳолии фаъоли иқтисодиро дар қатори ҳаракати молҳо ва маблағҳои молиявӣ таъмин намояд. Муҳоҷирати аҳолӣ ҳодисаи позитивӣ мебошад, ки азнавтақсимкунии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнатро имконпазир мегардонад.

Муҳоҷирати байналхалқӣ ду тарафи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дорад:

1) Эмигратсия – яъне кучида рафтани аҳолии қобили меҳнат аз мамлакати истиқомат барои зисти доимӣ ва ё дарозмуддат ба дигар мамлакати истиқомат;

2) Иммигратсия – яъне ворид шудан (одатан муваққатӣ) – и қувваи корӣ ба ин ва ё он мамлакат аз хориҷа.

Мувофиқи таснифоти таҳиякардаи Созмони умумиҷаҳонии меҳнат муҳоҷирати муосири меҳнатӣ ба 5 намуди асосӣ тақсим мешавад:

1) Онҳое ки дар асоси қарордод кор мекунанд ва дар он муҳлати қарор доштан дар мамлакати қабулкарда амиқ муайян карда шудааст. Асосан инҳо коргарони мавсимӣ мебошанд, ки барои ҷамъ кардани ҳосил меоянд ва инчунин муҳоҷирони беихтисос ё ки камихтисос корҳои ёрирасон фаъолияткунанда мебошанд;

2) Профессионалҳо – ки бо дараҷаи баланди тайёрӣ, таълимоти мувофиқ ва таҷрибаи кофии корӣ фарқ мекунанд. Ба ин гуруҳ намояндагони профессорону устодонро дохил мекунанд;

3) Иммигрантҳои – ғайрилегалӣ, ки онҳо асосан аз хориҷиёни муҳлати раводидашон ба охир расида ё ки раводиди сайёҳидошта иборатанд, ки фаъолияти меҳнатӣ машғул мешаванд. Миллионҳо намоядагони ин гуруҳ доимо дар ШМА, мамлакатҳои Аврупо, Япония Амрикои Ҷанубӣ ва ҳатто Африқо қарор доранд;

4) Муҳоҷирон – яъне онҳое и ба ҷои доимии зист мераванд. Ин гуруҳи муҳочирон пеш аз ҳама барои рафтан ба мамлакатҳои мутараққии саноатӣ майл доранд;

5) Гурезагон – яъне нафароне, ки иҷборан аз ватани худ бинобар сабаби ин ё он таҳдид ба ҳаёт ё ки фаъолият ба дигар мамлакатҳо муҳоҷир мешаванд.

Муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ дар зери таъсири сабабҳое ба вуқуъ меоянд, ки бо шароити иҷтимоию иқтисодии дар ин ё он мамлакат ҷойдошта алоқамандӣ дорад. Дар қатори онҳо мавқеи асосиро онҳо ба монанди вазъи демографӣ дар мамлакат, сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, ҳиссаи баланди бекорӣ дар доираи аҳолии қобили меҳнат ва аз ҷумла, бо вуҷуд надоштани ҷойҳои кори ихтисосҳо ва касбҳо мувофиқ ишғол мекунанд.

Ниҳоятан, давраи сеюми муҳоҷиратт баъди ба охир расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз мешавад. Дар ин марҳила ду гуруҳи ба ҳам муқобили муҳоҷирон аз мамалакатҳои сусттарақикарда ба мутараққӣ хос аст. Аз як тараф маҷрои хеле калони коргарони беихтисос ва камихтисос аз тарафи дигар бошад муҳоҷиршавии кадрҳои илмӣ ва мутахасисон яъне «ҳиҷрати ақлони ба миён омадааст[10,с.98-99].

Пеш аз ҳама муҳоҷирати қувваи корӣ ба тараққиёти истеҳсолоти калони мошини вобаста аст, ки нобаробарии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои ҷудогонаро ба миён овард. Дар мамлакатҳое, ки дар онҳо суръати суст инкикшоф ёфта истода барзиёдии нисбии қувваи корӣ ба миён омада бекорӣ пайдо мешавад. Барои бартараф кардани чунин

вазъият асосан воридоти қувваи кориро истифода мекунанд. Дар мамлкатҳои суст тарақиқикарда сатҳи пасти зиндагӣ ва музди кори начандон баландошта, ки асосан хоси давлатҳои ру ба тараққи мебошад одамонро маҷбур месозад, ки ба дигар мамлакатҳо муҳоҷир шаванд.

Ба ғайр аз сабабҳои ичтмоию иқтисодӣ боз сабабҳои дигари муҳоҷират ҷой дорад. Ноустувории сиёсӣ ё ки гурехтан аз таъқиби сиёсӣ. Дискриминатсияи наҷодӣ, динӣ ва миллӣ сабабҳои дигари муҳоҷират мебошанд. Ҳолатҳои ҷангӣ, эвакуатсия ва ғайраҳо низ сабаби муҳоҷират шуда метавонанд. Инчунин, васеъшавии системаи байналхалқии иттилоот ба одамон дарк кардани имкониятҳои васеи иҷтимоию иқтисодии дигар мамлакатҳоро медиҳад ва барои муҳоҷиршавӣ мусоидат мекунад. Ниҳоятан инкишоф ва арзоншавии воситаҳои нақлиёт раванди муҳоҷиршавии одамонро тезонид.

Дар замон муосир ба муҳоҷирати қувваи корӣ тамоюлҳои зерин хос аст. Асоси маҷрои муҳоҷиратро мисли пештара коргарон ва қисми камтари онро хизматчиён ташкил мекунанд. Аммо шакли нисбатан нави муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ – ҳиҷрати кадрҳои илмию техникӣ мебошад. Барои пайдо кардани шароити беҳтарини зиндагӣ барои истифодаи қобилияти худ ва сатҳи баланди зиндагӣ, шахсони соҳибмаълумот асосан ба ШМА, Аврупо ва Федератсияи Руссия муҳоҷир мешаванд[10, с.10-12].

Дар қатори омилҳои барангезандаи муҳоҷират мақсадҳои моддӣ бартирият доранд. Вале мисли пештара сабабҳои сиёсӣ, динӣ ва этникӣ ҷой дорад, ки одамон аз як мамлакат ба мамлакати дигар муҳоҷир мешаванд. Яке аз қонуниятҳои асосии муҳоҷирати муосири байналхалқӣ ин зиёдшавии миқёси он ба ин раванд ҷалбшавии меҳнаткашон аз ҳамаи континентҳо мебошад.

Дар солҳои охир вобаста ба бад шудани вазъи сиёсӣ дар мамлакатҳои Шарқи наздик муҳоҷирати ғайриқонуни зиёд шуда ба соҳибкорон имконияти истифодабарии қувваи кории арзон ва беҳуқуқро дода гирифтани фоидаи баландро таъмин менамояд.

Тибқи маълумоти Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ), дар соли 2020 дар ҷаҳон 272 миллион муҳоҷири байналмилалӣ мавҷуданд (ки ин 3,5 фоизи тамоми аҳолии дунёро ташкил медиҳад). Иёлоти Муттаҳидаи Амрико маъмултарин макони муҳоҷирони хориҷӣ боқӣ мемонад. Муҳоҷирати байналмилалии одамон ҳоло ба ҳадди рекордӣ расидааст, ки дар он зиёда аз 41 миллион нафар муҳоҷирони дохилӣ ва қариб 26 миллион гурезаҳо зиндагӣ мекунанд.

Инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамавақт бо ҷойивазкунии захираҳои меҳнатӣ (муҳоҷират) ҳам байни қитъаҳо ва ҳам дар дохили онҳо мушоҳида мешуд.Сабабҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ бо наборабарии инкишофи иқтисодии мамлакатҳои иштирокчиёни робитаҳои хоҷагидорӣ шарҳ дода мешуд.Ҷараёнҳои пулии ҳарсола, ки муҳоҷирати байналхалқии қувваи кориро ҳамроҳи менамояд, то имрӯз садҳо миллард долларро ташкил дода, аз рӯи миқёс бо сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ қиёспазиранд.Дар ҳолати таҳлили инкишофи иқтисодии мамлакатҳои дар марҳилаи гузариш қарор дошта ба маврид аст, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун омили дохилии молиякунонии хориҷӣ дида шавад. [10,с.17].

Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнати сарчашмаи устувори воридшавии асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, метавонад бевосита ба вазъияти иқтисодии хоҷагиҳои хонагӣ таъсир расонад.Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки мамлакатҳои тараққикарда сарчашмаи асосии интиқоли маблағҳо барои мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва мамлакатҳои дигари рӯ ба инкишоф сарчашмаи интиқоли маблағҳо барои мамлакатҳои сатҳи пасти даромад дошта ба ҳисоб мераванд.

Тадқиқотҳои гузаронида шуда муайян намуданд, ки интиқоли маблағҳо ба оилаҳо дар ҳолатҳои вазнин ёри медиҳанд, ки ба маъориф ва тандурустӣ роҳ ёбанд, инчунин бизнеси хурд ва миёнаро сармоягузори намоян Ба ҳама маълум аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли маблағҳои ба он алоқаманд оқибати ногаҳонии гузариши баъзе мамлакатҳо аз иқтисодиёти фармонфармоӣ ба иқтисодиёти бозорӣ мебошад.Тоҷикистон ҳам яке аз инҳо ба ҳисоб меравад.Мамлакат тадриҷан баъди солҳои номуътадилии иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ барқарор шуда истодааст.Таркиши робитаҳои иқтисодӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ,

ҷанги шаҳрвандӣ ва сиёсати бади макроиқтисодӣ, маҳдудияти муносибатҳои сиёсӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя ҳамаи ин ба таври манфӣ ба муносибатҳои беруниқтисодӣ дар солҳои 1990 таъсир расонид.Иқтидори содиротӣ кам шуда бозорҳои анъанави аз даст рафтанд, системаи пардохтҳо барҳам хурд.Истеъмолоти ҳаррӯза ба кӯмаки хориҷӣ такя менамуд.Дар охир оилаҳои тоҷик барои худ роҳи дигар наёфтанд, ғайр аз он, ки ақалан яке аз аъзоёни оиларо барои кор ва гирифтани даромад равон созанд.Ин ягона кафолати зиндамонии аҳолӣ буд.

Дар доираи бӯҳрони умумиии иқтисодӣ барои ҶТ проблемаи истифодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳм хело муҳим буд.Мувофиқи маълумотҳои дурнамоии Кумитаи омори давлатӣ ва Вазорати иқтисод ва савдои ҶТ-қайд менамояд иқтисодчии машҳури тоҷик Н.Нурмаҳмадов - шумораи мутлақи аҳолии ҷумҳури то соли 2010 ба 8,5 млн.нафар, то соли 2025 ба 12,1 млн. нафар, то соли 2050 ба 18,7 млн.нафар, то соли 2060 ба 21,1 млн. нафар баробар мешавад. Тамоилҳои дар боло қайдшуда шумораи аҳолии қобилияти меҳнатӣ доштаро зиёд менамоянд. Агар ҳоло 47%-50%- аҳолиро захираҳои меҳнатии ҷамъяти ташкил диҳанд дар ин маврид шумораи онҳо соли 2010 ба 4,1 млн. нафар, соли 2025 ба 5,8 млн. нафар, соли 2050 ба 9 млн.нафар, соли 2060 ба зиёда аз 10 млн.нафар баробар хоҳад шуд. Аз байни мамлакатҳои иқтисодиёти гузариш Тоҷикистон душвориҳои давраи гузаришро тавонист, ки бе ягон кӯмаки хориҷӣ, балки ба воситаи оддии бозорӣ паси сар намояд. [9,с.3-4].

Натиҷаи тадқиқотҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар мисоли 71 мамлакати рӯ ба инкишоф нишон дод, ки интиқоли маблағҳо сатҳи камбизоатиро паст мекунад.Дар вақти таҳлил 3-нишондихандаи қаъри камбизоатӣ ( сатҳи камбизоатӣ, индекси қаъри камбизоатӣ ва индекси шиддатнокии камбизоатӣ) истифода карда шудаанд.

Дар ҳар яке аз нишондиҳандаҳо нишон дода шудааст, ки зиёдшавии ҳаҷми интиқоли маблағҳо сатҳи камбизоатиро паст менамояд.

Сатҳи камбизоатӣ – ин 10 % зиёдшавии ҳаҷми интиқоли маблағҳо бо ҳисоби миёна ба 3,5% камшавии одамоне, ки бо на кам аз 1 долл. дар як рӯз зиндагӣ мекунанд оварда мерасонад.

Муҳоҷирати қувваи корӣ ва интиқоли маблағҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар ҶТ таъсири хело мусбӣ доранд.Интиқоли маблағҳо оқибатҳои нохуби ҷанги шаҳрвандиро солҳои 1990 дар ҷумҳури осон намуд, инчунин душвориҳои давраи гузаришро низ. Дар шароити мавҷуд набудани системаи инкишофёфтаи суғуртанамои иҷтимоӣ ва самаранокии бозори дохилии меҳнатӣ муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо ягона механизми мубориза ба муқобили камбизоатӣ барои бисёри аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Интиқоли маблағҳо дар ҶТ ба зиёдшавии истеъмолот ва рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд. [4, с.65-66].

Мувофиқи хулосаҳои Бонки Миллии Тоҷикистон бузургии интиқоли маблағҳо истифодаи онҳоро барои истеъмол ё сармоя муайян менамояд. Интиқоли маблағҳо то 1000 долл. дар як сол асосан ба истеъмол, хусусан хӯрока, пӯшока ва хизматрасонии тиббӣ сарф карда мешаванд.Интиқоли маблағҳо аз 1000 то 5000 долл. барои хариди молҳои истеъмолии дуру дароз (мебел, мошин, таъмири хона) сарф карда мешавад.Интиқоли маблағҳо зиёда аз 5000 долл. барои сохтмони хонаҳо дар қишлоқ ва зиёда аз 10000 долл. барои аз нав таъмиркунии хонаҳои шаҳрӣ сарф карда мешаванд. Гарчанд аввалан қариб ҳамаи интиқоли маблағҳо барои истеъмол истифода мешуданд, инчунин қисматашон ба мақсадҳои инвеститсионӣ низ равона карда мешуд.

Соли 2020 мамлакатҳои асосие, ки аз онҳо интиқоли маблағҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешуд инҳо ба ҳисоб мерафтанд: Федератсия Россия (92,3%), Қазоқистон (2,1%), Ӯзбекистон (1,3%), Қирғизистон (0,4%) ва дигар мамлакатҳо (4%).

Вобаста ба танзимнашавии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли маблағҳо оиди шумораи муҳоҷирон ва интиқоли маблағҳои онҳо маълумотҳои аниқ вуҷуд надорад Мувофиқи сарчашмаҳои гуногун (Созмони Ҷаҳонии Меҳнат, Бонки Ҷаҳонӣ, Идораи муҳоҷирати Федератсия Россия, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ), шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар ҳудуди Федератсия Россия қарор доранд аз 420 ҳазор то 800 ҳазор коҳиш ёфтааст.

***Ҷадвали 1.***

***Натиҷаҳои сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 – 2019***

| | Сатҳи умумии камбизоатӣ бо фоиз | Сатҳи умумии камбизоатӣ бо фоиз | Сатҳи камбизоатии шадид бо фоиз | Сатҳи камбизоатии шадид бо фоиз | Ҳиссаи камбизоатии умумӣ дар сатҳи минтақаҳо дар соли 2019 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| | с.2018 | с.2019 | с.2018 | с.2019 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 27,4 | 26,3 | 11,8 | 10,7 | 100,0 |
| Шаҳр | 21,5 | 18,4 | 9,1 | 7,6 | 76,2 |
| Деҳот | 30,2 | 30,1 | 13,1 | 12,3 | 23,8 |
| ш.Душанбе | 18,0 | 18,0 | 11,1 | 9,4 | 7,8 |
| Вилояти Суғд | 17,5 | 15,4 | 6,1 | 4,4 | 15,5 |
| Вилояти Хатлон | 32,7 | 32,8 | 12,6 | 13,5 | 39,3 |
| НТҶ | 33,2 | 32,4 | 17,5 | 14,0 | 28,3 |
| ВМКБ | 27,7 | 29,7 | 11,9 | 13,3 | 9,1 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020 с.- Душанбе, - 2020 с.- с.11-12

Маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти кушоди хурди ҷумҳури таъсири институтсионали расониданд.Онҳо ба пурзўршавии рақобат байни бонкҳо мусоидат намуданд.Баъди содданамоии раванди гирифтани интиқоли маблағҳо, ки дар ин ҳолат доштани суратҳисоб дар бонк шарт набуд, бонкҳо маҷбур шуданд байни худ низ бо дигар миёнаравонии молиявӣ (Western Union, Anelic, Money Gram, Contact, Migom ва ғайра) барои ҷалби мизоҷон рақобат кунанд.

Интиқоли маблағҳо ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба пастшавии сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбӣ расонид.Аз сабабе, ки интиқоли маблағҳо асосан истеъмолотро молия менамояд, барои ҳамин ҳам таъсири онҳо ба миқёси камбизоатӣ зиёд аст.Сатҳи аҳолии дар доираи камбизоатӣ дар ҷумҳури зиндагӣ дошта, солҳои охир хело кам шуда аз 83 %- дар соли 1999 ба 26,3 % дар соли 2019 баробар шуд. [6, с.11-12].

Бино ба иттилои Вазорати меҳнат дар Тоҷикистон соли 2020 баландатарин маош 2376,2 сомонӣ ва пастарин маош 561,1 сомонӣ мебошад, ки баландтарини он ба бахши сохтмон ва пастарини он ба кишоварзӣ ва ҷангадорӣ рост меояд.Вазири меҳнат мегуяд, ки маоши миёнаи номиналӣ дар Тоҷикистон соли 2020 то 3,9 дар сад боло рафта бар муқоиса бо соли 2019 1377,17 сомониро дар бар гирифтааст. Ба назари Вазорат нишондиҳандаи беҳтарро дар ин бахш ВМКБ дорад, ки дар ин вилоят то 10,2 сад боло рафтааст. Дар Хатлон 5,9 навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 5,2 Суғд 4,1 ва Душанбе 1,5 дар сад будааст.Дар соли 2020 дар Тоҷикистон 193 ҳазор ҷои нави кори таъсис дода шудааст.Вобаста ба паҳн гардидани пандемияи covid-19 ва баста будани сарҳад миёни давлатҳо соли 2020 аз Тоҷикистон ба Федератсияи Руссия ҳамагӣ 129 ҳазору 807 нафар ба муҳоҷират рафтаанд, ки аз ин 117 912 нафар ба Руссия ва 4574 нафар ба Қазоқистон мебошад. [9,с.2-3].

Қисми асосии аҳолии Тоҷикистонро бекорон ташкил медиҳанд.Бекори ва музди кам дар ҷумҳурӣ омилҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд.Интиқоли маблағҳои кории аз муҳоҷират дастгирии зарурӣ мебошанд.Маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дастгирии зарурӣ мебошанд, ки буҷети аксар хонаводаҳои Тоҷикистон ба он ниёз доранд. Иқтисоди ҷумҳурӣ низ бештар аз интиқоли шаҳравндони Тоҷикистон аз дигар кишварҳои ИДМ вобаста аст.Ҳамин тариқ бухронҳои пандемияи covid - 19 дар тамоми давлатҳо алалхусус ба федератсияи Руссия коҳиши пешниҳодҳои ҷойҳои кориро ба бозори меҳнат оварда расонид.

Тадқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо барорем.

- Дар шароити якбора коҳиш ёфтани даромадҳо дар хонаводаҳои ҷумҳурӣ на он қадар далели рушд ва рушди муътадили иқтисоди миллӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим намебозад, балки пеш аз ҳама тақсимоти одилонаи захираҳо муҳим мебошад;
- Натиҷаҳои воқеъии рушди иқтисодӣ ба андешаи мо пеш аз ҳама бояд таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо афзоиши музди меҳнат дар асоси баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат буда, бо қабули ҳадафи чоруми стратегии мамлакат саноатикунонии босуръат ин проблема сол то сол ҳалли худро хоҳад ёфт;
- Зиёд кардани маблағгузорӣ барои барномаи кӯмаки суроғавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ташкили ҳамгироии кишвар бо бозорҳо ва донишҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ;
- Навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ ва фарогирии иҷтимоии хизматҳои асосии иҷтимоӣ

Ин ҳама ҳадафҳо ва пешниҳодҳои дар пешгузошташуда барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии аҳолии Тоҷикистон дар солҳои минбаъда хоҳад гашт.

**АДАБИЁТ**


*1.* Арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон: Эзоҳи методологӣ. Душанбе, 2015 – 76 с.
*2.* А. Пигу «Назарияи иқтисодии некӯаҳволӣ» - Москва -1985 -512 с.
*3.* Мальтус Т. Таҷриба дар бораи қонуни ҷамъият // Антологияи классикони иқтисодӣ – ҷилди – 2 – Москва – 1993 – 133 с.
*4.* Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо. Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL:https://stat.tj/tj/news/publications/main-indicators-of-the-survey-of household-budgets-of-the-republic-of-tajikistan (санаи истифодабарӣ (14.01.2021).
*5.* Норов А.К. Асосҳои иҷтимоию иқтисодии паст кардани сатҳи камбизоатӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон). Автореферат барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ - Душанбе – 2012 - 25 с.
*6.* Омори солонаи ҶТ соли 2019 нашри: Агентии омори назди Президенти ҶТ [манбаи электронӣ]. URL: https://stat.tj/tj/electronic-versions-of-publications. (санаи истифодабарӣ 20.02.2021).
*7.* Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 26 январи соли 2021, маҷаллаи «Ҷумҳурият» аз 27 январи соли 2021 таҳти № 252.
*8.* Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 [манбаи электронӣ].URL:https://vkd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/18246 strategiyai-millii-rushdi-um-urii-to-ikiston-baroi-davrai-to-soli-2030. (санаи истифодабарӣ 15.01.2021).
*9.* Ҳисоботи солонаи Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ санаи 11 феврали соли 2021 [манбаи электронӣ]. URL: http://mehnat.tj/mehnat/ (санаи истифодабарӣ 19.01.2021).
*10.* Ҳамидов С.Г., Фархудинов Ф.И. Ҷанбаҳои институтсионалии андозагирии сатҳи камбизоатӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои семинар «Дурнамои андозагирии камбизоатӣ». Женева, Швейтсария - 2- 4 декабр - 2013 - 120 с.



***Маликов М.Н. - ассистент***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***


## РОҲҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар замони муосир, ҳангоми таҳлил намудани намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, бояд қайд намуд, ки соҳибкории истеҳсолӣ аз рӯи доираи фаъолият ва самаранокиаш аз дигар намудҳои соҳибкорӣ: соҳибкории тиҷоратӣ, молию – қарзӣ, миёнаравӣ, суғуртавӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Мувофиқан фаъолиятии соҳибкорӣ ин фаъолияти хоҷагидории шахс ва гурӯҳи одамон, ки дар асоси маблағҳои худӣ, тадбиқи

навоварӣ ва ихтироот, дар шароити ҷой доштани хатар, бо истеҳсоли молу хадамот ва мақсади асосиаш гирифтани фоидаи иқтисодӣ мебошад, ба роҳ монда мешавад. Мақсади асосии тамоми шакли фаъолияти расмӣ ва ғайрирасмии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар соҳаи истеҳсолоти молӣ қонеъ сохтани талаботҳои бозорӣ (истеъмолкунандагон) ва гирифтани фоида мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ дар мамлакат, пурра таъмин намудани бозори дохила бо молҳои ватанӣ, истеҳсол намудани молҳои рақобатпазир дар бозори дохила ва хориҷа бо истифода аз дастовардҳои илмӣ – техникӣ, бояд бештар дар мамлакат соҳибкории истеҳсолӣ ба роҳ монда шавад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи соҳибкории истеҳсолӣ дар самтҳои ташкил ва бавуҷуд овардани ҷойҳои кории холӣ, истеҳсоли молҳои ивазкунандаи молҳои воридотӣ, таъмин намудани бозорҳо бо молҳои ватанӣ, дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, ворид намудани техника ва технологияи нав ба иқтисодиёти мамлакат саҳми назаррас дорад.

Дар паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон, ки 26 – уми январи соли 2021 ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ироа гардид, натиҷаи мусбии назарраси соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати мамлакат ба тарзи пурмӯҳтаво ба саҳми мардуми кишвар пешкаш карда шуд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми ватанӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатии ватанӣ равона карда шуд.

Дар натиҷа танҳо дар панҷ соли охир дар дохили кишвар ба маблағи умумии беш аз 44 миллиард сомонӣ маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол карда шуд, ки боиси хеле коҳиш ёфтани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ гардид [1].

Дар ҷумҳурӣ бо мақсади тадриҷан зиёд кардани шумораи корхонаҳои саноатӣ ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи маъданиву ғайримаъданӣ, аз қабили металҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо, нодир, сангҳои ороишӣ, ангишт ва монанди инҳо мебошад, ки ҳаҷми тасдиқшудаи онҳо садҳо миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 600 кон ва 800 зуҳурот кашф ва омӯхта шудааст, ки дорои зиёда аз 60 навъи ашёи хоми маъданиву ғайримаъданӣ мебошад. Ҳоло ҳамагӣ 27 фоизи захираҳои зикршуда истихроҷ ва коркард шуда истодааст, ки чунин ҳолат барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мо қонеъкунанда нест [1].

Аз ин лиҳоз ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва бо ин васила ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти саноатии рақобатпазир боиси пешрафти соҳа хоҳад буд.

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда буд. Танҳо соли 2020–ум 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шуданд. Дар натиҷа соли гузашта шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 расида, тибқи ҳадафҳои муайянгардида дар ҳафт соли оянда ба зиёда аз 3500 расонида мешавад, яъне беш аз 54 фоиз афзоиш меёбад [1].

Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо барои рушд додани фаъолияти соҳибкорӣ ё ҳарчи бештар афзоиш додани шумораи соҳибкории истеҳсолӣ аз манфиат холӣ нест. Дар Шароити имрӯзаи буҳрони ҷаҳонии молиявӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷои аввал меистад. Барои соҳибкорони Тоҷикистон таъсири буҳрон дучанд мебошад. Барои ҳамин ҳам мо бояд роҳҳои пешгирӣ намудани таъсири буҳрони молиявиро ба фаъолияти молиявии соҳибкорони мо ва роҳҳои раҳоиро аз ин буҳрон аз нуқтаи назари илмӣ – амалӣ ҷустуҷӯ намоем. Дар ҷумҳуриамон дар баробари мавҷуд будани низоми муайяни қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ инчунин як қатор муаммоҳои молиявӣ низ мавҷуданд, ки аз инҳо иборатанд:

1) Оид ба сиёсати андоз ва андозбандӣ - дар ин бора бояд эътироф намуд, ки шумораи номгӯи андозҳо кам ва меъёри онҳо хело паст шудааст. Лекин имрӯз ҳам соҳибкор 8-10 номгуи андози давлатӣ ва чандин пардохтҳои ғайриандозӣ месупорад, ки дар маҷмӯъ қариб 60% даромади ӯ ба буҷети давлат ва аз тарафи фондҳои ғайрибуҷетӣ ситонида мешавад.

2) Оиди сиёсати қарзӣ - яке аз нишондиҳандаҳои муҳими дастгирии соҳибкорӣ - ин маблағгузории қарзӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ мебошад. Агар маблағгузории қарзӣ дар иқтисодиёт дар соли 2007 - 3300 млн сомониро ташкил карда бошад, дар соли 2021 – танҳо ба соҳибкорони истеҳсолӣ 4 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019–ум ду фоиз зиёд мебошад. Барои боз ҳам бештар рушд ёфтани соҳибкории истеҳсолӣ, ҳаҷми маблағгузории қарзӣ бештар карда шаванд.

Барои муваффақ шудан ба суръати баланди рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои талаботҳои зерин зарур мебошанд:

- ташкили механизмҳои самарабахши дастгирии пулию қарзӣ ва суғуртаи таваккали соҳибкории истеҳсолӣ;
- таъмини ҳимоятнокии боэътимоди иҷтимоӣ ва амнияти соҳибкорон;
- ташкили механизмҳои мусбати ҳамкории соҳибкории истеҳсолӣ бо сохторҳои давлатӣ ва бозор;
- бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ дар роҳи рушди соҳибкории истеҳсолӣ;
- ташаккули бозорҳои рақобатӣ ва механизмҳои бозорӣ дар иқтисодиёт;
- ташкил намудани бозори қоғазҳои қиматнок дар малмакат, ки боиси афзудани фондҳои пулии соҳибкорони истеҳсолӣ мегардад.

Хулоса, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ метавонад ҳамчун омили муҳими тараққиёти саноати мамлакат ва густариши фаъолияти иқтисодии дохилию хориҷӣ хизмат намояд. Ба андешаи мо фақат зарур аст, ки ин соҳибкорӣ характери ашёӣ пайдо накарда бештар истеҳсоли моли тайёрро барои бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ пайгирӣ намояд. Дар устуворгардии соҳибкории истеҳсолӣ бо назардошти андешаҳои дар боло овардашуда нақши танзимсозанда ва ҳавасмандкунандаи давлат бештар ба мақсад мувофиқ аст. Аз бисёр сарчашмҳои иттилооти мо метавонем хулосабарори намоем, ки сердаромадтарин соҳибкорони дунё ё ширкатҳои бузургтарини ҷаҳон фаъолияти иқтисодии худро аз савдои хурд ё чакана (small business) барои муштариён шурӯъ намудаанд. Мутоқибан ба корхонахои муқтадир ва азими умумиҷаҳонӣ табдил ёфта, боиси мусоидати аз байн бурдани бекорӣ, коҳиш додани табақаи камбизоат ва ниҳоятан ғани гардонидани буҷаи мамлакат гардидаанд.

Рушд ва такмили муносибатҳои бозорӣ ба ташкил ва доираи соҳибкорӣ таъсир расонида, боиси мукамvалшавии ин фаъолият дар ҷамъият мегарданд. Дар ҳолати заифии муносибатҳои бозорӣ инкишофи босуръати соҳибкориро интизор шудан ғайриимкон аст. Ҷомеъа дар симои муҳимтарин ниҳоди худ - давлат бояд барои инкишофи босуръати соҳибкорӣ шароитҳо муҳайё созад ва қувваҳои соҳибкориро ҳамчун муҳарики ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ дастгирӣ намояд. Хусусан бо истифода аз фашангҳои иқтисодӣ ва сиёсати қарзии худ, давлат метавонад ба самти рушди соҳибкорӣ дар мамлакат таъсир расонад ва бештар соҳибкории истеҳсолиро ҳавасманд созад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон. Душанбе. 26.01.2021

2. Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. “Иктисоди корхона”. Душанбе: Диловар ДДМТ - 2015с.

3. Комилов А.Қ. Гулов Ш.М. “Назарияи иқтисодӣ”. Душанбе “Эр-гаф” 2016с.

*Тутизода М. – н.и.и., дотсент*
*Маликов М.Н. - ассистент*
*Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат*

.

# РУШДИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ЗАМОНИ МУОСИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз марҳилаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани истиқлолияти энергетикии кишвар ба шумор меравад . Барои амалӣ шудани ин масоили стратегии кишвар захираҳои мавҷудаи мамлакат имконият медиҳанд .

Мавриди зирк аст, Ҷумхурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ мебошад. Ҳаҷми умумии захираҳои гидроэнергетикӣ – 527 миллиард квт/ соатро дар як сол ташкил медиҳанд [1].

Бо иқтидори энергетикии барқи обӣ Тоҷикистон ҷои 8-умро дар ҷаҳон пас аз Чин ,ИМА, Россия, Бразилия, Ҳиндустон ва Канада ишғол менамояд. Дар шароити имрӯза энергетикаи кишвар иборат аст аз: НБО-и бо иқтидори 4,4 миллион квт, 60 ҳазор киломерт хатти барқ, садҳо зеристгоҳҳои барқӣ ва нуктаҳои трансформаторӣ , яъне танзимкунанда мебошад.

Асоси соҳаи энергетикаи Ҷумхурии Тоҷикистонро ҳоло чунин неругоҳҳои барқӣ: обӣ, ҳароратӣ ва гармидиҳӣ ташкил медиҳанд.

1. НБО - и “Норак” бо иқтидори 3-миллион МВТ дар дарёи Вахш;
2. НБО - и “Роғун” ду чархаи он бо иқтидори 1200 МВТ дар дарёи Вахш;
3. НБО - и “Сарбанд” бо иқтидори – 240 МВТ дар дарёи Вахш;
4. НБО – и “Санагтуда -1” бо иқтидори - 670 МВТ дар дарёи Вахш;
5. НБО - и “Сангтуда – 2” бо иқтидори - 220 МВТ дар дарёи Вахш
6. НБО-и Бойғозӣ “бо иқтидори 600 МВТ дар дарёи Вахш;
7. НБО-и Шаршара бо иқтидори 29,9 МВТ дар дарёи Вахш;
8. НБО-и марказӣ бо иқтидори 15,1 МВТ дар дарёи Вахш;
9. Силсилаи НБО – Варзоб 1,2,3 бо иқтидори умуми -25,7 МВТ дар дарёи Варзоб;
10. НБО- и Хоруғ бо иқтидори 9 МВТ дар дарёи Ғунд;

Ғайр аз ин НБО-и оби боз дар Тоҷикистон се истгоҳи барқи ҳароратӣ дуто дар шаҳри Душанбе ва дар ноҳияи Ёвон мавҷуд аст.

НБО-1 дар шаҳри Душанбе бо иқтидори 225 МВТ ва НБО-2 дар шаҳри Душанбе бо иқтидори 400МВТ .

Ғайр аз ин дар шаҳри Душанбе маркази гармӣ бо иқтидори 400мвт мавҷуд аст ва фаъолият менамояд [2].

Соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир бо роҳҳои зерин инкишоёф меёбанд;

1. Сохтмони НБО-и оби хурд ва калон;
2. Таъмир ва таҷдиди НБО-и оби ва НБҲ мавҷуд аст;
3. Сохтмон хатҳои интиқоли барқ;
4. Сарфаю сариштакорй дар истифодаи қувваи барқ;

Бояд қайд намуд, ки дар замони рушди босуръати техникии технологияи муосир эҳтиёҷ ба манбаъҳои неруи барқ меафзояд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари бунёди неругоҳҳои барқии нав ба маслиҳати барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд . Зеро дар ҳолати таҷдид накардани як қатор неругоҳҳо, ки солҳои тулони фаъолият карда истодаанд самараноки истеҳсоли онҳо коҳиш меёбад. Масалан НБО-и Норак соли 1972 ба истифода дода шуда ва пурра 9-чархи НБО-и норак соли 1979 ба истифода дода шудаанд ва давоми ҳамин давра фаъолият намуда агрегат ва таҷҳизотҳои онҳо ҷисман хурда шуда қобили истифода нестанд.

Бинобар ин ҳоло таҷдиди неругоҳи барқи обии “Сарбанд” ба маблағи 1,3 миллион сомони идома дорад ва соли 2019 таҷдиди неругоҳи барқи обии “Барқи тоҷик “ собиқ

Қайроқум дар ҳаҷми 1,9 млрд сомонӣ ва марҳилаи якуми таҷдиди неругоҳи барқи обии Норак ба маблағи 3,5 млрд сомони оғоз гардид [3].

Баъди таҷдиди пурраи тавоноии ин неругоҳ нисбат ба ҳаҷми воҳиди имрӯзаи онҳо дар маҷмӯъ 840 мегават афзоиш меёбад. Илова бар ин тавонои неругоҳҳои амалкунандаи масири дарёи Вахш 4-млрд ВТС меафзояд. То ҳоло зиёда аз 1 млрд -900 млн доллари амирикои ба таъмири НБО-и мавҷуда масраф гардида аст ,ки ин нишондиҳанда далели таваҷҷуҳи бештару афзалиятноки Ҳукумати кишвар ба соҳаи энергетикаи мамлакат мебошад.

Дар даҳсолаи охир иқтидорҳои истеҳсолиии низоми энергетикии кишвар дар ҳаҷми 1520 МВТ зиёд карда шуда ва пеш аз 1300 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат сохта ба истифода дода шудаанд.

Дар замони муосир бо ёрии Россия ва Эрон дар Тоҷикистон НБО-и Сангтуда бо иқтидори 670мвт ва "Сангтуда"-2 бо иқтидори 220 мвт дар дарёи Вахш сохта ба истифода дода шудааст.

Ҳоло дар Тоҷикистон сохтмони НБО-и Роғун бо иқтидори 360МВТ ва якчанд НБО-и идома ёфта истодаст. Бо ба истифода супоридани якчанд НБО-и хурд ва махсусан " Роғун" норасогии неруи барқ дар Тоҷикистон ҳис карда намешавад . Зикр кардан ба маврид аст, ки 29 –октябри соли 2016 бо иштироки Асосгузори Сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат Прездент Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар шаҳри Роғун маросими оғози бунёди Роғун барпо шуда буд. Ин руйдод аз он ҷиҳат хотирмон аст, ки Пешвои миллат паси чамбараки экскватор нишаста мавҷи дарёи Вахшро тағийр дод.

Бояд қайд намуд ,ки 27-уми августи соли 2007 бо қарори Ҳукимати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Неругоҳи барқи обии Роғун тасис ёфт.

Пас аз ба анҷом расидани марҳилаи асосноккунии техникиву иқтисодӣ тавассути эълон намудани тендери байналмиллали ширкатҳои бонуфузи сайёра барои иштирок дар корҳои сохтмонию васлгарии ин неругох даъват шудаанд. Аз байни якчанд ширкатҳои байналмиллалӣ дар ин тендир ширкати Солити –Импереҷило-и Италия , ки яке аз ширкатҳои пуриқтидор дар сохтмони иншооти гидротехники дар арсаи ҷаҳони шинохта шудааст, пирӯзи ба даст овард ва ба сохтмони сарбанди НБО-и Роғун шурӯъ намуд .Аз тарафи дигар назорати раванди сохтмон ба намояндагии фармоишгар бар души ширкати бонуфузи дигари Трактебел инҷинирии Фаронса, ки дар арсаи байналмиллалӣ оид ба корҳои машваратӣ ва муҳандисӣ обрӯю нуфузӣ беҳамто дорад, вогузор шуд

Сохтомони ин ширкати бузург бо иштироки компанияи бонуфузи Итолиё, яъне ширкати "Солити Имперҷило" идома дорад.

Хусусияти хоси энергетика, ки аз он иборат аст, барқ аз корхонаи истеҳсолӣ то ба истеъмолкунанда ба воситаи сохтмони хаттӣ интиқоли барқ расонида мешавад. Дар тамоми давра то соли 2020 – ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 ҳазор километр хати интиқоли барқи гуногун сохта ба истифода дода шудаанд.

То ҳоло ҷиҳати зиёд намудани иқтидори истеҳсолӣ ва мустаҳкам намудани пойдевори инфрасохтори энергетикии кишвар бо ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ беш аз 1 миллиарду 900 миллион доллари америкоӣ масраф гардидааст, ки ин нишондиҳанда, далели таваҷҷӯҳи бештару афзалиятноки ҳукумати мамлакат ба самти энергетика мебошад.

Муҳимтарин амале, ки дорои аҳамияти сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст, ин оғози татбиқи муваффақонаи тарҳи КАСА – 1000 мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳануз соли 2006 дар шаҳри Душанбе ёддошти тараҳум оид ба таъсиси бозори минтақавии энергетикаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ба имзо расида буд. Бо гузашти даҳ сол бо талошҳои пайгиронаву ҳадафмандонаи роҳбари давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2016 оғози расми бахшида шуд. Бо дарназардошти ибрози мутахассисон ва коршиносон лоиҳа аз нигоҳи тиҷоратӣ ва истифодаи васоитӣ техникии муосир беназир ҳисобида мешавад.

Бунёди 1342 километр хаттӣ интиқоли ҷараёни баландшиддатӣ доимӣ ва тағйири табдили шиддат бо истифодаи ҷадидтарин таҷҳизот дар кишварҳои ҳаммарзи мо боиси тавлиди ҳазорон ҷойҳои нави корӣ хоҳад шуд.

Ин лоиҳа имкон фароҳам меорад, ки фурӯшандагони нерӯи барқ ( Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз моҳи апрел то моҳи октябр) – 5 миллиард кв/соат, аз ҷумла тақрибан – 3 миллиард кв/соат аз Тоҷикистон ва 2 - миллиард кв/соат аз Қирғизистон, нерӯи баркро ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ Афғонистон ва Покистон содир намоянд. Бо дарназардошти захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ бо тадбиқ гардидани лоиҳаи мазкур Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои содиркунандаи нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза, дар бозори минтақавии нерӯи барқ ҷой мегирад.

Дар бунёди ин лоиҳа Тоҷикистон бо харҷӣ – 314 миллион, Қирғизистон бо маблағи – 209 миллион , Афғонистон бо маблағи – 354 миллион ва Покистон бо маблағи – 209 миллион доллари америкоӣ саҳмгузорӣ хоҳанд кард.

Татбиқи лоиҳаи бунёди хатти интиқоли барқи КАСА – 1000 барои таъмини ниёзҳои кишварҳои шарики Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон ҳамзамон барои қонеъ намудани талаботи дигар кишварҳо ба “Бозори минтақавии энергетикӣ” низ асос мегузорад. Баробари бунёди ин хат дигар минтақаҳое, ки эҳтиёҷи энергетикии мавсимӣ ё доимӣ доранд, метавонанд истеъмолкунандаҳои ин бозор бошанд ва баръакс барзиёд истеҳсолкунандаи ин нави маҳсулот моли худро пайдо менамоянд.

Чуноне, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомали Раҳмон зимни баромади хеш дар маросими оғози татбиқи лоиҳаи бунёди хатти интиқоли барқи КАСА- 1000 иброз доштанд, лоиҳаи мазкур натанҳо хатти интиқоли барқ аст, ки кишварҳои моро бо ҳам пайваст медиҳад, балки рамзи эҳё ва таҳкими робитаҳои таърихи тиҷоратию иқтисодӣ ва оғози ҳамгироиҳои онҳо оянда дар дигар самтҳо низ мебошад.

Тоҷикистон ҳамчун манбаи энергияи “сабз” аз рӯи фоизи истеҳсолии он дар асоси мавқеъдиҳии Бонки ҷаҳонӣ дар қатори шаш кишварҳои аз ин лиҳоз пеш оҳанги сайёра қарор дорад. Айни ҳол Тоҷикистон аз 100 фоиз-и захираҳои энергетикии хеш танҳо имконияти 5-% -и истеҳсоли онро ба даст овардаасту халос.

Бунёди КАСА- 1000 як қадами устувор ва ҷаҳиши ҳадафмандонаи кишвар дар роҳи истифодаи мақсадноки захираҳои табии хеш дар мисоли некрӯи барқ буда, барои расидан яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат дастёби ба истиқлолияти энергетикӣ замин мувофиқ фароҳам месозад.

Ҳамин тавр, татбиқ ва бунёди лоиҳаи КАСА 1000- барои дастрасӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – таъмини истиқлолияти энергетики мусоидат намуда , барои Тоҷикистон нақши муҳимро дар бозори минтақа бозида , пайвандгари истеҳсолкунанадаю истеъмолкунандаи нерӯи барқ маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти манфиатҳои зикршуда, лоиҳаи КАСА – 1000 метавон дарвозае ба сӯи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва заминаи инкишофи бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии кишварҳои Осиёӣ, ҳамҷвор ва доимӣ.

Дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди инкишофи соҳаи энергетика чунин қайд намудааст. “ Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи энергетикӣ ва рушди он – 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи – 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Ҳоло дар ин самт боз – 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи – 16,4 миллиард сомонӣ тадбиқ гардида истодааст”.

Дар ин давра зиёда аз – 200 мегават иқтидорҳои нав ба кор андохта, ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ аз – 17 миллиард киловат соати соли 1991 ба – 21 миллиард киловат – соат дар соли 2019 афзоиш дода шуд [4]

Ҳукумати Тоҷикистон азм дорад, ки бо мақсади дарояндаи наздик таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, бо неруи барқ пурра қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ ва иқтисоди миллӣ бунёду таҷдид як силсила иншооти хурду бузурги ҳаётан муҳимро вусъат бахшад.

Ҳоло бо маблағи умумии – 11,3 миллиард сомонӣ корҳо оид ба таҷдиди неругоҳҳои барқи обии “Норак” , “Сарбанд”, “Қайроқум” ва дар доираи лоиҳаи “КАСА – 1000” сохтмони хатҳои интиқоли барқи – 500 киловат ва зеристгоҳҳо идома дошта, бунёди Неругоҳи барқи обии “Себзор” дар ноҳияи роштқалъаи вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон оғоз гардидааст [5].

Соли ҷорӣ Неругоҳи барқи обии “Сарбанд” ба маблағи беш аз 1,5 миллиард сомонӣ пурра таҷдид гардида, ба истифода супурда мешавад, ки бо иқтидорӣ – 270 мегават, яъне аз иқтидори имрӯзааш – 110 мегават зиёд мебошад.

Инчунин соли ҷорӣ сохтмони хати интиқоли барқи 500 киловата аз Неругоҳи барқи обии “Роғун” то зеристгоҳи конвертории “Сангтӯда” , ки имконияти содироти баркро зиёд менамояд ва корҳо доир ба навъҳои ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва зерӣ низоми муосири барқ ҳисобкунӣ он дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Панҷакент, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Бӯстон ва ноҳияи Данғара ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ оғоз мегардад.

Бо вуҷуди ин, дар самти таъмини доимиву устувори неруи барқ як силсила маблағҳои муҳими ҳалталаб вуҷуд доранд, ки истифодаи самараноку сарфакоронаи барқ аз ҷумлаи ҳамин маблағҳо мебошад.

Аз ин рӯ, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва ширкатҳои соҳаро зарур аст, ки якҷо бо вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои марбута, вобаста ба ҳалли масъалаву мушкилоти соҳа, хусусан дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2019, саҳ. 40
2. Умеда Холмуродова. Нақши Пешвои Миллат дар рушди энергетикӣ – Рӯзномаи “Фароғат” 10.06.2017 №1 (735), саҳ 4
3. Рӯзномаи “Ҷумҳурият” 1006,2017 №1229 (23903), саҳ 2
4. Рӯзномаи “Минбари халқ” 26,12,2018 №52 (н89), саҳ: 4–5
5. Рӯзномаи “Ҷумҳурият” 27,01,2021 №18 (24125), саҳ: 2

***Холиқзода А. - докторанти PhD***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## МЕХАНИЗМИ ПАРДОХТИ КӮМАКПУЛИИ УНВОНИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Пардохти кӯмакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ яке аз воситаҳои таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар замони муосири рушди иҷтимоӣ-иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъмини иҷроиши самараноки стратегияҳои давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, ба миён меояд. Камбизоатӣ ҳамчун сарчашмаи нобаробарии иҷтимоӣ ба пайдоиши низоъҳои иҷтимоию сиёсии гуногун замина фароҳам меорад. Аз ин сабаб сиёсати давлат бояд барои бартараф кардани сарчашмаҳои он, аз ҷумла ҷуброн гардонидани таъсирҳои манфии иқтисодиёт, равона гардад. Айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани самараи кӯмаки иҷтимоӣ ба аҳолии осебпазир Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020-ро қабул намуд. Мақсади татбиқи барномаи мазкур аз ташкили шароити мусоид барои таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ иборат буда, ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми ниёзманд равона мегардад.

Таҳлили натиҷаҳои пардохти ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ва кӯмакпулӣ ба мактаббачаҳо аз оилаҳои камбизоат нишон дод, ки механизми мазкур барои дастгирии иҷтимоии табақаҳои ниёзманд як андоза мусоидат намудааст. Бо вуҷуди ин, ҷараёни босуръати иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣбоиси ислоҳоти низоми мазкур гардид. Тибқи барномаи мазкур аз соли 2011 инҷониб дар зиёда аз 40 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низоми нави таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои уновнии иҷтимоӣ татбиқ шуд. Зимнан шароит фароҳам омад, то сарчашмаи маблағгузории ҳарду кумакпулиҳо: барои мактаббачаҳо ва барои истифодаи нерӯи барқу газ муттаҳид ва низоми нави таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат бо истифода аз индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволӣ ва тарзи муосири арзёбии эҳтиёҷмандии онҳо татбиқ карда шавад.

Мувофиқи маълумоти омори давлатӣ шумораи гирандагони кӯмакпулӣ ва ҳаҷми маблағҳои пардохтшуда рӯ ба афзоиш дорад. Аммо то чӣ андоза барномаи навини мазкур самараи хуб медиҳад ва оё маблағҳои ҷудошуда ба аҳолии ниёзманд дастрасанд ё на, номаълум аст.

Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар самти коҳиш намудани камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва бартараф кардани нобаробарии иҷтимоӣ бевосита ба сифати татбиқ ва иҷроиши низоми ҳифзи иҷтимоии давлат марбутанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ислоҳотҳои заруриро андешида истодааст, ки яке аз онҳо гузариш ба шакли нави дастгирии иҷтимоӣ – таъин ва пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣба ҳисоб меравад. Бо мақсади ҷорӣ намудани шаклҳои нави дастгирии иҷтимоии аҳолии осебпазир шуруъ аз соли 2011, дар ҷумҳурӣ таҷрибаи нави таъину пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ҷорӣ карда шудааст, ки татбиқи таҷрибаи мазкур барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандони камбизоат мусоидат намуда, барои беҳбудии ҳифзи саломатии омма, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ равона карда шудааст [1, с. 2].

Кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар аввал дар ду шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ-Истаравшан ва Ёвон ба таври таҷрибави амалӣ гардида, айни замон 40 шаҳру ноҳияро фаро гирифтааст. Кӯмаки иҷтимоӣ дар асоси муқаррароти Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, бар ивази механизми қаблӣ – ҷубронпулӣ барои истифодаи барқу гази табиӣ ва кӯмакпулӣ барои мактаббачагони оилаҳои камбизоат ҷорӣ гардид, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил менамоянд. Тайи шаш сол аст, ки таҷрибаи нави таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ҳамчун қисми асосии барномаи суғуртаи иҷтимоии аҳолии камбизоат амалӣ шуда истодааст, аммо то чӣ андоза ин ислоҳоти нав ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд? Ва оё ин иқдоми нав самараи хуб медиҳад ё на? То ҳол ҷавоби мушаххасу асоснок ёфт нашудаст. Ба ҳамагон маълум аст, ки қисми зиёди хароҷоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ рост меояд. Бинобар вазъи мушкили иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷустуҷуи роҳҳои истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ бояд аҳамияти хоса дод. Бинобар ин зарурият ба миён меояд, ки бархе аз натиҷаҳои татбиқи таҷрибаи нави таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоиро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Мақсад ва принсипҳои кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ як қатор барномаҳои дастгирии иҷтимоиро (кумакҳои иҷтимоӣ)дарбар мегирад, ки муҳимтаринаш: кӯмакҳои унвони иҷтимоӣ, ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои истифодаи неруи барқ ва гази табиӣ, кумакпули ба оилаҳои камбизоате, ки кудаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ мехонанд, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва барномаҳо доир ба суғурта аз бекорӣ мебошад,. Ба асноди меъёрию ҳуқуқие, ки КУИро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд санадҳои зерин дохил мешавад:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ”, аз 24 феврали 2017, №1396.
- Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, № 783 тасдиқ шудаст.
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
- Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.
- Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.
- Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020,
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат” аз 3 июли соли 2014, №437 ва ғайраҳо.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ” зери мафҳуми кумакҳои унвонии иҷтимоӣ - ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат расонидани кумакҳои пулӣ ё моддӣ фаҳмида мешавад. Дар ҳолати аз ҳадди ниҳоии муқарраршуда паст будани индекси сатҳи некуаҳволии шаҳрванд (оила) он ба феҳристи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ворид карда мешаванд. Ин вазъият ҳамчунин ба шаҳрвандоне (оилаҳо)-е мутобиқ аст, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбизоат эътироф шудаанд .

Мақсади расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ аз [2]:

- ✓ мусоидат намудан ба коҳиш додани вазъияти душвори зиндагӣ ва дастгирии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоатест, ки даромади ҳадди ақаллашон аз меъёри эҳтиёҷот пасттар мебошад;
- ✓ муҳайё намудани шароите, ки ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат имконияти баланд бардоштани сатҳи зиндагиашонро фароҳам меорад;
- ✓ таҳкими дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- ✓ коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ;
- ✓ истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ;

Андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои як оила (шаҳрванд) дар як сол 400 сомониро ташкил дода, ҳар семоҳа дар ҳаҷми 100 сомонӣ пардохт карда мешавад. Қисми зиёди хароҷоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ рост меояд. Маблағгузории кӯмакҳои иҷтимоӣ танҳо 0,5% ММД-ро ташкил медиҳад, ки аз ҳама нишондиҳандаи паст барои давлатҳои ЕҚА мебошад. Кумакпулии унвонии иҷтимоӣ аз соли 2011 мавриди амал қарор дода шуда, дар аввал дар ду шаҳру ноҳаия-Истарвшан ва Ёвон ба таври таҷрибавӣ амалӣ гардид. Аз соли 2013-ум бошад механизми мазкур 10 шаҳру ноҳия ва дар соли 2014-ум 25 шаҳру ноҳияро фаро гирифт[3].

Бояд қайд намуд, ки ин кӯмаки иҷтимоӣ дар асоси муқаррароти Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, бар ивази механизми қаблӣ-ҷубронпулӣ барои истифодаи барқу гази табиӣ ва кӯмакпулӣ барои мактаббачагони оилаҳои камбизоате ҷорӣ гардид, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ мехонанд. Ҳуқуқи гирифтани кумакпулии иҷтимоии унвониро ҳар як шаҳрванде дорад, ки худро камбизоат шуморида, имконияти аз ин ҳолат мустақилона баромадан надорад. Барои ин шаҳрванд ё сардори оила ба унвони шуъбаю бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳияи таҷрибавӣ ариза навишта, онро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ва ё кумитаи маҳаллии ҷойи истиқоматашон месупоранд.

Руйхати ҳуҷҷатҳои зарурие, ки шаҳрванд барои таъини кумакпулии иҷтимоии унвонӣ бояд пешниҳод намояд: ариза дар бораи таъин намудани купакпулии иҷтимоии унвонӣ, нусхаи шиносномаи аризадиҳанда ( асли он ҳангоми супурдани ариза нишон дода мешавад), маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат, маълумот дар бораи даромад ва молу мулки аъзои оила.

Ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи шаҳрванд бо имзои раис ё котиби ҷамоати шаҳрак ё деҳот ва сардори идораи манзилию коммуналӣ тасдиқ карда мешаванд, ки дар доираи салоҳияти худ саҳеҳии маълумоти пешниҳодшударо месанҷад ва ба дурустии онҳо масъул мебошад. Баъди санҷиш ҳуҷҷатҳо ба мӯҳлати на дертар аз 10 руз ба мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ равона карда мешаванд. Мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ ба муҳлати на дертар аз 10 руз ариза, маълумотномаҳо дар бораи ҳайати оила, дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила, инчунин мушаххасоти шиносномаи аризадиҳандаро барои муайян намудани нишондиҳандаи умумии сатҳи некуаҳволии оила, ба махзани ягонаи маълумоти низоми иттилоотии кумаки унвонии иҷтимоӣ, яъне барномаи электронӣ ворид менамояд. Маълумотҳо дар системаи электронӣ холгузорӣ шуда, дар охир ҷамъ карда мешаванд. Агар ҷамъи холҳо аз 222 хол кам бошад, пас ба оила ё шаҳрванд кумакпулӣ таъин ва пардохт карда мешавад[4].

Бояд қайд кард ки, барномаи электронӣ дар асоси Методикаи муайян намудани оила ва шаҳрвандони камбизоат таҳия карда шудааст. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки субъекти

кумакпулии иҷтимоии унвонӣ ин оила ва шаҳрвандони камбизоат ба ҳисоб рафта, объекти он даромад ва молу мулки ӯ ба ҳисоб меравад.

Бартариятҳои таҷрибаи мазкур нисбати дигар кумакҳо дар он мебошад, ки:

1. Дар механизми нав қариб ҳамаи ташвишҳои шаҳрванд барои ҳуҷҷатгузорӣ ва ҷамъоварии маълумоти гуногун барҳам дода шуда, коркарди маълумот тавассути барномаи электронӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Зиёда аз ду маротиба андозаи кумаки иҷтимоии мазкур нисбат ба механизми пештара афзоиш ёфтааст.

3. Кормандони сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва кормандони Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар махал ба раванди муайянсозии ниёзмандии оилаҳо дахолат карда наметавонанд.

Таҳлили иҷроиши барномаи давлатии КУИ шаҳодат аз он медиҳад, ки тайи шаш соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳотҳои назаррасро дар ҷодаи такмилдиҳии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ андешида истодааст. Аммо боиси қайд аст, ки дар соҳаи ислоҳоти низоми КУИ ва махсусан иҷроиши Барномаи давлатии КУИ, як чанд мушкилоти муайян мавҷуданд, ки бояд ҳарчи зудтар ҳалли худро ёбанд, аз ҷумла:

- Татбиқи низоми КУИ дар шаҳру ноҳияҳои маҳдуди ҷумҳурӣ. Айни ҳол ба таври озмоиш дар 40 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ ин низом татбиқ шудааст, ки дар навбати худ фарогирии аҳолии ниёзмандро маҳдуд месозад. Бинобар афзун намудани фарогирии аҳолии ниёзманд ин ислоҳотҳоро дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ татбиқ намудан зарур аст.
- Таҳлили нишондиҳандаҳои пардохти КУИ ба сари ҳар як шаҳрванди ниёзманди гирандаи ингуна пардохто нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии пардохти КУИ сарикасӣ сол то сол коҳиш ёфта истодааст. Бинобар ин ба мақомотҳои дахлдори давлатӣ супориш дода шавад, ки ҳаҷми пардохти маблағгузории КУИ-ро то ҳадди ақал расонанд.
- Аз оғози ҷоришавии барномаи давлати КУИ, сол то сол иҷро нагардидани нақшаи маблағгузории КУИ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба чашм мерасад. Айни ҳол аз ҳисоби барномаи КУИ 18,2 млн сомонӣ (17,2% маблағҳои дар соли 2017 пешбинишуда) сарфа шудааast, ки онро Ҳукумат баҳри фарогирии шумораи зиёди ниёзмандон ва баланд бардоштани кумакупулии сарикасӣ метавонад равона созад.
- Ҳаҷми воқеъии андозаи КУИ аз соли 2011 то инҷониб ба 36% коҳиш ёфт. Қудрати маблағҳои дар шакли КУИ банақшагирифташуда сол то сол ба 6-7% бо назардошти таваррум паст мешавад, ки ба норасоии маблағи воқеӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии ниёзманд оварда мерасонад. Бинобар ин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои дахлдор баҳри индексатсияи КУИ чораҳои мушаххас андешидан зарур аст.
- Шумораи шаҳрвандони гирандаи КУИ нисбат ба шумораи умумии аҳолии камбизоаттарине, ки ниёз ба чунин кумаки иҷтимоӣ доранд, ҳиссаи ноҷизро ташкил менамояд (ҳамаги 7%), ки ин далел аз аст, ки фарогирии КУИ дар байни табақаи ниёзманди аҳолӣ хеле паст мебошад.  Аз ин сабаб ба агентии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд супориш дод, ки бо мақсади фарогирии васеъи аҳолии ниёзманд барои гирифтани КУИ тадбирҳои зарурӣ андешанд.
- Ҳиссаи КУИ хеле ночиз аст ва ба андозаи 8,5 маротиба аз маблағгузории давлатии кумаки иҷтимоии ба аҳолӣ пешниҳодшуда камтар аст. Бинобар ин бояд зикр намуд, ки дар доираи амалигардии сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ба маъсалаи таъйин ва пардохти КУИ ба аҳолии ниёзманд диққати хоса дода шавад. Аз ин бар меояд, ки мақомотҳои дахлдори давлатӣ баҳри зиёд кардани ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ барои таъйин ва пардохти КУИ бояд чораҳои зарурирo андешанд.

Ҳамин тариқ мо умед дорем, ки бартарф кардани камбудиҳои зикршуда ба афзун гаштани самараи КУИ ва ҳамчун натиҷа ба беҳдошти зиндагӣ ва амалишавии стратегияи муҳими давлатӣ, аз ҷумла коҳиш намудани сатҳи камбизоатӣ, оварда мерасонад.

**АДАБИЁТ**

1. Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. – с. 2

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ”, аз 24 феврали 2017, №1396
3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://minfin.tj
4. Агентии суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://nafaka.tj

***Нуриддинова М.С.***
***Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат***

## ТАДБИРҲО ОИД БА ТАДБИҚИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро қариб бо 100 давлатҳои ҷаҳон ба роҳ мондааст, ки бо бисёрии онҳо муносибатҳои мутақобила дар чорчӯбаи созишномаҳои дуҷониба барпо мегарданд. Бо давлатҳои ИДМ савдо дар чорчӯбаи Созишнома дар бораи таъсиси минтақаи савдои озод ва Шартнома дар бораи Иттиҳоди гумрукӣ ва фазои ягонаи иқтисодӣ (ҳоло Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё) амалӣ карда мешавад.

Ғайр аз ин, бо шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон аз давлатҳои хориҷи дур (Хитой, Австрия, Булғория, Ҳиндустон, Куба, Малайзия, Покистон, Лаҳистон, Руминия) созишномаҳо дар бораи ҳамкории дуҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ баста шудаанд.

Ҳамчунин, бо мақсади амалишавии созиши бадастомада дар соҳаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ, ҳам бо давлатҳои ИДМ ва ҳам бо давлатҳои хориҷи дур комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ таъсис дода шудаанд. Падидаи комиссияҳои байниҳукуматӣ имкон медиҳад, ки диққати ҷонибҳо ба масъалаҳои муносибатҳои мутақобила ҷалб карда шуда, қарорҳои консенсусӣ оид ба истифодабарии иқтидори ҷонибҳо дар бартарафкунии муамоҳо қабул карда шаванд, ҳамчунин назорат ва мониторинги созиши бадастомада амалӣ карда шавад. Аз соли 1992 сар карда то ҳол 26 комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ таъсис дода шудааст.

Комиссияҳо созишномаҳои навро таҳия карда, барномаҳои дарозмуҳлати ҳамкориро қабул мекунанд, ки ба рушди робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ равона карда шудаанд. Аз ҳама муҳим – ба рӯзмараи комиссия масъалаҳое, ки ба рушди истеҳсолоту савдо монеа мешаванд ва ҳалли онҳо танҳо дар сатҳи давлатӣ ҳал карда мешавад (масъалаҳои транзит, рӯёнидани андозҳои бавосита, татбиқи чораҳои ҳифзкунанда ва ғ.) бароварда мешаванд.

Бешубҳа, ҳалли масъалаҳои асосӣ шароити мусоид ва имкониятҳоро ба субъектҳои хоҷагидорӣ барои фаъолгардонии савдои хориҷӣ ва дар ин асос самаранок истифодабарии захираҳо ташкил мекунад, ки дар натиҷа, аз рӯи натиҷаҳои солҳои 2012-2018 мулоҳизашаванда савдо авҷ гирифт, таҳвили содиротӣ ба мамлакатҳои хориҷи дур ва наздик нисбатан баланд шуд.

Узвияти Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттиҳодҳои минтақавӣ ҳамчун ҷиҳати ҷалбкунанда барои агентҳои ҷаҳонӣ дар бахши хусусӣ, ки харидор ва фурӯшандагони мол, хизматрасониҳо ва технологияҳо, сармоягузорони байналмилалӣ, бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ мебошанд, хизмат мекунад.

Самтҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар, алалхусус саноат дар Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 пешбинӣ шуда, мақсади асосии он аз баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатнокии истеҳсолот, таҳкими имконоти истеҳсоли маҳсулот дар асоси технологияи баланди инноватсионӣ бо хусусиятҳои сарфаҷӯии энергия, захираҳои ашёгӣ ва бехатарии экологӣ иборат мебошад.

Аҳамияти фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи технологияҳои нав дар соҳаҳои саноат - афзоиши вазни қиёсии маҳсулоти дар натиҷаи азхудкунии технологияи муосир истеҳсолшуда, ба содирот баровардан ва қонеъ гардонидани бозори дохилӣ аз ин маҳсулот мебошад.

Ҳоло азхудкунии лоиҳаҳои нави технологӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ бештар ба ташкили истеҳсолоти маҳсулоти тайёр аз консентратҳои сурб, руҳ, мис, истифодаи технологияҳои дар як раванд ҷудо намудани металҳои ҳамроҳ, аз қабили тилло, нуқра ва металлҳои нодиру камёфт, дар саноати хӯрокворӣ технологияҳои коркард ва истеҳсоли бепартови равғани растанӣ аз маҳсулоти маҳаллӣ, дар саноати сабук истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва моделҳои нави пойафзоли мардона, занона ва кӯдакона, истеҳсоли матоъ аз атласу адрас, қолинбофии дастӣ, дар саноати масолеҳи сохтмон татбиқи технологияҳои такмилёфтаи истеҳсоли гаҷкартон, кошинҳо ва шиша, дар саноати мошинсозӣ ва химия истеҳсоли феррохӯлаҳо, қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизоти технологии корхонаҳои саноатӣ, сохтмон ва роҳсозӣ, мошинолоти кишоварзӣ, ба роҳ мондани коркарди саноатии ангишт ва аз он ҳосил кардани маҳсулоти карбогидридӣ, бензин, сӯзишвории дизелии синтезӣ, равғанҳои техникӣ, нуриҳои минералӣ ва органикӣ дар назар дошта шудааст.

Сохтори имрӯзаи саноатро бештар корхонаҳои хурд ташкил медиҳанд, ки онҳо барои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот ба воридоту азхудкунии технологияҳои нав эҳтиёҷ доранд. Бо мақсади вусъат бахшидан ба навсозии технологии истеҳсолоти корхонаҳо зарурати васеъ гардонидани инфрасохтори инноватсионӣ (паркҳои технологӣ, марказҳои паҳнкунии технологияҳо, таҳкими муносибатҳои кооператсионӣ дар ҳар як соҳаи саноат, расонидани кӯмаки техникӣ дар доираи ассотсиатсияҳои соҳибкории истеҳсолӣ) ба вуҷуд омадааст. Муҳим аст, ки барои тақвият бахшидан ба иҷрои тадбирҳои зикршуда маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ аз ҳисоби саҳмгузории ассотсиатсияҳои соҳавии саноат ва амалиётҳои лизингӣ ба таври васеъ истифода гарданд.

Ба амал баровардани сиёсати инноватсионӣ ва татбиқи технологияҳои нав дар алоқамандӣ бо тадбирҳои зерин метавонад, натиҷаҳои самаранок диҳад:

- бо назардошти ниёзмандии саноати мамлакат муайян намудани номгӯи мавзӯъҳои муҳими илмӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ оид ба коркарди технологияҳои нав, мушаххас гардонидани нақшаи иҷрои ин мавзӯъҳо бо баҳисобгирии истифодаи ашёи хоми дохилӣ, сифатнокӣ ва талаботи бозор;
- таъсиси Шӯрои байнисоҳавии ҷумҳуриявӣ оид ба баҳодиҳӣ ва интихоби технологияҳои нави пешниҳодшуда барои татбиқ намудан дар истеҳсолоти саноатӣ ва тавсиядиҳӣ ҷиҳати сармоягузории татбиқи лоиҳаҳо;
- муқаррар намудани самтҳои ҳамкорӣ тариқи шартномабандӣ байни корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмӣ - тадқиқотӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати бо фармоиш анҷом додани тадқиқотҳо оид ба технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва рақобатпазир;
- мутобиқ гардонидани тадқиқотҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии воридотивазкунанда ва самти содиротидошта дар корхонаҳои ватанӣ;
- фаъол гардонидани тадбирҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии равандҳои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани коркардҳои илмӣ- техникӣ, азхудкунии маҳсули зеҳнии ихтироъкорону навоварон ва воридсозии технологияҳои хориҷӣ.

Дар шароити имрӯза, ки саноати ҷумҳурӣ дар марҳилаи рушд қарор дорад, дар корхонаҳо норасогии мутахассисони баланди муҳандисӣ – техникӣ ва касбҳои коргарӣ эҳсос гардида истодааст.

Бо назардошти он, ки раванди барқарорсозии системаи таъминоти кадрҳо барои соҳаи саноат муҳлати тӯлониро тақозо дорад, роҳҳои ҳалли фаврӣ ва самарабахши ин масъаларо тариқи густариши ҳамкориҳо бо воситаи ташкили муассисаҳои такягоҳӣ (базавӣ), бо иштироки бевоситаи мақомоти ваколатдори соҳаи таълимоти олӣ ва миёнаи касбии мамлакат бояд роҳандозӣ кард.

Дар истеҳсолоти саноатии мамлакат имрӯз норасогии мутахассисони баландихтисос, бахусус дар самтҳои идоракунии технологияҳои нав, таҳлили иқтисодӣ, маркетинги бозори дохилу хориҷӣ ва таҷрибаи ба истеҳсолот гузаронидани коркардҳои нави илмию техникӣ монеаҳои зиёд эҷод карда истодаанд. Ба ин муносибат дар оянда тадбирҳои таҷрибаомӯзии мутахассисони муҳандисӣ – техникӣ дар ширкатҳо ва муассисаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва

таълимии хориҷӣ, ба ҷумҳурӣ ҷалб намудани мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ бо мақсади омӯзиш ва тайёр кардани мутахассисони маҳаллӣ бояд ба амал бароварда шаванд. Дар ин хусус ҳамкориҳо бо мамлакатҳои Руссия, Чин, Эрон, Туркия, Ӯзбекистон ва ғайра бояд зич ба роҳ монда шавад.

Ба сифати шартҳои ҳавасмандгардонӣ ва таъмини рақобатнокии захираҳои меҳнатӣ барои саноат андешидани тадбирҳои зерин зарур дониста мешаванд:

- муқаррар намудани фармоиши давлатӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони маҳорати баланди касбидошта барои соҳаҳои дахлдор;

- ҷорӣ намудани системаи шартномавӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ бо кафолати ҷои кор ва дигар шартҳои иҷтимоӣ ҳангоми тақсимоти онҳо ба корхонаҳои саноатӣ.

Сиёсати кадрӣ барои ҳар як соҳаи саноат дар доираи Барномаи комплексии мақсадноки рушди соҳаҳо бо нишондоди шумораи мушаххаси мутахассисони касбӣ бояд ба амал бароварда шавад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои эҳтимолии зиёдро барои ҳамгироии бомуваффақ ба хоҷагии ҷаҳонии иқтисодӣ дорад, ки бо захираҳои бойи гидроэнергетикӣ, сарватҳои зеризаминӣ, мавқеи ҷуғрофии муфид, мавҷудияти захираҳои кадрӣ ва ғайра боис мешавад. Барои амалишавии онҳо гузаронидани сиёсати иқтисодӣ, ки имкони таъмин намудани истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ ва дар ин асос афзоиши устувори иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо ва хизматрасониҳои ватаниро дорад, зарур аст.

Ҳамкории ҳамгироонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо, Иттиҳодҳои Иқтисодии АвроОсиё(ИИ АвроОсиё) ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай(СҲШ) соҳаи муҳими фаъолият мебошад, зеро ба тезонидани рушди инфрасохтори сусти иқтисодӣ, баланд бардоштани ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар ҳаҷми умумии содирот имкон медиҳад. Ба манфиати васеъшавии ҳамкориҳо зарур аст, ки ба тақвияти равонасозии амалии ИДМ ва баланд бардоштани нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ёрӣ расонида, фаъолиятро дар чорчӯбаи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай сермаҳсул гардонид ва дар навбати аввал муносибатҳои иқтисодии махсусро бо Хитой сохт. Робитаи мутақобила дар чорчӯбаи ин сохтори суръатнок, ки бо манфиатҳои умумии сиёсии иштирокчиёни он алоқаманд аст, метавонад ба таври қатъӣ ҳамгироии иқтисодиро барои як қатор самтҳои афзалиятнок (нақлиёт, соҳаи обӣ-энергетикӣ, ҳамкории илмӣ-техникӣ) тезонад.

Имрӯзҳо барои рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва васеъшавии доираи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои минтақавии ҳамгироӣ, бо мақсади самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ ҳалли масъалаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- афзоиши иқтисодӣ механизми муҳимтарини таъминоти имкониятҳои бокортаъминкунӣ ба воситаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад;

- захираҳои табиӣ бояд дар тағйирёбии сохторӣ, ташаккули соҳаҳои нав нақши муҳимро бозанд ва сарчашмаи таъминоти афзоиши иқтисодӣ бошанд;

- дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ташкил намудани саноати рушдкарда, таъминоти сатҳи баланди зиндагии мардум, амнияти экологӣ ҳалли бомуваффақи масъалаҳои иҷтимоӣ номумкин аст. Дар ин бора Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тибқи дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 баён ёфтаанд ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2003 №523 «Дар бораи Консепсияи рушди саноати Тоҷикистон» таҳия гардидааст;

- масъалаи асосии стратегии мамлакат дарояндаи наздик ин сохтмони нерӯгоҳҳои хурд ва бузурги барқии обӣ бо мақсади расидан ба амнияти энергетикӣ мебошад. Ҳоло дар ин самт сохтмони нерӯгоҳи бузурги барқии обии Роғун бомуваффақият идома дорад;

- барои бунёди иқтисоди бозаргонии самаранок фаъолияткунанда ташкили низоми молиявии мутобиқ, ки ниёзи корхонаҳои таъсисдодашударо қаноатманд мекунад, ҳамчунин, азнавсозӣ ва азнавтаҷҳизонии корхонаҳои мавҷуда муҳим мебошад;

- дастгирии соҳибкорӣ ва рушди фаъоли соҳибкории хурд ва миёна дар мамлакат омилҳои асосии оқилона ва самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ ва билохира рушди иқтисодиёти миллӣ мешаванд.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки асоси воқеӣ барои ҳамгироии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои байналмилалии иқтисодӣ гузошта шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо давлатҳои рушдкардаи ҷаҳон дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҳамкорӣ намояд. Тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳал карда шуда, ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ тезонида шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Искаков, И. Ж. Евразийская интеграция, как ответ вызовам глобализации // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2012. - № 11
2. Интеграционные сообшества на постсоветском пространстве. –Душанбе, 2002
3. Тошев О. Т., Кандиерова Д.О. Интеграционные процессы в системе внешнеэкономический связей Республики Таджикистан: реалии и пнрспективы. Душанбе «Ирфон» 2006

***Ҷаҳоншоҳ С. - ассистент***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***
***Ҳикматов У.С. – д.и.и.***
***ҶСП "Спитамен Бонк"***

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА СОҲАИ МАОРИФ

Маориф дар ҷаҳони имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал мегардад. Рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардидааст. Маориф дар тарбияи қувваи кории соҳибихтисос ва ташаккули ҷомеаи босубот нақши ҳалкунанда мебозад.

Маориф тӯли солҳо ҳамчун омили асосии рушди инсон ва омили калидии пешрафти ҷомеъа шинохта шудааст. Маълумоти олӣ ба даромади шахсӣ мустақиман таъсир расонида маҳсулнокии меҳнат ва ММД-и мамлакатро меафзояд. Ҳар 1 доллари ИМА, ки шахс барои таҳсил сарф мекунад дар оянда ба вай 10 ё 15 доллари ИМА фоида меорад. Баланд бардоштани саводнокӣ яке аз роҳҳои муҳими афзун гардонидани самаранокӣ, зиёд намудани ММД ба сари аҳолӣ ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Мамлакатҳое, ки нишондиҳандаи саводнокии аҳолиашон аз сатҳи миёнаи байналхалқӣ 1% боло аст, маҳсулнокии меҳнат дар онҳо нисбат ба мамлакатҳои дигар ба андозаи 2,5% зиёдтар мебошад. ММД ба сари аҳолӣ дар чунин мамлакатҳо аз мамлакатҳои дигар 1,5% зиёдтар мебошад. Агар дар мамлакатҳои қафомонда ҳамаи донишҷӯён қобилияти ибтидоии хондану навиштанро соҳиб мебуданд, 170 миллион нафар аҳолии дунё аз фақр берун мешуд.

Иқтисоддони машҳури англис Алфред Маршал чунин андеша дорад, ки арзишмандтарин сармоя ҳамонест, ки ба инсон гузошта шудааст [2, с.125].

Муҳаққиқони зиёде аҳамияти сармоягузорӣ ба низоми маорифро мавриди таҳлил қарор додаанд. Аз миёни онҳо дорандагони ҷоизаи Нобелӣ дар илмҳои иқтисодӣ – Гари Бекер, Теодор Шултз ва Ҷеймс Ҳекман назарияҳои беҳамто пешниҳод намудаанд. Онҳо дар бораи муҳимияти сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, хусусан ба маориф назарияҳо ва афкори созанда пешниҳод намудаанд. Ҳоло ин назарияҳо дар мамлакатҳои мутараққӣ, рӯ ба тараққӣ ва дар давраи гузариш қарордошта васеъ истифода мешаванд.

Назарияҳои ин се муҳаққикро ҷиҳати равшантар сохтани муҳимияти сармоягузорӣ ба маориф дида мебароем.

Г. Бекер маорифро омили афзояндаи маҳсулнокии меҳнати коргарон дониста, Т.Шултз бошад баланд бардоштани сифати донишро манбаи боигарӣ ва даромад медонад. Ҷ.Ҳекман

масъалаи муҳимро ба миён мегузорад, мувофиқи ақидаи ӯ сармоягузорӣ бояд аз даврони кӯдакӣ оғоз гардад [1, с.381].

То солҳои 50-ум иқтисоддонҳо мепиндоштанд, ки меҳнат ҳамту истифода мешавад ва афзудани он чандон аҳамият надорад. Таҳлилҳои гуногун дар бобати сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, аз ҷумла маориф аз тарафи Адам Смит, Милтон Фридман, ва Алфред Маршал гузаронида шуда буд, аммо онҳо дар доираи таҳлилҳои худ маҳсулнокиро ҳамроҳ накарда буданд.

Минбаъд, Теодор Шултз ва як лауреяти дигари Нобел ба таҳқиқи алоқаи сармоягузорӣ ба маориф ва рушди иқтисодӣ пардохтанд. Бинобар мушоҳидаҳои ӯ, одами нисбатан хубтар таълимгирифта нисбат ба дигарон даромади бештар мегирад [4, с.289]. Ин тамоюл ҳам дар мамлакатҳои мутараққӣ ва ҳам дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ яккхела аст. Ҳамин тариқ, ҳеҷ давлат бе дастгирии қувваи корӣ ва маблағгузории маориф ба рушди устувории иқтисодии худ расида наметавонад.

Сармоягузорӣ ба маорифро давлатҳо ҳангоми мувоҷеҳ шудан бо падидаи бекорӣ метавонанд ҳамчун воситаи раҳоёбӣ истифода кунанд. Афзудани сатҳи таълими қувваи корӣ барои иқтисоди ба дониш асосёфта муҳим арзёбӣ мешавад. Он боиси тавлиди шуғл гашта, рушди устувори иқтисодиро таъмин менамояд.

Ҳоло сармояи инсонӣ чун омили истеҳсолот мукаммалкунандаи сармояи физикӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҳар қадаре ба сармояи инсонӣ сармоягузорӣ бештар шавад, ҳамон қадар иқтисодиёт тезтар рушд мекунад.

Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, хусусан ба маориф барои рушди устувори иқтисодӣ хеле муҳим аст. Фоидаи онро муҳаққиқон таҳлил намуда, афзудани сармоягузориро дар ин бахш маслиҳат додаанд. Далелҳои зер исботи фоидаи сармоягузорӣ ба маориф мебошанд.

Якум, меъёри бекорӣ дар байни одамони соҳибмаълумот камтар аст. Ҳангоми ба вуҷуд омадани бекорӣ, ҷиноятгкорӣ ҳамчун роҳи алтернативии ба даст овардани фоида дар ҷомеа зиёд мегардад. Яъне ҷомеа низ аз сармоягузорӣ ба маориф фоида мебинад.

Дуюм, иштироки одамон дар равандҳои сиёсӣ меафзояд. Барои мисол одамон дар қабули қарорҳо саҳм гузошта, бо ин роҳ сифати қарорҳоро беҳтар месозанд.

Сеюм, ин фоида ба насли оянда аст. Волидони соҳибмаълумот ва донишманд фарзандонашонро беҳтар тарбият мекунанд.

Чорум, одамони соҳибмаълумот барои ҷомеа муфиданд.

Хароҷоти пулии "харидан"-и маълумоти олӣ пардохтҳои зеринро талаб менамояд: монанди ҳаққи таълим, либоси мактабӣ, китоб ва ғ.

Баробари расидан ба синни 18 фард ё ба бозори меҳнат ворид мегарданд ва ё таҳсили худро давом медиҳад. Ин аз тасмими ҳар шахс вобаст аст. Даромадан ба бозори меҳнат пас аз хатми донишгоҳ ба фард фоидаи бештар медиҳад. Таҷрибаҳо собит сохтаанд, ки шахси донишгоҳро хатмнамуда дар бозори меҳнат нисбатан фоидаи бисёртар мегирад.

Баъзе таҳқиқотҳое, ки миёни мардуми Британияи Кабир гузаронида шудаанд, нишон доданд, ки ҳар соли таҳсил дар муддати 12 сол сатҳи бекориро то 4% ва мушкилии кадриро то 12% кам мекунад. Дигар таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ҳар соли мактабхонӣ ММД-и мамлакатҳоро ба ҳисоби миёна ба андозаи 0.37% афзуда, даромаднокӣ ба сари ҳар фардро то 10% меафзояд.

Аз рӯи ин бозёфтҳо маълум мегардад, ки баланд бардоштани сифати захираҳои кадрӣ омили калидии рушди мамлакат ба ҳисоб меравад. Захираҳои кадрии соҳибмаълумот ва хубтаълимгирифтаро ҳамчун дороиҳои муҳими стратегӣ ҷиҳати афзун намудани рақобатнокӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ баҳо додаанд. Мамлакате, ки мардумаш босавод ҳастанд, барои ҷалби сармоягузорон имкони бештар дорад.

Профессор Гари Бекер дар масъалаи гирифтани фоида аз сармоягузорӣ ба маориф назарияҳои машҳур дорад. Бекер чунин мепиндорад, ки захираи асосии ҳар корхона одамони он ҳастанд. Корхонаҳои аз ҳама муваффақ онҳое ҳастанд, ки идораи сармояи инсониро дуруст ба роҳ мондаанд ва барои рушди донишу малакаи коргаронашон бештар сармоягузорӣ мекунанд [3, с.106].

Дар омӯзиши худ Г.Бекер сармоягузорӣ ба таълимро ба навъҳои гуногун ҷудо намудааст, ки фоидадиҳиашон аз ҳам фарқ мекунад. Мувофиқи ақидаи ӯ, одамоне, ки дорои маълумоти олӣ мебошанд, нисбат ба дигарон фоидаи бештар мегиранд. Давлатҳои мутараққӣ ба сармоягузорӣ дар соҳаи маориф аҳамияти махсус медиҳанд.

Боигарии асосии ҳар мамлакат одамони он ҳастанд, аз ҳамин лиҳоз сармоягузорӣ ба сармояи инсонии онҳо, хусусан ба таълиму тарбияи онҳо беҳтарин сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Он ба ҳалли мушкилии шуғл мусоидат намуда, рушди устувори мамлакатро таъмин менамояд.

Ҳоло бисёри мамлакатҳо дар доираи стратегияи рушди худ сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва маорифро фаро гирифтаанд. Сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, хусусан барои мамлакатҳое, ки ба мушкилии бекорӣ ва суръати пасти рушд мувоҷеҳанд, ҷиҳати расидан ба рушди устувори иқтисодӣ омилӣ зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ин таҷриба аллакай дар давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ озмуда шудааст.

Таҷрибаи байналмилалӣ, дар навбати аввал дар кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии онҳо таҳсилоти миллат аст. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёти давлатҳое, ки аҳолии он дорои сатҳи пасти таҳсилот ё таҳсилоти ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда мебошад, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамару қафомонда, қафомонии ҳарчи бештари кишвар аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта мусоидат карда метавонаду халос.

Хулоса, дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили раванди мураттабу хушсифати таълиму тарбияи талабагону донишҷӯён, хулоса, аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи маорифи кишвар зарур ва саривақтӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Игонина Л.Л. Инвестиции. М.: Экономист, 2014. – 478 с.
2. Инвестиции: учебник / под. ред. В. В. Ковалева. - М.: Проспект, 2015. – 583 с.
3. Киселева Н.В., Боровикова Т.В., Захарова Г.В. и др. Инвестиционная деятельность: учебное пособие/Под ред. Г.П.Подшиваленко и Н.В.Киселевой. 2-е изд. – М.: КНОРУС, 2016. – 432 с.
4. Лукасевич, И. Я. Инвестиции / И. Я. Лукасевич. - М.: ИНФРА-М, 2014. - 411 с.
5. Одинаев Ш.Т., Раджабов Ш.Х., Музаффаров Б.С. Инвестиционная привлекательность регионов: особенности и пути достижения//Вестник Таджикского национально университета. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/5(85). - С.256-258
6. Султонзода И.М. Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис. … доктори фалсафа (PhD): 6D050600 / И.М.Султонзода. – Душанбе, 2020. – 172 с.



***Баёнова М.Г. – старший преподаватель***
***Институт туризма, предпринимательство и сервиса***


## ОБОСНОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА В СИСТЕМЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СОБСТВЕННОСТИ

Необходимость разработки инновационной составляющей экономических систем определяет актуальность механизмов контроля развития, которые будут идти к инновационной траектории роста. Следует отметить, что во всех странах есть сегмент государственной собственности, которая охватывает социально значимые объекты страны, нехватка средств для финансирования инфраструктурных проектов, с которыми сталкиваются практически в каждой стране. В то же время, в экономической стабильности страны,

привлечение средств частного бизнеса активно используется в течение длительного времени, а также схемы государственно-частное партнерство (далее ГЧП ) достаточно доказано. Этот фактор определяет необходимость изучения передового опыта и формирования национальных методов ГЧП в Республике Таджикистан.

Термин «государственно-частное партнерство" является переводом английского термина «public-privatepartnership» (PPP) и используется в течение длительного времени за границей. [1] В рамках механизмов ГЧП понимаются различные схемы инвестиционных проектов. За рубежом ГЧП решили использовать очень широкий спектр бизнес-моделей и отношений. В самом общем смысле, этот термин используется для любого использования ресурсов частного сектора для удовлетворения потребностей публики. Выбор основной сферы ГЧП проекта зависит от уровня социально-экономического развития и приоритетов в той или иной стране или регионе. Есть 3 уровня развития ГЧП (табл. 1).

Таблица 1. Уровни развития ГЧП [2]

| Уровень | Показатель |
|---|---|
| 1 | Уровень развития стандартов и нормативно-правовой базы; создание государственного органа для осуществления ГЧП, развитие структуры соглашения о ГЧП, создание системы взаимодействия, строительство открытого рынка для участников ГЧП; использовать опыт других стран - стран Восточной Европы, Латинской Америки. |
| 2 | Создание отделов ГЧП в министерствах; разработка новых моделей концессии; расширение рынка ГЧП; стимулирования новых источников финансирования; использование ГЧП для развития сектора услуг; увеличение числа проектов ГЧП на основе опыта, накопленного странами, которые уже прошли этот путь: Великобритании (строительство школ, больниц и военной инфраструктуры); Австралии и Ирландии (дорожное строительство), Нидерланды (строительство муниципального жилья) |
| 3 | совершенствование моделей ГЧП, повышение риска платежной системы; увеличение ГЧП проектов жизненным циклом пенсионных и взаимных фондов для участия в ГЧП; совершенствование системы государственного участия в ГЧП; совершенствование системы подготовки для работы в системе ГЧР (США, Великобритания, Австралия. Ирландия, США) |

В настоящее время разнообразие видов, форм и сфер применения ГЧП превращают их в универсальный механизм для решения различных типов долгосрочных целей в широком диапазоне сфер деятельности - от продажи исключительно социальных и инфраструктурных проектов национального значения к разработке и адаптации особенно перспективной технологии для новых точек роста.

Например, отраслевые приоритеты для зарубежных стран заключаются в следующем:

 дороги в Соединенных Штатах (32 из 36 проектов)

 в Великобритании - Здоровье (123 из 352 проектов) и образование (113 из 352 проектов)

 Германия - образование (24 из 56 проектов)

 в Италии, Канаде, Франции, - здравоохранение и т.д.

Однако основной сферой экономики Европы и США являются строительство и эксплуатация автомобильных дорог. Отраслевая локализация проектов ГЧП разнообразна.

Эффективное партнерство возможно при выполнении следующих условий. Во-первых, как и любое партнерство ГЧП (МЧП) требует, чтобы интересы публичного и частного партнера совпадали. Это является ключевым условием эффективности ГЧП, как с очки зрения общественной и частной эффективности. Во-вторых, применяемые в мировой практике механизмы ГЧП различаются отраслевой специализацией и соответствующими ей различными схемами ГЧП, осуществляемых на основании концессионных соглашений или контрактов жизненного цикла. В-третьих, приоритетность отрасли, выбираемой для

привлечения в нее инвестиций с помощью ГЧП (МЧП), зависит от социально-экономического уровня развития страны, региона (муниципального образования).

Таблица 2. Сущность и формы ГЧП за рубежом [3]

| Страна | Механизм государственно-частного партнерства |
|---|---|
| Великобритания (первая PFI была основана в 1992) | Суть механизма «частной финансовой инициативы» (Privatefinancinginitiative (PFI) состоит в привлечении частных инвестиций в строительство крупных государственных объектов с последующей компенсацией расходов частного инвестора либо за счет последующих доходов от эксплуатации объекта, либо за счет платежей из бюджета. Специфика механизма: частный инвестор привлекается к последующей эксплуатации объекта и организации его деятельности вплоть до найма персонала с целью получения |
| Франция (законодательные основы SEM восходят к 1966 и 1983 годам) | Суть механизма ГЧП включала в себя деятельность «сообществ смешанной экономики» (SEM), как промежуточным звеном во взаимоотношениях государства и органов местного самоуправления с частным бизнесом. Им предоставляются государственные или муниципальные концессии. Они несут всю ответственность. |
| Германия (реализована проектов кооперативного строительства) | Взаимодействие государства с некоммерческими компаниями, созданными на основе частных инициатив, при котором налагаются некоторые ограничения на их собственный бизнес и политику получения прибыли в обмен на налоговые льготы. |

В-четвертых, учитывая сложное состояние инфраструктурных сетей в регионах, значительные денежные средства, выделяемые из внебюджетных фондов, региональных фондов капитального ремонта, существует потребность в развитии рынка ГЧП - проектов.

Приведем специфику механизмов ГЧП в табличной форме (табл. 3).

Организовывая конкурс на право заключения договора ГЧП, органы власти хотят быть уверенными, что победитель конкурса располагает достаточными техническими и финансовыми возможностями для успешной реализации проекта по модернизации и реконструкции объектов коммунальной инфраструктуры. В этой связи конкурсный отбор проводится таким образом, чтобы победивший оператор предложил наилучшее качество предоставляемых коммунальных услуг за оптимальную для населения и органа власти цену. А это означает, что процесс выбора оператора должен организовываться таким образом, чтобы он отвечал следующим условиям:

Ясный и прозрачный. Цели заключения договора ГЧП должны быть ясными, а критерии выбора четко определенными. Все стороны процесса, включая третьи заинтересованные лица и организации, должны понимать суть конкурсного отбора и причины принятия тех или иных решений.

Продуманный. Процесс должен быть устойчивым по отношению к проблемам, которые могут возникнуть во время отбора оператора, и настолько грамотно организованным, чтобы проигравшие участники не смогли поставить под сомнение его результаты;

Честный. Процесс отбора участников конкурса должен происходить на равных для всех условиях;

Эффективный с точки зрения материальных и временных затрат. Стоимость и длительность проведения конкурса должны быть соизмеримы с потенциальными выгодами от этого процесса.

На практике при проведении конкурсов, как правило, выделяют два этапа. Стадия предварительного квалификационного отбора часто используется при реализации проектов ГЧП в США, Великобритании, Франции, ФРГ, Испании, Японии и других странах. Эксперты

Всемирного банка также придерживаются мнения, что конкурс должен состоять из двух этапов, а именно:

 предварительного (квалификационный) отбора;

 конкурсного отбора, включающего отдельно оценку финансового предложения участника конкурса и оценку технического предложения.

Таблица 3 - Основные типы механизмов ГЧП по состоянию на 2020 год

| Название | Сущность механизма | Тип механизма и его специфика |
|---|---|---|
| BOT | Build, Operate, Transfer (Построй-Управляй-Передай) | Концессионный механизм: создание объекта, право пользования (без права собственности) в течение срока соглашения с последующей передачей государству |
| BOOT | Build, Own, Operate, Transfer (Построй-Владей-Управляй-Передай) | Концессионный механизм: создание объекта, право собственности в течение срока соглашения предается частному партнеру, а после передается государству |
| BTO | Build, Transfer, Operate (Построй-Передай-Управляй) | Строительство объекта, право пользования (без права собственности) в течение срока соглашения, объект передается государству сразу после строительства. Частный партнёр обслуживает объект в течение срока действия соглашения, а публичный партнер возмещает затраты регулярными платежами (контракт жизненного цикла) |
| *BOO | Build, Own, Operate (Построй-Владей-Управляй) | Концессионный механизм: создание объекта, передача права собственности в течение срока соглашения частному партнеру, которое остается за ним по истечении срока соглашения |
| BOMT | Build, Operate, Maintain, Transfer (По строй-Управляй-Поддерживай-Передай) | Концессионный механизм. Акцент на поддержке жизнеспособности и обслуживании объекта. Право собственности остается у публичного партнёра |
| *DBOOT | Design, Build, Own, Operate, Transfer (Спроектируй-Построй-Владей-Управляй-Передай) | Концессионный механизм: создание объекта, в обязанности частного партнёра входит и проектирование объекта соглашения; право собственности в течение срока соглашения предается частному партнеру, затем передача государству |
| DBFO | Design, Build, Finance, Operate (Спроектируй-Построй-Финансируй-Управляй) | Акцент на обязанности частного партнёра финансировать строительство и мероприятия по обслуживанию. Публичный партнёр возмещает издержки регулярными платежами |

На предварительном этапе оцениваются возможности участников конкурса, чтобы в результате отсеять неподходящие компании. Предварительная оценка может также использоваться для того, чтобы сократить число участников конкурса, стимулируя, таким образом, достаточно квалифицированные компании делать по-настоящему проработанные конкурсные предложения. Например, при проведении конкурса на право заключения концессионного соглашения в г. Бухаресте критерии предварительного отбора включали в себя финансовые, организационные и технические критерии, по которым было отобрано 6 международных операторов. 3 из Впоследствии 6 компаний (IWL, Vivendi Water, Суэц) представили конкурсные предложения.

Эксперты Всемирного банка советуют органам власти разрабатывать правила проведения предварительного этапа. К разработке этих правил существует несколько подходов, и у каждого есть свои достоинства и недостатки.

Установление предварительного «порога». Этот подход предполагает, что в краткий список будущих участников конкурса попадают компании, которые преодолеют определенный порог качества. При этом порог качества следует устанавливать такой, чтобы получить оптимальное число будущих участников. В результате применения такого подхода возможно, что участников конкурса будет или слишком много, или слишком мало;

Определение конкретного числа компаний, которые будут допущены к участию в конкурсе. Этот подход подразумевает, что число компаний, которые будут выбраны для участия в конкурсе, установлено заранее. Поэтому по результатам предварительного этапа выбирается именно это число компаний, начиная с участника, показавшего наилучшие результаты на предварительном этапе, и далее по списку, пока не наберется нужное число. В результате применения данного подхода возможно, что к конкурсу будут допущены слишком слабые кандидаты;

Смешанный подход. Этот подход предполагает сочетание двух описанных выше подходов и подразумевает, что максимальное число допущенных к конкурсу и к тому же преодолевших установленный для участников порог качества компаний будет составлять, например, пять. При этом органы власти сохраняют за собой право выбрать еще две или три компании из верхних строчек списка, если предварительный порог преодолеют всего два или три участника.

В ходе предварительной оценки используются количественные критерии, связанные с техническими и финансовыми возможностями будущего оператора. Примеры критериев, которые использовались на предварительном этапе при проведении конкурсов ГЧП, представлены в таблице 4. Критерии могут касаться таких аспектов деятельности операторов:

- деятельность участника конкурса на одном или более сопоставимых по размеру рынках (как правило, выражается в количестве абонентов);
- финансовая состоятельность участника конкурса;
- минимальная выручка (от основной деятельности) от сходного предприятия в коммунальной сфере, которым управлял участник конкурса;
- минимальная доля акционерного участия предприятия в консорциуме, которая требуется от участника конкурса.

Законодательство разных стран также предусматривает возможность проведения переговоров между участниками, прошедшими предварительный отбор, и представителями органов власти и коммунального предприятия. При этом предусматриваются определенные правила проведения таких переговоров с целью обеспечения равного доступа к информации всеми прошедшими предварительный отбор участниками.

Прошедшие предварительный отбор участники конкурса, как правило, приветствуют возможность проведения диалога с властью относительно содержания конкурсной документации и проекта договора ГЧП. Отзывы и пожелания потенциальных участников конкурса повысят привлекательность конкурсной документации и проекта договора ГЧП, не сделав его при этом менее выгодным для органов власти и других заинтересованных сторон. В результате таких действий участниками конкурса могут быть представлены более качественные и соответствующие ожиданиям органов власти предложения [5].

К числу основных проблем, препятствующих созданию эффективной системы оценки проектов ГЧП можно отнести: неэффективность обратной связи, возникающей в процессе взаимодействия участников проекта ГЧП; невозможность согласования интересов сторон, ставящих перед собой противоречивые цели; недостаточная степень координации и взаимосвязи теоретических разработок в области оценки бизнеса и стоимостного анализа проектов; невозможность применения сравнительного подхода; отсутствие качественной оценки эффектов проекта и соответствующих показателей его эффективности на всех стадиях жизненного цикла проекта. [6]

Таблица 4. Примеры критериев предварительной оценки участников при проведении конкурса на право заключения договора ГЧП [4]

| **Сфера деятельности** | **Страна** | **Процедура предварительной оценки** | **Технические критерии** | **Финансовые критерии** |
|---|---|---|---|---|
| Энергоснабжение Концессия в сфере распределения электрической энергии | Аргентина | Во время предварительной оценки от участников требуется гарантия того, что они не откажутся от участия в конкурсе после прохождения предварительной оценки | Консорциум должен включать квалифицированного оператора с требуемым опытом работы, связанной с передачей электрической энергии | Минимальная стоимость чистых активов компании-участника конкурса; доказанное 10-процентное увеличение стоимости активов за три года до момента проведения конкурса |
| Транспорт | Венгрия | Приглашение к предварительному этапу на основании предварительного одобрения пакета проектной документации | Возможности соискателей в области проектирования, строительства, обслуживания и ремонта платных автомобильных дорог | Возможности претендентов в области самостоятельного финансирования платных дорог без помощи со стороны |
| Водоснабжение Концессия «Аргентина. Буэнос-Айрес» | Аргентина | Взнос в размере 30 тыс. долларов за подготовку документации для предварительной оценки | Минимальная численность населения самого крупного города, который обслуживала компания, и общая численность | Минимальные требования к выручке от осуществления деятельности, связанной с предоставлением услуг водоснабжения |
| Водоснабжение Концессия «Ла-Пас» | Боливия | Представление банковской гарантии выполнения инвестиционных обязательств | Консорциум должен включать оператора услуг водоснабжения с требуемым опытом и объемом поставляемых услуг | Максимальный собственный капитал участника конкурса |

Таким образом, на сегодняшний день актуальными путями по преодолению существующих проблем в сфере оценки инвестиционных проектов ГЧП будет являться: создание условий для эффективного взаимодействия сторон; учет особенностей, целей и задач каждого участника; создание эффективной методологической основы оценки, строящейся на современных научных наработках по данной проблеме. Также необходим анализ проекта и оценка эффектов проекта на всех стадиях жизненного цикла; создание информационно-аналитической системы по проектным сделкам и выпуск научной литературы, описывающей лучшие практики реализации проектов ГЧП, содержащей информацию об особенностях структурирования сделок, о направлениях развития законодательной базы и фактические данные об эффективности таких проектов в сфере ГЧП.

Подводя итоги, следует отметить, что необходимость реализации проектов государственно-частного партнерства в современной экономической системе Таджикистана является объективной необходимостью. Следует определить механизмы реализации ГЧП на всех стадиях реализации:

1 этап - определение потребности в финансировании проекта, определение социальной экономической значимости;

2 этап - определение финансовых потребностей в реализации проектных решений; Данный этап должен осуществляться как частными, так и государственными экспертами, под постоянным контролем заинтересованных государственных служб;

3 этап - проведение конкурсных процедур.

5 выбор концедента, реализация проекта;

6 этап - подготовка отчетности по финансовой обоснованности и социальной эффективности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. ADB Public-Private Partnership Handbook. Asian Development Bank. 101 p. 5. Delivering the PPP promise. A review of PPP issues and activity. PricewaterhouseCoopers International, 2005. 84 p.
2. Guidelines for Succesfull Public - Private Partnerships. European Commission Directorate-General Regional Policy. 2003. 100 p.
3. System of National Accounts 2008. European Communities, International Monetary Fund, Organisation for Economic Co-operation and Development, United Nations and World Bank. 2009. 722 p.
4. Ефимова Л.И. Некоторые модели государственно-частных партнерств: тенденции и зарубежный опыт. URL: www.eatc.ru/rus/doc.id_71.book_1.php (дата обращения: 05.06.2016)
5. Рубвальтер, Д.А. Нормативно-правовое обеспечение государственно-частного партнерства в на- учно-технической и инновационной сферах в России: проблемы и направления совершенствова- ния / Д.А. Рубвальтер, А.В. Кольцов, Е.А. Наумов / Центр исследований и статистики науки. – М., 2008. – С. 24–56
6. Зельднер, А.Г. Концептуальные основы становления и функционирования государственно-частного партнерства [Текст] / А.Г. Зельднер. - М.: Институт экономики РАН, 2010. – 38 с



***Ҳакимов И.Б. – ассистент***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***


## НИЗОМИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Оғози истиқлолияти давлатӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табии нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX бар намехӯраду он нақшаву барномаҳои дурнамои солҳои охир қабулшуда амалӣ мегардиданд, ҷумҳурии навбунъёди Тоҷикистон дорои иқтисодиёти тараққикарда, бӯҷети давлатии аз ҷиҳати молиявӣ устувор ва низоми пуливу қарзии ҷавобгӯи талаботи замони муоссир мебуд. Мутаассифона, кашмокашиҳои дохилӣ ва офатҳои табии он солҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, ба потенсиали истеҳсолии он зарари калони моддӣ расонид, ки он аз рӯи ҳисоби экспертҳои байналмилалл, аз ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ, бо нархҳои ҳамонвақта зиёда аз 7 милярд доллари ИМА- ро ташкил менамуд.

Ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ он вақт ба ҷое расида буд, ки аз хатари нобудишавии давлат хабар медод.

Дар чунин шароити муташанниҷ аз 3-декабри соли 1994 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти №8, «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба дигаргунсозиҳои амиқи иқтисодӣ» ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ба имзо расид, ки дар асоси он Барномаи давлатии гузаштан ба иқтисоди бозорӣ барои солҳои 1995–2000 таҳия ва қабул карда шуд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз ҷумҳуриҳои дигари ИДМ солҳои 1990–1994 солҳои шикасту рехти кашмакашиҳои дохилӣ ва солҳои 1995–2000 солҳои баркароркунии иқтисодиёт баҳисоб мераванд.

Дар масъалаи идоракунии давлатӣ ягона сиёсати дурусти молиявӣ он буд, ки ресурсҳои молиявӣ ба ҳалли ду масъалаи аввалиндараҷа равона карда шуданд:

1. барои барқарорнамудани иқтисодиёти фалаҷгардида;

2. дар қатори давлатҳои дигари ИДМ ба бунёди инфрасохтор ва такмили муносибатҳои иқтисоди бозорӣ.

Маҳз натиҷа ҳамин шуд, ки аз охири соли 1998 пастравии сатҳи истеҳсолот боз дошта шуд ва аз охирҳои соли 2000 сар карда иқтисодиёти ҷумҳурӣ рӯ ба тараққӣ ниҳад.

Аз нуқтаи назари илмӣ дар он ақидаем, ки таҳлили муқоисавии рушди иқтисодиву иҷтимоии солҳои соҳибистиқлолӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва бо давлатҳои дигари ҳамсоя бояд дар муқоиса бо соли 2000 гузаронида шавад, чунки ин ба ҳақиқат рост меояд.

Дар бораи рушди иқтисодӣ иҷтимоии ҷумҳурӣ сухан ронда бояд ҳаминро дарназар дошт, ки гарчанде минтақаҳои ҷумҳурӣ дорои боигариҳои зиёди заризаминӣ ва захираҳои табиӣ бошанд ҳам дар миқёси СССР Тоҷикистон баъд аз Ӯзбекистон истеҳсолкунандаи пахта буда ҷумҳурии аз ҷиҳати аграрӣ тараққикарда ба ҳисоб мерафту аз ҷиҳати саноатӣ бошад ба ғайр аз заводи алюминии Турсунзода ва якчанд фабрикаву заводҳо дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд (Ленинободи онвақта) якчанд заводҳои пахтатозакунӣ буданд.

Аз ин лиҳоз, дар муносибати иқтисодии хориҷӣ потенсиали содиротии ҷумҳурӣ асосан аз ашёи хом иборат буда, дар ҳаҷми умумии то 30 фоизро ташкил мекунаду халос. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолият то имрӯз дар назди давлат ва Ҳокимият бунёди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, дар ин замина таъмини рушди соҳаҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ, сохторҳои давлатӣ ва дигарҳо меистад, ки ин пеш аз ҳама дарёфти маблағҳои калони молиявиро талаб менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ ба таҳлили механизми молиявии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар 18 соли охир рӯ меорем. (ба ҷадвали 1 нигаред).

**Ҷадвали 1. Динамикаи захираҳои молиявии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ дар солҳои 2000 - 2018**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи аҳолии доимӣ (ҳаз. навар) | 6250,0 | 7621,2 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,7 |
| 2 | Даромади буҷети давлатӣ (млн. сом.) | 251,7 | 7024,0 | 16060,9 | 18473,8 | 23307,3 | 23925,5 |
| 2.1 | Ба 1- нафар аҳолӣ | 40,3 | 921,6 | 1878,2 | 2113,0 | 2609,6 | 2621,5 |
| 3 | Сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо | | | | | | |
| | - ҳамагӣ (млн. сом.) | 108,6 | 4669,0 | 9750,0 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 |
| | - ба 1 наф. аҳолӣ сом | 17,4 | 612,6 | 1140,2 | 1278,7 | 1263,0 | 1463,9 |
| | Аз ҳаҷми умумӣ | | | | | | |
| | - давлатӣ | 47,3 | 1677,4 | 3446,0 | 4399,9 | 5013,8 | 6468,8 |
| | - аҳолӣ | 4,9 | 356,2 | 572,4 | 483,5 | 457,5 | 436,3 |
| | - ташкилотҳои дигар | 56,4 | 2635,2 | 5731,6 | 6296,3 | 5900,4 | 6455,8 |
| | Аз ин маблағ сармояи хориҷӣ | 42,4 | 1012,0 | 2900,0 | 3400,0 | 3023,0 | 2990,2 |
| 4 | Қарзи давлатӣ берунӣ млн. доллар | 1027,1 | 1942,8 | 2194,5 | 2274,1 | 2879,0 | 2924,2 |
| | - млн. сомонӣ | 1879,6 | 8509,5 | 13518,1 | 17806,2 | 24586,6 | 26756,4 |

**Сарчашма**: Дар асоси ҳисоботҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Аз таҳлили маводҳои амалии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар санаи 1уми январи соли 2019 дар ҷумҳурӣ шумораи умумии аҳолии доими истиқоматкунанда 9126,7 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки он нисбат ба соли 2000 1,6 маротиба, соли 2010 1,2 маротиба, соли 2015 6,7% ва соли 2017 2,7% зиёд мебошад.

Аз нуқтаи назари илмӣ амалӣ диққатҷалбкунанда аст, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ захираҳои молиявии таъмини рушди иқтисодӣ иҷтимоӣ бо суръати баланд афзудаанд.

Аз ҷумла даромади умумии буҷети давлатӣ аз 251,7 млн. сомонии соли 2000 дар соли 2018 23925,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба он сол 95 маротиба, соли 2010 3,4 маротиба, соли 2015 1,5 маротиба афзудааст.

Яке аз сарчашмаҳои асосии молиягузории дарозмуддат барои бунёди фондҳои асосӣ, сармоягузори мебошад, ки ин нишондиҳанда аз ҳисобӣ ҳамаи сарчашмаҳо дар охири соли 2018 13361 млн. сомониро ташкил намудааст, ки он нисбат ба соли 2000 12,3 маротиба, соли 2010 2,9 маротиба, ва соли 2015 қариб 1,4 маротиба зиёд мебошад. Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳои молиявӣ дар солҳои сипаригашта таркиби сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба куллӣ тағйирёфтаанд (ба ҷадвали 1 нигаред).

Бояд қайд намуд, ки бухрони ҷаҳонии молиявӣ ба пояи молиявии давлатӣ таъсири манфии худро расонид, ки он аз соли 2008 то айни замон ҳис карда мешавад. Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 дида мешавад, агар дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ вазни хоси сармоягузории давлатӣ аз 70 75 % замони Шӯравӣ дар соли 2000 то ба 43,5% фаромада, сарчашмаҳои ғайридавлатӣ 56,5%ро ташкил намудаанд, ки ин ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ мебошад. Лекин баъд аз соли 2010 да натиҷаи суст гардидани қобилияти молиявии сектори хусусӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ҳисси сармояи давлатӣ аз 35,9% и соли 2010 дар соли 2018 то ба 48,4% расида, вазни хоси сармояи аҳолӣ мутаносибан аз 7,6% то 3,3% омада расидааст, ки ин аз сатҳи ғайриқаноатбахши ин сарчашма гувоҳӣ медиҳад ва дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳури ва мақомотҳои маҳаллии Ҳокимияти давлатӣ андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

**Ҷадвали 2. Дигаргуншавии таркиби сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2018 (бо ибораи фоиз)**

| № | Манбаи сармоягузорӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| | Сармоягузорӣ ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| - | давлатӣ | 43,5 | 35,9 | 35,3 | 39,3 | 44,1 | 48,4 |
| - | аҳолӣ | 4,5 | 7,6 | 5,9 | 4,3 | 4,0 | 3,3 |
| - | хориҷӣ | 39,0 | 21,7 | 29,4 | 30,4 | 26,6 | 22,4 |
| - | ташкилотҳои дигар | 13,0 | 34,8 | 29,4 | 26,0 | 25,3 | 25,9 |

**Сарчашма: Дар асоси маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.**

Дар низоми ресурсҳои молиявии рушди иқтисодӣ иҷтимоии ҷумҳурӣ қарзи давлатии берунӣ мақоми бахуд хосро ишғол менамояд.

Дар Тоҷикистон чун дар ҷумҳуриҳои дигари соҳибистиқлол ҳисобкардани қарзи давлатии хориҷӣ аз охири соли 1992 оғоз гардида он дар санаи 1 январи соли 1995 750 млн. доллари ИМА ро ташкил мекунаду дар охири соли 2000 1027,1 млн долари ИМА ро ташкил намуда буд. Дар санаи 10.12.2019 қарзҳои ду ва бисёртарафаи Тоҷикистон бо созмонҳои байналмиллалӣ ва давлатҳои хориҷӣ 2924,2 млн долари ИМА ё худ 26756,4 милон сомониро ташкил менамояд, ки асосан бо истифодаи лоиҳаҳои инвеститсионӣ сохтмони иншоотҳои аъзими ҳаётан муҳим (нақбҳои Истиқлол, шаҳристон, чормағзак, шоҳроҳҳои автомобилгард, корхонаҳои саноатӣ ва объектҳои иҷтимоӣ) вобаста мебошанд. Қарзи хориҷии давлати дар асоси Созмонҳои байнидавлатии барои иқтисодиёти ҷумҳури фоиданок ҷалб карда шуда, ҳамасол аз ҳисоби буҷети давлатӣ хизматрасонӣ карда мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3. 12. 1994, № 8 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оиди дигаргунсозиҳои амиқи иқтисодӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ» Душанбе – 1994

2. Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1995 – 2000. Душанбе – 1995
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбн – 26.12.2017
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе – 26.12.2019
5. Алимардонов Ӯ., Мамадризоева Н. Республика Таджикистан: Государственное регулированне региональных бюджетов (теория и практика) Паёми ДМТ. -С.2019 № 4 қисми 1 саҳ. 121 – 125
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019. Душанбе – 2019.

***Зубайдулллоев Э. – магистрант***
***Қараев Ф. - магистрант***

## РОҲҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ СИСТЕМАҲОИ БИСЁРДАРАҶАГИИ АХБОРОТ ДАР КОРХОНАҲОИ ТИҶОРАТӢ

Яке аз қисмҳои асосии фаъолияти системаҳои коркарди автоматонии ахбороти иқтисодӣ ва ташаккили он, дар корхонаҳою муассисаҳо, бо ҳам алоқамандии қисмҳои алоҳидаи он ва ба лоиҳа даровардани системаи ҳисоббаробарӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, тайёр намудани мутахассисони махсус барои истифодабарии воситаҳои барномасозию техникӣ ва барои бо самаранок истифода бурдани ин система корҳои бисёреро иҷро кардан ҳатмист.

Дар амал тадбиқ намудани системаи коркарди ахбороти иқтисодӣ ба қайр аз тадбиқкунӣ, боз доимо дар такмилу танзим мебошад. Чунки системаи тартибдодашуда доимо дар як дараҷаи муайян намеистад, вай ҳамчун организми зинда доимо дар тарақӣ ва такмилёбӣ мебошад.

Бинобар ҳамин ҳам, дар система пеш аз ҳама тарақии дохилии система мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷа, тарақиёти дохилии система ба тарақиёти байни системаҳо оварда мерасонад.

Агар инро мо дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дида бароем, он гоҳ ин система дар дохили худ, аз рӯи марҳалаҳои ба худ хос тарақкӣ менамояд. Ин рафт пеш аз ҳама ба дигаргун намудани вазифаю корҳои корхонаҳои саноатӣ оварда мерасонад. Яке аз роҳҳои асосии коркарди ахборот дар корхонаҳои саноатӣ ва самаранок истифодабарии он ин коркарди ахборот дар органҳои идоракунӣ сатҳи аз поёнӣ то ба сатҳи болоӣ мебошад. Ҳар як шабака чунин системаи шабакаи глобалиро (бузургро) ташкил намуда, ба он пеш аз ҳама, маркази ҳисоббарории дар амал вуҷуддошта, ки ахбороти иқтисодиро аз муассисаю корхона алоҳида-алоҳида қабул ва таҳлил карда ва ҳам шабакаҳои локалии (алоҳида) органҳои идоракунӣ истифода бурда мешаванд. Ба қайр аз ин боз дар ҷойхои кории мутахассисон (иқтисодчиён, муҳосибон, молиячиён, кормандони бонкҳо) автоматонии ҷои кор (АҶК) ташкил карда мешаванд ва ҳамаи онҳо бо як система пайванд карда мешаванд, пурра истифода мегарданд, ки инро системаи яклухти (пайвастаи) истифодабарию коркарди ахбороти иқтисодии органҳои идоракунии корхона меноманд. Шабакаҳои ҳисоббарор бо усули автоматонӣ маълумотҳоро бо хатти алоқа аз шабакаҳои глобалӣ ба шабакаҳои локалӣ ва баракси он ирсол менамоянд. Ин рафт доимо такрор мешавад, ки асоси автоматонии коркарди ахбороти иқтисодиро ташкил менамояд.

Бо ҳамин роҳ кормандони муассиса ва органҳои идоракунии корхона бо маълумоти лозимӣ доимо таъмин карда мешаванд.

Бинобар ҳамин ҳам доимо дар байни кормандони муассисаю корхонаҳо аз боло то ба поён баракси он, ҳам дар байни мутахассисони марказӣ ҳисоббарори вазифаҳо тақсим карда мешаванд.




**Расми 1.** Гурӯҳбандии ахбори иқтисодӣ аз рӯйи хусусияти истифодаи он дар идоракунӣ.

Дар ин маврид аниқ карда мешавад, ки кадом корҳоро оиди коркарди ахбороти иқтисодӣ кормандону мутахассисони маркази ҳисоббарор ва кадомашонро кормандони дастгоҳи идоракуни иҷро менамоянд. Самаранок ташкил ва истифодабарии системаҳои коркарди автоматонии ахбороти иктисодӣ пеш аз ҳама ба тақсими корҳо дар байни кормандони корхонаҳои саноатӣ вобаста мебошад. Асоси ташкил ва истифодабарии системаҳои ахборотиро омӯхта ва аз ҷиҳати илми асоснок намуда, элементҳои алоҳидаи системаи бисёрдараҷагии корхонаҳои саноатиро дар дараҷаи лоиҳакашӣ ба роҳ мондан имконпазир аст. Чунки дар марҳалаи аввал алокаҳои ахборотии дохилии система ва баъдан алоқаи берунии он, тавсифи селоби ахборотӣ, моҳияти ташкили ин селоб, ҷамъоварӣ, аз нав барқароркунӣ ва ирсоли он аз як дараҷаи идоракунӣ ба дараҷаи дигари он дида баромада мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои лоиҳа дараҷаи хуб ва оли барои муайян намудани тавсияҳои ташкилию-ҳуқуқӣ, дастурҳо оиди иҷроиши вазифаҳо ва амалиётҳои рафти технологӣ дар ҳар як дараҷаи системаи ҳисоббарорӣ пешбинӣ карда мешаванд.

Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки аз як тараф сифати системаи ахборотӣ баланд бардошта мешавад ва аз тарафи дигар бо ин роҳ сифати коркарди ахборот ва дараҷаи қабули қарорҳо дар рафти идоракунӣ баланд бардошта мешаванд.

Самаранок истифода бурдани системаҳои ахборотӣ дар коркарди яклухтии (пайвастаи) он пеш аз ҳама, бо ҳам мутобиққунонии система ва алоқамандии он, бо ҳам истифодабарии ду ва аз он ҳам зиёд системаҳои ахборотӣ оварда мерасонад. Системаҳои автоматонии коркарди ахбороти иктисодӣ, ки асоси онҳоро системаи яклухти (интегрирование) коркарди ахборот ташкил медиҳад, бо системаҳои автоматонии вазорату корхонаҳои дигар алоқаманд мебошанд ва доимо дар байни ин органҳои идоракунӣ бояд алоқаи ахборотии хуб вуҷуд дошта бошад. Дар ҳамин маврид ин системаҳо бо тарзи пурра ва самаранок истифода бурда мешаванд.

Мутобиққунии дохили система, пеш аз ҳама, аз мутобиққунии элементҳои қисми таъминотии системаи ахбороти иборат буда, дар ҳар як дараҷаи идоракунӣ онҳо ҳар хел мешаванд. Таъминоти ташкилии мутобиққунӣ дар ҳамон вақт ба ҷо оварда мешавад, ки агар хуҷҷатҳои ташкилию фармондиҳии лоиҳаи система ва ҳаракати ҳамаи қисмҳои ҷудогонаи он ба тартиб доварда шуда бошад. Ин корҳо асосан дар ҳолати омӯхтани объект , пеш аз тартиб додани лоиҳа ба ҷо оварда мешаванд, ки дар он ҳалли кулли масъалаҳои иқтисодии корхона пешаки дида баромада ва дар лоиҳаи системаи ахбороти тасвир ёфта бошанд[9; 135].

Мутобиқкунонии таъминоти ташкилӣ аз рӯи дараҷаи сохтани системаҳои ахборотӣ ба он равона карда мешавад, ки барои амали гардонидани ин система, бояд ба ҳисобгирӣ ва назорат аз болои амалиёти маблакҳои пулӣ ва дигар амалиётҳои муҳосиба дуруст ба роҳ монда шуда бошанд. Масалан, усулҳои ташкилию методӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва муттобиқкунии ахборот имконият медиҳад, ки дар асоси истифодабарии ҳисоботи иҷроиши накшаҳои корхона, ахборотро дар бораи иҷроиши онҳо кор карда, натиҷаи онро ба органҳои дахлдори идоракунӣ пешниҳод намоянд. Дар асоси кулли ахбороти коркардашуда органҳои идоракунии корхона аз болои фаъолияти истеҳсолии корхона назорат мебаранд. Ва дар асоси ҳамин ахборот, ин органҳои идоракунии корхона ҳисоботи фаври оиди ичроиши нақшаҳо ба органҳои болои ҳисобот медиханд.

Дар мутобиқкунии таъминоти ахборотии системаи ахборотии бисьёрдараҷаги бошад, баланд бардоштани самаранокии ахборот барои истифодабарандагону кормандони органҳои идоракунии корхона аз ҳисоби яклухткунии (интеграцияи) ахборот дар рафти аз нав барқароркунӣ ва қункунии он ба ҷо оварда мешавад. Дар ин ҳолат барои иваз намудани маълумот дар байни истифодабарандагони дараҷаҳои гуногун имконият пайдо мешавад. Ин ҳолат пеш аз ҳама дар байни марказҳои ҳисоббарори органҳои идоракунии корхонаҳои гуногун ба ҷо оварда мешавад[7].

Чунин тартиби коркарди ахборот имконият медиҳад, ки аз нав тартиб додан ва аз нав барқарор кардани маълумот барои ҳалли масъалаҳои нав аз байн бардошта мешавад.

Наздикшавии амсилаҳо дар чунин мавридҳо имконият медиханд, ки ҳуҷҷатхои натиҷави оиди коркарди ахбороти муҳосиба талаботи ин системаро ҳамчун системаи бисьёрдараҷагӣ қаноат кунонида тавонад.

Мутобиқкунонии таъминоти барномасозии системаи коркарди ахборот дар ҳамаи ҳолатҳо ба ҷо оварда мешаванд дар ҳолати бо ҳам алоқамандии система аз поён то ба боло ва аз боло то ба поён барномаҳои тартибдодашуда истифода бурда шаванд. Дар ҳамаи зинаҳои системаҳои ахборотӣ ба дараҷаи максималӣ дастаи барномаҳои амалӣ (ДБА) барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ дар мошинаҳои электронии ҳисоббарори фардӣ истифода бурда мешаванд. Истифодабарии мини- мэҳ бо воситаҳои терминалӣ (воситаҳои қабулу фиристодани ахборот дар як масофаи муайян) ва автоматикунонии ҷои кор дар асоси истифодабарии МЭХ фарди дар навбати аввал ташкил ва истифода бурдани тартиби тақсимшавандаи коркарди ахборотро ба миён меоранд. Ин тартиби коркарди ахборот талаботҳои нав ба навро оиди таъминоти барномасози, ахбороти, риёзӣ, техникӣ ва ташкилию ҳуқуқиро низ ба миён меоранд.

Мутобиқкунии воситаҳои техникӣ дар зинаҳои гуногуни системаҳои ахборотӣ, пеш аз ҳама имконият медиҳанд, ки онҳо бо тарзи автоматона бо ҳам алоқаманд шаванд ва дар асоси усулҳои якхела дар ҳамаи зинаҳои коркарди автоматони ахборот, ахбороти лозима ба даст оварда шуда ва дар кор истифода карда шаванд. Бо чунин тартиби кор роҳбарони ҳамаи зинаҳои идоракунии органҳои идора бо ахбороти лозима таъмин карда мешаванд. Аз тарафи дигар мутобиқкуни восиатаҳои техникӣ дар ҳолати амалан тадбиқкунии системаи автоматона имконият медиҳад, ки хароҷоти пулӣ, мехнатӣ ва вакт барои дар амал тадбиқ намудани системаи номбурда кам карда шаванд. Аз тарафи дигар, ин шакли мутобиқкунии ба аз нав рамзбардорӣ ва ҳам корҳои дастие, ки мавриди вуҷуд доштани маълумоти натиҷавии зинаи поёнии органҳои идоракунӣ ба ҷо оварда мешаванд ва фиристодани он ба органҳои болои коркарди ахборот аз байн бардошта мешавад. Ин ба он оварда мерасонад, ки тартиби нави технологияи коркарди ахбороти иктисодӣ ба монанди тартиби гуфтугӯи (диалогӣ) ташкил карда мешавад, ки ин тартиби идоракунии фаврии фаъолияти корхонаҳоро дар ҳамаи зинаҳои идоракунии онҳо оварда мерасонад. Истифодабарии усулҳо ва талаботи якхела , ки барои ҳисоб намудани воситаҳои техникии ҳисоббарори, барои системаи идоракунӣ зарур ва баланд бардоштани самаранокии система, кӯтоҳ намудани муҳлати лоиҳакашӣ ва дар амал тадбиқкунии масъалаҳои нав ба нав оварда мерасонад. Аз тарафи дигар паст намудани хароҷотҳо ва баланд бардоштани эътимоднокии ин система нисбат ба системаҳои дигар дар марҳалаи тартиб додани лоиҳа пешбини карда мешаванд. Ин пешбинӣ дар лоиҳа барои бо ҳам

алоқамандии система бо ҳамаи он системаҳое, ки бо системаи номбурда сару кор доранд тасвир карда мешавад. Дар чунин маврид мутобиққунии зерсистемаҳои таъминоти ва зерсистемаҳои иҷроиши кор аз рӯи вазифа дар байни системаҳои автоматонии гуногун, дар лоиҳаи системаи ахборот пешбинӣ карда мешаванд[8].

Иҷро намудани чунин корҳо дар марҳалаи лоиҳакашӣ ба он оварда мерасонад, ки системаи ташкил кардашуда дар ҳамаи зинаҳои идоракунии корхонаҳои саноатӣ бо ахбороти лозими дар сари вақт таъмин карда мешаванд. Чунин мутобиққунии ахбороти бо системаҳои автоматонии соҳаҳои дигар, масалан бо системаҳои коркарди ахбороти ҳисобкуниҳои нақшавӣ ва дигарҳо пешбинӣ карда мешаванд. Дар амал тадбиққунии чунин система дар асоси бо ҳам мутобиққунии ташкилию ҳуқуқии ахбороти техникии барномасозии ҳамаи системаҳои аватоматонӣ, ҳам алоқаманд ба роҳ монда мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Автоматизированные информационные технологии в банковской деятельности. / под ред. Титоренко Г.А. М.: Финстатинформ, 2010
2. Ашуров Н. Управление банковскими рисками. Душанбе, 2000
3. Балабанов И.Т. Электронная коммерция. Учебник для вузов. – М.: Дело и сервис, 2009
4. Банки и банковские операции: учеб. для вузов Е.Ф. Жуков. Москва 2000. - С. 55-62
5. Банки на развивающихся рынках. В2. М: финансы и статистика, 2004
6. Бушева Л.И. Роль Интернет – услуг практической маркетинговой деятельности и маркетинг в России и зарубежом. - 2008. № 6. - С. 10-16
7. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: www.nbt.tj
8. Титоренко Г.А. Автоматизированные информационные технологии в экономике: учебник - М.: ЮНИТИ, 2004. – 399 с.
9. Уткин В.Б., Балдин К.В. Информационные системы в экономике. Учебное пособие. - М.: Академия, 2004.- 288 с.



*Қараев Ф. – магистрант*
*Зубайдулллоев Э. – магистрант*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*


## МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Фаъолияти ташкилотҳои суғурта муносибатҳои молиявиро оид ба ташкил, тақсим ва истифодаи фондҳои пулии таъиноти махсусдошта, дар бар мегирад. Вай дар чорчӯбаи бастани шартнома бо суғурташавандагон, пардохти маблағи зарар дар мавриди ҷой доштани ҳодисаҳои суғурта ва пасандози маблағи фонди захиравии суғурта ба миён меояд.

Муносибатҳои молиявӣ дар фаъолияти суғурта хароҷоти фаъолияти суғурта, ташкили захираҳо, додану гирифтани қарз, маблағгузорию супоридани андозҳо, додани дивиденд ва ғайраро дар бар мегирад.

Ташкилу тақсим ва истифодаи фондҳои суғурта даромаду хароҷот натиҷаҳои молиявии амалиёти суғуртавиро ба миён меорад, ки дар ҳамҷоягӣ муносибатҳои молиявии суғуртароифода менамояд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2020 хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 18 иштирокчии касбии бозори суғурта амалӣ карда мешаванд, ки онҳо аз 2 адад ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (КВД), 15 адад ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ва 1 адад Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила иборат мебошанд. Дар ин давра, шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба 77 адад баробар шуданд. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи ҳисоботӣ бинобар сабаби барҳамхӯрии ҶДММ “ТС Лидер иншуранс” ба 1 адад кам гардидааст (ниг. ба ҷадвали1).

**Ҷадвали 1. Сохторииштирокчиёникасбиибозорисуғурта(бо адад)**

| Нишондиҳандаҳо | 9/2019 | 9/2020 | (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 16 | 15 | -1 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобил | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **19** | **18** | **-1** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 77 | 0 |

**Дороиҳоиумумииташкилотҳоисуғуртавиикишвар** дар маҷмӯъ дар нӯҳмоҳи соли 2020 ба 417,3 млн. сомонӣбаробаргардида, дар муқоиса ба ҳаминдаврai соли гузашта ба маблағи 14,6 млн. сомонӣ (3,4 фоиз) камгардидааст(ниг. ба диаг. 1):

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015- 2020**




**Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон**

Дар давраи ҳисоботӣ ухдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ 201,4 млн. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50,3 млн. сомонӣ (20,0 фоиз) камтар мебошанд (ниг. ба диаг. 2)

**Диаграммаи 2.Тағйирёбии ухдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2020**




**Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон**

**Маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар нӯҳ моҳи соли 2020 маблағи 215,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 35,7 млн. сомонӣ (19,8 фоиз) афзоиш ёфтааст, ки ин раванд дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад.Бояси зикр аст, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар нӯҳ моҳи соли 2020 122,9 млн.

сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3,3 млн. сомонӣ (2,8 фоиз) зиёд шудааст.

Даромади ташкилотҳои суғурта аз ҳисоби маблағе, ки суғурташавандагон мепардозанд ва ҳаққи узвияте, ки мувофиқи тарифҳои муайянкардашуда супурда мешавад, бавуҷуд меоянд. Ҳаққи узвияте, ки аз суғуртакардашудагон ситонида мешавад, фонди ҷории воридотро ташкил медиҳад.

Ташкилотҳои суғурта аз фаъолияти ғайрисуғуртавӣ низ даромад ба даст меоранд, ки он дар якҷоягӣ бо маблағҳои фонди ҷорӣ даромадҳои умумии суғуртакунандагонро ташкилмедиҳад.

Маблағҳои фонди эҳтиётӣ ва захираҳо низ яке аз қисмҳои таркибии даромади ташкилотҳои суғурта буда, онҳоро дар ҳолати нарасидани маблағҳои фонди ҷорӣ барои пардохти ҳамаи суғуртапулиҳо истифода мебаранд. Бинобар инмаблағҳои фонди эҳтиётӣ дар маънои аслӣ даромад ҳисобида намешаванд. Вале барои ташкилотҳои суғурта яке аз механизми танзими ҳолати молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Фонди маблағҳои ҷорӣ барои ҳар як навъи суғурта дар алоҳидагӣ ё барои ҳамаи соҳаҳои он дар ягонагӣ ташкил шуда метавонад.

Суғуртакунанда имконияти интихоби варианти аз ҳама самарабахши ташкили манбаи молиявиро дорад.

Маблағи суғуртапулиҳо ҳамчун манбаи даромад дар асоси меъёрҳои муайян кардашуда супорида мешавад.

Бахри дар сатҳи мутадил анҷом додани кори суғуртавии ҳар як кишвар саҳми ташкилотҳои суғуртавӣ назаррас аст.

Маҳз дар ин ҷо раванди ташаккулёбӣ ва истифодаи фонди суғуртавӣ оғоз меёбад, як муносибат ташаккул ёфта, муносибати дигари иқтисодӣ пайдо мешавад, манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ ба ҳам мепайванданд, хуллас дар ташкилоти суғуртавӣ «ҷараёни суғурта» сурат мегирад.

Ташкилоти суғуртавӣ шакли ҷамъиятии таърихан муайяншудаи амалкунии фонди суғуртавӣ буда, сохтори махсусро, ки бо бастани шартномаи суғуртавӣ ва иҷрои он машғул аст, ифода мекунад. Ба ташкилоти суғуртавӣ ягонагии техникию ташкилӣ ва мустақилияти иқтисодӣ хос аст. Мустақилияти иқтисодии ташкилоти суғуртавӣ - ин мустақилияти захираҳо ва гардиши пурраи мустақилонаи онҳо мебошад. Ташкилоти суғуртавӣ дар системаи иқтисодӣ ба сифати субъекти мустақили хоҷагидорӣ амал мекунад ва дар системаи муайяни муносибатҳои истеҳсолӣҷой дорад. Ташкилотҳои суғуртавии аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил муносибатҳои худро бо дигар суғуртакунандаҳо дар асоси азнавсуғуртакунӣ ва ҳамсуғуртакунӣ ба роҳ мемонанд.

Гузариши иқтисоди миллӣ ба бозор нақш, сохтори ташкилӣ ва мавқеи ташкилоти суғуртавиро дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ба таври назаррас муайян мекунад. Ташкилоти суғуртавӣ бояд ба субъекти комилҳуқуқи ҳаёти иқтисодии мамлакат табдил ёбад.

Хадамоти назорати давлатии суғуртавӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии бозори суғурта ва роҳҳои пешгирии таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба бозори суғуртаи Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ кард:

- бо фармони Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон тағйирот ба Қоидаҳои ҷойгирони захираҳои суғуртавӣ дароварда шуд, ки ҳангоми сармоягузории захираҳои суғуртавӣ меъёри он ба пасандозҳои бонкӣ аз 50 то 70 фоиз баланд карда шуд, ки ин таъсири худро ба таъмин намудани маблағҳои қарзӣ ба соҳибкорону тоҷирон мерасонад. Инчунин ҳангоми сармоягузории захираҳои суғуртавӣ меъёр барои харидории амволҳои ғайримақул аз 40 то 20 фоиз паст карда шуд.
- бо мақсади таъсир накардани бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба Ташкилотҳои суғуртавӣ аз тарафи Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон оиди риоя намудани ҳаҷми таносуби дорои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои суғуртавӣ гирифташуда, санҷиш ва таҳлилҳо карда шудааст. Оиди ислоҳ ва риоя намудани ин таносуб аз тарафи Хадамот ба Ташкилоти «Тоҷиксармоягузор», Ширкат суғуртавии «Эсхата-Групп»

ва Ташкилоти суғуртавии «Труд» таъинот равона шудааст, ки дар он таҳия ва тасдиқ намудани барномаи солимгардонии ваъзи молиявии ин ташкилотҳо талаб карда шудааст.

- ➢ аз тарафи Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон, ташкил намудани «Ҷамиятҳои суғуртакунандагон», мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо мақсади ҳимоя ва пурзӯр намудани ваъзи пардохтпазирии суғуртакунандагон нисбати ташкил намудани «Ҷамиятҳои суғуртакунандагон» ба ташкилотҳои суғуртавӣ тавсия дода шуд. Чунки, ташкилоти суғуртавӣ метавонанд дар назди ин Ҷамъият фонди махсуси зидди бӯҳронӣ ташкил намуда, манфиатҳо ва ҳолати пардохтпазирии ташкилотҳои аъзоёни ин Ҷамъиятро ҳимоя ва таъмин намоянд.
- ➢ бо мақсади пурзӯр намудани назорат дар бозори суғурта, ки қисми ҷудонашавандаи бозори молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, байни Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Оҷонси Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба танзиму назорати бозори молиявӣ ва ташкилотҳои молиявӣ ёддошти тафоҳум оид ба масъалаҳои назорати суғурта таҳия ва 20 - уми марти соли 2009 ба имзо расонида шуд.
- ➢ аз тарафи Хадамоти давлатии назорати суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон талаботҳо оид ба такмили сатҳи дониши ҳайати роҳбарикунандаи ташкилотҳои суғуртавӣ пурзӯр карда шуда истодааст.
- ➢ пурзӯр намудани мониторинг дар фаъолияти ташкилотҳои ҳаҷми молиявиашон нисбатан калон дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 оид ба баланд бардоштани назорати фаъолияти суғуртавӣ корҳои муайянро ба анҷом расониданд.

Дар баробари ин, ба Хадамоти давлатии суғуртаи назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксармоягузор» дар соли 2019 супориш дода шудааст, ки дар самти фаъолияти суғуртавӣ корро ҷонок намуда, фаъолияти худро ба талаботи имрӯза мувофиқ намоянд.

Хулоса, марҳилаҳои асосии инкишофи муносибатҳои суғуртавиро дар Тоҷикистон метавон ба се давра ҷудо намуд:

Марҳилаи аввал аз соли 1924 то 1990 – ро дар бар гирифта, аз оғози муносибатҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон ва тобеияти он ба Саридораи суғуртаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ даракмедиҳад. Яъне амалиёти суғуртавӣ аз рӯи принсипҳои ҳудудӣ ва оинҳои миллӣ, инчунин сатҳи зиндагонии шаҳрвандон дар ҳар як давлат бо нақшаҳои гуногун муайян мегардиданд. Агар гӯем, ки ташкилотҳои суғуртавӣҳамчун шӯъбаи тоҷикистонии саридораи давлатӣ фаъолият мекарданд, иштибоҳе намекунем.

Марҳилаи дуюм баъд аз ба даст овардани истиқлолият, солҳои 1991 – 1994. Дар ин давра суғуртаи тоҷик нав ташаккул ёфта, боз ба ҷанги дохилӣ рӯ ба рӯ гардид, ки дар натиҷа ба мисли дигар корхонаю ташкилотҳо буҷети он низ хароб гардид. Бисёр мутахасисони соҳаи суғурта Тоҷикистонро тарк карданд. Беш аз нисфи суғурташудагон, ки бо ташкилотҳои суғурта аз рӯи суғуртаи шахсӣ ва амволӣ шартнома доштанд, ҳуқуқҳои шартномаро поймол карда, аз он даст кашиданд.

Яке аз сабабҳои асосии дар марҳилаи дуюм номӯътадил инкишоф ёфтани суғурта вазъи ноороми кишвар ва аз боварии мардум баромадани ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ буд.

Марҳилаи сеюм аз қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғурта" аз соли 1994 то ба имрӯз аст, ки қисман бозори суғуртавӣ фаъол гардида, ташкилотҳои нави суғуртавӣ, аз ҷӯмла ташкилотҳои саҳомӣ ба миён омаданд. Номгӯҳои нави суғурта дар ҷумҳурӣ ташкил карда шуда, соли 1999 Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" узви комилҳуқуқи Ассотсиатсияи Ширкатҳои давлатии суғуртаи кишварҳои муштаракулманофеъ гардид.

## АДАБИЁТ


1. Ҷабборов А., Алимов К.К. Фаъолияти суғуртавӣ дар бозори молиявии ҷаҳон. Душанбе «Ирфон»- 2016. 316 с.
2. Акобиров Ҳ.Н., Ашӯров Ғ.Д. «Суғурта». Дастури таълимӣ–Душанбе, «Шарқи озод» 2006.156 с.

3. Акобиров Ҳ.Н., Одинаев Д. Н., Молия, китоби дарсӣ Душанбе-2011 сол. 312 с.
4. Алимардонов У. Молия, дастури таълимӣ, Душанбе-2014. 293 с.
5. Алинчев В.В. Страхование валютных рисков, банковских и экономических коммерческих кредитов. –М. ЮКИС, 1993
6. Шаропов Н., Буриева М., Ҳомидов А., Фаъолияти суғурта. Душанбе - 2010. 156 с.

***Ҳикматов С.Ҳ. – н.и.и., дотсент***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

## МУАММОҲОИ ТАКМИЛИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олиро метавон ҳидоятномаи ояндасоз, санади муҳими барномавии сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳанги ва дастури мукаммали сабақомӯз номид, ки дар он тамоми масъалаҳои ҳаёти ҷомеа аз нигоҳи манфиатҳои давлатдории миллӣ таъкид шудааст. Вазифаҳои асосии сиёсати буҷети, ки дар Паёми маскур таъкид шудаанд, ин таъмини суботи буҷети, коҳиш додани сатҳи таваҷҷуҳ ва ғайра мебошад. Қабл аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки дар Паёми навбатӣ моҳиятан раванди рушди миллӣ таҳлил гардида, самтҳои дурнамои пешрафт ва инкишофи бомароми давлатӣ соҳибихтиёри Тоҷикистон ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Дар ин санади муҳим, ки воқеан ҳам барномаи амали ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ мебошад, барои таъмини фаъолияти муътадили низоми буҷети ва дигар сохторҳои молиявӣ, ки дар шароити имрӯза яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодию молиявӣ ба ҳисоб меравад, махсус таъкид карда шудааст. Инчунин, дар асоси таҳлили ҳаматарафаи рушди иҷтимоию иқтисодии соли гузаштаи кишвар, сарвари давлат бо ин мақсад ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои иқтисодии кишвар дастур додаанд, ки барои қатъии фаъолияти сохторҳои молиявию қарзӣ, корхонаву муассисаҳои буҷети тадбирҳои пурзӯрро ба роҳ монда, ҷиҳати нигоҳ доштани эътимоди аҳоли ба ташкилотҳои молиявию қарзии мамлакат, ҳифзи ҳуқуқи манфиатҳои қонунии амонатгузорон, гирандагон ва истифодабарандагони маблағҳои буҷети ва иҷрои ухдадориҳои бонки чораҳои фаврӣ андешанд.

Дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат дар Паёми навбатӣ Вазорату идораҳои молиявии ҷумҳурӣ ва сатҳои низоми буҷетии кишварро барои бартараф кардани мушкилотҳои молиявии соҳаҳою минтақаҳои кишвар, то дар ин роҳ аз тамоми имконияту воситаҳои мавҷуда босамар истифода намуда, мушкилоту норасогии молиявии минтақаҳои кишвар бартар карда шуда, тавозуни даромаду хароҷоти буҷетҳои самтҳои низоми буҷетӣ таъмин карда мешавад.

Дар амалигаштани дастуру супоришҳои дар боло зикр ёфтаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро амалинамоии мутавозуни ҳамаи звенаҳои низоми буҷетӣ, истифодабарии усулҳои буҷети ва танзимнамоии рушди минтақавӣ мебошанд. Давлат барои амалисозии ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, махсусан рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, индустриаликунонии онҳо тамоми чораҳои хешро андешида истодаанд, ба монанди маблағгузории буҷетӣ, ки он сол аз сол зиёд хоҳад гашт [6:78].

Яке аз элементҳои муайяни сиёсати буҷетии мамлакат дар умум ва воҳидҳои маъмуриии минтақавии он, низоми мунисобитҳои байнибуҷетӣ ташкил медиҳад.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ – ин маҷмӯи муносибатҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомотҳои идоракунии давлатии фондҳое, ки ба таъминсозии ҷараёни буҷетӣ равона карда шудаанд мебошад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Муносибаҳои байни буҷети – ин муносибаҳои байни мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокомияти давлати,

мақомоти худ идоракунии шаҳрак ва деҳот мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлати, ки дар раванди буҷетӣ ба амал меояд, муносибатҳои байнибуҷети мебошад.[1:22]

Муносибаҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси худ бо риояи принсипҳои зерин амали мегардад ки онҳо:

– тақсимнамоӣ ва алоқамандсозии хароҷотҳои буҷетҳо аз рӯи сатҳҳои муайяни низоми буҷети давлатии ҷумҳурӣ;

– тафриқаандозии мунтазам ва тақсимнамоӣ аз рӯи меъёрҳои танзимшавандаи даромадҳо байни сатҳҳои гуногуни низоми буҷети даромадҳои танзимшаванда ва байни низомҳои сатҳҳои гуногун;

– баробарсозии сатҳҳои минималии таъминнокии буҷетии минтақаҳо;

– баробарии ҳамаи буҷетҳо дар муносибатҳои тарофайн бо буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қайд кардан зарур аст, ки вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявии минтақаҳои кишвар, вобаста бо шароити табиӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда, гуногун мебошад, ки бисёри минтақаҳои кишвар, ҳатто хароҷоти худро бо даромади худ рӯпуш карда наметавонад. Бинобар он зарурияти трансфертҳои байнибуҷетӣ ба миён меояд.

Муовиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин пешбинӣ менамояд, ки ҳамаи субъектҳои ҷумҳури дар доираи трансфетҳои байнибуҷетӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ воситаҳоро (маблағҳоро) дар муовифқа бо қонунгузории ҷумҳурӣ ба даст меоранд. Дар баробари ин ҳамаи минтақаҳо дар доираи ӯҳдадориҳои ҷумҳуриявӣ ва дар мувофиқа ба салоҳиятҳои буҷетӣ дар қисмати маблағгузории рушди иҷтимоӣ –иқтисодии минтақа ҳуқуқ доранд ба субсидияҳо ва субвенсияҳо аз ҳисоби воситаҳои фондҳое, ки барои маблағгузорӣ оид ба қисмати “трансфертҳои байнибуҷетӣ” равона гардидаанд такя намоянд ба истисноии фонди дастгирии молиявии минтақаҳо.

Дар таҷриба дар сурате, ки воситаҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар доираи “трансфертҳои байнибуҷетӣ” барои пӯшонидани хароҷотҳои буҷетӣ дар сатҳи идоракунии маъмури кофӣ нест, онгоҳ аз ҳисоби воситаҳои фонди дастгирии молиявии минтақаҳо қисмати хароҷотҳои буҷети маҳалли амали карда мешавад.

Бояд гуфт, ки бо баробари маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, инчунин аз буҷетҳои маҳаллӣ низ маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад. Инак, дар соли 2016 ба соҳаи саноат (саноати маъдании кӯҳи ва истеҳроҷ ва коркарди канданиҳои фойданок) – 91596,6 ҳазор сомонӣ; соли 2017 – 97600 ҳазор сомонӣ; соли 2018 – 101126 ҳазор сомонӣ; соли 2019 – 102675 ҳазор сомонӣ, ки он нисбат ба соли 2018 қариб 1,4 баробар зиёд мебошад. Ба соҳаи кишоварзӣ соли 2016 – 83225 ҳазор сомонӣ; соли 2017 – 91596 ҳазор сомонӣ; соли 2018 ва соли 2019, ки он нисбатӣ соли 2018 қариб 1,6 баробар зиёд мебошад [6:79]

Дар ҳақиқат маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ бидуни траснфертҳои байнибуҷетӣ ба минтақаҳои кишвар барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти сол аз сол зиёд гардида истодааст, ки он ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муосидат мекунад.

Муофиқи қонунгузории ҷумҳурӣ трансфертҳо – ин воситаҳои(маблағҳои) буҷетӣ барои маблағгузории пардохтҳои ҷорӣ ва капиталӣ ба аҳолӣ дар намуди нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулиҳо ва ғайра мебошанд, ки онҳо барои беҳтар кардани сатҳи иҷтимоии аҳолии кишвар пешбини гардида, аз буҷети давлатӣ амали карда мешавад, ки ба он мисол шуда метавонад: аз 1.09.2020 зиёд кардани маоши кормандони соҳаи буҷети дар ҳаҷми 15%, нафақа – 15%, идрорпулӣ ва кӯмакпулиҳо ба ҳамин миқдор, инчунин дар соли 2021 зиёд кардани нафақа маюбони гурӯҳи 1 ба 50%, идорпули асперантҳо, доктарантҳо ва ғайра 30%, ки он ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбати аҳолии кишвар, махсусан гурӯҳи аҳолии ниёзмандон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (моддаи 24) қайд карда шудааст, ки трансфертҳои байнибуҷетӣ ҳамчун воситаҳои (маблағҳои) як буҷети низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон

муайян карда мешавад, ки ба дигар сатҳи буҷети низоми буҷетии кишвар интиқол дода мешавад.

Аз омӯзиш ва таҳлили муносибатҳои байнибуҷетӣ ва трансфертҳои байнибуҷетӣ, метавон чунин хулосабарори намуд, ки трансфертҳои байнибуҷетӣ дар доираи муносибатҳои байнибуҷети амали кара мешаванд. Аз ҳамин сабаб "транфертҳои байнибуҷетӣ" ва меъёрҳои дар онҳо мавҷуда муносибатҳои байнибуҷетиро танзим менамоянд. Трансфертҳои байнибуҷети дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, ки муҳимтарини онҳо: кӯмаки молияви (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), субсидия қарзҳои мақсадноки буҷетӣ.

Дотатсия (кӯмаки молияви беподош) яке аз маҳфилҳои трансфертҳои байнибуҷетӣ буда, ки он дар асоси бебозгашт ва бемӯҳлат бемуқарасозии ягон шарту самт ва шароитҳои истифодабарии онҳо пешниҳод карда мешавад, меноманд.

Дотатсия (кумаки моливу беподош) барои баробарнамоии таъминнокии буҷетӣ дар асоси баҳогузории ҳисобии таъминнокии буҷетҳои маҳаллӣ дар мувофиқа аз сатҳи рушд ва сохтори иқтисодиёт ва инчунин аз омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва дигар омилҳо ва шароитҳое, ки арзиши хизматрасониҳои давлатӣ таъсир мерасонанд ба эътибор гирифта аз буҷети ҷумҳурияви ҷудо карда мешаванд. Кӯмаки минималӣ аз буҷетӣ ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ, ки барои таъминсозии баробарнамоии минималии буҷетӣ ҷудо карда мешавад, аз рӯи меъёрҳои хароҷотҳои молиявӣ бо мақсади маблағгузории хароҷотҳо, ки меъёрҳои хароҷоти минималии таъминоти давлатиро таъмин месозанд, ҷудо карда мешаванд. Меъёри хароҷотҳои молиявӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ ва меъёрҳои минималии таъминнокии буҷетӣ аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад ва мувофиқи он аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба сатҳҳои иоёнии низоми буҷетӣ маблағи кӯмаки молиявии беподош ҷудо карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки кӯмаки молиявии беподош инчунин захираҳои ғайримақсаднок ба ҳисоб рафта мақомотҳои маҳаллӣ метавонанд онҳоро аз рӯи дидгоҳи худ дар доираи салоҳиятҳои ба онҳо вогузор кардашуда истифода намоянд.

Бо ақидаи мо кӯмакпулии молиявии беподошд бебозгашт (дотатсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳалли лозим, вале ҳамчун монеъа дар рушди иқтисодиёти маҳалҳо, ҳавасманди ҳукуматҳои маҳалли оиди дарёфт кардани манбаъҳои даромад, ҷойҳои кории нав, пайдо намудани корхонаҳои нав дар минтақаҳо ва ғайра таъсири манфӣ меравонад.

Хӯб мешуд, ки сол аз сол ҳаҷми онро маҳдуд намуда, ҳукуматҳои маҳаллиро маҷбур сохтан зарур аст, ки манбаъҳои нави даромадҳои маҳаллиро пайдо намуда барои баробарнамоии таъминнокии буҷетӣ ҳавасманд гарданд. Аз ҳамин сабаб, дар айни замон трансфертҳои буҷетӣ дар намуди кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) дар ҳаҷми маҳдуд қабул карда мешаванд ва дар оянда ҳаҷми онҳо ба сатҳи минималӣ ё илоҷаш бошад аз байн бардошта мешуд, ба мақсад мувофиқ мебуд. Аз ин рӯ барои пушонидании таъминсозии минималии буҷетҳои маҳаллӣ объектҳои субвенсияшаванда ва субсидияшаванда истисно дониста мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии ҶТ» 28.06.2011 №723, 17.05.2018 №1535 тағийрот ворид шудаанд.
2. Қонунҳои ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ дар солҳои 2020-2021»
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимой-иқтисодии ҶТ» аз 03.08.2018 №1544
4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷмухурии Тоҷиикистон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2021, ш. Душанбе
5. Ҳикматов С.Ҳ. Маҳмадризоён Сӯҳроб Ҳабибулло. Паёми ДМТ: бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2020с №4, саҳ 78-79
6. Ҳикматов С.Х. Ҷаҳоншоҳ Саъдизода «Буҷет ва низоми буҷетӣ» (воситаи таълимӣ), ДМТ 2021

# МУНДАРИҶА

**БАХШИ I. ПРОБЛЕМАҲОИ МУОСИРИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** 3

**Асрорзода У.С., Каримиён М.Б.** Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои дарозмуҳлат........ 3

**Хушвахтзода Қ.Х., Ҳафизов А.З.** Ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ........ 7

**Хоркашов И.С., Музофирова Т.Б.** Танзимкунии давлатии нотавонии молиявии корхонаҳо........ 12

**Ойев Н.А.** Хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ........ 16

**Низомов С.Ф., Каримиён М.Б.** Хусусиятҳои баҳисобгирии воридшавии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир........ 21

**Каримов Б.Ҳ., Миршарипов Э.Қ.** Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт........ 26

**Раҳимов С.Х.** Совершенствование системы внутреннего контроля на предприятиях туристической деятельности........ 29

**Давлатзода М.Х., Каримиён М.Б.** Учет удержания подоходного налога........ 33

**Тоҳирова Р.С., Асоев К.Р.** Ташкили аудити самаранокӣ дар низоми назорати молиявии давлатӣ........ 39

**Абдураҳимов А.А., Алиев А.А.** Баҳодиҳии мавқеи омилҳои таъсиррасон ба сифатнокии иттилооти баҳисобгирӣ........ 42

**Шоймардонов С.Қ., Хонбоев А.З., Фатоҳов Д.Ҳ.** Баҳисобгирӣ ва назорати идоракунии ҳисобикуниҳои андозии корхонаи тиҷоратӣ........ 47

**Нуров Б.А., Каримиён М.Б.** Организация бухгалтерского учета в условиях аутсорсинга........ 51

**Ғуломова З.З., Қараев А.Б.** Унсурҳои ҳисоботи молиявӣ ва тарзҳои баҳодиҳии онҳо тибқи СБҲМ........ 54

**Расулов Т.М., Расулӣ Ф.Т., Маҳмаризоева М.** Ташкили аудити самаранокӣ дар низоми назорати молиявии давлатӣ........ 58

**Рустамов Р.У., Абдукаримзода А.Х.** Натиҷаҳои молиявии фаъолияти ширкатҳои савдо ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ........ 60

**Саидов Р.Н., Буриев С.А.** Асосҳои методологии такмили аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 63

**Баҳронов Ш.Ю., Муҳаммадиев Х.Х., Абдукаримзода А.Х.** Ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ........ 67

**Каримиён М.Б.** Хусусиятҳои эътирофкунӣ ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ........ 69

**Шоймардонов Ҳ.Қ., Фирузи Ш., Хонбоев А.З.** Нақши таҳлили моилявӣ дар аудит... 75

**Курбанова С.М., Ҳикматов Ш.М.** Ҷанбаҳои муҳими таҳлили комплексии корхона.. 78

**Маҳмадова М.Ш., Мирзозода М.И.** Истифодабарии технологияҳои иртиботӣ-иттиллотӣ дар мавриди омӯзиши фанҳои тахассусии муҳосибӣ........ 80

**Одинаев Б.Ҳ., Ҷумъаев Ҷ.О.** Аудит ҳамчун омили самаранокии тиҷорат........ 82

**Оқилов Ф.М., Муҳаммадиев Х.Х., Абдукаримзода А.Х.** Нақшаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар комплекси агросаноатӣ........ 84

**Шоймардонов С.Қ., Фатоҳов Д.Х., Фирузи Ш.** Баҳсиобгирии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ........ 86

**Акрамова Ҳ.А., Қодиров О.А., Амонқулов Ф.А.** Ташкили баҳисобгирии музди меҳнат ва инъикоси натиҷаҳои он дар ҳисоботи молиявӣ........ 90

**Сафаров Х.А., Ғафуров С.Х.** Таҳлили устувории молиявии буҷети маҳаллӣ........ 94

**Каримов Н.С., Оқилов Ф.М., Мирзораҳимзода Ҷ.А.** Ташкили низоми назорати идоракунии марказонӣ ва ғайримарказонӣ........ 98

**Ғуломова З.З., Ғуломалиева С.Г.** Танзимкунии меъёрии аудити дохилӣ дар бахши адвлатӣ........................................................................................................ 102
**Рустамов Р.У., Расулов Х.Н.** Моҳият ва вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ........................................................................................................ 105
**Набиев Б.А., Набиев С.А.** Ташкили баҳисобгирии сармояи худӣ дар бонки тиҷоратӣ 107
**Кенҷаева Р.Ҳ., Толибов Ф., Шарифзода С.Т.** Мақсади асосии гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ............................................................ 110
**Абдураҳимов А.А., Баротов Ҳ.А.** Усулҳои муосири таҳлили бозоргирии ҳолати молиявии корхона........................................................................................................ 112
**Нидоев П.Ф., Убайдуллоева М.А.** Афзалиятҳои асосиии назорати хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................ 115
**Курбанова С.М., Расулов Х.Н.** Таҳлили вазъи молиявии ширкатҳои сайёҳӣ............. 120
**Абдулхайров Ф.М., Обидов Ҷ.А.** Хусусиятҳои аудити дохилӣ дар субъектҳои иқтисодӣ........................................................................................................ 123
**Досиев М.Н., Ҳасанов Т.Л.** Хусусиятҳои аудити ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳо........................................................................................................ 125
**Абдуллоева Ш.Ф.** Баҳисобгирии музди меҳнат ва нақши он дар иқтисодиёт 128
**Оев А.Д.** Методологияи таҳлили ҳисоботҳои молиявии бонкҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ........................................................................................................ 132
**Саидаҳмадов М.Б., Ғуломов А.А.** Таҳқиқи хусусиятҳои аудити фаъолияти иқтисодии берунӣ........................................................................................................ 134
**Сафаров И.Н., Обидов Ҷ.А.** Асосҳои институтсионалии стандартҳои байналмилалии аудит дар бахши давлатӣ........................................................................ 137
**Олимзода Д.З., Мелибоев Ҷ.Ҳ.** Роҳҳои такмили аудит дар низоми назорати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ........................................................................ 140
**Маҳмадова М.Ш., Бадрдинов Б.Н.** Даврахои таҳия ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ........................................................................ 143
**Иззатмуродова О.Ш.** Бунёдгардӣ ва истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти аудити дохилӣ........................................................................................................ 147
**Ҳисайнов А.С., Зоиршоҳи М.** Асосҳои такмили методикаи аудити муассисаҳои соҳаи маориф........................................................................................................ 149
**Баҳронов Ш.Ю., Ҳасанов К.М.** Муайянкунии захираҳои пасткунии арзиши аслии маҳсулот........................................................................................................ 152
**Ҷулиев М.Ҳ.** Методикаи ташкили аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар шароити буҳрони иқтисодӣ........................................................................ 153
**Шаҳнозаи С.** Усулҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва нақши он дар стратегияи рушди корхонаҳо........................................................................ 157
**Абдураҳмонов С.Ф., Бадрдинов Б.Н.** Баҳисобгирӣ ва пардохти рухсатии меҳнатӣ.... 161
**Муродов М.А., Ҷулиев М.Ҳ.** Ҳолатҳои сохтакорӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ........................................................................................................ 166
**Олимзода Д.З., Ҳасанов К.М.** Таҳлили хароҷоти комплексии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот........................................................................................................ 169
**Нидоев П.Ф., Шарапова Д.Д., Мелибоев Ҷ.Ҳ.** Хусусиятҳои назорати даромадҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ.................................... 171
**Абдураҳимов А.А.** Асосҳои назариявии баҳисобгирии хароҷот ва муайянкунии арзиши аслии маҳсулот........................................................................ 179
**Қурбонова Г.М., Ятимова Ш.С.** Истифодаи вожаҳои ҳисобдорӣ-иқтисодӣ дар таълими забони англисӣ........................................................................ 181
**БАХШИ II. НАҚШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ** 184
**Нидоев П.Ф., Авдиев А.А.** Заминаҳои таърихӣ ва муосири танзими муносибатҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................ 184

**Одиназода К.С., Раҳматова А.** Механизми пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 189
**Шоймардонов Х.К., Таваралиев Ф.И.** Экономические механизмы, финансово-кредитная и налоговая политика в системе регулирования рынка мясомолочной продукции........ 192
**Каримов Б.Ҳ., Расулов Х.Н.** Сайёҳӣ чун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 198
**Каримов Г.У., Ҳакимов Ҷ.С.** Хусусиятҳои соҳаи сохтмон ҳамчун як бахши иқтисод 202
**Тешаев М.** Роҳҳои афзун намудани баландбардории самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обӣ дар минтақаи Кӯлоб........ 204
**Нидоев П.Ф., Раҳмонов О.Ҷ.** Танзими хароҷоти давлатӣ ҳамчун шохаи муҳими назорати давлатӣ........ 208
**Гадоев А.Ф.** Концептуальные аспекты разработки и реализации управленческих решений........ 214
**Алишоев Х.Ҳ., Зиёев Ш.С., Раҳмонов Ҷ.А.** Имтиёзҳои андозӣ ва рушди иқтисодиёт дар Паёми Пешвои миллат........ 218
**Саидова М.С., Маҳмудова М.Х.** Нақши соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шароитҳои мусоидаткунандаи он........ 220
**Сафарова М.И.** Нақши буҷети давлатӣ дар идоракунии молияи давлатӣ 222
**Баҳромов Ф.Б.** Масъалаҳои математикаи молиявӣ ва хусусиятҳои он дар шароити муосир........ 227
**Ризоев К.** Бехатарии иқтисодӣ........ 231
**Ҳайбатов Н.В.** Мутахассисони рақобатпазир тарбия намоем........ 234
**Нидоев П.Ф., Рабиев Р.И.** Моҳият, зарурият ва хусусиятҳои ташкили буҷетҳои маҳаллӣ ва таркиби онҳо........ 236
**Гафуров С.Х.** Теоретические основы механизма государственного регулирования индустриально-инновационным развитием промышленных предприятий........ 241
**Давлатова Қ.О.** Мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии занон дар кишвар........ 244
**Олимов Д.А.** Таъсири низоми танзими давлатии рушди зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ........ 247
**Алишоев Х.Ҳ., Давлатов Ш.Қ., Раҳмонов Ҷ.А.** Нақши ширкатҳои сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат........ 250
**Нидоев П.Ф., Имомназаров С.Ф.** Танзими арзиши аслии маҳсулот ҳамчун нишондодаи муҳими иқтисодӣ........ 254
**Саидов П.** Усулҳо ва индикаторҳои муайянкунии самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои КАС........ 258
**Қодиров А.В.** Баъзе таҳлили ҳисоби амалиёти воситаҳои молиявӣ дар тавозуни пардохт........ 261
**Ҳакимов К.С., Расулӣ Ф.Т., Қараев А.Б.** Мафҳум, таснифот ва вазифаҳои экспертизаи муҳосибӣ........ 263
**Расулов Т.М., Расулӣ Ф.Т., Маҳмаризоева М.** Тартиби экспертизаи муҳосибӣ-судиро таъин кардани муфатиш........ 266
**Нидоев П.Ф., Хушбахти Ҷ.** Масъалаҳои назариявии ташаккулёбии иқтисодии минтақаҳо........ 269
**Ахмедова М.Ф.** Роль и место людей с ограниченными возможностями в современном мире........ 275
**Пиров Қ., Эмомов И.Б.** Аҳамияти такмили таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат........ 278
**Махмадуллоев А.Н.** Продуктивное использование информационных и коммуникативных технологий на уроках иностранных языков........ 280
**Сафаров Н.У.** Муҳоҷирати меҳнатӣ: омилҳо ва сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 282

**Маликов М.Н.** Роҳҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 286
**Тутизода М.** Рушди соҳаи энергетика дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 289
**Холиқзода А.** Механизми пардохти кӯмакупулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 292
**Нуриддинова М.С.** Тадбирҳо оид ба тадбиқи сиёсати инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 296
**Ҷаҳоншоҳ С., Ҳикматов У.С.** Асосҳои назариявию амалии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи маориф........ 299
**Баёнова М.Г.** Обоснование механизмов государственно-частного партнерства в системе экономического развития государственной собственности........ 301
**Ҳакимов И.Б.** Низоми молиявию қарзӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт........ 307
**Зубайдуллоев Э., Қараев Ф.** Роҳҳои самаранок истифодабарии системаҳои бмсёрдараҷагии ахборот дар корхонаҳои тиҷоратӣ........ 310
**Қараев Ф., Зубайдуллоев Э.** Марҳилаҳои рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 313
**Ҳикматов С.Ҳ.** Муаммоҳои такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 317

# МАВОДИ

**КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ВАЗЪИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**
**(27 марти соли 2021)**

# МАТЕРИАЛЫ

**РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА, АНАЛИЗА И АУДИТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН»**
**(27 марта 2021 года)**

Ба чопаш 19.03.2021 имзо шуд
Гарнитураи Times New Roman
Нашриѐти "Соҳибкор"